Қиссаҳои детективӣ - қисми 1

Китоби электронии мазкур шомили 11 қиссаи детективии Хуршеди Атовулло аст. Қиссаҳо аз блоги муаллиф khurshedatovullo.wordpress.com гирдоварӣ шудаанд.

Мундарича

МАРГИ ЖУРНАЛИСТ.....3
БОБИ АВВАЛ: НОМАИ БЕГУНОҲӢ.....3
БОБИ ДУВВУМ: ДАР СОЯИ СУРАТҲО.....21
БОБИ САВВУМ: ХУНРО БО ХУН МЕШӮЯНД.....38
ИНТИҚОМИ АРВОҲ.....92
ДОҒИ ЯК БӮСА.....124
ВАҚТЕ ОРЗУҲО МЕМИРАНД.....176
КИШМИШ.....201
ХОЛИ СИЁҲ.....243
ТИЛЛО ҚУРБОНӢ МЕХОҲАД.....274
ҒАМ КУШТА НАМЕТАВОНАД.....306
МУРДАРО БА ХОК НАСУПОРЕД.....344
ДУ ГУЛИ СУРХ.....404
ШОМИ АРӮСӢ.....462

kitobkhon.net

МАРГИ ЖУРНАЛИСТ

Ман метавонам аз 10 журналист 10 вазир созам, вале аз 10 вазир 1 журналист сохтан номумкин аст. (Отто Бисмарк)

– Ба ёди онҳое, ки дар орзуи ҳақиқат мурдаанд.

– Ба ёди онҳое, ки то нафаси вопасин ба қудрати Сухан ва Қалам бовар доштанд.

– Ба ёди онҳое, ки Ишқ дар дил, ба доғи бӯсаи аввал дар роҳи ҷустуҷӯи адолат ҷон доданд.

– Барои онҳое, ки умре дар утоқҳои иҷора бо захми дил, миёни анбӯҳи дуди сигор, пешорӯи Варақи Сафед ҳаргиз дурӯғ нагуфтаанд.

– Ба ёди хоҳарону бародарони ҳамсоли ғӯрамаргам, рӯзноманигорони навроҳи тоҷик Абдуқаҳҳори Нозим, Муҳаммадмуслеҳи Муллозокир, Парвизи Латиф, Шӯҳрати Аҳмад, Шавкатулло Холзода, Наргиси Султон, Хуршеди Неъмат, Ҷӯраҷони Қаландар ва даҳҳои дигар...

БОБИ АВВАЛ: НОМАИ БЕГУНОҲӢ

Агар ман ин қиссаи зиндагиамро ба касе аз дили софу беолоиш ҳам бигӯям, онро ҳазён мепиндоранд. Оҳ, чӣ сон айб мондан кори осону ҳеҷ шудааст!

Бигӯед, оё Шумо метавонед маро аз ман беҳтар бидонед, эҳсос кунед? Пас бо кадом андеша, аз рӯи кадомин фаросат эҳсосоти маро нисбати маҳз худи ман инкор мекунед?

Бигӯед, Шумо кистед? Худо?

(Муҳаммадзамони Солеҳ)

Ҳавои гарми тобистони соли 1993.

Се рӯз боз аз дари нимкушодаи хонаи 42, воқеъ дар яке аз хиёбонҳои шаҳри Гагарин, бӯи баде ба машом расида, ҳамсояҳоро ба танг оварда буд. Вале касе ҷуръат надошт, то ба милиса занг занаду ба сари худ ташвиши зиёдатӣ харад. Зеро дар ин солҳои пурошӯб осонтарин роҳи кашфи ҷиноят, ба сари аввалин каси ростомада бор кардани он, мӯд шуда буд Ниҳоят гузори кадом милисае ба роҳравҳои танги ин макон ба суроғи кадом ошнояш афтиду баъди эҳсоси воқеа рӯзи дигар бо чанд ҳампешааш ба утоқ ворид шуд.

Рӯи хона ҷисми нимурёни духтари ҷавоне мехобид. Мурда варамида буд ва аз чоки гиребонаш синаҳои зебою сафедаш ба чашм мезаданд. Пойҳои сафеду бараҳнааш, гӯиё дар ҳолати оҷизӣ бошад, ба ҳам ҷафс кашида шуда буданд. Дуртар аз ҷисми беҷон сӯзандоруву бастаи ҳероин меистод. Бо вуҷуди дилрабоӣ мурда вайрон шудаву бӯи баде аз он бармехест.

***

Як моҳ гузашт аз ҳодисаи боло.

Дар идораи рӯзномаи «Гулбонг» ба ғайр аз сардабир — Шавкат Расулӣ касе намонда буд. Ӯ ба рӯзномаи дар наздаш буда бори охир чашм давонид ва абрӯҳои сафедашро, ки аз паси айнакҳои калон-калон наменамуданд, дарҳам кашида, бархост.

— Вазъият хуб нест, барвақттар рафтан лозим,-сардабир ин ҳарфҳоро бо овози баланд гуфт, аммо баъди гуфтан ҳаросон ба

атроф нигарист. Тарси ӯ сабаб дошт, замона чунин буд, ки ҳар сухани бемаврид метавонист риштаи ҷонро канад ва ҳам садои пойе ба дар наздик мешуд. Шавкат Расулӣ осемасар худро ба курсӣ партофта, гӯшии тилфонро гирифту ба рақамчинӣ оғоз кард, то эҳсоси тарсро аз қалбаш ронад. Вале дар даромадгоҳ мӯйсафеди дарбонро дида, оҳи сабук кашид. Мӯйсафед гунаҳкорона табассум карда, лифофаи дасташро нишон дод:

— Гӯр пирӣ шавад... Ин мактубро дина хаткашон ба ман насупорида, партофта рафтааст. Аввал гумон кардам, ки номаи кӯҳна аст, вале мебинам, нокушода. Охир, ҳозир мактуб намеояд...

— Ҳеҷ гап не амак,-мӯйсафедро аз хиҷолат бароварда Шавкат Расулӣ ва номаро гирифта ба суроғааш нигарист:

Шаҳри Гагарин, кӯчаи Устинов — 13, хонаи 42, Хадича.

Номаро бепарвоёна кушода, чашм давонид:

“Салом, редаксияи азиз!

Ростӣ, ҳоло рӯзномаи шуморо намехонам, ҳатто баъди оғоз шудани ҷанг аз чоп шудан ё нашудани он хабар надорам. Аммо ёд дорам, ҳамагӣ як сол пеш рӯзноманигорон барои як номаи шикоятӣ ё дилбардории хонандагонашон аз як гӯша ба гӯшаи дигари кишвар мерафтанд.

Чун дигар ҷойи дарди дил кардан надорам, ба шумо муроҷиат мекунам...

Гардиши замона маро беобрӯю бешараф кард. Дар дунё кори пасте намонд, ки накарда бошам. Аниқтар гӯям, ман як фоҳишаам. Вале бовар кунед, маро фишору таҳдиди баъзе одамон ба ин роҳ бурд. Ҳоло онҳо мехоҳанд маро нобуд созанд, зеро ман ниҳоят ба хулосае омадам, ки одамвор бояд зиндагӣ кунам. Намехоҳам маро хариду фурӯш намоянд, аз мусибати ман пул кор кунанд.

Он одамоне, ки дар шаҳри мо бологузаранд, сабабгори мусибати ман ҳастанд. Чаро ба онҳо чун ба инсонҳои беҳтарин менигаранду ҳар марди кӯча ба ман чун ба як пасттарин махлуқ нигоҳ мекунад?...

Гуфтанӣ зиёд дорам, аммо беҳтар аст, ки рӯзноманигоре биёяду ман ҳамаи қиссаи зиндагиамро ҳикоя кунам. Чун ҳоло бо пойтахт мо алоқа надорем, ин номаро ба дасти як шахс медиҳам, то ба пойтахт расонад. Ӯ ба шаҳр дертар меравад, лекин ваъда дод, ки номаро ҳатман мебарад.

Ман тайёрам ҳаққи рӯзноманигорро диҳам, фақат ӯ бояд ҳақиқатро нависад, чеҳраи манфури “бологузарҳо”- ро нишон диҳад...”

Шавкат Расулӣ ҷумлаи охиринро ду-се бор хонд ва баъди фурсате андеша кардан номаро лоқайдона сӯе партофта, бархест, то хонааш равад.

***

Ҷамшед дар рӯзнома навкор буд.

Шавқу рағбати зиёдашро ба рӯзноманигорӣ дида, падараш ризо шуд, ки новобаста аз нооромӣ дар пойтахт, ӯро барои таҳсил фиристонад. Аъло мехонд, барои чоп кардани як навиштааш даҳҳо бор ба идораи рӯзномаҳо меомад.

Чун бо оғози нооромиҳо бисёр кормандони рӯзнома тарки вазифа намуда буданд, Шавкат Расулӣ кӯшишу ҷадали Ҷамшедро ба назар гирифта, ӯро ба кор қабул кард.

Дар давоми як сол Ҷамшед тавонист миёни ҳамкорон, ки аслан мӯйсафедону занон буданд, обрӯ пайдо намояд. Зеро мӯйсафедони корзада аслан барои шоҳмотбозӣ меомаданд, занон барои рӯзкӯркунӣ. Ноором шудани вазъият боиси он шуд, ки дар макотиби олӣ таҳсил ба муддати номуайян қатъ гардад ва ин тасмими ҳукумат ба манфиати рӯзноманигори ҷавон буд, зеро метавонист

фурсати холиро барои бештар омӯхтани нозукиҳои пешаи интихобкардааш сарф намояд.

Рӯзнома ҳам дар як моҳ як ё ду бор нашр мешуду бас. Коғаз, ки ёфт шуд, пластина набуд, пластина ёбанд, коғаз камёфт мегардид. Вале моҳонаи кормандонашро Шавкат Расулӣ, кам бошад ҳам, ба сад дар сар халонида, пайдо мекард. Аз ин рӯ ҳама аз ӯ розӣ буданд.

...Ин субҳ Ҷамшед барвақттар омад. Медонист, ки сардабир, чун одат, сари субҳ меояд. Ба утоқи ӯ даромада, изҳори матлаб намуд:

— Кайҳо боз хона нарафтаам. Чӣ мешавад, ки ягон ҳафта ҷавоб диҳед.

Шавкат Расулӣ табассуме кард:

— Аз Гагарин чӣ мебиёрӣ?

Чун дид, ки Ҷамшед намедонад чӣ гӯяд, мақсадашро равшантар намуд:

— Зардолу, қурут, мавиз...

Як лаҳза пешорӯи Ҷамшед дарахтони қатори зардолуи боғи падар пайдо шуданд.

— Зардолу,-табассумкунон чун одат саршро дар ин ҳолат ба як сӯй хам кард ҷавон

— Ҷавоб, як ҳафта не, як моҳ. Моҳи оянда коғаз нест, мумкин, ҳамагӣ як шумора чоп кунем. Худамон як бало мекунем.

Ҷамшед хурсандона бархост. Шавкат Расулӣ ҳам аз ҷой баланд шуда, дасти рӯзноманигорро фишурду ба ӯ роҳи сафед хост. Баъд номаи болои мизро ба сӯйи Ҷамшед дароз кард:

— Воқеан аз Гагарин як нома ҳаст. Хону агар тавонӣ, як сари қадам муаллифашро бин. Ҳатман бо ягон милиса рав. Ба ҷумлаҳои охир диққат деҳ, мумкин, шахсоне, ки духтар аз онҳо шикоят кардааст, аз мансаб рафта бошанд. Дар ин ҳол метавонӣ пули

роҳкироятро барорӣ. Ҳозир мансабҳоро тез-тез иваз менамоянд. Лекин агар онҳо дар мансаб бошанд, беҳуда пурсуҷӯй накун. Бе ин ҳам ҷанҷоламон зиёд аст — таъкид кард сардабир.

Ҷамшед то омадани дигар ҳамкорон номаро хонд. Ба куртааш намеғунҷид, охир, метавонад аз қисмати ин зани ношинос, ки Хадича ном доштааст, чизи ҷолибе нависад.

***

Амаки Ҷамшед, — Неъматулло дар идораи милисаи вилоят навкор набуд. Баъди шунидани нақли ҷиянаш ва хондани мактуб даррав эҳсос намуд, ки ин нома ба пайраҳаи пурхатаре мебарад. Мазмуни номаро ӯ бештар аз Шавкат Расуливу Ҷамшед метавонист шарҳ диҳад.

Духтар фоҳиша шудааст ва ӯро чун фоҳиша шахсони муайяне барои манфиат хариду фурӯш менамоянд, шояд дар савдои ҳероин ҳам истифода мебаранд. Ӯ дигар илоҷе наёфта, ба редаксия муроҷиат кардааст. Пас, маълум мешавад, ки касе аз роҳбарони милиса дар ин кор даст дорад ва духтар инро хуб медонад. Агар не, ба милиса шикоят мебурд.

Неъматулло баъди пеши худ таҳлил кардани ин ҳодиса хост Ҷамшедро насиҳат кунад:

— Ба хотири кадом фоҳишае шарт аст, бо чанд кас душман гардӣ? Мумкин аст, ӯ дурӯғ гӯяд.

Ҷамшед чашмдор набуд, ки Неъматулло кӯшиш менамояд, то ӯро аз роҳ боздорад. Хуб огоҳ буд, ки амакаш шахси шӯҳратпарасте аст ва ҳар мақолаи чопшудаи ҷиянашро ёфта, ба ҳар каси ростомада мехонаду бо ифтихор мегӯяд:

— Ин ҷияни ман, писари бародарам.

Вале дар ҳоле, ки ин “ҷияни машҳур” рӯи ниёз ба ӯ оварда, чаро гарданшахӣ мекунад? Ба ин хотир хост раги шӯҳратхоҳии амакашро ҷунбонад.

— Ман бе шумо ҳам метавонам назди он духтар равам. Лек ман мехостам аз ин фурсати мувофиқ истифода бурда, номи шуморо чун милисаи ҳақиқӣ, кордон, ҷасур дар мақолаам зикр созам. Ва ҳам...Ҷамшед лаҳзае таҳаммул кард:

— Хадича пул ваъда кардааст. Шояд пули калон бошад...

Чашмони Неъматулло бо шунидани калимаи “пул” барқ заданд. Ҷое, ки бӯи пул меояд, аз хатар андешидан хоси милиса нест. Вале ӯ шарти худро гузошт.

— Аввал ба прокуратураи ин ноҳияи шаҳр мурочиат мекунем. Агар маълумоте дар бораи муаллифи мактуб бошад, кори мо осон мешавад.

Ҷамшед розӣ нашуд.

— Шаҳри мо он қадар ҳам калон нест. Мумкин, муфаттиш аз пурсиши мо ба душманони Хадича хабар диҳад, он гоҳ кор расво мешавад.

Неъматулло ноилоҷ монду бархост:

— Рафтем!

***

Неъматулло шаҳрро хуб медонист, аз ин рӯ хонаи Хадичаро ба осонӣ ёфтанд.

Дар назди даромадгоҳи бинои панҷошёна Ҷамшед бо чӣ хаёле ба амакаш нигарист:

— Шумо ҳамин ҷой маро интизор шавед. Мумкин, Хадича маро бо милиса дида, дарро накушояд.

Хонаи рақами 42 дари оҳании сиёҳ дошт. Ҷамшед як, ду, се бор занг зад. Хомӯшӣ.

Занги дари ҳамсояро пахш кард. Баъди лаҳзае зани пиру барҷомондаи русе дарро нимроғ кушода, саволомез ба Ҷамшед нигарист. Ҷавон аз ин нигоҳ як каме дасту пой хӯрд.

— Мебахшед... Ба ман Хадича лозим, аз хонаи 42.

Зан аз сар то пои Ҷамшедро аз назар гузаронида, бо забони шикастаи тоҷикӣ пурсид:

— Шумо кӣ?

— Ман журналист Ҷамшеди Ҳабиб аз рӯзномаи “Гулбонг”-и пойтахт. Ба он хотир, ки пиразан дарро напӯшад, ҳуҷҷаташро саросема дароз кард:

— Ана, бинед!

Пиразан бодиққат ҳуҷҷатро хонда, пас гардонид:

— Хадича барои чӣ лозим?

— Ӯ ба мо нома навишта буд, — Ҷамшед номаро ба пиразан дод. Ин бор ҳам пиразан номаро бодиққат то охир хонду баргардонида гуфт:

— Дароед!

Ҷамшед дохили хона шуд. Пиразан ӯро рост ба ошхона бурду курсиеро барои ҷавон аз таҳи мизи васеъ пас кашида, худ ба курсии дигар нишаст. Баъди фурсате андеша кардану пурсуҷӯи дубораи киву чӣ будани Ҷамшед ба нақл оғоз кард:

«Хадича барои ман мисли духтарам буд.

Баъди марги шавҳари майзадаам ва кӯчбандии яккаписарам ба Русия ман дигар дар ин шаҳр касе надоштам. Рӯзҳои бемориам саробонӣ мекард, хӯрок мепухт, либосҳоямро мешуст, нон меовард.

Аммо зиндагии Хадича пурфоҷиа буд.

Аз деҳаи дурдасте хонданӣ омад, мехост журналист шавад. Дар давоми таҳсил ба кадом ҷавоне аз минтақаи дигар, ки аллакай ҳамчун журналист шӯҳрат ёфта буд, дил бохт.

Пеш аз тӯй ҳомиладор шуд. Падару модараш аз ӯ рӯй тофтанд. Ҷанг сар шуду волидайни ҷавон гуреза шуда, ба Афғонистон рафтанд. Ҷавон як хоҳарашро оварда, бо Хадича дар хонаи иҷора гузошту ба Русия пулкоркунӣ рафт. Хадича духтари зебое буд ва бисёриҳо барвақт ба ӯ чашм ало карда мегаштанд. Баъди рафтани шавҳараш ба Русия ва таваллуди писар зиндагии духтархонди ман душвор шуд. Қаҳтию гуруснагӣ дар қатори ҳазорон нафар ӯро ҳам ба чанги худ кашид. Соҳиби хона ҳар рӯз омада бо Хадича ҷанҷол мекард, ки хонаро холӣ кунад. Зеро ду моҳи охир иҷорапулӣ надода буд.

Кадоме аз муаллимони факултае, ки таҳсил карда буд, ба духтархонди ман кори серпуле ваъда кард. Хадича аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид.

— Ба писаракам беҳтарин чизҳои дунёро мехарам, — бо як ҷаҳон умед мегуфт вай.

Вале зани бечора намедонист, ки мусибатҳояш маҳз аз ин “кор”-и ёфтааш оғоз мегардад.

***

...Он муаллим Хадичаро бо найранг ба бистар кашид ва он лаҳзаи хуфтухобро ҳаммаслиҳатонаш дар навори видео сабт мекунанд. Зани бадбахтро таҳдид менамоянд, ки агар аз хати кашидаи онҳо барояд, наворро ба шавҳараш мефиристанд. Аз рафтани шавҳараш қариб як сол гузашта бошад ҳам, пайғоме аз ӯ набуд. Аз ин хотир Хадича бозичаи ҳавасҳои онҳо шуда монд. Вайро ҳафтаҳо ба куҷое мебурданду наметавонист ба фарзандаш нигоҳ кунад. Ба гуфти

худаш, писарашро маҷбур шуда, ба кадом шахси дорои бефарзанде дод, то фардо “модарат фоҳиша” гӯён таъна назананд.

Дар ин байн хоҳари шавҳараш ҳам ба роҳи бад рафт, аммо бо хоҳиши худаш. Номусашро бо ихтиёри худ фурӯхта, моҳҳои дароз намеомад. Оҳиста-оҳиста ба нашъамандӣ ҳам омӯхта шуд. Ба хонаи иҷора телефон гузаронид ва соатҳо тавассути телефон бо ҳар шиносу ношинос мелаққид. Телефон барои вай воситаи “клиент”-ёбӣ буд, зеро духтари бадшакле буду бо ишваю ноз дар кӯчаҳо ёфтани ҳамхобаи серпул кам муяссараш мегардид.

Рӯзе бародараш рақами телефонро ёфта, аз Русия занг мезанад. Гӯшакро хоҳараш мебардорад ва Хадичаро сиёҳ мекунад. Бародараш бори дуввум занг зада, ин бор бо Хадича гуфтугӯ мекунад ва ӯро таҳдиди куштан менамояд.

Зиндагӣ барои Хадича дигар маъние надошт. Ӯро вақтҳои охир барои ба Русия бурдани ҳероин истифода мебурданд, аммо бар ивази ин кори хавфнок барояш пули кам медоданд. Оқибат Хадича ба рӯзномаи шумо нома навишт ва то лаҳзаи вопасин ба тантанаи ҳақиқат бовар дошт. Ӯ то лаҳзаи охирини умраш чашм ба роҳи рӯзноманигорон буд...

Ашк дар дидаи пиразан ҳалқа зад. Ҷамшедро аз ин қисса мӯй дар баданаш рост мехест. Мехост бишканад, пора-пора кунад пираҳани зиндагии шаҳрро. Замонаро мехост дигар кунад, вале ба ҷуз қаламаки даҳдирама дигар яроқе надошт.

Пиразан ашки дидагонашро пок карда, давом дод:

— Вақте шумо дер омадед, Хадича пули охирин ҳероини фурӯхтаашро ба хоҷагонаш надод. Ба ман як нома, он пулҳоро дода, хоҳиш кард, то ба шумо расонам. Овоз дар гулӯи пиразан печид...

— Ӯро куштанд. Намедонам, шавҳараш буд, ё хоҷагон вайро набахшиданд. Як рӯз пеш аз маргаш номаву пулҳоро ба ман дода,

хоҳиш кард, то агар касе аз рӯзнома ояд, расонам. Бо умеди он ки ҳақиқатро рӯи об бароранд.

Номаву пулҳоро дар паҳлӯи диван, ки дар он пули корамро аз шавҳари майзадаам руст мекардам, пинҳон намудам. Бовар доштам, ки намеёбанд. Ва хато накардам. Пас аз марги Хадича бо баҳонаи тафтиш се бор хонаамро тагурӯ карда, наёфтанд. Дигар ҳама нишонаҳои ӯро бурданд, фақат як дона суратро аз муфаттиш хоҳиш карда гирифтам. Тарзе бовар доштам, марги Хадичаро худкушӣ номиданд. Гӯё ҳероинро аз ҳад зиёд истеъмол карда бошад. Вале, ман хуб медонистам, ки вай ҳероин истеъмол намекард.

Пиразан бархоста, ба хонаи хоб даромад. Баъди лаҳзае бо сурат, нома ва як бандча доллари америкоӣ баргашт. Ҷамшед аввал суратро бардошт. Аз он духтараки нозанини сафедрӯи абрӯсиёҳе ба ӯ менигарист. Дар умқи чашмони шаҳлои духтар ҳузне нуҳуфта буду дар поёни лабаш холи калони модарзодие ба ҳуснаш ҳусн меафзуд. Чеҳраи духтар аз рӯи нақли пиразан, он қадар барои Ҷамшед ошно шуда буд, ки гумон менамуд, ин шахс барояш чанд сол боз шинос аст.

Сараш ба дараҷае аз ин ҳама ҳодисаҳои ногаҳонӣ дард мекард, ки номаро накушода, ба ҷайбаш гузошт. Дастаи пулро сӯи пиразан тела кард:

— Акнун ин даркор нест. Хадича рафт.

Якбора авзои пиразан тағйир хӯрд, лек худро ба даст гирифт:

— Не, писарам. Ҳақиқат бояд ғалаба кунад ва дар ин роҳ ҳатман пул лозим аст. Ман ду рӯз боз нони хӯрдан надорам, аммо ба ин пулҳо даст нарасонидам. Ман аз ту хоҳиш дорам, илтимос... ба хотири рӯҳи бегуноҳи Хадича бояд ҳақиқат тантана намояд.

Ҷамшед лаҳзае ба фикр фурӯ рафт. Сипас оҳиста бархосту бо овози орому қатъӣ гуфт:

— Ман ба шумо ваъда медиҳам, ки ҳақиқати марги Хадичаро меёбам. Аммо, агар суд баргузор гардад, шумо суханҳои худро такрор мекунед?

Пиразан лабханд зад:

— Барои ман ин дунё ва он дунё яке аст писарам. Метавонӣ бовар созӣ.

Ҷамшед ба нею нестони пиразан нигоҳ накарда, аз бандчаи пул як саддолларароз наздаш гузошту нома, сурату бандчаи пулро ба папкаи кӯҳнаи дасташ андохта, аз дар баромад.

***

Неъматуллоро ҳолати зоҳирии ҷиянаш ба ташвиш андохт. Дар муддати як соате, ки ӯро интизорӣ мекашид, андешаҳои ваҳмангез аз хаёли милисаи таҷрибадор гузашт. Аммо муҳим он буд, ки ин лаҳза Ҷамшед пешорӯяш зиндаву солим меистод. Ба ғайр аз эҳсоси наздикии хешовандӣ, ҳисси ифтихор аз ҷияни қаламкаш, Неъматулло дар гӯшаи қалб орзуи дигаре мепарварид. Ӯ аз ин орзу ба касе лаб накушода буд, вале ин армони дилаш худ ба худ наздик мешуд. Амаки меҳрубон ба ғайр аз Фаришта дигар фарзанде надошт ва мехост ҷигарбанди ягонаашро бо ҳама боигарие, ки бо погонҳои капитанӣ ҷамъ овардааст, дар паҳлӯи Ҷамшед бубинад. Дина бегоҳ Фаришта дар ҳузури падар ба Ҷамшед — писарамаки журналисташ изҳор дошт, ки мехоҳад мисли вай журналист шавад. Аз шунидани ин орзуи духтар чашмони ҷавон барқ пошиданд ва ваъда дод, ки ҳатман ба духтарамакаш барои дохилшавӣ ба риштаи рӯзноманигорӣ кӯмак мерасонад. Ҳамчунин падари Ҷамшед рӯирост ба фарзандаш дар назди Неъматулло ишора кард, ки вақти хонадоршавиаш расидаасту падар мехоҳад ба ягон дари бегона барои хостгорӣ сар нахалонад.

Ҷамшед сурх шуд, вале ба ҳар ҳол посух дод:

— Ақаллан як соли дигар сабр кунед!

Ана ҳамин амаликунандаи ягона орзуи капитани милиса пешопеши ӯ мисли хаёлгумкарда пешпо хӯрда қадам мебардошту ҳатто эҳтироми амакро фаромӯш карда, паёпай сигор мекашид. Аммо амак чизе напурсид, зеро гумон мекард, ки ҷияни машҳураш хато намекунад ва пешакӣ худро дар қиссаи детективӣ тасаввур намуда, лаззат мебурд.

Дар назди прокуратураи ноҳия Ҷамшед ногаҳон худро ба хараки роҳ партофт ва папкаи кӯҳнаашро кушода, номаи Хадичаро берун кашида, кушод. Нома дурудароз, вале саросар аз ашки дида тар гашта, баъзе ҳарфҳо базӯр хонда мешуд:

« Эй, оне ки номаи маро мехонӣ!

Ман то лаҳзаи охирин чашм ба роҳи ту будам. Ва ҳангоми интизорӣ ҳақиқати талхеро дарк кардам: Ман рӯзноманигорро берун аз муҳити айём тасаввур менамудам.

Вале дар лаҳзаҳои вопасини умр ҳис кардам, ки хаёлоти романтикӣ маро фирефтаанд. Дар зиндагии имрӯз қаҳрамонҳои китобӣ нестанд ва махсусан дар ин шаҳри балозада пайдо нахоҳанд шуд. Лек бо вуҷуди ин... ким- чӣ хел эҳсоси боварӣ ба нафрати ман ғолиб меояд...

... Пиразан қариб ҳама зиндагии маро медонад. Вале ман дигар намехоҳам, ки касе қиссаи рӯзгори маро донад, гарчи ташнаи ҳақиқат мурдам. Охирин умеде, ки доштам, рӯзнома буд, вале Шумо ҳам наомадед.

Ман намехоҳам қиссаи зиндагиамро тавассути Шумо ба мардум рӯшан кунам. Танҳо ҳаминро мегӯям, ки декани факулта ҳаёти маро сӯзонд, на омӯзгори дигар! (Пиразан медонад, ки кадом муаллиме сабабгори мусибати ман аст. Нашавад, ки Шумо барои ҳақиқаткобӣ устодони дигари факултаро азоб диҳед).

Шавҳарам ҳамкасби Шумо аст. Номашро намегӯям, бигзор ӯ то охири умр нисбати ман чун дар бораи як фоҳиша фикр кунад.

Тавассути тилфон таҳдид кард, ки барои хиёнат маро мекушад. Рӯзҳои наздик меояд, лек ман ба ӯ сахт нафрат дорам!

Шавҳарам намедонист, ки ҳар шаб соҳиби хона маро меронд то пул ёбам. Ишқи аблаҳона ба ин шавҳари хиёнаткор дари тамоми дунёро ба рӯи ман баста буд. Ман на ба волидайн рӯи ниёз оварда метавонистам, на ба ягон шинос. Моҳонаи ночизе, ки дар симои шаҳр мегирифтам, ба як рӯзи ман мерасид ва дар ин шаҳр мисли ғарибон ҷои рафте надоштам ва дӯстдори ман тини сиёҳе барои зану фарзандаш нафиристод.

Аз нодорию шиками гуруснаам истифода бурда, маро ба кӯи расвоӣ бурданд.

Маро мекушанд, ман инро эҳсос мекунам!

Маро ё маҳбуби худобехабарам мекушад, ё касоне, ки ман хизматашонро мекунаму оқибат фиребашон додам. “Соҳибон”-и ман соҳибони шаҳранд ва панҷа дарафкандан бо онҳо кори одами аблаҳ аст.

Дунё аз ман рӯй тофта ва барои ҳама бегона, фоҳишаи кӯчаам! Вале маро ба ин роҳ муҳаббати аблаҳона таҳрик кард. Ман ба чашми баста, аз баҳри ҳама гузашта, дунболаи ишқ рафтам, ишқи хонасӯз!

Андешаҳоям парешон...

...Ин маблағ барои оне аст, ки ин номаро мехонад. Ба хотири баргаштабахту номуроде, паршикастае, ки зистан мехост, ту хонандаи ин сатрҳо барои ман... дуои неке кун. Хоҳиш! Зеро маро бо дуои нек не, бо лаънату нафрат мегуселонанд.

Барои он ки боре бо дуои хайр ёдам кунӣ, ин пулҳоро ба ту мегузорам. Дуо ҳам дар ин шаҳр бо пул харида мешавад! Бигир бигир, ин коғазҳои мурдору қисматсӯзро, ки ба ивази дар меъдаам кашонидани ҳероин ба ман доданд...

Фақат як дуои нек, эй Инсон”...

Ҷамшед ба худ ларзид. Ҷавони орзупарвар назди воқеоти рӯзгор оҷиз монд. На, ӯ, рӯзноманигоре, ки пешаашро аз мураттаб сохтани чанд ҷумла ва сабти андешаи чанд нафар дар мавриди ягон ҳодиса медонист ва кам мешуд аз утоқи корӣ берун барояд, зиндагии воқеиро ба ин дараҷа ваҳшатнок тасаввур намекард. Чунинаш менамуд, ки хоб мебинад, ё ба шаҳри пурқиссаи бегонае афтода. Сар ба зону гузошт, муддати тӯлонӣ. Ҳангоме, ки ба худ омад, чеҳраи ҳайратзадаи амакашро диду бархост ва қадам ба остонаи прокуратураи ноҳия гузошта, ба амакаш бо қатъият гуфт:

— Шумо наоед!

***

...Муфаттиш ҳуҷҷати хабарнигорро бодиққат, гӯиё бори аввал медида бошад, аз назар гузарониду баъд онро сӯи соҳибаш бепарвоёна партофта, бовиқорона каллаи хурдашро бардошт:

— Барои интервю мо тайёр. Фақат ду-се бор номи шефа нависед. Нависед, ки одами хуб аст, танҳо баъди омадани он кас шумораи ҷиноятҳои кушодашуда зиёд шуд.

Ҷамшед хунсардона посух дод:

— Ман барои сӯҳбат не, балки барои санҷидани мактуби Хадича Қосимова аз кӯчаи Устинов 13, хонаи 42 омадам. Ӯ пеш аз марг ба мо нома навишта буд, ки чанд нафар мехоҳанд нобудаш кунанд. Тарзе ба ман маълум шуд, Хадича зинда нест.

Чашмони муфаттиш аз косахонаи сараш гӯиё берун ҷаҳиданд ва ӯ асабиёна, бо тундӣ пурсид:

— Кӣ тасдиқ мекунад, ки вайро куштаанд? Наход шумо, кормандони як рӯзномаи баобрӯ, ба номаи як фоҳиша бовар кунед?

Баъди он ки Ҷамшед дар ҷавоби ин суолҳо хомӯш монд, муфаттиш ба ҳуҷум гузашт:

— Мо натиҷаи комиссияи тиббиро дорем. Ҳероинро аз миқдор зиёд истеъмол карда, нобуд шудааст. Ягон асос барои шубҳа нест, ҳатто касе аз будани хавфи куштори вай хабаре надорад.

Ҷамшед худро якбора аз даст дод. Асабҳои тамоми рӯз тарангаш якбора гӯиё кафиданд. Дастонаш меларзиданд, овозаш дар гулӯ печид:

— Хадичаро куштанд! Будани хавфи кушторро ҳамсояаш тасдиқ кард. Шумо инро хуб медонед, вале метарсед аз ошкор кардани он! Муттаҳамҳо, порахӯрҳо!

— Аммо ман ин корро ҳамин хел намегузорам!- ашк аз дидагони Ҷамшед равон шуду муфаттиш ба худ наомада, дартоз баромада рафт.

***

Қабулгоҳи декан камодам буд. Баъдӣ панҷ дақиқаи интизорӣ Ҷамшед аллакай дар рӯ ба рӯи декан — марди сарсафеди айнакӣ менишаст.

— Хизмат? — декан бепарвоёна ба журналист нигарист.

— Ман Ҷамшеди Ҳабиб, аз рӯзномаи “Гулбонг”. Чанд сол пеш дар факултаи шумо Хадича ном духтаре мехонд. Ӯ ба мо нома...

— Фаҳмо! — гапи ҷавонро бурид декан. — Ин духтар сабукпо буд ва мо ӯро аз факулта пеш карда будем. Дигар ягон хел маълумот дода наметавонам.

Ҷамшед якбора оташ гирифт:

— Чӣ хел намедонед? Охир, шавҳараш ҳам дар ҳамин факулта мехонд...

— Ман вазифадор нестам, ки ному насаби ҳар як донишҷӯро донам. Аз замони таҳсили онҳо чанд сол гузашт. Мефаҳмед?

Декан бо мушт ба миз кӯфт. Ҷамшед эҳсос кард, ки деканро пурсиши вай ба тааҷҷуб наовард. Гӯё ҳама гуфтугӯашро бо муфаттиш медонад. Саҳнаи гуфтугӯаш бо муфаттиш пеши назараш зинда шуду ногаҳон мисли моргазида парида хест. Ӯ ба муфаттиш гуфта буд, ки ҳамсоя ба ҷони Хадича қасд доштани баъзеҳоро медонад. Девонавор давида баромад ва Неъматуллои дар берун интизор, лаҳзае ҳайрон монда аз паи ҷиянаш давид.

***

Дер шуда буд.

Назди даромадгоҳи хонаи Хадича серодам буд. Чанд духтур рӯи занбар ҷисми рӯйпӯшидаеро мебаровардand. Неъматулло аввалин шуда ба худ омад ва ба китфи лейтенанти дар ин маросим ҳузурдошта зад:

— Тинҷӣ?

— Як пиразани рус ҳангоми аз зинапоя фаромадан, пешпой хӯрда, ғалтидааст. Бечора якмарг...

***

— Як дона сигор деҳ-баъди он, ки Ҷамшед вохӯриҳояшро бо пиразану муфаттишу декан қисса намуд, Неъматулло сӯи Ҷамшед даст дароз кард. Баъди оташ задани сигор ба ёд овард, ки бори охирин рӯзи марги ҳамсараш сигор кашида буд. Вазъи имрӯзааш аз он рӯз кам фарқ дошт. Умедҳояш нӯги қил меистоданд, ҳаёти ҷиянашро хатар таҳдид мекард.

Аслан, то марги пиразан ӯ вазъиятро ҷиддӣ қабул накарда буд. Аммо ин марг он қадар ҳуши вайро ба сараш овард, ки пешорӯяш фақат дарҳои бастаро медид.

Ҷамшед дар таҳлили ҳодисаҳои охир оҷиз бошад ҳам, қатли Хадичаро ба дасти “хоҷагон”-аш гумон мекард. Вале Неъматуллои

огоҳ аз қонунҳои ин бозӣ бо далелҳои раднашаванда метавонист андешаи ҷиянашро ботил барорад.

Ӯ хуб медонист: агар сабаби куштор пули русткардаи Хадича мебуд, ҳамсоғарони декан яқин духтарро азият дода, он пулро мерӯёниданд. Ва ҳам ин пулрусткунӣ Хадичаро назди онҳо муттаҳам менамуду то охири умр бечора дар меъдааш чун қарздор “бор” мекашид. Аз ин андешаҳо милисаи таҷрибадор ба хулосае омад, ки қотили Хадича “хоҷагон”-аш не, балки шавҳараш аст. Марги хоҳар, фоҳиша шудани дӯстдошта, ба кадом шахси бегона супоридани фарзандаш ва ору номус шавҳарро маҷбур карда, то қотили ҳамсар шавад. Лек ин ҷо суоле бармеомад:

— Чаро “хоҷагон” мехоҳанд қотил ошкор нагардад?

Ду андеша пайдо мегардид:

Ё шавҳари Хадича ҳамдасти онҳо аст ё аз сирру асрори “хоҷагон” хуб огоҳ мебошаду фош шудани ӯ фош шудани онҳо ҳам ҳаст. Неъматулло ин андешаҳояшро ба Ҷамшед баён намуда, ба қарори қатъӣ омад:

— Ту бояд ба зудӣ ба пойтахт баргардӣ. Пулҳои Хадичаро бо худ бар! Мактубҳоро нусхабардорӣ мекунем, нусхаи аслро ба ман гузор. Ман кофтукобро давом медиҳам, шиносҳоям кӯмак мерасонанд. Аз ҳама навигариҳо туро огоҳ месозам. Ҳоло ба сардабират чизе нагӯй.

Ҷамшед хурсандона бархост ва ду коғази саддолларарo назди амакаш гузошт.

— Даркор не, мон гуфт Неъматулло баъди чанд лаҳзаи дудила истодан, ҳарчанд оташаке бо дидани пул дар чашмонаш барқ заданд. Аммо Ҷамшед аллакай берун рафта буд ва садои гуфтугӯяш бо Фаришта ба гӯш мерасид:

— Ана ин суроғаи мо. Мақолаҳои навиштаатро равон кардан гир. Беҳтараш, ба дасти шиносҳои ба пойтахт мерафта фиристон, зудтар мерасад...

Неъматулло табассум кард, лек дар ин табассум нақши нобоварию ҳузн эҳсос мегардид.

БОБИ ДУВВУМ: ДАР СОЯИ СУРАТҲО

Ӯ дар ин шаҳр як марди танҳое буд.

(Муҳаммадзамони Солеҳ)

Ҷамшед баъди ба пойтахт расидан ният дошт, ки субҳидам пеш аз дигарон ба идораи рӯзнома омада, ҳама ҳодисаро ба Шавкат Расулӣ ҳикоят хоҳад кард. Вале аз хастагии роҳ натавонист барвақт аз хоб хезад. Ҳангоме ба идораи рӯзнома расид, ақрабаки соат ба 13 наздик мешуду маҷлис дар ҳузури сармуҳаррир оғоз шуда буд. Ҷамшед иҷозат пурсида, ворид шуду Шавкат Расулӣ баъди ҳолпурсӣ шахси наверо, ки дар миёни ҳамкорон менишаст, ба ӯ шинос кард:

— Ин кас собиқ хабарнигорамон дар шаҳри Гагарин Орифи Фарҳод. Чанд муддат дар Русия буданд. Минбаъд боз бо мо кор мекунанд.

Мард хаёлолуд тарафи Ҷамшед сар ҷунбонд. Вай шахси қоматбаланду тануманд, тоссару сафедрӯй ва чашмтангу хоболуднамо буд. Куртааш ҳарчанд ғиҷиму дарзмолнакарда менамуд, вале салобате, ки аз чеҳрааш меомад, ин камбудиро мепӯшонд.

Баробари шунидани номи ӯ Ҷамшедро гӯё барқ зад. Ҳамагӣ якуним сол муқаддам Орифи Фарҳод машҳуртарин журналисти кишвар ҳисоб мешуд. Навиштаҳои танқидии ӯ, талошаш баҳри ҳақиқат, зиддиятҳояш бо амалдорони давр он қадар вайро миёни хонандагон маҳбуб карда буд, ки аслан бисёре ба хотири Ориф

рӯзнома мехариданд. Маҳз навиштаҳои ин журналист Ҷамшеди навҷавонро водор карда буд, ки ин пешаро интихоб намояд. Орзу мекард, ки боре Орифро аз наздик бубинад, ҳамсӯҳбат шавад, шогирдаш бошад. Ҷамшед танҳо навиштаҳои ӯро мехонд, аз ӯ илҳом мегирифт ва дар навиштаҳояш як навъ пайравӣ аз услуби эҷоди ӯ эҳсос мегардид. Ва чун ба “Гулбонг” омад, нахустин суолаш аз Шавкат Расулӣ дар бораи ин журналист буд. Он вақт сармуҳаррир як каме норозиёна дар курсӣ тоб хӯрда, айнакашро аз чашм гирифт:

— Ӯ аз мо рафт. Ҳоло дар Русия аст — ва пас аз қадре таҳаммул афзуд:

— Шояд рафтанаш ба манфиати рӯзнома ҳам буд. Бисёриҳоро ба рӯзнома душман кард.

Ҷамшед баъдтар аз посбони рӯзнома дар бораи Ориф маълумот гирифт:

— Ориф касеро писанд намекард. Навиштаи ӯро касе ҷуръати таҳрир кардан надошт. Ӯ бо маълумоти миёна ба кор омада буд ва маҳз истеъдоди баландаш сармуҳаррири он даврaро водор сохт, то бо ин маълумот вайро ба кор бигирад. Ориф зуд шӯҳрат ёфт ва аз тамоми редаксия дида, хонандагон бештар ба ӯ муроҷиат мекарданд. Аммо рӯзе пас аз як мақолаи танқидиаш барои соҳиби маълумоти олӣ набуданаш, бо фишори “боло” вайро аз кор гирифтанд. Ориф дар пойтахт таҳсил карда наметавонист, зеро қариб омӯзгорони ҳама донишгоҳҳоро ба худ душман намуда буд. Аз ин рӯ ба шаҳри Гагарин рафт ва дар факултаи навтаъсиси рӯзноманигории ин шаҳр таҳсил мекард. Баъди рафтани ӯ рӯзномаҳои озодандеш ончунон ба “Гулбонг” фишор оварданд, ки муассисони рӯзнома маҷбур шуданд рафтани Орифро ба гардани сармуҳаррир бор карда, бечораро аз вазифа ронанд. Шавкат Расулӣ баробари ба сари вазифа омаданаш ба шаҳри Гагарин рафта, Орифро розӣ кунонд, то чун мухбири “Гулбонг” дар он шаҳр

фаъолият кунад. Дере нагузашта, нооромиҳо оғоз шуданду рӯзнома муддате аз фаъолият бозмонд. Сармуҳаррир тамоми дороии идораро ба коргарон тақсим кард. Аммо дар ин масъала нисбати ин журналист ноинсофӣ намуд. Журналист ба пул сахт мӯҳтоҷ буд, вале Шавкат Расулӣ худ ду машинаи идораро соҳибӣ карда, ба машҳуртарин хабарнигор фақат кондитсионери кӯҳнаеро дод. Ориф чизе нагуфт, чунки мӯҳтоҷи пул буд. Лек баъди фурӯхтани кондитсионер дар рӯзнома наистод ва ба Русия рафт. Ин идораеро, ки ҳоло мебинӣ, чанд тоҷир бо умеди тиҷорати рӯзнома аз нав созмон дода, ҳама амволи даркориро аз нав хариданд, вале чун ин фоида ба даст наомад, ҳамаро ба Шавкат Расулӣ ҳавола карданд...

Ин нақли мӯйсафед мисли афсонаи азёдкарда дар дунёи хотираҳои Ҷамшед зинда шуд. Ва ногаҳон, барқвор фикре ба сараш зад:

Ҳодисаи ба Хадича рӯйдодаро бояд ба Ориф гуфт! Танҳо ӯ метавонад ба Ҷамшед кӯмак расонад. Охир, ин журналист садҳо ин гуна воқеаҳоро аз сар гузаронидааст. Аз ин рӯ ҳангоме маҷлис тамом шуду Ҷамшед бо сармуҳаррир танҳо монд, бо гуфтани чанд ҷумла иктифо кард:

— Ба прокуратураи ҳамон ноҳияи шаҳр, ки Хадича мезист, рафтам. Чанд вақт пеш аз рафтани ман худкушӣ кардааст. Дигар пурсуҷӯ нанамудам.

Аммо маълум шуд, ки барои Шавкат Расулӣ муҳим чизи дигар аст. Ӯ беэътиноёна даст афшонд:

— Хуб кардӣ! Пас пиёлаи чойи дасташро нӯшида, ба сари мақсад омад:

— Гӯш кун, Ҷамшед. Орифро барои зиёд кардани теъдоди рӯзнома аз нав ба кор гирифтем, вале ӯ ҷои истиқомат надорад. Хонаашро баъди гурехтани падару модараш як силоҳбадаст

гирифтааст. Чанд рӯз боз дар ҳамин идора мехобад. Ту дар хонаи иҷора танҳо зиндагӣ дорӣ. Намешавад, ки Орифро ҳамроҳ гирӣ?

Ҷамшед лаҳзае худро гум кард, лек аз тарси он, ки сармуҳаррир ҳолати ӯро дигар хел нафаҳмад, зуд посух дод:

— Чаро не? Баръакс, барои ман хуб мешавад. Охир, аз Ориф бисёр чизро омӯхтан мумкин.

Расулӣ лабханде зад:

— Фақат нӯшонӯширо не, писар. Ҳамкори мо журналисти хуб аст, лек вақтҳои охир зиёд менӯшад.

... Бегоҳ баъди тамомшавии вақти кор Ҷамшед назди Ориф омад:

— Рафтем!

Журналист аз рӯи рӯзномаи пешаш буда сар бардошту бархоста, як сумкаи кӯҳнаи майдаҳакеро бардошт. Нигоҳи кунҷковонаи Ҷамшедро дида, бори аввал тӯли ин қадар вақт овоз бароварда:

— Боигарии ман ҳамин қадар...

Журналисти ҷавон раҳораҳ меандешид: «Наход журналисти машҳуре, ки якуним сол пеш номаш вирди забонҳо буду барои бисёре шиносоӣ бо ӯ боиси ифтихор мегашт, аз моли дунё ҳамин сумкаи майдаҳаки фарсудаеро дошта бошад?»

Аммо муҳим он буд, ки Ориф ба Ҷамшед дар масъалаи Хадича маслиҳат дода метавонист.

***

Умеди Ҷамшед дар шаби аввал ба боди фано рафт.

Баробари иваз кардани либос Ориф магнитофони хурдакак, як шиша арақ ва қутии сигорро аз сумкааш гирифта, ба ошхона рафт. Ҷамшед намехост ба меҳмон халал расонад, аз ин рӯ хеле ба бозгашти ҳамкораш интизор шуд. Аз ошхона фақат садои ғамангези Аҳмад Зоҳир ба гӯш мерасид:

Бимон, ай шаб, ки торикиву бедорӣ дилам хоҳад, дилам хоҳад,

Бирав, ай маҳ, ки андӯҳи шаби торӣ дилам хоҳад, дилам хоҳад.

Биранҷону бинолонам, бигирёну бисӯзонам,

Ки сӯзи ашку оҳу нолаву зорӣ дилам хоҳад, дилам хоҳад.

Гаштаву баргашта ин суруд садо медоду маънои он гӯиё ҳушдор медод, ки ба шунавандааш халал нарасонанд. Ниҳоят хоби Ҷамшед бурд. Субҳ бедор шуду журналистро дар хона надида, ҳайрон шуд. Ба ошхона рафт. Ориф сар ба рӯи миз гузошта, хобида буду шишаи арақ дар кунҷе мехобид. Аз дуди сигор ҳавои ошхона ба дараҷае вайрон шуда буд, ки дилро беҳузур мекард. Ҷамшед лаҳзае ба ин манзара дида дӯхт. Намедонист чӣ гӯяд, чӣ кор кунад.

Наход фарҷоми шӯҳрати рӯзноманигор чунин бошад?

Наход журналисте, ки бо қаламаш аз рӯҳи зиндагихоҳу нерӯи ҷавонӣ зиёд мегӯяду ҳамаро барои зистан таҳрик месозад, худ чунин рӯзгоре дошта бошад?

Посух ёфтан ба ин суолҳо душвор буд. Аз ин хотир ҷавон тирезаро кушоду чой монд ва банди сад хаёл ба хона баргашт.

...Ҳар шаб ин манзара такрор меёфт. Ориф қариб ҳарфе намезад ва дӯст намедошт хомӯшию танҳоиашро халалдор созанд.

***

Вале ногаҳон ҳодисаҳо чунон печдарпеч рух доданд, ки таҳаммули он барои Ҷамшед сахт душвор буд. Аввал аз Неъматулло чунин хабар расид:

“Куштори духтар рӯзи 13 июл сурат гирифтааст. Ҳамон рӯз садои фиғони Хадичаро ҳамсояҳо шунидаанд, вале касе ҷуръат накардааст, ки ба кӯмак шитобад. Ба он хона даромадан ва баромадани марди қадбаланди тануманд, тоссари сафедрӯро чанд кас дидаанд. Дар дасти мард сумкаи кӯҳнаи фарсудае будааст”.

Ин номаро як ҳамшаҳрии Ҷамшед оварда, ба Ориф, ки он рӯз барвақттар омада буд, дод. Нома саркушода буд ва маълум буд, ки Ориф онро хондааст.

Ориф ҳушёр буду бо хавотирӣ ба ҳамкораш менигарист. Ҷамшедро ин ҳолати журналист як каме ҳайрон карда бошад ҳам, чизе нагуфт. Ҳарду муддате хомӯш монданд. Ниҳоят Ориф сумкаашро пеш кашиду аксеро бароварда, ба ҳамхонааш нишон дод:

— Гап сари ҳамин духтар меравад?

Ҷамшед якбора аз таҳайюр парида хест. Ин акси Хадича буд. Фақат дар сурат ӯ хандон буду фарбеҳтар ва пироҳани дигар дошт.

— Шумо... Хадичаро мешиносед?

Ориф ҳарфе назад. Суратро рӯи миз ҳаво дод ва либосашро пӯшида, аз хона берун рафт. Дар дили Ҷамшед ҳазор андеша пайдо гардид. Ӯ танҳо ин ҳодисаро чашмдор набуд. Ногаҳон ба худ омада, сумкаи журналистро пеш кашид. Шояд маълумоти дигаре дар бораи Хадича пайдо кунад. Аввал албоми ғафси суратҳоро бароварда. Дар саҳифаи якуми он билети самолётро дида, варақ зад: Орифи Фарҳод 12-июл аз фурудгоҳи Домодедовои Маскав ба шаҳри Гагарин омадааст. Андешаҳои тираи Ҷамшед якбора равшан шуданд:

— Хадичаро рӯзи 13 июл куштаанд, дар ин вақт Ориф дар Гагарин буд, зеро Расулӣ гуфт, ки ӯ як ҳафта пештар аз омадани Ҷамшед аз ин шаҳр омадааст... Номаи Неъматулло... марди қадбаланду тануманд, тоссару сафедрӯ, сумкаи кӯҳнаи фарсуда дошт...

Ғайриихтиёр фарёде бароварда ҷавон. Ин мисоли як оҳи аламноке баъди шунидани хабари марги шахси азизе буд. Охир, чӣ қадар боварӣ, меҳр, эътиқод дошт ба Ориф. Ба Орифе, ки далели қотил буданаш пешорӯяш мехобид. Бемадорона саҳифаи дигари албомро гардонид.

Не, дигар таҳаммул карда наметавонад... дар акси дигар Хадичаи хандон дар оғӯши Ориф... Сурат дар пеши чашмонаш чарх зад. Ин ба асари зарбае буд, ки ба пушти сараш хӯрд. Бо азобе пас гаштан хост, вале мадораш нарасиду рӯи албом афтид.

***

Ҳангоме Ҷамшед чашм кушод, эҳсос кард, ки сараш сахт дард мекунад. Хост бархезад, вале дасту пойҳояш ба кат сахт баста шуда буданд. Пардаҳои ғафси хона имкон намедоданд, ки рӯшании берунро бубинӣ, аз ин сабаб намедонист соат чанд шудаву чанд вақт боз хоб аст.

Орифи сигор ба даст вориди хона шуду оромона, гӯиё ҳеҷ воқеае рух надода бошад, ба ҷавон нигарист.

— Ман мехостам туро ҳамин хел гузошта равам, вале ин телеграмма маҷбур кард, ки сабр кунам:

— “Шавҳари Хадича Орифи Фарҳод, ҳамон журналисти машҳур будааст. Ҳоло вай дар пойтахт мебошад. Эҳтиёт шав, агар ӯ бо шахсони дар Гагарин буда алоқа дошта бошад, яқин аз пайи ту меафтад”.

Ҷамшед ҳарфе нагуфт. Ин маълумоти Неъматулло барояш навигарӣ набуд. Ориф аз ҷустуҷӯҳои ӯ дарак ёфтаву бо нияти нобуд кардани вай ҳоло дар наздаш аст.

Ориф гӯиё ин хаёли Ҷамшедро хонда бошад, бо овози паст гуфт:

— Лекин шумо хато мекунед. Хадичаро ман куштан мехостам, вале аз ман касе пешдастӣ кард. Ман аз ҷустуҷӯҳои шумо ҳам бехабар будам. Ин рӯ ба рӯ шудани мо танҳо тасодуф асту бас!

Аммо... дар чашмони варамидаи Ориф оташи кунҷковӣ дурахшид. Барои ман аҷоиб аст, ту ба ин моҷаро чӣ гуна ворид шудӣ?

— Дастамро кушо, — ба ҷои посух боалам нолид ҷавон. Қотил... чаро дурӯғ мегӯй?

Ориф хомӯшона назди кат омаду аввал дастон, баъд пойҳои ӯро кушода, кӯмак намуд, то бархезад. Болиштеро ба пушти ҷавон гузошта, аз рӯи миз пиёлаи қаҳваи гармро ба вай нӯшонд. Баъд курсиро пеш кашида, рӯ ба рӯи Ҷамшед нишаст ва бо овози ларзон хитоб кард:

— Бигӯ, Ҷамшед... Охир, Хадича ҳамсари ман буд.

— Папкаи маро деҳ, - ҷавон эҳсос намуд, ки вақти сӯҳбати ошкоро расидаву тақдираш ба дасти ин мард ҳал хоҳад гардид.

Ӯ аз даруни папка номаҳои Хадича, аксу пулҳоро берун бароварда, бо овози канда-канда ба нақл шурӯъ кард...

***

Баъди он, ки Ҷамшед дар поёни қиссааш он чиро ки аз посбон дар бораи муносибати Орифу Расулӣ шунида буд, ҳикоя карду суханашро ба поён расонид, хомӯшӣ ҳукмфармо гардид. Танҳо аз куҷое садои номураттаби тирпарронӣ ба гӯш меомад. Ориф мисли мурда буд, ҳатто мижжа намезад.

— Иқрор мешавӣ, ки қотилӣ?, — ғазаболуд садо баланд кард Ҷамшед.

— Не! — оромона посух дод ҳамсӯҳбаташ ва аз ошхона шишаи арақи кушодаеро оварда, ба пиёлаи қаҳваолуд рехту бо як нафас нӯшид.

Як... ду... се... қадаҳ пайи қадаҳ...- шишаи холӣ сӯе ғелиду Ориф бо чашмони ашкбор ба ҷавон нигариста, бо овози пичирросӣ гуфт:

— Хайрият, ҳақиқатро фаҳмидам. Дер шуда бошад, ҳам — ва якбора ба худ омада, бо овози шунавою пуралам хитоб намуд:

— Акнун ту ба қиссаи ман гӯш кун додарҷон...

...Шӯҳрати барвақт мисли баъзеҳо маро ҳавобаланду мағрур накард. Ман шӯҳратро чун амри табиӣ қабул мекардам. Шояд ба ин хотир буд, ки дар Гагарин ҳам тез ангуштнамо шудам. Аслан, шӯҳратро ман танҳо барои мубориза бо мансабдорону пулдорон истифода мекардам. Эшонро бо шунидани номи ман ларза дар андом меафтод ва ин ҳолат ба ман кайфият мебахшид. Ман дар дарсҳо қариб иштирок намекардам, вале аз ҳама пеш баҳоямро мегирифтам. Бо Хадича, ки ҳамсабақамон буд, рӯзҳои аввал қариб ҳарф намезадам. Зеро шиори ман чунин буд, ки духтари зебо манбаи ҳама фитнаву бало аст. Аммо дере нагузашта, овоза шуд, ки декани факулта ба Хадича чашм ало карда, ҳатто хоҳони маъшуқааш шудани ӯ мебошад. Ин овоза маро водор намуд, ки ба Хадича бодиққаттар бошам. Чунки деканро сахт бад медидам, ҳарчанд пеши ман ҳамеша даст пеши бар дошт.

Хадичаро ба худ ҷалб кардан барои ман чун воситаи қасос гирифтан аз декан ҳисоб мешуд. Дар ин роҳ ба душворие дучор нашудам, зеро духтар кайҳо боз мехост бо ин гуна журналисти машҳур аз наздик ошно гардад. Ду- се сӯҳбат кифоя буд, ки ӯ девонавор маро дӯст дораду ҳама садду душвориҳоро пушти пой занад. Ман ба бахти сиёҳам, шахси гапдону дар ишқбозӣ ҳунарманде будам, лек дере нагузашта, эҳсос кардам, ки ба Хадича меҳр бастаам. Ишқи мо зуд афсона гашт, вале волидайни духтар намехостанд духтарашонро ба ҷавони бегона, новобаста аз шӯҳраташ диҳанд, волидайни ман ҳам дар сари ин андеша буданд. Мутаасифона, дар ишқбозӣ ману Хадича аллакай ҳама сарҳадҳоро убур карда будем ва ӯ ҳомила шуда буд. Маҷбур шудем бе розигии волидайн ақди никоҳ бандему тӯй кунем. Вале баъди пайванди мо дар рӯзгорамон давраи мусибату бадбахтӣ оғоз ёфт. Ҷанги шаҳрвандӣ шӯҳрату обрӯи маро дар як рӯз ба боди фано дод. Волидайни ман ба Афғонистон гуреза шуданду бо ман танҳо хоҳарам, ки барои дохил шудан ба мактаби олӣ ба Гагарин омада

буд, монд. Ононе, ки камбудиашонро мегуфтам, ононе, ки ақлу савод надоштанду аз ночорӣ то ин дам пешорӯи ман даст пеши бар доштанд, алайҳи ман шӯриданд. Ҳама маро таъқиб мекарданд, ҳам низомию ҳам авбош, ҳам ҳампешаву ҳам ҳамкурс. Зиндагии ман дар як чашм задан воруна гашт, илоҷе ғайри фирор надоштам. Хадичаро бо кӯдаки дар батнаш будаву хоҳарам гузошта, ба Русия рӯй овардам. Касеро намешинохтам, танҳо бо пули кондитсионери кӯҳнаи рӯзнома овораи мулки ғурбат шудам.

Бозорҳои Русия қонунҳои худро доранд. Махсусан барои тоҷикони зиёӣ сахт душвор аст. Мане, ки касе наметавонист “ту” гӯяд, аз шунидани номам ба бадани вазирон дар ватанам ларза медаромад, нек фаҳмидам: То ин замони ғурбату оворагардӣ ба зиндагии мардум танҳо аз паси ойинаи утоқҳои барҳаво нигаристаам!

Тӯли як сол базӯр барои шиками худ нон меёфтам. Панҷаҳое, ки ҷуз қалам ба ҳама чизи дигар ноошно буд, ба хотири шикам ба ҳама кор одат карданд: ба аробакашӣ, дуздӣ, қиморбозӣ, занозанӣ, партову ахлотғундорӣ, савдогарӣ. Аммо дар бозоре, ки ҳама чиз хариду фурӯш мешуд, ман чӣ шахси беҳунаре будам! Дар бозорҳои рус мафҳумҳои Раҳм, Виҷдон, Номус вуҷуд надоранд, лек ман ҳеҷ наметавонистам ин эҳсосҳои дурӯғинро аз худ ронам. Муддати як сол ман ду бор қарз гирифта, ба Хадича пул равон кардам, аммо пулбарандагон ба ӯ ин пулро надода, хӯрдаанд...

Бо Гагарин алоқа набуд, аниқтараш, на ман телефон доштам, на хонае, ки Хадича мезист ва ҳам каси дилпури ошное дар Гагарин надоштам. Шабу рӯз ман дар бораи азизонам меандешидам. Ниҳоят кори ман омад кард. Як нафаре, ки боре барои ҳақиқатро барқарор кардан барояш кӯмак намуда будам, маро дар бозор шинохт. Ӯ роҳбари қиморбозони бозор буд. Барои ман вазифа муқаррар кард: «Аз субҳ то бегоҳ дар гӯшае менишинӣ ва қиморбозон пули бо фиреб аз мардум гирифтаашонро ба ту месупоранд». Дӯсти

қиморбози ман замоне, ки мешинохтам, инсони бовиҷдон буд, вале бозорҳои рус чашмонашро ба зиндагӣ кушоданд. Аввал азоби зиёде кашида, ниҳоят роҳи зиндагиашро меёбаду аввал қиморбози одӣ, баъдтар бо корчаллониаш мавриди боварии хоҷагон қарор гирифта, роҳбари онҳо мешавад. Рӯзе баъди он, ки пули хубе ба киссааш афтид, маро ба хонааш таклиф кард. Ӯ нав хона гирифта буду танҳо мезист. Он рӯз ду нафар духтарони ҳамкорашро даъват кард. Нишастем, нӯшидем ва чун ман аз Гагарин ёдовар шудам, қиморбоз чизеро ба ёд оварда, ҷомадонашро кушод ва бо тамасхур чанд дона суратро берун кашида, сӯи ман партофт:

— Бо ин беваҳо бо як дӯстам дар меҳмонхонаи “Лоҷвард” будем. Ҳеҳ... истироҳат кардем. Лекин вақти ҳисобу китоб шефашон хеле ғоратамон кард. Ин расмҳоро худам гирифтам. Кай вақте рафтӣ, инҳоро албатта ёб, пушаймон намешавӣ.

Хун дар рагҳои ман ҷӯшид. Дар ин расмҳо Хадичаву хоҳарам нимурёну маст... ба ман менигаристанд...

***

...Қиморбоз ҳаргиз эҳсос карда наметавонист, ки ман дар чӣ ҳолат будам. Ӯ гумон кард, ки духтарон — зану хоҳарам ба ман сахт писанд афтоданд. Аз ин рӯ коғазеро сӯи ман партофт:

— Ин рақами тилфони онҳо. Гагарин равӣ, занг зан, худашон меоянд.

Ҳамин қадар дар ёд дорам, ки ин коғазро ба киссаам андохтаму ба ошхона рафтам. Аввал мехостам, худро аз тиреза партоям. Вале шишаи нокушодаи арақро рӯи мизи ошхона дида, бо дастони ларзон кушодам ва то қатраи охирин нӯшидам. Баъд сӯи тиреза рафтанӣ шудам, аммо фақат қадаме гузоштаму афтидам. Аранге ба гӯшам овози қиморбоз расид, ки кадоме аз духтарони оншабаро тасалло медод:

— Ӯ кайҳо боз нанӯшида буд, барои ҳамин сахт маст шуд. Ҳеҷ гап не, ҳар дуи шумо имшаб бо манед, — ва қаҳ-қаҳаи мастонае.

...Рӯзи дигар ҳангоме бедор шудам, дар хона касе набуд. Аҷиб, ки аз андӯҳи дирӯза дигар дили ман дард намекард. Фақат мехостам бинӯшам. Базӯр хестам ва аз яхдон шишаи арақи кушодаеро гирифта, ба қадаҳ рехтам ва нӯшидам. Дарди сар каме рафъ гашту фикрам равшан шуд. Аввал хостам ба бозор равам. Бо нияти он, ки фаҳмам пул дорам ё не, даст ба киса бурдаму рақами тилфон берун омад. Саросема бархоста сари тилфон рафтам. Баъди ним соати зангзанӣ гӯшакро касе бардошт:

— Ало! — овози хоболуди мастонае ба гӯшам расид.

— Ман Ориф. Кӣ гап мезанад?

— Хоҳарат! — бозарда аз он сӯй ҷавоб омад.

Лаҳзае худро гум кардам. Хоҳарам ҳаргиз бо ин сардӣ бо ман ҳарф намезад ва ҳам маро “ту” намегуфт. Аламам кард:

— Гӯш кун! Ту чӣ кор карда мегардӣ, ба ман маълум. Ба номи Худо, ҳамин ки рафтам,...

Ӯ бо тамасхур ҳарфи маро бурид:

— Аввал занатро таҳдид кун! Вай маро ба ин роҳ бурд. Бачаатро ҳам нобуд кард. Ба ман минбаъд корат набошад! Гӯри ту ҷудо, гӯри ман ҷудо! Фаҳмидӣ? Всё! — хоҳарам гӯшакро партофт.

Гӯшаки тилфон дар даст мисоли хаёлгумкарда чӣ қадар истодам, намедонам. Фикри худкушӣ аз сарам дур шуд, ман бояд қасоси номусамро аз Хадича мегирифтам. Ӯ дар дунё ҳама ору номуси маро барбод дод, — хоҳарам фоҳиша, фарзандам нобуд шуда. Волидайнам дар ғурбат, намедонам, чӣ ҳол доранд. Бояд равам ба Гагарин, дигар роҳеро намедидам.

... Баъди он, ки билет гирифтам, боз ба Гагарин занг задам. Гӯшакро Хадича бардошт.

— Шинохтӣ? — пурсидам ман.

— Номард... — овози хастаю бадард посухам дод.

— Ман ҳамаашро медонам, ту фоҳиша...

— Гӯш кун! — якбора овози Хадича оҳанги қатъӣ гирифт, — хоҳарат нобуд шуд, аниқтараш, ӯро куштанд. Марги ман ҳам шояд наздик бошад... Биё, баъд мефаҳмӣ, ки айби кист...

— Се рӯз пас, рӯзи 12 июл ман билет дорам. Туро бо дастони худам мекушам, — боалам гуфтам.

Дар ҷавоб Хадича гӯшаки тилфонро гузошт.

***

Рӯзи 12 июл, соати 12-и шаб ман ба шаҳри Гагарин расидам. Дар шаҳр қариб нақлиёте набуд. Ба ин хотир дар меҳмонхонаи фурудгоҳ ҷой гирифтам. Ду шиша арақ гирифта, то қарибии субҳ саргум дар дунёи андешаҳо нӯшидам. Аз он, ки рӯзе хабари фоҳиша шудани хоҳару зан ва марги фарзандамро шунидам, ҳар рӯз то аз пой афтидан арақ мехӯрдам. Рӯзи дигар соатҳои се бархоста, зуд чизу чораамро ҷамъ карда, аз бозор корди тезе харидам ва ба хонаи иҷорае, ки бо Хадича мезистем, раҳсипор шудам. Дар вақти ба хона ворид шудан мекӯшидам, касе маро набинад. Дари хона нимкушода буд. Дар даромадгоҳ ягона навигарӣ тилфони наве буду бас! Хона холӣ аз одам метофт. Ба хонаи хоб ворид шудам ва... ҷисми нимурёну беҳиси Хадича дар миёнаи хона мехобид.

Рости гап, дар ин лаҳза ягон хел эҳсоси дилсӯзӣ дар қалбам пайдо нагардид. Фақат шукри онро кардам, ки касе кори маро осон намудааст. Зуд берун шудам. Ҳангоми аз хона берун шудан ким-касе аз наздам гузашт, ба фикрам кадом ҳамсоя, вале ман аҳамият надодам. Ба як меҳмонхонаи дурдасти шаҳр рафтам. Ҳар рӯзи ман мисли имрӯз мегузашт. Оҳиста-оҳиста эҳсос кардам, ки шаҳр дигар наметавонад маро дар худ ғунҷонад. Шаҳре, ки ҳар

хиёбон, ҳар пайраҳаи он хаёлоти ғамангези гузаштаро дар ангораҳои ман бедор мекард. Касеро дидан намехостам, аз ҳама мегурехтам. Шаҳри замоне азиз бароям қабристонро мемонд. Ниҳоят ба пойтахт омадам. Шавкат Расулӣ хуб қабул кард, гумон дорад, ки бо шӯҳрати ман рӯзномаро аз нав серхаридор мекунад.

...Ман намехостам туро зада, беҳуш кунам. Вале ким-чӣ хел эҳсос ба ман мегуфт, ки Хадича бегуноҳ аст. Ин бегуноҳиро чӣ гуна бояд исбот кард, намедонистам. Аз ин сабаб таслим шудан намехостам. Хайрият, зарба сахт набуду телеграмма дар вақташ расид. Вагарна мане, ки намедонистам аламамро аз кӣ гирам, шояд сари мастиву ғазаб туро мекуштаму мерафтам ва ҳақиқати рӯзгори Хадичаи бадбахт то абад нокушода мемонд- нақлашро ба поён расонид Ориф.

Лаҳзае хомӯшӣ дар хона ҳоким шуд. Ҷамшед бархосту дасту рӯй шуст ва баргашту хастаҳолона худро ба курсӣ партофта пурсид:

— Акнун чӣ кор карданӣ ҳастед?

Ба ҷои он, ки посух диҳад, Ориф лаҳзае боҳайрат ба чеҳраи Ҷамшед чашм дӯхт ва якбора домони хандаро сар дод. Ӯ ончунон баланд, бедард механдид, ки ҷавон гумон кард, журналисти бечора девона шудааст. Ниҳоят Ориф дилашро доштаву аз ханда нафасгир шуда, рӯи хона дароз кашид ва сӯи Ҷамшед бодиққат нигарист:

— Чӣ гуфтӣ?

Ҷавон, ки аз хандаи ӯ як каме саргум монда буд, посух дод:

— Пурсидам, ки минбаъд чӣ кор карданиед?

Журналист баъди шунидани посух ба чеҳраи афсурдааш сояи ғам афтид ва бо овози гирифтаю аламнок сабаби хандаашро шарҳ дод:

— Медонӣ, додар, мусибати азими мо, қаламкашон, пайвандие дорад бо ҳолати инлаҳзаинаи ту. Ҳамагӣ як соат пеш ту маро дашном медодӣ, “ту” мегуфтӣ, лаънат мехондӣ. Аммо барои он ки

андешаҳои туро нисбати хеш тағйир диҳам, худро мусичаи бегуноҳ муаррифӣ кунам, ба ман ҳамагӣ як соат басанда буд. Давоми як соат тавонистам доғи қотилиро аз худ дур кунам, барои туро қариб куштан сабаб ёбам, боз барои ту “шумо” шавам. Мо, эҳодкорон, дили нозук дорем! Он қадар дар мусибати дигарон месӯзем, ки рӯзе маргро пешорӯи худ мебинем, донаи ашке ба рӯзгори баҳри дигарон гузаронидаамон дар дидаамон пайдо намегардад. Дили мо аз ларзаи барги дарахт, аз нолаи беваи кӯча, аз оҳанги зораи садақаталабе, ки садҳо баробар бештар аз мо дорӣ дорад, ба дард меояд. Вале нигар ба таърих, боре чархи гардун қаламкашеро тӯли умр осуда нагузошта. Осиёби зиндагӣ дили моро, рӯҳи моро, виҷдони моро ҳамеша зери санги худ гузоштааст. Бубин, бубин, ки ин гуна қисмат хеле кам насиби амирону вазирон будааст! Эшонро ҳатто тобуташон бошукӯҳтар аз тобути шоирони даҳсолаҳою садсолаҳои миллат буд! Эҳ зиндагӣ, зиндагӣ...

Ориф лаҳзае сукут карду сипас идома дод:

— Дар қиссаи ман, ки ба ту ҳикоят кардам, ҳарфи дурӯғе набуд. Хандаи маро сабаб рӯ ба рӯ омадан боз бо як қаламкаши хаёлпараст аст. Гумон накун, ки ман нисбати навиштаҳои ту беэътино ҳастам. Не, ҳама навиштаҳои туро дар рӯзнома хондам. Қалами хубе дорӣ, муҳимаш, дардро урён гуфта метавонӣ. Дардро урён нагуфтан ҳамеша аз мушкилоти журналистикаи мо буд. Чӣ қадарҳо шуда, ки барои рӯирост “фалонӣ қотил”- гуфтан ҷуръат накарда, аз марги мӯрчаи бегуноҳ мегӯему дар боби калзоғи пир ҳадис мебофем. Давом деҳ ин роҳро, лек кӯшиш кун, ки бандаю ҳавасхӯрдаи гурӯҳеву шахсе нагардӣ. Мусибати азими пеш аз ҷанги шаҳрвандии рӯзноманигорони мо маҳз ҳайкалтарошӣ буд. Ҳайкалҳои зебову мунаққаши ононе, ки ҷумлаи нигоштаи моро пинҳонӣ ба сад лаббайгӯякашон нишон медоданд, то бифаҳманд мо чӣ мегӯему чиро дар назар дорем.

Мо аз шабҳои бехобии раис, аз ишққҳои садгесии шоир, ҳалолкории тоҷир, аз хуни ҷигар шудани омӯзгор зиёд гуфтаему хоҳем гуфт, аммо аз шабҳои бехобии худ миёни дуди сигори арзонтарин, аз ишққҳои бебарори дар хотираҳо монда, аз заҳмати сангину ҳалол, мағзи сар об кардан, аз захми меъдаву сактаи қалб дар хонаи иҷора, аз киссаи ҳамеша холии худу ғурури нозарури худу ҳампешагон ҳамеша лаб фурӯ бастаем...

Сигори сӯхта тамомшудаашро ба хокистардон партофта, боз сигоре оташ зад Ориф. Ҷамшед бошад, хомӯшона, мисли гушнае, ки тасодуфан бо рафиқи тоҷир вохӯрдаву бо даъвати ӯ сари зиёфати сихкабоб ҳар порагӯштро ҳарисона фурӯ мебарад ва ба лофзаниҳои рафиқаш аз савдою тиҷорат гӯиё сад дар сад бовар дорад, ҳар ҳарфи журналистро фурӯ мебурд. Ориф дуди сигорро он қадар чуқур фурӯ мекашид, ки гумон мекардӣ, ғамҳояш ҳастанду дигар роҳи рафтан надоранд, ҷуз қалби пурғуссааш.

— Ман бояд қассос бигирам! — ин ҳарфи журналист Ҷамшедро каме ҳушёр кард.

— Давраи бо қалам ҷустуҷӯ кардани ҳақиқат бо Горбачёв рафтааст. Бо гург гургона бояд сухан гуфт. Ман ҳамаи гунаҳкоронро, то он даме, ки маро мекушанд, нобуд мекунам. Дигар дар ин зиндагӣ дилкашолие надорам, назди фарзандам, ки хабари зинда буданашро гуфтӣ, нахоҳам рафт. Бигзор дар дунёи дигар, беранҷу азоб ба камол расад. Ман як чиз мехоҳам: осоиш. Осоиши абадӣ!

Аммо осоиш ҳамон замоне фаро мерасад, ки виҷдон дигар қалби туро нафишорад сахт чун панҷаи марг ва ҳавасе, умеде барои зиндагӣ надошта бошӣ, чизе, касе барои идома додани ин мурда — мурда зистан таҳрикат накунад. Ҳамон лаҳзае ин осоиши абадӣ барои ман фаро мерасад, ки қурбониёни бегуноҳӣ — хоҳар ва ҳамсарам дар гӯр осуда хобанд. Вале онҳо осуда нестанд то даме, ки

қотилони онҳо орому осуда давр меронанд. Хунро бо хун мешӯянд, додар, бо хун.

— Ман ҳам бо шумо меравам! Ба пиразани рус қавл дода будам, ки...

— Не, не!- Ориф сухани Ҷамшедро бурид: Ҷавонии ту дар пеш аст. Маро бо мусибатҳоям танҳо гузор! Бархезу ба рӯзнома рав, ҳоло субҳ медамад. То омадани ту ман баъзе корҳоямро буд мекунаму пагоҳ ба шаҳри Гагарин меравам. Агар сармуҳаррир маро пурсад, гӯй, ки рафт.

***

Шавкат Расулӣ Орифро напурсид, ҳатто аз наомадани вай хурсанд буд. Ҷамшедро назди худ хонду аз дур гап сар карда, ниҳоят ба сари мақсад омад.

— Ҷамшедҷон, ман як хатоии сахт кардам. Бо баъзе рафиқони даркорӣ маслиҳат накарда, Орифро ба кор гирифтам. Ҳоло ягон навиштааш чоп нашуда, чанд каси мӯътабар овозаи ба кор омаданашро шунидаанд. Гуфтанд, ки агар минбаъд чоп шудани рӯзномаро хоҳед, ӯро аз кор ҷавоб диҳед. “Рӯи одам гарм” мегӯянд, намешавад ки вазъиятро ба Ориф худат фаҳмонӣ?, - озмоишкорона ба ҷавон нигарист сармуҳаррир.

— Ӯ бе ин ҳам аз кор рафтанӣ аст, - табассум кард Ҷамшед. Пагоҳ боз ба Русия меравад.

— Хайрият, — оҳи сабук кашид Шавкат Расулӣ. Ин тавр бошад ин сӯҳбатамонро ба ӯ нагӯй. Фақат пеш аз рафтан, бигзор омада хайрухуш кунад.

***

Баробари ба хона ворид шудани Ҷамшед Ориф, ки хомӯшона назди тиреза сигор мекашид, якто — якто қадам гузошта сӯи ӯ омад. Ҳанӯз вай даҳон накушода, ҷавон хабар расонид:

— Шавкат Расулӣ аз рафтани шумо хурсанд. Зеро чанд галстукдор занг зада, аз дубора омаданатон изҳори норизоӣ кардааанду бечора мехост ман ҳолаташро ба шумо арз кунаму бо хоҳиши худ аз кор равед.

Ориф гӯё ин гуфтаҳоро нашунид. Назди Ҷамшед омад ва даст ба китфаш гузошта, рост ба чашмонаш нигарист. Овози хушк, қатъӣ, хунсардонааш таҳи гӯшони ҷавон садо заданд:

— Мард бош, Ҷамшед!- ва коғази ғиҷимшудаи кафашро ба дасти ӯ дод.

Телеграмма хеле кӯтоҳ буд: «Ҷамшед! Таъҷилан расида биё! Амакат Неъматуллоро паронданд. Пагоҳ ҷаноза. Падарат».

Ориф бо овози ором, ки дар он эҳсоси дардро наметавонистӣ эҳсос кунӣ, гуфт:

— Мо бояд бо ҳавопаймо равем, аммо пули ман ҳатто ба як билет намерасад.

— Пулҳои Хадича...овози Ҷамшед ларзид ва Ориф инро эҳсос карда, пас гашт ва қатраи ашке аз дидагонаш ба рӯи сафеду тоза тарошидааш таровиданд. Ӯ аз нақли ҷавон дарк карда буд, ки чӣ қадар ин навҷавони бистсола Неъматуллоро дӯст медорад, ифтихор мекунад. Ҷамшед бошад, сар дар оғӯши қаҳрамони орзуҳояш, нохост ҳис намуд, ки бозувони вай чӣ қадар сахту пурқувватанд.

— Маро бубахш, Ҷамшед, додари қиёматии ман! Ҳамхонаву ҳампеша будем, ҳаммусибат шудем.

БОБИ САВВУМ: ХУНРО БО ХУН МЕШӮЯНД

Ҳаргиз мардеро, ки хуфтааст, лагад мазанед. Мумкин аст, бедор шавад. (Конфутсий)

Дар фурудгоҳи шаҳри Гагарин Ориф бо Ҷамшед хайрбод кард:

— То дидор, додарҷон! Якҷо будани ману ту хатарнок аст. Ман дар меҳмонхонаи “Лоҷвард” зиндагӣ хоҳам кард. Пагоҳ бегоҳ тавонӣ, маро хабар гир!

Ҷамшед дар посух натавонист чизе гӯяд. Наметавонист бигӯяд, ки бо вуҷуди ин фоҷиаҳо, ки бо вуруди Ориф ба зиндагии оилаи онҳо рух додааст, ҳар касе Ҷамшедро мешиносад, ғоибона аз рӯи гуфтаҳояш ба ин журналисти тавоно меҳр бастааст. Натавонист бигӯяд, ки дар кадом рӯзномае навиштаи Ориф чоп шуда бошад, ӯ дар албоми худ бурида часпонидааст ва чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекунад. Ҳар гоҳе дилгир мешавад, аз пешаи интихобкардааш пушаймон мегардад, дар кунҷи танҳоӣ ба мутолиаи ин навиштаҳо фурӯ меравад ва бо рӯҳу шавқи тозае пайраҳаи талошро идома медиҳад. Натавонист бигӯяд, ки гарчи тақдиру чархи таърих хайрхоҳаш нестанд, умедгоҳе дар қалби пурорзуе дорад. Натавонист бигӯяд.

***

Ҳангоме Ҷамшед ба остонаи ҳавлии амакаш қадам гузошт, тобутро мебардоштанд. Ба роҳи Ҷамшед, ки дина саҳар барқия фиристода буданд, хеле интизор шуданд ва чун рӯзи дигар нисф шуд, гумон карданд, ки Ҷамшед дар хонааш набудаву бехабар мондааст. Вале баробари бардоштани тобут Ҷамшед даромаду фиғони наздикон ба ҳаво бархост. Фақат овози падари пири Ҷамшедро шунида намешуд. Аз он лаҳзае, ки хабари марги ягона додарашро ба ӯ расонданд, фиғони мӯйсафед ба фалак мепечид:

— Асои дастонам, додарам! Додари рӯзи хуше надидаам! Тӯи ягона духтаратро нахӯрда рафтӣ, додарам! Дили бекинаи ту, сари баланди ту ба кадом қотили хонасӯхта хуш наомад? Кошкӣ бародари пиратро мекуштанд...

Ва якбора ба исён меомад мӯйсафед:

— Чаро чашми худованд ин номардиро намебинад? Қотилони додари ягонаи ман зархариди кӣ ҳастанд, ки ҳамкоронаш “қотилони вайро ёфтан дар гумон” мегӯянд? Додари ман нони кадом ҷипсавори худобехабарро нимта карда буд?

Мушт бар сар мекӯфт мӯйсафед. Ӯ ва Неъматулло аз падар сағир мондаву бо кӯмаки якдигар, бо азобу азият ба камол расида буданд. Неъматулло бо мушкилиҳои зиёд таҳсил карда, милиса шуд. Мӯйсафед бошад, хонадор шуду пайиҳам соҳиби се духтар гардид. Дар орзуи писар буд мӯйсафед ва таваллуд шудани Ҷамшед барояш тӯй буд. Аммо қисмат аз Неъматулло руй тофт. Ҳамсараш, ки ӯро дӯст дошта, хонадор гардида буд, баъди таваллуд кӯдаконаш мемурданд. Ба куҷоҳое сар назад Неъматулло, на духтур монд, на табиб, на фолбину на ҷӯгӣ. Дафъаи охирин сари фарзанд рафт зан. Фариштаро ба Неъматулло гузошту рафт. Неъматулло ҳангоми бефарзандӣ чизе меёфт, ба хонаи бародар меовард. Аслан, ду духтари калонии мӯйсафедро ӯ ба шавҳар дод, тамоми хароҷоти тӯйро худаш кард.

Боақлу бофаҳм ба камол расидани Ҷамшед, бе душворӣ дар марказ ба факултаи бонуфуз дохил шуданаш, чун рӯзноманигор тез соҳиби шӯҳрат гардиданаш барои ҳарду бародар тӯҳфаи тақдир буд. “Давомдиҳандаи насли онҳо шахси машҳуре мешавад ва барои ҷовид шудани номи авлод мусоидат мекунад”- ин орзуе буд, ки ҳарду бародар гоҳ-гоҳе ба якдигар мегуфтанд. Орзу доштанд, ки Фариштаро ба Ҷамшед медиҳанд, то барои таҳсили ояндааш мусоидат кунад. Вале...

...Ҷамшед фарёд накашид, ашк аз дидагонаш нарехт. Мисли ҳайкали сангин лаҳзае шах шуду ба чеҳраи одамони атрофаш нигарист. Миёни ҳамкорони амакаш, ки акси Неъматулло банди дилашон овехта буд, нигоҳи ӯ ногаҳон ба чеҳраи муфаттиши шинос барҳӯрд. Чӣ гуна қувват пайдо карда, назди вай рафт, ёд надорад.

Фақат ҳангоме даст ба гиребони муфаттиш бурд, овозаш барои худаш ким-чӣ хел ноошно намуд:

— Ту... медонӣ, ки хунро бо хун мешӯянд? Медонӣ?

Дасте ба китфаш фурӯ афтид. Дасти вазнин. Пас гашт. Падараш буд, ки ашк аз чашмони камнураш ба рӯи ришрасидааш фаромада, мисли оби ҷӯяҳои пахтаи нав обмонда, роҳ ҷуста-роҳ ҷуста ба гиребони куртаи фарсудааш мерехт.

— Писарҷон, кош ман мемурдаму ту дар ин шаҳр бемуттако наемондӣ...

Дунё дар назари Ҷамшед хаёле чарх зад. Даме, ки дастони бемадораш ба гардани падар ҳамоил шуд, ёдаш расид, ки аз лаҳзаи хабари марги амакашро шунидан хасе ба даҳон набурдааст. Беҳушу бехуд пояи тобути Нематулло афтид.

***

Рӯзи дигар, дами субҳ, ҳангоме аз сари қабри Неъматулло бармегаштанд, падар ба Ҷамшед рози дил кард:

— Худораҳматии амакат мехост фарзанди ягонааш бегона нашавад. Мо маслиҳат карда будем, танҳо розигии ту лозим буд. Фаришта ҳам аз ин бохабар аст. Чӣ гуфтӣ, писарам, баъди соли амакатро додан ба тӯй тайёрӣ бинем?

Ҷамшед хомӯш сар хам кард. Ӯ эҳсос мекард, ки падар аз шунидани суханони:

— Не, падар, ман арӯсшаванда дорам, - сахт метарсад. Зеро ҳамсолони таҳсилкардаи ӯ аксар бахткушои худ буданд. Вале Ҷамшед ногоҳ дарёфт, ки вай аз ин қатор истисност. Чанд соли дар марказ таҳсил кардан фақат дунболаи шӯҳрат медавид. Албатта, гоҳ-гоҳе пешорӯяш лаҳзае пайдо мегардид, ки духтарони зиёде бо ҳавас ба сӯяш менигаранду ташнаи як нигоҳи ӯ ҳастанд, аммо ин

лаҳза бояд вай Ҷамшеди Ҳабиби машҳуре бошад. Ҷамшеде, ки ҳама бо иштиёқ навиштаҳояшро дар рӯзномаҳо меҷӯянд.

Як лаҳза андешид Ҷамшед. Тасаввур кард вохӯриашро бо Фариштa. Не, баробари дидани ӯ чеҳрааш дигаргун мешавад. Вале чаро падар аз ба хок супоридани бародараш як рӯз ҳам нагузашта, аз тӯй гап мекушояд? Чаро?

... Ҳа! Мӯйсафеди оқил ҳоло, ки Ҷамшед зери таассуроти қатли амакаш мондааст, мехоҳад ҷавоби мусбат гирад. Бечора мӯйсафед бехабар аст, ки Неъматулло ба хотири шӯҳратёр шудани ҷиян кушта гардидааст.

— Чаро ба хаёл рафтӣ, писарам? — безобита шуд мӯйсафед.

— Ман розӣ. Агар Фариштa ба дигар кас расад, мумкин, ки чароғи хонаи амакамро фурӯзон дошта натавонад. Эҳтиёт кардани ягона нишони амакам, қасоси ӯро гирифтан қарзи абадии ман аст, - овоз дар гулӯи Ҷамшед печид.

— Ҳаҳ, қотилони номард... Ҳамкоронаш аллакай гуфтанд, ки нишоне аз он номардон нест. Аз “Ҷип”-и берақам дар рӯзи равшан, дар пеши чашми мардум дар гузаргоҳ Неъматулоро се тир мезананд. Баъд як сиёҳпӯш аз машина фаромада, хабар мегирад, ки зинда аст ё не. Ба фикрам, туфангчаашро ҳам гирифтаанд, зеро ғилофи туфангчааш холӣ буд.

***

Бегоҳирӯз лаҳзае, ки Ҷамшед мехост ба меҳмонхонаи “Лоҷвард” равад, дар беруни дарвоза ногоҳ бо Фариштa рӯ ба рӯ зад. Ба чеҳраи афсурдаю ғамноки духтар бо дидани Ҷамшед як каме сурхӣ дамид, вале баъди салому алейк ӯ якбора ба сари матлаб омад:

— Ман медонам, падарамро барои чӣ куштанд. Ба ман ҳамаи ҳодисаро нақл карда буд. Он нома ва... Фариштa эҳтиёткорона ба атроф нигарист.

— Туфангчаи падарам дар дасти ман аст. Вақтҳои охир, ӯ эҳсос карда буд, ки ким-кӣ аз пасаш мепояд. «Агар дар ҷое ба ман ҳуҷум кунанд, аввал туфангчаамро мегиранд. Он вақт ман бояд назди қонун ҷавоб диҳам. Ин номаву туфангчаро руст кун, духтарам», — гуфта буд падарам. Аммо барои чӣ бошад, ки ғилофи холиро овехта мегашт. Ман ин номаву туфангчаро дар ҷои дигар пинҳон кардам. Баъди маргаш ҳамкоронаш омада, ҳама ҷойро кофтанд, вале чизи даркориро наёфтанд. Ҳамон муфаттише, ки рӯзи ҷаноза гиребонашро гирифтед, ду бор аз ман дар бораи туфангча пурсид. Лекин ман “намедонам”-гӯён ҷавоб додам.

— Тез онҳоро ба ман биёр, - саросема шуд Ҷамшед. Бояд ин номаву туфангча ба дасти онҳо наафтад.

Фаришта зуд дохили ҳавлӣ шуду баъди фурсате омад. Ҷамшед бастаи латтапечро ба бағал заду рафтанӣ шуд.

— Ҷамшед! — бо шунидани овоз пас гашт ҷавон. Фаришта бо нигоҳи аламноку нигоҳи гирён гуфт:

— Ман мехоҳам қотилони падарам маҳз аз яроқи ӯ кушта шаванд.

Ҷавон қадаме сӯи духтар гузошт. Ким-чӣ хел қуввае вайро таҳрик мекард, ки ҷисми пурмусибатро ба оғӯш кашаду сар ба китфаш гузошта, зор-зор бигиряд. Вале худро нигоҳ дошт.

— Бовар кун, ҳамин тавр хоҳад шуд, Фаришта. Ман ба ту ваъда медиҳам. Ва сухани аз Ориф шунидаашро, ки абадан дар лавҳи хотираш нақш баста буд, такрор кард:

— Хунро бо хун мешӯянд...

***

Дар назди навбатдори меҳмонхона Ҷамшед саргум монд: «Ориф бо номи аслиаш дар меҳмонхона мезиста бошад ё...»

— Ҷой надорем додар, гурезаи бисёре омадааст, ҳама ҳуҷраҳо банд, - навбатдори меҳмонхона як ба сӯи Ҷамшед нигаристу боз ба рӯи китоби дар пешаш кушода хам шуд.

— Ҷамшед!, - овози шиноси Ориф таҳи гӯшонаш садо зад. Баргашту нигарист. Ҷавони мӯйдарози мӯйлабдоре пешаш меистод.

— Мисоли Шерлок Холмс, - аз табассум худдорӣ карда натавонист Ҷамшед. Шумо ин гуна ҳунарро аз куҷо омӯхтед? — аз дунболи Ориф ба зинапояҳо боло шуда пурсид.

— Охир, ман қиморбоз будам. Дар қимор ҳар рӯз бо як чеҳра бозӣ карда наметавонӣ.

...Дар утоқи хилвату хомӯш ҷавон ҳама ҳодисаҳоро нақл карда, бастаро пеши Ориф монд. Ориф бастаро кушода, номаи Хадичаро бори дигар хонду ба Ҷамшед нигоҳи озмоишкоронае андохта, хитоб намуд:

— То лаҳзаи даркорӣ ту ба бозӣ ҳамроҳ намешавӣ. Туфангчаро ман бо худ мегирам, вале мекӯшам, то тире аз аз он ба синаи касе нарасад. Барои таҳдид кардан лозим аст ин туфангча. Акнун ба ман диктофони хубе ва каме пул лозим. Ба ғайри меҳмонхона ман боз як хонаи дигарро иҷора гирифтам. Ба наздикӣ шикори ман оғоз мегардад.

Ҷамшед ҳарфе назада, пулҳои Хадичаро рӯи миз гузошт. Ӯ аллакай одат карда буд, ки ҳар ҳарфи журналистро чун қонун қабул намояд.

— Аз 10 000 доллар ҳамагӣ 500 — тоаш нест.

Ориф бандчаи пулро гирифта, 2000 доллари дигарро пеши Ҷамшед монд.

— Хароҷоти чандвақтаи оилаатонро харида мон, Худо медонад, чӣ ҳодиса мешавад. Он духтари амакат, - Ориф кунҷковона ба ҷавон нигарист, - номаш чӣ буд?

— Фариштa, — каме сурх шуда, ҷавоб дод Ҷамшед.

— Ҳа, номаро ба Фариштa деҳ, руст кунад. Пагоҳ бегоҳи сеи Неъматулло аст, ду рӯз пеш аз оши ҳафт дар ҳамин ҷой вомехӯрем.

Ҳарду бархостанд. Ҷамшед ҳангоми хайрбод бечуръатона пурсид:

— Намешавад, ки ман ҳам дар қасосгирӣ иштирок кунам?

— Ҳоло иштирок мекунӣ. Дар амалиёти аввал зӯри худам мерасад. Декан марди тарсончак аст.

***

Дар қабулгоҳи декан танҳо котиба менишаст.

-Устод ҳастанд? — марди галстукдори хушсару либос бо табассум аз котиба суол кард.

— Ҳастанд, - ҷавоб дод котиба ва бо ҳавас ба ангуштарини калони тиллоии мард нигарист.

— Медонед... — мард дӯстона рӯяшро ба котиба наздик овард. Мо бо декан гуфтугӯи муҳим дорем. Имкон бошад, касе халал нарасонад. Хуб?

— Ман ба шумо ваъда карда наметавонам — бозарда посух дод котиба.

— Шумо ҳатто метавонед ба хӯрокхӯрӣ рафта, баъди як соат оед. Охир, вақти хӯрокхӯрист, - айёрона табассум кард мард. Гоҳ-гоҳ мо, тоҷирон, бояд ба қадри шумо барин нозанинҳо расем-дастаи пул пеши духтар афтиду абрӯвони гиреҳи вай кушода гаштанд.

— Фикри оқилона, - бархост котиба, фақат ба устод расонед.

— Албатта, албатта, — дари утоқи деканро кушода истода, гуфт мард.

...Декан чун одат бо меҳмони серкарруфар бо хушҳолӣ салому алейк карда, аз дил гузаронд: «Инашро бори аввал мебинам. Хеши

кӣ бошад?» — ва барои саргум назадан рӯйхати донишҷӯёни қарздорро наздиктар кашид.

— Хӯш, хизмат?, - ба меҳмон бодиққат нигарист декан ва чунинаш намуд, ки ин чеҳра сахт ошност барояш, аммо ҳеҷ ба ёд оварда наметавонист, ки дар куҷо дидааст.

Мард бошад, оромона, бе саросемагӣ ҷомадони дасташро кушода, туфангчаро берун кашид:

— Нашинохтӣ пирхар? Ё интизор набудӣ?

Гӯиё риштаи ҷони декан канда шуд. Галстуки тарангбаста буғиаш кард. Овози хаставу хирриаш базӯр шунида шуд.

— Ориф... Ман... бовар кун...-нафас дар гулӯяш печид.

— Вақти узргӯй нест. Ҳамаашро аз аввал то ба охир қисса кун. Он вақт шояд ман аз гуноҳат гузарам. Агар не, бо зиндагӣ хайрбод гӯй — бо туфангча аввал ба чаккаи декан фаровард Ориф. Баъд аз галстукаш гирифта, ӯро буғӣ кард, нафасгардонаш намуд. Мехост бикушад ӯро, то дунё боз аз як симои манфур халос гардад. Лаҳзаҳо мегузаштанд.

...Дастони декан ларзиданд. Дунё пеши назараш тоб хӯрд. Марг пеши дидагонаш буд. Ориф аз чойник чой рехта, ба зӯрӣ ба даҳони вай рехту галстукашро кушод. Пас калидро аз рӯи миз гирифта, дарро аз дарун маҳкам кард. Ҷомадони нимвозро ба декан наздик оварда, номаълум тугмаи сабти диктофони даруни онро пахш намуду нӯги туфангчаро ба пешонияш гузошт:

— Гап зан! Бо Хадича чӣ кор кардӣ?

Декан дигар илоҷе надошт ва бо овози ларзон шурӯъ намуд ба қисса.

...Аз муҳаббати ман бо Хадича огоҳӣ доштӣ. Пас аз он, ки ту аз шаҳр рафтӣ, иштиёқи дидори ӯ маро тарк намегуфт. Боре дар

ҳолати мастӣ ин суханҳоямро ба муфаттиши рафиқам гуфтам. Вай ваъда дод, ки ба ман кӯмак мерасонад. Рӯзи дигар ба ман занг зад:

— Як зани айёре ҳаст. Имрӯз ба шумо тилфон мекунад. Ҳар чизе, ки мегӯяд, иҷро кунед. Он гоҳ ба мурод хоҳед расид.

Пас аз чанд соат зан занг зад. Аввал дар бораи Хадича пурсид. Ҳар он чӣ медонистам, гуфтам.

— Ҳоло ӯ бекор ва ба пул мӯҳтоҷ аст? — суол дод зан.

— Бале, мувофиқи шунидам ҳамин хел, - гуфтам ман.

— Ӯро даъват кунед ва гӯед, ки аз мушкилоташ бохабареду барояш вазифаи кӯдакбониро дар оилаи сарватманде пайдо намудаед. Агар бовар накунад, бигзор ба ман занг занад. Баъд якҷоя ба хонаи ман биёед. Ин тарафи корро ман дуруст мекунам, - суроғаашро ба ман гуфта, хайрухуш кард зан.

... Хадича баъди шунидани он ки барояш кори хуб ёфтаам, бо кӯдакаш омад. Аз хурсандӣ надонист чӣ гӯяд. Гумон дошт, ки дӯстдории ман ҳаваси пиронае будаву бас! Ман ба зан занг задам.

— Баъди ним соат биёед, - шунидам ман аз он сӯи телефон.

Бо мошини ман ба хонаи зан рафтем. Хуш қабул кард. Зиёфат орост. Шароити корро ба Хадича фаҳмонд. Хадича наметавонист хурсандиашро пинҳон дорад. Зан дар рӯи як лаълӣ се қадаҳ “шампанский” овард. Як лаҳза барои ман аҷиб намуд: Охир, рӯи миз шишаи нокушодаи ин “шароби занона” меистод. Аммо сари ин чиз ҷиддӣ наандешидам. Хадича нӯшиданро рад кард.

— Фақат якто ба хотири ин рӯзу кори нав. Илтимос, хоҳиши маро рад накунед, — истодагарӣ кард зан.

Хадича маҷбур нӯшид. Бо илтиҷоҳои чандкаратаи зан то охир. Ман баъд дарёфтам, ки ҳама асрор сари он як қадаҳ будааст. Хадича тез маст шуд, чашмонаш хуморӣ шуданд, баланд-баланд механдид. Зан ба ман чашмакӣ зада, боз қадаҳҳоро пур кард. Вақте пас аз чанд

шиша масти лояқил шудам, зан ману Хадичаро сӯи ҳуҷраи хоб бурду ба гӯшам гуфт:

— Дар қадаҳи аввали вай доруи зӯри бедоркунанда буд. Бинед, чӣ хел шуд.

Он шабро ман хуб дар ёд надорам. Фақат чанд маротиба Хадича нимҳушёр шуда, хост аз ман раҳоӣ ёбад, аммо ман ҷисми урёни ӯро имкони раҳоӣ намедодам.

Субҳидам ҳангоме ман бедор шудам, Хадича набуд. Баъди дасту рӯй шустанам зан бо як ҷавони баландболову қавибозуе даромад. Муносибати зан ғайричашмдошт нисбати ман сарду писхандомез метофт. Ӯ кассетаи видеоии дар дасташ бударо ба видеомагнитофони гӯшаи хона, ки таҳи телевизори хориҷие меистод, монд.

— Маълим, комедия намебинӣ?, - бо ханда гуфт зан. Ин ханда ба дараҷае маро ҳушёр кард, ки ҳатто дарди сарамро фаромӯш кардам. Тамоми ҳодисаи шаб дар касета сабт шуда буд. Алалхусус лаҳзаҳоеро, ки ману Хадича дар ҷойгаҳ будем, хеле аз наздик сабт намудаанд.

— Гӯш кун!, - зан бо таҳдиди рӯирост ба ман нигарист. Ин занро фаромӯш мекунӣ, як. Ҳарчи ман супориш медиҳам, иҷро мекунӣ, ду. Кадом вақте пул лозим шавад, меорӣ, се. Фаҳмидӣ?

Он лаҳза ман мехостам занро буғӣ кунам, вале ҳаракати маро дида, ҷавон ончунон китфамро зер кард, ки гӯё дастам аз кор баромад.

...Рӯзи сиёҳи ман оғоз шуд. Аввал бо хатчаи ӯ бо баъзеҳо баҳо гирифта медодаму гумон мекардам, ки кори ман ҳамин қадар. Вале ҳамин ки ба Маскав, барои як семинар рафтанӣ шудам, зан ба ман тилфон кард:

— Хона биё!

Дар хонааш вай ба ман се кило ҳероинро супорид.

— Дар фурудгоҳи Маскав туро пешвоз мегиранд. Пулро бе каму кост оварда медиҳӣ.

Дар Маскав аз пули гуфтааш кам дода гуфтанд:

— Бораш тоза нест!

Маҷбур пули болоӣ монда, ба зан додам.

— Барои ман фарқ надорад, чӣ қадаре пул гуфта будам, ҳамон қадар медиҳӣ, - таҳдид кард зан. Ё мехоҳӣ, духтаракони ширинат дунбаи урёни оншабаатро тамошо кунанд?, - заҳрханд мезад ӯ.

Муфаттиш баъди он ҳодиса як бор ба ман занг зад:

— Маълим, чӣ хел? Гӯш кун: ун беваи ту худкушӣ кардааст. Медонӣ, ки гуноҳи туст? Хуб, агар донӣ, нағз. Пеш аз худкушӣ ба кадом газет мактуб навиштааст. Як мухбирчаи тирмизак бо номи Ҷамшед омадааст. Агар пешат равад, гӯй, ки Хадичаро умуман намешиносӣ, агар не корҳоят расво мешавад. Фаҳмо?, - бо дӯғу даранг хитоб кард вай ва гӯшаки тилфонро партофт...

***

Декан хомӯш монд. Ориф оҳе кашид, аммо зуд худро ба даст гирифта, диктофонро аз даруни ҷомадон бардошта, намоишкорона касетаро қафо гардонда, тугмаи онро пахш кард. Суханҳои декан ончунон тозаву рӯшан такрор шуданд, ки Ориф барои эҳтиёт овозро пасттар намуд.

— Ту барин худозадаи аблаҳро, то умр дорӣ, аҳмақ мекунанд. Ин бегоҳ нусхаи ин сабт ба муфаттиши ошноят мерасад. Баъд мазҳакаи воқеии зиндагии ту сар мешавад.

Ориф бархост ва деканро, ки бо ду даст мехост ӯро нигаҳ дорад, бо тамоми қувват бо лагад зад. Сари ӯро бардошта, рост ба қаъри чашмони аз даҳшат карахтшудааш нигарист:

— Ягона илоҷи ту худкушӣ аст, медонӣ?

Декан бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Баъд овози гирифтааш базӯр шунида шуд:

— Хоҳиши охирин, Ориф. Маро бубахш ва...то мошин маро бар...

Ориф заҳрханде зад. Рафт, дарро кушод ва ба сӯи котиба, ки нав ворид шуда буд, гуфт:

— Ҳоли устод бад аст. Зуд барои духтур равед.

Ҳамин ки котиба тозон бадар рафт, Ориф пас гашт ва деканро кашон-кашон бурд...

***

— Шунидед, декани факултаи журналистика бо мошинаш таҳи КАМАЗ-и ҳарбӣ мондааст, - марди ҳамсоя, ки ба худоии бегоҳи сеи Неъматулло дер омада буд, ба Ҷамшед рӯй овард.

— Не-е...-як ба худ ларзид ҷавон ва тез аз хона баромад, то ба Фариштa ин хабарро расонад.

***

— Ҳоҷат ба нақл нест, ин кассетаро гиру гӯш кун, мефаҳмӣ, — Ориф ду рӯз пеш аз оши ҳафти Неъматулло бе он, ки суоли Ҷамшедро интизор шавад, якбора ба он посух дод.

— Фақат ман ӯро то мошинаш бурдаму гуфтам, ки марги осон кадом аст. Ин нусхаи кассетаро ба Фариштa деҳ. Хазинабони мо ҳозир вай аст, - бо табассуми маънидорона гуфт Ориф.

Аммо Ҷамшед аллакай сари дигар чиз меандешид.

— Як чиз мепурсам, малол наояд. Шумо нӯшиданро бас кардед?

— Аз ҳамон рӯзе, ки ҳақиқати марги Хадичаро фаҳмидам, — бо овози паст гуфт Ориф ва якбора сари мақсад омад:

— Навбати муфаттиш. Он муфаттише, ки ту дидӣ, дар ёд дорӣ?

— Ҳоло ҳам гӯиё пеши назарам. Паканаи мурданӣ, биниашро гирӣ, ҷонаш мебарояд. Чашмонаш бозӣ мекунанд, бинидарози чашмкалон, тахминан 40 – 45, - сола.

— Ту бояд ӯро ба ман нишон диҳӣ. Рафтем, ман дар борааш маълумоти зиёд гирифтам, фақат бояд вайро бубинам.

***

Ҳангоме, ки Ориф дари мошини берақами сияҳшишаеро кушод, Ҷамшед бо ҳайрат уфтод:

— Ин аз куҷо?

— Харидам. Бовар мекунӣ, ҳамагӣ ба 200 доллар. Охир, на ҳуҷҷат дорад, на рақам.

Вақте дар роҳ корманди милиса бо ишорачӯб мошинро манъ кард, Ориф тирезаро кушода, тунд ба ӯ нигаристу дашном дод. Милиса аввал хост наздик ояд, баъд, чӣ фикре карду нигоҳи пурхашми ронандаро дида, ишора кард, ки равад.

— Қонуни ин шаҳр чунин шудааст, додарҷон. Хоҳӣ, ки нахӯранд, бояд хӯрӣ, хоҳӣ, ки накушанд, бояд кушӣ-мошинаро дуртар аз бинои прокуратураи ноҳия нигоҳ дошта гуфт Ориф.

Интизорӣ дер давом накард. Муфаттиши паканаро, ки мехост ба мошини нави хориҷие шинад, Ҷамшед зуд шинохт.

— Ана ҳамон!

Ориф аз дунболаи мошини ӯ мошин меронд. Ҳамин ки дар назди чароғак таваққуф карданд, вай дарро кушода, ба Ҷамшед хитоб кард:

— Ба ту ҷавоб! Ман бояд хонаи ин ҳаромиро аниқ кунам. Пагоҳ соати 12 дар назди меҳмонхона вомехӯрем.

Ориф лаҳзае мисоли касе, ки ҳарфи асосиро фаромӯш кардааст, чашмонашро нимпӯш карда, сари кадом мавзӯе андеша намуд. Табассуми пурмуаммое гирди лабонаш шукуфт.

— Ҷамшед, пагоҳ саратро тоза тарошӣ, чӣ хел мешавад?

— Чаро?- ҷавон мақсади ӯро эҳсос накард.

— Соати 11 ба сартарошхона даро ва мӯйҳоятро ранг кун. Беҳтараш, ранги зард. Баъди дидор бо муфаттиш мӯи саратро тоза тарош. Охир, ӯ туро мешиносад.

— Аҳҳа!— Ҷамшед аёне ханда зад. — Майлаш, ҳарчанд нафаси тирамоҳ меояд...

***

Соати 12-и рӯзи дигар Ориф Ҷамшедро дида, аз ханда худдорӣ карда натавонист.

— Бовар кун, мӯи зард ба ту мезебад. Фақат бояд абрувонатро ҳам ранг мекардӣ!

— Баъд абрувонамро ҳам тарошам?-гуфт ҷавон ва ҳарду баробар хандиданд.

... Дар назди факултаи ҳуқуқшиносӣ мошинро манъ карда, Ориф нақшаи амалиётро фаҳмонд:

— Ман дар бораи духтари муфаттиш маълумоти зиёде ҷамъ кардам. Ҳамин замон аз дарс мебарояд. Мо бояд ӯро гаравгон бигирем. Муфаттиш духтарашро сахт дӯст медорад, аз ин хотир бо гирифтани духтар як “козырь” дар дасти мо мешавад.

Ҳанӯз Ҷамшед посухе надода, Ориф ба даромадгоҳи факулта нигарист ва лаҳзае саросема шуда, галстукашро ба тартиб оварда, аз оинаи мошин ба чеҳрааш бори дигар чашм дӯхту аз мошин берун шуд.

Духтар танҳо меомад. Баръакси падараш қомати баланд дошт ва чашмони калони осмониаш бо чеҳраи сафеду пурраш мувофиқ уфтода буд. Хаёлзадаву парешон менамуду мӯйҳои кӯтоҳашро бо ким-чӣ хел хашми дарунӣ панҷа мезад. Ҳамин ки наздик омад, Ориф бо оҳанги орому табиӣ хитоб кард:

— Зулфия, салому алайкум! Маро устод равон карданд, то туро ба хона барам. Вазъияти шаҳрро худат медонӣ. Ва бе он, ки ҷавоби ӯро мунтазир шавад, дари қафои мошинро кушод. Духтар ба назди мошин омада, лаҳзае бо нигоҳи парешон ба мард нигарист, аммо якбора Ориф аз банди дастони вай дошт ва бо оҳанги дағалона ба даруни нишастгоҳи қафо тела кард.

— Бишин ва фикри хоми гурехтанро аз сар дур кун!

Зулфия ба худ наомада, Ориф сари чанбар нишаст ва аз оинаи пеши мошин ба ӯ нигоҳ карда, туфангчаро аз ҷайб бароварда:

— Ман падари туро намешиносам. Вале вай аз ман чанд ҷони одамӣ қарздор аст. Ту аз ҳамин лаҳза гаравгон ҳастиву ҳар гуфтаи ман бароят фармон. Як ҳаракати ноҷо ва... шояд дигар он шоири бечораро ҳам набинӣ. Фаҳмо?

Ғайричашмдошт духтар ончунон бо овози орому берӯҳ ҳарф зад, ки Ҷамшед ба худ ларзид.

— Шумо ба номуси ман таҷовуз мекунед ва дар кадом вайронае кушта мепартоед. Ё аз падарам пул мепурсед ё кадом қотиле мисли шумо ба дасти ӯ афтодааст. Ман хато накардаам?

Ориф писханде зад ва пас гашта, бо панҷаҳои аз ғазаб ларзида истодааш гулӯи сафеди духтарро фишурд.

— Гӯш кун, морзода! Падарҷони ту хоҳару зани маро куштааст. Бе ягон гуноҳ. Ва пеш аз куштан номуси онҳоро ба бозор баровардааст. Ман ба вай мехоҳам фаҳмонам, ки дар ин лаҳза дили инсон дард мекунад, дард. Фаҳмидӣ?- калимаи охирро баланду шиддатнок

талаффуз кардаву духтарро раҳо сохт Ориф. Мошин якбора бо суръати баланд ба пеш ҳаракат кард, вале Зулфия боз бо ҳамон овози ором андешаашро баён намуд.

— Падари ман дар ин фоҷиаҳое, ки гуфтӣ, даст надорад. Ба ӯ тӯҳмат кардаанд. Медонӣ, вай чӣ қадар поквиҷдон аст?-чун Зулфия аз ҳарду ҳам посухе нагирифт, афзуд:

— Маълум мешавад, ки ту гуфтугӯ, аниқтараш, ҷанҷоли ману падарамро дар мавриди ояндаи ман ин субҳ дар назди мошини вай шунидаӣ. Ҳа, ин саҳар мо бо овози баланд ҳарф мезадем. Падар ҷонибдори хушбахт шудани ман аст. Медонад он шоире, ки ман дӯст медорам, дар рӯзгори имрӯз нони худашро намеёбад... аз дилсӯзиву меҳр мегӯяд падарам, охир, маро духтари меҳрубонтаринаш меҳисобад ва ҳам давомдиҳандаи фаъолияташ.

— Бас кун!, — ғазаболуд мошинро дар назди бинои прокуратура нигоҳ дошт Ориф ва бо қатъият ҳарфашро давом дод:

— Ҳамин ки падарат барои хӯрокхӯрӣ берун омаду аз назди мошин гузаро шуд, аз оина ӯро ҷеғ мезанӣ. Агар ё ту ё падарат ҳаракати гурехтан намоед, гиларо аз худ кунед.

Муддате нагузашта, муфаттиши шинос пайдо шуд. Аммо ӯ бо чанд ҳамкораш берун омада буданд ва байни ҳам баҳс мекарданд. Соате сипарӣ шуд, вале баҳси онҳо поён намеёфт. Ориф безобита шуда, ба таваккал даст зад.

— Берун баро ва падаратро фарёд кун.Ҳамин ки наз- дик омад, боз ба мошин нишин. Агар ишорае ё ҳаракате мекунӣ, аввал падарат, баъд худи ту... — гуфт вай ба Зулфия ва туфангчаро аз нав ба даст гирифт.

Духтар ҳарфе назада, берун шуд. Аз ҳавои берун чуқур нафас кашид. Қадаме пеш гузошту Ориф беқарор гардид. Ниҳоят овози Зулфия баланд шуд:

— Дада!

Муфаттиш як қад парида, сӯи овоз нигарист. Духтар дигар чизе нагуфту муфаттиши ҳайратзада шитобон наз- дик омад. Зулфия бозпас ба кабина даромад. Ориф дари пешро ба муфаттиш боз намуда, бо овози баланду фармонфармоёна гуфт:

— Аз дари пеш шинед!

Муфаттиш, ки мехост ба духтараш ҳарф занад, лаҳзае дудила шуд, вале баъд нишаст назди Ориф.

— Акнун, ба ҳамкоронат гӯй ки баъди ним соат меоӣ- бо туфангча ба зонуи муфаттиш хала зад мард. Муфаттиш саргум монд, аммо аз оинаи пеши мошин паҳлӯи духтараш боз як шахси дигарро дида, сӯи ҳамкорон, ки кунҷковона ба ин манзара менигаристанд, гуфт:

— Ман баъди ним соат меоям!

Мошин бо суръати тез аз шаҳр берун шуд. Шаҳр пушти сар монда, талу теппаҳо оғоз гардиданд. Мошин тоб хӯрда, тоб хӯрда дар оғӯши дарае, дар хилватгоҳи миёни теппаҳо қарор гирифт.

— Фароед!-фармон дод журналист. Ҳама берун омаданд аз мошин. Ҷамшед эҳтиёткорона аз пушти сари муфаттиш диккак нишаст. Духтар паҳлӯи падараш рӯи санге нишаст. Ориф пешорӯи муфаттиш дар даст туфангча рост истод ва ҳарфзаниаш аввал пасту ором, баъд рафта-рафта баланду қатъӣ сукути дараи хомӯшро шикаст.

— Манам Ориф, шавҳари Хадича! Журналисте, ки сабабгори бадбахтиаш ту ҳастӣ.

Чеҳраи муфаттиш як лаҳза ба мармари сафеди рӯи гӯрхонаҳо монанд шуд. Хаёле кӯшиш кард бархезад, аммо гӯё бори осмон ба китфаш афтида буду каме беэҳтиётӣ метавонист ин борро нагунсор созад, ё шояд мили туфангча водараш мекард, масъулияти бардоштани борро эҳсос намояд. Аз ин рӯ хомӯшу оҷиз монд...

Духтарак бошад, бо шунидани калимаи “Ориф”, “журналист” чеҳрааш равшан гардид, чунин менамуд, ки баъди чандин маротиба ноумед гардидан аз кӯшиши бебарори супоридани имтиҳони омӯзгори сахтгире ғайричашмдошт сазовори лутфи ӯ гашта, баҳои аъло мегирад.

— Наход ҳамон Орифи Ҳабиб, мухбири “Гулбонг” дар Гагарин, ки ҳамеша сарпанҷа бо вазирону амалдорон мезад, Шумо бошед? Охир, ман қариб ҳама навиштаи шуморо хондаам...

Ориф як каме суст шуд. Табиист, таърифу ситоишро зиёд шунида буд, вале баъди муддати зиёде, ки зиндагиву қисмат ба ҷуз нафрату мусибат чизи дигареро лоиқаш надонист, мавриди арҷгузории духтари рақибаш гардиданро чашмдор набуд. Ёдаш омад, ки бо як номаи пурмеҳр аз хонандаи рӯзнома чӣ гуна рӯҳ мегирифт, аз нав зинда мешуд, қалбаш лабрези ишқ ба зиндагӣ мегардид. Аммо имрӯз бояд аз чизи дигар мегуфт.

— Бале, манам оне, ки шӯҳрataш аз худашу аз эҷодаш пештар медавид. Ман бо кисаи холиву сари пурғурур қалами дастамро мусибатнависи мардум карда будам. Аз нӯги хомаи ман боре ҳам ҳарфи ситоиши касе рӯи варақ нарехтааст. Ман наметавонистам пеши варақи сафед дурӯғ гӯям, дурӯғ нависам. Одат надоштам аз буте Худо тарошам, қурбоққаро ҳампои уқоб ҳисобам. Ба ин сабаб буд, ки дурӯғгӯёну қурбоққаҳои бечора мисли падари ту, зиндагиамро талх карданд. Аз мусибати ман барои хеш базм оростанд. Ё ман дурӯғ мегӯям?— Ориф тунду ғазаболуд ба муфаттиш нигарист. Муфаттиш, ки сари хурдакаки каммӯяшро байни дастонаш гирифта, бо сукути талхе ҳарфи журналистро гӯш мекард, баъди эҳсоси ба сӯяш нигарон шудани чанд нигоҳ аввал як қад парид. Баъд якбора худро ба даст гирифта, бо заҳрханди талх гуфт:

— Аҷаб саҳнаи аҷибе, монанд ба филмҳои ҳиндӣ сохтӣ, Ориф. Бадбахтии шумо, хаёлпарастону савдозадагон аст, ки имон ба сухан доред. Барои зистан бояд имон ба қудрат биёред. Он гоҳ метавонед ба коре ноил гардед. Гумон дорӣ, ки аз ин ҳарфҳои шоиронаи ту дили ман ба дард омад? Хаёли хом, Ориф. Аҷаб содалавҳона меандешӣ.

Диктофон дар дасти Ҷамшед, ки аз пушти сари падару духтар-рӯ ба рӯи Ориф ҳар як суханро сабт мекард, ларзид. Медонист, ки журналист ҳамин лаҳза аз худ берун мешавад. Ва ҳамин тавр ҳам шуд, Ориф девонавор чанг ба дастони Зулфия заду ӯро бо як силтав аз ҷо бархезонда, пешорӯи падараш овард. Бе он, ки чизе гӯяд, панҷа ба гиребони духтар афканду куртаи нозуки вайро дарронд. Ҷисми сафеди Зулфия пеши падар урён шуду фиғони талхаш панҷа ба сангҳои беҳиси дара заданд.

— Не, ту ин корро намекунӣ-ларзид овози муфаттишу хост худро байни духтарашу журналист партояд. Аммо зарбаи Ориф ба шиками ӯ ончунон сахт буд, ки парида пеши пои Ҷамшед афтид. Лек осемасар бархест ва пиҷҷаки танашро кашида, сӯи духтараш партофту ғазаболуд мушт ба ҳаво бардошт:

— Ту бо қонун бозӣ накун! Дар ҳабсхона мепӯсӣ, мефаҳмӣ...

Ва чун дид, ки бо шунидани калимаи “қонун” заҳрханде гирди лабони Ориф пайдо шуд, оҷизона илова кард:

— Аз худо битарс Ориф...

Баъди шунидани сухани охирини муфаттиш журналист гуиё девона гашт. Пиҷҷакро аз дасти духтар кашида, сӯе партофт, синабанди хурди ӯро канда, тарафи муфаттиш қадам зад. Чашмонаш хун гирифтаву ҳарфзаниаш берабту канда-канда берун меомад.

— Қонун... қонун мегӯӣ? Чӣ гуна қонун? Қонуне, ки фақат туро ҳимоя мекунад? Қонуне, ки ҷабраш ба сари ман асту адолаташ

насиби ту? Қонунро фақат вақте ба ёд меоред, ки касеро бояд шинонед, шиканед, хонавайрон кунед, шарманда созед? Чаро ин қонуни кӯр Хадичаи кӯдак ба даст мондаро, хоҳари сарсахти маро, пиразани танҳои русро, Неъматуллои адолатхоҳро ҳимоя накард? Чаро?

Худо мегӯй... Ту Худо мегӯй... Чаро ту аз Худо натарсидӣ? Чаро туе, ки хуни ин қадар мардуми бегуноҳ дар гарданат аст, ба ғазаби Худо гирифтор намешавӣ? Чаро лавҳи сиёҳи қисматро ба дасти қонуну тақдир фақат ба пешонаи оҷизон менависед? Чаро?

Мегӯй, ки ман аз зӯри қудрат бехабарам? Не, ман бо гург гургона гап мезанам... Ман духтарҷони туро бурда, моли бозор мекунам. Духтарҷони ту таҳи ҷисми шаҳватпарастон... аз зӯри дард... ҷон меканад. Дар меъдааш мисли Хадича ҳероин мекашонад. Мефаҳмӣ? Медонӣ ҷисми духтари ширинатро аз куҷо ёбӣ?, — якбора шиддати ҳарфзании Ориф паст шуду ҳуҷҷати сурхеро аз кисаи пеши куртааш бароварда, таҳи манаҳи муфаттиш овард. Баробари дидани имзои қумондоне дар поини ҳуҷҷат чашмони муфаттиш сиёҳ заданд. Ӯ медонист, мешинохт ин қумондонро.

Медонист, ки ба ӯ боре таҳдид карда буд:

— Агар кори ман расво шавад, бо духтарҷонат “страховка” мекунем.

Дигар илоҷе барои муфаттиш намонда буд. Зулфия мисли ақлгумкарда, бо пораи даридаи пироҳанаш синаи наврустаашро ниҳон мекарду ба ин саҳна чун ба хоби даҳшатнок менигарист.

Ин мардум падарашро ба марги чор нафар гунаҳкор медонанд. Падареро, ки ӯ чун фариштае медонист. Фариштаи бегуноҳ. Ин журналисте, ки боре диданашро чанд соле пеш ҳар духтари рӯзномахони Гагарин орзу мекард, мехоҳад ба номуси вай таҷовуз кунад. Журналисте. ки ҳамеша барои адолату ҳақиқат талош менамуд, ин лаҳза рӯи ҳама гуфтаҳояш, сӯхтанҳояш пой

гузоштанист. Чӣ бояд кард?Зулфия ноумедона ба падараш нигарист. Ин нигоҳи навмедона гӯё муфаттишро кушт.

— Чӣ мехоҳӣ, Ориф?

— Қисса кун,чӣ бадбахтиҳо ба сари Хадича овардӣ, қисса кун.

— Духтари маро ҷавоб медиҳӣ?

— Ба ҳамон шарте, ки дурӯғ нагӯӣ.

— Не, дигар ҳоҷати руст кардан нест, зеро ту тақрибан ҳама ҳодисаро медонӣ, ба ҷуз як далел. Як далеле, ки ҳама заҳмати туро барои муайян кардани гунаҳкори асосии марги чор нафар барбод медиҳад. Зеро дасти тақдиру ҳокимони давр ба гиребони бозингари асосии бозиҳои ин шаҳр намерасад. Ту ӯро зиёд шунидаӣ... Наим Салимҷоновро кӣ намешиносад...

Ҳини ба забон овардани ин ном сари муфаттиш хам буд. Аз ин рӯ надид, ки чӣ гуна дастони Ориф бемадорона поён шуданд, чеҳраашро пардаи навмедӣ пахш кард, оҷизона даст ба чаккааш бурд. Вале аз нигоҳи Ҷамшед, ки вайро ҳам бо шунидани ин ном раъша дар андомаш афтид, ин ҳолат пинҳон намонд. Ин ном барои мардум ҳаммаънои Қудрат, Сарват, Даҳшат буд. Сарватмандии Салимҷоновро он қадар тарғиб мекарданд, ки буҷаи шаҳр пеши ҳамёни ӯ чашма назди баҳр метофт. Касе ҷуръат надошт Наимро бад гӯяд, зеро ҳама аз вай истифода мебурданд: гоҳе Салимҷонов сарпарасти сағирхонае мешуду гоҳе мактаберо ба шефӣ мегирифт, гоҳа қатли шахси маъруферо дар сӯҳбатҳои гӯшакӣ ба ӯ нисбат медоданд, гоҳҳо тоннаҳои ба ғорат рафтаи пахтаро.

Ориф дар айни авҷи шӯҳрати журналистиаш бо далели порахӯрӣ боре Салимҷоновро мағлуб карданӣ шуд. Сардабири онвақтаи рӯзнома, ки ҷасорату “дасти дароз” дошт, далелҳои ҷамъкардаи Орифро бодиққат омӯхта, мақоларо бо имзои мустаор ба чоп дод. Он вақт Наим дар марказ вазоратхонаи серпулеро сарварӣ мекард.

Баробари чоп шудани мақола шахсони номаълум як қисми рӯзномаро дар чопхона оташ заданд. Қисми зиёди рӯзномаи ба фурӯш баромадаро бошад, шахсони мошинсавор аз дӯконҳо яклухт харида бурданд. Вале он вақт нашрия зиёд нашр мешуд ва қонунфиребиҳои Салимҷонов аз забон ба забон мегузашт. Барои рӯзнома рӯзи сиёҳ оғоз шуд. Зангҳои тилфонӣ, комиссияҳои тафтишотӣ аз “боло” сардабири оқилро ҳам бесаришта намуд. Ӯ Орифро таъҷилан назди худ хонд:

— Агар донанд, ки мақоларо ту навиштай, яқин тӯҳматчӣ хонда, ба маҳбас мепартоянд. Ман муаллифии мақоларо ба гардани худ мегирам, ба ҳар ҳол ман хешовандони “бақувват” дорам. Ҳарчанд аниқ аст, ки маро аз кор мегиранд.

Сардабир дарро аз болояш маҳкам карда, дастнависи мақола, далелу арқоми ҷамъшударо рӯйбардор намуд. Аҷиб буд, ки комиссияи аз боло омада, ҳарчанд дар бораи кӣ будани муаллиф “таҳи коса нимкоса буданаш”- ро ҳис намуд, вале ба он аҳамият надод. Маҷлис дурудароз давом кард ва ниҳоят намояндаи боло пешниҳод сохт, ки барои сӯиистифода аз вазифа сардабир аз кор гирифта шавад. Пешниҳод дастгирӣ шуду аҳли маҷлис аз утоқи сардабир берун шуданд. Ана дар ҳамин лаҳза Салимҷонов — марди каллакалони чашмтанг, сигор зери лаб ба утоқ даромад. Вай танҳо ба роҳбари комиссия бо сарҷунбонӣ салом дод ва гӯиё дигар касе вуҷуд надошта бошад, рост назди Ориф омад. Дар чашмони тангаш оташи ғазаб медурахшиду овозаш мисли шахси моргазида дарднок буд:

— Хайр, навиштӣ, чӣ гирифтӣ? Аблаҳ! — зери лаб гуфту пас гашт ва рамуздорона, бо овози баланд илова кард:

— Ҳоло вомехӯрем, Орифи Ҳабиб...

— Раис, муаллифи мақола ман ҳастам, на ӯ, - бозарда садо баланд кард сардабир.

Аммо Салимҷонов дар посух бо писханд сӯи ӯ нигаристу даст афшонд ва рафт.

Танҳо бо фишорҳои сардабири собиқ тавассути баъзе одамони “боло”, пуштибонии сардабири нав, ки намехост журналисти хуберо аз даст бидиҳад, Ориф боз дар рӯзнома кор кард...

Ин лаҳзаҳои гузашта дар дунёи андешаҳои саргуми Ориф эҳё гардида, ҳарфзании муфаттиш ба гӯшаш гӯё аз дуриҳои дур меомад...

...Вақте ман ба ин шаҳр кор омадам, қашшоқу нодор будам. Моҳонаам ба пули иҷораву нони хона базӯр мерасид. Таънаю писханди хешони давлатманди занам “болои мурда сад чӯб”-ро мемонд. Муфлисию камбағалӣ давоми даҳ соли аввали кор маро тез пир кард, аммо ҳамеша умеде дар дил доштам, ки рӯзе “дар кӯчаи мо ҳам ид мешавад”. Ҳамкоронам гоҳо ба ҳақталошию адолаткобии ман бо писханд нигариста, ҳамеша мегуфтанд, ки бо ин гуна андешаҳоям ҳаргиз нони равғаниро нахоҳам дид. Ин андешаҳои эшон маро дар роҳи пешгирифтаам дудила мекард ва оҳиста-оҳиста ба ҷустуҷӯи “нони равғанин” машғул шудам. Сардори шӯъба аз тағирёбии ман хурсанд буд. Чун тӯҳфа рӯзе парвандаи ҷиноятиеро ба дастам дод:

— Агар зиёдтар кандӣ, ҳаққи акаатро фаромӯш накун!

Ин парвандаи ҷиноӣ доир ба фаъолияти савдогарзане бо исми Назокат буд.

Ӯро барои пурсуҷӯй даъват кардам. Молҳои арзонро гирифта, бо нархи дучанд мефурӯхт. Он замон, дар давраи Шӯравӣ савдогарӣ ҷиноят ҳисобида мешуд. Парвандаи ҷиноӣ ба охир мерасиду ҳеҷ фаҳмида наметавонистам, ки сардор сари кадом пул ҳарф задааст, зеро баъди ду рӯз ман тафтишро ба охир расонида, бояд парвандаро ба суд равон мекардам. Як рӯз пас занги тилфонӣ, ки қисматсози фардои ман гардид, дар утоқ танинандоз гардид. Ин Наим

Салимҷонов буд! Ӯ гарм аҳволпурсӣ карда, маро ба меҳмонӣ даъват кард. Даъвати чунин шахси воломақомро кӣ рад мекунад? Рафтам. Зиёфати пурдабдаба, нӯшонӯшӣ. Дар ин зиёфат Назокат ҳам ҳузур дошт. Он вақт ӯ зани таннозу ишвагаре буд. Салимҷонов серкориашро баҳона карда, бо ман ду рӯз пас дар тарабхонае мулоқот тайин намуд. Ҳангоми хайрухуш бандчаи пулро ба ҷайби ман андохта, бо табассуми айёрона гуфт:

— Ҳаққи акаатонро фаромӯш накунед!

Ман бо Назокат танҳо мондем. Он шаб чӣ воқеа шуд, ёд надорам. Фақат дами субҳ худро дар ҷойхоби зан дидам. Ҳарчанд пушаймонӣ азоб медод, вале бандчаи пул ким-чӣ хел диламро гармӣ мебахшид. Пулро ҳисоб кардам, баробари моҳонаи яксолаам буд. Қисмеро ба сардор додам. Хандиду бозгардонида гуфт:

— Ман туро санҷидам, додар! Шикори аввал ҳаққи худат! Минбаъд якҷоя кор мекунем.

Парвандаи ҷиноятии Назокат бо баҳонаи набудани шоҳидон хобонда шуд. Вақте дар тарабхона ин хабарро ба Салимҷонов расонидам, ӯ баланд хандиду ризомандона ба китфам зад. Он рӯз баъди сӯҳбати дурудароз ман тақдири ояндаамро ба дасти Салимҷонов супоридам. Бо кӯмаки вай барои ҳар хизмат ҳаққи худро мерӯёнидам. Чанд хона, чанд мошин харидам. Хешовандони занам акнун назди ман даст пеши бар буданд. Дере нагузашта, ман сардори шӯъба шудаму сардор ба прокуратураи шаҳр хӯҷаин шуд. Вай ҳам аз Салимҷонов мехӯрд, ҳатто хешутабор буданд. Ман дар ин гурӯҳ баъди Наиму сардор шахси сеюм ҳастам. Назокат танҳо бо супориши ман амал мекард.

Масъалаи Хадича ногаҳон пайдо гардид. Деканро бояд лаҷом мезадем. Вай Хадичаро дӯст медошт, мо аз ин истифода бурдем. Хадича ҳам аз тарси шарманда шудан ва аз тарси ҷони фарзанд ба доми мо афтод. Бо ӯ вақте ошно шудам, ки ӯро дар ҳузури

Салимҷонов дидам. Ҳис менамудам, ки Наим торафт бо гуфтаи Хадича амал мекунад. Занро эрка карда буд. Ва Хадича “майдон — и Назокатро танг мекард. Ҳарфи ӯ назди Салимҷонов аз ману Назокат дида, бештар қурб дошт. Наим медонист, ки Хадича зани ту аст, аммо ба Назокат не, ба вай бештар пул медод. Торафт ин зани зебо ба рақиби пурқудрате барои мо бадал мегардид. Мо нақшаи марги хоҳари туро кашидем ва гумон доштем ин марг Хадичаро метарсонад. Вале баъди марги хоҳаршӯяш Хадича боз сахттар аз мо қасос мегирифт. Ниҳоят Салимҷонов якмоҳа ба хориҷа рафту фурсати қасос расид. Хадичаро маҷбур кардем, то ба Русия ҳероин барад, аммо чӣ хел ки ба даст намеафтид. Баробари бозгашти шеф аз хориҷа пули бори охиринро бо баҳонаи “кашида гирифтанд” надод. Гарчи бор кам буд, лек барои сиёҳ кардани Хадича назди Салимҷонов кифоягӣ мекард. Ғайричашмдошт Наим гуноҳи ӯро ба эътибор нагирифт. Баръакс, моро истинтоқ кард, ки чаро вайро барои ҳероинфурӯшӣ истифода бурдем. Мо маҷбур шудем дурӯғ гӯем:

— Хадича худаш хоҳиш кард. Касе ӯро маҷбур накардааст.

Барои он, ки асли воқеа нуҳуфта монад, бо фармони прокурори шаҳр шербачаҳо Хадичаро нобуд намуданд.

Хабари марги вайро ман худкушӣ қаламдод сохтаму Салимҷонов бовар кард. Агар аз асли воқеа хабар меёфт, зиндагӣ барои ҳамаи мо тамом мешуд.

Мо ниҳоят хурсанд будем!

Салимҷонов акнун танҳо ба мо гӯш мекард. Вале ногаҳон он журналисти ҷавон Ҷамшед пайдо шуд. Аз ӯ фаҳмидам, ки шахси дигаре-пиразани рус низ аз асли воқеа хабар дорад. Ба сардор занг задам. Пиразанро ҳангоми аз зинапоя фаромадан Назокат сахт тела дод. Сараш ба семент бархӯрду осон ҷон дод.

— Неъматулло чӣ? — бетоқатона пурсид Ориф.

— Неъматулло чизеро намедонист. Аммо барои чӣ бошад, ки ӯ ба як масъалаи барои шеф хавфнок — куҷо шудани фарзанди Хадича бисёр таваҷҷӯҳ кард...

— Нагӯй! Бигзор он тифл куҷое бошад, ман набинам, - фарёд кашид Ориф.

— Ин кори Неъматулло Салимҷоновро хавотир намуду бо супориши вай “Тигр” ... бардошт Неъматуллоро...

Хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Зулфия мисли шахси девона ба падар менигарист. Пораи либос аз дасташ афтидаву урён пеши падар меистод. Ногаҳ бархост ва сӯи падар омад:

— Наход...ман духтари қотил... Қотили фурӯхташуда...

— Духтарам, — муфаттиш хост чизе гӯяд, вале Зулфия якбора кафид:

— Не-не... духтар нагӯ... ман падар надорам...-ва якбора дод гуфта гирист...

Ориф, ки ба ин манзара бо эҳсоси ваҷдомезе менигарист, диктофонро аз дасти Ҷамшед гирифта, рӯй ба муфаттиш овард:

— Медонӣ, ки ҳама қиссаи ту сабт шуд? Медонӣ, ки Салимҷонов хиёнаткорро намебахшад? Медонӣ, декан пас аз нақли ҳодиса чӣ роҳи оқилонаеро пеш гирифт? Медонӣ, ки дигар зану фарзанд, мансабу пул надорӣ? Медонӣ?, — ва Ориф бо овози баланду даҳшатнок чунон хандид, ки муфаттиш бо ду даст гӯшҳояшро маҳкам кард.

— Гӯш кун!— Ориф ногаҳон хандаашро қатъ карда, ба муфаттиш нигарист.

— Духтарат бо мо меравад. Агар хабари марги ту ба мо нарасад... худ медонӣ, ба сари ин бечора чӣ рӯз меояд... Ҳоло ман туро то ҷои корат мебарам, дар он ҷой воситаҳои марги сабук зиёд аст.

Ҳар чор бархестанду ба мошин нишастанд...

***

Дилгаҳи шаб.

Дар бинои прокуратураи ноҳияи Сафарови шаҳри Гагарин фақат чароғи як утоқ рӯшан буд. Баробари шунидани садои баланду ваҳмангези тир, ки аз ин утоқ бархост, аз мошине, ки дуртар аз шӯъба меистод, марде фаромада, аз оинаи тиреза ба утоқ нигарист ва бозпас ба мошин нишаст. Мошин ба ҳаракат даромаду баъди тай задани чанд кӯча назди ҳавлие истод. Духтараке аз он поин шуда сӯи ҳавлӣ рафт. Мошин бошад, бо суръати баланд роҳашро давом дод.

***

— Ҷамшед, агар одамони Салимҷонов аз фаъолияти мо бӯй бурда бошанд, пас рӯзи бисти амакатро интизор мешаванд. Мо бояд то рӯзи бист корамонро анҷом диҳем. Он ҳуҷҷати қалбакии аз муҳофизи як қумондон харидаам ҳам, дигар кор намеояд... Масъалаи душворе, ки бояд ҳал кунем, ёфтани Назокат аст. Бадбахтона, мо суроғаи ӯро аз декан ё муфаттиш нагирифтем. Дар ҳолати ёфтани суроғааш ҳам, мо ба ӯ наздик шуда наметавонем. То пагоҳ фикр кун, шояд илоҷе ёбӣ. Суханони муфаттишро ман нусхабардорӣ мекунаму баъд касетаро ба ту медиҳам. Воқеан як навигарии дигар...- чароғи даруни мошинро рӯшан кард Ориф ва хастаҳол суханашро давом дод:

— Ман ҳамаи ин ҳодисаро дар шакли қисса навишта истодаам, рӯзе лозим мешавад. Пагоҳ мехонӣ. Ҳоло рав, истироҳат кун.

***

Рӯзи дигар Ҷамшед аз вақти муқарраршуда тез омад. Чеҳрааш шукуфон буд. Баробари ҳолпурсӣ Ориф сабаби хурсандии ҷавонро дарёфт:

— Ягон роҳи аҷибе барои ёфтану рафтан ба назди Назокат пайдо кардӣ?

Ҷавон бо аломати тасдиқ сар ҷунбонду Ориф табассум кард:

— Ман ҳам хушхабар дорам. Муфаттиш кори ҳамаро осон кард. Ӯ ба марги хеш барвақт тайёрӣ дидааст. Аз рӯи мизаш хатчаашро ёфтанд:

“Чун ман фаҳмидам, ки гирифтори бемории саратон ҳастам, зиндагӣ бароям бемаъно буд. Ин бегоҳ нишонаҳои аввалини бемориамро эҳсос кардам. Ман дурудароз азоб кашида мурдан намехоҳам”.

Ва дар паҳлӯи нома як даста хулосаи духтурон дар мавриди гирифтори ин беморӣ буданаш. Ин ҳуҷҷатҳо, бовар дорам, қалбакианд. Муфаттиш чун шахси содиқи Салимҷонов ба худкушӣ ҳамеша тайёрӣ медидааст.

Ҷамшед нақшаашро пешкаш намуд:

— Шумо ёд доред, ҳангоми қиссаи сафари Русия гуфтед, ки қиморбозу рафиқаш бо Хадичаву хоҳаратон маҳз дар ҳамин меҳмонхонаи “Лоҷвард” вохӯрдаанд. Аз ин чунин бармеояд, ки соҳибони меҳмонхона бо Назокат алоқа доранд. Зеро соҳиби асосии фоҳишахонаҳои шаҳр вай аст. Бояд ба онҳо муроҷиат кунем.

— Чӣ гуна?

— Акси Хадичаро нишон медиҳем. Мегӯем, ки ин духтарон лозим. Ба андешаи ман “клиент”-ҳои “Лоҷвард” танҳо “духтарон”-и Назокат ҳастанд.

— Нақшаи ту бад нест, санҷида дидан лозим. Аммо танҳо ба сардори меҳмонхона бояд муроҷиат кард, чунки навбатдорони меҳмонхона, мумкин, дар ёд доранд, ки ман як ҳафта боз дар ин меҳмонхона зиндагӣ дорам.

***

— Ҳм... Кай бо онҳо вохӯрда будед?- сардори меҳмонхона суратҳоро сӯе тела карда, синчакорона ба мусоҳибонаш нигарист.

Ҷавоби Ҷамшед тайёр буд:

— Шаш моҳ пеш. Ҳангоми аз Маскав ба пойтахт рафтан дар “Лоҷвард” истода будем.

Ҷамшед чун дид, ки суолу ҷавоб тӯл хоҳад кашид, 50 -долларои наверо сӯи мард тела кард.

— Ака, мо дар Русия қиморбозӣ мекунем. Аз ин хотир, беташвиш бошед. Фақат ҳамин духтарҳоро ёфта диҳед, шуд.

Бо дидани пул чеҳраи сардори меҳмонхона тағйир хӯрд, муносибаташ дӯстона шуд.

— Афсӯс... Ба фикрам, ин париҳоро ёфтан маҳол. Бо кадом ҳодисаи нохуше дучор шудаанд. Вале, агар хоҳед, аз онҳо беҳтарашро меёбем, — ва ӯ тилфонро пеш кашида, рақам чид.

— Ало!Апашка, чӣ хел? Тану ҷон дуруст бошад, шуд. Ҳа, шумо бало! Бӯяшро фаҳмидед- а? Ду нафар, “клиент”-ҳои доимӣ. Мегӯянд, интихоб мекунем. Ҳа, аз байни ҳамаашон. Медонанд, медонанд. Нархи арзиши хизмати шуморо кӣ намедонад. Худатон хизмат мерасонед? Равон кунам? Майлаш, ҳарчанд меҳмонхонаи мо ҳам бад нест. Ҳа-ҳа, апаҷон, аввал шумо, баъд мо... Баъди як соат? Майлаш... Хуб, салом гӯед.

Баъди гӯшакро мондан сардори меҳмонхона ба коғаз суроғаеро навишту ба Ҷамшед дод:

— Дарро ки кушоданд, гӯед, мо аз “Лоҷвард». Баъди як соат дар ҳамон ҷой бошед...

— Гап нест, ака. Чӣ хизмате бошад, мо тайёр...

Сардори меҳмонхона бо қаноатмандӣ сар ҷунбонида, онҳоро то дар гусел кард.

***

— Ҷамшед, ба Худо, дар ин шаҳр ҳамаро метавон харид: номус, виҷдон, ақл, ишқ... ҳамаро...

— Аз мусибати мардум истифода мебаранд. Шиками гуруснаи мардумро мефурӯшанду мехаранд, беномусу бевиҷдонҳо, ҳаромзоду ҳаромхиштакҳо...

***

Баробари пахш кардани тугмаи занги дар чашми Ориф ба камераи хурди болои дар афтид, ки ҳар каси ба ин хона ворид мешударо сабт мекард

— Оҳ, ту бояд намеомадӣ, ман аз ин бозича фаромӯш намуда будам,-ба Ҷамшед хитоб кард журналист, вале ҳанӯз ҷавон дар ҷавоб даҳон накушода, дар боз шуд.

— Мо аз “Лоҷвард”,— Ориф рост ба чашмони ҷавонмарди қавибозуву гарданғафси каллакалону ришдор нигарист.

Каллакалон дар посух чизе нагуфта, ишора кард, то дохил шаванд. Дар меҳмонхонаи барҳаво зане ба пешвози онҳо бархост. Баробари дидани ӯ чеҳраи Ориф тағйир хӯрд, аммо ин ҳолат ба зан, ки бештар ба сарулибоси онҳо муттаваҷеҳ шуда буд, нуҳуфта монд. Зан аз “тамошо”-и “клиент”-ҳо қаноатманд шуда, табассуми айёронае кард:

— Хуб, барои як нафар истироҳат бо ҳама шароит барои якшабонарӯз 50 доллар. Вале агар хоҳед, ки нозанинҳоро худ интихоб кунед, 10 доллари дигар.

Ин як зани тахминан 35 — 40 — сола буд. Аз чеҳрааш, бо вуҷуди сафедаи зиёд маълум мешуд, ки замоне духтари зебое будааст. Дар гарданаш занҷираи ғафси тилло, дар гӯшҳояш гӯшвораҳои брилиантӣ медурахшиданд. Дар ҷисми ҳанӯз таровати худро гум накардааш, синаҳои баландаш фарқ карда меистод. Бӯи атри

қимматбаҳо, ки яқин аз бадани ӯ бармехест, меҳмонхонаро пур карда буд. Абрувони борикаш дар болои чашмони тангаш мисли хати кашида менамуд. Дандонҳои тиллояш ҳангоми ханда даҳони хурду лабони зебои занро зеботар мекард.

Ориф баробари аз хона берун шудани дарбон сарашро ба тарафи зан хам намуд:

— Ойтимулло, мо ба шартҳо розӣ. Лек як масъалаи дигар ҳаст. Дар Дубай ба паричеҳрагони шумо зиёд иштиёқ доранд. Биёед, то омадани паричеҳраҳо ин масъаларо муҳокима кунем.

Вале ин пешниҳод ба зан таъсире нарасонд.

— Нархи Шумо маро қаноат намекунад. Барои як соат 50 доллар дар ин мамлакат кам аст.

Ориф ба дурӯғгӯиаш идома дод:

— Билети рафтуомад аз мо, як соат 100 доллар.

Зан баъди шунидани ин хабар як каме бесаранҷом шуд:

— Дар Дубай Шумо бо кӣ маслиҳат кардед? Бо “шайхи кӯса” ё бо “Кобра?” То ҷое ман медонам, эшон аз 50 доллар як тин зиёд доданӣ нестанд, зеро баъзе аблаҳҳо аз марказ бо ин нарх қаноат карда истодаанд.

— Не, ойтимулло, бо “Гурги биёбон”.

Зан ҳайрон ба Ориф нигарист.

— Ин номро нав мешунавам. Ин хел бошад, пешниҳоди бад нест.

— Шумо ҳоло огоҳ кунед, касе надарояд, то мо баҳазур баъзе шартҳоямонро якҷоя ҳал кунем.

Зан сӯи дар фарёд зад:

— Чопра! То ман ҷеғ назанам, касе надарояд!

Ҳамин ки посбони пайдошуда бо шунидани фармон дарро пӯшид, Ориф аз ҷайбаш туфангчаро кашида, ба зан рост кард:

— Назокатхон, ниҳоят мо вохӯрдем...

Зан як сония ҳам худро аз даст надод. Оромона ба курсӣ нишасту сигори болои мизро гирифта, оташ дод ва ҳалқа-ҳалқа аз даҳонаш дуд баровард.

— Вале ман туро нашинохтам...

— Ман Ориф, шавҳари Хадича.

— Бадбахти бечора... дер кардӣ, дер...

— Аммо ман қотили ӯро ёфтам ва ту бояд ҷавоби хуни Хадичаро диҳӣ.

— Хато мекунӣ, Ориф. Ман мехостам Хадича одамвор зиндагӣ кунад, аммо ӯ ба ман ноодамӣ кард. Мехост яккатоз бошад. Тарзе худат медонӣ, ду хар аз як охур ҷав намехӯранд.

Зан чун дид, ки Ҷамшед мехоҳад ҳарфҳои ӯро сабт кунад, тамасхуре карду боқимондаи сигорро ба хокистардон пахш намуд.

— Рӯирост метавонӣ сабт намоӣ, ҷавон. Кайҳо боз ман мехостам дардҳои романтикиамро ба касе гӯям. Имрӯз чунин имконият пайдо шудааст. Обрӯи як фоҳиша аст, ки шунавандааш машҳуртарин журналисти солҳои охир мебошад. Хуб журналисти мӯҳтарам, метавонед диктофонро наздиктар ored, туфангчаро ҳам сӯе гузоред, зеро ман мансабу обрӯе надорам, ки маро тарсонед.

Зан аз шишаи коняки рӯи миз қадаҳеро пур карда нӯшид ва сигори нав оташ зад. Донаи дигари сигорро ба Ориф муроот кард. Аз ин нақл Ҷамшедро даҳшат фаро гирифт, ҳақиқат дар зиндагии рӯъёгуна пешорӯяш ҷилва намуд.

***

Вақте модарам падарамро ба ҷурми бекориву арақнӯшӣ аз хона пеш кард, ман ҳамагӣ 14 сол доштам. Дар як хоначае мезистем. Рӯзи дигари рафтани падарам ҳамроҳи модарам ҷавони олуфтае меҳмони мо шуд. Модарам гарчи ба сину сол аз ӯ хеле калонтар буд, аммо зани зебое буду ҳар шахси дилхоҳашро мафтун мекард.

Он рӯз зиёфати дабдананоке оростанд, нӯшиданд, рақсиданд. Ҳангоми хоб ман хостам ба балкон равам, вале ҷавон монеъ шуд:

— Ҳаво хунук аст, дар хона бихоб!

Дар оғӯши торикӣ ман шоҳиди ишқварзии модар шудам! Чанд бор хостам аз хона гурезам, лек аз лаҳзаи аввал аз ин ҷавон сахт тарсида будаму ҷуръат надоштам. Рӯзҳо бо як минвол мегузаштанд. Қадами ҷавон аз хонаи мо канда намешуд. Оҳиста-оҳиста ӯ ба ман бо чашми дигар менигаристагӣ шуд. Гоҳ-гоҳе дар набудани модарам кӯшиш мекард, ки маро ба оғӯш гирад. Шабҳо ба модарам мефармуд, ки ҷойгаҳро васеъ партояд. Чун аз нӯшонӯши зиёд хоби модарам зуд мебурд, ба сӯи ман даст дароз карда, баданамро мепалмосид.

Аз рафтори ӯ дар аввал ғаши ман меомад, мегурехтам. Рафта-рафта одат кардам. Рӯзе расиду модарам ким-чиро эҳсос карда, ба ман дигаргуна менигарист. Охир, дар муддати як моҳ мани харобу лоғар ба духтари фарбеҳу расидае бадал гаштам. Он шаб ҳам ҷавон сӯи ман омад, аммо модарам, ки бедор будааст, чароғро рӯшан карда, бо ҳар чӣ рост омад, ба сари мо ҳуҷум намуд. Базӯр гурехтем ба хонаи ҷавон. То ин дам ӯ бо вуҷуди илтимосу зора натавониста буд, ба номуси ман дастдарозӣ кунад. Минбаъд ҳам ман намегузоштам дар ишқбозӣ аз ҳад гузаронад. Дилам гувоҳӣ медод, ки баробари зан шудан дигар ба касе лозим нахоҳам шуд.

Ҷавон либосвориро аз куҷое бо нархи арзон мегирифту ман мефурӯхтам. Оҳиста-оҳиста пул меёфтам. Дар ин байн хабар омад, ки падарам ба хона бозгашта, модарамро бо марде дар ҷойгаҳи

хобаш дидааст. Ҳардуро бо корд ба қатл расонида, бо ихтиёри худаш ба милиса меравад. Рӯзи дафни модарам қатраи ашке аз дидагони ман нарехт. Эҳсос мекардам, ки ман ба пайраҳаи номаълуму пурхатаре қадам гузоштаам ва ба ин модарам гунаҳкор аст. Падарам дар ҳабсхона худкушӣ карду ман он хонаи касофатро фурӯхта, пулашро барои тиҷорат истифода бурдам. Пули ман зиёд мешуду ҷавон тавассути пулҳои ман ва маслиҳатҳои прокурори хешаш торафт боло мерафт. Ниҳоят, вақте ӯ мансаби калон гирифту ба ман ҳама ҷиҳози дунёро тақдим кард, ман духтариамро ба вай бахшидам.

Акнун ман дигар муқаддасоте барои ҷавон надоштам! Ба ҳар кас хоҳад, маро тақдим мекард, барои муттаҳам кардани дигарон истифода мебурд. Тибқи нақшаҳои имрӯза прокурори шаҳр ҳар касе садди роҳаш мешуд, нест менамуд. Солҳо гузаштанд. Ҷавон ин хонаи азимро ба ман дода, вазифаамро чун духтарфурӯш аниқ кард. Дар ин байн ман ҳақиқати рӯзгорро эҳсос кардам:

Мо занҳо барои мардон ҳамеша лӯхтаке беш набудаем! Моро мехаранд, мефурӯшанд, тақдим мекунанд. Ва чун ман номи фоҳишагиро гирифтам, аслан ҳаёт бароям маъние надошт. На касе доштам, на фарзанде, на фардое!

Зиндагӣ барои ман танҳо барои зистан лозим буду бас!

Нисбати зиндагӣ, одамон сахт бераҳм шудам. Ба касеву чизе раҳм намекардам.

— Агар зиндагӣ карда наметавонӣ, бимир!

Ин буд шиори ман.

Вале бовар кун, ман нисбати Хадича ҳисси хайрхоҳӣ доштам. Баъди он, ки тавассути декан муттаҳами мо шуд, ман барои ӯ имкони зистан додам, барояш чизеро дареғ надоштам. Аммо Хадича нисбати зиндагӣ дигаргуна андеша дошт. Ӯ романтику хаёлӣ ки буд,

ҳамеша сари вичдону номус меандешид. Дарунашро мехӯрд, рӯҳан қариб ба девонагӣ расида буд.

Лек бигӯ, Ориф, ин рӯзгоре, ки мо дорем, магар ба ғам хӯрдану умр бар бод додан меарзад? Дунёро сарватмандон мехаранду мефурӯшанд ва чархи таърих ҳамеша ба майли онҳо мегардад. Барои он, ки сарватманд шавӣ, бояд бикушӣ, бихӯрӣ, шиканӣ. Қонуни дунё аз азал чунин будааст. Ва Худованд – оне, ки шоирони пойлуч ҳамеша сӯяш дасти имдод дароз кардаанд, ба ин ҳама захрханда мезанад. Бубин, агар соҳибдавлате мурд, ҳама азо мегиранд, кӯчаю мактаб ба номаш мегузоранд. Агар ту баринҳо, ки умре пайи адлу ҳақ талош мекунед, бимиред, ҳаргиз ин тавр нахоҳад шуд. Не, шумо наметмиред, шуморо мекушанд. Ҳа, мекушанд ё ба тир ё ба фишору тазйиқ. Медонанд, ки дили нозук доред, аз ларзаи барги хазон об мешавед, мусибат месозанд барои шумо!

Хадича то охир ин қонуни зиндагиро напазируфт.

Таҳи ҷисме, ки бо як навозиш метавонист соҳиби зиндагии ободе гардад, беҳис мехобид. Мисли мурда. Аниқтараш, ӯ ҳамон шаби бо декан будан мурда буд! Ба болои ин хоҳари ту ба сари вай бало овард. Бо майли худ ба фоҳишагӣ рӯй овард, ба 50 доллар номусашро фурӯхт. Аммо бубин, мане, ки шояд зиёдтар аз ҳама бо мардон хуфтаам, номусамро чӣ гарон фурӯхтам!

Вақте “клиент”-ҳо меомаданд, аввал Хадичаро интихоб менамуданд. Ин ба хоҳарат алам мекард. Зеро нархи Хадичаи фарзанд таваллудкарда аз ӯ — шаш моҳ пеш духтари “очааш набӯсида” гаронтар буд.

Кӯҷое мерафт, Хадичаро сиёҳ мекард, вале янгааш тоқат мекард. Хоҳарат то дараҷае расида буд, ки дигар бо кӣ ба чанд сӯм мехобад, барояш фарқ надошт. Марги ӯ ба Хадича бешак таъсир мекард, аз ин рӯ нишонаҳои бемориро дар ӯ мушоҳида карда, маҷбур шудем,

нобуд кунем. Хадича ҳанӯз пеш аз марги хоҳаршӯяш ба ман душмани қаттол шуда буд. Ӯ ба он ҷавоне, ки ...

— Ин тарафи масъаларо ман медонам, - овози гирифтаи Ориф ҳарфзании занро бурида, суол дод:

— Пас, маълум мешавад, ки он ҷавони ту ҳамон Салимҷонов аст?

Назокат бо ишораи тасдиқ сар ҷунбонида, оромона пурсид:

— Ту бо декану муфаттиш вохӯрда будӣ?

Баъди гирифтани ҷавоби мусбат зан суханашро давом дод:

— Ана, барои чӣ марги онҳо барои ман ким-чӣ хел асрорангез намуд. Бечораҳо... якбора аз даст додани мансабу обрӯ кори осон нест. Вале ин гуна фишороварии ту бар ман таъсир надорад, Ориф. Агар маҳз бо ин роҳ маро нобуд карданӣ бошӣ, хато мекунӣ. Чизе барои бохтан надорам, баръакс, ниҳоят аз фишорҳои ҳаррӯзаи зиндагӣ халос мешавам. Ҷонканию мурданро зиёд дидаам, ҳарчанд мехоҳам мисли пиразани рус бедарду ногаҳонӣ бимирам. Умуман, ин қасосгирии ту аблаҳона аст. Декану муфаттиш, ману прокурор ҳаргиз ба он хотир Хадичаро накуштаем, ки зани ту мебошад. Қонуни бозӣ чунин аст, ҳар касе халал мерасонад, бояд нест шавад. Ин қонунро Салимҷонов дар зеҳни ҳар яки мо шинондааст.

Сабабгори бадбахтии Хадича ту ҳастӣ. Зани зебои кӯдакдорро танҳою бемуттако, бепулу бенон гузошта рафтӣ. Боз ҳақиқату адолат меҷӯӣ. Аҷаб аблаҳӣ... Гумон дорӣ ки агар фоҳиша намешуд, намемурд? Аз гушнагию ташнагӣ дар кӯча мемурд...

— Ман туро куштанӣ нестам, Назокат. Ин гуна зиндагие, ки ту дорӣ, худ марг аст. Аз ҳамон лаҳзае ки пеши назарат модарат танфурӯшӣ мекард, ту мурда будӣ. Барои оне ки дарки Вичдон, Номус, Ишқ, Дард надорад, ин дунё ва он дунё яке аст. Ту боре андешидӣ, ки барои чӣ зиндагӣ кардӣ? Барои чӣ? Барои зиёдтар пӯшидану хӯрдан? Дар ин ҳол фарқи ту аз гови парворӣ дар чист?

Ту боре дӯст доштаӣ? Боре ба мусибати касе гиристаӣ? Боре ғайри нафрату ҳасад лоиқ ба эҳтиром будаӣ? Боре лабонат аз бӯсаи гарми ошиқона сӯхтааст? Боре бо шаҳват не, бо меҳр дасте ба миёнат ҳалқа шудааст? Боре касе ба ту бовар карда, рози дил кардааст? Ҳайфи зиндагӣ... — Ориф бархост. Назокат ҳамчунон мисли мурда карахт буд. Лаҳзае, ки овозаш дар сукути хона лангар андохт, навмедию ғусса дар он эҳсос мегардид:

— Ба фикри ту, ман чӣ гуна зиндагӣ кунам?

— Дунёро аз муртадҳову палидҳо бояд тоза кард. То қонунҳои ғайриинсониашонро мисли прокурори шаҳр ба сари мардум таҳмил накунанд. То дунёро ба таври худ насозанд! Маро, ки умре баҳри ҳақиқат талош кардаам, аблаҳ мешуморӣ. Вале оё медонӣ, ки дар умри кӯтоҳам чӣ қадар одамон ашкрезон дуои ҷони ман кардаанд? Дар лаҳзаҳои навмедию аҷз навиштаҳои маро хонда, устувортар дар пайраҳаи зиндагӣ гом гузоштаанд? Чӣ қадар Салимҷоновҳо бо дидани имзои ман мисли саги девона ба худ мепечанд? Чӣ қадар одамон ҳоло ҳам орзуи фақат як бор дарди дил кардан ба ман доранд?

Мо барои худ зиндагӣ намекунем. Мо барои дигарон хуни дил мехӯрем, дар пояи тобути орзую умеди дигарон ашк мерезем. Рӯзи хуше дар зиндагӣ надидаем, шояд боре шикамсерӣ нон нахӯрдаем, либоси навро танҳо дар рӯзи тӯй дидаем, фарзандонамон “нон”гӯён ҷон додаанд... Лек мо барои ғами дигарон, орзуи дигарон зистаем. Ту чӣ? Туе, ки шояд як занҷираи гарданат нархи ҷони ман бошад, боре ғайри худ дар бораи дигаре андешидаӣ?

...Шояд рӯзи марги ман касе назди қабри ман дасти дуо набардорад. Аммо хабари марги ман басо дидаҳоро гирён мекунад, басо мардум нафаси сарду оҳ мекашанд, Наим баринҳо осуда хоҳанд гашт...

Ҳатто марги мо зебост! Мефаҳмӣ?

Барои марги зебо-барои он, ки оби чашме аз таҳти дил барои ту резад, барои он, ки фиғони талхе аз пушти тобутат бархезад, барои он, ки баъдҳо аз ту гӯянд, бояд зебо, пуршӯру исён, сар ба сангҳои қисмат кӯфтаву хунполо шуда бимирӣ...

На ин, ки орому беҳис, мисли гурги пире, ки ҳамеша мурдаи бӯгирифта мекобаду рӯзе ҷисмаш тӯъмаи гургони гушнаи дигаре мегардад. Шахси беишқу бедил, бесӯзу беисён орому бедард мемирад.

Ана ин аст маънии зиндагӣ!

Назокат мисли мурда хомӯш буд. Дигар аз он ҷилваи пешина асаре набуд. Ҳангоме Ориф аз дар берун шуд, Ҷамшед суолеро ба ӯ дод, ки кайҳо боз азобаш медод:

— Писари Ориф куҷост?

— Ӯ писархонди Салимҷонови бефарзанд аст, - пасту нимравшан посух дод зан ва бо ғуссаи аламноке афзуд:

— Наимро прокурори шаҳр вайрон кард, агар не, ба ин дараҷа одами расво набуд.

Аммо Ҷамшед медонист, ки хабари ба дасти Салимҷонов афтидани фарзандаш Орифро ба девонагӣ мерасонад, аз ин рӯ дар ин боб ба ӯ лаб накушод.

***

— Ҷамшед, дили ман гувоҳӣ медиҳад... Бояд ту аз ин шаҳр равӣ. Дирӯз ман ба Маскав, ба қиморбоз занг зада, аз аввал то охири қиссаро нақл кардам. Ӯ тайёр аст ту ва Фариштаро қабул намояд. Рав, мусибатҳои ман поён надорад. Танҳо дар оғӯши хоки сард ғуссаҳо гиребони маро сар медиҳанд.

— Не. Қисмати ман ба дасти қисматнавис ба қиссаи рӯзгори шумо печид ва ман то охир меравам.

— Вале бояд Фариштa қурбон нашавад.

— Ӯро ба Маскав равон мекунем...

— Нусхаи сабти ин сӯҳбатро ҳам бар...

***

— Фариштa, маро бубахш, ки як муддат аз ту дур будам. Дар ду ҳодисаи охир ки ба ту нақл кардам, иштироки ман зарур шуд.

— Ту мехоҳӣ, ки ман тани танҳо Маскав равам? Магар сабаби бадбахтии Хадича маҳз танҳоӣ набуд?

— Он ҷой касоне ҳастанд, ки дар ғами туянд.

— Фу... ба қиморбозе бовар мекунӣ?

— Дар ин замон вичдони қиморбоз аз баъзе вазирон поктар аст. Зеро қиморбоз рӯирост мардум мефиребад, мушт дар торикӣ намезанад... Ва ҳам дигар илоҷе надорем... Ман аллакай билет гирифтам.

— Кай?

— Даҳ рӯз пас.

— Амакам чӣ мегӯянд?

— Ҳодисаро эҳсос кардаанд... Барои хуни Неъматулло бошад, ман ба ҳар ҳодиса тайёрам,-гуфтанд.

— Ҷамшед! Биё ошкоро ҳарф занем:Ту дар ҳақиқат маро дӯст медорӣ ё танҳо ба хотири хешовандӣ шуда...

— Оҳ, Худоё, Фариштa... Медонӣ, ки чанд вақт боз ман фақат аз ту меандешам, аз фардои мо...

— Фардои мо... Мерасида бошем ба он рӯз...

— Мерасем Фариштa...-дасти ҷавон духтари пироҳани сияҳпӯшро ба оғӯш кашид.

***

Ориф “Тигр”-ро ғоибона хуб мешинохт. Ӯ аз даврони Шӯравӣ боз барои мардуми авом қаҳрамон ҳисоб мешуд. Кадом кушторе, ки нокушода мемонд, ба вай нисбат медоданд. Зеро “Тигр” дар ҳақиқат ҳам дасти “дароз” дошт ва аксар хӯҷаинҳои шаҳр барои “бардоштан”-и ин ё он рақибашон ба ӯ рӯи ниёз меовардану бо ин муроҷиат наздаш муттаҳам мешуданд.

Аммо солҳои охир “бозор”-и “Тигр” касод гардид. Ин ба он сабаб набуд, ки сафи “харидорон»-и ин “ҳунар” кам гардида бошад. Не, баръакс, дар Гагарин қариб ҳар шаб нафаре кушта мешуд ва дар вақти эълони куштор ибораи “шахсони номаълум” тез-тез такрор мегардид. Сабаб он буд, ки вақтҳои охир “Тигр” ба истеъмоли ҳероин рӯй оварда, нисбати “клиентҳо” дағалӣ мекард ё гоҳо “дастонаш меларзид”.

Ориф замони фаъолияти журналистӣ чанд маротиба ният дошт, доир ба ҳунарҳои ниҳонии “Тигр” нависад. Ҳама далелу арқомро ҳам ҷамъ овард, вале вақт имкон надод.

Аз ин хотир, рӯ ба рӯи директори ресторан-марди ришрасидаи маст нишаста, бовар дошт, ки маҳз тавассути ӯ шахси даркориашро меёбад.

— Ба ман “Тигр” даркор...50-доллар пеши директор партофт Ориф.

— Сад, - бепарвоёна посух дод мард.

Ориф 50 долларарo пас гирифту 100 долларарo сӯи вай тела дод. Мард пулро гирифта, як ғиҷим карду баъд хати миёнашро санҷида, ба ҷайби пешаш монд. Орому бепарво тилфонро пеш кашида, рақам чид.

— Ало! Тигр? Аз хоб хестӣ? Э дина ғам додӣ-да! Доруи зӯр буд-а? Хайр, ин бор ман “платить” кардам, бин, “должник” нашавӣ. Клиент? Ҳа, як кас ҳамин ҷой. Мебиёӣ? Давай!

— Ҳозир меояд, - ҳатто ба Ориф нигоҳе накарда гуфт мард ва аз дар берун шуд.

Дақиқаҳо мисли соат мегузаштанд.

***

— Хӯш...хизмат?-марди хароби дарози лапаргӯш, ки чашмонаш сурх шудаву дар чанд ҷои рӯяш захм дошт, рӯ ба рӯи Ориф нишаст. Чун дид, ки мусоҳибаш намедонад аз чӣ сар кунад, сӯи директори ресторани нав воридшуда фарёд зад:

— Мемонӣ, як бурда нонамона ёбем ё не?

Мард сар ҷунбонда, бо ишораи даст ба вай салом доду аз дар баромад.

— Кӣ? Чӣ кор мекунад?, - мард аз қуттии сигори Ориф ки рӯи миз меистод, беиҷозат сигоре гирифту оташ зад.

Ориф лаҳзаи аввал худро гум кард. Наход нисбати тақдири инсон ин қадар бепарво ҳарф зананд? Аммо зуд худро ба даст гирифту бо ҷиддият даст ба китфаш бурд.

“Тигр” заҳрханд зад:

— Боз погондор?

Гӯиё риштаи қалби журналист канда шуд. Ҳарчанд медонист, ки қотили Неъматулло маҳз ин марди бадшакл аст, барои қабули ин хабар аз забони худи қотил тайёр набуд. Дигаргун шудани чеҳраи вайро “Тигр” эҳсос кард.

— Ҳм... милисаи чанде пеш нобудшуда аз хешовандони ту буд? Ту мехоҳӣ барои ӯ қасос гирӣ?

Чун мард дид, ки Ориф чизе нагуфт, афзуд:

— Бояд маро фаҳмӣ. Ба ман фарқ надорад, хуни киро мерезам... Ин касби ман аст, аз пушти он нон мехӯрам. Дар ин масъала инсонро ба хубу бад, пиру ҷавон ҷудо намекунанд. Ин милиса хело

осон маргро пешвоз гирифт. Ду тир ва тамом. Ҳарчанд барои ӯ байни ман ва фармондиҳандагон нофаҳмӣ рух дод. Аслан, шиори ман чунин аст, ки чизе мақтул он лаҳза дорад, моли ман аст. Ман фаромада дидам, ки мард туфангча надошт, аммо прокурор маро муттаҳам карданӣ шуд. Гӯё ман туфангчаро гирифта бошам. Чун дашномашон додам, як қисми пули ваъдакардаашонро надоданд.

-“Тигр», рост бигӯ, барои қатли Неъматулло чанд пул доданд?

-1000 доллар ваъда карданд, вале ҳамагӣ 800 доллар гирифтам. Дусад долларро барои туфангча боздоштанд. Хайр, бояд вазъиятро ҳам фаҳмид: ҳоло иҷрокунандаи вазифаи ман аз мӯи сар зиёд шудааст. Биё сари масъала оем: тавре маълум шуд, мехоҳӣ қасоси милисаро гирӣ. Аз прокурор?

Баробари бо ишораи сар тасдиқ кардани Ориф, “Тигр” илова кард:

— Нархи вай хеле баланд аст.

— Наход нархи ин палид аз Неъматулло барин инсони нек зиёд бошад?

— Мо некию бадиро не, балки хатарро бармекашем, додар. Хатари азим дорад қатли сардор, лек ман худам ҳам чӣ қадр мехоҳам ба ин чеҳраи манфур тир андозам...

— Чӣ қадар?

— Даҳ ҳазор доллар.

— Панҷто дода метавонам. Аз ин зиёд не.

— Добро! Пулро пешакӣ бояд диҳӣ. Ба ман бошад, ду рӯз мӯҳлат деҳ.

Баъди панҷ дақиқаи дигар Ориф аз ресторан баромада, киссаҳояшро чаппаву роста кард. Дар ҷайбаш ҳамагӣ як саддолларaи кӯҳнае монда буду бас!

***

Хабари қатли прокурор дар шаҳри Гагарин барқвор паҳн шуд. Бегоҳ дар даромадгоҳи хонааш шахси номаълум се тир ба ҷисми ӯ холӣ карда буд. Худи ҳамон шаб аз марказ гурӯҳи калони тафтишгарон омаданду гумонбарони зиёде, аз он ҷумла “Тигр”-ро ҳам ба ҳабс гирифтанд. Мегуфтанд, ки Наим Салимҷонов истироҳаташро дар кадом мамлакати хориҷа қатъ карда, ба шаҳр омадааст. Ба таври таъҷилӣ прокурори нави шаҳр тайин шуд.

Шаҳр дар деги овозаву воҳима меҷӯшид.

БОБИ САВВУМ:

БА СӮИ МАРГ

Ман мисоли бачаи мактабхоне, ки дар таътил шоду хуррам ба хонааш мешитобад, бо дили шод ба қатлгоҳ мебароям.

Маро барои он мекушанд, ки аз ман метарсанд.

(Э. Л. Войнич, “Ғурмагас”)

Ҷамшед ягон маротиба Орифро ин гуна хурсанд надида буд. Овози хушнудонаи ӯ ҳанӯз дар гӯшии тилфон ҷавонро ба ҳайрат оварда:

— Додарҷон, таъҷилӣ расида биё, ниҳоят дар кӯчаи мо ҳам ид мешавад.

Журналист аз хурсандӣ гирд-гирди утоқи меҳмонхона мечархиду якто-якто мӯи сохта, мӯйлаби сохта, айнаки чашм, галстуки гарданашро ҳар сӯ мепартофт.

— Ҷамшедҷон, медонӣ, ман ин ҳадяи тақдирро интизор набудам. Бовар надоштам, ки дигар боре бахт сӯи ман нимназар кунад. Вале...

Орифро эҳсос имкон надод, то суханашро ба поён расонад. Боз сигори наверо фурӯзон карду чун дид ки Ҷамшед аз ҳарфҳои

берабти вай чизе намефаҳмад, ба курсӣ нишаст ва ба нақл оғоз намуд.

...Ду рӯз пеш прокурори нави шаҳрро тайин намуданд. Аввал ба ин хабар эътибор надодам. Яке рафт, дигаре мисли ӯ меояд, — аз дил гузаронидам ман. Аммо имрӯз аз телевизори шаҳрӣ прокурори навро нишон дода, тарҷумаи ҳолашро хонданд. Охир, медонӣ... Ин шахс беҳтарин рафиқи ман аст! Мо солҳои дароз боз дӯсту бародар будем. Азобҳои зиёди зиндагиро якҷоя гузаронидем. Ва аз ҳама муҳимаш, ман ду маротиба вайро аз тӯҳмат наҷот додам. Падару модари ӯ маро фарзанд хондаанд, падару модари ман вайро. Темур ягона дӯстам аст, ки бо як нигоҳ маро мефаҳмад. Ҳангоме ман дар пойтахт будам, ӯро наёфтам, дар таҳсил буд. Ана имрӯз... Ман акнун метавонам Салимҷоновро ба суд дода, шарманда карда, пушти панҷара шинонам.

Ориф бархост, то хокистардонро холӣ кунад. Ҷамшедро моҷарои як моҳи охир он қадар ҳушёру зирак карда буд, ки ба ин хабар аз дигар нуқтаи назар баҳо медод:

— Темурро албатта мансаби баланд дигар кардааст. Худо медонад, ки ба пешвози дӯсташ мехезад ё не... Навдавлату навкисса худро тез бой медиҳад, мегӯянд. Чаро Орифе, ки ин қадар одамшинос асту зиндагидида, ин тарафи масъаларо нодида мегирад?

Ориф гӯиё андешаҳои ҷавонро хонд. Лабханде заду омада нишаст.

— Ҷиҳатҳои манфии ин масъаларо фаромӯш кун. Темур дигар нашудааст, ба ин бовар дорам. Ҳуқуқшиноси пурқувватест ва мисли ман Салимҷонов баринҳоро бад мебинад. Эҳ, ту намедонӣ, мо то охирин нуқтаҳои қиссаи ошиқиамонро то дилгаҳи шаб ба ҳам нақл мекардем... Ӯ пуштибони ман мешавад, бовар кун.

Аммо аз чӣ бошад, Ҷамшед ба нақлҳои Ориф нисбати Темур, ки қариб ду соати дигар давом кард, ким-чӣ хел шубҳаовар менигарист. Дилаш аз пешомади баде гувоҳӣ медод. Ҳангоми гусел нохост Ориф пурсид:

— Билети Фаришта ду рӯз пас аст?

— Ҳа, падарам ҳам барои рафтанаш иҷозат доданд.

— Худи ҳамин рӯз билетро супор. Ман ин бегоҳ ба қиморбоз занг мезанам. Бигзор мунтазир нашавад.

— Пагоҳ баъди сӯҳбати шумо бо Темур ба як қарор биёем-чӣ?- андешамандона гуфт Ҷамшед.

Журналист аввал хост чизе гӯяд, вале бо кадом андешае даст афшонду ҷавоб дод:

— Майлаш. Соати 6-и бегоҳ дар ҳамин ҷой вомехӯрем.

***

Ҳангоме Ориф ба утоқи барҳаво ворид гашт, аз дидани дӯсташ як дараҷа ҳайрон шуд. Темур як каме фарбеҳ шудаву либоси пуркарруфар ба бар дошт. Баробари дидани журналист аввал як қад парид, баъд хандон аз ҷой хесту оғӯш кушод. Онҳо ҳангоми салому алейк ба ҳам чизе нагуфтанд, танҳо дар чашми ҳар ду оташаки аҷибе мушоҳида мешуд.

— Эҳ Ориф... Як рӯз пеш аз омаданам дар фикри ту будам. Ба “Гулбонг” рафтам. Аз он рӯзномаи овозадор нишоне нест. Шавкат Расулӣ гуфт, ки ту ба Русия рафтаӣ. Ана дидор, баъди ин қадар ҳодисаҳо...

— Напурс, Темур. Бовар кун, лаҳзаҳое мешуд, ки зор мешудам ба ту. Як ҷисми зинда намерасид, ки дарди дил гӯям. Чӣ қиссаҳоеро, ки аз сар нагузаронидам.

— Хӯш... Агар то ҳол ҳамрозе наёфтай, ман гӯш мекунам,-табассуми асроромезе гирди лабони Темур шукуфт. Пиёларо гирифту ба дӯсташ чой кашид. Ориф бо ҳама эҳсосот шурӯъ кард ба қисса. Ҳарферо наафзуд, лаҳзаеро фаромӯш накард, нақлҳои Ҷамшедро дар мавриди ҷустуҷӯҳои аввалаи бебароаш ҳам илова намуд.

Ҳангоме ба шунидани хабари марги Неъматулло расид, Темур даст бардошт.

— Ин тарафи ҳодисаҳоро ман хуб медонам. Ту бо Ҷамшед тавассути тайёра ба Гагарин омадед ва шурӯъ шуд кушторҳои пурасрор.

— Аз куҷо медонӣ?, - аз тааҷҷуб Ориф аз ҷояш нимхез шуд.

Темур дар курсӣ тоб хӯрд ва сейфашро кушода, банди калони бастаҳои коғазиро берун овард.

— Гӯш кун, Ориф. Тамоми ҳуҷҷатҳои дар дасти ман буда далели қатъие ҳастанд, ки ҳиссаи туро дар марги декан, муфаттиш, сардори милиса исбот мекунанд. Аммо ман аз ҳамаи ин чашм пӯшида, аз ту як хоҳиш дорам: худи ҳамин бегоҳ аз шаҳр баромада, ба Русия рав.

— Ту чӣ тавр метавонӣ иштироки маро исбот созӣ? Системаи тафтишотии шумо ба ин қодир нест.

— Хато мекунӣ Ориф. Қотили одами даркориро мо дар як рӯз меёбем. Шояд қатли прокурор намебуд, дигар асрор кушода намегардид. Ва ҳам Салимҷонов ба мо маслиҳат дод, ки тафтишро аз марги декан оғоз намоем. Ту дар ҳар воқеа хатоие доштӣ ва ин боиси фош шуданат гардид.

Декан. Ту намедонистӣ, ки котиба одами Салимҷонов асту хотираи ниҳоят мустаҳкаме дорад ва баробари омадани одами ношинос ба назди вай, чеҳраи он одам дар ёдаш мемонад. Чун

котиба аз ту пул гирифта буд, то вохӯрӣ бо Салимҷонов омадани туро махфӣ дошт. Бо декан то мошини ӯ рафтанатро чанд каси дигар дида буд. Чеҳраи тасвиркардаи онҳо ба чеҳрае, ки баъди тафтиш дар кушторҳои дигар пайдо шуд, мувофиқ омад.

Муфаттиш. Ҳуҷҷатҳои бемории ӯ қалбакӣ баромаданд. Ҳамкорон ӯро бори охир бо духтараш ва ту диданд. Рост аст, ки аввал духтар аз ҷавобдиҳӣ саркашӣ кард, аммо баъди таҳдиду истинтоқ ҳама воқеаро ҳикоя намуд. Аслан дигар далеле барои гунаҳкорсозии ту лозим набуд.

“Тигр” рӯзи якуми боздошт шуданаш ҳодисаро қисса кард. Ҳама воқеаҳоро мо дар давоми ду рӯз фош намудем. Ту дар хонаи Назокат ҳам будӣ, лек ӯ ҳоло нест. Дар хориҷа аст.

— Темур! Ба ивази марги чор нафар — Хадича, хоҳари ман, пиразани рус, Неъматулло ҳоло се нафар мурдаанд. Чаҳорум бояд Салимҷонов бошад.

— Туро мефаҳмам. Аммо мувофиқи қонун хунро бо хун намешӯянд. Баъд, бовар кун, ман зидди Салимҷонов коре карда наметавонам. Барои бардоштани ӯ вақт лозим аст. Дар як шаб Наим метавонад маро бо тамоми милисаҳои шаҳр бардорад. Қумондонҳои маҳаллӣ, баъзе амалдорони калони системаи мо ҷонибдори вай ҳастанд. Ягона кӯмаки ман гурезонидани ту ба Русия аст. Ва ҳам танҳо не: бо ҳамроҳии Ҷамшед. Салимҷонов аллакай аз ҳама воқеа бохабар мебошад. Танҳо ӯ мехоҳад аввал роҳи ҳалли қонунии масъаларо бинад.

— Охир, дар дасти ман далелҳое ҳастанд, ки мувофиқи онҳо бояд вай баробари ман дар хабсхона нишинад ё ба сӯи марг равад...

— Вай сиёҳ намешавад. Бовар кун, агар Салимҷонов пешорӯи тамоми мардуми шаҳр аз пешонаи ман парронад, касе ӯро шинонида наметавонад. Мувофиқи маълумоти дар дасти ман буда, Наим дар куштори беш аз чил нафар айбдор аст, аммо...

— Фаҳмидам, Темур... Ҷамшед дар гумонҳояш то андозае ҳақ будааст... Фақат як хоҳиш... Ана ин нусхаи сабти сӯҳбатҳо, ин нусхаи қиссаи ман. Ба Шавкат Расулӣ расон. Он тарафаш ба вичдони ту ҳавола. Шояд замоне ба чоп расад. Шояд замоне барои ҳақиқат ояду ба ту ҳам ин далелҳо кӯмак расонад...Фақат... намедонӣ,Темур, Салимҷоновро дар куҷо ёфтан лозим?

— Ба ин дидор ҳоҷат нест, Ориф...

— Ин вопасин хоҳиши ман. Ман ваъда медиҳам, ки коре карданӣ нестам, фақат мехоҳам аз дур ӯро бубинам.

— Пагоҳ соати 12 ман бо вай дар тарабхонаи “Ором” вомехӯрем...

— Бошӣ! Ҳамеша бошӣ, Темур!

— Маро бифаҳм, маро бубахш...

***

Ориф сахт маст буд.

Ҷамшед баробари вориди утоқ шудан инро эҳсос кард. Боз дуди сигор ва он суруди ошно ба сақфи хона лангар меандохт:

Бимон, ай шаб, ки торикиву бедорӣ дилам хоҳад, дилам хоҳад

Бирав, ай маҳ, ки андӯҳи шаби торӣ дилам хоҳад, дилам хоҳад.

Биранҷону бинолонам, бигирёну бисӯзонам,

Ки сӯзи ашку оҳу нолаву зорӣ дилам хоҳад, дилам хоҳад.

— Фариштаро гусел кун, додар. Худат ҳам рав. Ҳама сабтҳо ва ин қиссаи нотамомро ба қиморбоз расонед. Ва ҳам... маро бубахш, додари ягонаам! Ман рӯи додарро надидаам, чаҳор хоҳар доштам. Додари хуниро ман зиёдтар аз ту тасаввур карда наметавонам.

Дар зиндагӣ ман шахси шӯҳратпарасту беҳунаре будаам. Айёми қадри инсонро бо ҳунару ақл баркаш кардан гузаштааст. Рав, додар, қиморбоз шав. Ҳақиқати зиндагӣ дар бозор аст. Истеъдоду ҷасорат,

ҳунару дили пурэҳсос касро зудтар ба оғӯши марг мебарад. Вақте қалам ба даст бигир, ки метавонӣ баъди марг пасандозе барои фарзандон дошта бошӣ. Ба касе бовар макун дар зиндагӣ. Муқаддасотеро дар олам барои худ ба вуҷуд набиёр. Қаламро азиз шумор, ӯ барои ту ягона ҳамроз, ягона дӯст, ягона чизест, ки хиёнат намекунад.

Маро... тавонӣ, фаромӯш кун. Тарзе ҳама фаромӯш карданд. Дунё барои ман охир шуд... ман дар танҳоӣ мемирам ва маро то мазори ғарибон касе гусел нахоҳад кард... Танҳо сагони оворао парастуҳои муҳоҷир... Оҳ, чӣ қадар ман ба Назокат дурӯғ гуфтам. Маро бубахш, фоҳиша, ту ҳақ будай... Рав додаракам, рав! Туро ҳам тири қотил дар нишон гирифтааст. Намедонам, пеш аз ман мемирӣ ё баъд аз ман, лек фиғони талхи падари пир, орзуҳои мурдаи духтараки орзупарасте тобутатро гусел хоҳад кард. Маро бошад...

Ҷамшеди дидагонаш пур аз ашкро, ки дар оғӯш қиссаи нотамомро дошт, Ориф қариб бо зӯрӣ аз утоқ берун кард...

***

Марди сафедрӯи ришрасидаи тоссар, ки айнаки сиёҳ дошт, соати 11-30 дар ресторани “Ором” пайдо шуд. Чизе фармоиш доду нишаст. Паиҳам сигор мекашид. Соат занги 12-ро заду мард хаёле ларзид. Ду- се қадам дуртар се нафари мусаллаҳ бо шахси чашмтанги олуфтае, ки аз дасти кӯдаке медошт, омада нишастанд. Баробари дидани онҳо ресторан гӯиё ҷунбид. Сафи пешхизматон якбора афзуд, соҳиби ресторан омада, ду даст пеши бар эшонро хуш омадед гуфт. Ҳанӯз шахси чашмтанг фармонашро ба пешхизматон тамом накарда, Темур пайдо шуд. Дудаста ба ҳамаи нишастагон вохӯрӣ карда нишаст. Чун марди сафедрӯ, дид ки дӯсти прокурораш бодиққат ба ҳар як шахси дар ресторан буда, нигоҳ карда истодааст, аз бағал туфангчаро кашиду овози баландаш дар сақфи ресторан танин андохт:

— Наим наҷунб! Шумо яроққоро зуд ба замин гузоред. Як ҳаракати зиёдатӣ, мепарронам. Ту ҳам, прокурор, яроқатро парто! Зуд!

Аҳли нишаст шах шуданд. Се нафари мусаллаҳ ва Темур бо ишораи Наим яроқашонро ба замин партофтанд. Салимҷонов лаҳзае шах шуд.

— Хунро бо хун мешӯянд, Наим, медонӣ? Рӯзе расид, ки ту ҳам барои хунҳои рехта ниҳоят ҷавоб мегӯй, ту...

Овози қатъии Салимҷонов гапи ӯро бурид:

— Гӯш кун! Ман туро нашинохтам. Биё ором ҳарф занем, маслиҳат кунем.

— Нашинохтӣ? Ман Ориф, ҳамоне, ки меҷӯй. Қотили декану муфаттишу хеши прокурорат. Вақти тую ман нест, калимаатро гардон! Ориф наздиктар омада, туфангчаро рост ба чаккаи Наим монд, аммо кӯдак якбора ба туфангча чанг зада фиғон бардошт:

— Дадаамро напаррон!

Дастони Ориф суст шуданд. Эҳсосе роҳ надоданд, то ба кӯдак, ки туфангчаро рост ба дилаш пахш карда буд, тир кушояд. Гӯё ду чашми кӯдак не, балки ду чашми Хадича бо зорӣ ба ӯ менигаристанд. Ба ин ҳад монанд буд ин чашм ба чашмони модараш. Ин фурсат кифоя буд, ки яке аз муҳофизатгарон бо тамоми қувва ба пушти сари вай фарорад. Нафари дигар Орифи беҳушшударо сӯе ҳаво дода, автоматро бардошт ва тамоми тирдонро ба ҷисми ӯ холӣ кард.

***

Ҳанӯз Ҷамшед дар тараддуди чизу чора ҷамъ кардан наафтида, занги тилфон садо дод:

— Ало! Ҷамшед лозим.

— Ман Ҷамшед.

— Гӯш кун, додар. Ман Темур. Орифро куштанд. Фариштаро гусел куну худат нарав. Агар равӣ, ба аҳли оилаат ҳодисаи нохуше рух хоҳад дод. Соати панҷ поезд меравад. Соати шаш дар хонаатон бош! Вақте ба хонаатон омадӣ, туро милисаҳо пешвоз мегиранд ва мегӯянд, ки хонаро бояд кобанд. Рухсат деҳ. Аз сумка ё киссаи ягон либосат нашъа меёбанду туро ҳабс мекунанд. Бе муқобилият биё. Ин кӯмаке, ки ман ба ту расонида метавонам. Пешакӣ падаратро аз ҳама ҳодиса огоҳ кун. Хайр!

Ҷамшед лаҳзае сояи девор шуд. Баъд давид сӯи ҳуҷраи падари бемор...

***

— Фариштa, ту маро мебахшӣ? Аз хабари маҳбусии ман афсурда намешавӣ?

— Павел Корчагину Ғурмагас мебуданд, ҳамин хел рафтор мекарданд. Охир, ман ҳам журналист мешавам. Барои ҳамин ба мусибатҳои аз ин гаронтар бояд тоқат кунам.

— Фаромӯш макун, қиссаву сабтҳоро дар худи вокзали Маскав ба қиморбоз деҳ. Ҳодисаҳои охиринро нақл кун.

Ҷамшед роҳбалади вагонро пайдо карда, сӯе хонд:

— Ана ин 100 доллар барои сиҳат — саломат то Маскав бурдани ин духтар. Дар вокзал ӯро пешвоз мегиранд. Агар шахси пешвозгиранда набошад, ин суроғаи хонааш. Бурда мерасонӣ.

— Чӣ қадар бор дорад?-роҳбалади сарсафед рамуздор ба Ҷамшед нигарист.

— Бор надорад. Фақат... боевике таҳдид кардааст, ки дасти зӯрӣ мекунад. Духтар бошад, арӯсшавандаи ман аст -дурӯғ гуфт Ҷамшед.

— Фаҳмо! Ин хел бошад,бехавф. Хавотир нашав.

***

Дар даромадгоҳи ҳавлӣ Ҷамшедро милисаҳо нигарон буданд. Кофтуков зуд “натиҷа” дод: аз ҷайби либоси хонагии ҷавон дар як поракоғаз банг баромад. Ҷавон падари пирашро, ки хунсардона ба асо такя карда, ба ин манзара шоҳид буд, сахт ба оғӯш кашида, пеш даромад.

***

Суд баъди як моҳ ҳукм баровард:

-“Шаҳрванд Ҷамшед Ҳабибуф барои ғайриқонунӣ нигоҳ доштани 180 грамм нашъа ба муддати 7 сол аз озодӣ маҳрум карда шавад”.

Ҷамшед ба толор дида дӯхт. Падари пираш солорона менишаст. Қатраи ашке ҳам аз дидааш нарехт...

***

Шавкат Расулиро субҳи барвақт назди коргоҳ марди ношиносе интизор буд. Баъди салому алайк бастаеро ба ӯ дароз кард:

— Хоҳиш карданд, то ин амонатро ба шумо расонам. Ҳанӯз сардабир суоле надода, мард ғайб зад. Расулӣ ҳайрон сар ҷунбонду ба утоқаш даромада, бастаро кушод. Чанд кассета ва як навиштаи ғафсеро берун баровард. Ин қиссаи навиштаи Ориф буд. Хабари марги Ориф ва ҳабси Ҷамшедро бо ҳусни хати дигар навиштаанд.

Баъди охирин варақро хондан сардабир хеле ба андеша рафт. Ниҳоят ба хулосае омада, яке аз кормандонро ба назди худ хонд:

— Ориф вафот кардааст. Як таъзиянома аз номи аҳли қалам тайёр кунед. Дар саҳифаи охир бо ҳарфҳои майдатар диҳед. Сураташ шарт нест.

Корманд афсӯсхӯрон сар ҷунбонда, аз утоқи сардабир баромада истода буд, ки Шавкат Расулӣ илова кард:

— Ҳа, фаромӯш накунед, ки вай узви Иттиҳодияи журналистон аст, лауреати чанд мукофот ҳам ҳаст... Фаромӯш накунед! — бори дигар таъкид намуд.

Баъди рафтани корманд сардабир сейфи оҳанинашро кушоду қиссаву кассетаҳоро аз нав ба баста печонида, дар поёни сейф, дар ҷои чашмнорас пинҳон кард...

***

P.S: Чунин будаву бошад ҳақиқати рӯзгори ману ту, ҳампешаи ман!

Дурӯғ зистанро ба мо модаркалон дар тифлӣ, китоб дар наврасӣ, ишқ дар ҷавонӣ, шеър дар пирӣ омӯзонидааст. Войи ману ту бо афсонаҳои зиндагисоз!

Душанбе, соли 1998

kitobkhon.

ИНТИҚОМИ АРВОҲ

— Урра! Ниҳоят, орзуи ман амалӣ шуд, - ҳамсари рӯзноманигор Ҷамшеди Ҳабиб ба гардани шавҳар дастонашро ҳалқа карда, аз рухсораш бӯсид. Гап дар сари он буд, ки муддати мадиде боз зану шавҳар сари як масъала баҳс доштанд. Ҷамшед тӯли се сол боз бетанаффус кор мекард ва ончунон хаста бармегашт, ки ҳатто кӯдаконашро навозиш карда натавониста, хобаш мебурд. Ба замми ин сол ба сол миқдори бемориҳояш меафзуд. Ба дарди меъдаю гурда дар ин давра сӯзиши пой, баландшавии фишори хун зам шуд. Ҳамаи ин ҳамсарашро ором гузошта наметавонист. Махсусан сахт лоғар шудан, бармаҳал пиршавии шавҳар вайро хавотир мекард. Зан

ҳамеша хешро дар баробари ӯ, дар паҳлӯи ӯ ҳис менамуд ва андешаи “наход ман ҳам пир шуда бошам?”ба дилаш сахт мерасид.

— Зан, фарзанд, модар, падари шумо рӯзнома!- бо алам гоҳо мегуфт ба Ҷамшед.

Ниҳоят имрӯз баъди се соли бетанаффус кор кардан шавҳараш бо хабари хуш баргашт:

— Ман муддати як ҳафта истироҳат мекунам. Пагоҳ бо Умед ба деҳаашон меравем. Деҳа шаҳр нест ва метавонӣ дам бигирӣ. Мехоҳам ақаллан як ҳафта дур аз коғазу қалам бошам.

Субҳи дигар машинаи “Жигули” дар даромадгоҳи хона қарор гирифт. Ҷамшед дар китф кулбори роҳ, бори аввал бекоғаз, беқалам, бекитоб, бо азми сафар паҳлӯи Умед нишаст. Машина ба сӯи яке аз деҳаҳои дурдасти кӯҳистон ҳаракат кард.

***

Деҳаи Муаттар дар оғӯши кӯҳҳои сар ба фалак кашида ҷой гирифтааст. Хонаҳои майдаҳаки ба ҳамдигар монандро танҳо роҳҳои борику танг аз якдигар ҷудо мекунанд. Рӯзона дар кӯча касеро намебинӣ, гӯё деҳа ҳанӯз ҳам дар оғӯши хоб бошад. Вале шомгоҳ мардон дар назди масҷид, духтарон дар лаби чашма, занон дар сари кӯча, ҷавонон дар варзишгоҳи хурди мактаб ҷамъ меоянд. Ахбори якшабонарӯзии деҳа- аз пойи бузғолаеро шикастани чӯпон то ба деҳа омадани меҳмоне ба деги ин сӯҳбатҳо кашида мешавад. Аз назари аввал гуфтугӯи ҳар чор гурӯҳ якранг менамояд, аммо агар каме диққат кунӣ, мавзӯи сӯҳбатро ҳам ба чор бахш тақсим кардан мумкин аст. Масалан, дар бораи Ҷамшед — меҳмони амаки Қурбон мардон мегуфтанд:

— Мардаки хоксору бамаънӣ, дудаста салом мекунад, ғуруру кибр надорад.

Занон бошанд, меҳмони шаҳриро механдиданд:

— Гулнози хоҳари Умед ба зани тағои Ҷалол гуфтааст, ки меҳмон баъди дастшӯӣ аввал дасташро бо рӯймолчааш пок карда, баъди дидани сачоқ дубора дасташро шуста, ин бор бо он дасташро пок кардааст.

Дар варзишгоҳи мактаб ҷавонон сари дигар чиз андеша менамуданд:

— Ин мардак як замон авбош ҳам будааст. Ҳар касеро, ки баъди чопи мақола ба сараш меомад, ба ҷанги як ба як даъват мекард, - гуфт худи Умед.

Духтаракони лаби чашмаро орзуи дигаре буд:

— Зани ҳамин хел одам шавӣ, ки ба шаҳр равӣ. Ҳар рӯз дар киною консерт мегардӣ.

Қаҳрамони ин гуфтугӯйҳо Ҷамшед бошад, ин лаҳзаҳо рӯи кати миёни ҳавлӣ ба паҳлӯ зада, бехабар аз ин ҳама сӯҳбатҳо бо Умед қартабозӣ мекард. Сукути ба миён омадаро гоҳ-гоҳ садои яке аз онҳо халалдор месохт:

— Дама!

— Карол!

— Туз!...

***

Шаб Умеду Ҷамшед қарор доданд, ки пагоҳ ба тамошо, ба кӯҳ бароянд. Аз ин маслиҳат табъи Умед ончунон болида гашт, ки рафиқаш ҳайрон монд. Нигоҳи суоломези Ҷамшедро дида, вай сабаби хурсандиашро изҳор кард:

— Кӯдакиам пеши назар меояд. Дунболаи бузу гӯсфанд сар-сари кӯҳ давиданҳо, харсавору сурудхонон барои ҳезум рафтанҳо, номи духтаронро дар санги пуштаҳо ҳамроҳ бо номи худам навиштанҳоям... Оҳ, чӣ қадар кӯдакиро ёд кардам...

Ҷамшед ба чашмони дӯсташ, ки пардаи нозуки ашк печонида буд, нигариста, табассуме карду сар ба болин гузошт.

...Вале субҳидам деҳаро ба ҷойи ҳой-ҳойи подабону фарёди чӯпон ва бонги хурӯсону аккоси сагон фиғони талхи холаи Зумрад бедор кард:

— Духтари номуродам! Сиёҳбахти ҷавонмаргам Ёсуман!

Ҳанӯз Ҷамшеди хоболуд сарфаҳми чизе нарафта буд, ки Умед дар сар токӣ, дар тан ҷомаи сиёҳи бо миёнбанд сахт баста аз дар ворид шуд.

— Мебахшӣ, Ҷамшед, ба кӯҳ рафта наметавонем. Дар деҳа мусибат рӯй дод. Як духтараки шонздаҳсола нобуд шудааст. Ман ба мурдахона мераваму зуд меоям. Додарам Раҳим бо ҳамроҳии ту меистад.

Лаҳзае Ҷамшед гарангона даруни ҷойгаҳ нишаст. Баъд кӯрпаро аз рӯяш ҳаво дода, худ ба худ пуралам зам-зама кард:

Қадами номубораки Маҳмуд

Гар ба дарё расад, барорад дуд...

***

Ҳарчанд ин бегоҳ ҳар чор ғайбатхона “дарбаста” буду ҳама ба мурдахона мешитофтанд, вале сабаби марги Ёсуманро Ҷамшед аллакай медонист. Шаб бародараш Бахтиёр ҳангоме духтар тасодуфан пиёларо афтонида мешиканад, ӯро ҷанг мекунад. Духтар гирён мебарояд ва қариби субҳ бо арғамчин худро дар оғил меовезад.

Хешовандонаш дар оғоз мехостанд худкушии духтарро пинҳон кунанд.

— Саҳар “Ёсуман, хез, говҳоро пешандози подабон кун» — гуфта ҷеғ задам, ҳеҷ не, ки бедор шавад. Бинам, ки мурда мондааст,-дар

оғоз гиряолуд гуфт бибиаш. Аммо дар деҳа ниҳон доштани ҳақиқат корест душвор. Се кампири мурдашӯй баъди ҷасадро кафанпеч кардан байни занҳо миш-миш андохтанд:

— Худо занад, пайи ресмон дар гарданаш...

— Ба номи Худо, духтар худкушӣ кардааст.

— Қуръон занад, ин ҷо чӣ гапе ҳаст...

Ин миш-мишҳо аввал ба хешовандон, баъд ба гӯши холаи Зумрад расид. Модари ҷигарсӯз тоқат накарда, зор-зор навҳа кардаву фарзанди калониаш Бахтиёрро дуои бад карда, ҳама ҳодисаи рухдодаро ба ҳамдеҳонаш қисса кард.

Ҷамшедро, ки тӯли умри сисолааш мусибати зиёдеро дидаву шунида буд, ин ҳодиса ба ҳайрат наовард. Лекин одати ҳамешагӣ, кунҷкобии журналистона азияташ медод.

— Наход як ҷумлаи бародар боиси марг шуда бошад?

Дар аввал бисёр кӯшиш кард, то андешаро доир ба ин мавзӯъ аз сараш дур кунад. Охир, худ аз шунидану андешидан атрофи фоҷиаҳо хаста шуда, ба ин деҳаи дурдаст гурехта омад. Наход дар ин ҷой ҳам бояд мусибати дигарон шиканҷааш диҳад?

Вале натавонист, ки натавонист. Бо ҳар касе рӯ ба рӯ мезад, аз ин мусибат мегуфт, куҷое мерафт, фиғони Зумрад-холаро мешунид.

Рӯз ҳам бегоҳ шуд. Мардум як-як аз мурдахона, ки имрӯз аз он ҷасади номуродеро ба манзили охирин гуселонида буданд, баромада ду-ду, се-се ғайбаткунон ба ҳавлиҳояшон мерафтанд. Умед ҳам бо падару модараш баргашту узрхоҳона ба Ҷамшед гуфт:

— Эҳ, Худо, аз мусибат мегурезем, ба мусибат мепечем...

kitobkhon.net

Аммо рафиқаш дар сари дигар мавзӯъ меандешид. Не-не, ин кунҷкобию ба ҳасрати мардум ҳамроҳ шуданро наметавонист ба якборагӣ тарк намояд.

-Умед, як варақ ва як ручка биёр.

Рафиқаш нигоҳи ҳайроне сӯи вай андохт ва баланд хандид:

— Тамоми чизи дунёро хоҳӣ, меорам, лекин коғазу қаламро не. Ман ба янгаам Нӯшофарин ваъдаи қатъӣ додаам. Ту бояд дам гирӣ.

— Медонӣ, пайраҳаи қисматро кӯр карда наметавонӣ. Аз тақдир ба куҷо ҳам мегурезӣ? Бубин, ба як деҳаи дурдаст омадем, лекин боз доғи дигарон думболагирамон аст.

— Яъне, ту мехоҳӣ пайи дарёфти ҳақиқати марги Ёсуман талош кунӣ?

— Ҳамеша маро бо як нигоҳ мефаҳмӣ, Умед.

— Аммо деҳа қонунҳои худро дорад ва ҳар касе ба ин қонунҳо тобеъ намешавад, наметавонад дар ин макон зиндагӣ кунад.

— Мефаҳмам. Ҷустуҷӯи мо комилан махфӣ мегузарад. Касе чизеро нахоҳад фаҳмид. Бовар кун, - Ҷамшед илтиҷоомез ба дӯсташ нигарист.

Лаҳзае сукут лангар андохт. Ҷамшед медонист, ки Умед ҳар тарафи ин масъаларо бармекашад. Аниқтараш, ду савол вайро азоб медод:

— Хоҳ-нохоҳ ҳамсари рафиқаш аз ин “дамгирӣ”-и шавҳар огоҳ мешавад. Магар аз Умед наметарсад?

— Агар яке аз нияти Ҷамшед дар деҳа огоҳ шаванд, муносибати мардум ба хонадони онҳо чӣ гуна мешавад?

Ниҳоят Умед ба хулосае омаду ҳарфе назада, аз хона берун шуд. Баъди чанд муддат бо як дафтару ручка баргашт:

kitobkhon.net

— Бовар мекунӣ, дар хона ягон дафтари нав нест. Хайрият, хоҳарам Гулноз то охир ин дафтарро пур накардааст.

Рафиқаш чизе нагуфта, дафтарро пеш кашид. Болинро зери бозувон гузошта, варақи холиро кушоду ба навиштан оғоз кард.

Ёсуман толибаи синфи 10 аст, ҳабдаҳ сол дорад. Барои як сухани бародараш худкушӣ кард. Ин ҳамаи он маълумоте буд, ки Ҷамшед медонист. Акнун бояд ба ин саволҳо посух ёбад:

а) Ҷумлаи айнан гуфтаи бародараш чӣ буд?

б) Вақтҳои охир ҳолати рӯҳиашро атрофиён чӣ гуна баҳо медоданд?

в) Сабаби худкушиаш ба муҳити оила вобаста аст, ё мактаб?

Баъди ин Ҷамшед бо ҳарфҳои калон-калон навишт:

Дар ин давра ҷавонон фақат як мушкилӣ доранд- ишқи ҷавонӣ. Пас, саволи дигар пайдо мегардад:

г) Оё Ёсуман ягон касро дӯст медошт ва агар дӯст медошт, ин муҳаббат бо худкушиаш алоқамандӣ дошт, ё не?

Банди ҳазор андешаи чигил Ҷамшед дафтарро пӯшониду рӯи дафтарро хонда, абрӯ ба ҳам кашид: «Гулноз Қурбонова-толибаи синфи 10» — навишта шуда буд он ҷой.

-Умед!

— Лаббай!

— Гулноз ҳамсинфи Ёсуман будааст. Чӣ тавр доир ба Ёсуман аз ӯ пурсем, ки мақсади моро нафаҳмад?

— Агар ман пурсуҷӯй кунам, вай ба ҷое хабар намебарад. Вале чун ту пурсидӣ, таваҷҷӯҳатро ҳар хел баҳо медиҳанд. Аз ин рӯ чиро донистан мехоҳӣ, ба ман фаҳмон.

— Айни замон ҳама гуна маълумот доир ба Ёсуман ба манфиати кор аст, зеро мо дар бораи ӯ қариб чизеро намедонем. Махсусан ба ин суолҳо посух лозим, - Ҷамшед навиштаашро дароз кард.

Умед бо аломати тасдиқ сар ҷунбониду дафтарро гирифта, баромад. Ҷамшед бархосту сигор гиронд ва ғарқи андеша назди тирезаи кушода ба сукути пурасрори шаб гӯш андохт.

Фоҷиаи духтараки бечораро дар оғоз одӣ қабул кард, аммо оҳиста-оҳиста ин ҷавонмарг ончунон барояш азиз шуд, ки барои дарёфти ҳақиқати марги вай аз чизе рӯй намегардонд. Чаро? Барои чӣ? Ба хотири кӣ?- суолҳое буданд, ки дар сараш тоб мехӯрданд. Бояд сӯҳбати Умед бо Гулноз ба дасташ риштаеро диҳад, бояд... Лек мушкил он аст, ки намедонӣ, ин ришта то куҷо мебарад-канда мешавад ё не, кӯргиреҳ меафтад ё не, то охир меравад ё не. Ва аз ҳама асосӣ, бояд дар ҳолати ниҳон аз ҳама ин муамморо кушоӣ, бояд касе надонад, нашунавад. Вагарна, натанҳо ҳама кор барбод меравад, балки ин амал ба оилаи Умед паёмади бад меорад.

Ҷамшед намедонист аз рафтани рафиқаш чӣ қадар вақт гузаштааст. Ҳангоме Умед ба хона ворид шуд, вай қуттии холии сигорро аз тиреза ба берун партофт.

— Сигор дорӣ?

Умед қуттии сигорро рӯи миз монду андешаманд гуфт:

— Аҷаб духтаре будааст Ёсуман. Ором, ҷиддӣ, камгап. Боре давоми даҳ соли таҳсил моҷарои хонаашонро ба маҳфили дугонаҳояш наовардааст. Аммо чанд бор бо рухсори сиёҳу кабудшуда ба дарс меояд. Ҷавобаш ба ҳолпурсии дугонаҳо фақат як хел:

— Афтидам, дар торикӣ ба девор бархӯрдам.

Воқеан, оилаи онҳо аз хонаводаҳои сермоҷаро дар деҳа ҳисоб меёбад. Шаш духтаранд ва як писар. Ёсуман духтари хурдӣ ва Бахтиёр фарзанди калонӣ. Аз рӯи гуфтаи мардум, муносибаташон хуб набудааст. Сабаб, хоҳари дигарашон Маҳбуба, ки дӯст дошта, зидди хоҳиши волидайн шавҳар мекунад ва баъди як сол шавҳараш дунболаи кадом духтурзани шаҳриро гирифта мераваду Маҳбуба то ин дам бо як кӯдак дар хонаи падар. Чун вай сари аҳли хонадонро дар пеши мардум паст кард, Бахтиёр на ба вай рӯз медодааст, на ба Ёсуман. Донистани он, ки бародараш ба духтар айнан чӣ гуфта буд, муҳим аз ҳама аст, зеро ба духтаре, ки чандин бор мушт хӯрдаву таҳқир дида, барои шикастани як пиёла танбеҳ дидан бояд боиси худкушӣ нагардад, хулоса кард Умед.

— Муносибати ту бо Бахтиёр чӣ гуна аст?- пурсид Ҷамшед.

— Ману ӯ рафиқони наздик будем. Дар давраи донишҷӯй давоми панҷ сол дар як хона мехобидем. Рози ниҳоне надоштем, якҷоя менӯшидем, духтарбозӣ мекардем, аз якдигар қарз мегирифтем. Чун дар хона дигар писаре набуд, бо талаби волидайнаш Бахтиёр ба деҳа омад. Хатмкардаи факултаи геология буд, аз ин сабаб дар деҳа аз рӯи ихтисос кор наёфт. Ҳоло қатори дигарон дар колхоз ранҷ мекашад.

— Яъне ту метавонӣ дар ин масъала ба ӯ гап кушоӣ?

— Бале. Субҳ чун одати маъмул аҳли деҳа сари қабри Ёсуман мераванд. Фурсати мувофиқ ки шуд, бо Бахтиёр дар ин боб гап мезанам.

***

Баъди марги ҳар нафар се субҳ аҳли деҳа сари қабри шахси фавтида мераванд ва баъди фотиҳае хондан бармегарданд. Умед ҳангоми бозгашт дар паҳлӯи Бахтиёр қадам мезаду мекӯшид, то аз гурӯҳи одамон ҷудо шаванд. Чун як каме аз дигарон қафо монданд, фурсати муносибро аз даст надод:

— Бечора духтар... Аз сад гул як гулаш ношукуфта...

Бахтиёр дар ҷавоб хомӯшӣ ихтиёр кард. Умед якбора ба ҳуҷум гузашт:

— Рост гӯй, Бахтиёр, чӣ сабаб шуд, ки ин воқеа рух дод?

— Бовар кун, дар назди он суханоне, ки ман пештар ба Ёсуман гуфта будам, дашноми динашаба ҳеҷ буд. Вале намедонам, чаро ин тавр кард...

— Дар ёд дорӣ, ки чӣ гуфтӣ? Шояд ягон сухани бад буд...

— Не, ман айнан дар ёд дорам: “Дастҳоят каҷ шудаанд, акнун навбати пойҳоят. Ё шояд аллакай пойҳоят ҳам каҷ шудаанд?» — ин аст ё сухане, ки ман гуфтам. Ёсуман давон-давон баромаду рафт. Ким-чӣ хел парешон, хавотир буд.

— Мегӯянд, ки баҳудаю беҳуда духтарро бисёр азоб медодаӣ. Алами Исоро аз Мӯсо намегиранд, Бахтиёр.

— Худатро боре ба ҷои ман гузор: панҷ сол мурда-мурда хониву ба хотири хоҳарон ба деҳа биёӣ. Ба ивази ба қадри ту расидан, саратро дар миёни аҳли деҳа хам созанд. Алам намекунад?!

— Ҳа, туро мефаҳмам.Қонунҳои нонавиштаи деҳа сахтару бераҳмтар аз қонунҳои навиштаи мо аст. Намедонам, ин қонунҳоро дар куҷо навиштаанд, ки садсолаҳо боз ҳукмронӣ дораду касе ё чизе наметавонад онро кӯр кунад. Ёсуманро ҳам алами хатоии Маҳбуба ба домони хок бурд. Дар деҳа бояд сарбаланд чун қуллаҳо бошӣ, аммо кӯшиши сарбаланд будан хеле барвақт сарсафедат мекунад, хеле барвақт. Нанг, номус, виҷдон, шармро, ки дар шаҳр зиёд аз он мегӯем, бояд дар деҳа ҷуст ва аз деҳа ба шаҳр бурд. Вале шаҳр... Шаҳр ин ҳамаро ҳазм мекунад, ба рӯи қонунҳои деҳа туф мекунад ва қонунҳои худро ҷорӣ месозад. Чунин будааст қонуни ин дунё...

kitobchi.net

Хайр, чӣ илоҷ? Ба тақдир бояд тан дод. Ёсуман дигар нест ва набудани ӯро мисли кӯҳҳои хомӯш бояд таҳаммул кард. Сукут, хомӯшӣ, дарун-дарун об шудан, ба касе аз он чӣ, ки дар дил мегузарад, ҳарфе назадан, - ин аст қонунҳои нонавиштаи деҳа. Мусибатро ҳам бояд мардонавор пазируфт. Мард бош, Бахтиёр,-дастони Умед ба китфи рафиқаш фуруд омад.

***

“Дастҳоят кач шуданд, акнун навбати пойҳоят. Ё шояд аллакай пойҳоят ҳам кач шудаанд?”- сари ин ҷумла Ҷамшед дар даст дафтару ручка рӯзи дигари сӯҳбати Умед бо Бахтиёр меандешиду ҳеҷ наметавонист ба хулосаи қатъӣ биёяд. Хулосаи қатъӣ набуд, вале ин ҷумла ба дасти рӯзноманигори соҳибтаҷриба чанд тахмини алҳол бедалелро дода буд.

Тахмини аввал. Бахтиёр чизеро дар бораи хоҳараш медонад, ки гуфтааст: «шояд аллакай пойҳоят ҳам кач шудаанд?”Духтар аз тарси бародар худро меовезад.

Тахмини дуввум. Бахтиёр чун одат бо ин суханони талх хоҳарашро таҳқир мекунад. Ёсуман чун мебинад, ки бародараш ба беасос айбдор кардани вай ба тардоманӣ шурӯъ кардааст, аз сари нанг худкушӣ менамояд.

Тахмини саввум. Бахтиёр чизеро намедонад. Вале хоҳараш чӣ гуноҳе дорад. Чун ин ҷумларо мешунавад, гумон мекунад, ки асрораш фош шудааст. Аз тарс ба сӯи марг меравад.

Тахмини чаҳорум. Бахтиёр мефаҳмад, ки Ёсуман бо кадоме алоқаи маҳрамона дорад. Ба хотири пеши мардум сарпаст нашудан хоҳарашро меовезад.

Лекин як далели дигар ин тахминҳоро инкор мекард:

Дар деҳа ягон роз ниҳон наемонад ва муносибати Ёсуман бо касе ҳатман овоза мешуд ё ақаллан ҳамсинфонаш огоҳӣ меёфтанд.

kitobkhon.net

Аммо... далели дигар: Ёсуман духтари ҷиддӣ, камгап буд, рози дил ба касе намегуфт. Агар он шахси номаълум ҳам чунин хислат дошта бошад чӣ?

Ин ҷумлаи охир Ҷамшедро ончунон саргаранг сохт, ки Умедро ба кӯмак даъват карду дафтарро ба ӯ дод.

— Тахмини дуввум ба ҳақиқат наздиктар — баъди хондан дафтарро рӯи миз гузошт Умед. — Чизи дигаре буда наметавонад, Ҷамшед. Беҳуда худро азоб мадеҳ, дар ин ҷой на ягон ҷиноят ҳаст, на ягон моҷаро. Ин бегоҳ оши сеи Ёсуман аст. Меравӣ?

— Ҳатман! Шояд ришгае ба даст ояд. Дили ман гувоҳӣ медиҳад,— Ҷамшед табассуми талхе карду бархост.

***

Ҳангоме Ҷамшеду Умед баъди фотиҳа хондан аз дарвозаи ҳавлии Бахтиёр мебаромаданд, зани сияҳпӯше онҳоро боздошт:

— Меҳмон, мебахшед, Шумо дар газет кор мекунед?

— Ҳа, хола.

— Бечора Ёсуман, - чашмони зан пуроб шуданду Ҷамшед зуд дарёфт, ки пешорӯяш модари духтари бадбахт аст. — Имрӯз ба хотири баровардани ғубори дил дафтарҳояшро варақ задам. Чандто шеър навишта будааст. Ба Бахтиёр нишон додам,“шеърҳои худаш”- гуфт. Агар илоҷ бошад, ягонто аз ҳамон шеърҳоро чоп намекунед? — нигоҳи зан он қадар умедворона буд, ки Ҷамшед дарҳол қатъӣ ҷавоб дод:

— Ҳатман. Шеърҳоро ба ман расонед, шуд.

Зан шитобон ба хона рафту баъди чанд лаҳза бо як дафтар баргашт. Ҷамшед медонист, ки ҳоло ин дафтари назарногир пеши модар чӣ қиммате дорад. Охир, Ёсуман дигар нест ва мо “зиндахору мурдаазизем”. Шояд ин зани сияҳпӯш боре сари духтарашро бо меҳр

kitobkhon.net

сила накарда бошад, аммо чун имрӯз ӯ нест, ҳар як чизе нишон аз вай дорад, барояш баарзиш аст. Аз ин хотир дафтарро гирифту гуфт:

— Мо шеърро чоп мекунем. Баъд дафтарро ба дасти Умед равон мекунам.

— Хоки поятон шавам, меҳмон — ҷисми зан аз гиряи талх ларзид.

***

Ҷамшед шеърҳои Ёсуманро аз шеърҳои дигаре, ки рӯйбардор карда буд, зуд ҷудо кард. Тасвирҳо сода, вазни шеърҳо вайрон, андешарониҳо танҳо дар чаҳорчӯбаи деҳа ва орзуҳои кӯдакона.

Аммо дар ин шеърҳо бӯе аз ишқи ҷавонӣ набуд! Ҳатто ишорае аз шабҳои маҳтобӣ, сӯзи бедармони дил, ҳасрати он шаҳзодаи ношинос, тарс аз фош шудани муҳаббати содаи духтараки мармузу танҳо, ки Ҷамшед чун одат дар шеърҳои навошиқон вомехӯрд, дида намешуд. Танҳо ситоиши модар, кӯҳу чашма, баҳору мактаб. Ҳар як мисраъ, ҳар як калимаро Ҷамшед ду-се бор хонд, вале...

— Гуфтам, худро азоб мадеҳ, - ғолибона табассум кард Умед ва худро ба ҷойгаҳ партофт. Лекин рафиқаш ҳамоно сигор пайи сигор мекашиду такрор ба такрор ҳар як шеърро мехонд. Ин охирин василаи далелро ба даст овардан буд. Худи Ҷамшед ҳайрон буд, ки чаро ба марги Ёсуман шахсеро гунаҳкор медонад? Чаро худкушии ӯро қабул карда наметавонад? Бо кадом далел қалби вай ба ақлаш тобеъ намешавад?

Шубҳа, нобоварӣ, интизории хиёнат аз наздиктарин дӯстон, номардӣ аз ҷониби ҳамқаламоне, ки лофи садоқат мезананд, мафҳумҳое ошно барои Ҷамшед буданд. Агар ӯ танҳо қиссаи зиндагии хешро аз қалбаш ба рӯйи коғаз мерехт, шояд қаҳрамони бемислу монанди Агата Кристи Эркюл Пуаро ҳам ба ин

рӯзноманигор ҳасад мебурд. Вале зиндагӣ имкон намедод ва Ҷамшед бовар дошт, ки басе ногуфтаҳоро бо худ ба гӯр хоҳад бурд.

...Ғарқи андеша чӣ гуна хобаш бурд, ёд надошт. Ҳангоме сар бардошт, Умедро болои сараш дид.

— Хез, дар ҷойгаҳ хоб рав, Ҷамшед. О, ман туро барои истироҳат овардам, лекин ту беҳуда рӯҳу вуҷудатро азоб медиҳӣ. Аз баҳри Худо, бас кун, зану фарзандонатро ба ёд ор. Дар ҳодисае, ки нишони ҷиноят нест, ин қадар андеша мекунӣ. Ман тасаввур мекунам, чӣ тавр ту барои ҷинояти воқеӣ ҷон меканӣ. Худро тез бой медиҳӣ, Ҷамшед!

Ҷамшед насиҳатҳои рафиқашро, сар аз рӯи дафтари Ёсуман набардошта, гӯш кард ва бори охир бо қирраи чашм бо ҳасрат ба шеъри ба мактаб бахшидаи духтар нигарист. Ҳар як калима мисли лентаи кино аз пеши назараш мегузашт. Ногаҳон... лаҳзае шах шуд, хост чизе гӯяд, натавонист. Танҳо бо даст ҳарфҳои аввали шеърро аз боло ба поён ба дӯсташ нишон дод:

— Мирзоалӣ — Умед ин номро ончунон баланд талаффуз кард, ки дӯсташ бо ишораи “хомӯш бош” ангушти ишоратиашро боло намуд.

— Пагоҳ тамоми онҳоеро, ки дар деҳа Мирзоалӣ ном доранд, рӯйхат кун. Кори воқеӣ акнун сар мешавад,-шодон бо дастонаш чашмони хоболудашро молид Ҷамшед.

***

Ҷустуҷӯи Мирзоалиро худи Ҷамшед оғоз кард. Ҳанӯз Умед аз хоб нахеста, субҳи барвақт ба рӯи ҳавлӣ баромад. Аҷаб як субҳи босафое буд. Эҳёи зиндагӣ гӯё пас аз марг. Ҳама чиз аз нав ҷон мегирад, зинда мешавад дар деҳа.

Гулноз, ки нав говҳоро пешопеши подабон карда омада буд, бархестани меҳмонро дида, зуд офтобаи оби гармро гирифта, назди Ҷамшед омаду салом дод.

— Ваалайк, хоҳари ширин, - остини куртаашро боло карда, кафашро сӯи духтар дароз кард меҳмон ва оби гармро ба рӯяш кашид. Аллакай нақшаи чӣ тавр аз Гулноз маълумот гирифтан дар сараш пухта расида буд.

— Чаро дар кӯҳҳои шумо бисёр мавзеъҳо номи туркӣ доранд? — дастурӯйшӯияшро идома дода, ба сӯҳбат оғоз кард рӯзноманигор.

— Чунки деҳаи мо тоҷикнишин аст ва туркони кӯчманчиро дар аввал танҳо ба сифати чӯпону хидматгор киро мекарданд. Азбаски аксар вақт онҳо дар кӯҳҳо буданд, ба мавзеъҳо номи туркӣ гузоштаанд, - бидирросзанон посух дод Гулноз.

— Э, бале! Беҳтарин андеша! Ин фикри худат?

— Не, муаллими адабиётамон Раҳимов Мирзоалӣ гуфтанд.

— Аҳҳа! — лаҳзае даступо хӯрд Ҷамшед, аммо зуд худро ба даст гирифт:

— Ҳамсинфонат чӣ? Онҳо номи туркӣ надоранд?

— Ба фикрам не. Бачаҳо: Самандар, Сулаймон, Навид, Шодмон, Аҳмад, Қурбоналӣ, Шокир, Ҷамил, Насим, Фирдавс, духтарон ҳамагӣ ҳафт нафар: Рухсора, Саида, Шукуфа, Рамзия, Гуландом, раҳматӣ Ёсуман ва ман.

— Тамом?

— Ҳа. Ҳамагӣ 17 нафар, ҳоло 16-кас.

— Офарин! Ягон номи туркӣ нест, — Ҷамшед табассумкунон ба хона ворид шуд. Умед, ки бархоста, аз тиреза сӯҳбати рафиқашро бо хоҳараш наззора мекард, бо истеҳзо гуфт:

— Тоқат накардӣ?

— Дар синфи онҳо Мирзоалӣ ном талабае нест. Лекин муаллими адабиёташон Мирзоалӣ ном дорад.

kitobkhon.net

— Ман вайро мешиносам. Лоиқ ба дӯст доштан. Аз деҳаи дигар аст. Тахминан 23-24-сола, ҷавонмарди зебо, босавод, боодоб, шеърро бисёр хуб қироат мекунад. Яъне аз дасти вай шахсеро озор додану ба худкушӣ расонидан намеояд.

— Ба ҳар ҳол, аввал бояд фаҳмем, ки дар деҳа чанд Мирзоалӣ ҳаст ва агар набошад, бо муаллими адабиёт бо ягон баҳона вохӯрдан лозим. Шояд ин ном ҳамин хел тасодуфӣ интихоб шуда бошад, зеро дар шеър бӯе аз ишқ нест, вале мактаб ҳаст. Мисраи аввал ҳам шубҳанок: Мактабам, ишқу умедам ту ҳастӣ...

— Чаро бо шубҳа ҳарф мезанӣ? Дар ин синну сол як дард ҳаст: ишқ! Агар ба касе бепарво бошӣ, чаро номи ӯро сархати ҳар мисраъ мекунӣ? Махсусан ин номи дароз, ки ҳаргиз тасодуфан пайдо намешавад. Фаҳмидӣ? То ту ношто мекунию пайиҳам ду сигорро мекашӣ, ман нисфи супоришатро иҷро мекунам,-Умед инро гуфта, берун баромад.

Ришта ба даст омада буд: тахмини Ҷамшед дар мавриди бепарво набудани Ёсуман исбот шуд, аммо бояд исбот мегашт, ки ин таваҷҷӯҳ дар худкушии вай нақш бозидааст. Айни замон бо пайдо кардани танҳо ном аллакай фарзияи дуввуми Ҷамшед дар мавриди марги духтар “Бахтиёр чун одат ба суханони талх хоҳарашро таҳқир мекунаду Ёсуман мебинад, ки бародар ба беасос айбдор кардани вай ба тардоманӣ шурӯъ кардааст, аз сари нанг худро мекушад”, аз байн рафт. Фарзияи аввал ва фарзияи чаҳорум дар бораи он, ки Бахтиёр дар бораи алоқаи хоҳараш бо касе (айни ҳол ҷои “касе” Мирзоалӣ пайдо шуд) хабар дорад, сахт зери шубҳа мемонд. Зеро қонуни нонавиштае ҳаст: аз бероҳагардии зан аксар вақт аз ҳама охир шавҳар, аз бероҳагардии духтар аз ҳама охир падар ё бародар огоҳ мешаванд. Махсусан дар деҳа. Чунки дар ин мавзеъ “рӯйи одам

kitobkhon.net

ширинтар аст нисбат ба шаҳр”. Агар ки ҷанге бархезаду ин номи бад чун дастак барои занҳо хизмат кунад, гапи дигар. Он гоҳ, хоҳ ин таъна ҳақиқат дошта бошад, хоҳ не, як умр ба он таънашунав мечаспад. Вале барои инкори ин ду фарзия ҳам ҳанӯз барвақт буд.

— Инак, дар деҳа шаш Мирзоалӣ ҳаст,-Умед ба хона ворид шуда, ботантана хабар дод.

— Мирзоалии аввал аз ҳафтод гузаштааст, Мирзоалии дуюм чӯпон аст ва соҳиби панҷ фарзанд, Мирзоалии сеюм чор сол боз дар девонахона, Мирзоалии чорум чилупанҷсола аст ва амаки Ёсуман мешавад, Мирзоалии панҷум дар синфи сеюм мехонад. Мирзоалии шашум муаллими адабиёт.

— Сад дар сад ин бечораи сарсахт аниқ шуд: муаллим!-хурсандона даст ба болои миз кӯфт Ҷамшед. Вале дар сархати шеър пайдо шудани номи вай далел шуда метавонад, ки воқеан Ёсуман ӯро дӯст медошт? Шояд муҳаббати шогирдона?

— Афсона. Духтари шонздаҳсола ва ҷавонмарди сисола. Бо ин фарқияти синну сол ҷуз ишқ чизи дигаре нест. Мо далел дорем, ки Ёсуман нисбати муаллим бепарво набудааст. Мирзоалӣ бояд ҳусни хати шогирдашро хуб шиносад, аз ин рӯ ин далелро инкор карда наметавонад. Шарт аст худро азоб додан? Даъват мекунем ва рӯирост мегӯем: Бародар, воқеа ҳамин хел.

— Бо кадом баҳона вайро ба хона меорӣ?

— Мирзоалӣ аз мухлисони қалами туст, даъвати маро ба ҷон қабул мекунад. Дар деҳа меҳмон аст ва аксар ӯро ба меҳмонӣ хондаанд. Шубҳае барои даъвати ман дар байни мардум пайдо намешавад. Ба хӯроки нисфирӯзӣ ҷеғ мезанем.

— Ба пеш! — Ҷамшед дастонашро бо ишораи “муқобил нестам” ба ду тараф боз кард.

***

Воқеан ҳам ҷавонмардест лоиқ ба дӯст доштан, - ин андешаро Ҷамшед дар лаҳзае аз дил гузаронид, ки Мирзоалӣ баъди шунидани қиссаи Ёсуман аз забони Умед бо ранги парида шеъри “Мактабам”-ро такрор ба такрор мехонду аз номаш дар саҳифаи дафтар чашм намеканд.

Ин гуна ҷавонмардонро Ҷамшед зиёд дида буд. Эшон аслан ҷуз сухан дигар чизе дар бисот надоранд. Зебо ҳарф мезананд, равону пуртаъсир шеър мехонанд. Тоза либос мепӯшанд, ҳарчанд либоси арзон, соқии хотирмон дар маҳфилҳоянд, субҳ дар пеши оина даҳ бор мӯй шона мекунанд, хушсӯҳбату ба дидаҳо ҷой ҳастанд. Хулоса, вақте муште хӯрданд, “Ташаккур” гӯён мераванд. Замоне, айёми навҷавонӣ Ҷамшед ин хислатҳоро дошт, барои ҳамин дилаш ба Мирзоалӣ баринҳо месӯхт. Чунки онҳо ҳеҷ вақт нони худро соҳиб нестанд, барои дигарон ҷон мекананд, аз ҳуқуқи хеш дифоъ карда наметавонанд. Барои духтарони ба зиндагӣ нигоҳи воқеӣ дошта воситаи дилхушианд, барои духтарони орзупарвар шоҳзодаи ҳақиқӣ.

— Шумо шахси ҳассосу мушоҳидакор менамоед. Наход боре дар муносибати Ёсуман чизеро эҳсос накардаед?- рамуздорона пурсид Ҷамшед.

— Ӯ ҳамеша дар вақти дарс ҷавоб додан даступо мехӯрд, боре ба чашми ман рост нигоҳ намекард, овозаш меларзид, сурх мешуд. Вале ман инро барои духтарони деҳот табиӣ мешуморидам. Ҳарчанд, на ҳамаи духтарон ин хел буданд,— Мирзоалӣ оҳи сарде кашид.

— Ягон бор шеърҳояшро барои хондан надода буд? Умуман, бо шумо муносибате надошт?

— Гоҳ-гоҳ китоб мегирифту субҳ меовард. Як одати бад дошт, ки ба зери баъзе мисраъҳои шеър ё ҷумлаҳо хат мекашид.

— Ва шумо ба он ҷумлаю мисраъҳо аҳамият намедодед?

— Рости гап, не. Фақат огоҳ кардам, ки китоберо ӯ мегирад, ман ҳатман тафтиш мекунам, агар хат кашида шуда бошад, дигар китоб намедиҳам.

Не, ин сӯҳбати дурудароз гарчӣ фақат аз Ёсуман буд, чизе надод, ҷуз он ки гумонеро қавӣ сохт: духтар Мирзоалиро дӯст медошт ва муаллими бечора аз ин бехабар буд.

— Ҳатман ба мактаб биёед. Бо бачаҳо вохӯрӣ мегузаронем. Бисёриҳо дар орзуи сӯҳбати шумо ҳастанд,-гарчанд ҳангоми хайрухуш Мирзоалӣ ин суханонро аз таҳти дил гуфт, вале дар овозаш оҳанги андӯҳу ғусса эҳсос мешуд.

— Боз дар бунбаст!— Ҷамшед баъди гусел бо алам худро ба ҷойгаҳ партофт.

***

— Аҷаб, аллакай рӯзи панҷуми мо дар ин деҳа оғоз мегардад,— Ҷамшед бо таассуф дами субҳ ба Умед хитоб кард.

— Лекин мо, мисоли ақлгумкардаҳо, фақат сари як мавзӯи дилсиёҳкунанда тоб мехӯрем. Биё, имрӯз аз деҳа берун меравем,-рафиқаш ба сӯи рӯзноманигор бо илтиҷо нигарист.

— Майлаш,— Ҷамшед ин бор муқобилият накард.

...Онҳо аз кӯчаҳои танги деҳа баромада, ба оғӯши кӯҳ роҳ гирифтанд. Дар дами роҳ як кулбаи фарсуда аз деҳ ҷудо шуда меистод ва дуди аз манораи хона мебаромада гувоҳи он буд, ки каси зиндае чун сарҳадбони деҳа ва кӯҳ дар ин макон зиндагӣ дорад. Умед нигоҳи суоломези Ҷамшедро дида, шарҳ дод:

— Боз як қиссаи ҳузнангези дигар. Дар ин хона Қудрат ном шахс зиндагӣ дорад ва синнаш аз навад болост. Ҳамсараш барвақт аз дунё чашм пӯшид ва аз худ як писар нишон гузошт. Қудрат фикри зани

дигар накард. Боре, баъди анҷоми ҷанги зидди Олмон, писараш барои ҳезум ба кӯҳ рафт ва барнагашт. Баъди чанд моҳи кофтукоб устухонҳояшро ёфтанд. Маълум гардид, ки тарма ҷавонро пахш мекунад ва ба сой мефарорад. Гургони гушна ҷасадро меёбанд... Қудрат хаёлӣ шуд ва хонаашро дар он гӯшаи деҳа гузошта, дар ин мавзеъ хона сохт. Танҳо мезияд ва роҳи фарзандашро мепояд. Мардум то қадри ҳол кӯмак мерасонанд. Ана вай!-Умед мӯйсафеди хамидапуштеро, ки сатил дар даст аз кулба мебаромад, нишон дод.

Ҳарду ғайриихтиёр сӯи бобои Қудрат рафтанд.

— Ассалому алейкум, бобо!-Умед салом дод. — Чӣ ҳол доред?

— Писарам ҳозир аз ҳезум мебиёяд. Чой монам гуфтам, об нест. Ту писари кӣ?-мӯйсафед ба Умед нигарист.

— Писари Қурбон, бобо!

— Ҳа! Кай аз ҳезум омадӣ? Бачаи маро надидӣ?

Лаҳзае Умед худро гум кард. Ҷамшед ба ҷои вай ҷавоб дод:

— Ҳозир мебиёяд, зиқ нашавед.

Умед сатилро аз дасти мӯйсафед гирифт:

— Диҳед, ман об мебиёрам.

Ҳамин ки вай ба сӯи чашмаи болотар аз кулба, ки дар оғӯши сафедорҳои баланд буд, раҳсипор шуд, аз бом тароша афтидагӣ барин, бобои Қудрат аз Ҷамшед пурсид:

-Ёсуманро кӣ кушт?

— Худкушӣ кардааст, мегӯянд.

— Бечора, ба ман хӯрок меовард. Вай духтари чашмкабуд буд. Касе чашми кабуд дорад, худкушӣ намекунад. Ёсуманро касе кушт, кадом одами чашмкабуд кушт. Марги кабуд дар дасти кабуд.

— Ин хел ҳодисаҳо дар деҳа зиёд мешаванд?

— Чашмкабуд кам, ин хел марг кам. Як бор буд. Ҳа, як бор. Духтари Исрофил Сокинаро ба Низоми Қурбошӣ доданд. Низоми пир. Духтар нахосту гурехт. Низом ӯро ёфту ресмонпеч овард. Никоҳ кард. Як рӯз аз тӯй гузашту арӯс худро оташ зад. Ҳамон вақт бояд Исрофил ҷазои Низомро медод, хунро бо хун мешуст. Қувваташ нарасид, Низом зӯр буд. Ҳа, ана ҳамин хел. Зебо буд арӯс, бенишон рафт арӯс. Пеши писари ман, барои ҳезум рафт...

Ҷамшед эҳсос кард, ки мӯйсафед гоҳ ба воқеият бармегардад, гоҳ ҳазён мегӯяд. Аз ин рӯ, бо омадани Умед сӯи вай гуфт:

— Рафтем!

Ҳарду сӯи кӯҳ боло шуданд.

***

— Амаки Қурбон, шумо Исрофилро ёд доред? Ҳамоне, ки духтараш Сокинаро ба Низоми Қурбошӣ дода буданд? Аз вай нишоне мондааст? -бегоҳӣ, ҳангоми хӯроки шом Ҷамшед аз падари Умед суол кард.

— Не, ман танҳо шунида будам ин қиссаро. Аз Исрофил ғайри он духтари ҷавонмарг як писар монд, бо номи Носир, ки чанд сол пеш аз дунё гузашт. Аз Носир се духтару як писар мондааст. Духтаронашро ба ҷавонмардони деҳа надод мӯйсафед. Зеро вақте бо гуноҳи Низом хоҳараш аз дунё гузашт, касе аз аҳли деҳа ҷонибдори хунро бо хун шустан набуданд. Аниқтараш, аз Низом метарсиданд. Духтарони Носир дар деҳаи дигар ба шавҳар баромаданд. Писараш Икром дар деҳа монд ва анъанаро шикаста, аз духтарони деҳа арӯс интихоб кард. Ҳоло чанд фарзанд дорад.

— Низом чӣ?Аз Низом касе мондааст?

kitobkhon.net

— Низомро Ҳукумати Шӯро ба қатл маҳкум кард. Се зан дошт ва беш аз бист фарзанд. Баъди марги падарашон фарзандон ҳар кадом ба сӯе рафтанд. Фақат як нафарашон, ки Салим ном дошт, баъди чанд сол баргашт бо зану фарзандонаш. Ҳамин падари раҳматии Ёсуман, яке аз фарзандони Салим аст.

— Аҷаб қиссаҳое! Имрӯз ин фоҷиаи кӯҳнаро ба ман бобои Қудрат нақл кард. Ман хостам фаҳмам, ки поёни ин қисса чӣ шудааст — Ҷамшед нигоҳи озмоишкоронаи Умедро дида, бо табассум посух дод.

***

Ҳангоме бо нияти ба мактаб рафтан аз дарвоза баромаданд, дар кӯча бо модари Ёсуман рӯ ба рӯ шуданд. Зан аввал ба Умед, ки пеш-пеш қадам мегузошт, салом дод. Ҳангоми ба салом посух додан Умед ба дараҷае сурх шуд, ки ин ҳолат Ҷамшедро як қадар саросема кард.

«Чаро? Боз дар ин ҷой чӣ асрорест? Умед чиро аз ман ниҳон дошта бошад?» — якбора дар сараш ҳазору як савол пайдо шуд. Вале бо нияти ин асрорро кушодан ва бо кунҷкобии хос он қадар бо меҳр ба зан салому алейк кард, ки гумон мекардӣ, холаи хуниаш бошад.

Зан ҳам аз ин гуна меҳрубонии меҳмон ба риққат омада, боз бо ҳасрат аз духтари нокомаш ёд кард. Ҷамшед ин бор равшан эҳсос намуд, ки рафиқаш наметавонад ба чашми модари Ёсуман нигарад. Ҳар бор бо шунидани номи духтар як қад мепарад ва чун дид, сӯҳбати Ҷамшеду модар дароз аст, ғайрихтиёр аз онҳо дур шуд. Чун ба масофае рафт, ки наметавонист гуфтугӯро шунавад, зан бо овози ларзон ба Ҷамшед хитоб намуд:

— Меҳмон, садқаатон шавам, рафиқатонро фаҳмонед, зиндагӣ, хости Худо ҳамин будааст. Новобаста ба синну сол аз Ёсуман калон буданаш, мо ҳама мехостем маҳз ӯ домодамон бошад. Акнун дар фикри тӯй будему омадани домодро интизорӣ мекашидем, ки худо

нахост... — гиря гулӯи занро банд кард ва ӯ натавонист ҷумлаашро ба поён расонад.

Агар ҷойи Ҷамшед дигар кас мебуд, шояд аз ин кашфиёти тоза саргарангу ҳайратзада мегашт. Аммо ин ҷараёни пуршӯру исёни зиндагӣ рӯзноманигорро пухта карда буд. Ба ҷойи аз ҳайрат нидо баровардан рӯзноманигор оромона пурсид:

— Охир, Ёсуман ҳанӯз дар синфи даҳ мехонд...

— Эҳ, ҳозир кӣ парво дорад? Вай як сол ба мактаб дер рафта буд, барои дар ҳаждаҳ нею дар ҳабдаҳ духтарро ба шавҳар додан касеро суд накардаанд.

— Медонистам, ки Умед маро барои дар тӯяш иштирок кардан ба деҳа оварда, вале намедонистам, ки арӯсшавандааш Ёсуман аст. Чун дар деҳа ин фоҷиа рух дод, гумон кардам, поси хотири шахси фавтида тӯй баргузор намешавад. Ба ин хотир дар ин мавзӯъ бо Умед дигар гап накушодам. Албатта, ман ба вай мефаҳмонам, ки ҳар чӣ дил хост, намешавад, ҳар чӣ тақдир мехоҳад, ҳамон хоҳад шуд, - бо нишони таассуф сар ҷунбонидаву аз “дурӯғи маслиҳатомез”- аш сурх нашуда, бо зан хайрухуш кард Ҷамшед.

То аз дарвозаи мактаб ворид шудан ҳарду хомӯш буданд. Умед мекӯшид, то ба чашми рафиқаш нанигарад, зеро бо чӣ сабабе аз нигоҳи озмоишкоронаи вай метарсид.

Ҷамшед бошад, чунин вонамуд мекард, ки гӯё танҳо қадам мезанад. Як лаҳзаи дидору гуфтугӯ бо модари Ёсуман байни онҳо садди чинӣ афрохта буд.

Онҳоро сарвари мактаб ва Мирзоалӣ пешвоз гирифтанд. Нигоҳи муаллими адабиёт гунаҳкорона буду чашмони сурхшудааш гувоҳи бехобиҳояш.

«Бечора виҷдон! Фақат бегуноҳону шоиронро азоб медиҳад!» — бо тамасхур аз дил гузаронид Ҷамшед ва пеш аз он ки вохӯриро оғоз кунанд, Мирзоалиро ба гӯшае кашид.

Онҳо чӣ гуфтанд, чаро муаллими адабиёт шитобзада вориди утоқ шуду китоберо барои Ҷамшед овард, барои Умед муаммо буд. Баъд вохӯрӣ оғоз гардид. Ҷамшед, ки наттоқи хубе буд, ҳозиринро зери таъсири суханонаш гирифта, хеле аз пешаи сангини рӯзноманигорию нависандагӣ ҳарф зад. Се — чор дона китоби тозанашрашро ҳам тӯҳфа кард. Дар фарҷоми мулоқот Ҷамшед пешниҳоде намуд, ки боз Умедро ба гирдоби андеша кашид. Рӯзноманигор бо эҳсоси ба худ хос гуфт:

— Ман мехоҳам бо хатмкунандагони мактаб сӯҳбати танҳо ба танҳо дошта бошам. Зеро онҳо имсол ба шоҳроҳи зиндагӣ қадам мегузоранд ва мехоҳанд пайи амалӣ кардани орзуҳои хеш равона гарданд. Албатта, эшон барои гуфтани ин орзуҳо ба омӯзгорони худ шарм медоранд, вале шояд аз баёни он ба ман истиҳола накунанд. Бовар дорам, ки маслиҳати ман ба онҳо ба кор меояду баҳри қадами устувор гузоштан дар зиндагӣ мусоидат мекунад.

Ҳама бо хушнудӣ ин пешниҳодро пазируфтанд, алалхусус хатмкунандагон. Сарвари мактаб утоқи кориашро ба ихтиёри Ҷамшед гузошт. Хатмкунандагон ворид мегаштанд ва баъди се-чор дақиқа болидарӯҳ мебаромаданд. Охирин кассе, ки ба назди рӯзноманигор даромад ва хеле дер, бо чашмони ашколуд, аммо пур хашму ғазаб баромад, навраси қадпасти чашмкабуди лапаргӯш, бо мӯи зарди баланди шонанадида, рухсораи сафеди беҳис буд. Умед ин наврасро нашинохт, аниқтараш, ба касе монанд накард, чунки ӯ дар деҳа чандин сол набуд ва кӯдакону наврасонро аз рӯи қиёфа ба ин ё он шахси калонсол монанд мекарду мефаҳмид аз кадом авлод

kitobxon.net

аст. Ҷамшед ҳам дунболаи наврас берун шуд, вале бо кайфияти баръакс, сигор дар лаб ва хандону осуда. Гӯё кӯҳро аз китфаш гирифта бошанд, болидарӯҳу сабук. Онҳо бо омӯзгорон хайрбод карданд ва як лаҳза Мирзоалию Ҷамшед чанд ҷумла миёни якдигар радду бадал карданд.

То ба хона, тамоми шаб Ҷамшед ба Умед ҳарфе назад, чизе нагуфт. Танҳо кадом як суруди дӯстдоштаашро зери лаб тараннум менамуду табассум мекард.

Шаб онҳо барои бозгашт тайёрӣ диданд. Модари Умед ба Ҷамшед савғотиҳои зиёде дод: қуруту кулчаи ширгарм, ҷурғоту равғани зард, зардолуқоқу бодом, пистаю анор. Ҳатто ба нею нестони меҳмон нигоҳ накарда, гӯшти пухтаю биринҷро ҳам ба сумка ҷой намуданд. Ба болои ин, модар ба дӯсти писараш ҷомаю миёнбанду тоқӣ тӯҳфа намуд. Ҷамшед аз ин лутфи модар шоду хурсанд, сӯи Умед бо овози баланд хитоб кард:

— Ба Худо, даҳонмазза шудам. Ҳар сол меоям!

Машинаи кабуди “Жигулӣ” аз роҳи танги деҳаи Муаттар берун шуда, оҳиста-оҳиста ба сӯи ағба ҳаракат намуд.

Ҳарчанд роҳи душворгузари ағба сар шуда, “Жигули” ба сӯи Душанбе мешитофт, сӯҳбати ҳарду қӯр намегирифт. Умед чунин вонамуд мекард, ки гӯё ҳушу хаёлаш ба роҳ банд аст, Ҷамшедро дунёи андешаҳои мағшуш перомуни ҳафт рӯзи сафар ғарқ карда буд. Дил мехост ба Умед асрори марги Ёсуманро кушояд, ақл мегуфт, хомӯшӣ авлотар. Ҷамшед чун ҳамеша рӯ ба рӯ не, балки хаёлан бо рафиқи ҳамсафараш гуфтугӯ мекард.

***

Медонӣ, Умед, ман то ин дам боре ҳам ба зиндагии шахсии дӯстону наздикон дахолат накардаам. Аниқтараш, метарсам, зеро шаттаи ба зиндагии дигарон ворид шуданро хӯрдаам. Ёд дорӣ, зиндагии фоҷиавии журналист Орифи Фарҳодро? Ман ончунон ба

зиндагии шахсии вай ворид шудам, ки ҳангоме ба худ омадам, худро пушти панҷара дидам. Не, ман аз он, ки он ҳодисаҳои даҳшатнокро бо ӯ паси сар кардам, пушаймон нестам. Шояд агар ман бо Ориф вонамехӯрдам, вай ҳоло зинда мебуд, мисли як ҳайвони бесоҳиб кушта намешуд ва ҳатто имрӯз баъзе барои ҳабси қотилонаш садҳо баҳона пеш намеоварданд. Аммо ман дигар ба худ азм кардаам: Дигар ба зиндагии шахсию маҳрамонаи касе дахолат нахоҳам кард! Ҳар як инсон танҳо зода мешавад ва танҳо мемирад. Бигзор бори зиндагиашро ҳам танҳо кашад. Дар баробари ин, ман метарсам, сахт метарсам, ки ворид шудан ба зиндагии шахсии дӯстон боиси ҷудо шуданам аз онҳо мешавад. Ман намехоҳам туро гум кунам, Умед! Мефаҳмӣ?

Рӯзноманигорони мо то ҳол дар симои якдигар ҳамкасбу ҳамдардро не, душманро меҷӯянду мебинанд. Зеро дастнигаранд, зеро онҳое, ки ба эшон бурдаи нон мепартоянд, ҳаргиз хоҳони ҳамдилӣ миёни онҳо нестанд. “Ҷудо куну ҳукумат рон”- ин қонунро дар муносибат бо рӯзноманигорони тоҷик хеле моҳирона истифода мебаранд. Мафҳумҳоеро чун ҳамсол, ҳамшаҳр, ҳамкурс барои эшон ҳамеша такрор мекунанд, вале худ новобаста аз пешаю маҳал, гирди як хон ҷамъ омада, доир ба чӣ гуна идора кардани издиҳоми зиёӣ нақша мекашанд.

Агар дар марги Ёсуман симои туро, нақши туро намедидам, шояд мисли гунаҳкор ҳоло сари чанбар наменишастӣ ва аз ҳама кашфиёти ман огоҳ мебудӣ.

... Дар оғоз талошҳои туро барои ба ҷустуҷӯи сабаби марги Ёсуман машғул нашудан дилсӯзӣ гумон мекардам. Аммо ҳоло не, дӯстам! Ту то метавонистӣ, маро аз кофтукоб боздоштанӣ будӣ.

Ту аз ҳама воқеа огоҳ будӣ, аммо ҳарфе ба ман нагуфтӣ, вале бояд иқрор шуд, ки нақши худро хеле ҳунармандона иҷро кардӣ.

kitobton.net

Дар оғоз нисбати иштироки ту дар ин моҷаро танҳо баъзе лаҳза гумон пайдо мешуд, аммо зуд худро тасалло медодам:

— Байни ману Умед рози пӯшидае нест. Агар ӯ чизе донад, ҳатман ба ман мегӯяд.

Лекин мо асроре дорем, ки ғайри худи мо онро касе намедонад! Ин розҳои гӯшношунидро ҳамроҳ ба гӯр мебарем, дӯстам!

Гумони ман нисбати ту ҳангоме асоснок шуд, ки модари Ёсуман тасодуфан аз тӯйи баргузорнашудаат бо духтараш гап кушод. Модари бечора! Хост, ки ман туро дилбардорӣ кунам. Ёд дорӣ, дирӯз ман бо ту то мактаб хомӯш, ҳарфе ба ҳам нагуфта, рафтем. Ҳангоме ба остонаи мактаб қадам ниҳодем, дар мавриди огоҳии пешакии ту аз асрори марги Ёсуман, далелҳои раднашаванда доштам. Акнун гумону лаҳзаҳои тасодуфӣ ба далел бадал шуданд.

Якум. Дар коргоҳ як рӯз пеш аз омадан, ту телефонӣ бо касе аз деҳа сӯҳбат доштӣ. Тасодуфан чанд ҷумлаи туро шунидам:

«Ман, медонам, ки ӯ ба ту ихлоси зиёд дорад. Бигӯ, ки ҳатман баъди як ҳафтаи тӯй ба шаҳр меоем. Ҳамин ҷой таҳсилашро давом медиҳад...»

Ҳоло ман медонам, ки мусоҳиби ту Мирзоалӣ ва гуфтугӯ аз Ёсуман буд.

Дуввум. Шаби аввал дар деҳа ба қавли модарам «ман ҷойхобро бегона кардам», яъне хобам дар ҷойи бегона то дергоҳ набурд. Дидам, ки чӣ тавр ду бор гӯгирд гиронда, соатро дидӣ ва тахминан соати 2-и шаб баромада рафтӣ.

Саввум. Бобои Қудратро ту девона гуфтию ман дар аввал бовар кардам. Аммо ӯ девона нест, балки каме хаёлпарешон аст. Ҷун

сатилро гирифта, барои об рафтӣ, аз Ёсуман гап кушод. Ҷумлаи ӯ аз ёдам намеравад:

«Ёсуманро кадом одами чашмкабуд кушт. Марги кабуд дар дасти кабуд».

Ту ҳам чашмони кабуд дорӣ, дӯстам. Мӯйсафед он шаби шум туро дида буд ва шояд ҳоло ҳам туро қотил ҳисоб кунад.

Вале он шаби шум чӣ рӯй дода буд? Ин барои ман он замон муаммо ҳисоб меёфт. Баробари ба мактаб даромадан, ман Мирзоалиро ба гӯшае бурда, пурсидам:

— Дар бораи Умед ба Ёсуман чӣ гуфтӣ?

— Он хоҳише, ки Умед карда буд, яъне аз ӯ беҳтар ҳамсар намеёбад, хоҳад, ки таҳсил кунад, бояд номзадии вайро рад накунад. Ба ҳавою ҳавас дода нашавад, то ки мисли Маҳбуба дар зиндагӣ ҳайрон намонад.

Ҷумлаи охирин барои Ёсуман кушанда буд. Яъне, апаи ту бева аст ва эҳтиёт шав, то бева намонӣ. Ин насиҳати муаллим роҳро ба сӯи ӯ, барои Ёсуман баст ва ягона илоҷ ифшои чанд калима буд:

— Эй бехабар, ман туро дӯст медорам!

Инро Ёсумани шармгину мағрур рӯирост иқрор шуда наметавонист. Аз ин рӯ аз воситаи мукотибаашон-китоб истифода бурд. Муаллим гуфта буд, ки ҳар як китоби хондаи вайро варақ зада, мебинад, то хат кашида нашуда бошад. Ба ин умед баста, Ёсуман ба Мирзоалӣ ин мактубро навишта, иқрор мешавад, ки ӯро дӯст медорад. Вале, Мирзоалӣ ин мактубро нагирифтааст. Ман аз Мирзоалӣ пурсидам:

— Воқеан ҳам китоби хондаи Ёсуманро варақ мезадед?

— Не, ман танҳо ӯро тарсонидам.

kitobxon.net

Пас, нома ба дасти каси дигаре афтидааст. Хушбахтона, муаллим кадом китобро кӣ ва кай гирифту кай овард, менавиштааст.

Зуд он китобро овард. Рӯзе, ки Ёсуман китобро месупорад, онро...Ҷовид Носиров мегирад. Аз ҳамон авлоде, ки аз авлоди Ёсуман хун мехоҳанд. Ман зуд ҳиллаи дигарро ба кор бурдам, ки туро ҳам ҳайрон кард. Вохӯрии танҳо ба танҳо бо хатмкунандагон. Ҷовидро баробари дидан шинохтам. Чеҳраи беҳис, чашмони кабуд. Андешаи бобои Қудратро дар мавриди «чашми кабуд» ёд овардаму дар оғоз аз шубҳаам нисбати ту шарм кардам. Ман якбора, мисле ки муфаттиши таҷрибадор ба ҷиноятқкори бори аввал ба курсии гунаҳкорӣ нишаста фишор меорад, ба ҳуҷум гузаштам:

— Аз духтар қасос намегиранд, Ҷовид. Ту инро медонӣ?

Агар ӯ эътирозе мекард, ҳатман суханро ба дигар сӯй метофтам. Вале, ғайричашмдошти ман ин лапаргӯш ҳамчунон беҳису ором, ба ҷои ҷавоб, савол дод:

-Умед нақл кард?

Дигар кас мебуд, шояд даступой мехӯрд. Вале хунсардии маро шикастан, корест душвор...

— Натанҳо Умед ... — оромона посух додам.

— Арвоҳ хун металабад. Шумо инро медонед?

Медонӣ, Умед, як лаҳза ман аз нигоҳи ин чашмони кабуди беҳису сард тарсидам. Чизе гуфта натавонистам, хаёл кардам, ҳоло мехезаду пахш мекунад. Ӯ бошад, оромона давом дод:

— Ман ҳар шаб Сокинаро хоб мебинам. Вай дар даруни оташ месӯзад. Маро арвоҳи ӯ то марги Ёсуман ором нагузошт. Ҳоло хоб намебинам. Хунро бо хун шӯйӣ, арвоҳ дигар безобита намекунад.

Муддате чунинам намуд, ки пешорӯям Ҷовид, хонандаи синфи даҳ не, балки марди баркамолест. Аммо барои ман муҳим ҳақиқатро пайдо кардан буд:

— Ман ҳама воқеаро медонам, Ҷовид. Вале ту ҳамаашро аз оғоз қисса кун, ман ба касе нахоҳам гуфт. Чун мард қавл медиҳам.

— Ба ман фоҷиаи Сокинаро ҳанӯз мактабхон набудам, ки бобоям нақл карда буд. Авлоди Низомро чашми дидан надоштам, махсусан Ёсуманро. Ҳар як ҳаракаташро, ҳар як суханашро аҳамият медодам. Медонистам, ки Гулноз мехоҳад ӯро янга кунад, аммо Умед бо апаи Ёсуман — Маҳбуба замоне Лайлию Маҷнун буданд. Ба ин хотир Ёсуман ҳаргиз намехост зани Умед шавад. Вай муаллими адабиёт Раҳимов Мирзоалиро дӯст медошт. Ман дидам, ки чӣ тавр мактубро даруни китоб монда, ба муаллим дод. Зуд дар танаффус назди Раҳимов рафта, он китобро гирифтам. Номаро зуд азёд кардам. Вақти аз дарс ҷавоб шудан ҷумлаҳои онро ба Ёсуман такрор кардаму гуфтам, ки номаро ба акааш Бахтиёр медиҳам. Гиря кард. Шарт мондам:

— Шаб соати ду назди хонаи Қудрат ба мулоқот мебиёӣ.

Ҳарфе нагуфту рафт. Шунидам, ки Умед ба деҳа омадааст, ба Гулноз гуфтам:

— Имшаб бо янгашавандаат соати ду дар назди хонаи Қудрат мулоқот дорем. Гӯй, ба тамошо биёяд!

Ман медонистам, ки ҳатман Гулнози лаққӣ ин хабарро ба бародараш мерасонад.

Хонаи Қудрат ба хонаи Ёсуман наздик буд. Он шаб маҳтоб равшанӣ мебахшид ва ман Умедро дар кунҷи хона дидам. Духтар омад. Ман лаҳзае ӯро ба оғӯш кашидам, муқобилият накард. Умед ин ҳолро диду рафт. Ёсуман сояи ӯро дида пурсид:

— Вай кист?

kitobkhon.net

— Шавҳаршавандаат. Имшаб ман вайро ба тамошо даъват кардам, - гуфтам ман.

Ёсуман бо тамоми қувва ба рӯи ман шаттае фароварду гирён сӯи хонаашон шитофт. Танҳо ҳамин лаҳза дидам, ки Қудрат ҳам аз дур ин манзараро наззора мекунад. Дигар илоҷе набуд. Ман ҳам ба хона рафтам.

— Агар он шаб Ёсуман худкушӣ намекард, баъд чӣ кор мекардӣ?

— Дар деҳа овоза мекардам ва номаро ба бародараш медодам.

— Ту вичдон надорӣ Ҷовид?

— Арвоҳ хун металабад. Хун! — Ҷовид гирён бархосту рафт...

Ана ҳамин гуна қисса, Умед... Бечора Ёсумани бадбахт... Вале ту ҳам бегуноҳ нестӣ, дӯстам. Ту ҳам фарзанди ин деҳ. Гарчӣ 15 сол боз дар шаҳр зиндагӣ мекунӣ, алами висоли Маҳбубаро аз Ёсуман гирифтанӣ будӣ.

Як духтари нозанини мазлум қурбони қонунҳои нонавиштаи деҳа гашт. Ин худкушӣ набуд, дӯстам. Ҳайф, сад ҳайф...

— Ҷамшед, мо гумон доштем, ки дар деҳа дам мегирем, - рафиқаш риштаи хаёлашро канд.

— Мо баъди мурдан дам мегирем. Ману ту барои зиндагии якрангу ором офарида нашудаем. Агар мушкиле надорем, худ барои эҷоди ин мушкил, ин ғусса мекӯшем.

— Андешаи ҳакимона гуфтӣ.

— Ин андеша моли ман нест, Умед. Андешаи дигарест, ки ба мо созгор меояд. Охир, ҳама чиз такрор меёбад, таърих, қисмат, рӯзгор, қонунҳои ҷангал...

— Қонуни ҷангал гуфтӣ? Яъне...

— Хунро бо хун мешӯянд.

— Зеро арвоҳ ором намегузорад, - Умед бо табассуми талхи маънидоронае ба Ҷамшед нигарист. Ва ҳарфи дигаре сари ин мавзӯъ ба ҳам нагуфтанд.

Душанбе, соли 1999

kitobkhon.net

ДОҒИ ЯК БӮСА

Ҳар гоҳе Умед бо табассуми маънидор, нигоҳи чашмонашро ба сӯйи дигар бурда, сухан мекард, рӯзноманигор Ҷамшед медонист, ки рафиқаш чизеро пинҳон менамояд. Ин бор ҳам вақте ба сӯйи номаълуме дида дӯхтаву лабханди маънидоре намуда, таклиф кард, то ба тарабхонаи «Канд» раванд, пурсид:

— Рост бигӯ, сабаби ин лутф чист?

— Як нафар мехоҳад ба ту воқеаи аҷиберо нақл кунад, — ин маротиба ба чашмони дӯсташ нигариста, ҷавоб дод Умед.

— Кӣ?

— Вақте рафтем, баъд мефаҳмӣ...

***

Баробари дидани Шоҳин Азизов — полковники милиса, домоди мансабдори баландпояи мақомоти қудратӣ, ки ба пешвози онҳо аз ҷой бархоста, боэҳтиром салом дод, ҳазор андеша дар сари Ҷамшед пайдо гардид: Чӣ ӯро водор карда, то ба ман муроҷиат кунад? Шояд хусураш Вафо Баёновичро аз вазифа мегиранд ва ӯ забони шиква кушоданист? Шояд худи ӯ ба мушкиле мувоҷеҳ шуда?

kitobxon.net

Ҳангоме онҳо хомӯшона қадаҳи аввалро бардоштанд, Умед ба Шоҳин нигарист:

— Шумо ба Ҷамшед ягон коре доштед?

Полковник бо нишони тасдиқ сар ҷунбониду сигор бароварда, оташ зад ва ҳалқа-ҳалқа дуд бароварда, гуфт:

— Медонӣ, Ҷамшед, ман хонандаи доимии ту ҳастам. Ҳама детективҳои туро хондаам. Ҳодисае, ки аз сари ман гузашт, шояд детективи хубе шавад. Ҳарчанд ин қисса шояд баъзе паҳлӯҳои зиндагии шахсии маро ошкор созад, вале ончунон сахтам расидааст, ки ба қавле «агар нагӯям, мекафам».

— Гӯш мекунам, - ба курсӣ дурусттар нишаста, сигор оташ зад Ҷамшед...

***

...Бо вуҷуди ҳавои сарди тирамоҳ бозори «Лужники» — и шаҳри Маскав имрӯз серодам буд. Мардум мисли қатори мӯрчагон миёни хаймаҳои рангоранг равуо доштанд. Дар ин хунукӣ махсусан нуқтаҳои хӯрокфурӯшӣ, ки бӯйи иштиҳооваре аз он ҷо бармехост, касро ба худ мекашиданд.

Бозори пулиси рус ҳам гарм буд. Тоҷирони афғониву чинӣ, озариву гурҷиву ҳиндӣ, тоҷику арман, ки намехостанд аз ин бозори гарм бенасиб монанд, баробари «Ваши документы»гуфтани пулис дар даруни ҳуҷҷат маблағи даркориро гузошта медоданду боз бо умед ба харидорон менигаристанд.

Беҳзод дар назди хаймае, ки ду украиндухтари фурӯшанда бо овози баланд номгӯи хӯрокҳоро тӯтивор такрор карда, гуруснашикамҳоро даъват мекарданд, бо Даврони кабобфурӯш сӯҳбат дошт. Аллакай нуқтаи фурӯши хӯрокворрии вай хароҷоти

иҷораи имрӯзаро бароварда, барои фоида кор мекард. Аз ин сабаб чеҳрааш шукуфон буду рӯҳаш болида.

— Чӣ рӯзи хубе, як моҳ боз ин қадар одам ба бозор наомада буд!, - гуфт Даврон ва барои харидори навбатӣ сихи кабобро рӯйи оташ монд.

Харидор, марди сарсиёҳи галстукдори тақрибан 35-40 — сола бо забони тоҷикӣ пурсид:

— Шумо тоҷик ҳастед?

Даврон бе он, ки ба сӯйи ӯ ҳатто нимнигоҳе кунад, посух дод:

— Бале ватандор, тоҷикем.

Ӯ дар «Лужники» ду сол боз кор мекард ва аз рӯйи лаҳҷаи харидор ба осонӣ дарк менамуд, ки ӯ куҷоӣ аст ва аз кадом миллат. Аз ин хотир лаҳҷаи дарӣ, ки хоси мардуми афғон аст, барояш аз ин се калима рӯшан шуд. Даврон хуб медонист, ки ба афғони солҳо боз дар мулки ғурбат овора шунидани вожаи «ватандор» хуш меояд, аз ин рӯ ба ҳамаи онҳо «ватандор»гӯён муроҷиат мекард.

— Ватандорони шумо гуфтанд, ки Беҳзод дар ин ҷой кор мекунад. Ҳамоне, ки дорулфунуни Душанберо хатм намудааст. Ман мехостам ба ӯ пайғомеро расонам, — пули сихкабобро пешакӣ ба Даврон дода, гуфт афғон.

— Беҳзод ҳамин ҷо, - ин бор сар то пойи харидорро аз назар гузаронида, посух дод Даврон ва Беҳзодро, ки бо омадани харидор дуртар рафта буд, фарёд кард:

— Беҳзод! Ин ватандор ба ту чӣ пайғоме доштааст.

Беҳзод пас гашту саволомез ба афғон нигарист. Мард аз ҷайбаш кассетаи магнитофониеро бароварда, ба ӯ дароз намуд:

— Хоҳиш карданд, то ин амонатро ба шумо расонам.

kitobxon.net

Ҷавонмард як каме ҳайрон шуда, кассетаро гирифту ба рӯи он, ки чизе навишта буд, нигарист.

Бо хондани он чанд ҳарфи болои кассета ранг аз рухи Беҳзод парид, пойҳояш ким-чӣ хел оҷизона шиканак доданд, дастонаш ларзиданд, чизе мехост бипурсад, вале садо дар гулӯяш печид. Мисли он ки ба сараш бо путки гарон зада бошанд, мадҳушона ба замин нишаст.

Ин ҳолати вай афғону Давронро якбора саросема кард. Даврон корашро вогузошта, ба сари дӯсташ давид, афғон бошад, ба кабоби харидааш даст назада, зуд худро миёни анбӯҳи мардум зад.

Беҳзод аз силтави Даврон, ки мехост ӯро аз замин бардорад, ҳушёр шуда бархест ва бо ҳасрат аз пайи афғон, ки дар миёни издиҳом аллакай нопадид гардида буд, нигарон монд. Кабобфурӯш бо кунҷкобӣ ба кассетаи дасти рафиқаш нигарист. Дар болои касета бо ҳарфҳои зебое, ки метавон аз байни сад ҳусни хати дигар фарқ кард, навишта шуда буд: «Шабнам».

Даврон ҳайрон китф дарҳам кашид. Беҳзод бо овози гирифта хитоб намуд:

— Ман хона рафтам...

Ҳанӯз Даврон барои суол додан даҳон накушода, Беҳзод аз нуқтаи хӯрокфурӯшӣ дур шуд.

***

Баробари ба иҷорахона ворид шудани Даврон соҳибхона — мӯйсафеди майзада ба ҷанҷол оғоз намуд:

— Боря тамоми рӯз маро аз ҷонам сер кард. Мусиқӣ мондан бас набуд, ки боз садои занҳоятонро сабт намуда, оварда, дар хонаи ман гӯш мекунед? Худи пагоҳ дафъ шавед. Безорам аз шумо!

Беҳзод овози мӯйсафеди русро шунида, ба пешвоз баромад ва даҳсӯмаи русиро ба дасти ӯ тиққонда, даст афшонд:

— Рав, рав, заҳратро оварда, хӯру ором шав.

Мӯйсафед хурсандона табассум карда, худро ба баромадгоҳ зад:

— Ана ин гапи дигар!

Ин одати деринаи мӯйсафедони русро онҳо хуб медонистанд. Зиндагии онҳо аз пушти иҷорапулӣ буд, вале ҳаргиз ба ин қаноат намекарданд ва арақпулӣ рӯёнидаву нӯшида, то дами субҳ иҷоранишинҳоро дашном медоданд, аммо иҷоранишинҳо тоқат мекарданд, зеро нархи иҷорапулии хонаи ин гуна майзадаҳо нисбатан арзонтар буду имконият фароҳам меовард, ки ду- се сӯм зиёдтар ҷамъ оранд.

Даврон заҳрханда карда, вориди утоқ шуд ва саволомез ба ҳамхонааш нигарист. Беҳзод ба ин нигоҳ посухе надода, худро ба рӯи ҷойхоб партофт. Даврон медонист, ки агар ӯ бо ихтиёри хеш ҳарф назанад, пурсукови зиёд ғазабашро меорад. Аз ин хотир вақте Беҳзод гуфт, ки: «Ман билет гирифтам, фардо ба Тоҷикистон меравам» чизе напурсид. Танҳо дами хоб як миқдор пулро ба ӯ дод:

— Ба хонаи ман бурда деҳ.

***

Занги тилфони байнишаҳрӣ ҳамеша полковники милисаи шӯъбаи кофтукоби ҷиноятии ноҳияи «Н»-и шаҳри Душанбе Шоҳин Азизовро хавотир мекард. Муддати мадиде модараш дар шаҳри Панҷакент бемори бистарӣ мехобид ва ҳар лаҳза хабари нохушеро аз он сӯйи гӯшӣ ба ӯ расониданашон мумкин буд. Ин бор ҳам дар тилфон садои хавотиромези хоҳараш Рухсораро шуниду дилаш таҳ кашид. Аммо Рухсора бо овози пурҳаяҷон ба бародараш ҳодисаи ғайричашмдоштеро қисса кард:

— Ако, Беҳзод аз Маскав омаду ҳамагӣ як рӯз дар хона истода, ба Хуҷанд рафт. Авзояш беҷо буд, ҳатто дар бораи сабаби сафараш ҳарфе назад. Инак бист рӯз мешавад, ки аз ӯ хабаре нест. Алишери ҳамсинфаш, ки бо вай ба Хуҷанд рафта буд, бозгашта омад. Гуфт, ки Беҳзод чӣ коре дораду дар кадом меҳмонхонаи шаҳри Хуҷанд мондааст. Вале, ба фикрам, ӯ чӣ сирреро пинҳон медорад, - овози Рухсора ларзид.

— Хавотир нашав, ҳеҷ гап нест. Мумкин, ягон кораш баромада бошад, - тасалло дод Шоҳин.

— Дар вақташ танҳо бо хоҳиши шумо ман ба ӯ ба шавҳар баромада будам. Ҳоло бошад...— Рухсора дигар чизе гуфта натавонист ва садои гиряи пасташ ба гӯш мерасиду бас.

Шоҳин лаҳзае музтар монд. Ӯ Беҳзодро бародарвор дӯст медошт ва дар ҳақиқат ҳам маҳз бо талошҳои вай волидайнаш барои духтарашонро ба Беҳзоди аз хоҳараш дах сол калон додан ризо шуданд. Имрӯз хоҳараш аз гиребони бародараш медошт, ки бубин, ба кадом чоҳе маро партофтӣ. Ва ҳам ин воқеа ҳар шахси аз рӯзгори Рухсораю Беҳзод огоҳро ба ҳайрат мегузошт.

Беҳзод, ки ду сол боз дар Маскав буд, баъди бозгашт бо зани ҷавонаш мондагор нашуда, дар меҳмонхонаи шаҳри Хуҷанд мезистааст: Дар ҳақиқат ҳам ин ҷо чӣ асроре бояд бошад!..

— Алишер ҳоло куҷост?- хаёломез пурсид аз хоҳараш.

— Пагоҳ боз ба Хуҷанд меравад, - аз саволи бародараш Рухсора эҳсос намуд, ки ӯ ба кадом хулосае омадааст.

— Хавотир нашав, пагоҳ ман ба Хуҷанд меравам ва бо Беҳзод вомехӯрам.

— Раҳмат, ако, мебахшед, ки боз шуморо ба ташвиш андохтам. Ба янгаам салом гӯед, - гӯё касе мешунида бошад, ҷумлаи охирро паст талаффуз кард Рухсора.

— Ба модар салом гӯй. Бигзор вай аз ин ҳодиса хабар наёбад.

— Албатта. Хуш бошед.

— Хайр.

Шоҳин гӯшии тилфонро гузошту муддате парешон истод. Баъд ба хона даромада, аз ҷайби шимаш қуттии сигорро гирифта, ба балкон баромад. Сигор оташ зад ва дар гирдоби андешаҳо ғуттавар гардид.

... Ҳарчанд ӯ ва Беҳзод аз як деҳа буданд, танҳо дар Душанбе якдигарро аз наздик шинохтанд. Шабҳои дароз бо ҳам менишастанд, баҳс мекарданд, менӯшиданд, ҳатто қиссаҳои ошиқиашонро мавриди муҳокима қарор медоданд.

Беҳзод донишҷӯйи факултаи филологияи ДДТ буд. Камгап менамуд, аммо барои касоне, ки аз дур ӯро мешинохтанд. Шӯҳрати қаламкаширо тавассути навиштаҳояш дар рӯзномаҳо тез пайдо намуд ва ин шӯҳрат махсусан барои ҷалбу мафтун намудани духтарони эҳсосии орзупарвар мусоидат мекард. Беҳзод ғайр аз Шоҳин дигар бо ҳама дар муносибат масофаеро нигоҳ медошт, кам рози дил мегуфт. То тамомшавии давраи таҳсил барои аксар ҳамсабақон чун шахси пурасрор боқӣ монд.

Аксар чунин мешумориданд, ки ӯ инсони пухтакорест. Лек ин тавр набуд. Беҳзод мисли аксар донишҷӯёни факултаи филология ба хаёлҳои фиребо дода мешуд ва тез-тез дар зиндагӣ пешпой мехӯрд. Дар ин гуна лаҳзаҳои гирифторию нокомӣ мурданивор менӯшид ва шабу рӯз такрор ба такрор сабти сурудҳои Шаҷариён -овозхони маъруфи эрониро гӯш мекард. Ин садо, ин нола гӯё ғамҳояшро бо хеш мебурд, сабукаш мекард, рӯҳ мебахшид. Ва дар ин лаҳзаҳои рӯъё Шоҳин ҳамеша паҳлӯи ӯ буд, баробари вай ғамкушӣ мекард, ғамфиребӣ мекард, орзупарварӣ мекард. Бо оғози ҷанги шаҳрвандӣ, мисли кулли қаламкашони тоҷик, Беҳзод ҳайрону саргум монд. Намедонист вайро дӯсти кадом майдон медонанду

душмани кадом майдон. Оқибат аз ҳарду тараф ҳам азияташ доданд ва ӯ ба Маскав рафту дар бозорҳои он ранҷ мекашид.

Ба рӯйи Шоҳин бошад, ба қавле «бахт хандид». Ӯ ҳангоми таҳсил бо духтараки одии шаҳрие шинос шуду тез дил дод. Аниқтараш, ин аввалин муҳаббати интихобӣ буд. Духтар ором, ботамкин ва ҳам дурандеш менамуд. Вале Шоҳин ҳаргиз ба гӯшаи хаёл ҳам намеовард, ки ин муҳаббати интихобӣ метавонад дар қисмати вай нақши асосӣ бозад.

Тӯйи Шоҳину Соҷида бедабдаба гузашт. Кишвар дар оғози нооромиҳо танӯри тафсидаеро мемонд. Ба ин хотир волидайни ҳарду тараф шитобкорона тӯйи навҷавононро гузаронида, эшонро дар утоқи иҷора ба ҳукми тақдир партофтанду оромона нафас кашиданд. Ростӣ, Шоҳин то ҳол ба қарори қатъӣ омада наметавонист, ки дар интихоб иштибоҳ кардааст ё толеъ ҳушёртарин занро барояш арзонӣ доштааст. Соҷида он қадар хислати шавҳарашро омӯхта буд, ки бо як нигоҳ дурӯғи ӯро эҳсос менамуд. Сабаби ҳар амалашро медид, дараҷаи имконоту қудраташро метавонист тез аз худситоиву лофзанияш фарқ кунад.

Аслан, ин гуна зиндагиро Шоҳин интизор набуд. Ӯ ҳамеша орзу мекард, ки ҳамсараш ба лофу газофи вай бовар созаду ситоишаш намояд, даст пеши бар дошта бошад, муайянкунандаи пайроҳаи зиндагии якҷоя худаш бошад.

Вале дер шуда буд!

Соҷида аввал шарт гузошт, ки бояд панҷ соли аввал кӯдакдор нашаванд, зеро ӯ ҳам кор кардан мехоҳад. Ин талаби вай девори сангинеро байни ӯ ва волидайни Шоҳин ба вуҷуд овард. Эшон фарзанди аввалинашонро хонадор карда истода, аввал дар бораи набера меандешиданд ва симои набераи ҳанӯз ба дунё наомадаро

аллакай пешорӯи хеш медиданд. Баъди андешаи зиёд Шоҳин шарти Соҷидаро пазируфт. Вақте Шоҳин сабаби ба шарти занаш ризо шуданашро маҳз ба вазъи сангини моддӣ нисбат дод, волидайнаш аз бечорагӣ лаб газиданду бо орзуҳои хеш монданд. Чунки ҳама доштаашонро ба «арӯси бегона» (Соҷида аз дигар минтақаи Тоҷикистон буд) сарф карда, ҳанӯз қарзҳояшонро наканда буданд.

Қадами дуввуми занаш Шоҳинро ба шигифт овард. Соҷида дӯстони сершумори шавҳарашро зуд ба «зарур»-у «нозарур» ҷудо кард ва бо ҳарду табақа муносибати махсус менамуд. Онҳое, ки «зарур» буданд, яъне аз дасташон коре меомад, лоиқи меҳмоннавозию чеҳраи кушоди соҳибхоназан мегаштанд. Онҳое, ки «нозарур» буданду бештар мисоли Шоҳин фалсафафурӯшӣ менамуданд, соатҳо нишаста, ҳатто пиёлаи чойро ҳам нанӯшида ва аз абрӯвони гиреҳбастаи янга рамуз гирифта, оҳиста — оҳиста роҳи хонаи дӯсташонро фаромӯш карданд. Ин вазъият Шоҳинро ба ғазаб овард, зеро «дӯстони зарурӣ»-ро ниёзу ғаразе сӯи кулбааш мекашид, аммо «дӯстони нозарур»-ро танҳо хумори дидори дӯст. Вале натавонист пеши роҳи Соҷидаро гирад. Ҳар гоҳе дар ин боб сухан оғоз мекард, вай мегуфт:

— Шиками худро базӯр сер мекунем, ин бекорхӯҷаҳои туро ман аз куҷо мехӯронам? Ту бояд камтар сафсатта гӯш куниву роҳи худро ёбӣ. Дӯстони кордон ёфтан лозим.

Шоҳин моҳонаи худро ба ёд оварда, лаб фурӯ мебаст, ҳарчанд дарунашро мехӯрд. Аламовар он буд, ки бо омадани «дӯстони зарурӣ» рӯи дастархони Соҷидаи сарфакор пур мешуду ҳатто худи Шоҳинро ба ҳайрат меовард. Дар муносибат бо хешовандони шавҳар ҳам зан ин усулро истифода мебурд. Ҳар як тини Шоҳинро ҳамсараш назора мекард, ки ба куҷо меравад, барои чӣ сарф мешавад.

Хулоса, дигар айёми барои худу ғаму орзуҳои худ зистан бебозгашт ҷавонро тарк гуфтанд. Акнун вай барои хона, барои дӯстон, барои занаш мезист.

... Ногаҳон мансаби баланд гирифтани падараш Соҷидаро бештар рӯҳ бахшид ва ӯ мехост, ки шавҳари ноӯҳдабарояш аз хати кашидаи падараш берун наравад, то «одам» шавад. Ғайричашмдошт Шоҳин дар оғоз ба ин андешаи занаш муқобиляти сахт нишон дод. Аммо муносибати хуби падарарӯс бо ӯ ва кӯмаки молӣ расонданҳояш оҳиста-оҳиста домоди саркашро ром карданд. Вақте, ки падарарӯси соҳибмансаб ба Соҷидаву Шоҳин хонае тӯҳфа намуд, ӯро ҷуз таслимшавӣ чорае намонд. Шоҳин кори хуб ёфт, тез боло рафт, пулдор шуд, зиндагиро аз орзуҳои садгесии хаёл фарқ мекард, ба Соҷида бошад, бештар вобаста гашт. Вале заҳри ин «нӯшдору» дар аввал барояш гарон буд. Ҳаргиз дар маъракае, ҷамъомади расмие, нишастҳои маҳрамонаи касе вайро чун Шоҳин Азизов шинохтан намехост. Ӯро ё чун шавҳари Соҷида ё чун домоди фалонӣ мешинохтанд. Ҷавонмарди кӯҳистониро гарон меомад ифтихор аз зану пайвандони зан. Аммо сарвату обрӯи ёфта муттаҳамаш карда буд. Ба ин «унвон»- ҳо ҳам одат кард, ҳатто хушаш меомад. Соҷида лаҷоми зиндагиро ба даст гирифт ва ахиран бародари ягонаи шавҳарашро, ки ба кулбааш ба меҳмонӣ омада буд, рӯи хуш надод. Бародар дилозурда рафт ва баъди рафтани вай Шоҳин дар рӯи миз ду мисраъ шеъри навиштаи ӯро ёфт:

Янгам мегуд буро, аз хона буро,

Ёрони азиз, акома дӯст медорам.

Ин зарбаи мудҳиш буд, вале Шоҳин дигар он Шоҳини эҳсосӣ набуд. Ӯ танҳо лаҳзае музтар монда, дунболаи бародар ба Панҷакент рафт. Барояш хона харид, мошин харид, лек эҳсос менамуд, ки бародар наметавонад дигар вайро бубахшад. Соҷида, ки «муаллиф»-и ин гуна дилёбӣ буд, гуфт:

— Тамом! Дигар коре барои ӯ намекунӣ!

...Ин тағйирёбии Шоҳин аз чашми Беҳзод ниҳон наемонад. Вале агар ҳақиқати зиндагии воқеиро дӯсташ дар муҳити Душанбе эҳсос намуда бошад, ба дарки он ӯ дар бозорҳои Маскав расида буд. Аммо дар як масъала эшон тафовут доштанд. Беҳзод бо вуҷуди пули калоне ёфтан ҳамоно бо хаёлҳои фиребояш мезист, яъне тораҳои нозуки эҳсос гоҳе дар дилаш чунон таранг кашида мешуданд, ки мехост аз баҳри ҳама, ҳама чиз бигзарад. Пули ёфтаашро ҳам бедареғ сарф мекард, вале чун асрори бозорҳои Маскавро хуб омӯхта буд, боз нонашро пайдо менамуд.

Ин ҳолат аз чашми Шоҳин пӯшида наемонд ва барои он, ки хоҳари зебояш- Рухсораро маҳз бояд Беҳзод гирад, сахт ҷадал мекард, гарчанд медонист, ки дӯсташ дар давраи донишҷӯӣ даҳҳо қиссаи ошиқона дошт, вале ғайр аз муҳаббати маҷнунвор ба Шабнам ном духтари тоҷики қирғизистонӣ дигар ҳама ҳавас буду бас!

Рухсора ҳам духтари ҳассосу дилогоҳе аст. Аз ин рӯ ин хонадоршавиро Шоҳин хеле мувофиқ медонист, лек ҳодисаи охирин барояш ногаҳонию ғайриинтизор буд. Чаро? Чаро?...

— Шоҳин! Кӣ буд вай?-овози Соҷида ҷавонмардро аз дунёи андеша берун овард.

— Рухсора... Ман бояд пагоҳ Хуҷанд равам, ба шавҳари Рухсора чӣ ҳодисае рух додааст.

— Кампир мурад, баъд меравем. Чӣ даркор хароҷоти зиёдатӣ? – садои норозиёна занаш баланд шуд.

— Ба наздикӣ зодрӯзи падарат аст. Сураташро бурда якбора дар Қайроқум қолин фармоиш медиҳам, - баҳона ёфт Шоҳин.

kitobkhon.net

— О, фикри хуб. Фақат зуд биё, ки қолинро ягон каси дигар пеш аз ту наорад... — садои зан ин бор нарм садо дод.

***

Дар Хуҷанд Шоҳин метавонист аз хизмати ҳампешагонаш истифода бурда, ба осонӣ Беҳзодро пайдо кунад, вале намехост масъалаҳои шахсияш барои онҳо рӯшан гардад. Ӯро дар ин шаҳр чун «домоди фалонӣ» мешинохтанд ва ҳарчанд аз «фалонӣ» як каме андеша доштанд, аммо дӯсташ намедоштанд. Сафари полковник ба ин вилоят ҳамеша бо супориши падарарӯсаш сурат мегирифт ва аксар вақт рози ин сафар нуҳуфта мемонд аз ҳампешагон. Табиист, баъди рафтани вай дар ҳолати истифода аз ҳампешагонаш нафароне пайдо мешуданд, ки ба кӣ будани Беҳзод таваҷҷӯҳ менамуданд ва ин ҳаргиз ба Азизов хуш намеомад. Ба ин хотир вай аз фурудгоҳ рост ба хонаи як ҳамдеҳааш ба шаҳри Чкаловск рафт. Ҳамдеҳааш амаки Алишер буд ва Алишер дар хонаи вай мезист. Мӯйсафед аз омадани Шоҳин хурсанд буд, зеро полковник ба хонаи ҳар кас меҳмон намешуд. То бегоҳ аз навигариҳои деҳа сӯҳбат карданд ва ниҳоят Алишер ҳам мастона калавида, пайдо гардид. Ӯ аз Хуҷанд ба Панҷакент маҳсулоти хӯрокворӣ бурда, мефурӯхту фоидаи хубе ба даст меовард. Вале пули ёфтаашро барои майнӯшию занбозӣ сарф менамуд. Баробари дидани полковник Алишер сахт хиҷолат кашид ва шояд барои шустани гуноҳҳояш буд, ки ҳама воқеаҳои ба Беҳзод рухдодаро бо ҳарорат нақл кард.

— Рӯзи дуввуми аз Маскав омадан Беҳзод бо ман аз Панҷакент то Хуҷанд ҳамсафар буд. Дар роҳ хоҳиш намуд, ки дар Хуҷанд барои ҷустуҷӯйи як нафар кӯмак расонам, чунки ӯ шаҳрро хуб намедонист. Ман кори заруре надоштам, аз ин рӯ ризо шудам. Беҳзод нагуфт, ки киро мекобад, ман ҳам пурсуҷӯ накардам. Он шахс дар кадом меҳмонхонае мезистааст. Мо тамоми меҳмонхонаҳои Хуҷанд, Ғафуровро кофтем, вале бенатиҷа. Ниҳоят дар яке аз меҳмонхонаҳои Чкаловск дирӯз ба вай ваъда карданд, ки

он шахсро шояд пайдо кунанд. Дирӯз Беҳзод дар ин меҳмонхона монду ман ба хонаи амакам омадам. Имрӯз мо якҷоя будем ва ман ҳамаи воқеаро фаҳмидам, - лаҳзае сукут варзид Алишер. Баъд бо кадом андешае ба Шоҳин нигарист.

— Фақат ба Беҳзод нагӯед, ки ҳамаи инро аз ман шунидед, илтимос. Агар пурсед, вай ҳама ҳодисаро худаш нақл мекунад.

Азизов аз таҷрибааш хуб медонист, ки давоми воқеа барои ӯ заруртар аст аз он чӣ шунид. Аз ин хотир ба Алишер сигор муроот карда, вайро дилпур кард:

— Ҳар чизе, ки мегӯӣ, байни ҳардуямон мемонад. Ту одати маро медонӣ — ку?..

Алишер дар ҳақиқат ҳам одати Азизовро хуб медонист. Онҳо дар як деҳа калон шуданд ва қариб ҳамсоя ҳам буданд. Шоҳин аз хурдӣ дӯст намедошт рози касеро ба каси дигар қисса кунад. Барои ҳамин ӯ бо дилпурӣ ба нақлаш идома дод.

— Имрӯз ман ба меҳмонхона рафта, Беҳзодро масти лояқил дидам. Вале ӯ маро маҷбур кард, ки боз равему нӯшем. Вақти нӯшонӯшӣ ҳама воқеаро қисса кард. Беҳзод аз Маскав аз духтаре, ки замоне дӯсташ медоштааст, кассета мегирад. Дар он кассета чӣ сабт аст, ман намедонам. Вале он духтар дар меҳмонхонае мезистаасту Беҳзод ӯро меҷуст. Танҳо дирӯз фаҳмид, ки духтар худкушӣ кардааст. Аз ҳамон лаҳзаи шунидани ин хабар дунё дар назараш торик, фақат менӯшад.

— Он духтар чӣ ном дорад? — андешамандона пурсид Шоҳин.

— Намедонам, вале ба фикрам... — Алишер лаҳзае таваққуф намуд, - ман ӯро мешиносам, сураташро Беҳзод нишон доду ман зуд шинохтам. Вай...Духтари зебое буд, худро Манижа меномид. Ҳар шаб талабгори зиёде дошт. Нархаш ҳам нисбати дигарон хеле гарон буд. Ин духтарон номи аслии худро ҳаргиз намегӯянд.

Ҳарду лаҳзае хомӯш монданд. Полковник як чизро хуб медонист. Беҳзод баъди ба Русия рафтан имкону вақти ишқбозӣ надошт ва ҳам аз муҳаббати романтикӣ фарсахҳо мегурехт. Пас ин духтарро ҳатман Шоҳин бояд шиносад. Аммо мушкил он буд, ки Беҳзод дар давраи донишҷӯӣ он қадар қиссаҳои ошиқӣ дошт, ки худаш ҳисобашро намедонист. Вале ин духтаре аст, ки бо як пайғоми вай ҷавонмард аз Маскав омадааст. Кист ин Лайлӣ? Чеҳраҳои хираи дӯстдоштаҳои Беҳзод пеши чашмаш ҳувайдо мегардиданд, лек ӯ ҳеҷ наметавонист имконияти ҳар якеи онҳоро баркаш карда, ба як хулосаи қатъӣ ояд.

Он духтар ин кассетаро ба кадом хотир фиристодааст? Ба дасти кӣ? Суроғаи Беҳзодро дар Маскав чӣ гуна пайдо намудааст? — ин суоли охиринро бо овози баланд такрор кард Шоҳин ва ба гӯшаи хаёлаш ҳам намеовард, ки ҷавобашро мешунавад.

— Ман ... Вақте фаҳмид, ки ман бо Беҳзод аз як деҳа ҳастем, дар бораи ӯ зиёд пурсид. Ба фикрам, ҷои корашро ҳам гуфта будам, - овози Алишер ларзид, - вай нагуфта буд, ки бо Беҳзод қиссаҳо доштанд, танҳо гуфт, ки замоне навиштаҳои ӯро дар рӯзномаҳо зиёд мехондааст.

— Аҳҳа! Пас бояд ман ӯро шиносам, бояд... ин кассетаро кӣ бурда бошад?- бо умеди ба ин саволаш ҳам посух гирифтан ба Алишер нигарист полковник.

— Шояд Даврон донад?..

— Кадом Даврон?

— Ҳамхонаи Беҳзод дар Маскав, писари Бозори қассоб. Рақами тилфонашро ман дорам.

Ним соати кӯшиши алоқа бо Маскав аз тилфони хона барои Шоҳин мисоли як сол намуд. Ин ҳодисаи аз нигоҳи аввал назарногир он қадар ӯро ошуфта карда буд, ки ҳеҷ наметавонист худро ба даст гирад. Агар Беҳзод аз хоҳараш ҷудо шавад, охирин риштае, ки вайро ба деҳа мепайваст, канда мешуд. Хоҳараш — ягона нафаре, ки ба вай боварӣ дошт, яқин аз бародараш рӯй метофт. Ниҳоят алоқа барқарор шуд. Даврон дар хона буд. Полковник нахост ҳама ҳодисаро ба кабобфурӯш қисса кунад.

— Беҳзод чаро якбора ба хона омад, намедонӣ?

Даврон ба ҷои ҷавоб хавотиромез суол дод:

— Чӣ шуд? Дилам гувоҳӣ медод-а...

— Не, ҳамин хел, барои худам мепурсам, — Шоҳин ишора кард, ки ин масъалаи оилавист.

— Як кассетаро афғоне оварда дод. Беҳзод кассетаро гирифта рангаш парид ва чизе нагуфта рафт. Аммо ман номи дар болои кассета навишташударо хонда будам.

— Чӣ ном буд?

— Шабнам. Ҳусни хати бисёр зебо. Мисли он ки чопӣ бошад.

Шоҳин дигар чизе напурсида, саросема гӯшакро партофту сӯи дар шитофта, пурсид:

— Беҳзод дар кадом меҳмонхона?

— Дар меҳмонхонаи «Лоҷвард», — ин бор тарсон посух дод Даврон.

Вай дар Қирғизистон буд. Чаро ба ин шаҳр омадааст? Бо мақсади хонавайрон кардани Беҳзод? Вале ба ин қиссаи ошиқӣ ҳашт сол пур мешавад. Чаро духтар худкушӣ кардааст? Ин ҷо бояд ягон розе бошад... — ба худ андешида, ронандаи таксиро шитоб мекунонид полковник.

kitobi.com.net

***

Меҳмонхонаи «Лоҷвард» дар назди роҳи мошингард воқеъ гардида буд. Ягона манзараи ҳузнангезе, ки ҳусни ин мавзеи дуртар аз ғубори шаҳрро дар оғӯши теппаҳои на он қадар баланди ҳоло барфпӯш халалдор месохт, қабристони он тарафи роҳ буд, ки рӯи гӯрҳои наваш асоҳои хушк менамуданд ва даҳони гӯрҳои кӯҳна ба тарзи ваҳмоваре аз дур сиёҳӣ мекарданд.

...Тахминан ним соати дигар Шоҳин навбатдори меҳмонхонаро интизор шуд. Ҷавони олуфтаи ширакайф аз кадом утоқе ҳамроҳи духтари ҷавоне берун омаду сӯи полковник беэътиноёна гуфт:

— Ҷой надорем, ако.

Азизовро ин беэътиноӣ хуш наомад. Ӯ одат карда буд, ки ғайри Соҷидаю падараш ҳама ба ӯ бо тавозӯъ сухан гӯянд. Аз ин рӯ ҳуҷҷаташро таҳи биннии ҷавон бурда, нишон доду туфангчаашро намоишкорона аз як тарафи миёнаш ба тарафи дигари миёнаш халонд. Ва бо як нафрат посух дод:

— Ба ман ҷой не, Беҳзод Қурбонов даркор.

Навбатдор ин бор як каме бо эҳтиром ҷавоб гуфт:

— Хонаи 13.

Ҳанӯз Шоҳин аз зинапоя боло нашуда, Беҳзод калавида-калавида аз ошёнаи дуввум поён омад ва худро дошта натавониста, афтод.

— Беҳзод!

Садои Шоҳин ба дараҷае баланду ғайриинтизор буд, ки ҷавонмард лаҳзае таваққуф кард ва ба сӯи овоз нигарист. Полковник дар чашмони калон- калони беҳаракатона ба сӯяш дӯхташуда тарси азимеро эҳсос кард. Ӯ ёд надошт, ки дар ин чашмон ин гуна даҳшати ғайритабииеро дида бошад.

kitobkhon.net

— Беҳзод, ба ту чӣ шуд? Ман ба назди ту омадам. Дар ин меҳмонхона чӣ кор мекунӣ?

Беҳзод гӯё ин ҳарфҳоро нашунид. Чашмони берӯҳаш ба нуқтаи номаълуме дӯхта шуда буданд. Беҳолона сар боло карда, ларзону тарсолуд садо дод:

— Вай... вай дар қабристон...

Ва гӯё ба сараш сатили оби хунук рехта бошанд, якбора ҳушёр шуд. Қоматаш рост шуд ва овози баланду мастонааш, мисоли фарёди талхи пеш аз марг, ба сақфи даромадгоҳ печид:

— Шабнам!

Давид сӯи баромадгоҳ. Чунон бошаст давид, ки зани аз пеш баромада аз бархӯрӣ бо вай ба сӯе парид. Шоҳин як лаҳза, фақат як лаҳза саргаранг шуд ва баъд бо суръати ба ҷисми фарбеҳаш номувофиқ аз пайи Беҳзод давида берун баромад.

Дер шуда буд. Дӯсташ аллакай дар ними роҳи мошин, ба ҳаракати тези мошинаҳо нанигариста, сӯи қабристон медавид. Дили Шоҳин аз пешомади бад гувоҳӣ медод. Аз ин рӯ бо тамоми қувват фарёд кард:

— Беҳзод! Қафо гард!

Бо шунидани номаш ҷавонмард якбора пас гашт ва қадам сӯи полковник гузошт. Аммо мошинаи шишасиёҳе, ки аз миёнаи хати роҳ бо суръати баланд меомад, ӯро бо зарби даҳшатноке қафо, ба сӯи қабристон партофт.

Шояд баъди шавҳари Соҷида шудан бори аввал буд, ки Шоҳин Азизов — полковники милиса, домоди мансабдори маъруф бо зону ба замин зад ва зор-зор, талх, боалам гирист. Издиҳоми ҷамъомада ба ин манзара тамошогар буд ва гумон мекардӣ, саҳнаи театр аст ин

лаҳза, на саҳнаи воқеии зиндагӣ. Мошини шишасиёҳ бошад, ҳатто суръаташро паст накарда, бо ҳамон шитоб аз назар ғоиб шуд.

***

Шоҳин, ки худ шоҳиди воқеа буд, пайи ҷустуҷӯи ронандаи мошинаи шишасиёҳ нашуд, ҳарчанд ӯ дар ин фоҷиа бегуноҳ набуд. Сабаби асосии марги дӯсташ вобаста ба дигар ҳодиса аст ва полковник ба худ қавл дод, ки ҳақиқати воқеаро хоҳад кушуд. Аз ҷайби Беҳзод ёфт шудани кассетае, ки рӯяш «Шабнам» навишта шуда буд, азми ӯро қавӣ гардонид. Вале Шоҳин айни ҳол намехост, аниқтараш наметавонист ин кассетаро гӯш кунад, зеро марги Беҳзод фоҷиаи воқеии вай буд. Азизов натанҳо дӯсти воқеиаш, балки шавҳари хоҳари ягонаашро аз даст дод, ришгаи вопасини пайванд миёни полковник ва хешовандонаш бурида шуд. Ҳамчунин таҷрибаи зиёди корӣ ҳушдор медод, ки аз ин кассета боз ҳодисаҳои зиёде барояш рӯшан мегарданд ва айни замон қудрати таҳаммули ин қадар эҳсосотро надошт. Аз ин рӯ кассетаро ба амаки пири Алишер дода, хоҳиш намуд, то омаданаш нигоҳ дорад. Бо хоҳиши вай Алишер ба Панҷакент занг зада, бародари Беҳзодро аз воқеа огоҳ кард. Худи Шоҳин наметавонист ин хабари шумро расонад. Ким-кадом эҳсоси номаълум ба ӯ мегуфт, ки дар марги Беҳзод вай ҳам гунаҳкор аст. Охир, дар вопасин лаҳза дӯсташ қадаме ба сӯи Шоҳин гузошт ва ин қадам сабабгори ҳалокаташ шуд.

Ба Соҷида занг зад. Ғайричашмдошт занаш изҳор кард:

— Ман ба ҷаноза расида меравам.

***

Дар деҳаашон, хеле дур аз маркази шаҳр Шоҳинро ҳодисаи ғайриинтизоре нигарон буд. Баробари ворид шудан бо ҷасади Беҳзод ба деҳа, полковник тағйиротеро дар рӯзгори якранги деҳа, дар маросими барояш ошнои ҷаноза эҳсос намуд. Дар даромадгоҳи ҳавлии дӯсташ мошинҳои зиёди сабукрав қатор меистоданд ва

раиси ноҳия, шахсиятҳои мансабдори вилоят баробари дигарон бо миёнҳои баста меистоданд. Ин муаммои ғайричашмдошт барояш тез ошкор шуд: дар сафи пеши мардум, ҳампаҳлӯи бародар ва падари пири Беҳзод... падари Соҷида дар даст рӯймолча, ҷомаи сиёҳи мотамӣ ба тан, миёнбаста, аз дасти мӯйсафед дошта меистод.

Муносибати ҳамдеҳагону хешовандон ҳам бо Шоҳин дигаргуна буд. Эшон бо як самимият ба ӯ изҳори тасаллият мекарданд. Ин амал баъди ба ҳавлӣ даровардани ҷисми Беҳзоду лангар андохтани овози марғуладори падари дӯсташ дигар барои Шоҳин ғайритабиӣ набуд. Овози бақуввати мӯйсафед, ки дастонаш ба гардани полковник ҳалқа шуда буд, овози ҳамаро пахш кард:

— Шоҳин, дигар бародари ягонаам гуфта назди кӣ меравӣ? Дигар дарди дили туро кӣ мефаҳмад? Писари бенишонрафтаам Беҳзод! Писари қаламбадастам Беҳзод! Қалами ҳайронмондаатро кӣ соҳиб мешавад, бачам...

Дар миёни занон модари Беҳзод ба гардани Соҷида ҳалқа шуда, навҳа мекард.

Маросими ҷаноза низ пуршукӯҳ буд. Расми калони Беҳзод пешорӯи тобути гулпӯшаш хандон ба издиҳом менигарист. Санги рӯи қабрро, ки миёнаш сурати пеши тобут ҳаккокӣ шуда буд, дар мошини дигар мебурданд. Дар лаҳзаи ба гӯр мондани ҷасад ҳам бори аввал дар таърихи деҳа чанд кас суханронӣ карданд. Аввал раиси ноҳия аз «қалами буррои фарзанди содиқи миллат, зодаи ноҳия» ҳарф зада, эълон намуд, ки мактаби деҳа ба номи Беҳзод гузошта хоҳад шуд. Вақте риштаи сухан ба падари Соҷида дода шуд, ӯ баъди ситоиши Беҳзод чун қаламкаши беназир, дӯсти хонаводаи онҳо бо як нороҳатӣ гуфт:

kitobkhon.net

— Ба номи Беҳзод гузоштани фақат як мактаб кам аст. Дар маркази ноҳия ҳам бояд кӯчаеро ба номи ин чеҳраи намоён гузоранд.

Ин эроди падарарӯси Шоҳин ларзае дар андоми раиси ноҳия афканд ва ӯ даст пеши бар гузошт, бо маънои он, ки албатта ин эродро қабул хоҳад намуд.

Ин шукӯҳу шаҳомати ҷаноза норозигиву дилхунукиро нисбати полковник бартараф кард. Танҳо Рухсора... ҳангоме бо бародараш дар рӯи ҳавлӣ вохӯрд, худро дар оғӯши вай партофт ва бо алам гуфт:

— Замоне ки зинда буд, куҷо будед шумо?

***

Шоҳин ботини падарарӯсаш Вафо Баёнович Ҷунайдов ва Соҷидаро хуб медонист. Огоҳ буд, ки падару духтар аз рӯи хайрхоҳиву дилсӯзӣ ҳатто нисбати якдигар кори неке намекунанд. Аз ин сабаб оби чашм рехтанҳо, ҷилваи онҳою ҳамнишинонашон дар ҷаноза ба дилаш сахт шубҳа ворид кард. Ҳис менамуд, ки пушти марги Беҳзод асроре нуҳуфтааст. Ин шубҳаи полковник дар бегоҳи сеи Беҳзод тасдиқ шуд. Соҷида, ки ғайричашмдошт то бегоҳи ҳафт мондагор шуд, бо баҳонае шавҳарашро аз ҳавлӣ берун оварда, пурсид:

— Ба Беҳзод чӣ воқеа рух дод? Ба фикрам, тавассути тилфон ту ҳама воқеаро бо ҷузъиёташ ба ман нагуфтӣ, — ва барои он ки шубҳаи шавҳарашро бартараф созад, бо оҳанги дилсӯзона афзуд: — Ман медонистам, ки вай дӯсти наздиктарини ту буд ва ҳам ...- дар ин ҷой овози зан оҳанги сарду бепарвоёна гирифт, — ӯ шавҳари хоҳарат буд.

Шоҳин лаҳзае андешид. Агар ҳама воқеаро қисса кунад, дигар чизе бой намедиҳад ва айни замон Соҷида аз шубҳаи шавҳараш хабар надорад. Ба ивази кушодагӯӣ шояд занаш асрори воқеии меҳрубонияшро кушояд. Он чӣ Соҷида дар мавриди лутфаш ба

марҳум ишора намуд, фақат далели сохтае буду бас! Ин зани худпараст ҳатто дар тӯйи арӯсии Беҳзоду Рухсора наомад, аммо ҳоло миёнашро дар мотами аввалӣ сахт бастааст. Аз ин рӯ Азизов ба ӯ ҳама воқеаро қисса кард ҷуз он, ки кассетаро ёфтаасту ба дилсӯзиҳои падару духтар ва ҳайкалтарошиҳои пас аз марг аз ҷониби эшон шубҳа дорад. Дар ҳақиқат ҳам ошкоргӯии полковник ба Соҷида хуш омад ва қартаҳои дасташро боз намуд:

— Аҳҳа! Воқеа ин тавр буд гӯй! Хайрият, амаки Равшан шояд акнун, бо шунидани асли ҳодиса ором шавад.

— Кадом амаки Равшан?- тааҷҷубомез пурсид Шоҳин.

— Ҳамоне, ки дар ҷаноза буд, раиси ширкати «Гуларӯс». Охир, мошини Сафар — писари вай Беҳзодро задааст.

«Ана барои чӣ ин қадар дилсӯзӣ аз ҷониби шумо», - саҳл монда буд бо овози баланд гӯяд мард. Лек зан гӯё ин андешаи Азизовро хонда бошад, барои меҳрубониҳои худу падар далели аҷоибе пеш оварда, дар баробари ин ба шавҳараш ишораи нозуке кард:

— Ман ба падарам фаҳмондем, ки ту барои фаҳмидани муноқишаи байни Рухсораю Беҳзод ба Хуҷанд рафта будӣ ва шояд баъди дидор бо язнаат кор бо ҷанҷол оид шудаву ӯ баъди таҳдиди ту гурехта, аз роҳ гузаштанӣ мешаваду ба зери мошини Сафар мемонад. Аммо маълум мешавад, ки, — бори аввал дар ин сӯҳбат Соҷида ба Шоҳин нигоҳи озмоишкорона афканд, — бо Беҳзодро ном гирифтани ту вай қафо гаштанӣ шуда, зери мошин мемонад. Яъне агар фарёд кардани ту намешуд, ӯ ҳеҷ гоҳ зери мошин наметмонд...

Ин ҷумлаи охир ҳушдоре ба полковник буд. Зан бо гунаҳкорсозии шавҳараш Сафарро ҳимоя мекард. Ҳол он, ки худи Азизов шоҳиди воқеа буд ва ба гӯшаи хаёлаш ҳам намеовард, ки зери мошини Сафар мондани Беҳзод махсус бошад. Лек талқини дубораи занаш дар бораи бегуноҳии писари тоҷир шубҳаи ӯро зиёд менамуд.

...Шаби дарози зимистон бедорхобӣ кашида сари ин масъала андешид ва ба хулосаи қатъӣ омад: бояд вай асрори ин қиссаро кушояд! Бояд донад, ки марги Беҳзод ба ин зани пухтакор ва падараш — гурги пири кӯчаҳои зиндагӣ чӣ пайванде дорад.

Дами субҳ, бори аввал тӯли зиндагии якҷоя бо Соҷида ба ӯ ҳарфе нагуфта, бо Алишер сӯи Хуҷанд роҳ гирифт. Гумон дошт, ки сабти касета барояш роҳнамое хоҳад буд.

***

Шишаи кассета шикаставу имкони барои гӯш кардани он набуд. Полковник касетаи дигареро кушода, лентаи кассетаи шикастаро ба он гузошт. Аз Алишеру амакаш хоҳиш кард, ки ӯро танҳо гузоранд. Аз магнитофони хориҷии Алишер садои ошно ба фазои хона танинандоз гардид, садои Шабнам...

«Дуруд, Беҳзод!

Садои маро мешиносӣ? Садое, ки замоне бароят ошно буд. Ба гуфтаи худат бовар кунем, ҳамон садое, ки тамоми умр дар ангораҳоят мисоли навои найи чӯпонӣ дар дили шабҳои танҳоӣ нақш бастааст.

...Рӯзе, ки дили ман хост, то оинаи ҳақиқати рӯзгорат пешорӯят бимонам, нахустрӯзи баҳор буд. Тирезаи ҳуҷраи меҳмонхонаро калон кушодаму ба берун нигаристам. Нафаси замини лойолуд ёд аз тифлиам овард. Дилам гум заду пеши назарам даврони тифлӣ, наврасӣ, донишҷӯӣ мисли навор гузашт. Дар миёни шабаҳҳои зиёд, ки дар зиндагиам ҷилванамоӣ мекарданд, симои ту хира ҳувайдо гашт, баъд оҳиста-оҳиста калон шуду ҳама шабаҳҳои дигарро пӯшонид.

...Беҳзод... Беҳзод...

kitobkon.net

Бо нафрати аламангез ин номи бароям даҳшатангезро такрор кардам. Гиря дар гулӯям гиреҳ баст. Давидам сӯи миз ва ҳама ёдгориҳои туро берун кашидам. Номаҳо... аксҳо ... сабти овози ту... тӯҳфаи ту (он якест. Ҳамоне, ки дар зодрӯзам дар фасли баҳор аз рӯи мизи кориат ба ман дода будӣ. Гули зарди сунъӣ. Медонистам, ки ин бароям огоҳӣ буд, аммо... қалби пур аз орзуҳои ман ин огоҳиро пазируфтан намехост).

Аз рӯзномаҳо аксҳои ту ба ман менигаристанд. Лек ин аксҳо ту набудӣ! Медонистам, ки рӯзе барои рӯзнома акс мегирифтӣ, аз қолаби ҳамешагӣ берун мешудӣ. Тозаву озода, бо шиму костюм, куртаи сафед, чашмони дурахшони зиндагихоҳ сӯи суратгир менигаристӣ. Бо табассуми ҳамеша сохтае! Вале ту барои ман... Беҳзоди хомӯшу ҳамеша табассуми ғамолуд бар лаб, бо риши расидаву чашмони хаста, овози ноқатъиву сигор ба даст ҳастӣ (воқеан ман сигоркашиҳои туро ёд дорам. Асабӣ мешудӣ ва чанг мезадӣ ба киссаат). Ту дар аксҳо симои дурӯғин будӣ!

Дунёи воқеии ту даҳшат буд. Марг буду танҳоӣ буд, аммо ту қурбониҳои худро доштӣ. Ва ман ҳам! Қурбонии ту, қурбонии туи маккору дурӯя ҳастам.

...Вохӯрии нахустини ман бо ту ногаҳонӣ набуд. Ман ба ин вохӯрӣ дар ҳама шабҳои садгесии наврасӣ тайёрӣ медидам. Ҳанӯз аз навиштаҳои аввалинат дар қалби ман нисбати ту як эҳсоси аҷибе бедор гашт. Мехостам туро бинам. Ҳар як навиштаи туро бо ҳаяҷони тасвирнопазире интизор мешудам.

Ту... туи худбину худхоҳ, ки ҳеҷ гоҳ касеро, чизеро интизорӣ накашидаӣ, ба ин андеша заҳрханд мезанӣ. Дар курсии синфи даҳ менишастаму соати охирин мисоли сол мегузашт. Ман аввалин шуда аз дарс мебаромадам ва давдавон ба хона мешитофтам. Рӯзномаҳои нав манро интизор буданд. Меҷустам навиштаи туро, то

субҳ аз бар мекардам. Агар навиштае аз ту дар рӯзномаҳо набошад, рӯзи талхе буд бароям.

Ман туро хоб медидам. Дар хобҳои наврасӣ бо ту будам. Кош фақат дар хобҳо бо ман мебудиву асло бо ту вонамехӯрдам. Бо туи худхоҳу сияҳқисмат, бадбахту тирақалб!

...Аз рӯзе қадам ба даргоҳи факултаи филология гузоштам, туро меҷустам. Кунун ман дар бораи ту зиёд медонистам, ҳама туро таъриф мекарданд, фақат гоҳ-гоҳ духтарон аз ҳавобаландиву ғурури ту ёд меоварданд. Муаллимон ҳам туро барои мо чун намунаи ибрат нишон медоданд, ҳарчанд аз ҳассосии ту гоҳ-гоҳ забони шиква мекушоданд.

Ту ба факулта кам меомадӣ, зеро дар ин даргоҳ шӯҳрат доштӣ ва кунун шӯҳрататро дар рӯзномаҳо, радио, телевизион меҷустӣ ва... меёфтӣ. Туро дар фосилаи ҳар дарс меҷустам, ақаллан боре дидан мехостам, рӯзе мегузашт, бо умеди рӯзи дигар мезистам.

Ниҳоят... оҳ, он рӯз...

Аҳли факулта вохӯриро бо кадом шоире интизорӣ мекашиданд. Духтараке аз ҳамсабақони ту сӯи ман чашмак зада гуфт: «Беҳзоди мағруре, ки диданаш мехоҳӣ, имрӯз меояд». Аз таваҷҷӯҳи ман ба туву эҷодиёти ту бисёриҳо огоҳ буданд, вале хушбахтона, ҳаводоронат миёни духтарон кам набуданд. Ба ин сабаб ман ангуштнамо набудам (Худоро шукр!). Дили ман беқаророна мезад. Ин ҳолати эҳсосолуд ҳатто шабе, ки ман номуси худро аз даст додам, такрор нашуд. Овозе қариб буд маро тарконад.

— Ана, Беҳзод омад!

Худоё! Кош боре ба ҷои қалби сангину мурдаи ту қалби духтараки орзупарвари деҳотие мебуду эҳсоси ӯро ҳангоми дидор бо қаҳрамони орзуҳояш медидӣ.

Туро медидаму бовар намекардам!

Риши ту тоза тарошидаву куртаи сафед, шиму костюми ҷилодоре ба бар доштӣ. Мӯйи сарат ба боло шоназада... Бо нафаре гарми сӯҳбат аз зинапоя боло мешудиву ба «салом» — гӯиҳо мисли профессорони машҳур сар ҷунбонида, посух медодӣ. Бо ҳамсӯҳбатат хайрухуш намудӣ:

— Хайр, то пагоҳ, Шоҳин!

Овози ту... Ман овози туро аз рӯйи навиштаҳоят қатъиву расмӣ мисли овози гӯяндагони барномаи «Ахбор» гумон мекардам, аммо... овози ту ноқатъӣ, ширадор, занона ва хеле бепарвоёна буд. Ҳамсабақдухтари ман, ки аз шахсан шинохтани ту ифтихор менамуду ваъда дода буд, маро бо ту шинос мекунад, назди ман омад:

— Дидӣ акаи маро?

Ман бо нишонаи тасдиқ сар ҷунбонидаму ӯ фарёд кард:

— Беҳзод!

Ту зуд пас гашта, нигоҳ кардӣ ва ба сӯйи ман омадӣ. Эҳ, Худо... ту ҳоли маро аз куҷо медонистӣ... Омадӣ, бо ӯ сахт дастфишорӣ кардӣ ва... бе он, ки ба ман нигоҳ кунӣ, даст дароз кардӣ. Ман лаҳзае дасту по хӯрдам ва ин ҳолат диққати туро ҷалб намуд. Лаҳзае пас дастони сарди ман дар кафи гарми ту меистод.

— Беҳзод, шинос шав, ҳамсабақи ман Шабнам. Бисёр орзу дошт, ки бо ту шинос шавад, - дугонаам ба сӯйи ман ишора кард.

Ту ба ман бодиққат нигаристӣ ва сари ман чарх зад.

— Духтари зебо, вале чаро дастонаш сард? – бо лутф гуфтӣ ва чун ба ин суолат посух нагирифтӣ, афзудӣ: — Худо, ки дилаш сард набошад.

— Дили ӯро ҳанӯз оташи гарме насӯзонида, - дугонаам ба чизе ишоракунон гуфт.

...Рӯзи дигар ғайричашмдошт дугонаам гуфт:

— Агар хоҳӣ, биё ба назди Беҳзод равем. Навиштаатро ҳам нишон медиҳӣ.

Оҳ, аз хушбахтӣ сари ман чарх мезад...

Идораи рӯзномаи шумо дар бинои вайронае буд. Ман гумон доштам, ки идораи рӯзномаҳо дар қасрҳои зебо ҷойгиранд, аммо...

Ту... туи дирӯз, туи имрӯз набудӣ! Ту мисли мори пӯстпарто пӯстатро дигар карда будӣ. Миёни дуди сигор, тани куртаи сиёҳ, бо чеҳраи афсурдаю ғамзада менишастӣ.

— Биёед!, - ин овози пасту хаста ба он овози пурэҳсос монандӣ надошт. Мо нишастем. Ту чанд лаҳза ба мо беэътино нишастӣ ва якбора аз дугонаам пурсидӣ:

— Ку навиштаат?

Қаламро гирифтӣ ва якбора ба ислоҳкунӣ пардохтӣ. Навиштаи ӯ баъди чанд лаҳза «гулкорӣ» шуду дубора ба дасташ расид. Гуфтӣ:

— Бори дигар бинавис!

Сарлавҳаи нигоштаи маро хондиву боҳайрат ба ман нигаристӣ. Ман аз ин нигоҳ ба худ печидам.»Аҷоиб», - бо овози паст изҳор кардӣ ва якбора чанг ба киссаат зада, сигор бароварда, гирондиву миёни дуди он навиштаи маро бодиққат хондӣ. Бори дуввум, саввум. Ман намедонистам, он навишта чӣ қадре дошт, вале тӯли се сол ман ғайр аз нигоштаҳои ту чизи дигаре нахонда будам ва табиист, ки таъсири ту дар ин навишта албатта ҳис мешуд. Ва ту, ки шахси худхоҳу худбине ҳастӣ, дар навиштаи ман худро дидӣ, андешаҳои ваҳмолуд, орзуи маргро дидӣ! Ту, туи тарсу аз марг, зиста наметавонистӣ, ба ин сабаб орзуи марг мекардӣ, аммо ин орзу карданҳо аз тарси марг буду бас!

Он рӯз ту хандаи даҳшатноке кардӣ ва якбора бо ҳамкорон хайрухуш намуда, бо мо берун баромадӣ. Дар берун кӯдаке сӯи яхмоси нимхӯрдае, ки болои қуттии партов меистод, майл мекард, лек зане ӯро нигоҳ дошта, мехост ба вай яхмоси нав харад. Кӯдак намехосту гиря мекард ва ҳама тамошогар буданд. Лаҳзае нигоҳат ба ин манзара чира шуд ва ба ман гуфтӣ:

— Ту ҳамон кӯдакро мемонӣ!

— Чаро?, — муддати ошноӣ бо ту бори аввал ман садо баровардам.

— Баъдтар... баъдтар мефаҳмӣ, - асабиёна даст ҷунбондӣ.

Баъди чанд соли ҷудоӣ аз ту ба дарки ин андешаат расидам.(Бояд иқрор шавам, ки бисёр вақт дурнамои шахсро ба осонӣ муайян менамудӣ). Ҳа, он кӯдак ман будам ва он яхмос... ту! Туе, ки завқи зистан бароят бегона, рӯҳат аз зистан хаста гашта, зиндагидӯстдоронро чашми дидан надоштӣ! Ва ту афсонаҳои мурдахоҳиву навмедиро зебо баён месохтӣ ва хонандаи он замони пурҳасрат дӯстат медошт. Гоҳо мағрурона лоф мезадӣ:

— Миёни Беҳзоди эҷодкор ва Беҳзоде, ки дар зиндагии заминӣ ҳаст, фарқест азим.

Чаро дурӯғ мегӯӣ? Ту ҳамон қаҳрамони навмедзадаю маргталаби қиссаҳову ҳикояҳоят ҳастӣ!

... Маро он рӯз то хона гусел кардӣ. Тӯли се соати роҳпаймоӣ ту ҳарф мезадию ман мешунидам. Зиндагиатро қисса намудӣ. Зиндагиномаат бароям афсонаи ширини бибиро мемонд. Афсонаеро, ки шоҳзодаи хаёл дар симои ту буд. Рӯзи дигар факулта наомадӣ, дар идораи рӯзнома ҳам наёфтамат. Мисоли девона мегаштам. Баъди як ҳафта пайдоят кардам. Тасодуфан... Дар гӯшаи хиёбоне танҳо, ғамзада менишастӣ. Медонӣ... он лаҳза мехостам худро ба оғӯшат партоям, аммо ту... ба саломи ман базӯр посух додӣ, гӯё намешинохтӣ. Гарчӣ он рӯз гуселам кардӣ, тамоми роҳ

чизе нагуфтӣ. Вале пагоҳи дигар... ту боз дар факулта пайдо шудӣ, шукуфтаву пургуфтор будӣ. Маро бо худ ба кино бурдӣ, хиёбонҳоро давр задем.

...Рӯзҳо мегузаштанд. Рӯзҳои хушбахтии ман... Меҳрат дар қалбам зиёд мешуд. Лек чун ҳарф сари ишқу оянда меомад, риштаи суханро дигар сӯй мебурдӣ ё «оянда дур асту номаълум»мегуфтӣ. Ман дигар сабр надоштам ва рози диламро, ки бо ҷумлаи «Туро дӯст медорам»- поён меёфт, дар номае иншо карда, пинҳонӣ миёни навиштаам барои рӯзнома гузошта, ба ту додам. Ту... аз ман гурехтӣ, худро ҳангоми вохӯрӣ ноошно мегирифтӣ... Шоҳини дӯстат он айём маслиҳатгарат буд ва боре маро дар роҳ нигоҳ дошт:

— Шабнам! Беҳзодро азоб надеҳ. Вай ҳам туро дӯст медорад, аммо на дар шаҳр хона дорад, на маблағе барои тӯй. Ва ҳам зангирӣ барои ӯ барвақт аст,-маънидорона абрӯ чин кард дӯстат (аз куҷо медонистам, ки Шоҳин туро барои хоҳараш «таҳи чашм» кардааст).

...Вале ту омадӣ. Нооромиҳо, митингбозиҳо дар пойтахт оғоз шуда буд. Ду марди авбошнамо туро барои кадом навиштаат меҷустанд. Нафаре аз ҳамсабақонат маро чун шахси наздикат, аниқтараш маъшуқаат муаррифӣ намуда. Нигоҳи кинадори ҳамсабақонатро барвақт эҳсос карда будам. Зеро... чашми дар эҳсоси зебоӣ оҷизат ҳаргиз инро ҳис нанамуд, аммо ман духтари нозанине ҳисоб мешудам. Ҳама дар ин мавзӯъ мегуфтанд, - модарам, нигоҳҳои харидор, нигоҳи пур аз рашки духтарон, худ эҳсос месохтам, фақат ту гӯё кӯр будӣ!

Ҷавонони факулта маро бад медиданд, чунки ҳама чизи беҳтарин, махсусан ишқи духтарон ба ту тааллуқ дошт ва чун ман ҳам дилдодаи ту будам, қасос гирифтанд. Маро аз дарс берун хонда, суроғаатро пурсиданд. «Намедонам, кай боз надидаам», — гуфтаму

kitobkhon.net

мушти обдоре хӯрдам. Аз мӯйҳои дарози ғафсам дошта, кашон-кашон ба саҳни факулта оварданд. Дар ин ҷой ту... бо чор нафар сӯи мо омадӣ. Азобдиҳандагон шуморо дида, раҳоям карданд ва ман талх гиристам. Ту... (Худоё, бо вуҷуди он, ки ҳазорон бор ин лаҳза бо даҳҳо нафар такрор шуд, бо ёд овардани он дилам меларзад) сӯи ман давидӣ ва ман дигар таҳаммулро аз даст дода, худро ба оғӯшат партофтам. Маро бӯсидӣ... сахт... дурудароз ва ин бӯсаи аввалину охирин дар муносибати ману ту буд!

...Субҳи дигар дар пойтахт ҷанг оғоз шуд. Ман бо азобу машаққати зиёд ба Қирғизистон баргаштам. Ҳарчанд модарам намехост, ки таҳсилро дар кишвари ноором идома диҳам, ишқи ту маро боз ба Душанбе овард. Дигар шуда будӣ, шӯҳрату эҳтироматро ҷанг бо худ бурда буд. Дар ҳарду тарафи майдон ҳам дӯстат намедоштанд. Ба ман гуфтӣ:

— Бояд ҷудо шавем. Барои ман оянда вуҷуд надорад. Намехоҳам зиндагиатро барбод диҳам. Маро бубахш ва фаромӯш кун.

Хостам худро ба оғӯшат партоям, аммо дурам кардӣ ва рафтӣ...

Худоё... чӣ рӯзе ба сари ман омад. Дунё, донишгоҳ бароям қурбе надошт... Боз аз пайи ту шудам, лек ту таҳсилро тарк карда, ба зодгоҳат баргаштӣ ва... ба номаҳои бешуморам посухе надодӣ. Боз Шоҳин пайдо шуд:

— Беҳзодро ба ҳолаш гузор! Вай туро қурбон карданӣ нест, бирав ва бо сари баланд шавҳар кун.

...Таҳсилро қатъ намуда, ба Қирғизистон баргаштам. Хонадориам бо бойбачае, ки модарам хуш карда буд, ҳамагӣ як шаб идома ёфт. Ба ҷойгаҳи худ ӯро роҳ надодам ва дару тирезаҳоро шикаста, фиғон кашидам:

— Дигареро дӯст медорам, хоҳиш мекунам, маро ҷавоб деҳ.

Тӯҳматам карданд, ки духтар нестам. Модар аз баҳрам гузашт ва аз хона ронд. Ба Хуҷанд омадам, то тавассути шиносон аз ту хабаре ёбам. Фаҳмидам, ки ба Маскав рафтаӣ. Мехостам дунболаат равам. Роҳпулӣ надоштам. Тасодуфан бо ҷавони сарватманде ошно шудам ва ӯ ваъдаи кӯмак кард. Бандчаи пулро ба дастам дода, хоҳиш намуд, ки пеш аз ҷудошавӣ якҷоя ба тарабхона равем. Бе ягон гумони бад розӣ шудам. Бароям коняк рехт. Нӯшидан нахостам. Ранҷид. Маҷбур гирифтам. Як... ду... се... ёд надорам дигар... вақте бедор шудам, худро дар оғӯши вай дар рахти хоб дидам ва урёну беномусшуда...

Маро маъшуқаи худ сохт, вале он қадар бадаш медидам, ки ниҳону ошкор ба рағми вай фоҳишагарӣ мекардам. Чизе намегуфт, фақат... мезаду чанд рӯз ҳабси хонагӣ менамуд. Боз фоҳишагӣ мекардам, дигар дунё бароям тамом шуда буд.

...Ҳоло ӯ дар сафари семоҳаи хидматӣ аст. Ман бошам, дар яке аз меҳмонхонаҳо ҳар шаб бо нафаре. Айш меронам, менӯшам, худро мефурӯшам. Соҳибони меҳмонхона ин гуна нозанини бозоргирро рӯйи даст мебардоранд.

...Беҳзод! Гуфтаҳоямро хулоса кун. Зиндагӣ барои ман тамом шуда. Дигар қалбе нест, то аз он меҳр ҷӯям. Тез-тез фикри худкушӣ ба сарам меояд. Вичдони мардӣ дорӣ, биё! Фақат биёву бигӯ: «Маро бубахш!». Медонам, аз хешовандони пуриқтидори занат метарсӣ. Аммо... боре... оҳ... як бор биё, то бори охирин туро бубинам»...

***

Шоҳин агар шахси эҳсосӣ мебуд ё агар ба ҳама чиз бо нигоҳи шоирона менигарист, шояд ба ин қиссаи пурсӯзу ошиқона аз нигоҳи дигар баҳо медод. Яъне ба Шабнам, ба дардҳои Шабнам бовар мекард. Аммо зиндагии солҳои охир ҳар шахсро водор менамуд, ки ба рӯзгор аз нигоҳи воқеӣ баҳо диҳад. Ин гуна ба ҳодиса танҳо аз рӯйи воқеият нигаристан, махсусан дар солҳои

фаъолият дар сафи милиса, ӯро одат кунонида буд. Аз ин рӯ ҷумлаи охирини Шабнам полковникро ҷалб карду вай ба ҳама қисса чун баҳона ба ин чанд ҷумла чун сабаби ин розгӯӣ менигарист. Вале ин сабабе, ки Азизов меҷуст, торафт ба муаммои чигил бадал мешуд.

Мурод аз даъвати Беҳзод чист? Чаро Шабнам ба худкушӣ даст задааст? Соҷидаву падараш ба ин муаммо чӣ пайвандие доранд? Ҷавони сарватманд кист? Оё ин ҷавон дар ин воқеа даст дорад ё не?

Сараш аз андешаи зиёд гӯё варам кард. Бо нияти ҳавохӯрӣ ба пешайвон баромад. Алишер, ки марги Беҳзод сахт таъсираш карда буд, аз паси Шоҳин баромад.

— Чӣ будааст дар он кассета?

— Сафсатта. Аслан ин кассета кори маро печидатар намуд, - ба осмон, ки пағаҳои калони барф бо шитоб мерехтанду ба сукути шомгоҳон тароват мебахшиданд, нигариста посух дод Азизов.

Алишер боз чизе пурсиданӣ буд, лек садои занги тилфон водараш карда, ба хона даромад. Баъди бо тилфон чанд ҷумла радду бадал кардан полковникро ҷеғ зад:

— Додаратон мепурсад.

Шоҳин ба хона баргашта, гӯшаки тилфонро гирифт:

— Ало!

— Якбора ба касе ҳарф назада, ба куҷо рафтед? Янгаи бечораам рӯзи дароз ба чанд ҷой тилфон карда, базӯр суроғаи шуморо ёфтанд, - ҳатто салому алейк накарда гуфт додараш.

«Зани маккора аллакай дили ҳамаро ёфта, янгаи азиз шудааст! Ҳол он, ки ту аз ҳама зиёд вайро мешинохтӣ», — ин андешаашро қариб буд милиса бо овози баланд гӯяд. Аммо ин лаҳза барояш чизи дигар муҳим буд!

— Янгаат ба Хуҷанд имрӯз занг зад?

— Ҳа, қариб ним соат занг зада, шуморо кофтанд.

— Ту..., — лаҳзае сокит монд Шоҳин. — Ҳозир Соҷида дар куҷост?

— Дар хона. Занҳои бисёр аз деҳаҳои ҳамсоя омадагӣ...

— Гӯш кун додарҷон. Ман як хоҳиш дорам, иҷро мекунӣ, бо кадом рақам янгаат занг зад, бояд аниқ карда, ба ман расонӣ, вале дар ин бора ба касе даҳон накушоӣ.

— Ин кори осон. Фармоишро ман навишта будам ва азёд медонам, - ҳайратзада посух дод додараш ва рақами ду тилфонро такрор кард.

Полковник зуд ҳарду рақамро навишта гирифт. Додараш пурсид:

— Тинҷӣ аст, ако? Охир янгаам беҳтарин зане аст, ки ман мешиносам, - сипас хиҷолатзада илова кард- рости гап ман аввал он касро дигар хел гумон мекардам вале ҳозир...

— Ҳама чиз дар сари ҳозир... Ман то оши ҳафт расида меравам. Фақат ба янгаат, гӯй, ки ман сиҳату саломат барои қолин фармоиш додан ба Хуҷанд омадам, - гӯшакро монд Шоҳин. Ҳарчанд медонист, ки ҷумлаи охиринаш кӯдакфиребиро мемонаду Соҷида ба он ҳаргиз бовар намекунад.

***

Субҳи барвақт Азизов тилфонро пеш кашид. Ба занги аввал касе посух надод, аниқтараш, касе гӯшаки тилфонро набардошт. Чун Шоҳин рақами тилфони дувумро чид, зуд посух доданд:

— Ин ҷо қабулгоҳи ҷонишини раиси ширкати тиҷоратии «Гуларӯс» аст ва мутаассифона, шеф нестанд.

— Ҷонишини раис ҳамон одами наздики Равшан Суюнқулов ҳастанд?- пурсид полковник.

— Аз писар дида боз одами наздиктар ҳаст?- маҳмаддоноӣ кард котиба.

— Яъне Суюнқуловӣ хурдӣ...

— Ҳа, Сафар Равшанович Суюнқулов ва он кас имрӯз намешаванд, — гуфтугӯро идома надода, гӯшаки тилфонро гузошт мусоҳиби Азизов.

Муайян шудани ҳамсӯҳбати дуюми Соҷида барои ӯ чизи наве надод, танҳо тахминашро тасдиқ карду бас. Агар дар интизори дидор бо Сафар пагоҳро мунтазир мегашт, имрӯз барҳадар мерафт. Аз ин хотир баъди андешаи тӯлонӣ рақами тилфони муфаттиш Сарвар Сергеевро чид. Агар дар моварои ин моҷарои охир симои Вафо Баёнович пайдо намешуд, ӯ ҳаргиз ба ин шахс мурочиат намекард. Зеро маҳз падарарӯсаш сабабгори шикасти Сергеев дар рӯзгору фаъолияти корӣ буд. Чанд сол муқаддам Вафо Баёнович ин шахси кордону соҳиби саводи касбиро, ки вазифаи ҷонишиниашро ичро мекард, барои дар утоқи кориаш бӯсидани духтаре аз вазифа сабукдӯш намуд. Як муддат Сарвар бекор буд. Танҳо баъди додани тӯҳфаи зиёд тавассути миёнаравҳо шефи калон иҷозат дод, то вай боз дар ин соҳа кор кунад, аммо танҳо чун муфаттиши одӣ. Аз ҳамон давра сар карда Сергеев нисбати Ҷунайдов кина дошт ва аз ин Шоҳин огоҳ буд.

Сарвар бо Самадов муносибати хуб дошт ӯро чун донандаи касби хеш эҳтиром менамуд, ҳарчанд домоди душманаш будани полковник байни онҳо садди ноаёне мегузошт. Чанд бор вай ба Шоҳин ишора карда буд ба ин маънӣ:

— Ту бе мӯйсафед ҳам обрӯи худро дорӣ.

Ин ишора бас буд, то Самадов ба ӯ эҳтиром пайдо намояд. Зеро миёни ҳамкасбонаш кам буданд ононе, ки вайро чун Шоҳин Самадов эътироф менамуданд. Фурсате расида буд, ки полковник ба душманони падарарӯсаш рӯи ниёз орад...

Як ишора бас буд, ки муфаттиш мақсадашро фаҳмад ва ҳангоме онҳо дар қаҳвахона вохӯрданду Азизов ҳама ҳодисаро бо ҷузъиёташ

қисса намуд, Сарвар ҳатто ба ҳайрат наомад. Рост ба чашмони ҳампешааш нигарист:

— Маълум мешавад, ки ту алайҳи падарарӯсат бархестанӣ ҳастӣ?

Шоҳин лаҳзае сукут кард ва баъд дудила посух дод:

— Ҳамин тавр хулоса намудан мумкин. Вале барои иштироки ӯро исбот намудан далелҳои асоснок нестанд. Танҳо агар мантиқан фикр кунӣ, баъзе лаҳзаҳои шубҳанок ба назар мерасад.

— Мӯйсафед одами хатарнок аст, барои манфиати худ аз чизе рӯй наметобад. Маслиҳатгарони оқилу пухтакор ҳам дорад, — рамуздорона ба Шоҳин нигарист мусоҳибаш.

— Ҳм... Соҷидаро мегӯӣ...

— Андеша кун, дӯстам. Пеш аз бо думи шер бозӣ кардан биандеш, ки дар даст шамшер дорӣ ё на.

— Метарсӣ, Сарвар?

— Не. Ман кори худро хуб медонам ва бо он, ки аз кор меравам, дар кӯча нахоҳам монд. Ҳампешаҳои зиёди ошное дорам дар ҷумҳуриҳои дигар, ки бароям кор пайдо мекунанд. Аммо ман аз оқибати амали ту меандешам. Охир, аз полковникӣ то генералӣ як қадам.

— Генералӣ ҳам масхара шудааст!- кафид полковник, вале зуд аз гуфтааш пушаймон шуд, чунки дар давоми панҷ соли фаъолият худи вай бояд аз дараҷаи капитанӣ боло намебуд.

— Яъне ту аз роҳ гаштанӣ нестӣ?

— Бале.

— Хуб, агар ин тавр бошад, биё таҳлил кунем. Кадом воқеае падарарӯс ё занакро бо Беҳзод мепайвандад. Шабнам барои чӣ бошад, ки баъди ҳашт сол ёд аз Беҳзод карда, ӯро даъват мекунад.

kitobxon.net

Бо омадани Беҳзод духтар худкушӣ мекунад. Ҷавон бошад зери мошин мемонад... Ҳамаи ин ба ягон ҳодиса вобаста...

Сергеев муддате хомӯш монд ва баъд қадаҳи холиро боз пур намуду бо як нафас холӣ карда, онро сахт ба болои миз зад:

— Ду чиз ба назари ман шубҳанок аст. Худкушии духтар ва тасодуф будани марги ҷавон.

— Ба марги Беҳзод ман худ шоҳид будам, - эътироз кард Азизов ва якбора чизе ба ёдаш омад, - исто... Вақте ман ба меҳмонхона даромадам, мошине монанд ба мошини Беҳзодро пахшкарда, он ҷой буд. Бо дидани ман рононда бо суръати тез дур шуд ва берақам буданаш таваҷҷӯҳи маро чун одати касбӣ ҷалб сохт... Лек ин ҳам метавонад тасодуф бошад, - ғамгинона гуфт полковник.

— Не! Тасодуф нест!- ангушт боло кард Сарвар.- Танҳо Сафар дар шаҳр «ВМВ Х-5» дорад ва ман ягон бор бо мошини берақам ӯро надидаам. Маълум мешавад, ки баромадани Беҳзодро мепоидаанд. Як асрори муҳим кушода шуд: Беҳзодро куштаанд. Вале агар мантиқан биандешӣ, суоли аҷибе пеш меояд: онҳо аз куҷо медонистанд, ки Беҳзод масти лояқил берун мебарояд? Ва аз ҳама муҳим, чаро ӯро нобуд карданд? Чаро барои нобуд карданаш маҳз Шабнам истифода шуд?

Агар ҷавонро бо сабабҳои ба худаш вобаста, бо сабаби донистани кадом асрори кӯҳнае куштан мехостанд, бояд дар Маскав нобуд мекарданд. Ҳам осонтар ва ҳам бехавфтар буд. Ду-се сум ба ҳар каллабури кӯча медодӣ, вай Беҳзодро дар Маскав аз миён мебардошт. Касе аз муфаттишони рус аз марги кадом мардикори тоҷик ба риққат намеомад ва барои сабабҳои онро донистан, майна об намекард.

— Ин куштор то омадани ман ба Хуҷанд тарҳрезӣ нашуда буд. Агар не, Соҷида бо ҳар роҳ ба сафари ман монеъ мешуд. Пас,

нақшаи куштор баъди ба ин шаҳр омадани ман кашида шудааст, - илова кард Шоҳин.

Як лаҳза хомӯш монд Сергеев ва ниҳоят бо овози паст, дудила афзуд:

— Шояд дар ин моҷаро ду қувва бошад. Қувваи аввал Беҳзодро ба Хуҷанд бо кадом мақсаде меорад ва бисёр мехоҳад ӯ бо Шабнам вохӯрад. Қувваи дуввум инро намехоҳад ва монеи вохӯрӣ шуда, духтарро мекушад ё вайро пинҳон намуда, дар бораи худкушиаш овоза паҳн мекунад.

— Ҷустуҷӯйро аз дурӯғ ё ҳақиқат будани марги Шабнам оғоз мекунем, — гуфт полковник.

— Бале. Фақат... Ку, акси Шабнамро ба ман деҳ. Шояд дар куҷое дида бошам. Охир, шаҳр хурд аст ва ман хотираи мустаҳкам дорам.

Шоҳин акси ҷавонии Шабнамро, ки аз ҷайби Беҳзод гирифта буд, ба Сарвар дароз кард. Муфаттиш лаҳзае ба сурат бодиққат чашм дӯхта, бо овози баланд нидо дод:

— Худоё... Ин котибаи Сафар. Ҳа, ман як бор назди вай корафтода шуда будам ва ҳусну малоҳати котибааш маро ҷалб сохта буд. Чуқурчаи зери лабонаш, чашмони калони зебо. Ин ҳамон аст.

Саҳл монда буд, ки Азизов парида бархезаду аз қаҳвахона барояд, аммо бо зӯрӣ эҳсоси худро фурӯ нишонд:

— Гӯш кун, Сарвар. Ин суратро ба ман деҳ. Ман ба назди Сафар меравам. Ту соҳиби тилфони аввалро муайян мекунӣ ва ин кассетаи овози Шабнамро барои тадқиқ супорида, далели худкушии духтарро месанҷӣ. Ин барои он, ки ман ҷавобро ҳамин бегоҳ бигирам. – Чанд саддолларои америкоӣ ва кассетаро пеши Сергеев

kitobxon.net

гузошта, Шоҳин суратро гирифт ва муфаттишро танҳо гузошта, берун шуд.

***

Масъалаи аввале, ки бояд полковник ҳал мекард, дуруст ё нодуруст будани андешаи Сергеев дар шинохти Шабнам буд. Ӯ хуб медонист, ки Хуҷанд Душанбе нест ва мардуми ин шаҳр аз додани хабар ё маълумоти шубҳанок, ҳатто ба ивази пул, истиҳола мекунанд. Махсусан гирифтани маълумот аз кормандони ширкатҳои хусусӣ, ки шабеҳи давлатҳои хурд ҳастанд, сахт мушкил буд. Аз ин хотир дар қаҳвахонаи назди «Гуларӯс» таваққуф намуду пешхизмат — ҷавони қадбаланде зуд ҳозир шуд:

— Ассалому алейкум. Хизмат ако?

— Сад грамм арақи «Парвиз» ва ягон хел газак.

Вақте, ки пешхизмат фармудаҳояшро овард, Шоҳин ба таваккал даст зад:

— Як чиз пурсам, мумкин аст?

— Марҳамат, ако, кадом хизмат аз дасти мо ояд, тайёр ҳастем.

Азизов сурати Шабнамро назди вай гузошт.

— Ин духтар дар «Гуларӯс» ҳоло ҳам кор мекунад?

Пешхизмат суратро як нигоҳ карду паст ҳуштак кашид.

— Шумо клиенти вай? Ойимчаи зӯр. Не, ба фикрам, ҳозир нест, лекин замоне буд.

— Ташаккур! – қадаҳро холӣ карда, аз ҳисоб зиёд пеши ҷавон пулро партофту аз қаҳвахона берун шуд полковник. Бори дигар ба хотираи Сарвар қоил шуд: муфаттиш хато накарда буд!

***

kitobkhon.net

Дар қабулгоҳи Сафар духтари ҷавони ҷиддисимое менишаст. Ӯ ба дараҷае дар муносибат сард буд, ки синаҳои нимурёни таранг, пойҳои зебою хушгилаш аз зери юбкаи кӯтоҳ касро ба шигифт намеовард. Не, ин Шабнам набуд...

— Шуморо кӣ гуфта, муаррифӣ кунам?- чашмони хушку беэҳсоси духтар, ки мисли тугмаи сиёҳ ба ҷои чашм дар лӯхтаки беҳиси дасти кӯдакон менамуд, гӯё қиммати сару либоси Шоҳинро зуд баркаш карданд.

— Шоҳин Азизов, полковники милиса.

Аз шунидани калимаи «полковники милиса» духтар ҳатто дубора ба вай назар наафканд. Чунин менамуд, ки гӯё ҳар рӯз даҳ полковники милиса назди шефаш меоянд. Вориди утоқи Сафар шуд ва зуд берун омад:

— Дароед.

Полковник Равшан Суюнқуловро дар меҳмонии падарарӯсаш зиёд дида буд, аммо ёд надошт, ки писари вайро дидааст ё не. Ба дидан ҳам ҳоҷат набуд, зеро агар фарқи синну солро ба инобат нагирӣ, Сафару падараш як себи дукафон буданд. Ҳамон каллаи калону шиками дамида, галстуки сахтбастаю чашмони танг, мӯи тунуку як тараф шоназада, чеҳраи сип — сиёҳу рухсораҳои аз фарбеҳӣ варамида. Фарқ он буд, ки писар нисбати падар чолоку бардам метофт ва дар қаъри чашмони тангаш ба ҳама касу ҳама чиз бадбинӣ ҳис мешуд.

— Битон, ако, битон, ман медонистам, ки шумо мебиёетон.

«Ин хатои аввали ин шикамба. Яъне аз дубора омадани ман ба Хуҷанд огоҳӣ дорад», — дастони мулоими занона ва пурпашми ӯро фишурда истода, ба худ гуфт Шоҳин.

— Мақсади омадани маро ҳам медонед, ба фикрам...

— Ҳа, фоҷиа, ако, фоҷиа. Ҳамон бегоҳ ронандаи аблаҳ мошини хизматиро баъди кор ба додари алкашаш додааст. Вай суръати баланд қатӣ омада, одами худаша ба таги мошин партофтаро надида, гузашта рафтааст. Афсӯс... сад афсӯс...

— Шумо огоҳ будед, ки Беҳзод духтареро бо номи Шабнам мекофт ва он духтар дар ширкати шумо кор мекард?

— Не, кофтанашро намедонистаму вай духтара мо бо хоҳиши домулло – аком, падарарӯси шумо ба кор гирифта будем, ҳоло... — Сафар забон хоиду полковник чун эҳсос кард, ки боз дурӯғ мегӯяд, аз шунидани хабари ногаҳонӣ дар ҳайрат афтоданашро зоҳир накарда, боз суол дод:

— Ҳозир он духтар куҷост?

— Росташа гӯям, намедонам. Вай бадгашт буд, ҷавоб додем. Умуман падарарӯси шумо Вафо Баёнович намебуданд, мо ӯро ба кор намегирифтем. Аммо ...

— Шумо намедонед, барои чӣ Вафо Баёнович барои духтар ин қадар ғамхорӣ мекарданд? — додани ин суол аз ҷониби Азизов хатои сахт буд ва Суюнқулови хурдиро якбора ҳушёр кард. Яъне ба вай маълум гардид, ки Шоҳин бисёр чизро намедонад ва хоҳони донистан аст. Вале бояд ба суол посух медод, шубҳаи пайдокардаашро ниҳон медошт. Аз ин хотир, сохтакорона табассум намуд:

— Гуфтам — ку, ойимчаи бисёр маишатдӯстдор буд ва ҳам хеле зебо, — калимаи охиринро Сафар бо лакнат ба забон оварда, — Вафо Баёновичро ҳам шояд хуш меомад нозу адои вай.

Ин андешаи Сафар дурӯғ буд! Полковник худ ба ҳайрат меомад, ки чаро падарарӯсаш бо ин қадар фисқу фуҷур дар роҳбарӣ нисбат ба ҷинси латиф ҳисси бадбинӣ дорад ва ҳамеша дуриро аз эшон авло медонад. Шиораш ҳам аҷиб буд: муносибат бо зан шикасти аввалин дар роҳбарист. Дар ин масъала асрори нокушодаю чигилу

саргиҷкунандае пайдо гардид ва дар сари чӣ будани он бояд андеша менамуд.

Аз ин рӯ Азизов чун эҳсос кард, ки Сафар дигар ба ӯ боандеша сухан хоҳад гуфт ва бештари он дурӯғ хоҳад буд, идомаи сӯҳбатро бефоида дониста, хайрухуш карду банди ҳазор хаёл ба хонаи амаки Алишер омад, то занги тилфони Сергеевро интизор шавад.

***

Овози Сарвар дар гӯшии тилфон ба Шоҳин як қадар изтироболуд намуд:

— Мо бояд вохӯрем. Ба назари ман чунин менамояд, ки тилфони туро касе гӯш мекунад.

— Дар ҳамон қаҳвахонае, ки имрӯз мулоқот доштем.

Пас аз ним соат ман дар он ҷой мешавам, - гӯширо монд Сергеев ва Шоҳин гумон кард, ки дар ким – куҷои дигари шаҳр шахси саввум ҳам гӯшии тилфонро гузошт.

Вазъият лаҳза ба лаҳза печидаю хатарнок мешуд...

***

Ягон маротиба полковник дӯсташро ин гуна хавотиру саргум дар андешаҳои хеш надида буд. Сарвар мисоли чӯпоне, ки гургони гушнаро рӯ ба рӯи худ мебинаду дар даст ҳатто асои чӯпонӣ барои ҳифзи хеш надорад, ваҳшатзада менамуд, вале бо ин ҳама кӯшиш дошт, ки худро ба даст гирифта, оромона сухан гӯяд:

— Соҳиби қонунии хонае, ки Соҷида ба он ҷой занг задааст, Шабнам Абдусалимова мебошад ва ҳамсояҳо чанд рӯз боз вайро дар хонааш надидаанд. Суроғаи хонаро навис, бояд ба он ҷой равӣ.

Шоҳин зуд суроғаро навишту барои суол додан даҳон кушоданӣ буд, ки муфаттиш бо ишораи даст ӯро ба хомӯш истодан водор карда, нақлашро идома дод.

— То чанд ҷумлаи охир кассета пештар сабт шудааст. Ҷумлаҳои охирро бошад, ба наздикӣ сабт кардаанд. Тағйирёбии овоз дар кассета ба ин гувоҳӣ медиҳад. Духтар то ҷумлаи охир боэҳсосу аламнок ҳарф задааст, лек ҷумлаҳои охир бедард, беэҳсос, хушк аст. Худкушӣ дар моҳҳои охир дар шаҳр умуман ба қайд гирифта нашудааст ва аз ин гуна воқеа дар меҳмонхонаи «Лоҷвард» ҳам хабар надоранд. Зане, ки ба Беҳзод хабари худкушии Шабнамро гуфтааст, ду рӯз пеш аз кор рафтаву ҷои истиқоматаш маълум нест.

— Медонӣ — чӣ?, — Сергеев ба Азизов нигарист, — моро касе таъқиб менамояд, тилфони туро бошад, гӯш мекунанд.

Полковник медонист, ки бояд чунин шавад. Онҳо ба дараҷае ба кашфи асрори пасипардагии ин моҷаро наздик буданд, ки бешак бисёреро бояд ба ташвиш меовардand ва чораҳои эҳтиётӣ андешидан аз ҷониби тарафи муқобилро чашмдор мешуданд. Ба ин хотир Шоҳин бо нишони «медонам» сар ҷунбонида, вохӯриашро бо Суюнқулови хурдӣ ва тахминҳояшро дар мавриди асрори ҳанӯз нокушода баён намуду дар охир илова кард:

— Сарвар, ту пас аз як соат ба Маскав мепарӣ. Ман бо сардоронат маслиҳат карда, билет ҳам гирифтам. Чун ман шавҳари Соҷида ҳастам, шояд алайҳи ман чораи ҷиддӣ наандешанд. Вале барои онҳо ба бозӣ ҳамроҳ шудани ту, ки каси бепушту паноҳе ҳисоб мешавӣ, сахт расидааст. Баъди тамом шудани моҷаро бозмегардӣ. Ҳалолат бод, бародар, ноне, ки аз пушти ин касб мехӯрӣ. Ягон шахси дигар дар ин шаҳр барои кӯмак ба ман ҷуръат намекард.

Сергеев бори аввал тӯли вохӯрӣ табассум намуд ва вазнашро ба курсӣ партофта, қадаҳи лаболаб аз шаробашро бардошту то охир нӯшид. Лабонашро бурма карда, қадаҳи холиро рӯи миз монду сӯи сихи кабоб даст дароз кард ва гуфт:

— То тамом шудани бозӣ мегӯӣ? Хато мекунӣ, бозӣ тамом шуд. Шояд ҳақ ҳам бошӣ, ки маро бе пушту паноҳ мегӯӣ. Вале фардои

маро Ҷунайдов сӯзонду чун нишони қасос ҳамкориву кӯмак ба ту алами маро паст мекард.

Сергеев қадаҳашро дубора пур карду Шоҳин як ба худ ларзид ва қадаҳашро холӣ намуда, дубора назди муфаттиш гузошт.

Сарвар қадаҳи полковникро пур карда, ҷиддӣ пурсид:

— Рафиқ Азизов, чаро ту аз пайи ман таъқибгар мондӣ? Охир ман ба манфиати ту кор мекунам.

— Ман аз рух додани сӯиқасд ё...

— Дурӯғ нагӯ. Алишер ҳамаашро ба ман қисса кард.

— Биё ошкоро сухан гӯем.

— Аввал ба як саволи ман ҷавоб деҳ. Кай дар дилат нисбати ман шубҳа пайдо шуд?

— Вақте дар сӯҳбати аввал эҳсос кардам, ки ту қариб ҳама воқеаро медонӣ. Дар бораи Вафо Баёнович, Соҷида, Суюнқуловҳо бештар аз оне, ки муфаттиш бояд донад, маълумот дорӣ. Ман танҳо мехостам фаҳмам, ки ту барои кӣ кор мекунӣ.

— Хуб, ман ҳам қартаҳоямро мекушоям. Сабаби бадбинии маро нисбати падарарӯсат фаҳмидӣ. Дасти ман дароз набуд, аз ин рӯ аз ҳолати ту истифода бурдам барои қасос. Ҳар як омадани туро ба Хуҷанд назорат мекардам. Фоҷиаи Беҳзод риштаи нозуке буд ба сӯи мӯйсафед. Ҳанӯз ту дар Панҷакент сари маъракаи пурдабдабаи ҷаноза меандешидиву ман аллакай асрори ин ҳама қиссаро медонистам.

Сарвар қадаҳи навбатиро холӣ карда, сигор гиронд.

— Ту шояд огоҳ бошӣ, ки Вафо Баёнович зани аввалаашро сахт дӯст медошт. Ин зан дар ҷавониаш вафот мекунад ва то ин дам мӯйсафед наметавонад ӯро фаромӯш созад.

Муфаттиш акси духтари зебоеро рӯи миз гузошт. Шоҳин аксро, ки бо мурури замон зард шудаву дар пушти он «соли 1966» навишта шуда буд, бодиққат аз назар гузаронид. Ҳанӯз ба нишонаҳои фарқкунандаи чеҳраи духтар мутаваҷҷеҳ нагашта буд, ки Сергеев нақлашро идома дод:

— Баъди гузашти солҳо тасодуфан Вафо Баёнович Шабнамро вомехӯрад. Ба ман маълум нашуд, ки онҳо чӣ гуна вохӯрдаанд ва аслан ин муҳим нест. Шояд аллакай эҳсос кардӣ, ки Шабнам чун себи дукафон ба зани аввали падарарӯсат монанд аст. Мӯйсафед беихтиёр ба духтар дода мешавад ва ӯро дӯст медорад. Аз Суюнқулови хурдӣ хоҳиш менамояд, ки ӯро ба кор гирад. Хоҳишашро Сафар қабул мекунад. Вале Шабнам дар як вақт ҳам маъшуқаи Вафо Баёнович буд, ҳам Суюнқулови хурдӣ, яъне Сафар. Ва ҳам бо даст додани имкон, чун одат, танфурӯшӣ мекард. Соҷида чӣ гуна будани духтарро фаҳмида, дар оғоз кӯшиш мекунад, то меҳри падарашро нисбати вай хомӯш созад. Аммо мӯйсафед наметавонад. Дар ин вазъият Соҷида нақшаи аҷибе мекашад, барои раҳо кардани падараш аз ишқи духтари фоҳиша. Ӯ медонист, ки Шабнам то ҳол Беҳзодро дӯст медорад ва Беҳзод Шабнамро. Ба Шабнам маслиҳат медиҳад, ки Беҳзодро даъват кунад, то оила созанду бо мадади мӯйсафед зиндагии ороме дошта бошанд. Табиист, Вафо Баёнович дар бораи алоқаи маҳрамонааш ҳатто ба духтараш иқрор нашуда, Шабнамро «духтари як дӯсти марҳум» — аш муаррифӣ месозад. Лек Соҷидаро фирефтан душвор аст. Чун падараш аз хабари фоҳиша будани Шабнам сахт азоб мекашад, дигар асроре дар бораи муносибати онҳо барои Соҷида наемонад. Дар навбати худ Шабнам дар назди Соҷида мӯйсафедро «дӯсти падараш» меномад ва даъват кардани Беҳзодро қабул мекунад. Охир, вай метавонист бо мадади Соҷида зиндагии хубу оромашро бо Беҳзод фароҳам оварад. Ва ҳам аз чанголи Суюнқулови хурдӣ, ки сахт азобаш медод, халосӣ ёбад. Ба ин сабаб, чун бо Алишер

вомехӯрад, ба ӯ кассетаеро, ки чанд сол пеш дар айни орзупарварию шикаст аз ишқ сабт карда буд, бо иловаи чанд ҷумла медиҳад. Алишер хоҳари ту Рухсораро, ки Беҳзод соҳиб шуда буд, дӯст медошт ва фурсати мувофиқро барои қассос аз даст надода, касетаро тавассути як афғон ба Маскав мефиристад. Соҷида ҳам аз ин ҳодиса бурдҳои худро дошт. Падарашро наҷот медод, туро, ки сабабгори тӯйи Беҳзоду Рухсора будӣ, барои ин амалат аз авлодат ҷудо мекард.

Сергеев қадаҳҳоро боз лабрез намуду якеро ба Шоҳин дода, бо ишораи сард «бардор» гуфт. Шароб гӯё ба полковник таъсир надошт, идомаи қиссаро донистан мехост. Сарвар ин андешаи Азизовро эҳсос карда, ӯро мунтазир нагузошт.

... — Беҳзод тарзе интизор буданд, омад. Вале дар ин байн Суюнқулови хурдӣ фаҳмид, ки домоди полковник Азизов маъшуқаи ӯро меҷӯяд. Баъди чанд шатта хӯрдан Шабнам нақшаи Соҷидаро ба ӯ фош кард. Сафар духтарро ҳабси хонагӣ намуд ва овозаи худкушиашро паҳн сохт. Алишер бо маслиҳати Соҷида ба Беҳзод хабар мерасонад, ки қотили Шабнам Суюнқулови хурдӣ аст. Беҳзоди маст ба коргоҳи Сафар Суюнқулов омада, гиребони вайро мегирад ва «қотил» мегӯяд. Сафар аз овоза шудани ин қисса, аз рафтори Беҳзод дар ғазаб шуда, аз пайи нобуд кардани ҷавони ошиқ шуд. Вай нақшаи хуб кашида буд, аммо ту онро қариб барбод дода будӣ. Шабнам бо таҳдиди Суюнқулови хурдӣ ба утоқи Беҳзод дар «Лоҷвард» даромад, дар кассетаи Шаҷариён, ки ҷавон ҳар бегоҳ гӯш мекард, ин суханонро сабт намуд:

«...Азизам, ту маро меҷустӣ, вале дер кардӣ, дер. Ба ҷустуҷӯи ман ба қабристон биё. Қабристони рӯ ба рӯи меҳмонхона. Маро дар пироҳани сафед, ки бояд пироҳани арӯсиам мешуд, пайдо месозӣ. Туро интизорӣ мекашам. Шабнами ту».

Беҳзоди мастро ин овоз, ки гӯё аз гӯр меомад, қариб девона сохта буд. Чашм ба чашм заданашро бо ту дар даромадгоҳи меҳмонхона касе интизорӣ надошт. Бояд Беҳзод ба қабристон меомад ва Шабнам бо пироҳани сафед аз миёни гӯрҳо бармехест. Ҷавон яқинан ба девонагӣ наздик мешуду дар ҳамон ҷой бо ягон усули барои ман номаълум кушта мешуд. Омадани ту Сафарро маҷбур сохт, то Беҳзодро бо мошин занад ва он қадар моҳирона ин корро ба анҷом расонид, ки ҳатто полковники милиса ба тасодуф будани фалокат бовар кард.

Вафо Баёнович бо таҳдиди ба ҷавобгарӣ кашидани Сафар, Шабнамро аз ҳабси хонагӣ халос намуд. Кассета бо даъвати Беҳзод ба қабристонро бошад, Суюнқулови хурдӣ фурсат наёфт бозпас аз утоқи Беҳзод гирад ва он ба дасти ман афтид. Ҳама моҷаро ҳал шуда буд, лек ту ин маротиба бо нияти қасос пайдо шудӣ. Ман аз рӯи ошноӣ, таваҷҷӯҳ барои манфиатҳои хеш ба ин кор ҳамроҳ шудам. Дере нагузашта, ҳис намудам, ки Алишер аз паси ман мепояд. Ӯро дастгир карда фаҳмидам, ки ту аз рӯзи аввал аз паси ман назорагар мондаӣ.

Акнун мо бояд ҳар яке бо роҳи худ равем. Ҳам ту аз ман ризо ва ҳам ман аз ту. Шабнамро ҳам шояд дигар набинӣ ва агар содагӣ накунад, бояд бо ту вонахӯрад. Соҷида, Вафо Баёнович вайро аз чанголи Суюнқулови хурдӣ халос карданд, дар ҷанозаи Беҳзоди қурбони бозиҳо нақши хубе барои домоди ҷавонмаргашон иҷро карданд. Дигар ҳеҷ!

Муфаттиш барои хайрбод даст дароз намуд. Шоҳин ин дастони лағжон чу пӯсти моҳиро фишурд, сахт, бо як эҳсоси ба худаш номаълуми тарсу нафрат.

***

Ҳангоме Сергеев аз қаҳвахона баромад, полковник дубора нишаст ва сигор гиронд. Сараш аз нӯшидани арақ гирд мегашт, аз

эҳсоси зиёд ба кафидан наздик мешуд. Мехост дар ҳикояти муфаттиш дурӯғро аз ҳақиқат ҷудо намояд, лек қалбаш барои ғунҷонидани ин қадар эҳсос тангӣ мекард. Пешорӯяш симои Беҳзод падид меомад ва Азизов мехост даст ба гардани қурбони манфиатҳо ҳалқа созаду биравад аз ин диёр, аз ин олам.

Вале Беҳзоди ноком ба сӯи вай танҳо механдид, баланд, бедард, осмонкаф. Хандае, ки танҳо хоси ӯ буд.

На, наметавонист дигар дар ин дунёи «каҷдору марез»- ҳо, табассум ба лабу ханҷар дар остин доштанҳо бизияд. Бархосту берун шуд аз тарабхона. Одамон дар ин шоми зимистон пеши назараш мисли суратакҳои рақсон тоб мехӯрданд. Куҷо биравад? Куҷо? Дилашро, ки зори як нафаси гарм, як рӯҳи зинда буд, ба оғӯши кӣ андозад? Ҳама думболаи нафс, ҳама думболаи шикам, ҳама дар ин мулк ба чеҳраашон ниқоб кашидаанд, ду чеҳраву ду дил доранд. Қалби бачаи кӯҳистони дур аз саҳнабозиҳо, нақшофариниҳо дард мекард!...

Пойҳояш чӣ гуна дар ин шоми зимистон ба меҳмонхонаи «Лоҷвард» овардандаш, бехабар монд. Ба ҷое, ки фарёди пеш аз марги Беҳзод садо дод. Ба ҷое, ки бори охирин полковник ба чеҳраи ваҳшатзадаи дӯсти ягонааш хира шудааст...

Ҳис менамуд, ки маст аст. Ҳавои сард таъсираш намекард. Ногоҳ эҳсос намуд, ки дар даромадгоҳи меҳмонхона нигоҳе ба сӯяш равона гашт. Духтаре буд, ки палтои дарози чармӣ дошт ва кушода буд тугмаҳои он. Чашми Шоҳин лағжид ба ин чеҳра ва нохост дар рӯшании чароғи даромадгоҳ дарёфт, ки зери палто духтар пироҳани кӯтоҳе дораду пойҳои зебою хушгил. Нигоҳи ин пайкар ба сӯи мард меҳрубонона, ҳамдардона буд ва табассуми талхе гирди лабонаш нақш баста. Полковник сӯи вай майл кард, духтар сӯи ӯ.

— Танҳо сайр мекунед? Ҳамсафар лозим нест? — духтар садо баланд кард. Як лаҳза ин садо ба гӯши Азизов шинос намуд. Вале ӯ ҳоло бояд нафаси гарм, рӯҳи зиндаеро ҳис намояд.

— Чаро не? Биё! — даст ба ҷайб бурд Шоҳин, вале духтар дасташро боздошт.

— Рафтем, — сӯи меҳмонхона кашид ӯро.

— Рафтем, — шодона, дандон ба ҳам зада ҳамовоз шуд Шоҳин.

...Эшонро касе монеъ нашуд, касе напурсид. То ҷойгаҳи гарм дар яке аз утоқҳои меҳмонхона чизе нагуфтанд ба ҳам.

— Оҳиста, — нозолуд гуфт духтар, вақте Шоҳин тезтар мехост хешро дар оғӯши гарм, ки бӯи масткунандае аз он меомад, паноҳ созад. Сахттару тангтар дар оғӯш гум мешуду раҳгум мезад полковник. Аниқтараш, ин гурез буд аз ҳама буду набуд...

***

Ҳангоме полковник бедор шуд, кайҳо субҳ дамида буд. Аз ҷой барнахоста, мехост ҳама лаҳзаҳои воқеаҳои дирӯзаро ба ёд орад. Сараш дард мекард. Бо азобе паҳлӯ гашт ва нигоҳаш ба духтари дар паҳлӯяш хуфта бархӯрд. Ҳама ҳодисаҳои дирӯз мисли навори кино дар дунёи хотираҳояш зинда шуданд. Ҳа, ин духтаре, ки пушт ба ӯ гардонида, урён хобидааст, ба меҳмонхона оварда Азизовро. Вале ба Шоҳин чунин менамуд, ки гӯё садои вайро дар куҷое шунидааст, симояшро бошад, дар торикӣ надида буд. Бо машаққат бархост ва рӯ ба рӯи духтар нишасту хира шуд нигоҳаш ба ин чеҳраи ношинос.

Худоё... Ин Шабнам буд! Полковник ин симоро аз миёни ҳазорон симои дигар мешинохт. Гӯё зарбае аз пушти сараш хӯрда бошад, рӯи духтар бемадор афтид. Шабнам якбора тарсон бархост ва Шоҳин дид, ки ӯ урён аст, урён мисли нав таваллудшуда. Дар ҷисми

сафедаш, алалхусус дар пешобағалаш, доғҳои сурху кабуд — нишон аз ин шаби шум нақш баста. Якбора ба дараҷае ҳушёр шуд полковник, ки ин гуна зуд ба худ омаданро ҳатто тасаввур намекард.

— Фоҳиша... қотил... шайтонзода... — ин се калимае буд, ки Азизов гуфта тавонист.

Мижгонҳои дарози Шабнам оҳиста боз шуда, чашмони калон — калони зебо, ки дар умқашон ҳузну андӯҳи гароне нуҳуфта, беҳаракат ба Шоҳин менигаристанд. Духтар садо рӯшан кард ва ин овоз ба қадре хаста, ғамгинона буд, ки полковникро чунин намуд аз гӯр меояд.

— Ин андешаи туро як рӯз пеш ба ман муфаттиши ошноят гуфта буд. Айнан ҳамон калимаҳо. Чӣ шумо ғайри дашном додану хуфтан бо ман, дигар қудрати чизи дигар гуфтану кардан надоред?

— Ман туро ба суд мекашам. Исбот мекунам, ки қотили Беҳзод ҳастӣ!

— Не, ин корро намекунӣ. Тамоми мардуми меҳмонхона шаҳодат медиҳад, ки ту имшаб бо ман будӣ. Ҳоли зори туро назди Соҷида тасаввур менамоям, - духтар бедардона хандид. Садои хандааш ба гӯши Азизов мисоли садои белзании гӯрковон дар замини сахту серсанги гӯристон намуд. Ӯро муттаҳам карданд ва бояд ба ин натиҷаи хатоҳояш тан диҳад.

— Муфаттишро дар куҷо дидӣ?

— Дар ҳамин ҷойгаҳ- Шабнам бо зарда посух дод.

— Маълум мешавад, ки ту ҳама ҳодисаро ба вай қисса кардӣ?

— Ман.

— Аҳҳа! Пас якҷоя дурӯғ бофтаед...

— Ман намедонам ӯ ба ту чиро дурӯғ гуфтааст.

— Хуб, гӯш кун.

kitobkhon.net

Полковник ҳарчи аз Сергеев шунида буд, ҳарф ба ҳарф ба духтар расонид. Муддати қиссагӯй Шабнам беҳаракат, урён дар кунҷи ҷойхоб менишаст ва рост ба даҳони Азизов дида дӯхта буд. Ҳамин ки нақл ба поён расид, бархост ва пардаи сафеди ҷойхобро ба ҷисмаш печониду сигор оташ зад.

— Ман ба як чиз ҳайронам. Чаро ҳама мекӯшанд, ки маро чун маъшуқаи Вафо Баёнович муаррифӣ кунанд, аҷиб... ҳам Сафар, ҳам Сергеев...

— Ин суолро ман мехостам ба ту диҳам. Мӯйсафед дар умраш бо вуҷуди номардиҳояш аз занон дурӣ меҷуст.

— Фақат як бор вай хато кард — ин ҷумла ногаҳон аз даҳони духтар баромад.

— Яъне...

— Ҳеҷ. Ҳамин хел. Вафо Баёнович ягона марде аст, ки ба ман бо нигоҳи шаҳвонӣ наменигарад. Хушбахтии маро мехост ва ба он бовар дошт.

— Вале ин дилсӯзиро сабаб чист? Чӣ гуна як марди сангдилу бераҳм дунболаи як фоҳишаро мегираду барояш ҷон меканад?

— Чӣ, ҳама мисли ту ҳастанд? Ту будӣ, ки маро аз Беҳзод ҷудо кардӣ, ту будӣ, ки ба хотири манфиатҳоят хоҳаратро ба ӯ додӣ, ту будӣ, ки дар охир ягона дӯстдоштаи ӯро ба бистар кашидӣ ва боз шарм надошта, орому осуда бо ман ҳарф мезанӣ...

Шоҳин сигори дасташро даргиронда, ғиҷим кард ва мисли гунаҳкор сар хам намуд. Лаҳзае хомӯшӣ ҳукмрон шуду боз садои Шабнам пардаи сукутро дарид.

— Ба фикрам, асрори ин қиссаи талхро то охир фаҳмидӣ ва ҳоҷат дигар ба пурсуҷӯй нест. Ман мехоҳам, ки ҳозир бархезам ва ба Панҷакент равем. Сари оромгоҳи Беҳзод мехоҳам бошам. Аз ӯ узр

kitobkon.net

пурсам барои ҳамааш. Барои ин шаб ҳам- пичинг зад духтар ва илова кард:

— Ӯ дар роҳи дидор бо ман, дар роҳи наҷоти ман, дар роҳи рафтан ба сари оромгоҳи ман, ба доғи як бӯсаи ман ҷон дод. Ва қарзи ман аст, то дар ин фасли сармо қабрашро аз барф тоза кунам, дасти дуо барояш бардорам, ҳарчанд дуои фоҳиша шояд қабул нагардад, аммо Беҳзод дуои маро қабул мекунад, гуноҳи маро мебахшад.

Ашк аз чашмони Шабнам сарозер шуд, қалби Шоҳинро чизе буғӣ кард ва барои он ки нагиряд, назди тиреза омад. Ба зарраҳои барф, ки оромона ба замин мерехтанду мерехтанд, дида дӯхт. Садои гиряолуди духтар гӯё аз рӯъё меомад:

— Ҳарчи дар кассета шунидӣ, рост буд. Сафар бо фиреб номуси маро, ки чун ганҷи ягона барои Беҳзод ҳифз мекардам, рабуд. Роҳкиро ҳам надод, балки мехост канизаки вай бошам, ба хотири ба иззати нафсаш расидан танфурӯшӣ кардам. Вале дар кунҷи дилам ҳамеша орзуи мурдан гоҳ-гоҳ сабз мешуд, ки рӯзе Беҳзод меояд ва маро мебахшад... Ӯ омад, лек вайро куштанд. Сафар аз ягон ҳамхобаи ман ҳарос надошт, танҳо аз ишқи ман ба Беҳзод метарсид. Айби ман ҳам буд, ки то лаҳзаҳои охир ба Вафо Баёнович Сафарро чун шахси хайрхоҳ нишон медодам. Вақте чеҳраи аслии вайро тасвир кардам, аллакай дер шуда буд, дер...

Муфаттиш ҳам дунболаи ман кашола буд. Гоҳ-гоҳ дар ҳамин утоқ меҳмон мешуд. Марди бад набуд, вале аз дасташ коре намеомад.

— Рафтем- пас гашт Шоҳин ва бо қадамҳои устувор сӯи Шабнам омад...

***

kitobxon.net

— Ағбаи Шаҳристон сахт вазнин ако, шаби дароз барф зад-ронандаи истаравшанӣ дудила буд.

— «Нива»-и ту бояд барояд. Мо бояд ҳатман расида равем.

— Хайр, барои таваккал ҳам ягон чиз партоед, - ба сӯи мусофирон, марди қадбаланди либоси милисагӣ дар бар ва духтари зебои ҳамроҳи вай нигариста, табассум кард ронанда. Полковник чанд сӯми дигар ба пеши ронанда партофту «Нива» оҳиста-оҳиста аз қатори мошинҳо ҷудо шуда, ба роҳи пурбарф ҳаракат кард.

***

— Як «Нива»-и дигар аз паси мо меояд, — хурсандона гуфт ронанда, ҳангоми ба сӯи ноҳияи Айнӣ нишеб шуданд. Аз рӯ ба рӯ «Камаз»-е сангпуштвор хазида-хазида меомад. Ронанда мошинро дар як гӯша нигоҳ дошт, то «Камаз» гузарад. Ин лаҳза «Нива»-и дар қафо буда якбора бо суръати баланд мошини онҳоро аз паҳлӯи дигар ба сӯи ҷарӣ тела дод. Фақат як лаҳза Шоҳин дид, ки сари чанбари он Сафар Суюнқулов нишастааст. Мошини онҳо ба оғӯши ҷарӣ парид, аммо полковник сари вақт дарро кушоду берун парид. «Нива» — и Сафар бошад, рост ба таги «Камаз» даромада рафт.

***

...Ҳангоме Шоҳин чашм кушод, болои сараш Соҷидаро дид. Чеҳраи зан коҳида буд ва рангу рӯяш заъфарон. Либоси мотамӣ ин чеҳраро боз ҳам афсурдатар нишон медод. Чашм боз намудани шавҳарашро дида, оҳи аламноке кашиду гунаҳкорона сар хам кард.

— Ту як ҳафта боз хобидаӣ. Хайрият, ронандаи «Камаз» аз деҳаи ҳамсояатон будааст ва туро шинохта овард.

— Шабнам... — овози полковник ларзид.

— Ҷасади Шабнамро ба хок супоридем. Ман бояд ба ту мегуфтам... Падарам айёми ҷавонӣ дар мактаби тоҷикии ноҳияи Боткенти Қирғизистон дарс медод. Бо духтаре ишқварзӣ карда,

ғайриникоҳӣ соҳиби фарзанд мешавад. Чун имкони моддии падарам пайдо шуд, фарзандашро ҷустуҷӯ кард, зеро ҳангоми чашм ба олам кушоданаш гурехта ба Душанбе омада буд. Фарзандашро ёфт, вале... — Соҷида хомӯш монд. Фурсате гузашт. Аз ин ҳикоят Шоҳин чизеро дарк накарда, суоломез ба занаш нигарист. Зан гӯё маънии нигоҳро фаҳмид.

— Шабнам фарзанди падари ман, хоҳари калонии ман буд! Ҷасадашро паҳлӯи Беҳзод ба хок супоридем. Барои Сафар бошад, имрӯз оши ҳафт медиҳанд. Ӯ барои он шуморо таъқиб мекард, ки Шабнам шоҳиди зинда буд дар куштори Беҳзод...

— Худоё... Худоё...- вуҷуди полковникро ларза гирифту Соҷида ба сари духтур давид...

***

...Полковник хомӯш монду бо овозе, ки аз нақли ин қадар воқеа гирифта буд, гуфт:

— Ҳоло ҳам бо Соҷида якҷоя зиндагӣ мекунем. Ӯ баъди он ҳодиса тағир ёфт. Дигар садо баланд намекунад, аз номи падараш ифтихор наменамояд, муносибати мо соф расмӣ.

— Зиндагӣ дар як хона, аммо дилҳо ҷудоянд — гӯед бо табассуми талх гуфт Ҷамшед.

Вақте бархостанд, шаб аз нисф гузаштаву ҷуз онҳо дар тарабхона мизоҷи дигаре намонда буд.

Душанбе, соли 1999

ВАҚТЕ ОРЗУҲО МЕМИРАНД...

Ному насаб ва сужаи воқеа бофтаи муаллиф буда, дуруст омадани он бо ному насаб ва зиндагиномаи шахсони воқеӣ тасодуфӣ мебошад.

Ҷамшеди Ҳабиб худ ёд надошт, ки имшаб пас аз нӯшонӯшии зиёд чӣ гуна роҳи хонаашро пайдо кардааст. Вақте чашм кушоду худро дар бистари хобаш дид, бо дили сиёҳ паёмади бадмастии имшабаашро тасаввур кард.

— Агар омада, ҷанҷол накарда бошам, боз як бори дигар шояд бубахшад. Вале агар ягон чиз гуфта бошам, худо зад. Ин бор ҳатман ҷанги хомӯшонаи мо дурудароз давом мекунад.

— Аз бист бор бештар қасам хӯрд, ки дигар бас, қатрае ба даҳон намегирад. Аммо ин аҳли эҷод... На ба касал буданат бовар мекунанд, на ба қасамҳои хӯрдаат.

— Моро ҳам занҳоямон хостгори он нестанд, ки ҳар рӯз масту аласт хона равем — рафиқаш Мӯсо дирӯз ҳангоме дар оғоз Ҷамшед нӯшидан нахост, насиҳатро бо ин суханон оғоз намуд, — лекин зан бояд ҳеҷ гоҳ хостаҳояшро ба гардани шавҳар бор накунад.

— Ман ҳар бегоҳ барои он менӯшам, ки занам донад: хостаи ман аз талаби вай болотар аст, — ба сухан ҳамроҳ шуд Мирзо. — Мо имрӯз барои бадмастӣ не, балки барои ҷашни ёдбуди Аҳмад Зоҳир омадем. Агар ту ба хотири ин марди бузург нанӯшиданӣ бошӣ, ихтиёрат.

Ҷамшед маҷбур қадаҳи аввалро бардошт. Қадаҳи дуввумро барои фарзанди Мирзо, ки имрӯз зодрӯз доштааст, бардоштанд. Қадаҳи саввум барои ҳунарманди ҷавоне, ки ҳамроҳашон буду ҷуз ба дуздӣ аз дигарон на суруди ҳалоле дошту на овози хуше, бардошта шуд. Дигар ҳисоби қадаҳҳоро гум кард Ҷамшед.

— Хайр, Аҳмад Зоҳирро баҳона мекунем, - ба худ хандида, бо хиҷолат аз дари утоқи хоб берун шуд.

Ғайричашмдошт ҳамсараш Нӯшин аз назди тилфон, ки бо касе сӯҳбат мекард, бо ранги паридаю чеҳраи аз тарс дигаргуншуда бархост:

— Умед занг зад. Шаҳром, ҳамон овозхони ҷавонро дирӯз дар ағбаи Анзоб куштаанд.

— Чӣ? — Ҷамшед, ки чанд муддат боз ҷумҳуриро хеле ором меҳисобид ва дар ду соли охир хабареро роҷеъ ба сӯйиқасду куштор нашунида буд, беҳол ба замин нишаст.

— Барои чӣ? Охир, Шаҳром он қадар ҳунарманди маъруф шуда буд, ки қатлаш ҳатман бояд сабаби овозаю дарвоза дар кишвар мегашт. Ба замми ин, Шаҳром дӯсти наздики Умед буд ва тавассути вай ба хонаи Ҷамшед ҳам рафтуомад дошт. Вақте хабари марги шахси шиносеро мешунавӣ, як бори дигар худат мемирӣ.

— Ана барои чӣ Нӯшин ин субҳ бо ман ҷанг карданӣ нест, — бо лабханди аламнок ба худ гуфт Ҷамшед ва рақами тилфони хонаи Умедро чид. Гӯшакро зани Умед бардошт.

— Шаҳромро дар ағбаи Анзоб куштаанд — бо овози тарсолуд хабар дод зан, — Умед ба хонаи вай рафт, ба фикрам ҳамин рӯз ҷаноза мекунанд.

— Воқеа чӣ хел рух додааст?

— Дирӯз дар деҳаи Такфони ноҳияи Айнӣ тӯй дошт. Дар айни тӯй як одами ношинос омада, ба дасти Шаҳром мактуб медиҳад. Мактубро дар пеши мардум мехонаду ҳатто сурудро то охир нахонда, бо раққоса ва ронандааш ба мошин нишаста, ба сӯйи Душанбе меоянд. Шаб, соати 12 дар ин тарафи ағба, болотар аз Зиддӣ мошинаш ба ҷар меравад.

— Мумкин, фалокати нақлиётӣ бошад — тахмин кард Ҷамшед.

— Чӣ хел фалокат, ки дар мошин танҳо Шаҳромро ёфтаанду раққоса бо рононда ғайб задаанд, — эътироз кард зан.

— Аҳҳа, агар ин тавр бошад, таги коса ҳатман нимкоса ҳаст, - хулоса бароварда рӯзноманигор. — Ман ҳам ҳозир ба хонаи Шаҳром расида меравам, - хайрухуш карда, гӯшакро гузошт.

***

Дар назди ҳавлии Шаҳром, ба қавле, ҷойи сӯзанзанӣ набуд. Ин гуна издиҳоми зиёди мардум ба ёд гирдиҳамоиҳои даҳ сол пешро меовард. Ғаму мотам ба таври ваҳшатноке лангар андохта, дидаҳо пуробу нолаҳо ба фалак сар мекашиданд. Сурати калони Шаҳромро дар оғӯши кӯдаки сесолааш, ки онро чун ганҷи қиммат ба қафаси синааш зер карда буд, дида, Ҷамшед ҳам аз гиря худдорӣ карда натавонист.

— Акаи Ҷамшед, ҳамин суратро калон карда бурда дар хона монам, ки занҳоям рӯзи маргам барои гирифта гиря кардан гиребонгирӣ накунанд- бо лабханди дардноке маҳз ҳамин суратро Шаҳром рӯзе барои калон кардан ба назди Ҷмшед оварда буд.

Ҳарду зан дар айвон гоҳ яке дар оғӯши дигаре беҳуш мешуд, гоҳ дигаре дар оғӯши дигаре. Ин беҳуш шуданҳо барои Ҷамшед як қадр сохтаю ғайритабиӣ менамуд. Ӯ хуб дар ёд дошт, ки чи хел як рӯз яке, рӯзи дуввум дигаре ба назди муллою табиб шитофта, ба Шаҳроми бадбахт ба қавле ҷоду мехӯрониданд, ба худ гарм мекарданд. Он замон Шаҳром бемори сахт шуда, ҳатто ба беморхона афтида буд ва танҳо ҳамин бемориаш занҳоро водор кард, ки аз ҷодугарӣ даст кашанд. Ҳар ду ҳам соҳиби хонаву дар буданд ва сармояи аз Шаҳром монда, барои ду- се сол кифоя буд.

— Одатан зани бевамондаи одамони машҳур тез шавҳар меёбанд- бо алам аз дил гузаронид рӯзноманигор. Ҳайфи худи Шаҳром, ҳатто мурдааш ин кӯдакони сағирмондаашро чанд сол азизи мардум мекунад.

Умедро Ҷамшед дар паҳлӯи хешовандони Шаҳром пайдо кард. Чашмонаш аз гиря варамида, хастаю паршикаста менамуд.

Ҷамшед ӯро оғӯш кашиду чизе гуфта натавонист, ашкҳояш сарозер шуданд. Медонист, ки дӯсташ бо Шаҳром пайванди ногусастанӣ дошт, ҳамдигарро сахт дӯст медоштанд, кӯмак мекарданд, роздону розшунав буданд. Умед дар ҷавонӣ орзу дошт ҳунарманд шавад, вале чун дар ин арса беҳунар буд, дар симои Шаҳром сабз шудани орзуҳояшро дида, курта - курта гӯшт мегирифт. Ҳунарманд идеали воқеӣ дар зиндагиаш ҳисоб мерёфт. Ин гуна эҳсос, - қабули марги идеали зиндагӣ чӣ гаронӣ дорад, чӣ танҳоиву ғусса гиребонатро мегирад, дунё чӣ тавр ба чашмат сиёҳ менамояд, барои Ҷамшед бегона набуд. Тира-тира пеши чашмонаш симои журналисти маҳбубаш Орифи Фарҳод, ки қатли вай қалбашро замоне захми бедаво зада буд, пайдо шуд.

— Ҷоҳилон, номардон... куштанд, вале рост ба чашмат нигариста, фалокати нақлиётӣ мегӯянд, - боалам гуфт Умед.

— Ҳоло ҷасад дар куҷост?

Дар мурдахона. Падараш намехоҳад, ки мурдаро ташхис кунанд. Бо вуҷуди ин, ман аз профессор Собиров хоҳиш кардам, то аз назар гузаронад. Муйсафед «ҳар чӣ шуд, дар тақдирам будааст» гӯён даъвое пеш наовард.

Ин лаҳза мошини ёрии таъҷилӣ дар назди ҳавлӣ истоду фиғону нола ба фалак печид. Аз кабинаи он аввал профессор Собиров фаромаду саросема ба назди Ҷамшеду Умед омад.

— Ризоияти бародаронашро гирифта, пинҳонӣ аз мӯйсафед ташхис гузаронидем. Сар сахт маҷақ шудааст, аз ин рӯ дар аввал нафаҳмидаанд, ки ӯро аввал аз чаккааш аз масофаи наздик парронида, баъд мошинро ба ҷарӣ равон кардаанд. Ман ба шӯъбаи кофтукоби ҷиноятҳои махсусан вазнини ВКД занг задам. Омада, хулосаи моро гирифтанд ва парвандаи ҷиноятиро бояд боз кунанд.

— Куҷое ҷинояти пурасрор ҳаст, Ҷамшеди Ҳабиб ҳозир, — бо пичинги хунук дар назди онҳо муфаттиш Амонов пайдо шуд. Бовар дорам, ки ин бор даъвои ҳамешагии Шумо «то суд метавонам манбаи ахбори доштаамро пинҳон дорам» пайдо намешавад.

Ҷамшед ин муфаттишро барои ҳамеша бо киноя гап задан ва мулоимхунукиаш сахт бад медид, аммо ба сатҳи корбарии вай дар вақти тафтиш қойил буд. Ӯ аз муфаттишони таҷрибадору ангуштшуморе буд, ки бо зиракии махсус метавонист дар фурсати кӯтоҳ ҷинояткорро пайдо намояд. Аз ин рӯ, киноя вайро нодида гирифта, даррав хост боақлиашро намоиш диҳад:

— Фикр мекунам, ки аввал ба Айнӣ рафта, хатти ҳаракати Шаҳромро тафтиш кардан лозим.

— Олиҷаноб, олиҷаноб! Дидед, ману шумо метавонис- тем ҳамкорони хубе шавем. Бо як нигоҳ якдигарро дарк менамоем. Барои ҳамин ман ба хонаатон занг зада, шуморо пурсидам ва ҳамсаратонро огоҳ кардам, ки мумкин бо ман ба Айнӣ равед. Барои он, ки зиқ нашавем, Умедро ҳам бо худ мегирем, — ба китфи Ҷамшед бо нишони таҳсин зада, изҳор кард Амонов.

— Аз ҳамкурсиат бо зани ман ҳамеша истифода мебарӣ!, - бо ангушти ишорат таҳдид намуд рӯзноманигор. — Ҷанозаро мегузаронему меравем.

***

Баъди маросими дафн Ҷамшед, Умед ва Амонов ба роҳ баромаданд. Ҳангоме ки аз шаҳр берун шуданд, Ҷамшед аз Амонов (дар сари чанбари мошин ӯ менишаст) хоҳиш намуд, то мошинро дорад. Рӯзноманигор аз мошин фаромада, ба рӯйи сабза нишаст, сигор гиронд ва ба ҳамсафаронаш хитоб кард:

— Биёед, аввал як лаҳза далелҳои доштаамонро таҳлил кунем, то донем, ки мо чиро меҷӯему чӣ барои мо муаммои пӯшида аст. Инак, ҳунарманди маъруфи тоҷик дар вақти тӯй аз каси ношиносе нома мегирад...

— Он каси ношинос кист, ин як, — ангушташро боло бардошт муфаттиш.

— Номаро хонда, саросема бо рононда ва раққоса баромада меравад, - давом дод Ҷамшед.

— Дар он нома чӣ навишта шуда буд? Интихоби рононда ба ҳайси ҳамсафар маълум аст, вале чаро раққосаро ҳам бо худ бурд? — ин бор Умед садо баланд кард.

— Дар наздикии Зиддӣ ӯро парронида, ба ҷар мепартоянд ва ҳамроҳонаш ғайб мезананд.

— Раққосаю рононда куҷо шуданд?, - боз Умед аз муфаттиш пешдастӣ кард.

— Ин чор муаммоест, ки ҷавоб мехоҳад, - сигорро сӯе партофта, бархост Ҷамшед.

— Оҳ, бародарони журналист! — бо тамасхури ошкоро Амонов ба онҳо нигарист, — ана ҳамин ҳодисаро сатҳӣ баҳо додану сатҳӣ дидани шумо бисёр вақт ба ман алам мекунад. Ин амали шумо ба афкори ҷомеа таъсири бад мерасонад ва калимаи адолатро хор кардааст. Далелҳои асосиро нодида мегиред ва аз ин шарм ҳам намедоред. Биёед ба Шумо ман гӯям, ки чиро бояд ҷустуҷӯй кунем:

а) Шаҳром мувофиқи маълумоти ман, бори аввал ба ин тарафи ағба, ба ноҳияи Айнӣ ба тӯй омад. Агар касе қасди куштани вай дошт, нақшаи кушторро пешакӣ тарҳрезӣ менамояд. Яъне кӣ барои фармоиши тӯй ба назди ҳунарманд омад? Дар ҳоле, ки маблағи фармоиш аз маблағи тӯйҳое, ки Шаҳром дар Душанбе мерафт, зиёд набуд. Магар ин ба андеша водор намесозад?

kitobkhon.net

б) Шахси ношинос. Аз Такфон ба ман хабар доданд, ки мошини ношиносе ба тӯй наомадааст, яъне номарасон ношинос нест, балки аз оғоз дар тӯйхона буд.

в) Аз дидбонгоҳи дар назди даромади вилояти Суғд буда хабар доданд, ки Шаҳром нимашаб танҳо аз назди онҳо гузаштааст. Яъне бе раққосаю ронанда. Як соат пеш аз Шаҳром ва то соати чори субҳ касе аз дидбонгоҳ нагузаштааст. Ин шубҳаро нисбати ронандаву раққоса кам мекунад.

г) Раққоса зодаи Самарқанд аст ва ронанда аз шаҳри Хуҷанд. Ҳоло дар ин ду минтақа бо хоҳиши мо ҷустуҷӯйи онҳо давом дорад. Яқин аст, ки ҳарду ба тарафи муқобил рафтаанд. Чунки соати сеи субҳ як ронанда бо ду мусофир аз дидбонгоҳи воқеъ дар маҳаллаи Хушекат гузаштаанд ва ҳарду мусофир қайди Душанберо доштаанд, ки назоратчии хоболуд ному насабашонро, мутаассифона, нанавиштааст. Дар хонаи онҳо дар шаҳри Душанбе аз куҷо рафтани онҳо хабар надоранд. Ҳарду ҳам муҷаррад ва ба қавле, якдигарро дӯст медоштаанд, - муфаттиш ғолибона ба рӯзноманигор нигарист.

— Бародар, мо мувофиқи далелҳои доштаамон хулоса баровардем. Агар ин далелҳоро медоштем, хулосаи мо ҳам дигар мебуд ва шояд беҳтар аз ин, — маҳмаддоноии Амонов, алалхусус пичинги вай ба Ҷамшед сахт расид.

— Охир, ман туро ҳар рӯз мегӯям, ки биё ба кор, то дасти дароз дошта бошӣ, аммо ту рад мекунӣ, - аз асп фаромада бошад ҳам, аз узангу нафаромад муфаттиш.

— Аҷаб муаммои даҳшатноке!, - риштаи суханро сӯйи дигар кашид Умед.

— Бубину баҳо деҳ, ки онро кӣ мекушояд: рӯзноманигори маъруф ё як муфаттиши одӣ, - боз киноя зад Амонов.

— Мебинем! - ба китфи вай зад Ҷамшед, - Касе бой дод, аввалан, дигар ман-манӣ намекунад, дуввум, як зиёфат дар тарабхонаи «Канд».

Ҳарду даст доданду баъди ин дигар то деҳаи Такфон чизе нагуфтанд. Танҳо аз магнитофони мошин садои фораму дилнавози Шаҳром ба гӯш мерасид:

Ман марди танҳои шабам,

Мӯҳри хамӯшӣ бар лабам.

Аз шаҳри ту ман рафтаам,

Дил аз ҳама бубридаам.

Танҳои танҳо, ғамгину расво, монанди шабҳо манам...

***

Дар Такфон онҳоро худи сардори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия пешвоз гирифта, хабари ғайричашмдошт расонид:

— Чор соат пеш ҳангоми пинҳонӣ гузаштани сарҳади Ӯзбакистон ронанда — Бақоев ва раққоса Асророва ба мина бархӯрда, ҳалок шудаанд. Ронанда дар ҷойи ҳодиса, раққоса баъди як соати ба беморхонаи шаҳри Панҷакент овардан. Ҳамшираи тиббӣ, ки бо раққоса буд, баёнот додааст, ки Асророва ба ҳуш наомада, аз дунё гузашт.

— Ҳм..- Амонов лаҳзае хомӯш монд, баъд гуфт:

— Тамоми ҳуҷҷатҳои дар ин маврид тайёршуда, сару либос ва анҷомҳои шахсии ҳалокшудагонро ба ман супоред.

Баъди ин ба ҳамсафаронаш нигарист:

— Мувофиқи қонун, пурсукови шоҳидонро ман танҳо мегузаронам, баъд аз натиҷааш шуморо огоҳ мекунам.

— Аз зиёфат тарсидӣ?- бо истеҳзо гуфт Ҷамшед, аммо муфаттиш дар ҷавоб чизе нагуфта, даст афшонду дур шуд.

— Гӯш кун, Умед. Ту дар ин ҷой меистӣ ва кӯшиш мекунӣ, бо ҳар шахсе муфаттиш сӯҳбат менамояд, бори дигар сӯҳбат намоӣ. Ман ба Панҷакент меравам, дилам гувоҳӣ медиҳад, ки дар он ҷой ришгае ба даст хоҳад омад. Он ҳамшираи тиббӣ бояд чизеро донад. Фаҳмидӣ? Агар Амонов маро пурсид, гӯй, ки ба хонаи хешовандонаш, ба кадом деҳаи наздик рафт. Ҳамеша вайро таъриф кун, ки «ту шартро буридӣ».

Ҷамшед мошинеро, ки сӯйи Панҷакент мерафт, боздошта саросема ба он савор шуд.

***

Барои он, ки Амонов аз ба Панҷакент омадани Ҷамшед огоҳ шуда, супоришҳои мушаххас дар мавриди назорати фаъолияташ дар ин шаҳр надода бошад, ӯ дар хонаи як рафиқаш шабро гузаронид. Субҳ тавассути ин шахси бовариноқ, ки як хешовандаш дар беморхона кор мекард, хост бо ҳамшираи шафқат вохӯрад. Вале ҳамшираи шафқат он рӯз дар беморхона набудааст ва Ҷамшед суроғаи хонаи вайро дарёфт карда, ҳоло занги дари хонаи ӯро пахш менамуду худро ба сӯҳбат омода мекард.

Дарро духтари ҷавоне, ки чашмонаш аз гиря ё шояд бехобӣ варамида буданд, боз намуд. «Яқин ҳамон шахси ба ман лозим ҳамин аст», — аз дил гузаронид рӯзноманигор.

— Бубахшед, Ситора шумо ҳастед?

— Ман.

— Мехостам бо Шумо сӯҳбат кунам, ман...

— Боз муфаттиш?- бо нафрати ошкоро духтар ба сар то пойи Ҷамшед нигарист.

— Не, ман рафиқи наздики Шаҳром. Медонед...

kitobton.net

Ҷамшед саросема сурати калони ҳунармандро аз ҷузвдонаш бароварда, ба Ситора дароз кард.

— Ронанда ва раққосаи вай ба мина бархӯрда, ҳалок шуданд, худаш бошад...

Худашро дар ағбаи Анзоб куштанд, - бо зарда сухани ӯро ба итмом расонид духтар ва суратро аз назар гузаронида, бо оҳанги як қадар илтиҷоомез пурсид:

— Ин суратро ба ман тӯҳфа намекунед?

— Танҳо ба ивази сӯҳбат, - аз пайваст шудани риштаи сухан хурсанд шуда, ҷавоб дод рӯзноманигор.

— Ман ҳарчӣ медонистам, аллакай сад бор гуфтам ва сад бор навиштам. Агар хоҳед, ки ҷумлаҳои азёдкардаамро бори дигар такрор кунам, дароед.

Дар хона ҷавони наврасе, ки сахт ба духтар монанд буд, бо нишони эҳтиром аз ҷой баланд шуда, ба Ҷамшед салом дод.

— Додари ман Ҷовид, ин кас рафиқи Шаҳром, - онҳоро шинос кард вай ва дар рӯйи диван ба рӯзноманигор ҷой нишон дод.

— Марҳамат, нишинед.

Ин як хонаи хоксоронае буд. Диван, телевизори кӯҳна, ҷевон ва чанд акси ба девор овезон буда онро зеб медоданд. Ситора — духтари зебои болобаланд, сафедрӯй, мӯйдароз, ғайричашмдошт чашмкабудро, бо абрӯвони борику печхӯрда аз ҳабдаҳ-ҳаждаҳ сол боло наметавонистӣ баҳо диҳӣ. Ҷамшед китобҳои зиёди дар ҷевон бударо дида, бо нияти оғоз кардани сӯҳбат пурсид:

— Зиёд китоб мехонед?

Духтар бо аломати тасдиқ сар ҷунбонид.

— Китоби писандидаатон кадом аст?

— «Вақте орзуҳо мемиранд», — ҷавоб дод Ситора.

Ҷамшед номи китобашро, ки соли гузашта бо кӯмаки як сарватманди мухлисаш чоп шуда буд, шунида, дар аввал гумон кард, ки ба вай тамасхур мекунанд. Аз ин рӯ бо заҳрханд гуфт:

— Он қадар китобе нест.

— Ин андешаи шумо. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад андешаи шахсии худро дошта бошад. Маҷбур кардани инсон ба он, ки мисоли шумо андеша кунад, бузургтарин таҳқири эҳсоси инсон аст.

Ин як ҷумла аз ин китоб буд!

Ҷамшедро эҳсоси аҷибе фаро гирифт. «Ман аз ин даргоҳ бо дасти холӣ намеравам», — ин аввалин андешае буд, ки аз хаёлаш гузашт.

Бо табассум хоҳиш кард:

— Ҳамон китобро ба ман намедиҳед?

Ҷавон аз ҷевон китобро гирифта, ба вай дароз карду онҳоро танҳо гузошта, берун баромад. Баъдҳо Ҷамшед ин лаҳзаро ба ёд оварда, бовар дошт, ки агар ҷавон онҳоро тарк намегуфт, шояд бисёр корҳои ғайриинтизор рух намедоданд.

— Дар ин сурат муаллиф хеле ҷавон менамояд, — акси пушти муқоваро ба Ситора нишон дод.

Духтар як ба акс нигарист як ба Ҷамшед. Рӯзноманигор дид, ки чӣ гуна дастони ӯ ғайриихтиёр ларзиданд. Лекин ин зебосанам зуд худро ба даст гирифта, бо овози як қадар дуруштнамо пурсид:

— Шумо худро рафиқи Шаҳром гуфтеду ман бовар кардам. Ягон ҳуҷҷат дошта бошед, хоҳиш мекунам, нишон диҳед.

Ҷамшед бо табассум ҳуҷҷати хабарнигориашро ба вай дод. Духтар онро гирифта, бодиққат хонду китоб аз дасташ афтид.

— Ҷамшед! — ин нидо он қадар аламангез садо дод, ки рӯзноманигор як қад парид.

kitobkhon.net

Не, ҳарчанд Ситора дар идомаи ин ном дигар чизе нагуфт, барои Ҷамшед муаммо набуд:

— Боз ӯ, як бадбахти номурод, бо ҷисму рӯҳи бемор, бо ҳазорон шикасту озори зиндагӣ дар дил, вале бо як қаламаки одӣ азизи қаҳрамони хаёлӣ, аниқтараш шоҳзодаи умедҳои зеборухе, ки ҳуснаш барои сар ба дор додан меарзад, шудааст!!

Дигар миёни онҳо сарҳаде набуд. Ситора ба Ҷамшед бо майли тамом ҳодисаи рухдодаро қисса кард.

— Дирӯз ман навбатдор будам. Нисфирӯз ба беморхона аз сарҳад зани маҷрӯҳеро оварданд, ки ба мина бархӯрдааст. Аз нигоҳи аввал маълум буд, ки талош барои ҳаёти вай кори беҳудаест. Гумон доштанд, ки ба ҳуш наомада, мемирад. Ва ҳама ба вай як қадар бепарво шуданд. Ман бинобар тақозои сардухтур пеши вай мондам. Тақрибан баъди як соат зан ҳамагӣ ба муддати ду — се дақиқа ба ҳуш омад. Ягона коре, ки кард, дастонашро кушод ва як пора коғази хунолудро ба ман дод ва дубора беҳуш шуда, бо ҳамин аз дунё рафт.

— Дар он коғаз чӣ навишта шуда буд ва чаро онро ба муфаттишон надодед?, — пурсид Ҷамшед.

— «Хоҳиш, инро ба рӯзноманигор Умед расонед» — дар оғоз чунин навишта шуда буд ва ман нахостам хоҳиши мурдаро ба замин гузорам. Шумо ҳам мебудед, чунин мекардед, — бо лабханди зебандае посух дод Ситора. — Ҳоло онро ман ба шумо медиҳам ва шумо онро ба Умед мерасонед, - инро гуфта вай бархост ва аз ҷевон аз даруни кадом китобе коғази ҷо-ҷо хунбастаро ба рӯзноманигор дод. Ҷамшед онро бе он, ки хонад, зуд ба киссааш андохту бархост.

— Ташаккур, Ситора, шумо ба ман кӯмаки бебаҳо кардед.

Духтар сар ҷунбонд ва бо овози ларзон гуфт:

— Ақаллан ба ивази кӯмак шумо метавонед бо ман бори дигар сӯҳбат кунед?

«Ҳозир барои бозгашт ба Такфон рафтан мошин пайдо кардан душвор. Чаро бо ин гуна духтари зебо ақаллан сӯҳбат кардан мумкин набошад?», — бо ин андеша Ҷамшед ханда ба лаб посух дод:

— Чаро не? Бегоҳ соати шаш дар боғи марказӣ...

***

Чашмони калони кабудаш чизе мехоҳанд бигӯянд. Рухсораи сап-сафеди беғашаш аз таъсири кадом хаёли пурасроре арғувонӣ мегардад. Зулфони дароз — дарози сиёҳу парешонаш аз насими шомгоҳон печ мехӯрад. Синаҳои навдамидаю тарангаш дигар наметавонанд дар қафаси танг биғунҷанд ва аз эҳсоси дарунӣ баланд мегарданд. Лабони нозуку пистамонандаш ҳарферо мехоҳанд бигӯянд ва аз кӯшиши овоз баровардан ғаб-ғаби сафеду дилрабояш меларзад. Дастони ҳиномолидаашро бехудона ба ҳам соиш медиҳад. Қади баланду пурраш мисоли маҷнунбед сӯйи замин хам мегардад.

«Ман медонам, ту ба ман чӣ гуфтанӣ ҳастӣ», — қариб буд ин андешаро баланд гӯяд Ҷамшед. Аммо...

— Медонед- чӣ... ман кайҳо боз мехостам ба шумо нависам, ки... вале намедонам чаро... — овоз дар гулӯи вай печ мехӯрад...

Дили Ҷамшед дард мекунад. Зуд ба ҳуҷум мегузарад, то он чизеро, ки намехоҳад шунавад, гӯяд.

— Вақте медонед, ҳис мекунед, ки гуфтаи шуморо шояд рад кунанд, ҳангоме аз гуфтани андешае метарсед, беҳтараш, ҳаргиз забон накушоед. Фаҳмидед? — қатъӣ гапи ӯро мебуррад.

Эҳсос мекунад, чӣ санги гароне ба сари Ситора задааст, аммо ба ҷойи шарм кардан тамасхур менамояд:

— Шумо ҳоло кӯдакед ва дар зиндагӣ чизеро намефаҳмед!

Ӯ мегиряд талх, давомдор, бесадо...дастонаш ғайриихтиёр сӯйи Ҷамшед меоянд. Аммо вай бошиддат дастонашро дур мекунад ва

меравад даруни худро хӯрда - хӯрда. Ин ҳама ба хотири нашунидани фақат як ҷумла буд:

— Ман шуморо дӯст медорам!!!

Замоне мешавад, лаҳзае мешавад, ки инсон бо вуҷуди худхоҳӣ аз ин зеботарин ибора ҳам мегурезад.

— Худоё, касе ба ин рӯз орзуманд мабод! - бо дили саршори андӯҳ Ҷамшед бошитоб ба сӯи хонаи рафиқаш роҳ гирифт.

***

Субҳи барвақт Ҷамшед ба истгоҳи мошинҳое, ки ба сӯйи Душанбе мерафтанд, шитофт. Аллакай дар ин ҷой мардуми зиёди азми сафар дошта ҷамъ омада буданд. Ӯ зуд бо як ронанда дар мавриди роҳкиро маслиҳат карда, хост ба мошин нишинад.

— Ҷамшед! — ин овоз водараш кард, то ба сӯйи соҳиби овоз нигарад. Ситора бо пираҳани дарози арғувонӣ дуртар аз гурӯҳи одамон меистод. Дар дастонаш чанд дона гулҳои заъфаронӣ.

— Боз як романтик! — бо як қадар норизоӣ маҷбур ба сӯйи вай қадам бардошт.

Онҳо рӯ ба рӯйи ҳам бозистоданд. Ҷамшед бо нимтабассуми гунаҳкорона ба духтар нигарист. Мӯйҳои парешон, чашмони ғарқа дар об, як чеҳраи шахси ғамзада. Вале, худоё!... Мусибат ҳам дар ин чеҳраи ба дараҷаи тасаввурнашаванда ақлрабо зебо буд!

— Ман зиёд фикр кардам... Дар як шаб гӯр кардани орзуҳое, ки туро барои зистан таҳрик мекарданд, гарон аст, аммо... Ман қавл медиҳам, қасам ба ҳамон эҳсоси сӯзони бароям муқаддас, ки дигар ҳаргиз дар зиндагии шумо пайдо нахоҳам шуд. Фикр кунед, ки хоби баде дидаед... Ашк аз чашмони калони осмонӣ сарозер шуду Ҷамшед дигар худро аз даст дод. Дастонаш ғайриихтиёр ба камари борик ҳалқа шуданд, лабонаш ба лабони сӯзону пур аз ниёз часпиданд, ҷисмашро ҳаловати тасаввурнашавандае фаро гирифт.

kitobkhon.net

Лек ин ҳама фақат лаҳзае давом кард. Ба назараш чунин намуд, ки Нӯшофарин вайро аз дур наззора дорад ва ҳамин замон ӯро фарёд мекунад. Ин рӯъё якбора ҳушёраш кард ва бошиддат духтарро аз худ дур карду дастагулро гирифта, нафаскашон ба ронанда хитоб кард:

— Рафтем!

Мошин бо суръати баланд аз шаҳри Панҷакент баромад ва рӯзноманигор ба ин саҳнаи шабеҳ ба филмҳои ҳиндӣ ончунон ғуттавар шуд, ки ҳатто фоҷиаи рухдодаро муддате фаромӯш кард.

...Баробари ба Такфон расидан Умедро пайдо кард. Онҳо қарор дода буданд, ки дар хонаи як хонандаи доимии рӯзномаашон, — омӯзгори мактаб вохӯранд. Аз гуфтаҳои Умед маълум гардид, ки Амонов то ҳанӯз ба ҷуз он далелҳои дар даст доштааш тақрибан чизи наве пайдо накардааст. Аз ин рӯ Ҷамшед ба ронандае, ки бо ӯ то Такфон омада буд, фармуд:

— Рафтем.

То пушти сар гузоштани ағбаи Анзоб дӯстон ба якдигар ҳарфе назаданд. Ҳарчанд Ҷамшед мекӯшид, ки лаҳзае сари фоҷиаи бо Шаҳром рухдода андеша намояд, аммо симои Ситора аз пеши дидагонаш дур намешуд. Чашмони умедвори духтар гӯё ӯро ба сӯйи хеш фаро мехонданд. Ҳангоме ба ҷойи ҳалокати Шаҳром расиданд, ронанда мошинро бо ишораи Умед манъ кард. Ҷамшед баъди бодиққат аз назар гузаронидани мавзеъ бо табассуми истеҳзоомез ба Умед рӯй оварад.

— Аҷаб ҷойи зебое, барои марги зебо. Лолаҳои сурхи арғувонӣ, садои найи чӯпон, замини сабз ва як қалби пурхуни ташнаи зиндагӣ, ки ин ҳамаро рӯҳ мебахшад. Ва сукути талхи нимашаб, ки ситораҳо медурахшанду маҳтоб чодар зада дар ин рӯъёи дилангез. Ба Худо, ман ҳам мехоҳам дар ин гуна муҳити шоирона бимирам. Аммо, сад дареғ, ки ман барвақт эҳсос кардам, ки лолаҳо алафаки бебӯе беш нестанд, найи чӯпон он қадар беҳунарона лангар меандозад, ки

ruobi-hon.net

мехоҳӣ онро ба сари чӯпон шиканӣ, қолини сабз танҳо бо ранг аз кафани мурда фарқ мекунад, қалби пурхун ба ин ҳама рӯъё намечаспад ва киноҳои ҳиндиро ба ёд меорад. Сукут бошад, дар ин моваро танҳо нишонаи оҷизию нотавонӣ аст ва ситораҳои бенуру беҷон таровате ба ин саҳна намебахшанд. Маҳтоб бошад, фоҳишаи рӯйсиёҳеро мемонад, ки шавҳарро бо афсонаи ширини ошиқона хобонида, сурогӣ ғуломзодаи бузургтар ба ҷисму қувват мешитобад...

Умед дар посух чизе нагуфт, фақат табассуми дардноке ба лабҳояш нақш баст, ки намедонистӣ, онро нишони ҳамфикрӣ бо андешаҳои Ҷамшед ҳисобӣ ё тамасхури рӯйиросте ба ин гуфтаҳо.

***

Баробари вориди Душанбе шудан Ҷамшед ба Умед рӯй оварда, бо оҳанге, ки дар он ҳам хоҳиш буду ҳам зорӣ, гуфт:

— Худи ҳозир ба хонаи Шаҳром рафта, дафтари хотира, шеърҳо, сабтҳои интишорнашуда, умуман ҳар чизеро, ки то имрӯз ба дасти Амонов нарасидааст, биёр. Зинҳор ин ҳама бояд ба дасти Амонов наафтад. Ман дар хона интизор мешавам.

Умед бо аломати «фаҳмидам» сар ҷунбонид ва баъди як соат аллакай бо бастаи калоне дар пушти дари хонаи ҳамкораш ҳозир буд.

Ҷамшед сатр ба сатр дафтари ғафси хотираи ҳунарманди ғӯрамаргро варақ мезад ва ҳар лаҳза бо нишони тасдиқ сар ҷунбонида, кассетаҳои сабти овозро дар магнитофон иваз менамуд. Умед хомӯшона, бо чеҳраи як қадар гунаҳкорона ба ин саҳна нигариста, ҳеҷ ба хулосаи қатъӣ намеомад, ки ба дӯсташ савол диҳад ё оҳиста баромада равад. Ин саҳна беш аз ду соат давом кард ва ниҳоят Ҷамшед хастаҳолона дафтарро пӯшонида, бо хандаи аламангези маънидоре ба рафиқаш нигариста, гуфт.

— Дунё бо ин ҳама аҷобаташ такрор мешавад. Асаре дар дунё нест, ки сужети он такрор нагардад. Охир, нависанда ҳам пайғамбар нест, аз он мегӯяду менависад, ки эҳсос месозад.

— Эҳ, Умед, Умед! Шабат хуш бод, ман хобидан мехоҳам, аниқтараш, аз ин ҳодисаи ваҳшатнок гурехта, ба оғӯши марги сабук паноҳ бурданӣ ҳастам...

Умед чизе гуфтанӣ буд, аммо садои занг дар ин дилгаҳи шаб ҳардуро водор сохт, то бо аломати таҳайюр ба якдигар нигаранд. Ҷамшед бархоста, дарро кушод. Дар рӯ ба рӯяш Амонов меистод бо табассуми сохтае ва бо сумкаи сабуки сафариаш.

— Медонистам, ки ту бедорӣ ва албатта танҳо нестӣ. Умед чун рафиқи вафодор, то зиёфати маро нахӯрӣ, танҳоят намегузорад, — муфаттиш хандаи талхе карда, ворид шуд...

***

Ҳар се дар гирди миз нишастанд. Амонов аз сумкаи сафариаш шишаи арақеро гирифта, байн гузошт. Ҷамшед магнитофонро хомӯш карда, коғазҳои рӯйи мизро сӯе монду оромона гуфт:

— Хоҳиш, бачаҳо, ман наменӯшам.

— Ман аз ҳамкурсам иҷозат мегирам, — бо дили пур ҷавоб дод муфаттиш.

— Не, ба ҳамкурсат вобаста нест, гурдаам вақтҳои охир дард мекунад, - камтар хиҷолат кашида, худро сафед кард рӯзноманигор.

— Эй бародар, боре шудааст, ки муфаттиш назди рӯзноманигор бо шишаи арақ омада бошад? Ман иқрор мешавам, ки шартро бохтам, зиёфат пагоҳ аз ҳисоби ман. Биё ноз накун, Ҷамшед, — Амонов ба ҳеҷ ваҷҳ имкониятро аз даст доданӣ набуд.

kitobton.net

— Рости гапро гӯям, ба ман асрори ин куштор маълум нашуд. Беҳуда хароҷот менамоӣ Амонов, — рӯзноманигор бо табассуми дардноке ба мусоҳибаш нигарист.

— Вақте мо ҳар се қартаҳои худро мекушоем, бояд чизе, аққалан риштае ба даст ояд, - бо дили пур ҷавоб дод муфаттиш. Новобаста аз он ки аввалин шуда, кӣ ба ин муаммо сарфаҳм меравад, ман бохтро тан медиҳам, зеро бе кӯмаки шумо ҳаргиз ин ришта кушода намешавад.

Ҷамшеду Умед маънидорона ба якдигар нигаристанд. Лаҳзае хомӯшӣ ба миён омад ва онро Нӯшофарин, ки ба рӯйи миз салат, газак мегузошт, вайрон кард:

— Хайр, Ҷамшед, он шаби мастӣ баҳона Аҳмад Зоҳир буд, ин бор чӣ? Ба ман не, ба худатон раҳм кунед. Шаби дароз аз дарди гурда нолида мебароед.

— Нӯшофарин, ин бор баҳона ман, - Амонов зуд ҷавоб дод, - ба ивазаш дар Панҷакент чӣ номаъқулиҳо дошт, бо далелҳои раднашаванда собит мекунам, - ғолибона ба Ҷамшед нигарист вай. — Ё нагӯям?

— Эҳ, бовар кун, одат кардам. Ба ин ҳамон қадар, ки зиёдтар рашк барӣ, ҳамон қадар бадтар мешавад. Беҳтараш, чӣ номаъқулӣ мекунад, аз чашми ман дуртар кунад, - бо ханда ҷавоб дод Нӯшофарин. Ҳамин бачаҳояшро калон кунад, барои ман бас!

Ҷамшед ба ин суханҳои занаш аллакай гӯш намеандохт. Кадом як ҳолати ғайричашмдошт ӯро зери таъсир медошт. Ҳангоме занаш аз дар баромаданӣ шуд, вай пурсид:

— Чӣ гуфтӣ? Рӯзи мастии ман зодрӯзи Аҳмад Зоҳир буд? Аниқ?

Зан бо аломати тасдиқ сар ҷунбонид:

— Шаб маст омадед, субҳ хабари марги Шаҳром расид.

kitobkon.net

— Яъне... яъне... — Ҷамшед барқвор аз ҷой бархоста, сигор гиронд ва якбора занашро оғӯш карда, як бор чарх гардонид.

— Эй бешармҳо, ақаллан ба хонаи дигар гузаред, — Умед овоз баланд кард.

Аз ин рафтори ғайричашмдошти Ҷамшед Нӯшофарин ҳам дар оғоз як каме дасту пой гум кард, аммо ба худ омада, навозишкорона ба рӯйи шавҳараш силае навохту аз хона бадар рафт.

— Ба чизе гӯед, қасам мехӯрам, аммо ту кадом риштаеро ба даст овардӣ, - муфаттиш ангушти ишоратиашро боло карда, бо як нафас қадаҳашро бардошт. Ҷамшеду Умед ба вай пайравӣ карданд. Баъди қадаҳи дуввум Амонов суханашро давом дод:

— Чун шахси мағлуб аввалин шуда, ман қартаҳоямро мекушоям.

— Милиса дӯстӣ надорад, - бо шубҳа гуфт Умед.

— Барои он, ки шумо бетарсу ҳарос далелҳоятонро кушоед, ман ботантана хабар медиҳам, ки парвандаи ҷиноӣ маҳкам карда шуд. Ин кори дасти шахсони номаълум, душманони миллат буд ва...

— ...ва ҳангоме ягон қумондони саҳроӣ мемирад ё айбдор мешавад, қатли Шаҳромро ба гардани он бечора бор мекунед, — мушт ба миз кӯфт Умед, — ман усули ҷиноятқушоии шуморо медонам.

— Рост мегӯӣ, — қадаҳи навбатиро холӣ кард муфаттиш. Вале агар ҷиноятро дар ҳамон шакле, ки ҳаст, кушоем, он гоҳ рафиқи бадбахти шумо дар гӯр ҳам ором намехобад. Зиндагии пур аз фисқу фасодаш пешкаши мардум мегардад. Бигзор ором хобад.

Ҷамшеду Умед дар ҷавоб хомӯш монданд ва бо нишонаи савол ба Амонов нигаристанд.

— Бале, дӯсти азизи шумо ба ғайр аз занаш беш аз даҳ духтари дигарро бадном кардааст, вақтҳои охир нашъакашӣ барояш одат шуда буд. Бо вуҷуди ин, ман мехоҳам донам, ки қотил кист...

kitobkhon.net

— Қотил набуд, — ғурунгос зад Ҷамшед.

— Чӣ гуфтӣ? Қотил набуд? — муфаттиш баъди нӯшидан суп-сурх шуда, якбора ба ғазаб омад. — Пас, кадом фариштаи осмонӣ ӯро ба ҷар равон кард? Кӣ ӯро парронд?

— Биёед, ором шавед, — ба байн даромад Умед. Амонов мувофиқи ваъда бигзор далелҳояшро пешкаш кунад, он гоҳ навбати дигарон.

Ҷамшед шишаи холишударо сӯе ғелонида, бархосту аз яхдон шишаи нав оварда, кушод ва ба қадаҳ рехт. Муфаттиш сигор оташ дод ва аз даҳону биниаш ҳалқа-ҳалқа дуд бароварда, ба баёни фарзияаш шурӯъ намуд:

— Медонед, ин аввалин парвандаи ҷиноятие аст, ки моро дар бунбаст қарор додааст. Аслан, воқеа хеле одӣ сурат гирифта, гӯё муаммое пеш намеорад. Аммо ин танҳо аз нигоҳи аввал. Он қадар чуну чароҳо дар ин ҳодиса зиёд аст, ки ман дигар илоҷе наёфта, ба Шумо, рӯзноманигорон, ки сахт бадатон мебинам, рӯйи ниёз овардам.

Ду моҳ пеш аз ин ҳодиса Шаҳром аз ҳунарманди дигар Ҷанобил, ки зодгоҳаш ноҳияи Айнӣ аст, хоҳиш мекунад, то барои вай ягон тӯй аз ин минтақа пайдо кунад. Вай ҳатто розӣ будааст, ки ин тӯйро бепул гузаронад. Дар давоми як ҳафта Ҷанобил барои вай шаш касро меёбад, ки ба наздикӣ тӯй карданӣ буданд. Шаҳром тӯйро дар деҳаи Такфон интихоб мекунад ва рӯзи онро худаш муайян менамояд.

Мо ба саволи аввалини дар роҳи ағбаи Анзоб гузоштаамон посух ёфтем: касе пешакӣ тарҳи кушторро накашида буд, чунки тӯйро худи Шаҳром талабгор шуда, пайдо кард.

Ба саволи дуввум ҳам дар мавриди шахси ношиноси номарасон ман ҷавоб пайдо намудам. Пеш аз оғози тӯй шахси ба ҳунармандон мутасаддӣ аз Шаҳром хоҳиш менамояд, то суруди «Зиндагӣ охир сар ояд»- и Аҳмад Зоҳир хонад. Шаҳром мегӯяд:

kitobkhon.net

— Расо соати дувоздаҳ дар варақчае хоҳишатонро навишта, ба ман расонед, ҳатман мехонам.

Мард соати дувоздаҳ хоҳишашро дар коғазчае навишта, аз як ҷавони меҳмон илтимос менамояд, ки онро ба Шаҳром диҳад. Ҷавон коғазчаро мерасонад, аммо Шаҳром сурудро нахонда, баробари хондани нома навбатро ба шогирдаш дода, бо раққоса ва ронанда меравад. Ба пурсиши соҳиби тӯй посух медиҳад, ки «Ҳозир меоем». Тавре маълум, ӯ дигар наомад.

Ман намедонам, дар мактуби пешазмаргии раққоса, ки дар дасти Ҷамшед ҳаст, чӣ навишта шудааст, вале яқин медонам: Ӯ ва ронанда қотил набуданд, аммо чизи муҳимеро шояд медонистанд, ки то ҳол ба ман маълум нест.

Ташхиси ҷойи воқеа ва пурсиши кормандони ошхонаи сари роҳ нишон дод, ки мошин ба ҷар нишеб шуда, баъди он садои тир баланд шудааст. Баробари шунидани садои тир аз ошхона ба назди мошин меоянд ва яке аз онҳо дар нимашаб ба шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Варзоб омада, аз ҳодиса онҳоро огоҳ месозад. Давоми воқеа ба шумо маълум аст ва ман танҳо инро илова менамоям, ки туфангча ёфт шуд. Онро ду сол пеш собиқ узви дастаи қумондон Солиев, ронандаи Шаҳром, — Бақоев аз маҳалли хизматаш гирифтааст. Аммо ташхис нишон дод, ки дар он пайи дасти Шаҳром ҳасту бас!

— Ёбеду гиред! — муфаттиш нақлашро ба поён расонида, ба ҳарду нигарист.

Умед бо ду даст рӯяшро пӯшонида, хомӯшона менишаст. Дар лабони Ҷамшед табассуми дардноке пайдо шуд ва ӯ қадаҳҳоро лабрез намуда, бо ишора ҳардуро водор кард, то бардоранд. Баъди нӯшидан сарашро бо ду дасташ дошта, гуфт:

— Барои ман тамоми ҳодиса то хурдтарин ҷузъиёташ маълум аст, аммо намехоҳам, ки ҳатто шумо ба ин гуна марги аблаҳона бовар кунед.

— Мо ба якдигар даст додем, — норозиёна овоз баланд кард Амонов.

— Пагоҳ ҳам ташкилӣ аз ҳисоби ту, — мастона аёне калавид Ҷамшед, — майлаш шумо хоҳ бовар кунед, хоҳ не, ман фарзияи худамро пешниҳод мекунам.

Аввалан аз ҳардуи шумо барои он, ки ҳаргиз ба дарки ин худкушии воқеан ҷавонмардона намерасед, бахшиш мепурсам.

Зеро Худованд бароятон ҳамон эҳсоси нозуки инсониро, ки агар медоштед, асрори ин марг ҳақиқати одие буд, надодааст. Шумо ҳаргиз Шаҳромро намешинохтед. Ва ӯ ҳам аз қиссаи мардум кардани дарди дили хеш ор мекард. Мепурсед, ки сабаб чист? Аввал ба ин суолҳои ман ҷавоб диҳед, ки: Чаро Истеъдод дар танҳоӣ мемирад? Чаро Истеъдод ҳамеша душмани сарсахти Издиҳом буду бошад? Зеро ин издиҳоми беҳунаракону танпарастон, морбачаҳои заҳрдори беистеъдодиву номардӣ ҳаргиз ситоишгари Истеъдод набудаанду нестанд.

Ҳамеша Истеъдод аз эшон ба ҷангалу кӯҳ, биёбону ҳасраткадаҳои танҳоиву ҷунунӣ бигрехтаасту бигрезад. Зеро Истеъдод қадри худро медонад ва ҳаргиз дунболаи он надавидаасту надавад, ки ин ганҷи худододаро зери пойи ҳукмрону давронсоз, беҳунару бефарҳанг хор созад.

Ва замоне мешавад, ки Истеъдод рӯй ба марг меорад. Бале, рӯй ба марг! Ва ин маргро соҳибистеъдод бо фишори ҷомеа бо дасти худ месозад.

Медонед, орзуро чаро фикр карда баровардаанд? Барои он, ки зиндагӣ кунад Инсони бечора! Барои он, ки чӣ орзуе сабз шуд, орзуи дигаре барои худ месозад, то бизияд. Вале шумо ҳаргиз тасаввур

карда наметавонед, ки барои инсони қаноатпеша рӯзе орзу тамом мешавад. Дигар баҳонае барои зистан наемонад. Дигар ҳама ҷой сард аст, холӣ аст, сукути даҳшатноке лангар меандозад. Мисоли шоми қабристон. Ҳа-ҳа, қабристоне, ки рӯзе моро ба он ҷой мебаранд дер ё зуд. Боре ман гуфтам, ки аз мурда меҳаросам. Ба як рафиқам сахт расид. Охир, баробари дидани ҳар мурда ман як бори дигар мемирам. Мефаҳмед, як бори дигар!

Вале рӯзе шуд, ки Шаҳром орзуи дигаре барои зистан надошт. Шумо, инсонҳо, се сабаби асосиро барои зистан дар зиндагии заминӣ асосӣ медонед: пул, шӯҳрат, зани зебо. Аммо Шаҳром ин ҳарсеро дошт, ба ҷонаш зада буд. Мардум барои як кило шакар мағоза ба мағоза медавиданд, вале чун падараш аз аҳли савдо буд, Шаҳром сер буд, пул ҳаргиз барояш муҳим набуд.

Шӯҳрат? Не, касе панҷ соли охир натавонист ҳамтои ӯ шавад. Вай танҳо буд дар майдон, касеро намедид дар баробараш. Ҳарифе надошт ва берақиб будан тезтар барои марги истеъдод мусоидат менамояд.

Зан? Аслан Шаҳром ба ин мавҷудот бовар надошт. Зеро ягонтои онҳо Шаҳромро не, ҳунари вай, истеъдоди вайро дӯст медоштанд, пулу шӯҳраташро дӯст медоштанду инро овозхон хуб дарк менамуд.

Падару модар? Онҳо бо номи фарзанд мушт ба сина мезаданд, аммо боре напурсидаанд, ки: «Эй ҷону ҷигар, чӣ дарде дорӣ?»

Ҳангоме баҳонае барои зистан наемонад, ҳама чизи дунё дастрас аст, танҳо як муаммои нокушода мемонад: Марг!

Ҳанӯз шаш моҳ пеш барои коре ба хонаи Радио рафтаму гуфтанд, ки Шаҳром таронаи тозаашро сабт менамояд. Чун мухлис рафтаму мушоҳида кардам. Не, ӯ дигар он ҳунарманди соҳибистеъдод набуд. Бовар мекунед, маст буд, овозаш намерасид дар авҷ. Гирист. Наздаш рафтам, маслиҳат додам, то авҷро як парда паст гирад. Қабул карду он таронаро сабт кард. Он замон ба худ гуфтам, ки вақт аст, то ин

ҳунарманд барои ҷовидон мондан аз саҳна берун шавад. Ва Шаҳром ҳам инро хуб дарк кард.

Шумо пайиҳам ба номаи дар дасти ман буда ишора мекунед. Дар он чизе нест ҷуз чанд ҷумла:

«Мо гуноҳе надорем, Шаҳром дигар аз тасаввури саҳнаи маргаш лаззат мебурд, вайро хок ба сӯи худ мекашид. Моро пул дод ва маҷбур кард, ки ба Панҷакент равем. Дар он ҷой хабари маргашро шунида, тарсидем, ки аз мо гумонбар мешаванд. Зеро туфангчаро чанд вақт пеш бо зорӣ гирифта буд. Аз ин рӯй гурехтем. Мо қотил нестем».

Ронандаю раққоса чун фарзанди ин ҷомеаи пур аз беадолатӣ ҳаргиз ба он, ки ҳақиқати марги Шаҳром исбот мешавад, бовар надоштанд. Хуб медонистанд, ки агар ба даст афтанд, ҳатман тамғаи қотилӣ ба пешонаи онҳо зада мешавад. Аз ин рӯ фирори пинҳониро афзал донистанд.

Ман хуб медонистам, ки Шаҳром худкушӣ кардааст, барои он, ки номаш ҷовидон монад. Аммо худкушӣ душвор нест ва роҳҳои осон ҳам дорад. Пас, ин қадар саҳнасозӣ барои чӣ буд? Ба ин савол то ин бегоҳ ҷавоб наёфтам. Аммо Нӯшофарин якбора аз Аҳмад Зоҳир ёд оварду бароям ҳама муаммо ҳал шуд. Шаҳром саҳнаи маргашро мувофиқи як фарзияи қатли ин ҳунарманд сохт. Ба ёд ored, Аҳмад Зоҳир ҳам дар он сӯи ағбаи Соланг тӯй дошт, ба ӯ ҳам дар вақти тӯй нома дода буданд, ва ӯ ҳам гӯё бо як раққосаю ронанда роҳи бозгаштро пеш гирифта буд. Ҳоло ҳам он ҳамсафаронаш якбора ба куҷо ғайб заданд, номаълум аст. Ва ҳамаи инро Шаҳром дар рӯзи таваллуди ин ҳунарманд амалӣ кард. Охирин орзуи ӯ марги зебо буд, зеро дар зиндагӣ воқеан ҳам ӯ зебо буд ва ин марги зеборо бо дасти хеш сохт. Ӯро чизе дигар дар ин дунё нигоҳ намедошт, ҳама пулҳоро дар паси худ шикаста буд - дилхунукӣ аз шӯҳрат, сарват, зан сабаб буду нашъамандию бадномӣ, занбозию чизи аълои дигаре

эҷод карда натавонистан баҳона. Қотили Шаҳром... — Ҷамшед аз зиёд ҳарф задан хаста шуда, қадаҳи навбатиро бардошту муфаттиш ҷумлаи вайро идома дод:

— Аҳмад Зоҳир?

— Не, чун ҳамеша гуноҳро ба сари дигарон бор накун, — Ҷамшед боғазаб сухани Амоновро ба даҳонаш зад, - қотил ҷомеаи пурфасоде ҳаст, ки наметавонад истеъдодҳоро боли парвоз диҳад, ҳифз созад. Баръакс, шерро мекушад, то рӯбоҳ ҳокими ҷангал шавад, булбулро пар меканад, то зоғ ҷилванамоӣ кунад.

Ҳатто марги вай зеботар аз як зиндагии аблаҳонаи ману туст, бародар! Фаҳмидӣ?

Ҷамшеди маст сарашро ба рӯйи миз гузошту муфаттишу Умед вайро танҳо гузошта, оҳиста баромаданд. Ҳангоме садои баста шудани дар шунида шуд, Ҷамшед сарашро бардошта, бо овози баланд гуфт:

— Дигар Истеъдоде чун ӯ намеояд. Истеъдод, ҳусн, ҷавонӣ насиби кирмҳои қабристон шуд. Зинда бод кирмҳо!

Панҷакент, соли 1999

ktobxon.net

КИШМИШ

Ба рӯҳи поки орзуҳои саркӯбшудаи ҳамсолонам мебахшам.

Ному насаби қаҳрамонон ва сужаи воқеа бофтаи муаллиф буда, дуруст омадани он бо ному насаб ва зиндагиномаи шахсони воқеӣ тасодуфӣ мебошад.

...— Не, ту ба ман бигӯ, чаро фарзанди ман то дирӯз туфлӣ надошту наметавонист ба мактаб равад, аммо писари дувоздаҳсолаи ҳамсоя танҳо ба хотири он, ки падараш замоне барои куштани ҳаммиллату ҳаммеҳанаш камон бардошт, дар минтақаи дигар таваллуд шуд, аллакай дар таги пояш мошини хориҷӣ дорад? Чаро? Охир, ман маълумоти олӣ дорам, аммо ин ҳамсоя ҳамагӣ маълумоти синфи ҳашт дорад, зани вай яхдонро аз мошини ҷомашӯӣ фарқ намекунад, ҳамсари ман бошад, ду мактаби олиро хатм кардаасту ҷойи кори хуб намеёбад. Чаро ҳаҷми маоши ин ҳаромхӯр як баробар аз ман кам аст, вале се хонаву чор мошин ва ду зан дорад? Ту мегӯӣ, ки хомӯш бояд бошем, дам ба дарун бигирем, шикоят накунем, мо дар давраи пас аз ҷанг қарор дорем, айёми гузариш аст. Марг ба чунин даврон, ки аблаҳро раҳнамо, аҳмақро бологузар, бесаводро нури чашму соҳибистеъдодро ғулом кардааст, - Умед боғазаб бо мушт ба миз кӯфт. Ду шикамғафси галстукдор ва ду зани фоҳишамонанди ба рӯяшон краскаҳои сурху кабудкашидаи монанд ба масхарабозони сирк, ки ҳиқ-ҳиқ хандида, дар мизи паҳлӯ менишастанд, боҳайрат ба сӯйи онҳо нигаристанд. Ҷамшед пасмондаи сигорро ба хокистардон пахш карду ба хотири он, ки рафиқаш аз вай пайравӣ карда, садояшро пасттар намояд, бо овози базӯр шунаво, орому беэҳсос, посух дод:

— Чӣ кор бояд кард? Мисоли чанд сол пеш аҳли оилаи ҳамсояи туро барои он, ки беҳтару хубтар аз ту зиндагӣ менамоянд, зинда ба зинда гӯр кунем? Хонаашро кашида гирем?

Ман яке аз онҳое будам, ки кӯр-кӯрона барои демократия ва барои иқтисоди бозоргонӣ ба ҷойи дарсхонӣ дар майдонҳо ҷор мезадам. Бубин, пешвоҳои демократия моро куҷо бурданд: беш аз сад ҳазор кушта шуданд, беш аз як миллион овора. Вале ягон нафар фарзандони онҳо намурданд, овора нашуданд, сағир намонданд, гадоӣ накарданд, ғулом нестанд. Боз мо — романтикҳои эҳсосӣ ба ин рӯз дучор шудем. Мардум ин воқеиятро бо чашми сар дид ва дигар ба он чӣ ту мегӯӣ, тамасхур мезанад. Барои ин халқ мисоли рама пеш-пеши асои сахти чӯпонӣ рафтану намурдан ҳазорон маротиб беҳтар аз ҷон супоридану озодӣ харидан аст. Ин рама дигар намехоҳад озод бошад, ғуломию саршикастагиро чун амри тақдир пазируфтааст. Ба ин хотир хомӯшӣ ихтиёр дорад ба давр рондани аблаҳу гадои дирӯз ва хуни дил хӯрдану сагвор мурдани донишманду олим. Аслан, ин рама лоиқ ба озодӣ нест. Мефаҳмӣ? Инсоне, ки муроди зиндагиро дар хӯрдану намурдан мебинад, ғулом мебошад. Вай ҳаргиз кӯшиши одамвор зистан наменамояд, чунки ғулом ҳамеша лол аст. Барои ғулом — зиндагии ғуломона!, — Ҷамшед дар ҷумлаи охир як қадар овозашро баланд кард ва ин боис шуд то Умед боз як парда баландтар ҳарф занад:

— Туро ман хуб медонам, Ҷамшед! Ин ҳарфҳоро, ин тасаллияти кӯдаконаро барои ман мегӯӣ, аммо худи ту ҳамеша дунболаи он ҳастӣ, ки занҷири ин ғуломиро шиканӣ. Маро мехоҳӣ аз роҳи интихобкардаам бозгардонӣ, мехоҳӣ рӯзномаамро, ки бо ҳазорон хуни дил ба дасти мардум мерасонаму хор дар чашми соҳибдаврон гаштааст, бубандам, мисоли он шикамдамидаҳои ба ном журналист дасти тавозӯъ пеши бар гирам. Даъват кардам, ки биё бо ҳам дар як ҷой, дар як рӯзнома бошем, нахостӣ. Гуфтӣ, ки ҳақиқату адолат ба назарат фоҳишаи чилдурӯғро мемонад, ки ба чил қадам гузошта, худро духтари ҳаждаҳсола муаррифӣ мекунад. Рӯзномаи ман даст ба даст намерасад, ҳамонҳое, ки хуни ин рамаро мемакиданд, аз тарси якдигар онро пинҳонӣ мехонанд. Вале ту бо вуҷуди ин, ки

тани танҳо солҳои сол дар ин пайраҳа қадам мебардорӣ, маро маҷбур карданӣ ҳастӣ рӯзномаро бандам. Ман ба чашми умедвори онҳое, ки ба тини салафанфурӯшӣ, гадоӣ, ашки талхи ятимиву танфурӯшӣ рӯзномаи маро бо ифтихор, чун ягона таккондиҳанда барои зистан ба рӯйи қалбашон пахш карда, аз хиёбонҳо қадам мебардоранд, чӣ гуна бояд бингарам? Ё то ҳол ман туро нашинохтаам? Ё аз фардои падару модар ва ҳамсари ман дар хавотир ҳастӣ? Бидон, ки ин ҳарфҳои ту ба ман афсонаҳои бибиямро ёд меоранд, лекин ман дигар он тифлаки афсонапараст нестам, ки баъди итмоми қиссаи буду набуд кӯрпаро ба сарам кашиву гӯй: Хоби ширин, хурдтаракам! Ман ҳатман роҳамро давом медиҳам ва ба ин рамае, ки мегӯй, мефаҳмонам: онҳо лоиқ ба ин гуна зиндагӣ нестанд, бояд озодона дарди дил гӯянд, занҷири ғуломӣ ба як авлоду як маҳалро бишкананд. Ҳеҷ агар фарёди онҳо бефарёдрас бошад, ақаллан он чашмҳои кӯр, ақлҳои равғанбаста, шикамҳои варамида донанд: ин мардум он рӯзгореро надорад, ки сагбачаҳои косалесашон ҳар рӯз аз эфирҳо мегӯянд, - Умеди маст бо лагад мизи паҳлӯро зад ва бархост. Ҷамшед ба ҷойи вай аз пешхизмат узр пурсиду рафиқашро, ки як каме баъди аз эҳсосот фаромадан ҳушёр шуда буд, то ба истгоҳ расонид.

Дар ин лаҳза мошине омаду назди онҳо истод. Ронанда ва ҳамраҳаш, ки ҳарду омӯзгори факултаи ҳуқуқшиносӣ ва шиносҳои деринаи ҳарду буданд, бо онҳо салому алейк карданд.

— Соат чанд шуда бошад? — пурсид Ҷамшед аз онҳо.

— Бистто кам дувоздаҳ, - ҷавоб дод яке аз омӯзгорон.

— Ман худам меравам, ташвиш накаш, вале аз рама дигар шиква макун. Сангдил нашав, ҳар чизе оҷиз асту нотавон, лоиқи ақаллан тараҳҳум аст Ҷамшед! - гуфт ҳангоми хайрбод Умед ва ба маршруткаи дар наздаш қароргирифта нишаст. Рафиқаш дар ҷавоб

заҳрханде карду посух надод ва ба мошини омӯзгорон нишаста, то хона рафт.

***

Субҳи дигар Ҷамшед чун ҳамеша бо як рӯҳи пажмурда ба сӯйи коргоҳ равон шуд. Пойҳояш баъди бедорхобӣ ва баҳси дурударози бенатиҷаи дишаба бо Умед базӯр вазнашро мекашиданд. Худ намедонист чӣ мехоҳад, чӣ гуна зиндагӣ кардан метавонад дилашро ба рӯзгор гарм кунад. Чӣ ё кӣ ин қадар дилу рӯҳи вайро аз зистан хунук кардааст.

— Чаро дигарон субҳро оғози зиндагӣ мегӯянду метавонанд бо умеди рӯзи нек аз ҷойгаҳ баланд шаванд? Чаро солҳои охир субҳе нашуда, ки ман бо рӯҳи болида бархоста бошам? Чаро наметавонам мисоли дигарон ақаллан рӯзеро бо ягон умеди нек пешвоз гирам? Чаро шавқи зистан, бархостану боҳавас кореро анҷом додан дар қалби ман нест? Чаро? - суолҳои бечавоб дар сараш давр мезаданду ҳеҷ наметавонист посух ёбад. Дар куҷое хонда ё шунида буд, ки агар чашм баркушодиву донистӣ, ки имрӯз кореро ба анҷом нахоҳӣ расонид, беҳтар аст, ҷойгаҳи хобатро хунук накунӣ. Аммо агар вай аз рӯйи ин шиор амал кунад, бояд ягон рӯз аз ҷойхоб нахезад. Зиндагии якранг, мушкилоти якранг, мардуми якранг, ҳатто орзуҳои якранг... ҳама як ранг доранд, ранги сиёҳ. Ҳама мурда, чунки ӯро ба сӯйи худ намекашанд. Ва мувофиқи қонуни азалии зиндагӣ, ҳар чизе ба сӯйи худ намекашад, мурда аст. Ё худи ман мурдаам, чун наметавонам хоҳиши зистанро дар дили хеш зинда кунам ва ҳама дунё, ҳама мушкилот, ҳама чеҳраҳои инсонӣ, ҳама рӯзгор бароям якранг метобад? Ҳа, шояд ҳамин гуна бошад. Шахсе ё чизе, ки дигар касе дӯсташ намедорад, бояд ба партобгоҳи зиндагӣ равад. Ҳамин дирӯз буд, ки духтараки навкор дар рӯзнома бо табассуми ширин гуфт: «Шумо ба одами сисола монанд нестед, ман то ин дам ба шумо 45 сол медодам». Духтараки дигар, маънидорона илова кард: «Барои ин кас ҷавонӣ аллакай тамом шудааст». Аз ин

гуфтаҳо бармеомад, ки воқеан ҳам муҳити атроф не, балки вай — Ҷамшеди замоне қалбаш саршори меҳри зиндагӣ пир шудааст ва мурда! Дигар на метавонад касеро дӯст дорад ва дигар на касе вайро дӯст медорад.

Ӯ барои дӯст доштану дӯстдошта будан пир шудааст!

Бо пайдо шудани ин андеша дилашро пардаи сиёҳи андӯҳ печонид ва заҳрханде заду ба истгоҳ нарасида, дар рӯйи санги сари роҳ нишаст. Сигори тозаеро бароварду оташ зад ва тибқи одат худро маҷбур намуд, то ин ҳама хаёлоти ғамангези романтикиро аз сараш дур партофта, баҳси дурударозу бенатиҷаи дирӯза бо беҳтарин рафиқашро таҳлил намояд ва хулоса барорад, ки кадоме ҳақ буданд: вай ё Умед... Аз фикру андешаҳои саргум дилгир гашту ба суолаш посух наёфта, бо дили ноҳоҳам маршруткаеро манъ карда, савор шуд. Дар дохил чеҳраи шиносеро диду ба хотири он, ки бо ӯ риштаи сӯҳбатро накушояд, нигоҳи чашмонашро ба берун дӯхт. Ҳатто салом додан ва аҳвол пурсидан барояш гаронӣ мекард. Тамоми вуҷудашро як хастагии рафънопазир фаро гирифта, шахсеро мемонд, ки баъди латукӯби зиёд ҷисми ранҷдидаашро ба сӯйи хонааш мебарад. Ба ёд овард, ки чанд сол пеш бо нияти дамгирӣ бо Умед ба деҳа рафтаву чӣ гуна шоҳиди марги Ёсуман ном толибаи мактаб шуда буд. Якбора ба ёдаш омадани ин хаёлоти ғамангези гузашта рӯҳи пажмурдаашро пажмурдатар кард. «Бояд бас кунам ин корро, вагарна, ягон рӯз яқин аз ҷабри хастагӣ худкушӣ мекунам», — бо тамасхур зери лаб гуфту ба хотири раҳидан аз андешаҳои ғамолуд ба садои радиё гӯш фаро дод. Баранда баъди анҷом ёфтани кадом мусиқии хориҷӣ, бо овози шикастаи тоҷикӣ ба хондани хабарҳо шурӯъ намуд:

— Дирӯз, соати 12-и шаб, сардабири рӯзномаи «Шоми булӯрин» Умеди Карорматулло аз ҷониби шахсони ношинос дар даромадгоҳи хонааш тавассути силоҳи оташфишон ваҳшиёна ба қатл расид. Пайдо шудани ин рӯзнома дар майдони матбуоти тоҷик мисоли як

падидаи нодире буд, зеро рӯзнома бо навиштаҳои ҷасуронааш дар дилу дидаи хонандагон ҷой гирифта...

Дигар чизе ба гӯши Ҷамшед надаромад.

— Манъ кун! — дод зад бо тамоми овоз ва ронанда боҳайрат ба вай нигариста, якбора мошинро боздошт. Ӯ монанди як шахси ҷунунгирифта фаромад. Лаҳзае дар миёни роҳ чӣ кор карданашро надониста, ҳайрон истод, баъд ба худ омада, аввалин таксии пешомадаро манъ кард.

***

Дар тӯли роҳ Ҷамшед на чизеро эҳсос мекард, на дар сараш фикри тозае меомад. Дастонаш меларзиданд, чашмонашро пардаи сиёҳӣ пахш карда, пеши дидагони пурнамаш ду симо — симои Орифи Фарҳод ва Умеди Карроматулло давр мезаданд. Аввалиро ӯ расо 17-сола буд, ки аз даст дод, дуввумиро пас аз 12 сол. Ҳангоме Ориф аз дасти қотилони зархариди Салимҷонов кушта шуд, Ҷамшед қадамҳои аввалинро дар ҷодаи рӯзноманигорӣ мегузошт ва ин марг ӯро дар як муддати кӯтоҳ аз як ҷавони саркашу бебоку тундрав ба як марди ором, ботаҳаммуле, ки дар қалбаш захмҳои зиндагӣ асари ношустанӣ гузошта, вале аз ин озорҳо забони фарёдаш баста, табдил дод.

Дигар марг барои вай як сояи даҳшатноку тира набуд, балки орзуе буд, ки интизорӣ мекашид. Дигар марг беҳтар аз миёни ин издиҳом будану танҳоии даҳшатноки худро эҳсос кардан буд. Оромие буд, ки майзада дар майхона ёбад, ошиқ дар бистари висоли маъшуқ, гушна дар сари хони пурнозу неъмат.

...На, на, Ҷамшед бовар намекард, ки марги Умед ӯро ба ин ҳолати ғайриинтизор мерасонад. Дар давоми дувоздаҳ соли баъди қатли Ориф чӣ қадар азизтарин ҳамкасбу ҳамдардонашро гӯронид. Ҳам дар қабристони зиндагӣ ва ҳам дар мазористони дил. Якеро гӯрониданд, дигареро ба дасти худ гӯронид. Ва ҳеҷ гумон надошт,

ки Умед, Умеде, ки барояш як рафиқи даврони ҷавонӣ, ҳампешаву ҳамкасбе беш набуд, метавонад санги сардшудаи қалбашро об кунад, дидагонеро, ки чӣ будани шӯрии ашкро фаромӯш карда буданд, тар созад. Ҳоло бошад, қатраҳои ашк мисоли ҷӯяки обе, ки дар гармои тобистон ба замини шӯру хушк роҳ ҷуста, роҳ ҷуста, нақши фарққунандае мегузорад, ба рухсори ришрасидаи Ҷамшед метаровиданд.

Ронанда ба мусофире, ки зери лаб ким-чиҳое мегуфту мисоли як масти раҳи хона гумкарда ба чор тараф менигарист ва наметавонист қатраҳои ашкашро ниҳон созад, боҳайрат назар афканда, гуфт:

— Ба маҳаллаи «Бофанда» расидем, ана ин бинои шасту чор.

Ҷамшед оби чашмонашро бо рӯймолчаи ғиҷимшуда пок карду аз мошин берун шуд ва назди даромадгоҳи хонаи Умедро серодам дида, лаҳзае дасту по гум кард. Ба назараш чунин намуд, шаҳеро мемонад, ки ба хонаи арӯс омадаву гулдастаро фаромӯш карда ва аз ин сабаб ҳама ба вай бо тамасхур менигаранд.

Ногаҳ аз миёни мардуми ҷамъомада фиғони талхе баланд шуду рӯзноманигорро ба олами воқеият баргардонид. Падари мӯйсафеди Умед аз миёни ҷамъомадагон берун шуд ва даст ба сар задаву ба ришҳои сафедаш ханҷол кашида, худро ба гардани Ҷамшед ҳалқа кард:

— Додаратро чаро насиҳат накардӣ? Чаро нагуфтӣ, ки ақаллан падари пирашро фаромӯш накунад? Гӯшаи тобути маро кӣ мебардорад? Ба рӯйи қабри ман кӣ хок мепошад? Кӣ ақаллан як дуо ба рӯҳи мани мискину бадбахт мехонад? Оҳ, Худо, Худоҷон...

Хуну ашк якҷо риши сафеди мӯйсафедро тар карданду Ҷамшед якбора ба худ омада, бо як тундии ғайриинтизор пирамардро аз худ дур кард:

— Амак, Худо оҳи туро намешунавад, Худо агар ба оҳи мазлуму ашки ятим тараҳҳум мекард, ин дунё ғарқ дар ашку хун намешуд, - гуфт бо овози хаста, аммо баланд, гирифта, вале қатъӣ ва бо қадамҳои устувор сӯйи издиҳом рафт. Аз миёни ҳозирин аввалин шуда, муфаттиши прокуратура Амонов ба худ омада, ҷониби журналист омад. Лек бо як назар андохтан ба чеҳраи шиноси деринааш якбора худро гум кард.

Ин Ҷамшеди орому хаста, бо чеҳраи пажмурда, заҳрханд ба лабу сигор ба даст набуд. Чашмони хунгирифта, дастони фишурда, қадамҳои устувор, овози қатъӣ, чеҳраи хунсардона вайро водор карданд, то зуд худро аз сари роҳи журналист дур гирад. Ҷамшед лаҳзае бо нигоҳи карахт ба сӯйи чанд рӯзноманигори диктофонбадаст, дида дӯхту гуфт:

— Дирӯз ман пеш аз қотил охирин нафаре будам, ки бо Умед вохӯрдам. Бовар дорам, ки тафтишот чун ҳамеша воқеиятро наметавонад ошкор кунад — ангушти ишоратиашро боло бардошту нигоҳашро ба чеҳраи Амонов дӯхта, ёдрас кард:

— Сабаби аслии марги ҳунарманд Шаҳромро ёд дорӣ, ки чӣ буду чӣ эълон кардед?

Чун Амонов дар посух мисли гунаҳгор сар хам кард, суханашро идома дод:

— Ман бевосита тафтишоти худро мебарам ва бовар дорам, рӯзе мерасад, ки номи қотили Умед, супоришдиҳандаи ин кушторро хоҳед донист. Дигар ман гапи гуфтанӣ надорам, – ба саволи рӯзноманигорон интизор нашуда, Ҷамшед қафо гашт ва ба таксист, ки ҳайрон ба ин саҳна менигарист, гуфт:

— Ба идораи рӯзномаи «Гулбонг».

Ҳама гумон доштанд, ки вай ба модари бемадори Умед, ки дар миёни ду зан нишаста, бехудона ба ин манзара менигарист, ба зани Умед, ки аз гиря чашмонаш варам карда, овози нолааш базӯр

шунида мешуд, ба бародари Умед, ки беҳис, мисли девона бефарқ ба чор сӯй дида медӯхт, изҳори тасаллият менамояд. Аммо вай ҳатто ба ҷониби онҳо нигоҳ накард. Амонов бошад, лаҳзае андеша карда, дунболаи журналист аз издиҳом дур шуду ба мошин нишаст, вале чанбари мошинро ба сӯйи дигар тофт.

Ҳангоме Ҷамшед ба утоқи кориаш даромада, гӯшии радиёро тофт, ҳамон барандае, ки субҳ хабари марги рафиқашро ба вай расонида буд, хабарҳои рӯзро бо ҷумлаҳои услубан ғалати тоҷикӣ, бо ҳамон лаҳҷаи шикаста, вале ин бор як қадар ботантана мехонд:

«Журналисти маъруф Ҷамшеди Ҳабиб дар кушодани гиреҳи кушторҳои пурасрор чанд сол боз маҳорат доштани худро исбот кардааст. Ӯ имрӯз дар даромадгоҳи хонаи сармуҳаррири рӯзномаи «Шоми булӯрин», ки шабона аз ҷониби ашхоси номаълум кушта шуд, чунин изҳор кард...»

Журналист фақат баъди шунидани овозаш аз радиё тағйиротро дар овозаш эҳсос намуда, якбора худро Ҷамшеди 17-солае, ки дунболаи Ориф барои адолат гом мебардошт, ҳис намуд. Адолате, ки дар ин мулк танҳо бо хун метавон барқарор кард...

***

Ҳангоме занги бетанаффуси тилфон Ҷамшедро водор кард, то сарашро аз рӯйи бастаҳои рӯзномаи «Шоми булӯрин» бардорад, соат ба 2-и рӯз наздик мешуд. Норозиёна гӯширо бардошт.

— Ҷамшед, чӣ гап? - овози Нӯшофарин аз он сӯйи гӯшӣ он қадар изтироболуд буд, ки журналист ба ҷойи ҷавоб беихтиёр савол дод:

— Чӣ шудааст?

— Аз саҳар боз тамоми радиёҳо таҳдиди туро мешунавонанд. Аниқ, ки пагоҳ ба рӯзномаҳо ҳам Худо медиҳад. Ман мефаҳмам, ки Умед рафиқи наздиктарини ту буд, вале бояд зану фарзандонатро фаромӯш накунӣ. Ваъда дода будӣ, ки дигар дунболаи ин гуна

ҳақиқатҷӯйиҳо намеравӣ, вале ... - овози ҳамсараш ларзид. Ҷамшед рӯшан тасаввур кард, ки чӣ гуна ашк рухсораи занашро шуста, дар кулчаҳои рӯяш ҷамъ мешавад. Надонист чӣ гӯяд, аз ин рӯ лаҳзае хомӯш истоду ғайриихтиёр пурсид:

— Амонови ҳамкурсат тилфон карда буд?

— Ҳа, - посух дод Нӯшофарин, вале аллакай медонист, ки ин ду ҳарф якбора шавҳарашро аз қолаб мебарорад. Воқеан ҳам чунин шуд.

— Ҳаромзода, ҳамин ки зӯраш омад, туро насиҳат мекунад. Чӣ, ҷуръат надорад пеши ман ояд? Охир, ман шоҳиди асосӣ ҳастам, аммо вай ба ҷойи он, ки омада маро пурсад, туро занг зада, ҳушдор медиҳад. Гӯш кун, - журналист дигар натавонист худро идора кунад, - ба корҳои ман ҳамроҳ нашав. Марги ман шояд ба ту зиндагии оромро фароҳам созад. Хона дорӣ, зиндагиат бад нест, маошат ба худату кӯдаконат мерасад. Ин Амоновро бошад, ман очаи зорашро нишон медиҳам, - Ҷамшед дигар ба ҷавоб мунтазир нашуда, гӯширо партофту баъди лаҳзае рақами тилфони Амоновро чид.

— Марди хуфтаро лагад назанед, ки бедор мешавад - бе салому алейк, бо оҳанге, ки намедонистӣ саршори тамасхур аст ё ҳасрат, рақами тилфони Ҷамшедро шинохта, аз он тараф гуфт муфаттиш.

— Ту палид, нобакор буданатро ба калла мегирӣ? — бонафрат ҷавоб дод Ҷамшед. Ақаллан ту ба калла гир, ки воқеан чунин шахс ҳастӣ, ман дигар ба ту гап надорам ва гӯширо мегузорам.

— Воқеан ман ҳозир назди ту рафтанӣ будам. Охир, ба прокуратура даъват карданро ҳампешагони ту ҳатман чун нишони таҳдиду поймоли озодии баён медонанд, - гӯё ҷавоби рӯзноманигорро нашунида бошад, гуфт Амонов.

kitobkhon.net

— Агар ба ту кушодани риштаи ҷиноят мушкилӣ кунад, баъд ба ёдат ман меоям. Гапро дигар сӯй набару бигӯй, ки чаро ту ин қадар нобакору ҳаромкор ҳастӣ?, - ин бор боғазаб фарёд зад Ҷамшед.

— Баъди бист дақиқа ман дар пеши ту мешавам, - ин бор ҳам оромона посух дод муфаттиш ва гӯширо гузошт.

Ҷамшедро илоҷи дигаре намонд, ҷуз он, ки бархоста, сигори дигаре даргиронаду омадани Амоновро мунтазир шавад.

***

Ҳангоме Амонов чун одат беиҷозат вориди утоқи кории Ҷамшед шуд, журналист худро ба даст гирифта, оташи ғазабаш паст фаромада буд. Аз ин хотир боғурур пой болои пой гузошта, дар курсии рӯ ба рӯ нишастани муфаттиш ӯро ба ғазаб наовард.

— Қотил ёфт шуд, - оромона гуфт Амонов ва аз қутии сигори рӯйи миз донаеро гирифта, оташ зад, — аз ин рӯ бозпурсии туро ман як каме мавқуф гузоштам.

— Аллакай? — бо оҳанги тамасхур ҷавоб дод рӯзноманигор, — маълум мешавад, ки нақшаро ин бор бодиққат тарҳрезӣ кардаед. Боз кадом қумондони бечора ба «рӯйихати сиёҳ» афтид? Шояд чанд сол «гирифтан»-и қотил ҳам маълум бошад?

— Аниқтараш, қотил ба пойи худаш омад ва мо танҳо баёноти ӯро тафтиш кардем. Ҳама далелҳо сад фоиз тасдиқ шуданд.

— Кӣ будааст? — ин бор оромона пурсид Ҷамшед.

— Ту ӯро мешиносӣ. Ҳамида, маъшуқаи Умед, пешхизмати тарабхонаи «Уқёнус».

Муфаттиш аз сигори дасташ ҳалқа-ҳалқа дуд бароварда, батафсил ба қисса оғоз кард:

— Соати ёздаҳи шаб Умед маст ба хонаи Ҳамида, ки бо ҷиянаш Садбарг зиндагӣ мекунад, меояд. Ҳар се менӯшанд. Маълум

мешавад, ки рафиқат бо Садбарг ҳам алоқаи наздик доштааст. Духтар рӯйирост дар пеши чашми холааш ба Умед мечаспад ва ба хонаи дигар гузашта, бо ӯ хуфтухоб мекунад. Ҳамида пеш аз Умед бо қаҳр аз хона баромада меравад. Тахминан қариби соатҳои дувоздаҳ, рӯзноманигор ба таксӣ нишаста, сӯйи хонааш меояд. Дар даромадгоҳ Ҳамида, ки дар роҳ дар тарабхонаи назди хонаи Умед чанд қадаҳи дигарро холӣ кардааст, ӯро мунтазир меистад. Баробари ба даромадгоҳ ворид шудан бо беле, ки аз боғчаи наздиҳавлигии ҳамсоя мегирад, ба сараш мезанад. Ду зарба ва Умед дигар нест...

— Ҳолати бехудию мастӣ ва эҳтимол дорад, Ҳамида ҳатто ҳабс ҳам намешавад. Ҳамин тавр не?- сарашро чун одат ба як тараф хам карда, баланд хандид Ҷамшед.

— Гӯш кун дӯстам, — ҷиддӣ гуфт Амонов, — ҳар гоҳе саратро як сӯ хам карда механдӣ, яқин чизеро медонӣ ва руст мекунӣ. Инро ман хуб медонам. Охир бубин, ҳама чиз мувофиқ меафтад: шаҳодати Ҳамида, Садбарг, пешхизмате, ки Ҳамида дар он ҷой нӯшидааст, нақши дасти Ҳамида дар дастаи бел, пайи пояш дар назди ҷасад, шишаҳои холишуда дар хонаи Ҳамида, нақши дастони Умед дар қадаҳ, ҳангоми ворид шудани Умед ба хона ба соат нигаристани ҳарду зан, ки ёздаҳи шабро нишон медод. Боз чӣ мехоҳӣ?

— Ҳеҷ чиз. Фақат як хоҳиш: ба ивази он, ки бо ту баҳс намекунам, маро имрӯз ором гузор, сарам мекафад, иҷозат деҳ, пагоҳ баёнот нависам. Ҳатман бо пойи худам меравам. Ба номи Худо! - ду дасташро боло бардошт журналист.

Амонов лаҳзае андешаманд ба вай нигаристу баъд бепарвоёна бархост:

— Бошад. Намедонам, ту чӣ далел дорӣ ва чӣ нағма карданӣ ҳастӣ, вале пагоҳ ман парвандаро ба суд месупорам. Воқеан, — аз ҷояш баланд шудаву сигори дигареро гирифта, суханашро идома

дод муфаттиш, — ба ивази ин як хизмат мекунӣ. Кадом рӯзнома пагоҳ ин гуфтаҳои маро чоп карда метавонад? Ман шиноси бисёр дорам, аммо «ҳамраъйии журналистона» гуфта, шояд аз чоп худдорӣ кунанд...

— Рӯзномаи «Кишвар». Сардабираш бо Умед муносибати хуб надошт, ҳангомаро дӯст медорад, бозораш баъди нашр шудани «Шоми булӯрин» суст шуд. Хоҳӣ, ман ба вай занг мезанам, - Ҷамшед дубора баланд хандид.

— Ту кадом номаъқулӣ дорӣ, — ғурунгос зад Амонов, — аммо таваккал ба Худо, занг зан.

Сардабири рӯзномаи «Кишвар» баъди шунидани воқеа «кори хуб намешавад, ҳамкасбамон буд» - гуфту баъд бо овози бурро хулоса кард:

— Лекин ҳақиқат муқаддамтар, бояд мардум донанд, ки аз пайи киҳо мераванд.

***

Ҳамин ки мошини Амонов аз назди бино дур шуд, Ҷамшед дав-давон таксиеро манъ карда, супориш дод:

— Ба факултаи ҳуқуқшиносии ДДМТ.

Раҳораҳ Ҷамшед фақат табассум мекард, ҳарчанд дастонаш ноаён меларзиданд.

***

Ба ҳарду омӯзгори факултаи ҳуқуқшиносӣ Ҷамшед мақсадашро одӣ фаҳмонид:

— Дар прокуратура мехоҳанд донанд, ки ман соати чанд Умедро гусел карда будам. Чун он лаҳза ман аз шумо соат пурсидам, ҳаминро дар шакли хаттӣ навишта медодед, ки соат чанд буд.

kitobkhon.net

Нахостам барои ҳамин чиз шуда, шуморо ба прокуратура даъват кунанд, барои ҳамин худам омадам.

Ҳарду омӯзгор бе ягон дудилагӣ дар алоҳидагӣ баёнот навишта, тасдиқ карданд, ки ҳангоме Ҷамшед Умедро ба маршрутка шинонид, соат бист дақиқа кам 12 буд.

***

Як далели ҷиддиро Ҷамшед аллакай дастрас кард. Аммо ин кифоя набуд, ҳарчанд тамоми рафти тафтишотро зери шубҳа мегузошт. Муҳим, ёфтан, ақаллан тахмин кардани қотил ё супоришдиҳанда буд. Чӣ бояд кард?

Аввалин коре, ки Ҷамшед кард, занг ба сардабири рӯзномаи «Кишвар» буд. Ӯ баъди фаҳмидани далелҳои дар даст доштаи журналист аз шодӣ намедонист чӣ кор кунад. Баъди он, ки Ҷамшед нусхаи баёноти омӯзгорон ва ҳодисаҳои дирӯзаро ба таври мухтасар навишта, ба вай дод, сардабир каме дастонаш ларзида, аз ҷайбаш 50 доллари амрикоиро бароварда:

— Ин ҳаққи қалам.

— Ташаккур, барои ин кор ба ман пул лозим нест. Фақат як хоҳиш. То чоп шудани мақола касе набояд аз нашр шудани он хабар ёбад.

Сардабир шитобон пулашро ба ҷайбаш гузошта, ба рӯзноманигор даст дароз кард:

— Ҳатман! Дар ин мавӯъ метавонед дилпур бошед. Дар як саҳифа ҳам навиштаи Амонов ва ҳам шуморо чоп мекунем.

Ҷамшед ин одати сардабирро, бо вуҷуди бахилу мумсику ҳасуд буданаш, хуб медонист. Аз ин рӯ дастонашро сахт фишурду ба утоқи кориаш бозгашт.

kitobkhon.net

Корманди рӯзномаи “Гулбонг” Шамида, ки ҳамеша ба вай “ҷавониатон тамом шудааст” гӯён шӯхӣ мекард, пеш аз хона рафтан ба утоқи Ҷамшед даромаду оҳи сарде кашида, гуфт:

— Ҳайфи инсон! Дирӯз ҳамин вақт Умед дар ҷойи шумо нишаста, бо ҳама шухӣ мекард. Дар компютер чизе менавишт. Вақте пурсидам, ки чӣ менависад, гуфт: Васиятнома барои Ҷамшед.

— Чӣ? — Ҷамшед чунон баланд дод зада, аз ҷой баланд шуд, ки Шамида аз тарс ду қадам қафо гашт. Вале журналист оромона худро ба даст гирифт.

— Ташаккур, ҷони ширин. Ҳарчанд ҷавониам тамом шуда бошад ҳам, ман туро дӯст медорам. Охир, ишқ синну сол надорад ва дӯст доштан гуноҳ нест.

Шамида, ки тӯли як соли дар ин идора кор кардан аз ин одами ҳамеша бадқавоқу бепарво аввалин бор ин гуна суханҳои меҳрубонона мешунид, ҳайратзада табассум карду “хайр то пагоҳ” гӯён аз дар берун шуд.

Баробари он, ки вай дарро пӯшид, Ҷамшед сари компютер нишаст. Вай ва Умед чанд сол боз файли махсусе доштанд, ки ҳар гоҳ якдигарро намеёфтанд, ба якдигар менавиштанд. Журналист аввал ин файлро кушод ва дар тахминаш хато накард. Номаи Умед бо ҳамон услуби ҳамешагӣ навишта шуда буд:

“Устод!

Намедонам, дар кадом гӯр бошӣ, аммо ҳатман ин бегоҳ пивонӯшӣ аз ҳисоби туст. Дар ин ҷо ман нусхаи як мақоларо мепартоям. Ду маротиба қаҳрамонҳояш нарх гузоштанд, нафурӯхтам. Мабодо нафурӯшӣ! Ният дорам, дар шумораҳои оянда чоп кунам. Хону ба даҳшат наафт. Сабтҳои видеоӣ ва магнитофониаш дар дасти Ҳамида. Медонӣ - ку, ман нисбат ба шахси галстукдор ба фоҳиша бештар бовар дорам.

kitobkhon.net

Аз роҳрав садои пой меояд. Боз гумон накунӣ, ки компютератро бо ягон ғараз кушодам. Аз ин рӯ, хайр...”

Мақоларо хонда, кас воқеан ҳам ба даҳшат меафтод. Муаллиф аз рӯзгори пур аз фисқу фуҷури сарватмандтарин шахсият дар шаҳри Гагарин, ки бо лақаби “Кишмиш” машҳур буд, нақл мекард: қотилӣ, дуздии моликияти давлатӣ, ришвахорӣ, таҷовуз ба номус... ва дар ҳар қисме, ки аз ин ҷиноятҳо гуфта мешуд, дар дохили қавс “сабти видеоӣ” ё “сабти диктофонӣ мавҷуд аст” навишта шуда буд.

Дигар барои Ҷамшед кӣ будани фармоишгари сӯйиқасдро фаҳмидан душворӣ пеш намеовард. Аммо шояд ин фақат далели дуркунанда аз воқеият бошад? Кӣ медонад... Вале ҳатман бояд инро санҷид, ҳатман!

Журналист лаҳзае андеша карду ба Амонов занг зад.

— Ман сардабири рӯзномаи “Кишвар”-ро бори дигар даромада, таъкид кардам, ки ҳатман мақоларо бо аксат чоп намояд. Воқеан рекламаи хуб мешавад. “Ситорача”-и навбатиро, ки гирифтӣ, мешӯем. Фақат ту дар мавриди ташхиси судӣ-тиббӣ чизе нагуфтай. Агар натиҷаи он мебуд, аҷиб мешуд...

— Ҷамшед, ба номи Худо қасам, ту чӣ бозие дорӣ, вале ба он хотир, ки ҳоло далелҳои раднашаванда дар дасти ман ҳастанд, маҷбурат намесозам, ки қартаҳоятро боз кунӣ. Дар мавриди ташхиси тиббӣ бошад, то соати шаш бояд ҷавобро оранд. Далели дар асари зарбаи бел ҳалок шудани Умед мувофиқи хулосаи пешакии духтурон тасдиқ шудааст. Он тарафаш ҳоҷат ба ташхис ҳам нест. Чӣ даркор, мурдаро пора-пора кардан? Замонов ҳозир рафт, бояд ҷавобро орад.

— Беҳтар мебуд, ки дар рӯзнома натиҷаи ташхиси тиббӣ ҳам бошад. Ту Замоновро гап зан, ман худам рафта мегирам гуфт журналист ва идома дод:

— Эҳ, Амонов, Амонов... Чаро ба ман бовар намекунӣ? Охир, ту ҳама чизро аниқ медонӣ. Ҳатто кай ба хона омадани маро...

— Майлаш, ман Замоновро мегӯям, нусхаи ташхиси тиббиро ба ту медиҳад, то ба рӯзнома расонӣ. Лекин аз қотилон дида, рости гап аз ту бештар метарсам. Саҳар ба янга занг задаму дар омади гап пурсидам, ки соати чанд омада будӣ. «Соати 11 буд», — гуфт. Азизам, мо ҳам беҳуда дар ин ҷо намешинем.

— Не, ин бор ғалаба насиби туст, дӯстам, табрик!, - гӯён гӯширо монд Ҷамшед.

Шаби гузашта ҳангоме журналист хона омад, занаш хоболудона пурсид, ки «соат чанд?». Ба хотири он, ки боз аз дер омаданаш забони шиква накушояд, «соат ёздаҳ»-гуфта буд. Аммо чун ба хонаи дигар гузашт, додари хурдиаш, ки шабу рӯз бо камера машқи наворбардорӣ мекард, ба бародараш гуфт:

— Гапи дурӯғатон ва акси соатро сабт кардам. Расо якуним соат аз вақти гуфтаатон дертар омадед. “Доля”-ро бароред, вагарна пагоҳ ба янгаам мефурӯшам.

Ин ҳолат айни ҳол як қадар ғайриодиву боварнокарданӣ ва гуё аз рӯйи нақша намояд ҳам, вале воқеият буд. Аз ин рӯ Ҷамшед зуд ба хона занг зада, додарашро огоҳ кард:

— Сабти шабонаатро тоза накун, «доля»-атро шаб мегирӣ ва гӯширо гузошту ба маркази ташхиси судӣ-тиббӣ шитофт.

***

Замонов аллакай хулосаи табибонро гирифта буд. Вале Ҷамшед якравӣ кард:

— Бояд пеш аз қатл алоқаи маҳрамона кардан ё накардани марҳум ҳам аниқ шавад. Шумо медонед, ки қотил кист...

— Ҳа, рост мегӯед, - гуфт Замонов ва дубора ба утоқи табибон даромаду зуд баргашт.

— Баъди ду соат тайёр мешавад. Вале Амонов маро мекушад. «То соати шаш ҷавобро биёр» гуфта буд.

— Ҳеҷ гап не. Занг зада гӯед, ки соати ҳашт тайёр мешудааст. Вай то ин дам хона меравад.

— Рост, — гуфт Замонов ва бо тилфони дастӣ бо муфаттиш тамос гирифт. Амонов баъди шунидани он, ки Ҷамшед хулосаро интизор шуда, ба рӯзнома мерасонад, хотирҷамъ гашт ва субҳи барвақт дар рӯйи мизаш шудани онро таъкид кард. Пас аз ду соат хулосаи табибонро гирифта, Замонов ва Ҷамшед ба идораи рӯзнома омаданд. Журналист онро нусхабардорӣ карду Замонов ба варақи хулосаи охирин аҳамияте надода, коғазро ба ҷайбаш андохт.

Он чӣ Ҷамшед интизор буд, тасдиқ шуд: Хулосаи табибон пеш аз марг алоқаи маҳрамона доштани Умедро рад мекард.

***

Дар идораи рӯзномаи «Кишвар» сардабир бо ду корманди техникӣ саҳифаҳоро пеш аз чоп аз назар мегузаронид. Ҷамшед хулосаи ташхиси судӣ-тиббиро ба ӯ дароз намуду ба ҷумлаҳои охир бо ангушт ишорат кард. Сардабир ҷаҳида хесту ҳарду кормандашро, ки рафтанӣ буданд, боздошт. Баъди тақрибан ним соат хулоса дар саҳифа меистод.

— Ба чоп! - ғолибона гуфт сардабир ва аз Ҷамшед пурсид:

— Теъдоди нашрро чӣ қадар зиёд кунем?

— Бемалол се маротиба, — хастаҳолона ҷавоб дод журналист ва ақрабаки соатро рӯйи ёздаҳи шаб дида, ба ёд овард, ки тамоми рӯз чизе ба даҳон набурдааст. Ҷуз як пиёла қаҳва, ки чун одат ҳар субҳ дар хона менӯшид...

Сардабир чун нишони миннатдорӣ ӯро то даромадгоҳи хонааш овард. Нӯшофарин бо кӯдакон чун одате, ки чанд сол пеш дошту ду соли охир фаромӯш карда буд, ӯро дар даромадгоҳ интизорӣ

мекашиданд. Баробари дидани падар фарзандон сӯяш давиданду ҳамсараш ноаён ашки дидагонашро пок кард. Эҳсос менамуд, ки то поён ёфтани ин моҷаро вақти зиёде ҳаст ва чандин шабҳои дигарро бояд бо чунин ҳолат пушти сар намояд. Бо дарки ин воқеият, бори аввал дар зиндагиаш, вай як лаҳза пушаймон шуд, ки дар вақташ фирефтаи шӯҳрату суханҳои ширини Ҷамшед шуда, бо ӯ хонадор шудааст...

***

Хоби Ҷамшед намебурд. Ҳодисаҳои ногаҳониву асабхаробкунанда имрӯз ончунон зиёд буданд, ки сараш танҳо аз ёд овардани он ба дард меомад. Бархосту ҷомаи тунукашро ба тан кашида, қаҳва ҷӯшонд ва сари миз нишаста, куштори Умедро бо далелҳое, ки дар даст дошт, тартиб дод.

Қотил: зархаридони Кишмиш.

Сабаб: матолибе, ки Умед нисбати ӯ дошт.

Саҳнаи куштор: Сармуҳаррирро дар даромадгоҳи хонааш интизор мешаванд ва бо бели оҳанин зада, нобуд мекунанд.

Омили дуркунанда: бофтану сохтани Ҳамида чун қотил. Дар ин маврид чанд суол пеш меояд:

а) Амонов саҳнаи сохтаро ба осонӣ чун асоси воқеӣ қабул кард. Оё ӯ супорише дошт, ки бояд ба фарзияи қотил будани Ҳамида бовар карда, онро бо далелҳои иловагӣ пурра менамуд?

б) Ҳамида барои Умед наздиктарин шахс ҳисоб меёфт. Чандин маротиба боварии вайро исбот карда буд. Пас, чаро ба ин осонӣ қотилиро ба гардан гирифт? Ин ҷо чӣ асроре ниҳон аст?

То дамидани субҳ журналист қалам мезаду андеша мекард, сигор пайи сигор мекашиду варақ сиёҳ менамуд. Ниҳоят ҳангоме Нӯшофарин дари утоқи кории ӯро кушода қаҳваеро, ки ҳар субҳ

барояш тайёр мекард, рӯйи миз гузошт, ҷавоби Ҷамшед ба ин суолҳо тайёр буд.

1) Амонов шояд супорише дошт, то воқеаро чунин арзёбӣ кунад. Аммо саҳнаи куштор пешакӣ тарҳрезишуда набошад, Амонов пешхизматҳои «Уқёнус» — ро бозпурсӣ карда, яқин мефаҳмад, ки Умеду Ҷамшед соати 10-и шаб не, балки қариби 12 аз тарабхона рафтаанд.

2) Нақши ангуштони Умед дар қадаҳҳои хонаи Ҳамида далели дигаре буд, ки пешакӣ тарҳрезӣ шудани кушторро тасдиқ мекард. Шояд баъди охирин бор меҳмони ин хона шудани Умед қадаҳҳоро махсус бо пайи ангуштони вай барои имрӯз эҳтиёт кардаанд.

3) Нақши пойи Ҳамида. Ин амалро метавонистанд пеш аз қатл анҷом диҳанд, яъне занро ба ин ҷой биёранд ва ӯ дар ҷои даркорӣ нақши пой ва дар дастаи бел нақши дастонашро гузорад.

Тамоми саҳнаи куштор бо хурдтарин ҷузъиёташ тарҳрезишуда менамуд. Вале чизе, кадом як риштаи нозук дар ин амалиёт кандашуда менамуд.

Ҳангоме Ҷамшед таъми қаҳваи гармро дар даҳонаш эҳсос кард, барқвор далели дигари пешовардаи Амонов ба ёдаш зад:

«Ҳангоме Умед вориди хона шуд, Ҳамидаю Садбарг баробар ба ақрабаки соат нигаристанд, ки 11-и шабро нишон медод».

Шитобон, нисфи қаҳваро ба ҷомааш резонида, Ҷамшед дафтари тилфонҳояшро кофт. Ӯ чанд моҳ муқаддам бо дузде, ки ба осонӣ ҳама қулфҳоро мекушод, сӯҳбате дошт. Баъди чопи он ғавғо ҳам бархост, ҳама мехост номи аслии дуздро донад. Аммо Ҷамшед фақат як далел пеш оварда:

— Ҳар касе мехоҳад, ба суд мурочиат кунад.

Касе ба суд мурочиат нанамуд ва ин сӯҳбат ҳам фаромӯш шуд. Журналист ба қулфшикани хоболуд мақсадашро рӯшан баён кард:

— Чизе дуздидан, кофтан лозим нест. Ман фақат ба соат нигоҳ мекунаму халос.

Баъди ним соат аллакай онҳо дар назди хонаи Ҳамида меистоданд. Чун Ҳамидаю Садбарг дар маҳбас ин шабро рӯз мекарданд, хона холӣ буд. Баъди панҷ дақиқаи ҷунбуҷӯл дар боз шуд. Ҳарду ворид гардиданду журналист дар рӯшании гӯгирд ба соати даромадгоҳ нигарист. Ақрабаки соат ҳанӯз ҳам рӯи рақами 11 меистод.

— Батарейкаҳои хитоӣ, — даме кӯча баромаданд, баланд хандид Ҷамшед, — кори маро хеле осон кардед...

***

Баробари ба сари мизи корӣ нишастан журналист тилфонро пеш кашид ва рақами хонаи дӯсти ҳунармандаш, овозхони маъруф Насимро чид. Ин бор Ҷамшед маҷбур шуд, бо ҷузъиёташ кореро, ки бояд дӯсташ анҷом медод, фаҳмонад:

— Туро ҳама мешиносанд. Духтарон бароят ҷон медиҳанд. Ҳозир ба тарабхонаи «Уқёнус», ки шабонарӯзӣ кор мекунад, меравӣ. Аз кадом пешхизмате набошад, дар мавриди Ҳамида ном зани ҷавону зебо мепурсӣ. Аз ту хавф намебаранд. Аниқ кардан лозим аст, ки чӣ мушкилоти ҷиддӣ дошт. Фаҳмидӣ?...

***

...Интизории Ҷамшед тӯл мекашид. Ақрабаки соат ба 9-и субҳ наздик мешуду ҳамкоронаш як-як меомаданд.

— Шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?, - бо ҳайрат гуфт Шамида, охир соати даҳ ҷанозаи Умед гуфтанд-ку?

Ҷамшед лаҳзае ба чашмони софу зебои духтар хира шуд ва рост назди вай омада, бодиққат нигаристу бо хандаи аламнок гуфт:

— Воқеан ҳам, ба номи Худо қасам, ту духтари зебо ҳастӣ!

Духтар ҳаросон худро қафо кашиду гиҷу саргаранг ба утоқи дигар рафт.

Ин дам ниҳоят занги тилфон баланд шуд. Насим, ҳамчуноне ба вай хос буд, оромона, нуқта ба нуқта кори анҷомдодаашро шарҳ дод:

— Дар роҳ ман рӯзномаи «Кишвар»-ро харидам ва зуд пай бурдам, ки чӣ мехоҳӣ. Воқеан ҳам духтарон ба ман парвона шуданд. Дар дафтари ҳисобу китоби чанд нафар соядаст ҳам гузоштам. Онҳо аллакай аз ҳама воқеа огоҳ будаанд ва рӯзномаро дар дасти ман дида, аз рӯзгори Ҳамида қисса карданд. Ба фикрам, ҷуз як далел, нақл кардани ҳамаи он шарт нест. Як духтар, ки Таҳмина ном доштааст, оҳи сард кашида, гуфт: Бечора падар ва бародараш дар маҳбас хобанд. Ҳарду ҳам ба тӯҳмат, гӯё героин мефурӯхтаанд.

— Насим, Насим, ман намедонам, ба ту чӣ гуна миннатдорӣ баён кунам, - овозаш ларзида гуфт Ҷамшед.

— Мо дар хидмати халқ, — хандида гӯширо гузошт овозхон.

Журналист бошад, сӯйи дар давид...

***

Маҳин-маҳин борон мерехт.

Баргҳои заъфаронӣ аз шохаҳои дарахтони нимурён бо як ҷаҳон дилкашолӣ ба зиндагӣ канда шуда, печ хӯрда, рақскунон дар ҳавои марг ба замин меафтоданд. Ҳангоме Ҷамшед ин манзараро мушоҳида карда, пой болои порабарги хушке гузошт, қарсзанон шикастан ва банд — банд ҷудо шудани онро дар зери пояш эҳсос намуду оҳи дардолуде кашид.

-Умед, Умед... оё дар лаҳзаи охирин эҳсос кардӣ, ки ин рама не, ману ту оҷизакони нотавон ҳастем? Ману ту лоиқи тараҳҳуму раҳм будаем?

Ғайриихтиёр, бо дидани анбӯҳи ҳампешагон дар гирди тобути азизтарин рафиқаш, дигар худро аз даст дод ва қатраҳои ашк рухсорашро шустанду саҳл монд пешпой хӯрда, даруни ҷӯй афтад.

— Эҳтиёт кунед, устод!, — дасти қавие аз бозувонаш дошт. Ин Собир, донишҷӯи факултаи журналистика буд, ки бо саводу фаҳмиш, ҷасорату тундгӯияш аз дигар ҳамсолонаш як сару гардан боло буд.

— Шумо марг надоред! Мефаҳмӣ? Шуморо наметавон нобуд кард, - якбора аз гиря гулӯгир шуда, аз китфони Собир дошт: Ориф, Умед, фардо ту, пасфардо дигаре.

— Ва ин ҳама бо такя ба шумо, дар сояи шумо, — ҷавон ҳам дигар ашки дидагонашро дошта натавонисту худро ба гардани Ҷамшед ҳалқа кард.

Издиҳом бо дидани Ҷамшед ба ӯ роҳ кушод. Дар дасти аксари ҷамъомадагон аллакай рӯзномаи «Кишвар» буд. Саҳифаи аввалро Ҷамшед дида, як қад парид: сардабир акси якҷояи ҳардуи онҳоро, ки даст дар гардани якдигар партофта буданд, аз куҷое пайдо кардааст. Сармақола воқеан ҳам аз Ҷамшед қаҳрамон месохт:

Ҷамшеди Ҳабиб: Намегузорам рӯҳи покатро бадном созанд.

Ҳангоме журналист сари тобут омаду нигоҳҳои интизори суханро эҳсос намуд, якбора худро гум кард. Канда — канда фақат ду ҷумла гуфт:

— Умед! Ту орзуятро бо худ ба гӯр нахоҳӣ бурд ва номи қотилатро ҳам. Ман барои ин қасам мехӯрам...

Пойҳояш якбора шиканак доданд. Собир зуд аз зери дасти вай дошту дуртар бурд. Ҳангоме як рафиқи ҳамкори Умед боҳарорат аз

инсони нек будани сармуҳаррираш ҳарф мезад, ба издиҳом назар афканд.

Не, ин ҷо онҳое набуданд, ки Умед аз онҳо қаҳрамон сохта буд:

Онҳое, ки «озодии баён», «озодии виҷдон» гӯён мушт ба сина мезаданд.

Онҳое, ки чун «падарони демократия» муаррифӣ мешуданд.

Онҳое, ки рӯзномаи «Шоми булӯрин» барояшон майдон додаву Касе сохта буд.

Боз ҳамон ҳампешагоне буданд, ки Умед ҳар рӯз бо онҳо гоҳе сурху гоҳе сафед мешуд, гоҳе меранҷиду меранҷонид. Ҳамон чеҳраҳои барвақт пиршуда, хаста, ғуборгирифта.

— Ба номи Худо, ҳатто дар вақти видоъ ҳам журналист будӣ Умед! — гуфт бо лабханди аламноке Ҷамшед, даме, ки ҷасадро ба лаҳад гузоштанду кадоме барои фаромӯш нашудани қабр ба шохаи яккадарахти хушки болои қабр пораи латтаи сафедро баст.

***

Ба зангҳои пайдарпайи Ҷамшед ба Амонов як хел ҷавоб медоданд:

— Нест.

Журналист ҳангоме бори шашум занг заду худро муаррифӣ кард, аз он сӯ касе қоҳ-қоҳ хандида гуфт:

— Боб кардед. Ин кашола аз худ рафта буд... «Ман очаи зори ин журналистро нишон медиҳам» гуфта рафт. Парвандаи куштори Умедро чор нафар мебаранд. Омадани шумо шарт нест, ҳозир одам мефиристем, баёноти шуморо мегирад, — гуфт ҳамкори Амонов.

Пурсуҷӯй қариб се соат тӯл кашид. Худи прокурори ноҳия ва намояндагони сохторҳои дигар, ба қавле «хоки мағзи сари журналистро бехтанд».

kitobkhon.net

Ҳангоме онҳо берун шуданд, Ҷамшед бо нияти чизе ба даҳон бурдан аз ҷой бархост. Аз ин рӯ гӯшии тилфонро, ки беором занг мезад, бо дили нохоҳам бардошт.

— Таъҷилан хона биё. Агар баъди ним соат наомадӣ, худкушӣ мекунам, — гуфт Нӯшофарин аз он сӯй ва гӯширо партофт.

Ҷамшед лаҳзае даступо гум кард. Баъд худ ба худ китф дарҳам кашиду дав-давон аз утоқи корӣ берун шуд.

***

Дари хона кушода буд. Ҷамшед тозон ворид шуду ҳамсарашро саломат дида, нафаси сабук кашид. Нӯшофарин дар рӯйи фарш дароз хобида буду хомӯшона ашк мерехт. Ду кӯдакаш, ки сари модарро ба оғӯш гирифта буданд, бо тарсу нафрат ба падар нигаристанд. Дар рӯйи хона дастаи суратҳо мехобиданд. Ҷамшед якеи онро аз замин бардошт. Дар сурат журналист духтари урёнеро дар оғӯш гирифта, кӯшиши бӯсидан мекард. Не, ҳарчанд Ҷамшед аз худ фаришта наметарошид, аммо ин духтарро дар ҳаёташ надида буд. Чеҳраи духтар барояш ошно намуд. Дар куҷо дидааст? Охир, ин ситораи машҳури кино, ин чеҳраро вай дар компютер, аниқтараш, дар кадом сайти интернетие дида буд. Ҳарфе назаду ба хонаи дигар гузашт ва компютерро даргиронду он сайтро пайдо кард ва акси духтарро. Ба назди Нӯшофарин, ки бархоста, бо чашмони аз гиря варамида чизе гуфтан мехост, баргашт. Бо дастонаш даҳони вайро маҳкам карда, бардошту назди компютер оварда. Нӯшофарин лаҳзае мутаваҷҷеҳ шуда, тилфонро пеш кашид ва ба як дугонаи шиносаш, ки барномаеро дар телевизион дар мавриди ситораҳои кино ва мусиқии хориҷӣ мебурд, занг зада, таъҷилан ба хона омаданашро хоҳиш намуд. Баъд қайчиеро гирифта, аз ҳама аксҳо сурати Ҷамшедро ҷудо намуду қайчӣ кард.

Кӯдакон ором шудани модарашонро дида, ба падар ҳуҷум карданд:

— Ин зани ту? — кӯдаки хурдӣ бо нафрат акси зани урёнеро, ки дар оғӯши Ҷамшед менишаст, сӯяш ҳаво дод. Кӯдаки калонӣ бошад, ҳатто ба падараш нимнигоҳе накарда, боз назди модар омад. Нӯшофарин сурати ҳавододаи кӯдакашро аз фарш бардошту бодиққат ба он нигариста, бо оҳанги хаста гуфт:

— Ҷамшед, фақат акси саратро истифода кардаанд. Ин ҷисми ту нест, - зан узрхоҳона аксҳоро ҷамъ карда, дарронду журналист пурсид:

— Амонов овард?

— Не, касе ба ман ба ҷойи корам занг зада гуфт, ки метавонам хиёнати нобахшидании шавҳаратро исбот кунам. Хайр, ман, ки ишқҳои романтикии туро медонистам, гуфтам, ки ҳоҷат ба гуфтан нест. Вай хандиду гуфт, ки ба ҳар ҳол як бор бинам. Кунҷковӣ азиятам доду розӣ шудам. Гуфт, ки дар истгоҳи пеши корхона бо ман вомехӯрад. Аммо ҳанӯз аз коргоҳ берун нашуда, ҳамкорам гуфт, ки як кӯдак ин лифофаро ба ту овард. Гирифта кушодам, ки ин аксҳо. Аз қаҳр ба боғча рафта, кӯдаконро гирифтам ва қарор додам, ки... овози ҳамсараш ларзид.

Лаҳзае Ҷамшед он чиро ки Нӯшофарин гуфтан мехосту нагуфт, рӯшан тасаввур кард. Бо тасаввур кардани ин саҳнаи ғамангез пеши назараш рӯзгори шахсии устодаш Орифи Фарҳод, ки ба тӯҳмату макру риё барбод рафта буд, пайдо шуд. Як - як он чеҳраҳои ошно, ки бо зинда шудан дар ёдгӯшаҳои хотираҳо қалби захминашро ба фарёд оварданд, чун навор аз пеши дидагонаш гузаштанд...

Баъдтар ҳам Ҷамшед ба ин суол ҷавоб ёфта натавонист, ки чаро он лаҳза якбора бо тамоми овоз «Назокат» гуфт. Шояд ба он хотир, ки ин зан барояш ҳаммаънои калимаи «шантаж» буд?

— Ман намедонам, ту чӣ эҳсосро пушти сар гузоштӣ, аммо инро яқин медонам, ки мақсаду муроди ту аз ин саҳнасозиҳо аз ман дилхунук кардани кӯдакон аст. Ку, ба онҳо фаҳмон, ки ман

бегуноҳам? Не, наметавонӣ! Онҳо дигар инро қабул карда наметавонанд. Ту хуб ҳам мекунӣ, зеро хуб медонӣ, ки дер ё зуд дигар маро кӯдакон намебинанд. Ту, - Ҷамшед бо ғазаб ангушти ишоратиашро сӯйи ҳамсараш бардошт, - ту барои он, ки онҳо сари гӯри бенами ман нараванд, дилашон барои ман насӯзад, кӯшиш мекунӣ! Фаҳмидӣ?

Ҳамсараш дар ҷавоб лол монд. Чизе гуфта наметавонист, фақат қатраҳои ашк фавворазанон аз чашмонаш ҷорӣ шуданд. Кӯдакон боз худро ба сӯи вай заданд.

Ҷамшед бошад, костюмашро бардошту дарро сахт пӯшида рафт. Раҳораҳ худро тасалло медод:

— Хуб кардам. Ба номи Худо, охир, ба ман чизе рух диҳад, азоб мекашанд. Бигзор бо бадӣ, бо нафрат ёд кунанд, азоб накашанд, — ва якбора андешаҳои шахсиро сӯе гузошт:

— Чаро Назокат аз оғоз ба ёди ман наомад? Чаро фаромӯш кардам, ки маҳз Кишмиш пайдо шуду Салимҷонов — шеф ва маҳбуби ин занро аз сари қудрат дур кард? Чаро аз зиддияти ин ду авлод фаромӯш кардам?

Чаро вақте гуфтанд, ки Назокат ба Гагарин бозгашта, ба Кишмиш одами наздиктарин шудааст, аҳамият надодам?

Не, ту ин бор аз ман халос нахоҳӣ хӯрд, зани палид! Ман ҳатман ин бор ба ивази ҷон бошад ҳам, туро меёбам, ҷазо медиҳам.

...Даме, ки журналист ба тайёра нишасту озими шаҳри Гагарин шуд, надид, ки чӣ гуна муфаттиш Амонов дар салони гуселкунандагон ғарқи андеша, бо чашмони хаста аз бехобӣ вайро гусел кард...

***

Ҷамшед дигар он наврасе набуд, ки дувоздаҳ сол пеш дар пайраҳаи журналистика тахминӣ қадам мебардошт. Имрӯз вай

рафиқу ошнои зиёд дошту аз имконияти эшон фаровон истифода мекард ва таҳдиду фишори рӯйирост, алҳол, як қадар пардапӯшона нисбати вай сурат мегирифт. Ҳанӯз дар фурудгоҳ пеш аз парвоз ба рафиқаш Нодир, ки сармуҳаррири як рӯзномаи мустақили вилоятӣ буд, занг зада, масъаларо то андозае, ки тариқи тилфон имкон дошт, фаҳмонид.

Ӯ бе дудилагӣ ваъда дод, ки кӯмак мекунад. Аз ин рӯ вақте дар таҳи тайёра дар Гагарин, милиса ба сӯйи вай бодиққат нигариста: «Ҷамшед шумо?» - гуён пурсид, бо аломати тасдиқ сар ҷунбонид. Милиса бе ягон тафтишот журналистро берун бурд. Нодир, ки вайро интизор буд, дарҳол худро ба гардани вай партофта, бо овози ларзон гуфт:

— Ҳамдардии маро қабул кун. Аз он, ки шаҳри мо барои ту ҳаммаънои мусибат шудааст, бубахш.

— Тилфонашро ёфтӣ? - ба ҳамдардии вай посух надода, пурсид Ҷамшед.

Ҳампешааш бо нишони тасдиқ сар ҷунбониду сӯйи машина раҳнамунӣ кард.

Дар идораи рӯзнома Ҷамшед рақами тилфони Назокатро аз Нодир гирифту чид. Садои ошно, садое, ки бо шунидани он захмҳои деринаи журналист ба дард меомаданд, баланд шуд:

— Лаббай!

— Назокат?

— Ман.

— Нашинохтӣ?

Лаҳзае хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Назокат аввалин шуда, пардаи хомӯширо шикаст:

kitobkhon.net

— Аз куҷо занг заданат ба ман маълум аст. Баъди даҳ-понздаҳ дақиқа рақами тилфонеро ба ту медиҳанд. Аз ягон тилфони кӯча истифода бар, — зан бе ягон хайру маъзур гӯширо гузошт.

Ҳанӯз қаҳваи як қадар талхро нанӯшида, кадоме аз ҳамкорони Нодир сӯйи Ҷамшед гуфт:

— Шуморо мепурсанд.

Ҷавони қоматбаланду қавиҳайкал назарногирона журналистро аз назар гузарониду коғазеро дароз кард ва бе он, ки ҳарфе занад, ба сари чанбари мошини хориҷӣ нишасту рафт. Ҷамшед баргашту баҳузур қаҳваро нӯшид, сигори тозаеро боҳаловат кашиду бархост. Нодир пурсид:

— Ман ҳам равам?

Журналист дар ҷавоб каме дудила шуд. Ҳанӯз намедонист вайро чӣ интизор аст. Аммо танҳо барои ӯро пешвоз гирифтан рафиқашро шояд азият диҳанд. Нодир, гӯё ин ҷумларо аз чашмони журналист хонда бошад, бо қатъият бархост:

— Рафтем!

— Фақат як шарт, - Ҷамшед ба китфи рафиқаш зад, - аз ман дар масофаи дуртар меистед.

— Дар масофаи тирнорас гӯй — Нодир хандид.

Баъди тахминан понздаҳ дақиқа журналист тилфонеро дар сари кӯчаи хилват пайдо кард. Нодир ва ду ҳамкораш аз он сӯйи роҳ ба вай назорат мекарданд. Назокат гӯширо зуд бардошт.

— Аҳҳа қаҳрамон! Баъди хомӯшии чандсола, гумон доштам, ақлат даромадааст.

— То вақте ту ва ҳаромхиштакат дар рӯйи замин озод мегардед, қаҳрамонии ман поён надорад — ғазаболуд посух дод Ҷамшед.

Назокат гӯё таҳдиди вайро эҳсос накарда бошад, гуфт:

kitobkon.net

— Меҳмонхонаи таърихиро медонӣ? Ҷое, ки Орифи бечора охирин маротиба зиндагӣ дошт?

— Бале! — журналист ҳарчанд аз хашм лаб мегазид, оромона ҷавоб дод.

— Шаб соати ду ба ин ҷо меоӣ. Туро пешвоз мегиранд. Маслиҳат мекунем.

Ҳанӯз Ҷамшед дар посух чизе нагуфта буд, ки фарёди Нодир диққаташро ҷалб кард:

— Ҷамше-е-е-е-д!!!

Журналист дид, ки мошини «Камаз» босуръат ба сӯйи нуқтаи тилфон меояд. Гӯширо ҳаво доду коғазеро, ки рақами тилфони Назокат буд, аз саросемагӣ ба даҳонаш халонид ва берун давид. Баъди ду дақиқа аз нуқтаи тилфон нишоне набуд...

...Баъди гузаштани мошин ронанда барои дидани натиҷаи кораш аз мошин пойин шуд ва дар миёни оҳанпораву тахтаҳои аз будкаи тилфон боқимонда, ҷасадро диду наздиктар омад. Аммо Нодиру ҳамкоронаш, пешдастӣ карда, ҷасадро бардоштанд. Нодир ба рӯйи Ҷамшед хам шуд ва баъди лаҳзае гиребони ронандаро гирифта, маҷбур кард, ки ҷасади Ҷамшедро бардошта, ба мошин бор кунанд.

— Худат ба беморхона мебарӣ! — таҳдид кард Нодир, мо намеравем.

Ронанда маҷбур ба мошин нишаст.

Баъди се соат дар тамоми хиёбонҳои шаҳри Гагарин шумораи махсуси рӯзномаи Нодир «Фарзия»- ро мефурӯхтанд. Теъдоди нашр бо ҳарфҳои калон 10 000 навишта шуда, дар саҳифаи аввал акси Ҷамшеди хунолуд ва сужети воқеа батафсил баён ёфта буд, аммо гуфта нашуда буд, ки Ҷамшед пеш аз ба ҳалокат расиданаш ба кӣ занг мезад. Дар саҳифаҳои дигар, фарзияҳо дар мавриди қатли Умед ва сабабҳои омадани Ҷамшед ба Гагарин шарҳ дода мешуданд.

Аз ҳама аҷиб, ин ки мошини «Камаз» дар роҳ ба садама дучор шуда, ронандаю ҷасади Ҷамшед ғайб зада буданд.

***

Шамида занги дарро бори саввум бетанаффус пахш мекард. Ниҳоят дар боз шуду Нӯшофарини аз гиря чашмонаш варамида ва сиёҳпӯшида ҳамкори шавҳарашро дида, бе ягон ҳарф худро ба гарданаш ҳалқа кард. Ду кӯдак, ки аз домани модар дошта буданд, чашмони гиряолудаашонро молида, боумед ба духтар нигаристанд. Шамида дигар тоқат накарда, хоҳиши тилфонии Ҷамшедро бо овози баланд расонид:

— Падаратон сиҳат, саломат, фақат ҳамин хел саҳна сохтан лозим буд. Баъди ду рӯз меояд.

Дунболаи Нӯшофарин падару модар, бародарону хоҳарони Ҷамшед сӯйи Шамида давиданд. Духтар сӯҳбати тилфониашро бо ҳамкораш расонида, таъкид кард, ки бояд ин хабар алҳол аз ҳамин ҷой набарояд.

Дар ҳамин вақту соат дар шаҳри Гагарин Ҷамшед ба Назокат занг зада, фақат як ҷумла гуфт:

— Дорогая, «место встречи изменить нельзя».

Зан лаҳзае дудила истоду баъд ҷавоб дод:

— Фаҳмидам.

***

Инак, баъди 12 сол онҳо боз рӯ ба рӯйи якдигар нишастаанд. Назокат тағйир наёфта буд: ҳамон ҳусну ҷамол, фақат як каме фарбеҳ.

— Ту пир шудай, Ҷамшед. Дувоздаҳ сол пеш ҷавони нозанине будӣ. Агар он замон Ориф намебуд, ман бисёр мехостам туро як шаб

меҳмон кунам — бо хандае, ки хос ба одамони асабию дар дил кина дошта ба ҳама касу ҳама чиз аст, гуфт Назокат.

— Ба номи Худо, ман ҳам орзуи бо ту дубора вохӯрданро тӯли ин дувоздаҳ сол аз дил берун накардаам, - ҷавоб дод журналист ва аз ин сухан барқ задани чашмони занро мушоҳида карда, ба суханаш идома дод:

— Вале на дар ҷойгаҳ, балки дар зиндон. Ҳамон зиндоне, ки аз пушти ту ман се соли умрамро барбод додам. Ёд дорӣ, боре ба дидорбинии ман омада будӣ. Аниқтараш, бо лутфу меҳрубонӣ мехостӣ маро мафтун карда, дар дасти кӣ будани далелҳои айбдоркунандаро дар мавриди Салимҷонов фаҳмӣ. Акнун ман мехоҳам ба дидори ту ба зиндон равам, то барои ҷазои сазовор додани ин каллабур далелҳои иловагӣ диҳӣ.

Ҷамшед чун дид, ки Назокат ба ҷойи асабӣ шудан табассум кард, худдорӣ карда натавониста, заҳр чаконд:

— Медонӣ, баъди шайхҳои араб бо ту ҳамоғӯш шуданро ман барои худ нанг медонам.

Гумон дошт, ки ин суханон занро маҷбур мекунад, ки ба хашм ояд. Аммо вай танҳо баланду аламнок хандиду ба захми журналист намак пошид:

— Писари устодат Орифро диданӣ нестӣ? Дар хориҷа, аниқтараш, дар Амрико зиндагии шоҳонае дорад. Ҳанӯз ҳам қотили падарашро падари худ меҳисобад бечораи бадбахт. Воқеан, шунидам, ки ту Фариштаатро гум кардаӣ. Ба ӯ чӣ шуд? — Назокат ин ҷумларо бе оҳанги тамасхур баён кард ва журналист ҳам оромона посух дод:

— На ӯ, на қиморбозро дигар пайдо карда натавонистам. Ҳатто намедонам, ки мурдаанд ё зинда.

— Темури рафиқат ҳайф шуд, - бедардона гуфт зан. — Вақте давутоз карда, туро аз маҳбас озод намуд, Салимҷонов вайро бо дастони худаш, се соат азоб дода, баъд парронд.

— Медонам, - хунсардона гуфт Ҷамшед.

— Сӯйиқасди ду рӯз пешро ба ту на ман, балки Кишмиш тайёр карда буд. Нафарони вай ҳар як қадами туро баъди ба Гагарин омадан назорат мекарданд. Нақшаи бо мошин задани ту аз аввал кашида шуда буд. Чун диданд, ки фурсати муносиб расид, истифода карданд. Вале ту онҳоро боб кардӣ, ба маргат бовар намуданд. Аммо ту ронандаро куҷо кардӣ?

— Ҳангоме Нодир ба сари ман хам шуд, ба вай гуфтам, ки маро ба «Камаз» бор кунанд ва ягон нафар дунболаи мошин биёяд. Чун дар назди чароғак мошин истод, ронанда мошинро партофта, гурехтанӣ шуд. Яқин, ин мошини вай набуд, шояд аз куҷое дуздида буд. Корманди нашрияи «Фарзия», ки баъди занги тилфони дастии Нодир моро дунболагирӣ мекард, бе ягон истиҳола мошинро ба сӯйи вай ронд. Ронанда истоду аз тарс карахт шуд. Ман аз «Камаз» фаромадаму корманди Нодир аз мошин. Дасту пояшро баста, дар як хона маҳкам кардем.

— Хайр, биё сари масъалаи асосӣ биёем, — Назокат сигор оташ зада, чуқур дарун кашид, - ту ба ман тамоми далелҳои дар мавриди Салимҷонов бударо медиҳӣ, ман ба ту сабти навореро, ки Кишмиш куштани Умедро супориш медиҳад.

— Чӣ? Ҳаргиз! - журналист якбора ба ғазаб омад, - магар аз Кишмиш дида, Салимҷонов даҳшатноктар, палидтар нест? Не, хаёлат хом, орзу ҳам накун.

— Маълум, ки мо наметавонем шартнома бандем - зан оромона пасмондаи сигорро ба хокистардон такконид, - хайр, агар хоҳӣ, шаб ист, шайххои араб ҳам сода нестанд, барои чизе, ки ту бепул истифода мебарӣ, дар як шаб дусад доллар диҳанд.

Ҷамшед хомӯшона ба вай нигарист. Баъд аз ҷой баланд шуду гуфт:

— Мехоҳӣ рост гӯям, Назокат? Ту барои ман бо вуҷуди ин қадар гуноҳҳоят аз Салимҷонову Кишмиш баландтар ҳастӣ. Зеро ту кӣ буданатро пинҳон намекунӣ, аммо онҳо чӣ?

— Ман инро медонам. Гоҳе чунинам менамояд, ки ба рӯйи ҳамааш туф кунаму равам ба гӯшае, ки касе наёбад. Аммо чун онҳо пеши пойи ман зону мезананду пойҳоямро мелесанд, дар вуҷудам қудратро эҳсос мекунам ва мехоҳам, ки онҳо ҳамеша дар ин ҳолат бошанд. Дар ин вазъ бояд ҳамеша талош кунам, кӯшиш кунам, ки «дигар кунда шудааст» - гӯён, теша ба решаам назананд. Гоҳо мебинӣ, ки бо касе зиндагӣ дорӣ фарсаххо аз ту дур, миёни шумо чӣ сангарҳост, вале зиндагӣ мекунӣ. Барои он, ки ким-чӣ мепайвандад, чизе намегузорад.

Баъди қатли Ориф ман се шабу се рӯз ба худ наомадам. Шабҳои дароз хобам намебурд. Ба ӯ ҳасад мебурдам, ҳатто ба марги вай ҳасад мебурдам. Салимҷонов аз мурдаи вай, аз шунидани номи вай талхакаф мешуд.

Аммо ин гуна, мисли Ориф зиндагиро анҷом додан, магар аблаҳӣ нест? Ёдат бошад, дар мактаби миёна ба мо аз қаҳрамонии Тӯйчӣ Эрйигитов мегуфтанд, ки вай бо синааш даҳони пулемётро бастааст. Худоё, чӣ аблаҳӣ! Ин гуна марг магар марги аблаҳона нест? Ба хотири чӣ, ба хотири кӣ? Ба хотири он, ки баъди марг аз ту гӯянд? Вақте мехоҳӣ танҳо баъди марг аз ту гӯянд, маълум мешавад, ки дар зиндагиат коре накардаӣ. Ё Умедро бигирем. Ман намедонам, чаро вай ба даҳ ҳазор доллар розӣ нашуд, ки маводро фурӯшад, ҳарчанд ман онро ба вай фиристода будам. Зеро бояд Кишмишро аз байн мебардоштам, то баргаштани Салимҷонов ба мансабаш осонтар шавад. Бубин, ба ивази маргаш ба қотилон ҳамагӣ ҳазор доллар доданд. Магар хандаовар нест?

kitobkhon.net

— Эҳ Назокат, Назокат... - журналист лаҳзае рост ба чашмони зебои зан нигарист, - ман барои савдо розиям, биёр сабтро.

Зан оромона посух дод:

— Не, ана ин рақами тилфон. Ту ба ҳамон нафаре, ки мавод дар мавриди Салимҷонов дар дасташ аст, занг мезанӣ. Ман ба одамони худам. Вақте вай гирифтани ҳамаи асноди лозимаро тасдиқ кард, он гоҳ ту сабтро аз ман мегирӣ.

— Ман аз куҷо медонам, ки ту чӣ гуна сабтро ба ман медиҳӣ? — Ҷамшед норозиёна садо баланд кард. Назокат бархосту телевизорро гиронд ва фиттаро дар видеомагнитофон гузошт. Каллаи ғафсу шиками дамида, чашмони тангу табассуми хунуки Кишмиш нафрати Ҷамшедро оварда. Ӯ галстуки тарангбасташударо дар гарданаш, ки шабеҳ ба гардани барзагов буд, пойин кашида, ба ду нафари рӯ ба рӯяш нишаста, дар бораи Умед ҳарф мезад. Дар охир дастаи пулро назди онҳо партофта, супориш дод:

— Ҳатман нобуд созед, нашавад, ки зинда монаду аз ин кӯшиши куштор обрӯ кор кунад.

Ҷамшед баъди як соат, баъде ки далелҳои дар дасти як рафиқи дилпураш буда алайҳи Салимҷонов ба одамони вай расиданд ва дар ин бора онҳо ба Назокат хабар доданд, фиттаро гирифта, аз ҷой баланд шуд. Зан баъди он, ки ӯ ба назди дар расид, садо зад:

— Ҷамшед!

Журналист қафо нигарист. Назокат туфангчаро ба вай рост карда, бо табассум гуфт:

— Боз ҳам ин журналистон аҳмақона рафтор мекунанд. Аввал диктофонеро, ки дар он пинҳонӣ сӯҳбатамонро сабт кардӣ, рӯйи миз гузор. Баъди он ман туро мепарронам ва ту ҷовидонӣ дар назди азизтарин шахсон бароят Орифу Умед хоҳӣ буд. Зиқ намешавед, бо ҳам аз демократияву озодии сухан лаққида мешинед. Ман худам

кӯшиш менамоям то қабри ту дар назди онҳо бошад, — зан қаҳ-қаҳа зад.

Журналист оромона диктофонро рӯйи миз гузошт. Зан онро гирифта, наворашро қафо гардониду гӯш андохт. Не, журналист сӯҳбатро сабт накарда буд.

— Чаро? Охир, ту муҳимтарин далелро барои ба пушти панҷара кашидани ман аз даст додӣ — Назокат бо нишони ҳайрат ба сӯйи Ҷамшед нигарист.

— Аввал ин, ки ман ба ту бовар кардам, дуввум, пушти панҷара кашидани ту ба он мемонад, ки рамаро гург хӯраду серкаи пешкашро ҷазо диҳӣ. Ман хуни Салимҷоновро мехоҳам, ту бошӣ, як бозичаи дасте беш нестӣ. Бидон, рӯзе Салимҷонов баъди анҷом додани тамоми корҳои ҳаромаш ба дасти ту, ҳамин тавр аз қафо туро садо мезанад ва бо табассум ба рухсоре, ки замоне барояш азиз буд, тир мезанад.

Назокат ду-се қадам наздик омада, рост ба чашмони журналист нигаристу туфангчаро сӯйи вай дароз кард:

— Аз ту хоҳиш мекунам, маро паррон. Дигар хаста шудам, дигар озод будан мехоҳам, дигар бетарс зистан мехоҳам, дигар ин ҳама табассумҳои дурӯғ, хандаҳои сохта ба ҷонам заданд.

Ҷамшед ба худ ларзиду туфангчаро аз дасти зан гирифта, сӯе ҳаво дод ва аз китфони ӯ, ки аз гиряи дарунакӣ меларзиданд, дошту оромона ба оғӯш кашид ва гуфт:

— Рафтем, бояд ба палидиҳо хотима гузорем ва оромона зиндагӣ кунем.

— Маро ба кор мегирӣ? - бо хандаи талх, вале дидаи ашкбор пурсид Назокат.

— Ҳатман.

... Ҳангоме онҳо дар истгоҳ мехостанд ба мошине, ки Назокатро оварда буд, наздик шаванд, аз даруни он касе берун шуд ва ба сӯйи онҳо тир кушод.

Зан баробари пиёда шудани он нафар бо ҷисмаш Ҷамшедро панаҳ кард ва тир рост ба қафаси синааш зад. Ӯ рӯйи дастони журналист ҷон дода истода, бо овози ларзон, канда-канда гуфт:

— Ташаккур, Ҷамшед, ақаллан дар лаҳзаи охирини зиндагиам ман донистам, ки аз ба кор қабул кардани ман шарм намекунӣ. Маро одам меҳисобӣ ва мехоҳӣ одамвор зиндагӣ кунам. Маро бубахш, барои... - овози зан канда шуду сараш сӯе хам гашт.

Садои тири дуввум баланд шуду журналист эҳсос кард, ки китфаш месӯзад ва касе дар даст туфангча сӯяш медавад. Ҳангоме ҷисми Назокатро барои ба замин наафтидан сахттар ба оғӯш гирифт, эҳсос кард, ки чӣ гуна тири сеюм ба ҷисми зан бархӯрд.

Аммо он қотил то ба назди Ҷамшед нарасид. Аз чор тараф шахсони номаълум ӯро тирборон карданду вай ба замин афтид. Журналист бошад, ҳис намуд, ки мадораш меравад ва пилки дидагонаш пӯшида мешаванд. Аранге ба гӯшаш садои ошно, садои Амонов расид:

— Ба беморхона, зудтар!

***

Ду ҳафта гузашт. Ҷамшеди як дасташ докапеч рӯйи ҷойгаҳи беморӣ ду чашм ба сақф дӯхта, фаромӯш карда буд, ки чанд соат боз тири нигоҳаш ба хатти парвози пашшаи танҳое, ки дар гирди чароғи хомӯш беист тоб мехӯрду тоб мехӯрд, мутаваҷҷеҳ гаштааст. Намедонист барои чӣ бошад, як пайванде миёни хеш ва ин пашшаи нотавон медид. Аз таъсири ҳодисаҳои ахир ончунон дилаш пур гаштаву эҳсоси яъсу навмедӣ, нотавониву ҳасрат дубора банди гулӯяш гирифта буд, ки беихтиёр қатраҳои ашк ба рухсораҳои ришрасидааш таровиданд. Не, гарчанд саҳифаҳои матбуоти

рӯзмарра аз акси вай пур буданду қаҳрамони рӯзаш эълон карда буданд, пушти дари утоқи бемориаш ҳамеша серодам буд, дар қалбаш эҳсоси болидарӯҳӣ набуд. Баъди ин чанд рӯзи талошу муборизаҳо, ки дубора вайро ба Ҷамшеди оҳанинирода бадал кард, боз ҳамон эҳсоси ҳамешагӣ — эҳсоси дилхунукӣ ба ҳама чизу ҳама кас дар рӯҳу вуҷудаш пайдо гардид. Аниқтараш, дигар ҳаваси зистан надошт. Мехост аз ҳама гурезад, ба дунёи танҳоиаш касе ворид нашавад, касе оромии хотирашро парешон насозад. Тавре Назокат гуфта буд, дигар хаста шуда буд, хаста, аз ҳама ин чеҳраҳои якранг, беҳис, хушк...

Сулфаи сохтакоронаи Амонов ӯро ба худ овард. Журналист нигоҳи беҳисашро ба сӯи дар дӯхт. Муфаттиш гӯё аз гулҳои тару тозаи дастонаш хиҷолат мекашида бошад, худро ноҳинҷор эҳсос карда, бо табассуми зӯракӣ ба сӯи кати бемор қадам партофт.

— Тоқат накардӣ? Ё барои он, ки ду ҳафта боз наметавонӣ маро бозпурсӣ кунӣ, огоҳиат доданд? - табассуми аламноке дар лабони Ҷамшед гул кард.

— Ту кай мисли мор заҳр заданро бас мекарда бошӣ? - чун ҳамеша оромона посух дод Амонов ва гӯё ҷумлаи аввал гуфтаашро фаромӯш карда бошад, гуфт:

— Бовар кун, бори аввал дар ҳаётам гул дар даст дорам, аз ин рӯ худро як қадар ноҳинҷор ҳис менамоям.

Баъди он, ки муфаттиш гулдастаашро дар гулдон гузошту курсиро пеш кашида, наздиктар ба кат нишаст, Ҷамшед пурсид:

— Ягон илоҷ набуд, ки Назокатро наҷот диҳанд?

— Не. Тири аввал рост ба дилаш расидааст, тири дуввум ба косахонаи сараш. Ӯ ҳанӯз дар оғӯши ту ҷон дода буд.

Лаҳзае хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Ниҳоят Амонов сукутро шикаст:

— Медонӣ, Ҷамшед, ту хато мекунӣ, мо ҳама чизро медонем. Аз лаҳзае, ки ту ба шаҳри Гагарин парвоз кардӣ, ҳар қадамат зери назорат буд. Ҳатто саҳнаи марги ту, ки бисёр устокорона сохта шуда буд, натавонист моро аз роҳ гардонад. Ҷумлаҳое, ки дар рӯзномаи “Фарзия” аз марги ту навид медоданд, бисёр хушк, беэҳсос, бедард буданд. Мо назоратро аз паси ту ва рафиқонат идома додем, вале чун фармон камтар дер омад, натавонистем Назокатро наҷот диҳем.

— Чӣ гуна фармон?

— Сабти видеоиеро, ки дар дасти Ҳамида буду ман пайдо карда будам, тавассути Шавкатуллоев ба “боло” расонидам. Ту медонӣ, ки ин Шавкатуллоев дар “боло” нуфузу эътибори зиёд дорад ва ҳам Кишмишро сахт бад мебинад. Ӯ тавонист ваъдаашро иҷро кунад ва супориши “боло”-ро дар мавриди бозгардонидани Кишмиш гирад. Баъди ба дасти Кишмиш завлона задан нафароне, ки ту ва Назокатро дар меҳмонхонаи “Лоҷвард” назора мекарданд, аз пайдо шудани шахси номаълуми сиёҳпӯш хабар доданд. Онҳо то вақте ман расида нарафтам, чорае наандешиданд. Баробари расидани ман ту ва Назокат аз меҳмонхона берун шудед. Вақте қотил аз мошин берун шуд, мо хостем ӯро зинда даст гирем, аммо ба умеди бозгардонидани Назокатро аз даст додем ва қариб туро...

— Дар ин моҷаро дили ман бештар ба ин зани оҷизу нотавон месӯзад — Ҷамшед оҳи сард кашид, — ӯ лоиқ ба як зиндагии беҳтаре буд. Медонӣ, ӯ қурбонии муҳити мо гашт. Вай мехост мисли ману ту зиндагӣ кунад, вале мо намехостем, мо зиндагии ӯро сохтем, гуфтем, ки бояд дар қолаби сохтаи мо зиндагӣ созӣ. То лаҳзаи вопасин Назокат умед дошт, метавонад аз қолаби муҳити сохтаи мо берун шавад, мисли мо ошиқ шавад, кор кунад, азоб кашад. Лекин онҳое, ки зиндагиашро сохта буданд, иҷоза намедоданд. Вай лоиқ ба як зиндагии шоиста буд, вале нагузоштанд то зиндагиашро бо дасти хеш созад.

— Ӯ мехост ба як тир ҳам Салимҷонов ва ҳам Кишмишро занад, аниқтараш, мехост онҳо якдигарро нобуд кунанд. Далелҳои раднопазирро дар мавриди ҷиноятҳои гӯшношуниди Салимҷонов ба Кишмиш дода, бо ин роҳ боварии вайро ба даст оварда буд. Дар мавриди ҷиноятҳои Кишмиш маълумот ҷамъ карда, Салимҷоновро бовар кунонида буд, ки ин амалро ба хотири бозгашти вай анҷом медиҳад. Кишмиш заррае аз Назокат шубҳа намекард ва дар тамоми масъала бо ӯ машварат менамуд. Вале ба қатли Умед қатъиян зид баромаданаш Кишмишро як каме хавотир сохту аз пасаш одам монд. Вале Назокат ба осонӣ одамони таъқибгарашро безарар мекард, — бо пул, бо як ишваю ноз ва... Амонов хомӯш монд.

— Пас, чаро ӯ бо ман ин қадар мушу гурбабозӣ кард? Чаро мехост далелҳо дар мавриди қотил будани Салимҷоновро ба даст орад?

— Сода! Ӯ мехост ба ту қартаҳояшро кушояд, вале хислати ту монеъ шуд. Мо бовар доштем, ба вай муяссар мешавад, ки он шаб бо ту ҳамхоба гардад. Агар чунин мешуд, бисёр сарҳадҳо бардошта мешуд, - муфаттиш ханда заду Ҷамшед сурх шуда гуфт:

— Пас Шумо гуфтугӯи моро гӯш мекардед. Канӣ он сабтҳо?

— Ба Нӯшофарин мефурӯшам, - Амонов бепарвоёна ҷавоб дод, — вале бовар кун, ин сӯҳбатро баъди ба беморхона афтидани ту ман гӯш кардам. Вале дар мавриди шайхҳои араб ту хато мекунӣ, Назокат бо онҳо алоқа надошт, - муфаттиш бархосту Ҷамшед беихтиёр савол дод:

— Маълум мешавад, ки харидани Ҳамида, дар аввал ғайб задани кассетаи дар дасти вай буда, то ҷузъиёти охирин тарҳрезӣ кардани саҳнаи қатли Умед, сӯиқасд ба ман, куштани Назокат... ҳамааш кори дасти одамони Кишмиш буд?

— Бале. Яке аз онҳо сардори мо. Ман аз рафтори ту хулоса карда, бовар доштам, ки саҳнаи кушторро сохтаанд, вале сардор барои қадаме берун гузоштан аз сенарияи сохташуда иҷозат намедод. Чун

ӯро боздоштанд ҳама риштаҳо кушода шуд. Акнун сардори раёсат ман. Худат пешакӣ гуфта будӣ, ки ҳатман соҳиби “ситорача” мешавам. Дидӣ, ту дар бистари беморӣ, аммо қаҳрамон, вале ман гӯё коре накардаам, лекин соҳиби “ситорача” - Амонов, чун одати дерина, табассуми хунуке карду бо нишони хайрбод даст бардошта, дарро аз пасаш пӯшид.

***

Ҷамшед бархосту бори аввал дар тӯли ду ҳафта назди тиреза омад.

Дилаш пур шуда буд, мехост бо тамоми овоз дод зада, гиря кунад.

Мехост фиғони талхи дар гулӯяш бандшударо тамоми дунё фаҳмад.

Мехост борони ашкҳояш ғубори дилашро шӯяд.

Мехост пешорӯяш Умед бошад ва бо хандаи зебандаи пур аз дард гӯяд:

“— Пули қадаҳи аввал аз ҳисоби ман, давомаш аз ту. Ҳамин ки бадафттарин пешхизматдухтар ба назарат зебо намуд, бидон, ки маст шудем ва бояд бархезем”.

Аммо пушти равзанаи бемористон касе набуд, ҳама холӣ буд, сокит буд, мурда буд!

Фақат як дарахти барвақт хушкшудае, танҳои танҳо, ғамгину расво мисоли майхорагони шабгарди ангуштнамои атрофиён шуда, ки субҳидам аз карда пушаймон ба сад хаёл меафтанд, дар куҷоянду чӣ гуна омадаанд, ба нигоҳи умедвори Ҷамшед бо як дилсӯзиву ҳамдардӣ менигарист...

На суруре, на суруде, на ҳамовозе, на ҷӯре,

Зиндагӣ гӯё зи дунё рахт барбаста,

Ё ки хоки мурда рӯйи шаҳр пошида.

Ин чӣ қонун, ин чӣ ойин, ин чӣ тадбирест?...

Хуҷанд, зимистони соли 2005

kitobkhon.net

ХОЛИ СИЁҲ



То ҳол ба ёд оварда наметавонам, ки дар он субҳи балохез чӣ маро ин қадар барвақт аз ҷойгаҳи хоб бархезонд. Шояд ин хоби бад буд ё таъсири шароби дирӯза. Намедонам. Он қадар табъи хира доштам, ки ҳатто бо аҳли хонадон хайрухушро нася кардаву либос пӯшида, берун баромадам.

Як субҳи дилгире буд. Ҳаво гирифта, кӯчаҳо ҳанӯз аз садои мардум холӣ. Ман бемуродона қадам мебардоштам. Медонистам, ки ҳамкоронам чун одати шаҳриёна дер бармехезанд ва табиист, дер ба кор меоянд, на огоҳӣ асарашон мекунад, на хоҳиш. Ва ҳам кори рӯзноманигорӣ солҳои охир онҷунон дилгиркунандаву якранг шуда буд, ки ба қавле «маро мегазид». Аммо, аз чӣ бошад, пойҳоям маро сӯи коргоҳ мебурданд. Шояд ғайриихтиёр, чун одат.

Баробари ба ошёнаи якум ворид шудан, аввал ба соати деворӣ рӯ ба рӯ нигаристам: расо 7. 00. Як соат пас шояд ҳамкорон пайдо шаванд.

Чун калидро ба қуфли дари утоқи корӣ гузошта тобидам, эҳсос кардам, ки ким-кӣ маро наззора мекунад. Як лаҳза ҳазор хаёл аз сарам гузашт. Аз бемақсаду бо эҳсоси ғашолуд барвақт хестан, то

мақолаҳои ҷанҷолии шумораи охир. Ҳарчанд касе ошкоро маро таҳдид намекард, вале баъзеҳо эҳтиёткорона насиҳат мекарданд:

— Ин қадар тунд рафтан шарт нест, Ҷамшед. Мешиканандат.

Ман медонистам, ки ҳамкорон муҳобот мекунанд. Нафаре, ки барои куштани рӯзноманигор ҷуръат мекунад, кам мондааст. Он солҳои даҳшатнок пушти сар шудаанд. Ба як рӯзноманигор даст расону бин! Пагоҳи дигар матбуоту радиову телевизионҳо аз он рӯзноманигор қаҳрамон метарошанд ва то рӯзи пайдо шудани қотил ҳамаро ба дод меоранд. Аз ин сабаб рақибони рӯзноманигорон тавассути худи рӯзномаҳо посух доданро авло медонанд.

Ин андеша маро далер сохт ва бо тундӣ дарро кушода, гӯиё бепарвоёна (дар асл эҳтиёткорона!) ба қафо нигаристам. Гумони ман хато набуд. Як духтари ҷавони сияҳпӯш, ки танҳо рухсораҳои сафеду чашмони калон-калонаш аз зери рӯймоли сиёҳ менамуданд, маро наззора мекард. Дар дастонаш чанд варақ коғази сафед буду онро асабиёна мефишурд.

— Салом! Шумо ба назди ман? — бепарвоёна пурсидам.

— Ҳа, ман барои рӯзнома... — овози духтар печ хӯрд, — аниқтараш, дар бораи модари раҳматиам як чиз навиштам.

Ман, ростӣ, намедонам аз чӣ бошад (шояд аз таҷриба?), зуд мақсади корафтодаро мефаҳмам. Ин духтар ҳам дигар асроре барои ман надошт. Модараш вафот карда ва дар ҳасрати модар чизе навишта овардааст.

— Марсияномаҳоро, он чизеро, ки чун ёднома менависанд, пулакӣ қабул мекунанд. Ошёнаи аввал, утоқи панҷум, — ин ҷумларо гуфтаму ба курсӣ нишастам.

Духтар дар даромадгоҳи утоқ лаҳзае худро гум кард, лекин зуд худро ба даст гирифт:

— Медонам, гуфтанд. Вале ман бори аввал менависам. Як бор намебинед? — оҳанги зорӣ гирифт овози духтар.

То соати 8, табиист, ман бекор будам. Ва ҳам андешаи «ин зебодухтар дар бораи модараш чӣ навишта бошад?» — кунҷковии маро бедор кард. Хомаро аз рӯи миз бардошта, духтарро ба нишастан даъват намудам ва дафтари мактабии бо ҳусни хати хеле бад навиштаро варақ задам.

Ин як марсияи одӣ дар ҳасрати модар буд. Шояд даҳҳо, садҳо ин гуна ҷумлаҳои якрангу берӯҳро давоми фаъолияти корӣ ман хондаам:

«Модари азиз, чаро маро дар ин дунёи бевафо танҳо гузоштӣ? Дилат ба фарзандат насӯхт? Ба ёди ту ашк мерезаму худро ба сад дар мезанам...»

Марсия ду-се ҷумлаи фарқкунандае дошт, ки зуд диққати маро ҷалб кард:

«Умре орзу мекардам, ки дидоратро бубинам, аммо сад афсӯс, ин орзуро бо худ ба хок мебарам. Аз ту ҳатто як сурате ҳам ёдгор намонд... Тақдири талхро бубин, дунболаат, рӯзи тӯйи ман ҷавонмарди нозанини дигаре аз дунё рафт, ки барои ман мисли бародар буд»...

Шояд барои вақткӯркунӣ буд, ки ман ба пурсиш сар кардам:

— Шумо аз модар ҷудо будед?

— Ҳа. Ман бо падарам мезистам.

— Дар чандсолагӣ ҷудо шудед?

— Даҳсола будам, ки падарам маро бо худ ба Русия бурд.

— Ба кадом шаҳр?

— Қазон.

— Ҳозир чанд сол доред?

— Ба нуздаҳ даромадам.

— Чаро падару модар ҷудо шуданд?

— Падарам менӯшид. Ва ҳам модарамро мезаду барои марги бибиам вайро гунаҳкор месохт. Мегуфт, ки агар хуб нигоҳубин мекард, ӯ чанд соли дигар умр медид.

— Шумо яккафарзанд будед?

— Бале.

— Чаро бо модар намондед?

— Падарам маро дуздида, бо худ гирифта рафт. То солҳои наздик ман ҳатто намедонистам, ки модарам зинда аст ё мурда.

— Чӣ шуд, ки аз барҳаёт будани модар огоҳ шудед?

— Падарам даргузашт ва ман бозгаштам.

Чун ҷузъиёти ҳодиса маълум шуд, ман ба додани суолҳои ҷиддитар пардохтам:

— Аз модаратон ҳатто як сурат ҳам намондааст?

— Не.

— Сурати шиноснома чӣ?

— Наёфтам, намедонам.

— Воқеан, сабаби марги модар ва он ҷавонмарди ба Шумо ҳаққи бародарӣ дошта чӣ буд?

— Модарам зери мошин монданд. Ҷавон бошад, дар об ғарқ шуд.

— Он ҷавонмард ва модар дар як рӯз аз дунё гузаштаанд. Ба фикратон, ин тасодуф аст, ки ду нафар ба таври фоҷиавӣ, дар рӯзи тӯйи шумо аз дунё гузаштанд?

Агар ман якбора сап-сафед кандани ранги духтарро эҳсос намекардам, шояд ин қисса дар ҳамин ҷой поён меёфт ва ҳатто навишта намешуд. Вале дар ин лаҳза тағйир ёфтани чеҳраи

духтарро ба таври дигар шарҳ додан мумкин буд: ӯ аз истинтоқ шояд тарсид. Бечора, барои модар ёдномае навиштаасту ман мисоли муфаттиш ӯро пурсуҷӯй мекунам. Ба ин хотир табассум кардаму ба бадани ҳамсӯҳбатам гӯё ҷон даромад:

— Тамоман тасодуфӣ. Ҳатто онҳо якдигарро намешинохтанд. Тақдиру насиб будааст... — дар чашмони духтар об ҳалқа зад.

Ҳама чиз бовар карданӣ буд. Аммо ман намедонам, дар ин субҳи дилгиру пурасрор ба ман чӣ ҳолате ориз гашта. Дилам мегуфт, ки «таги коса нимкосае ҳаст». Ман ба ин духтари зебо бовар намекардам. Яқин ӯ чизеро аз ман руст мекард.

— Модар чӣ ном доштанд ва он ҷавон чӣ ном дошт? — гӯё ба худ ин суолро ман такрор кардаму дафтари мактабиро варақ задам.

— Модарам Холида, ҷавон бошад Тоҷиддин — ҷавоб дод духтар. Ман аз вай номашро напурсида, ба охири мақола нигаристам: Фарида будааст ҳамсӯҳбати ман. Суоли дигарро беихтиёр додам:

— Он ҷавон ҳамин хел бародархонд буд ё ягон хешу табор?

Ин дафъа Фарида хунсардона ҷавоб дод:

—Додари шавҳарам.

Гӯё маро барқ зад. Не, дар ин ду марги фоҷиавӣ бояд пайванде бошад. Лекин ҳунари касбии суолдиҳӣ маро нагузошт, то чӣ қадар аҳамият доштани ин посухи охиринро фош кунам. Аз ин рӯ гуё боз бемақсад суол кардам:

—Модар, яъне Холида ягон нишонаи фарқкунанда доштанд? Дар куҷо кор мекарданд?

—Як холи хеле калони модарзодӣ дар банди дил доштанд, як холи калони дигар дар гардан. Дар бозори «Тоҷир» нон мефурӯхтанд.

Дигар ман қудрати суолдиҳӣ надоштам. Бояд ин қадар маълумотро ба тартиб меовардам. Ҳамзамон ҳамкорон, ки як-як меомаданд, табиист ба сӯҳбат халал мерасониданд. Ман суроға, рақами тилфони духтарро гирифта, ӯро ҷавоб додам, аммо тавре, ки бояд боз меомад:

—Ман то пагоҳ навиштаатонро тайёр мекунам. Агар сурати модар набошад, сурати ҷавонро биёред.

Духтар сӯи дар қадам бардошт, вале чизе гуфт, ки андешаи маро парешон кард:

—Мешавад, ки пагоҳ шавҳарам суратро биёранд?

—Майлаш — хушнудона ҷавоб додам ман, вале дар мағзи сарам сабаби ин гуфтаи ӯро меҷустам. Фарида бошад, дуздона ба пушти дари утоқи ман нигарист, ки навишта шуда буд:

—Ҷамшеди Ҳабиб, муҳаррири нашрияи «Гулбонг».

Вай бо хондани номи ман чизе гуфтанӣ шуд, аммо истиҳола кард.

Ман бошам, ҳама корро як сӯй гузошта, ба тартиб додани маълумоти гирифтаам пардохтам.

Одати касбӣ маро ҳушдор медод, ки пушти ин чеҳраи зебо зиндагиномаи пурдаҳшате ниҳон аст. Ва воқеан ҳам, баъд маълум шуд, ки гумони ман ботил нест.

***

Андешаҳои гуногун тамоми шаб азобам медоданд. Намедонам чаро, ин масъалаи аз нигоҳи аввал кӯчак, ки ҳар рӯз дар фаъолияти журналистӣ рух доданаш мумкин аст, маро ба кӯйи гумонҳои бад мебурд. Гӯиё касе аз ғайб ба гӯшам мегуфт:

Пушти он чашмони зебо, фоҷиаи талхе нуҳуфта, ки бояд ошкор гардад.

Ин гуна барои дарди дигарон, мусибати дигарон ғам хӯрдан, аслан, хоси аксари журналистон аст. Бисёре аз эшон шояд надонанд, ки бобокалони худи онҳо чӣ қаҳрамоние карда, вале хуб медонанд, ки бобокалони фалон сиёсатмадорро бегуноҳ дар оғози солҳои бистуми асри гузашта парронидаанд ё кадом сол фалон шахсиятро беасос сиёҳ кардаанд. Ин аст, ки дар Аврупо журналистон чун барангезандагони ҳангома эътироф шудаанд, аммо дар мо аксар вақт эшонро муайянкунандагони адолат меҳисобанд. Маҳз ин анъанаи эътирофшудаи «барқарорсозии адолат» оромам намегузошт ва ман ҷиддӣ ба мулоқоти пагоҳӣ омодагӣ гирифтам.

***

Фарида бо ҳамроҳии шавҳараш омад.

«Яқин вай намехоҳад, ки ман бо шавҳараш танҳо ба танҳо сӯҳбат намоям» — хулоса баровардам ман. Аниқ, аз фош шудани чизе дар ҳарос аст. Вале барои ман маҳз донистани ин «чизе» аз ҳама муҳимтар буд.

Шавҳари Фарида Комрон ном дошт. Марде буд қадбаланд, мӯйлаби сиёҳаш чеҳраи харобашро ҷиддӣ нишон медод, мӯйҳои сараш ҳарчанд тунук буданд, вале тораи сафеде дар онҳо дида намешуд. Ба як дидан одами боре дар Русия буда эҳсос мекард, ки ин шахс чанде пеш дар ин диёр будааст. Ба ин натанҳо сарулибосаш, балки чеҳраи як қадар ҳушёрнамояш, ки ба аксари ҷавонони дар мулки рус буда хос аст, гувоҳӣ медод. Дар муносибат ҳам вай хешро он қадар боэҳтиёт, ҷиддӣ нишон медод, ки гумон мекардӣ, ту муфаттиш бошиву ӯ гунаҳгор ва як ҳарфи бемавқеъ аз забонаш баромада метавонад боиси пойбанди бало шуданаш гардад.

Дар оғоз Комрон чунин нишон дод, ки гӯё ҳамсараш сӯҳбати дирӯзаи моро пурра нақл кардааст.

— Фарида гуфт, ки мақоларо бо сурат чоп кардан лозим будааст. Ин сурати додарам, — мард ба назди ман суратеро гузошт, аммо овозаш он қадар хушк, бераҳмона буд, ки ман пеш аз ба сурат нигаристан, мехостам ба ин суол ҷавоб ёбам: «Чаро ин овоз хушку бераҳмона аст?» Сурат бошад, шабеҳи ин марди дар пешорӯи ман нишаста буд, фақат як каме ҷавонтар...

— Аслан қаҳрамони асосӣ дар ин ёднома модари зани шумост. Лекин он кас ягон сурат надоштаанд. Аз ин хотир, чун дар он навишта аз додари Шумо ёдоварӣ карда шудааст, ман хоҳиш намудам, то ақаллан сурати вайро биёранд.

— Чӣ хел? Наход модарат ягон сурат надошта бошанд? — ботааҷҷуб пурсид Комрон

Ҷавонзан ба ҷойи ҷавоб сар хам кард. «Маълум ки Фарида ба шавҳараш ҳамаи ҷузъиёти сӯҳбати дирӯзаро ҳикоят накардааст», — гуфтам ба худ.

—Ба ғайр аз холи калони модарзодӣ, ҳатто сурати модар ба ёди Фарида намондааст — гӯё дилсӯзона гуфтам ман.

— Холи калони модарзодӣ? — шигифтзадаю хаёлолуд пурсид мард.

— Шумо Холидаро мешинохтед? — ин саволи ман бештар оҳанги ҳукмро дошт.

— Не, не, ин кас бо мо дар Қазон мезистанд, ягон бор дар солҳои наздик ба Тоҷикистон наомадаанд, — ба ҷойи шавҳараш шитобкорона ҷавоб додани Фарида ончунон саросемаам намуд, ки бо ҳаракати ғайриихтиёр хокистардони рӯйи мизро чаппа кардам.

— Ман бо модари занам шинос набудам, — қатъӣ ҷавоб дод Комрон. — Ҳарчанд ман дар пойтахт соли гузашта будам, аммо ин сафари ман ҳамагӣ се рӯз давом кард ва ба ғайр аз хешу табор бо касе вонахӯрдаам.

— Ин кай буд? Чаро ман хабар надорам?, — бадхашмона пурсид ҷавонзан.

— Гумон кардам, ки ба ту гуфтаам, — мард бо овози ором ба занаш посух дод.

— Шумо метавонед моро танҳо гузоред? — аз Фарида хоҳиш кардам, вале вай ба ҷойи посух якбора оташ гирифт:

— Мо барои чопи як мақола омадему шумо моро мисли он, ки одам кушта бошем, пурсуҷӯй мекунед! Даркор нест чоп кардани ҳамон! Хезед, рафтем!, — сӯйи шавҳараш хитоб кард зан.

Гумон кардам, ки мард мехезаду дунболаи занаш берун мешавад, вале баръакс, вай бо оҳанги фармонфармоёна садо баланд кард:

— Баро! Фаҳмидӣ? Ё гапи хуб намефорад?

Зан бошиддат дарро пӯшида, берун шуд. Мард оромона сигор бароварда гиронду пурсид:

— Рост гӯед, барои чӣ ин қадар пурсукоб менамоед? Чӣ шуморо ин қадар ба шубҳа андохтааст?

Ман ба ин савол он қадар оромона ҷавоби барои Комрон даҳшатнок додам, ки вай як дараҷа даступо хӯрд:

— Дар як рӯз аз ду ҷониби тӯйдорон ба таври фоҷиавӣ нобуд шудани ду нафар ба назари ман тасодуф нест. Бояд чизе сабаб шуда бошад.

— Баъд чӣ? Фарз кардем, Шумо сабаби марги ин ҳардуро пайдо кардед. Чӣ фоида?

— Ба номи Худо, ғаразе ҷуз кунҷкобӣ нест, — хандидам. — Танҳо шавқи ошкор кардани боз як фоҷиае, ки касе намедонад.

— Ҳмм.. — мад кашид мард, — яъне ин кор супориши ягон кас нест?

— Не! — ҷавоби ман қатъӣ буд

— Пас, гӯш кунед. Гоҳо ин ҳодиса маро ҳам ба андеша водор менамояд ва агар асроре ин ҷой ҳаст, бояд донам. Шумо барои ман кор мекунед?

— Ҳаргиз, зеро худи шумо шояд дар ин ҳодиса гунаҳгор бошед.

— Гумонатон хатост. Шояд занам чизеро руст мекунад, лекин ман тамоман дар бораи ин фоҷиаҳо чизе намедонам.

— Агар ин қадар ба бегуноҳии хеш мутмаинед, бояд ҳама чизро аз оғоз то охир қисса намоед.

— Ман розӣ, — табассуми талхе кард мард.

***

— Бо падари Фарида маро бародари калониам шинос намуд. Онҳо дар оғоз якҷоя дар фабрика кор мекарданд. Мардуми таҳҷоӣ — тоторҳо ба хотири мусулмон буданашон ба тоҷикон як андоза эҳтиром доштанд. Ва ҳам дар оғози солҳои навадум ҳанӯз ба мардуми мо чун ба мардуми нашъаҷаллобу қаллоб наменигаристанд. Ба ин сабаб корҳои мо пешрав буд. Баробари ташкили як бозори нав дар маркази шаҳр нуқтаи савдо кушодем ва тез соҳиби сармоя шудем.

Ман бародари миёна будам ва дунболи бародари бузургам ба Қазон омада будам. Зуд забони русиро омӯхтаму дар муносибат бо харидорон ҳамаро ба як нӯл мезадам. Ҳарчанд бо Фарида аввал додари хурдиам шинос шуда буд, вале ман зуд дили вайро ёфтам. Падараш вақтҳои охир бисёр менӯшид ва боре дар ҳолати мастӣ зери мошин монд. Баъди гузаштани як сол аз марги ӯ мо бо нияти хонадоршавӣ ба Ватан баргаштем, зеро кор дар Қазон рӯз ба рӯз душвор мегашту майдони тоҷирони бегонаро танг мекарданд, — ба қиссааш нуқта гузошт Комрон.

Лаҳзае хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Мард асабиёна ангуштонашро мефишурд. Шояд дар хотироти айёми гузашта чӣ доғи сиёҳе буд, ки

ёд овардани он барояш гарон буд. Ман бояд мисоли ӯ дар саҳнаи зиндагиаш ин доғи сиёҳро медидам. Алҳол қиссаи рӯзгори Комрон фақат зиндагиномаи одие менамуд. Ҳама чиз маълум, рӯшан, аммо на барои ман.

— Чаро шумо гумон доред, ки дар ин ду фоҷиа бояд асроре бошад? — пурсидам ман.

— Як ҳодисаи аҷибе рух дода буд. Рӯзе пеш аз тӯй аз Қазон омадам. Тоҷиддин он замон дар пойтахт буд. Ҳангоми пешвозгирӣ дар фурудгоҳ гуфт: Ака, ба ман Фарида маъқул нест. Беҳтараш аз вай даст кашед.

Дар аввал ман тамоман ҳайрон шудам. Охир, Тоҷиддин яке аз онҳое буд, ки сахт ҷонибдорӣ аз тӯйи мо мекард. Маълум мешавад, ки ҳодисае рух додааст.

— Чӣ шуд? Оё ягон воқеа рух дод? — пурсидам.

— Не, фақат аз рӯйи шунидам, модараш як зани кӯча будааст.

Ин ҷавоби додарам манеро, ки як даҳ сол боз аз рӯйи урфу одати русӣ зиндагӣ мекардам, ба ханда водор намуд.

— Эҳ сода! Охир, ман бо Холида не, бо духтари вай зиндагӣ мекунам...

Тоҷиддин дар посух китф дарҳам кашиду пурмуаммо гуфт:

— Ман бегоҳ бо як одам вохӯрӣ дорам ва шояд ба хона дер биёям.

Ӯ рафт ва шаб наомад. Тамоми шаб дили ман аз пешомади талхе гувоҳӣ медод. Пагоҳи дигар, баъди анҷоми тӯй дар тарабхона, нафари ношиносе омаду гуфт:

— Тоҷиддин дар об ғарқ шудааст.

Ба сӯйи Фарида, ки мисли сояи девор шуда буд, он мард бо як тамасхури ошкоро нигарист:

— Модари шумо ба он хотир ба тӯй наомаданд, ки зери мошин монданд. Ҷасади ҳардуи онҳо ҳоло дар мурдахона.

— Он шахси ношинос кӣ будааст?

— Баъдтар ман ӯро кофтам. Карим ном доштааст ва аз рафиқони наздики додарам. Фурӯшандаи як мағоза дар бозори «Тиҷорат». Ба ӯ гӯё ин хабарро расонидаанд. Ин ҳамаи он маълумоте, ки вай ба ман дод.

— Ба фикрам, ҳалқаҳои ин воқеа оҳиста-оҳиста пайдо мешавад — андешамандона гуфтам. Аммо як саволи дигар:

Чаро Фарида бе иштироки модар тӯйашро гузаронид?

— Ба вай ҳам ҳодисаи ба ин монанд рух додааст. Як рӯз пеш аз тӯй модараш мехоҳад тӯйро вайрон кунад. Ба андешаи модараш, гӯё шахси занбоз будааму намехостааст духтараш сиёҳбахт гардад. Бо Фарида ҷанг мекунад ва қасам мехӯрад, ки дар тӯй ширкат намеварзад.

— Шумо нафаҳмидед, ки он бегоҳ Тоҷиддин бо кӣ вохӯрд? Шояд бо модари зани шумо, яъне Холида?

— Не. Ман ин масъаларо тафтиш кардам. Он рӯз аз лаҳзае, ки ман аз тайёра фуруд омадаму додарам ин суханонро гуфт, то субҳи дигар Холида аз хона набаромадааст.

— Кӣ метавонад ба ман доир ба ин фоҷиа маълумоте диҳад?

— Ба фикрам, Карим чизи зиёдеро медонист, вале аз ман руст кард. Ӯ дар муносибат бо ман бисёр дағал буд ва ҳарчанд кӯшидам, ғайри он чӣ гуфтам, чизи дигаре илова накард.

— Суроғаашро ба ман диҳед, — хоҳиш кардам аз мард.

— Комрон дар коғазе суроға, рақами тилфони худашро, ки дирӯз ба ман Фарида дода буд, навишта, рақами мағозаи Каримро бо

ҳарфҳои калонтар дар коғаз сабт намуд. Баъд дасти маро сахт фишурда, гуфт:

— То андозае ман аз фаъолияти рӯзноманигории Шумо огоҳ ҳастам ва медонам, ки ҳамеша ҳарфи ҳақ менависед. Бовар дорам, ки ин бор ҳам ҳамин тавр мешавад.

Сипас, бо овози як каме тарсолуд илова кард:

— Ростӣ, ман метарсам. Вале як умр бо тарс зиста намешавад. Ин ҷой ҳодисаи пурасроре ҳаст.

Инро ман ҳам эҳсос мекардам. Лек, баръакси Комрон, аз эҳсоси хатар наметарсидам, балки чанд муддат берун аз рӯзгори якранги имрӯза зистан, боз ба ҷустуҷӯйи ҳақиқати талх камар бастан водор месохт, то ба пеш қадам занам.

***

Каримро ман ба осонӣ пайдо кардам. Дар назди мағозааш лаҳзае истодам ва дере нагузашта, кадоме фарёд кард:

— Карим!

Ҷавони миёнақад, ришдор, кабудчашм, бо чеҳраи як қадар дағалнамо. Ду дандони тиллояш дар қисми болоии даҳон ҳангоми сухан карданаш медурахшид. Мӯйҳои сараш баръакси ҷавонони давр, ки ошиқи мӯйи пасткарда ҳастанд, то ба китфонаш фаромада буду ӯро ба ҷавонони афғон монанд месохт. Дар умқи чашмони кабудаш як сардии ғайриодӣ эҳсос мегардид.

Акнун мушкили асосӣ ёфтани баҳона барои сӯҳбат бо вай буд. Дар оғоз чанд роҳи гуногунро фикр кардам, аммо ин ҳама ба назарам ғайритабиӣ метофт. Ба таваккал даст зада, дохили мағоза шудам. Карим дору мефурӯхт. Ман рост ба чашмони Карим нигаристам:

— Бародар, мумкин аст, як маслиҳат пурсам?

Ҷавон аввал сару либоси маро аз назар гузаронид. Шояд ба харидори хира монанд набудам, ки бо овози як қадар нарм гуфт:

— Марҳамат!

— Дусад дона доруи левомитсин дорам. Ҳозир айни вақт, шаҳр пур аз касали шикамдард аст. Ин доруро бо нархи чанд мегирӣ?

— Чил дирам — озмоишкорона ба ман нигариста, посух дод.

— Агар шастдирамӣ гирӣ, пагоҳ меорам.

— Хоҳӣ, панҷоҳ дирам, нахоҳӣ не — ин бор овози Карим як қадар бепарвоёна буд.

— Майлаш, панҷоҳдирамӣ, аммо пули нақд — даст дароз кардам ман.

— Пагоҳ, соати ҳашт, — дасти маро фишурд Карим.

... Ҳангоми нисфирӯзӣ ман ҷойи хӯрокхӯрии ҷавонро аниқ кардам. Маълум буд, ки Карим дар ин ошхона одами худӣ ҳисоб меёбад. Зеро пешхизмат бо чеҳраи гарм бо вай салому алейк карда, ҳангоми ҳисобкунӣ пули пардохтаашро ҳисоб накард. Вақти баромаданаш бошад, ҷавон сӯйи марде, ки пушти тахтаи фурӯши машрубот меистод, даст афшонида, бо овози баланд гуфт:

— Ман бегоҳ меоям!

Ин ҷумлаи ҷавон маро водор намуд, то бегоҳ боз ба ин ошхона биёям. Албатта, ман дунболаи Карим ба ин ҷой даромадам. Як миз дуртар рӯ ба рӯяш нишастаму аз ӯ чашм намекандам. Вай даррав нигоҳи маро ҳис карда, бархоста, назди ман омад:

— Мумкин?

— Марҳамат!

— Шумо доруро аз куҷо мегиред? — баъди лаҳзае хомӯшӣ кунҷковона пурсид Карим.

— Аз Қазон, — ҷавоби ман тайёр буд.

Чеҳраи ҷавон бо шунидани номи ин шаҳр як қадар парешон шуд, аммо худро бой надода, боз суол дод:

— Хешовандонатон дар он ҷой кор мекунанд ё худи шумо рафта дору мебиёред?

— Ҳам ину ҳам он. Яъне гоҳ — гоҳ худам ҳам меравам.

— Охирин бор кай рафта будед? — ҷавон акнун рӯйирост ба истинтоқ шурӯъ кард. Ба болои ин ба пешхизмати ҳозиршуда ба нею нестони ман нигоҳ накарда, арақ фармуд. Баъди холӣ кардани қадаҳҳо ва каме сархуш шудан ба суоли вай ҷавоб додам:

— Ду моҳ пештар, — даррав ман тахминан муддати баргаштани Комронро аз Қазон ба ҳисоб гирифтам ва дар тахмини хеш хато накардам:

— Комронро мешинохтед?, — ҷавон бодиққат ба ман нигарист

— Комроне, ки дар бозори марказӣ савдо мекард? — пурсидам ман. Ва якбора қартаҳои дастамро кушодам:

— Бародари калонии Тоҷиддинро дар назар доред?

Чунинам намуд, ки Карим ба худ ларзид. Дубора қадаҳи дасташро пур кард ва ба як нафас холӣ намуд. Вай ҳам маҷбур буд, то бозиро дар шакли кушод идома диҳад.

— Бале! Вақтҳои охир кадоме аз онҳоро дидед?

Дар ин лаҳза дар ҳолати ногувор мондам. Агар гӯям, ки «Комронро дидам», шояд ҷавон боэҳтиёттар ҳарф мезад. Агар гӯям, ки «надидам», шояд умуман аз ин мавзӯъ дур равад. Вале бояд чизе гуфт, бояд хомӯш наистод, бояд...

— Ҳардуяшро ҳам надидаам, аммо баъзе овозаҳо фаҳмидам, ки гӯё кадом фоҷиае рух додааст

— Чӣ хел фоҷиа? — боз пурсид Карим

— Тоҷиддини бечора дар рӯзи тӯйи бародараш дар об ғарқ шудааст.

— Вай ғарқ нашудааст — ғайричашмдошти ман Карим ин бор ошкор ҳарф зад. — Барои одами солимақл тасодуфӣ набудани ин фоҷиа равшан аст. Кадом аблаҳ дар рӯзи тӯйи бародараш оббозӣ меравад?

— Вале он бачаи бечараро барои чӣ мекушанд? Барои кадом гуноҳ? Агар дар Қазон нобуд мешуд, шояд гумон кардан мумкин буд, ки барои пул, тиҷорат куштанд — дар ин лаҳза танҳо зидди андешаи Карим ҳарф задан метавонист барои ман маълумоти тозае диҳад.

— Шумо зани Комрон — Фаридаро мешиносед?

— Ду-се бор дар бозор дида будам — ҷавоб додам

— Ана ҳамон бева сабабгори марги Тоҷиддин! — Карим қадаҳи холиро сахт ба рӯйи миз кӯфт.

— Ман ба ин фикри шумо розӣ нестам. Агар чунин бошад, пас модари Фарида — Холидаро ҳам касе куштааст. Зеро вай ҳам дар рӯзи тӯйи духтараш зери мошин монд, — барои ман андешаи Карим роҷеъ ба ин марги пурасрор ҳам муҳим буд.

— Ин ҳам кори дасти Фарида аст — андешаи дилпуронаи ҷавон маро водор месохт, то дигар барои рад кардани андешааш кӯшиш накунам, вале таслим шудан намехостам:

— Барои чӣ як нафар духтаре, ки бояд ба шавҳар барояд, барои нобуд кардани наздиконаш кӯшиш менамояд? Ин гуна хулоса бовар нокарданӣ мебошад.

— Фикр кунед, меёбед, ки ин ҷой ҳодисаи монанд ба филмҳои ҳиндӣ рух додааст. Яъне ишқҳои ниҳонӣ, ки метавонанд боиси марг шаванд, — ҷавон ногаҳон бархост ва ҳанӯз ман дар ҷавоб даҳон накушода, илова кард:

— Хайр, то пагоҳ!

Илоҷе маро намонда буд, ҷуз он, ки бо маълумоти гирифтаам қаноат намоям...

***

Оҳиста-оҳиста торикӣ лангар меандохт. Бозори «Тиҷорат» ҳоло ҳам, ба қавле, аз бисёрии одам меҷӯшид. Махсусан бозори нонфурӯшон гарм буд. Миёни занони даъваткунанда баҳри харидории нон як нафар аз дигарон сахт фарқ мекард. Ӯ барои харидорӣ овоз баланд намекард, вале бисёре аз вай нон мехариданд.

«Маълум, ки дер боз кор мекунаду аз ҳама бештар мизоҷ дорад», — хулоса кардам ман ва дунболаи занро гирифтам.

Ҳамин ки ӯ нонҳояшро фурӯхта тамом кард ва аробаи нонашро ҷамъ намуд, ман ба назди вай омадам.

— Хола, як чиз пурсам мумкин?

Зан бо нигоҳи озмоишкорона ба ман нигарист.

— Ман як нафар шиносамро, ки Холида ном дошт, мекобам. Вай нон мефурӯхт.

— Ҳа, Холида дар паҳлӯи ман нон мефурӯхт, вале вай аз дунё гузашт, бечора, — оҳи сарде кашид ҳамсӯҳбатам.

Ман чунин нишон додам, ки гуё бо шунидани ин хабар ба таҳайюр афтодам:

— Не-е?

— Ҳа, бадбахти бечора, дар рӯзи тӯйи духтараш ба зери мошин монд. Ҳанҳо гап-гап мекунанд, ки гӯё кадом вақте бо шавҳари ҳозираи духтараш алоқа кардаву аз сари номус худро зери мошин партофтааст.

Ба ман дигар чизе лозим набуд. Чаппасар сӯйи таксии дар роҳ истода давидам ва суроғаи хонаи Комронро гуфтам. Сари эҳсос

дигар ман рафтори худро баҳо дода наметавонистам ва намедонистам, ки баъдтар аз ин амал ангушти пушаймонӣ мегазам ё ин кушоиши асрори кас нашунидаву надониста аст.

***

Баробари аз такси фаромадан дудила шудам. Охир, рост ба хонаи Комрон даромада, гуфта наметавонистам:

— Ту замоне бо хушдомани худат хуфтухоб кардаӣ ва ӯ сари номус, дар рӯзи тӯйи духтараш худро нобуд кардааст...

Дар ҳолате, ки вай дар ин кушторҳо даст дошта бошад, ҳатман барои то абад хомӯш мондани ман мекӯшад. Ростӣ, ман баъди ин қадар ҳодисаҳое, ки тӯли умри кӯтоҳи хеш гузаронидаам, он қадар дилбандии зиёд ба зиндагӣ надоштам, вале хостгори марги аблаҳона ҳам набудам. Гоҳо ҳампешагони ман барои нишон додани худ дунболаи ҷасорати аблаҳона мешитобанд ва он қадар барои кори пуче ҷон месупоранд, ки аламат мекунад. Баҳри чун мубориз ҷон додан бояд то вопасин нафас талош кунӣ. Ҳарчанд баъдҳо шояд туро қаҳрамон шуморанд, ҳайкал гузоранд, лек ба қавли очаи ман «войи ҷони худаш».

Бо ин андешаҳо ман қарор додам, то бо Комрон ниҳоят эҳтиёт шуда, ҳарф занам...

...Дарро ба рӯйи ман худи Комрон кушод. Он қадар бо лутфу меҳрубонӣ қабулам кард, ки дар як лаҳза шубҳаи ман нисбати ӯ барҳам хӯрд. Дар ин лаҳза танҳо тачрибаи корӣ водор кард, то ҳама қиссаи имрӯзаро ҳикоят нанамоям. Баъди он, ки хеле аз ҳамдигар ҳол пурсидему Фарида дастархон кушод, ман аз дур ба пурсуҷӯй сар кардам:

— Шумо дар давоми солҳои охир ҳамагӣ як маротиба ба пойтахт омада будед. Оё ҳама лаҳзаҳои чанд рӯзи дар ин шаҳр буданатонро ёд доред?

— Тавре, ки ман ба шумо гуфта будам, сафари ман дар пойтахт ҳамагӣ се рӯз давом кард. Рӯзи аввал соати ҳафти бегоҳ омадам. Шаб дар хонаи амакам, ки падару модарам ҳам дар ин ҷой буданд, хобидам. Рӯзи дуввум бо писарамакам шаҳрро тоб хӯрдем. Баъди нисфирӯз ба мағозаи вай рафтем ва то бегоҳ савдо кардем. Бегоҳ бо мошинаш ба як хонаи дигари онҳо рафтему то саҳар истодем. Рӯзи дигар бо падару модарам харид кардем ва бегоҳ ман бозгаштам ба Маскав. Дар шаҳр баъзе корҳоро буд карда, ба Қазон омадам, — Комрон чун одат оромона суханашро ба поён расонид.

Ман мушоҳида кардам, ки ҳангоми суханронии вай Фарида чӣ гуна бодиққат ба даҳони ӯ менигарист. Гӯё аз фош шудани чизе сахт ҳарос дошт. Кадом асрори муҳимеро донистани Фарида маълум буд, вале бадбахтона, ин андешаамро ба вай гуфта наметавонистам. Баробари гапашро ба охир расонидани шавҳараш ҷавонзан сӯйи ошхона рафту ман зуд бо овози пасттар аз мард пурсидам:

— Чаро дар шаби дуввум дар хонаи амакатон нахобидед?

Ҳамсӯҳбатам лаҳзае андеша кард ва баъд хиҷолатомез посух дод:

— Медонед, ҷавонӣ... Мо он шаб бо занон будем.

Лаҳзаи даркорӣ фаро расида буд, аммо бояд аввал чизи дигареро муайян мекардам:

— Писарамаки шуморо дидан мумкин?

— Бечора ҳоло нашъаманд шудааст, — инро гуфта, Комрон суроғаи вайро ба ман навишта доду дар охир номашро навишт: Носир.

— Мағозаи Носир дар кадом бозор аст ва онро чӣ гуна пайдо кардан мумкин?

— Ҳамон бозори «Тиҷорат», рақами даҳ.

Даррав пеши назари ман рақами бо ранги сурх навишта пайдо шуд. Онро ман дар куҷо дидаам? Ҳа, охир дар ҳамон бозори «Тиҷорат», дар рӯ ба рӯйи нонфурӯшон.

— Шумо агар он занеро, ки он шаб бо шумо буд, бинед, мешиносед?

— Аз куҷо? — хандид вай

Дар ин лаҳза Фарида ба хона хӯрок оварду ман чизе гуфта натавонистам. Хомӯшона хӯрок хӯрдем. Ҷавонзан ба ошхона баромаду ман бо баҳонаи сигоркашӣ дунболаи ӯ ба балкон рафтам. Дари ошхона ба сӯйи балкон кушода мешуд. Нигоҳи Комронро, ки дар ин лаҳза ба куҷое занг мезад, хато карда, аз Фарида пурсидам:

— Чаро Шумо Тоҷиддинро, ки аввал бо вай ошно шуда будед, интихоб накарда, Комронро интихоб кардед?

— Вай сахт номард буд, — ин ҳарфҳо бо як нафрати азим аз забони ҷавонзан баромаданд.

Агар дар ин ҷой алами шахсӣ намебуд, шояд вай ин тавр намегуфт. Зеро бо ҳар касе сӯҳбат доштам, аз Тоҷиддин чун аз як инсони нек ёдовар мешуд. Маълум, ки чизе ҳаст.

— Шояд маргаш ҳам ба ивази он номардиаш буд, — сигорро партофта, ман ба хона даромадаму Фарида лолу саргаранг дар ошхона монд.

Баробари ворид шудан, ба сӯйи Комрон гуфтам:

— Ман меравам.

Мард маро то истгоҳ гусел намуд. Таксиеро манъ кард. Ман ба такси нишаста, танҳо дар ин ҳолат сӯйи Комрон хитоб намудам:

— Наход холи калони модарзодии зани оншабаро фаромӯш карда бошед? Охир, бо заноне, ки ин гуна холи калон доранд, ҳар шаб вонамехӯред...

Мард мисли сояи девор шах шуд. Ман бошам, ба китфи ронанда задам:

— Рафтем!

***

Тамоми шаб хобам набурд. Чанд варақи коғазро пеш кашида, миёни қаҳрамонони ин моҷаро қотилро ҷустам.

Қотили Тоҷиддин кист?

1. **Фарида**

Ӯ бо Тоҷиддин алоқаи маҳрамона дошт ва барои бо сари баланд ба шавҳар баромадан бояд ҷавонро нобуд мекард.

Далел: шаҳодати Карим, Тоҷиддинро номард хондани Фарида, пеш аз Комрон бо ҷавон ошно буданаш ва будани имкони алоқаи маҳрамона ё ишқ бо Тоҷиддин.

2. **Комрон**

Аз алоқаи Фарида бо Тоҷиддин хабар дошт ва барои дар оянда доғ намондан дар муносибат бо занаш метавонист қотили бародар гардад.

Далел: нисбати Тоҷиддин сарду бемеҳр ҳарф заданаш, рад кардани хоҳиши вай дар мавриди даст кашидан аз Фарида, ба ҷустуҷӯйи вай набаромада, аз пайи ташвиши тӯй шуданаш.

3. **Карим**

Манфиати барои ман номаълум ӯро ба ин кор таҳрик кард.

Далел: аз ҳама воқеа бохабар буданаш, аввалин шуда аз марги Тоҷиддину Холида хабар оварданаш, бад дидани Фарида ва барои ин ду куштор гунаҳгор эълон кардани вай.

4. **Холида**

Аз алоқаи духтараш бо Тоҷиддин хабар ёфта, Комронро чун ҳамхобаи якшабааш мешиносад. Барои дар оянда бенанг зистани Комрону Фарида Тоҷиддинро ғарқ мекунад ва баъд худро зери мошин мепартояд.

Далел: як рӯз пеш аз тӯй ба Фарида аз «занбоз» будани Комрон иттилоъ доданаш, дар вақти марги Тоҷиддин ӯро ҳам касе надиданаш, ягон сураташро боқӣ намонданаш.

5. Худкушӣ. Тоҷиддин ба хотири сафед мондан пеши бародараш хост ӯро аз хонадоршавӣ бо Фарида боздорад, аммо чун муродаш ҳосил нашуд, худро дар об ғарқ намуд.

Далел: дар рӯзи тӯй худро ғарқ кардани Тоҷиддин ва набудани ягон шоҳид дар вақти ғарқшавӣ.

6. **Шахси номаълум**

Ӯ ҷонибдори тӯйи Комрону Фарида мебошаду аз ҳама воқеа хабардор аст ва гунаҳгоронро аз байн мебардорад.

Далел: нест.

Қотили Холида кист?

1. **Фарида**

Аз алоқаи модар бо шавҳари ояндааш хабар меёбад ва барои дар оянда оилаи мустаҳкам доштан саҳнаи марги ӯро ташкил менамояд.

Далел: як рӯз пеш аз тӯй бо модар ҷанг карданаш, ба будани алоқа байни Комрону модараш бовар доштанаш.

2. **Комрон**

Ба хотири тоза кардани доғи гузашта метавонад дар марги Холида ҳиссагузор бошад.

Далел: зоҳиран вуҷуд надорад, зеро Комрон чунин нишон медиҳад, ки гӯё Холида будани зани оншабаро намедонист, аммо ин метавонад бозии бисёр ҳунармандона дар пеши ман бошад.

3. **Карим**

Шояд вай бо Холида дар бозор ошноӣ дошт ва аз ин ҳодисаҳо бохабар буду барои манфиати ба ман номаълум ё шояд ба хотири баргузор нашудани ин тӯй Холидаро кушт.

Далел: аз тамоми ҳодиса бохабар буданаш, пеш аз дигарон хабари марги ӯро расониданаш, ба Тоҷиддин меҳри зиёд доштанаш.

4**. Тоҷиддин**

Тасодуфан ё махсус тавассути касе аз муносибати бародараш бо Холида огоҳ шуда, ба хотири зиндагии осудаи эшон занро қурбон месозад ва худро ба коми дарё мепартояд.

Далел: хабар расониданаш ба бародараш дар бораи зани бероҳа будани Холида, эҳтимоли вохӯрданаш бо Холида як рӯз пеш аз тӯй ё шояд дар рӯзи тӯй, зид буданаш ба тӯйи бародараш бо Фарида, эҳтимоли огоҳ будани Холида аз муносибати байни вай ва Фарида.

5. **Носир**

Аз муносибати байни Комрону Холида огоҳ буд ва чун дар он шаб ҳамраҳи аввалӣ буд, баҳри шустани гуноҳ ва барои дар оянда осуда зиндагӣ кардани Фаридаю шавҳараш Холидаро аз байн мебардорад.

Далел: вақте ин ҳодиса, бо хушдоманаш пештар хуфтухоб кардани Комрон ошкор мешуд, яқин бори гуноҳ ба дӯши Носир, ки он шаб бо Комрону Холида буд, бор мегашт ва дар байни авлод сархам мешуду боиси сарпастии Комрон мегардид.

6. **Худкушӣ**

Бо огоҳ шудан аз он, ки шавҳари духтараш ҳамхобаи якшабааш буд, Холида ба духтараш асли воқеаро нагуфта, худро зери мошин мепартояд.

Далел: зидди тӯйи духтараш баромаданаш, набудани далел дар мавриди аз ҷониби касе махсус бо мошин задани вай.

6. **Шахси номаълум.**

Айнан ҳамон ҳолате, ки сабаби марги Тоҷиддин шудааст: Касе хостгори баргузоршавии ин тӯй буд ва ба ин сабаб Холидаи гунаҳгорро аз байн бардошт ё касе, ки ҳаргиз намехост ин тӯй барпо шавад. Дар ҳолати дуввум агар мақсади он шахс баргузор нашудани ин тӯй буд, пас вай як қадар дар ин ҳол дер кардааст. Яъне тӯй баргузор шуд ва пас аз он хабари марг ба домоду арӯс расид.

Тамоми рӯз аз бехобии шабона сари ман дард мекард, аммо бо вуҷуди ин ман ба вохӯрӣ бо Носир шитофтам. Рӯз ба рӯз гиреҳҳои ин ҳодисаи даҳшатнок боз мешуданд...

***

Ақрабаки соат 9:10-ро нишон медод. Ҳар чор нафаре, ки ман даъват карда будам, дар гирди миз бо сари хам, чеҳраи гирифта менишастанд. Аз ҳама охир Носир омад. Ӯ ҷавоне буд бисёр зебо,- бо чашмони сиёҳи бодомӣ, абрӯвони ғафси кӯтоҳ. Мӯйи сиёҳи шоназада, рухсори беолоиш дошт. Дар баробари ин вай харобу лоғар буд ва дар умқи чашмонаш андӯҳу хастагӣ эҳсос мегардид. Барои шахси боре бо нашъаманд аз наздик ошно буда як нигоҳ кифоя буд, ки ба ин дарди бедаво мубтало будани Носирро дарёбад. Гирди он чашмони зеборо нимҳалқаи сиёҳ печонидаву дастони нозуки ҷавон меларзиданд, гапзаниаш тарсолуду канда-канда буд, ҳангоми роҳгардӣ мисле, ки дар киштӣ бошад, калавида-калавида ҳаракат мекард. Ҳангоме вориди утоқ шуд, ба касе салом надода, ба курсии холӣ, рӯ ба рӯи Комрон нишасту ба нуқтае дида дӯхт ва гӯиё оламу одамро фаромӯш сохт.

Хомӯшии ба миён омадаро ман бо садои сулфа халалдор кардам. Аслан, намедонистам чаро ман сулфидам — шояд барои гулӯ тоза намудан ё барои фурӯ шинонидани эҳсос ё барои диққати атрофиёнро ҷалб кардан.

— Хушбахтона, ҳама омаданд — ба қадри имкон ба овозам оҳанги боварибахш дода, оғоз кардам ман. Ҳолате пайдо шуда, ки ба марги Тоҷиддину Холида ҳар чори шумо гумонбар ҳастед. Ин таҳқиқи ман бо хоҳиши Комрон сурат гирифт ва агар ӯ нахоҳад, ман метавонам ба шумо дар мавриди ин масъала, кӣ будани қотил ё қотилон гап назанам.

Нигоҳи ҳама беихтиёр ба Комрон дӯхта шуд. Ҳатто Носир аз миз сар бардошта, беш аз дигарон бо нигоҳи илтиҷоомез ба вай нигарист.

— Ман мехоҳам қотили бародарамро донам — хунсардона ҷавоб дод Комрон. — Вале, Ҷамшед, хоҳиш, ҳама ҳодисаро то лаҳзаҳои нозуктарин баён кунед. Боз мегӯям, як умр бо тарс зиста намешавад.

— Дар ин ҳолат, аз ҳамаи шумо илтимос мекунам, то фақат ҳақиқатро гӯед ва донед, ки дурӯғ наҷотатон намедиҳад. Зеро ба ҳар як ҷумла ҳам далел, ҳам шоҳид ҳаст, — ин бор овози ман як қадар ҳукмфармоёна буд.

Ҳар чор бо аломати тасдиқ сар ҷунбониданд. Лаҳзае андешидам: Аз чӣ сар кунам? Таҷрибаи сӯҳбату гапгузаронӣ ҳушдорам медод: Бо зарбаи аввал бояд ҳарифро зери таъсир гирифт!

Аз ин рӯ, ман аз ин усули барои худам «классикӣ» истифода бурдам:

— Тавре гуфтам, ҳар чор гумонбар ҳастед ва шояд қотилро аввал дар миёни шумо ҷустан мантиқан дуруст бошад. Биёед аз худи Комрон оғоз мекунем — коғазҳои шаби гузашта навиштаамро пеш кашидам. — Ӯ барои куштани бародараш далели қатъӣ дошт. То дирӯз гумон доштам, ки Тоҷиддин бо Фарида пеш аз тӯй алоқаи маҳрамона дошт. Маълум шуд, ки ҳақиқати воқеа каме дигар будааст. Чун ҳамаи шумо аз ин муносибат огоҳ ҳастед, ин ҳодисаро рӯирост, бе андешаи он, ки шояд ақди никоҳи Фаридаю Комрон вайрон шавад, баён мекунам. Дар Қазон Фарида дугонаи ҳамхонае

дошт, ки барои тоҷикон ҳуҷҷати шаҳрвандии муваққатӣ дуруст мекард. Як бегоҳ Тоҷиддин шиносномаи тоҷикиашро ба ин духтар, ки Садбарг ном доштааст, медиҳад, то барояш қайди муваққатии шаҳрвандӣ гирад. Шаб милисаҳои масти рус Тоҷиддинро бозмедоранд ва шиносномаашро мепурсанд. Илоҷе барояш наемонад, ҷуз он, ки бо ҳамроҳии онҳо ба хонаи иҷораи Фарида, баҳри шиносномааш ояд. Дарро Фарида мекушояд ва бо дидани милисаҳо ба хонаи хоб гурехта, чароғро хомӯш мекунад. Дар торикӣ милисаҳои маст зада медароянд ва дар ҷойгаҳи хоб Фаридаро меёбанд. Чун ҷазо барои муқобилият ба намояндаҳои қонун, Тоҷиддинро маҷбур мекунанд, то ба номуси Фарида пеши чашмони онҳо таҷовуз кунад. Баъди ӯ навбати милисаҳо мерасад. Он шаб Садбарг дар хона набудааст. Баъди як рӯзи ин воқеа Тоҷиддин аз тарс ба Тоҷикистон омада, ин воқеаро ба Носир қисса менамояд. Дар баробари худ Носир ба вай истироҳати хуши якшабаашонро бо Комрон ҳикоя карда, Холидаро ба ӯ нишон медиҳад. Комрон аз норизоии бародараш дар мавриди тӯй бо Фарида дар ҳайрат шуда, аз Носир сабаб мепурсад. Носир қиссаи он шаби зимистонро дар Қазон, ки маҷбуран Тоҷиддин бо Фарида алоқа намуда буд, мегӯяд. Аммо дар мавриди он, ки Холидаро ба Тоҷиддин нишон додааст, ҳарфе намезанад. Он бегоҳ Тоҷиддин бо Холида дар ҳузури Карим вомехӯранд ва маслиҳат мекунанд, ки бояд ин тӯй баргузор нашавад. Ва ният мекунанд, ки субҳ ҳақиқати ҳолро ба домоду арӯс мегӯянд. Вале рӯзи дигар ба таври пурасрор, яке дар об дигаре дар зери мошин ҳалок мешаванд. Оё Комрон метавонист ҳардуро аз миён бардорад? Бале, метавонист. Зеро шаб тавассути Карим ӯ бо Холида вохӯрда, дониста буд, ки модарарӯсаш маъшуқаи якшабааш аст.

Гумонбари дуввум Фарида.

Ин ҷавонзан, тавре гуфтем, барои нобуд кардани Тоҷиддин асос дорад. Аммо чӣ тавр аз ҳамхобаи якшабаи модараш будани

шавҳараш огоҳӣ ёфт? Ин суоле буд, ки ман то дирӯз посух наёфта будам. Вале маълум шуд, ки ҳамааш аз рӯи нақшаи тарҳрезишуда мебошад. Ҳамин ки Холида ба мулоқот бо Комрон рафт, Носиру Тоҷиддин бо Фарида вомехӯранд. Ба ӯ доир ба муносибати модараш бо Комрон ҳикоя мекунанд. Ин далели мӯътамадест, ки метавонад Фаридаро барои қотил шудан водор намояд.

Гумонбари сеюму чорум — Носиру Карим дар як ҳолат ҳастанд. Эшон аз ҳама воқеа бохабаранд ва шояд барои оромона зистани навхонадорон даст ба ҷиноят зада бошанд. Ҳарчанд Комрон аз ман ин далелро пинҳон кард, аммо ман фаҳмидам, ки Карим писараммаи ӯ мебошад ва чун хешованди наздик аз ҳама беш дилаш ба ин оила месӯхт.

Инак, ҳар чори шумо метавонистед, қотил бошед — бо оҳанги мутантан суханамро ба поён расонидам.

Чорнафарон хомӯш буданд. Ғайричашмдошти ман касе аз онҳо садои эътироз баланд накард, шарм надошт. Танҳо Фарида бо ду даст рӯяшро пӯшида менишаст. Хомӯширо Комрон вайрон кард:

— Ман чанд суол дорам.

— Марҳамат! — дилпурона ҷавоб додам.

— Аз аввал сар мекунем. Чаро Фарида ба назди Шумо омад?

— Сабаби ин амал бисёр сода аст. Ӯ медонист, ки бисёриҳо аз ин ҳодиса бохабаранд. Навиштаи пурсӯз дар ҳаққи модар ва додаршӯ шубҳаи бисёриҳоро аз байн мебурд. Баъзеи дигар гумон мекарданд, ки бечора ҷавонзан аз муносибати шавҳараш бо модараш бехабар аст.

— Агар ман аз асли воқеа бохабар бошам, чаро аз Шумо хоҳиш кардам, то ҳақиқати воқеаро пайдо кунед?

— Шояд шумо ҳоло надонед, ки қотили бародаратон кист. Маҳз донистани номи қотил бароятон аз ҳама заруртар буд.

— Ба фикри шумо, Ҷамшед, чаро ман писараммаам будани Каримро руст кардам?

— Ба қавли Карим, аз он, ки вай шуморо қотили бародаратон медонаду беш аз ҳама дилаш ба Тоҷиддин месӯзад, сахт ранҷидаед. Шумо аз вай тамоми алоқаи хешутабориро кандаед.

— Хуб, ман, Фарида, Карим, Носир аз асли ҳама ҳодиса ба гуфти шумо бохабар будаем. Пас, бо нобуд кардани Холидаю Тоҷиддин ин фоҷиаро боз аз кӣ ниҳон бояд медоштем? Яъне чӣ ҳоҷат буд ба нобуд кардани онҳо?

— Дидани ҳар нақш, ҳар чеҳрае, ки ба фоҷиаи шахс шоҳид аст, ба кас гарон меояд. Аз ин рӯ то охири умр наметавонистед бетарс, бедард, бенафрат ба додару модарарӯсатон нигаред. Ба ин хотир, набудани эшон беҳтар буд аз будани эшон.

— Пас, қотил кист? Ман? — Комрон калимаи «ман»-ро бо як алам талаффуз кард.

— Ман ин саволи шуморо интизор будам. Шумову Фарида он рӯз пурра ба тӯй банд будед, Носир чун ҳамеша нашъа кашида, беҳушу беёд мехобид, Карим то дами хабари марги Холидаю Тоҷиддинро фаҳмидан дар дорухонааш савдо мекард. Ба ин ҳамкораш, дафтари қайди хариди дору гувоҳӣ медиҳад. Аз ин бармеояд, ки шахси панҷум, шахси барои ҳама номаълум буд. Ин шахс супориши ягон нафар аз шуморо иҷро накардааст. Ӯ ба қавли худаш, қарзи вичдониашро буд кард. Яъне, аввал Тоҷиддинро дар об ғарқ кард, баъд Холидаро ба мулоқот хонда, бо мошин пахш намуд. Медонист, ки Холида аз куҷо меояд ва аз кадом роҳи мошингард мегузарад. Интизор истод. Чун зан аз роҳ гузаро шуд, бо мошин ӯро пахш карда, ғайб зад.

Тоҷиддин бошад, ӯро мешинохт. Ҳарду ба оббозӣ рафтанд. Ба нею нестони Тоҷиддин, ки «оббозӣ карда наметавонам» мегуфт,

нанигариста, ӯро ба дарё даровард. Ҳангоме ҷавон ғарқ мешуд, ба ҷои аз дасти вай гирифтан телааш кард ба зери об.

Лаҳзае ман ба соат нигаристам: 10.00. Бояд қотил омада бошад. Воқеан ҳам ин лаҳза дар бе огоҳӣ кушода шуд ва марди калонсоли тақрибан 50-солаи сарсафед ворид гардид. Мисли ҷавонон либос пӯшида буд, риши тоза тарошида, чеҳраи гарм, қомати баланд дошт. Бо ишораи сар ба ҳама салом дода, чун дид, ки ҷойи нишастан нест, рост истод. Ман суханамро идома додам:

— Ва он қотил амаки Комрону Тоҷиддин, падари Носир, ин марди ҳозиру нозир мебошанд, ки номашон Нарзулло аст.

— Бори аввал мебинам, ки қотил бо пойи худ меояд, — тамасхуромез гуфт Карим.

— Эшон дар ин масъала худро ба дараҷае пок меҳисобанд, ки ҳатто аз шунидани калимаи қотил мутанаффир ҳастанд. Нарзулло танҳо авлоди худро аз нопокӣ тоза кардаанд, — писхандомез афзудам ман. Комрон аз ҷой баланд шуду бо ду даст аз гиребони Нарзулло дошт. Эҳтимоли пайдо шудани ин ҳолатро ман пешгӯӣ мекардам, аз ин рӯ ду ҷавони навкори қавибозуро огоҳ карда будам то дар ҳолати даркорӣ ба кӯмак шитобанд. Аз ҷой бархостам, то онҳоро фарёд кунам, вале дар ин лаҳза Комрон гиребони амакашро сар дода, бо овози нимшунаво гуфт:

— Барои чӣ? Ақаллан бигӯ, ки чӣ гуна ҷияни хуниатро куштӣ?

— Ман накуштаам, вай худро ғарқ кард — оромона ҷавоб дод Нарзулло. Танҳо ман вайро даъват карда, фаҳмонидам, ки чӣ гуна бояд аз нанги якумра халос хӯрад.

Комрон ба сӯйи ман нигарист.

— Дирӯз шумо ба ман гуфтед, ки Тоҷиддинро бо дастони худ куштед, — овози ман ба назари худам ким-чӣ хел бепарвоёна садо дод.

— Кош бо дастони худам мекуштам, — садои мард ларзид, — вай баъди он ки ман «аз ин гуна зиндагӣ мурдан беҳ» гуфтам, чунон тез худро ба мавҷи дарё андохт, ки аз дасти ман коре наомад. Баъд, аз алам ба Холида занг зада, вохӯрӣ таъйин кардам. Чун аз роҳ мегузашт, бо мошин пахш кардам.

Ҳама лаҳзае сокит монданд. Нарзулло ба назди тиреза рафту онро кушода, бо овози гиряолуд гуфт:

— Ҳанӯз чеҳраи аз нанг сурхшудаи Тоҷиддин аз пеши назарам дур намешавад. Ҳанӯз ҳам ман ҳар шаб вайро хоб мебинам. Ҳанӯз ҳам, ҷумлаи охиринаш дар гӯшонам садо медиҳад: Бигзор Комрону Фарида хушбахтона зиндагӣ кунанд. Чаро не? Бигзор хушбахт бошанд ва мавҷуд будани симое, ки аз ин ҳодисаҳои даҳшатбор гувоҳӣ медиҳад, барояшон азият набахшад, — Нарзулло чунон баланд хандид, ки ҳатто Носир як қад парида, ба сӯйи вай нигарист.

— Бигзор! — Нарзулло ончунон бо ҳаракати чолокона худро сари тиреза гирифта, аз ошёнаи даҳум ба поён ҳаво дод, ки ягон кас сари вақт ҳатто аз ҷояш баланд шуда натавонист.

***

Баъди як моҳ Фарида ба назди ман омад. Ҳарчанд чеҳрааш пажмурдаву гирифта менамуд, пираҳани сиёҳаш ӯро ғамзада нишон медод, аммо дар умқи чашмони калон-калони зебояш, оташаки муҳаббат ба зиндагӣ медурахшид. Ӯ бо табассуми зӯракие, бо овози як қадр гирифта, гуфт:

— Нав аз милисаву худоиҳои амаки Нарзулло халос шудем. Акнун пагоҳ тарки шаҳри шумо мекунем. Барои хайрбод омадам.

— Роҳи сафед! Воқеан, барои шумо дар ин шаҳр зистан душвор аст. Ҳар як нақш, ҳар як хиёбон ёд аз фоҷиаи гӯшношунид меорад.

— Махсусан утоқи кории шумо, — зан аз ҷой баланд шуд. — Ҳангоме бори аввал наздатон омадам, мехостам ҳама воқеаро нақл

кунам, то нависед. Аммо истинтоқи шумо маро тарсонид. Ба ҳар ҳол, ҳар боре омадам, ҳатман хабаратон мегирам.

— Фақат бе нақли ягон қиссаи даҳшатнок, — бо лабханд дастони гарми Фаридаро фишурдам ман.

Бишкек, марти 2005

kitobkhon.net

ТИЛЛО ҚУРБОНӢ МЕХОҲАД

Ҷамшеди Ҳабиб ба дидорбинии ҳамкораш Шамида, ки фарзанддор шуда буд, ба таваллудхона мешитофт. Як сол пеш ин духтараки наҳифпайкар, аммо зеборух, баъди нею нестонҳои зиёд ниҳоят ба як тоҷири ҳамдеҳааш ба шавҳар баромад. Сабаби муқобилияти духтар он буд, ки пешаи интихобкардаашро сахт дӯст медошт ва барояш пираҳани сапеди арӯсӣ кафани орзуҳои замони дӯшизагиаш ҳисоб меёфт. Бовар дошт, ки ё шавҳар дигар кор кардан наметонад ё худи ӯ зери бори масъулияти оиладорӣ мемонад. Аз ин рӯ пичингу киноя волидайну хешовандон ва шӯхиомез «навбатро холӣ кун» гуфтанҳои хоҳарашро заррае ба эътибор намегирифт.

...Соли гузашта як моҳ пеш аз тӯй падари Шамида, марди миёнақади ҳанӯз ба мӯйҳои сараш барфи сапедӣ нарехта, ба ҳуҷраи кории Ҷамшед омад. Дар оғоз қошу қавоқи овезони рӯзноманигорро дида, надонист аз чӣ сухан оғоз кунад. Баъди он, ки Ҷамшеди чин ба абрӯ, ғайричашмдошт меҳрубонона аз вай ҳолу аҳвол пурсид, худро ба даст гирифт:

— Бародар, бо як хоҳиши ба назари шумо шояд як каме хандаовар омадам. Шамида ба бисту панҷ қадам монд, вале ҳама хостгорҳоро ноумед гусел менамояд. Ман мефаҳмам, ки вай касбашро дӯст медорад, медонам, ки ҳозир замони демократия ва касеро маҷбур карда намешавад. Вале шумо маро фаҳмед, аҳли деҳа дер шавҳар кардани ӯро ба таври худ мефаҳманд. Шамида мехоҳад, ки худро ба кор бахшад, аммо ҳаёти шахсиаш чӣ мешавад? Агар Тоҷикистон мамлакати аврупоӣ мебуд, ман бо ҷону дил ин амали вайро ҷонибдорӣ мекардам. Лекин расму одатҳои мо ин хостаҳои духтарро дар чаҳорчӯбаи худ намеғунҷонанд. Ҳозир як ҷавони лоиқ, аз ҳама ҷиҳат таъмин, ҳамдеҳаамон талабгор аст. Худи духтар ҳам як камтар ба ӯ таваҷҷӯҳ дорад. Як маротиба насиҳат мекардед, шояд тӯй мехӯрдем.

Мард хомӯш монд. Ҷамшед пеши назар Шамидаеро, ки панҷ сол муқаддам ба наздаш омада буд, пеши назар овард. Ҳа, он вақт рӯзноманигор ба ин духтари нозанин тавсия дода буд, ки аз ҳуснаш истифода карда, шавҳари хуб пайдо кунад. Рӯзноманигорӣ пешаест, ки ҷинсият надорад, азобу машаққатро зану мард баробар мекашанд. На ҳар зане, ки мехоҳад ҳам бори оиладорӣ кашад ва ҳам журналисти хуб шавад, ба мурод мерасад. Аслан, ин гуна занони хушбахт ангуштшуморанд. Аксари занони рӯзноманигоре, ки худро ба касб бахшидаанд, ҳаёти шахсии осуда надоранд.

Он вақт Шамида суханони вайро гӯш карду иҷозат пурсида, рафт. Ҷамшед гумон дошт, ки дигар намеояд. Вале ӯ пас аз чанд вақт омад. Нигоҳи озмоишкоронаи рӯзноманигорро дида, табассум кард:

— Муаллим, ман касбро интихоб кардам.

Аз он вақт панҷ сол гузашт. Шамида оҳиста-оҳиста дар миёни доираҳои журналистӣ «ман»-и худро пайдо кард. Вале ҳанӯз ҳам барои омӯхтан вақт лозим буд, вақт...

— Агар ба ман чизе вобаста бошад, бо Шамида сӯҳбат мекунам, — бо нишони хайрбод дасти мардро фишурд.

— Вай сухани Шуморо ду намекунад, — мард табассум кард.

...Бегоҳӣ Ҷамшед Шамидаро дар истгоҳи назди корхона дид. Чун одат, бо як даст як тарафи рухсораашро пӯшонида, бо ҷавони тануманд, як каме шикамдамида, сӯҳбати гарм дошт. Дуртар мошини хориҷие меистод ва аз дари кушодааш маълум буд, ки ба ҷавон тааллуқ дорад. Аз магнитофони даруни мошин садои Манижаи Давлат баланд ба гӯш мерасид.

Духтар рӯзноманигорро дида, то баногӯш сурх шуд. Ва аз ин тағйирёбии авзои вай Ҷамшед ҳис кард, ки ба сӯҳбати ошиқона халал расонидааст.

— Аллакай домодшаванда медонад, ки кадом сароянда ба ту писанд аст. Офарин! — дасти ҷавонро сардакак фишурда, ба китфаш бо нишони таҳсин зад ва зуд аз онҳо дур шуд.

Субҳи дигар Шамида се маротиба пайиҳам дар иҷрои супориш хато кард ва Ҷамшед ба хашм омада, вайро даъват кард:

— Рав, шӯй кун. Ту дигар на ҳуш дорӣ, на ақл. Дар вақташ туро огоҳ карда будам, ки беҳуда ҷон накан, ҷойи ту кунҷи гаҳвора, на пешаи рӯзноманигорӣ.

Духтар талх гирист, зеро ин суханонро рӯзноманигор дар назди чанд ҳамкори дигар гуфт ва онҳо бо нишони истеҳзо ба Шамида нигаристанд.

Қариби бегаҳ духтар назди Ҷамшед даромад.

— Муаллим, ман аз кор равам?

— Ҳа.

— Ягон роҳи дигар нест?

— Нест ва намешавад. Худатро ҳам гаранг накуну маро ҳам.

Ашкҳои шашқатори Шамидаро дида, каме нарм шуд:

— Ариза навис барои рухсатии бемӯҳлат. Баъд мебинем.

Баъди ду ҳафта Шамида даъватномаи тӯй овард. Ҷуръат накард, то онро шахсан ба Ҷамшед диҳад. Рӯи миз гузошту рафт. Рӯзноманигор як ба он назар дӯхту сӯе ҳаво дод. Ба тӯй ҳам нарафт. Аслан, ҳавсала надошт ба тӯйравӣ. Вале рӯзи дигар падари Шамида дастурхони калоне овард:

— Медонам, ки серкор ҳастед. Ин насибаи шумо.

Дастурхонро ҳам ҳатто накушод. Ба ҳамкорон дода, эълон кард:

— Метавонед имрӯз ошхона наравед.

Ана ҳамин Шамида ҳоло соҳибписар шудааст. Шавҳараш субҳи барвақт дар идора пайдо шуд:

— Муаллим, бо хоҳиши Шамида номи тифлро Ҷамшед гузоштем.

— Содда! — талх табассум кард рӯзноманигор, аммо ваъда дод, ки ҳатман ба таваллудхона меравад.

***

Ҳарчанд Шамида Ҷамшедро бо чеҳраи шукуфон пешвоз гирифт, аммо дар умқи чашмонаш пардаи ҳузн соя меафканд. Ба рӯзноманигор ин ҳолати рӯҳии шогирдаш ошно буд. Дар ин ҳол вай то бегоҳ хандаи сохта ба лаб рӯз кӯр мекард ва ҳини хона рафтан устодашро танҳо пайдо карда, ба сухан медаромад:

— Муаллим, як мушкил дорам... — ва чашмони зебояшро ба нуқтаи номаълуме дӯхта, қисса мекард.

Ин бор ҳам ҳини гусел ба шавҳараш нигоҳи маънидоре кард, аммо вай гуё чизеро дарк накарда бошад, натанҳо онҳоро танҳо нагузошт, балки фармонфармоёна садо баланд намуд:

— Ман муаллимро гусел менамоям.

Ҷамшед базӯр эҳсосоташро ба даст гирифт. Агар ин Шамидаи пешина мебуд, яқин ба мард сухани обдоре мегуфт. Вале дар ин ҳол ногаҳон дарк кард, ки чаро ин қадар ба шавҳар баромадани шогирдашро дарднок қабул кардааст. Охир, ӯ дигар натанҳо фармонбардори каси дигар мебошад, балки дар зиндагиаш Ҷамшед дигар чун як дарбеҳи ночаспон менамояд.

Шамида ба шавҳараш дигар аҳамияте надода, бо эҳсос ба нақл шурӯъ кард:

— Дина зани ҷавонеро оварданд. Чун фарзанди аввалаш буд, бо душворӣ таваллудро паси сар кард. Хуни зиёд рафт. Соати ёздаҳи шаб писар ба дунё омад. Бародаронаш аз куҷое хун ёфта оварданд. Вале ҳангоми хунгузаронӣ хоби ҳамшираи шафқат мебарад ва ҳавои зиёд ба раги зан ворид мешаваду мемирад.

Шамида хомӯш монд. Ҷамшед номуайян даст афшонд. Аниқтараш, бо ин ишора гуфтанӣ буд, ки «ин гуна ҳодисаҳо, бадбахтона, зиёд рух медиҳанд».

Вале шогирдаш якбора садояшро баландтар кард:

— Медонед-чӣ муаллим, ҳамшираҳои шафқат мегӯянд, ки гӯё вай чанд вақт пеш тилло ёфта будааст...

— Чӣ? — рӯзноманигор қариб баланд хандида буд. — Тилло? Аз куҷо? Шояд аз ҷазираи ҷавоҳирот тиллоҳои капитан Флинтро ёфта бошад?

— Рост мегӯям. Саҳар ҳангоми мурдаро бурдан модараш ба гиребони як писараш чанг зада, «сабаби марги духтарам ту, агар духтари мардумро намекуштед, ин хел намешуд» гуфт.

— Кадом духтари мардум?

— Инашро намедонам.

— Муаллим, Шамида як каме тарсидааст. Барои ҳамин ҳарчӣ мегӯяд, — мард бо писханд ба занаш нигарист.

Зан бо нафрати ошкоро ба шавҳараш ҷавоб дод:

— Натарс, ман дигар ба кор баромаданӣ ҳам нестам ва ҳунаре ҳам надорам, ки чигили ин гуна кушторҳои номаълумро кушоям.

Ҷамшед дид, ки зану шавҳар ҷанҷол бардоштаниand, зуд ба байн даромад:

— Шавҳарат туро эҳтиёт мекунад. Ин эҳтиёткорӣ нишони дӯстдорист. Ман кӯшиш мекунам, ки фаҳмам, шаб чӣ воқеа рух додааст. Алҳол ту ором бош.

****

Ҳанӯз рӯзноманигор аз дарвозаи таваллудхона берун нашуда буд, ки садои ноошное баланд шуд:

— Ҷамшед!

Пас гашт. Рӯ ба рӯяш духтари зебои либоси сапедпӯше меомад. Ҳарчанд симои вай ошно менамуд, аммо ҳеҷ ба ёд оварда натавонист, ки ин чеҳраро дар куҷо дидааст.

— Нашинохтед? Ман ҳамшираи шафқат Ситора, аз қиссаи детективии шумо «Вақте орзуҳо мемиранд». Ёд доред?

Ҷамшед сурх шуд. Ҳа, ин ҳамон духтаре, ки дар кушодани асрори марги ҳунарманди ғӯрамарг Шаҳром кӯмак карда буд.

— Салом! Дар ин ҷой чӣ кор мекунӣ? — табассуми зӯракие кард рӯзноманигор.

— Донишҷӯи соли дуюми Донишгоҳи тиббӣ ҳастам.

— Ду сол боз дар ин шаҳр ҳастӣ, вале ақалан як бор занг назадӣ...

— Ман ваъда карда будам, ки дигар дар зиндагии шумо пайдо намешавам. Ҳарчанд қариб ҳар як қадаматонро медонам. Шогирдатонро хабар гирифтед?

— Ҳа. Таваллуд кардааст.

— Духтараки хуб, фақат як айб дорад. Ҳоло ҳам девонавор корашро дӯст медорад. Ҳатто бештар аз шавҳараш.

— Хайр, вақт дошта бошӣ, ба идораи мо ҳам як назар афкан.

— Не, ба идорааатон намеравам, вале агар қабул кунед, бегоҳ шуморо ба ресторани дӯстдоштаатон, ба «Канд» даъват мекунам — духтар табассуми зебое карду илова намуд: — Аз ҳисоби ман, беташвиш бошед.

Ҷамшед як лаҳза дудила шуду баъд бепарвоёна ҷавоб дод:

— Қабул. Соати шаши бегоҳ дар «Канд» вомехӯрем.

***

Ҳарду хомӯш, гуё чун ду каси бегона рӯ ба рӯйи ҳам менишастанд. Касе ҷуръат надошт аввалин шуда, сухан оғоз кунад. Ниҳоят Ҷамшед оҳи сарде кашиду қадаҳҳоро пур карда, нимтабассум кард:

— Пас аз ин қадар дуриву ҷудоӣ...

— Хоҳиш мекунам, давомашро нагӯед. — қотеъона гуфт Ситора.

— Чаро?

— Барои чӣ ман муддати ин ду сол натавонистам касеро дӯст дорам? Чаро наметавонам шуморо фаромӯш кунам? Медонед? — духтар аз зери чашм ба ҳамсӯҳбаташ нигарист.

— Не. Ростӣ, дар ин боб фикр ҳам накардаам.

— Баъди он мулоқоти аввалину охирин ман ба худ қавл додам, ки ҳатман дигар шуморо ба ёдгӯшаҳои ғамангези даврони ҷавонӣ месупорам. Вале ҳодисае сабаб шуду меҳри ман нисбати шумо садчанд афзуд.

— Шояд надонӣ, ки ман назди мулло рафта будам? — шӯхиомез гуфт Ҷамшед.

Духтар гӯё ин ҷумларо нашунида бошад, боэҳсос ба суханонаш давом дод:

— Хоҳарам Ҳабиба аз ман дида зеботар, ҳушёртар буд. Талабгори зиёд дошт, вале орзу мекард, ки аввал ба донишкадае дохил шавад, таҳсил кунад, баъд хонадор шавад. Аммо ҳангоме дар синфи ёздаҳ мехонд, ба як ҳаромзода ошиқ шуд. Намедонам, вай бо чӣ дили хоҳарамро ёфт, вале новобаста ба он, ки қариб даҳ сол калон буд, ба ҳама писанд буд. Ҳатто ман ҳам ба афсонаҳои ошиқонаи вай бовар мекардам. Лек тавре мегӯянд: «омад ба сарам, аз он чӣ метарсидам». Вай натанҳо зану чор фарзанд доштааст, балки Ҳабибаро ҳомиладор карду ғайб зад. Ҷустуҷӯйҳои ман беҳуда буданд, гӯё ба кадом гӯшаи Русия рафта буд. Ҳарчанд хостам хоҳарам кӯдакашро исқоти ҳамл кунаду он нохалафро фаромӯш созад, нашуд. Субҳе Ҳабибаро дар ҷойгаҳи хоб наёфтам. Тамоми ҷойро кофтем. Ниҳоят, аз оғилхонаи вайронаи бесоҳибе пайдо кардем. Худро овехтааст. Ҳатто дар рӯ ба рӯи марг ҳам хоҳарам нахост аз нишони ишқи ҷавонмаргаш — кӯдаки шашмоҳа ҷудо шавад. Мо дар як тобут ду касро гӯронидем. Ҳам орзуи духтари покдоманеро, ҳам нишони ҳаромзодаи номардеро.

...Баъди ин ҳодиса ба худ наомадам. Хона маро мегазид, ҳар нақш нишоне аз хоҳари ғӯрамаргам буд. Тоқат накардаму омадам ба Душанбе. Ду сол боз дар ин ҷой ҳастам...

Духтар лаҳзае сукут варзиду баъд ба суханаш идома дод:

— Чаро хоҳиш кардам, то давоми шеърро нахонед? Медонед, мисраи дигараш чист?

— Ба номи Худо, не, — Ҷамшед аз ин ҳодисаи ғамангез як каме гирифтахотир посух дод. — Ман фақат ҳамин як мисраъро медонам.

— Давомаш, «Биё то қадри ҳамдигар бидонем» аст. Ман намехоҳам шумо дурӯя бошед, мехоҳам, то ҳастам, ишқи шумо дар қалби ман бошад, вале ҳаргиз аз ин сӯиистифода накунед.

Ҷамшед бо нияти дигар кардани мавзӯъ ва бо ишора ба он, ки «ин гуна мусибатҳо кам нестанд», пурсид:

— Вай зани дишаб таваллудкарда ҳам сияҳбахт будааст. Мегӯянд, ки бо гуноҳи ҳамшираи шафқат аз дунё гузашт.

Ба назари Ҷамшед чунин намуд, ки Ситора хаёле ба худ ларзид. Аммо оромона, бепарвоёна даст афшонду посух дод:

— Ин хел ҳодиса зиёд мешавад. Нодираи ҳамкорамон ҳангоми хунгузаронӣ хобаш мебарад. Ҳавои холӣ ба раги хунгард зиёд ворид мешаваду мемирад. Мегӯянд, ки тилло ёфтааст ва бояд бо ягон баҳона аз дунё мегузашт.

— Ту ба ин афсонаҳо бовар дорӣ? — озмоишкорона пурсид Ҷамшед.

— Шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад.

— Чаро ту нисбати ин зан ин қадар бераҳмона ҳарф мезанӣ? Шояд касе ҳам нисбати хоҳари ту бо чунин лаҳн сухан гӯяд.

— Ин гуна одамро зинда намегузорам, — хунсардона гуфт Ситора, — барои он бе дилсӯзӣ мегӯям, ки вай хоҳари ҳамон ҳаромзода будааст. Ба хуни хоҳарам хун. Инро ҳамин саҳар, ҳангоми мурдаро бурдан, фаҳмидам. Вай ҳамон ҷой буд.

— Барои гуноҳи каси дигар шахси сеюмро гунаҳгор донистан кори хуб нест, — андешаманд, бо овози паст ҷавоб дод Ҷамшед.

— Магар вақти бархостан нашуд? Ман дина навбатдор будам, хоб дорам — якбора бо оҳанги сард гуфт Ситора.

Онҳо ҳамин тавр, бе ягон ҳарфи дигар, бо сарҷунбонӣ хайрухӯш карданд. Ҷамшед эҳсос мекард, ки миёни онҳо ҷарии бетаге пайдо гардидааст, вале сабаби аслии ин сардиву ҷудоӣ кӣ ё чӣ буд, ҳанӯз чизе гуфта наметавонист.

***

Субҳ, занги тилфони Шамида Ҷамшедро аз хоб бедор кард:

— Муаллим, он зани вафоткарда, ки Гулнисо ном доштааст, воқеан ҳам ҳангоми киштукор дар ҳудуди замини барои кофтукоби археологӣ ҷудошуда, дар деҳаи Шоддараи ноҳияи Заркент як кӯзача тилло меёбад. Онро ба шавҳараш нишон надода, ба назди бародаронаш мебарад. Ин ҷо қиссаи як куштори дигар ҳаст — овози Шамида аз эҳсоси дарунӣ меларзид.

— Ҳозир меравам, — хоболудона ҷавоб доду бархоста, либос пӯшид ва саросема дасту рӯй шуста, сӯйи таваллудхона давид.

***

Сардухтур ба саволҳои Ҷамшед бо қавоқи овезон ҷавоб медод:

— Мо ин ҳодисаро санҷидем. Воқеан ҳам, ҳангоме хунгузаронӣ тамом шуд, бемор намемирад. Аммо Гулнисо беҳушона дасташро мекашад ва найча канда шуда, ҳавои зиёд ворид мешавад.

— Найча ки канда шуд, шояд асбоби хунгузаронӣ чаппа шуда бошад?

— Бале. Асбоб чаппа шуда, ҳатто чойники дар болои миз бударо мешиканад.

— Ва он ҳамшираи шафқат ҳатто аз ин садо бедор намегардад?

— Не... Хайр, ака, ҳамшираро аз кор пеш кардем барои хунукназарӣ, боз чӣ кор кунем?, — бо зарда посух дод сардухтур.

Ҷамшед ҳарфе назаду ба ҳуҷраи Шамида рафт.

— Кадом шахсе ҳарф заданро дар бораи Гулнисо ба тамоми духтурону ҳамшираҳои шафқат манъ кардааст. Ҳама тарсида сухан мекунанд. Кадом асрори даҳшатноке ҳаст ин ҷо. Мегӯянд, ки янгаи занро як ҳафта пеш кушта, ба дарё партофтаанд.

Ин лаҳза шавҳари зан ба ҳуҷра ворид шуду рӯзноманигорро дар ин субҳи барвақт дар назди занаш дида, чеҳрааш дигар шуд. Вале

чизе нагуфту сард салом дод. Ҷамшед ба ин муносибат аҳамияте надода, аз дар баромад.

Ситора ҳанӯз наомада буд. Рӯзноманигор пушаймон шуд, ки рақами тилфони вайро нагирифтааст. Вақте аз ҳамшираи навбатдор кай омадани ӯро пурсид, маълумоти аҷоиб дод:

— Шаб занг зад, ки коре пайдо шудааст ва ба зодгоҳаш, — ноҳияи Заркент меравад.

Вақте ба идора омад, то бо ҳамкорон хайрухуш карда ба деҳаи Шоддара равад, боз Шамида занг зад:

— Муаллим, бароятон тааҷҷубовар нест, ки шавҳари ман ҳам ба Заркент рафтанист? — Ва бо оҳанги тарсолуд суханашро идома дод: — Худро эҳтиёт кунед...

***

Ҷамшед аввал ба коргоҳи ҳамсараш рафт. Нӯшофарин баъди ба таври мухтасар ошно шудан бо ҳодиса ғайричашмдошт ба илтиҷо даромад:

— Наравед, илтимос. Дили ман аз кадом пешомади баде гувоҳӣ медиҳад. Бачаҳоятонро фикр кунед. Охир, писари калониамон имрӯз зодрӯз дорад.

Аммо рӯзноманигор чун одат якравӣ кард:

— Ман ба боғча рафта, кӯдакро табрик мекунам. Парво накун, кай боз чизи ҳалоле нанавиштаам, детективи олиҷаноб мешавад. Хавотириат аз ҳисоби Ситора бошад... — Ҷамшед чашмакӣ зад: — ин бор вайро бе армон гузоштан, гуноҳ аст.

— Бало ба паси Ситора. Ин гуна номаъқулиҳоро бори аввал намекунед, фақат ба бахти бади ман, ба даст намеафтед.

— Ба қавли русҳо «Не пойман, не вор», — ханда заду Нӯшофаринро бо ишора хайр гуфта, сӯйи хона рафт, то сумкаи сафариашро гирад.

Дар боғча бошад, писари калониаш ба тӯҳфаи падараш ғамгинона нигаристу гуфт:

— Очам мегӯяд, ки зани падарат кор, модари падарат кор, хоҳари падарат кор. Ин бегоҳ равам, мегӯям, ки бачаи падарам ҳам кор...

Ҷамшед баланд хандида, кӯдакро оғӯш карда, дар ҳаво чарх занонд ва хайрухуш кард.

Вақте ниҳоят бо писари хурдиаш ҳам, ки мошинчаи падараш овардаро хурсандона гирифта, хабари рафтанашро ҳатто эътиборе ҳам надод, худоҳофизӣ кард, ақрабаки соат ба 13 - и рӯз наздик мешуд.

Дар беруни боғча мошинеро бо нишонии такси дида, хурсандона ба он нишаст. Як лаҳза дар дилаш шубҳа пайдо шуд:

— Дар ин ҷой таксиро ягон бор ҳам надида будам. Дар шаҳр бошад, қариб ягон ронандаи такси бо рақами мошинҳои вилояти Суғд «02» намегардад.

Вале, бадбахтона, ин шубҳаи зудгузар буд. Ронанда гӯё хавотирии мусофирро ҳис карда бошад, гуфт:

— Ман аслан ба ноҳияи Заркент рафтанӣ будам. Ду мусофири дигар дорам. Нафари сеюмро бояд аз назди боғча мегирифтам, то ҳол интизор шудам, наомад.

— Аҳҳа! Агар мусофиронатон тайёр бошанд, пас ҳамсафар мешавем. Ман ҳам ба Заркент рафтанӣ.

— Ба куҷои Заркент? — гуё дар омади гап бошад, пурсид ронанда.

— Ба Шоддара.

Ҷамшед надид, ки чӣ гуна табассуми хунук дар лабони ронанда шукуфт...

***

Ҳангоме дар дибонгоҳҳои назоратӣ бо даҳ сомонӣ поён шудани ронанда ва баъди ин қадар пул гирифтан умуман ба ҳуҷҷатҳои мошину мусофирон аҳамият надодани кормандони БДА, монандии зоҳирии ҳарду мусофир ба ронанда дар дили Ҷамшед шубҳа бедор кард, дер шуда буд. Дар наздикии Ҳиддеҳи ноҳияи Варзоб ронанда бо кадом баҳонае мошинро манъ кард. Рӯзноманигор барои сигоркашӣ пойин шуду ба манзара дида дӯхт. Ин минтақае буд, ки чанд сол муқаддам Шаҳром худкушӣ карда буд! Чунон хаёлашро хотираҳои он айём бурд, ки надид, чӣ гуна мусофири тоқии сафед пӯшида аз қафо бо оҳани дароз омада, ногаҳон ба сараш зад. Рӯзноманигор хам шуду ронанда аз пеш бо лагад фаровард. Чашмонаш сиёҳ заданд. Дар дастони кадоме корд дурахшид. Касе ба банди пойҳояш бо оҳан фаровард. Дар банди дилаш сӯзиши сахтеро ҳис карду дар дастонаш гармии хунро.

— Ҷойи марги Шаҳром. Замоне орзу доштам, ки дар оғӯши чунин зебоӣ бимирам — аламнок аз дил гузаронид. — Вале Шаҳром медонист, ки барои чӣ мемирад, аммо ман сабаби маргамро надониста, меравам.

Пеш аз он, ки тамоман аз ҳуш равад, аранге садои ронанда ба гӯшаш расид:

— Тез ба ҷарӣ партоед, ки кадом мошине аз қафо меояд.

***

Сардори шӯъбаи кофтукоби ҷиноят, полковник Шоҳин Азизов ва муфаттиш Амонов дар назди дари хонаи Ҷамшед лаҳзае таваққуф карданд. Аз дарун садои хандаю бозии кӯдакон ба гӯш мерасид.

— Нӯшофаринро ҷеғ зада, воқеаро мефаҳмонем ва баёноташро мегирем, — гуфт Амонов.

— Агар чунин кунӣ, новобаста ба он, ки аз ман калонтар ҳастӣ, як тир ба пешониат мезанам, — хунсардона ва бо хашм посух дод Азизов, — кӯдакон чӣ гуноҳ доранд, ки айши онҳоро талх мекунӣ?

— Охир, падари онҳо дар лаҳзаи ҷонканӣ аст, бигзор пеш аз марг як бор чеҳраи гармашро бубинанд, — як қадар тарсолуд ҷавоб дод муфаттиш.

— Агар Ҷамшед ҳангоми ҷарроҳӣ вафот кунад, дон, ки Шоддараат ҳамин шаб ба гӯристон бадал мешавад.

— Пас, чӣ кор кунем?

— Ман барои зодрӯзи кӯдак тӯҳфа гирифтам. Гӯё ба табрик омадем, дигар ҳеҷ.

Агар Амонов аз феълу атвори Азизов бехабар мебуд, агар намедонист, ки вай домоди «шеф» аст, агар аз меҳри зиёди ӯ ба Ҷамшед огоҳӣ намедошт, он гоҳ шояд кор ранги дигар мегирифт. Лекин ҳоло чун кӯдак итоаткорона хирсаки калонеро аз дасти вай гирифту занги дарро пахш кард.

Нӯшофарин дар оғоз хавотиромез ба ҳардуи онҳо нигарист, вале тӯҳфаи онҳоро дида, хиҷолат кашид:

— Биёед, биёед. Ҷамшедро кори заруре пеш омаду ба Заркент рафт.

Хона пур аз меҳмон буд. Додари калонии Ҷамшед зуд дар назди меҳмонон тамоми нуқлу анворо муҳайё кард. Аз гулӯи Амонов чизе намегузашт ва ӯ бо ҳар баҳона аз зан, ки ҳамсабақаш буд, дар бораи ба куҷо ва чаро рафтани шавҳараш мепурсид, Азизов бошад, бепарвоёна бо кӯдакон сӯҳбат мекард.

— Баъд ту напурсидӣ, ки маро ҳам бубар, тамошо карда биёям? — кӯдаки калониро ба оғӯш гирифта, бо ӯ гарм сӯҳбат мекард полковник.

— Не, вай мошинча овард, баъд бо як мошини такси рафт.

— Такси?

— Ҳа, таксии сурх. Як марди ришаш сафед сумкаи дадама дар пушти мошин монд. Холаам ҳам дид. Дадам ба холаам пули моҳонаро дод, вай бо дадам то беруни боғча рафт.

— Нӯшофарин, ин кӯдакат, ба фикрам, нисбат ба ту холаашро бештар дӯст медорад. Ҳама гапаш дар бораи хола, — хандид полковник ва гӯё дар омади гап пурсид: — Вай холаи нозанинат чӣ ном дорад?

— Содиқова Салима Худойиевна — кӯдак бо овози бурро посух доду ҳама хандиданд.

Баъди чанд лаҳзаи дигар ҳарду муфаттиш хайрухуш карда, берун баромаданд.

Шоҳин баробари аз хонаи Ҷамшед дур шудан тариқи тилфони дастӣ бо кормандонаш тамос гирифта, супориш дод, ки таъҷилан мураббияи боғча Содиқова Салимаро ба маҳалли кор оранд.

— Ба мудири маорифи ноҳия занг зада, суроғаи мудири боғчаро пайдо кун. Вай бароят Содиқоваро аз таги замин бошад ҳам, ёфта медиҳад.

Баъди ин ба беморхонаи Қарияи боло занг зада, бо касе сӯҳбат карду ба Амонов гуфт:

— Ҷони Ҷамшед ҳоло дар рӯйи қил. Ба болои захми корд як пояшро шикастаанд ва сараш зарбаи сахт хӯрдааст. То ҳол беҳуш мебошад.

Баъди ин гунаҳгорона табассум кард:

— Барои дағалӣ маро бубахшед, вале мо ҳуқуқи маънавӣ надоштем, ки зодрӯзи тифли бегуноҳро ба мотам табдил диҳем.

— Ҳар маълумоте, ки Ҷамшед дар мавриди сафараш ба Шоддара ба Нӯшофарин додааст, ман фаҳмида гирифтам. Ҳозир, мо бояд бо сардухтури таваллудхона ҳам сӯҳбат кунем. Оғози ришта аз ин ҷост, — посух дод Амонов, гӯё узрхоҳии Азизовро нашунида бошад.

— Занг занам? — пурсид Шоҳин.

— Ҳанӯз пеш аз ба хонаи Ҷамшед омадан ман супориш дода будам, то сардухтурро пайдо кунанд. Моро дар утоқи кории ту мунтазир аст. Ҳамчунин аз дидбонгоҳи ноҳияи Айнӣ бояд дар мавриди он мошин ва мусофирон аз рӯйи нишондоди ронандаи Ҷамшедро оварда, маълумот расида бошад.

— Пас, ба ҷойи кор меравем? — пурсид полковник ва муфаттиш бо нишони тасдиқ сар ҷунбонид.

***

Ҳангоме Шоҳин Азизов ва Амоновро профессори ҷарроҳ ниҳоят ба назди Ҷамшед роҳ дод, соат 12 - и рӯзро нишон медод. Рӯзноманигор ончунон дар оғӯши бандҳои сапед печида буд, ки дар аввал ҳарду меҳмон хиҷолатомез ба якдигар нигаристанд. Вале садои чун ҳамеша ороми Ҷамшед онҳоро аз ин ҳолати ногувор раҳо сохт:

— Ба фикрам, аз ин вазъияти ман истифода бурда, ин бор Амонов пешдастӣ мекунад.

Амонов табассуме карду пурсид:

— Қуввате дорӣ, ки бо мо сӯҳбат намоӣ? Мабодо, саломатиат бадтар шавад...

— Ман як соат боз бо тилфон гап мезанам. Аслан, ту чӣ маълумоте дорӣ, барвақт ман медонам. Метарсам, ки ин бор ҳам зиёфат аз ҳисоби ту мешавад.

— Шумо сиҳат-саломат бархезед, як зиёфат не, панҷ зиёфат тани ман, — хушҳолона ба гуфтугӯи дӯстони дерина ҳамроҳ шуд Азизов. — Ба номи Худо, агар ягон воқеаи нохуш рух медод, Шоддараро ба хок яксон мекардам.

— Хуб, биё Ҷамшед, қартаҳоро кушоем, — Амонов ба курсӣ нишасту папкаашро боз кард. Шоҳин дар кати холии рӯ ба рӯйи бемор нишаст:

— Сароғози ҳама фоҷиа, аниқтараш, маркази ин ҳодисаи шум ҳамон таваллудхона аст. Ту аз Шамидаи ҳамкорат, ки нав таваллуд кардааст, дар бораи зани шаби гузашта бо гуноҳи ҳамшираи шафқат ҳалокшуда шунидӣ. Бегоҳ бо як ҳамшираи шафқат дар ин боб сӯҳбат доштӣ. Мо он ҳамшираи шафқатро пайдо накардем, вале аз рӯйи гуфтаи Нӯшофарин, аз ин сӯҳбат бароят ҳамин қадар рӯшан шуд, ки хоҳари Ситора бо гуноҳи бародари Гулнисо — зани дар таваллудхона вафоткарда худкушӣ мекунад. Далели пайвандӣ доштани ин ду фоҷиа алҳол тасдиқ нашудааст. Ситора ягон маротиба ба ҳуҷраи Гулнисо он шаб намедарояд. Ин далелро беморе, ки Ситора нигоҳубин мекард ва аз зӯрии дард тамоми шаб мижжа ба ҳам наниҳодааст, тасдиқ кард. Субҳи дигар, баъди занги Шамида, ту ба Заркент равона шудӣ. Аз ин сӯҳбати тилфонӣ ба мо ҳамин қадар маълум шуд, ки гӯё Гулнисо чанд муддат пеш ҳангоми киштукор тилло ёфтааст. Тамоми кормандони шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Заркент хонаҳои деҳаро кофтаву пурсуков карданд, вале касе на дар мавриди тилло шунидааст, на аз ин воқеа хабар дорад.

Ту ба такси нишастӣ, то ба Шоддара равӣ. Таксиро мо пайдо кардем. Онро ҳамон субҳ, соатҳои тахминан даҳ, як шахси номаълум аз сокини вилояти Суғд бо нархи ду баробар зиёд мехарад. Мошинро тахминан се километр болотар аз минтақае, ки ба ту сӯйиқасд карданд, пайдо намудем. Ронанда онро ба ҷарӣ

партофта, бо мусофирон ғайб мезанад. То ҳол онҳоро мо пайдо накардаем.

— Мошин дар ҷарӣ, ман дар беморхона, ронандаву бародаронаш дар Русия мардикорӣ мекунанд, — пичинг зад Ҷамшед. — Шояд ман худро дар хоб ба чунин ҳол гирифтор карда бошам?

— Бародарон? — Инро чӣ гуна исбот мекунӣ?, — гӯё пичинги рафиқашро нашунида бошад, пурсид Амонов.

— Ё ҳар се бародар буданд ё хешовандони наздик, — қатъӣ гуфт Ҷамшед, — ба якдигар сахт монанд буданд.

— Таксиро мураббияи боғча, харидори мошинро он сокини вилояти Суғд, фурӯшандаи мошин дидаанд. Аҷиб он ки такси баробари ба боғча даромадани шумо пайдо мешавад. Шояд дунболагирӣ мекард? — Шоҳин луқма партофт, — Ҳамчунин ронанда ва духтараки мусофире, ки дар таксии қафо меомаданд ва шуморо то ба беморхона оварданд, саҳнаи сӯйиқасдро рӯшан дидаанд. Ронанда тарсида, мехоҳад қафо гардад, вале духтар мегӯяд, ки онҳо ҷанг не, сӯҳбат доранд. Баробари наздик омадани онҳо шуморо ба ҷарӣ мепартоянду мегурезанд.

— Кӣ вай духтар? Куҷост? Чӣ ном дорад? — хаёлолуд пурсид Ҷамшед.

— Худро Шоиста Кабирова муаррифӣ кардааст. Муттаассифона, вайро дигарон бозпурсӣ карда, ҷавоб додаанд. Ман ба пурсукови ронанда машғул будам. Ба ҳар ҳол, суроғааш ҳаст.

— Пагоҳ мебинӣ, ки дар он суроға касе зиндагӣ намекунад ва он духтар дар кадом бозори Русия ё шашлик мефурӯшад ё самбӯса. Ҷойи ту мебудам, ӯро ҷавоб намедодам. Сураташ ҳаст?

— Хушбахтона, ҳа — хурсандона посух дод Шоҳин, — ман одате дорам, ки ягон нафар шоҳидро то сураташро нагирам, ҷавоб намедиҳам.

Полковник аз папкаи дасташ суратеро гирифта, ба рӯзноманигор дароз кард. Ӯ ва Амонов бодиққат ба чеҳраи Ҷамшед нигаристанд. Рӯзноманигор ба акс нигоҳи сарде афканду зери лаб гуфт:

— Медонистам, ки ҳамон аст.

Амонов зуд бо тилфони дастӣ рақам чиду фармон дод:

— Шоҳид Кабироваро таъҷилан пайдо кунед.

— Ӯро намеёбӣ, Амонов. Намеёбӣ. Ваъдаи зиёфатро деҳ, аз баъзе қонуншиканиҳои ман чашм пӯш, асрори ин моҷароро дар байни ду рӯз кушода медиҳам.

— Парванда зери назорати худи генерал аст, — ба Шоҳин нигариста, ғур-ғур кард вай, — ягон хел кӯмак расонида наметавонам. Агар гуноҳ дошта бошӣ, ин бор ҷавоб медиҳӣ, дӯстам.

— Домоди генерал Ҷунайдов наметавонад ёрӣ расонад? — озмоишкорона ба Шоҳин нигарист рӯзноманигор.

— Агар гуноҳи вазнин набошад, ҳал мекунем, — посух дод полковник.

— Ба хотири Шоҳин, ки нахост кӯдакони маро дар мотам гузорад ва ҳам ваъдаи зиёфатро дод, сабаби аслии ин силсилафоҷиаҳоро мекушоям, — ҳузнангезона табассум кард Ҷамшед. — Шумо чанд хатои нобахшиданӣ кардед.

Якум, маркази фоҷиа таваллудхона не, балки қабри зани соҳиби чор кӯдаке аст, ки як ҳафта муқаддам аз ҷониби шахсони номаълум кушта шуда, ба дарё партофта шуда буд. Ин далели куштор баъди даҳони эксперти судиро бо пул бастани қотилон чун худкушӣ муаррифӣ гардид.

Дуюм, шумо ба таври таъҷилӣ бояд ба Шоддара мерафтед. Аллакай зери ҳимояти бевоситаи генерал Ҷунайдов, ки аз тамоми қазия ӯро ман телефонӣ хабардор кардам, чанд нафар журналист

якҷоя бо кормандони шӯъбаи кофтукоби ҷиноят дар ноҳия кор мебаранд ва ҳар соат аз натиҷаи тафтишот маро огоҳ мекунанд.

Саввум, нафареро, ки бисёр чизро медонист ва шоҳиди бевоситаи як куштор ва як сӯйиқасд буд, намедонам бо кадом сабаб, ҷавоб додаед. Дили ман гувоҳӣ медиҳад, ки вай ҳам дар Шоддара аст. Ман духтареро дар назар дорам, ки маро ба беморхона оварда. Вай Ситора, ҳамшираи шафқат дар таваллудхона аст ва аз оғоз то анҷом аз ҳодиса хабардор мебошад.

Чорум, қотилони ду зани аввал ва сӯйиқасдкунандагон яқин дар Шоддара ҳастанд ва шоҳид ҳам доранд, ки чанд рӯз боз аз деҳа берун нарафтаанд. Танҳо нестанд ва шояд як ё якчанд нафар харидорони тилло ҳам бо онҳо бошанд.

Ман бовар дорам, ки ин кушторҳо ва сӯйиқасд ба дасти як гурӯҳ анҷом ёфтааст ва ин гурӯҳ пуштибонони қавӣ аз марказ дорад.

Панҷум, агар бемалол бошад, барои ман посбон гузоред. Чун чеҳраи он се нафар барои ман ошност, гумон меравад, ки ба «зиёрат» — и ман бармегарданд.

— Куштор ва қасди куштор! — баланд хитоб кард Шоҳин, — ва ин ҳама барои тиллое, ки касе намедонад дар куҷост.

— Асрори тилло дар ҳамон қабри аввал нуҳуфтааст. Танҳо ҷасади ин модари чор кӯдак медонад, ки тилло дар куҷост. Агар қаброо кушоянд... — ин лаҳза тилфони дастии Ҷамшед занг зад ва ҳарду ҳамсӯҳбати дигар равшан диданд, ки чӣ тавр баъди сӯҳбат ранги рӯзноманигор канд. Вай гӯширо монду аз Шоҳин пурсид:

— Азизов, ту китоби «Ҷазираи ҷавоҳирот»-ро хондаӣ?

— Дӯстдоштатарин асар барои ман аст, — посух дод полковник.

— Он ҷой як шеъри аҷиб, шеъри роҳзанҳои баҳрии тиллоҷӯй ҳаст:

Назди сандуқи мурда ситода понздаҳ нафар,

Ё хо-хо, як шиша ром.

Бинӯш, ки то охир туро иблис бувад ёвар,

Ё хо — хо, як шиша ром.

Медонед-чӣ? Мурдаи он зани соҳиби чор кӯдак дар қабр нест. Бовар мекунед? Ҷасад ғайб задааст! Касе бовар кардааст, ки тилло дар шиками мурда мебошад, — Ҷамшед якбора ба ханда даромаду аз пайи захми корд, ки болотар аз қафаси синааш буд, хун докаи сафедро арғувонӣ намуд. Профессор давида даромад ва бо ишораи даст ҳарду муфаттишро берун кард...

***

Ҳангоме Амонов ва Азизов бо мошини хидматӣ бо суръати баланд ба Шоддара ворид шуданд, як гурӯҳ рӯзноманигорон савори машинаи боркаш аз деҳа мебаромаданд.

— Мо дер кардем, дер. Ҷамшед дар ҳамин ҳол ҳам аз мо пешдастӣ кард. Ин рӯзноманигорон беҳуда тарки деҳа намекунанд. Маълум мешавад, ки дигар ҳама чиз маълум аст.

— Агар нигоҳ дошта, бозпурсӣ кунем-чӣ? — савол дод Шоҳин.

— Рӯзат сиёҳ мешавад. Ҳуҷум ба озодии сухан, поймол кардани ҳуқуқи журналистон ва даҳҳо сияҳномаҳои дигар як сол аз саҳифаҳои рӯзномаҳо канда намешавад, — бо нафрати ошкоро гуфт Амонов.

— Хато мекунӣ. Касе намедонад, ки тилло дар куҷост. Аммо, ман медонам — ғолибона гуфт полковник, — қабри хоҳари Ситора, — ҳамшираи шафқатро бояд кушоем. Мантиқан, ӯ ҳам қурбонии тилло шудааст. Нодира, ҳамшираи шафқате, ки он шаб ба Гулнисо нигоҳубин мекард, маълумоти аҷибе дод. Рости гап, чун ман дидам, ки Ҷамшед ҳама далелҳоро рӯшан намегӯяд, дар ин боб ҳарфе назадам. Гулнисо гуё мурданашро эҳсос карда бошад, нақл мекунад, ки воқеан ҳангоми киштукор кӯзачаи пур аз ҷавоҳиротро меёбад.

Онро аз шавҳараш, ки бо вай муносибати хуб надоштааст, руст карда, ба бародаронаш бурда, медиҳад. Аз тиллоёбии хоҳар ҳамаи бародарон огоҳ мешаванд. Бародари калонӣ Самандар онро ба маъшуқааш Ҳабиба, хоҳари Ситора медиҳад. Баъди он, ки Ҳабиба аз зан доштани Самандар огоҳ мешавад, бо кадом роҳе бо зани вай рӯ ба рӯ мегардад. Дар омади гап, чун нишонаи боварии Самандар, аз тиллоҳои дар дасташбуда ёдрас мешавад. Зан аз ин қазия бародарони дигари шавҳарашро огоҳ месозад. Онҳо Самандарро таҳдид мекунанд, ки тиллоро ёфта диҳад. Самандар аз Ҳабиба илтиҷо менамояд, ки тиллоро бозгардонад, вагарна ӯро мекушанд. Вале духтар шарт мегузорад, ки танҳо дар ҳолати бо вай хонадор шудан ҷавоҳиротро бозпас мегардонад. Мард гурехта, ба Русия меравад. Зани вай аз бедарак шудани шавҳараш ба ташвиш афтода, аз карда пушаймон, боз назди Ҳабиба меояд. Ҳабиба чун мебинад, ки ба тилло ҳам наметавонад Самандарро ҷалб намояд, тиллоҳоро ба зани вай медиҳад. Баъди ин шахсони номаълум шабе Ҳабибаро аз хона ба берун мебароранд ва бурда, меовезанд. Яқин, онҳо гумон доштанд, ки тилло дар дасти Ҳабиба аст.

— Яъне ин худкушӣ набуд? Ту инро аз куҷо медонӣ? — пурсид Амонов

— Ситора дар ин бора ба Нодира гуфтааст, аммо чаро ӯ барои ҷазо додани қотилони хоҳараш кӯшиш накард, барои ман муаммост.

— Зани Самандар тиллоро шояд чун як манбаи фоҷиаву бало оварда, дар қабри Ҳабиба гӯр мекунад, вале вайро барои чӣ мекушанд?

— Шояд зан дар ин бора ба касе лаққидааст, шояд сабаби дигар бошад. Ин ҳанӯз ба ман маълум нест, — баъди дар назди мактаби деҳа истодани мошин ҷавоб дод Шоҳин.

Ду нафар милиса мошинро дида, наздиктар омаданд. Амонов сардори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияро пурсид.

— Бо панҷ нафар кормандон, ҳайати эксперти тиббӣ-судӣ ва се нафар боздоштшудагон як соат пеш баъди занги вазир ба Душанбе рафтанд, — гуфт яке аз онҳо.

— Кадом вазир? — савол дод полковник.

— Генерал Ҷунайдов, — посух дод милисаи дуввум.

Шоҳин тилфони дастиашро бо алами дарунакӣ берун оварду занг зад. Аз он сӯ садои оромонаи Ҷунайдов ба гӯш расид:

— Ба фикрам, барои ту ва Амонов дар Шоддара коре намондааст. Бархезеду таъҷилан биёед. Пагоҳ, соати ҳашти субҳ дар ҷойи кор бошед.

Азизов супориши генералро ба ҳамсафараш расониду гуфт:

— Ба ҳар ҳол, гӯри Ҳабибаро хабар намегирем?

— Фикри оқилона, — Амонов ба китфи полковник зад, — тиллоро мо меёбем.

Ва ба милиса фармуд, ки онҳоро ба деҳаи Ситора барад. Тамоми роҳ аз эҳсоси зиёд ба якдигар ҳарфе назаданд. Вақте ба қабристон расиданд, мӯйсафеди посбон ғур-ғур кард:

— Боз милиса? Боз қабр мекобед?

— Чӣ, кадоме омада буд?, — пурсид Амонов

— Субҳи барвақт сардори шӯъбаи корҳои дохилӣ бо як гурӯҳ омада, як қаброро зеру забар карданд.

— Чизеро, ки меҷустанд, ёфтанд? — озмоишкорона савол дод Шоҳин.

— Не, сардор ҳангоми рафтан аз ман пурсид, ки ягон зан ба сари қабр ба наздикӣ омада буд ё не.

— Шумо чӣ ҷавоб додед?

— Як зани ҷавони ҳомиладор рӯзе омад. Хеле сари қабр ҷунбуҷӯл кард. Вақти рафтан дар чодари сараш чизе баста буд. Тарафи ман гуфт, ки хоҳари ин духтар мешавад ва аз сари қабраш хок гирифтааст...

***

Ҳангоме ҳарду муфаттиш ҳанӯз дар назди қабристон ҳайрону лол меистоданд, мӯйсафеди хушсимои саллаи сафеди калоне ба сар, асо ба даст ба аёдати Ҷамшед омад. Ба муҳофизони пушти дар нигоҳе афканда, гуфт:

— Аз деҳа ҷиянамро хабаргирӣ омадам.

Посбонони назди дар бе ягон гумон мӯйсафеди деҳотиро роҳ доданд, то вориди ҳуҷра шавад.

— Писарам, ман як мухлиси навиштаҳои ту, — меҳрубонона ба Ҷамшед наздик шуд мӯйсафед, — фаҳмидам, ки ба чунин бадбахтӣ гирифтор шудаӣ, хеста омадам.

Духтари халатпӯше, ки дар паси дар менишаст, бодиққат ба ҳаракати вай дида дӯхт. Рӯзноманигор бошад, табассум карда, барои салом кардан даст дароз намуд. Мӯйсафед наздиктар омаду бо як чолокии ғайриодӣ асояшро бардошта, гулӯи Ҷамшедро хафа кард. Рӯзноманигор, ки қудрати муқобилият надошт, ба болишт фурӯ рафт. Духтар бархосту курсии нишастаашро гирифта, бо тамоми қувват ба сари мӯйсафед фаровард. Дастони мӯйсафед беихтиёр суст шуданду гурсосзанон ба замин афтод. Ба садои афтидани вай ҳарду посбон давида вориди ҳуҷра шуданд.

***

Субҳи рӯзи дигар Амонов ва Азизов бо супориши бевоситаи генерал боз ба беморхона ба назди Ҷамшед омаданд. Нисбат ба дирӯз бемор як каме хаста менамуд. Вале, бо вуҷуди ин, бо аввалин ҷумла ба иззати нафси Амонов расид:

— Генерал Ҷунайдов ҷойи туро ба ман пешниҳод кард. Агар аз тиллоҳои ёфтаат ягон майда диҳӣ, пешниҳодро рад мекунам.

— Агар ту журналист намебудӣ, агар ту ин қадар маккор намебудӣ, агар аз ту ҳампешагонат қаҳрамон наметарошиданд... — барои ҷумларо идома додан Амонов ба фикр рафту Шоҳин ду дасташро бардошта, хандиду сухани ҳампешаашро ҷамъбаст кард:

— Хулоса, агар ту ин қадар зӯр намебудӣ, ҳатман ба дастонат занҷир мезадам.

— Ин бор ту нақл кун, мо гӯш мекунем. Ин супориши Ҷунайдови рафиқат аст, — базӯр худро ба даст гирифта, гуфт Амонов.

— Майлаш, — аз зӯрии дард ба худ печида ҷавоб дод Ҷамшед, — ҳарчанд на ҳама лаҳзаҳои ҷиноят барои ман рӯшан аст.

— Мо пурра мекунем, — дилпурона гуфт Шоҳин.

— Аз куштори Ҳабиба оғоз мекунем. Дар он ҷузъиёти аз ҳама муҳим намерасад: кӣ шабона духтарро аз хона берун овард ва овехт? Ба ғайр аз ошиқ ин корро касе карда наметавонад. Яке аз бародарон Самандарро аз Русия ёфта меорад. Самандар ба Ҳабиба мегӯяд, ки шабона гурехта, ба Русия мераванд ва аз ин фирор ба касе лаб накушояд. Ҳабиба дар ин бора ҳатто ба Ситора чизе намегӯяд.

Шабона, баробари аз хона берун шудан, Самандар аз Ҳабиба мепурсад, ки тилло куҷост. Барои он, ки Ситора бедор нашавад, духтар мегӯяд, ки дар оғили вайронае руст кардааст. Вақте ба оғилхона меоянд, Ҳабиба бо ошиқаш ҷанҷолро мебардорад. Яъне, ту ба хотири тилло омадӣ, на ба хотири ишқ. Мард ба сари духтар мушт мебардорад. Духтар фарёд мекашад. Бародарони дигар, ки Самандарро дунболагирӣ мекарданд, духтарро зери лагад мегиранд ва буғӣ мекунанд. Ҳабиба аз зарбу лат ба худ наомада, мемирад. Маҷбур шуда, ресмоне меоранду вайро ба дор мекашанд, то чун

худкушӣ арзёбӣ шавад, — Ҷамшед лаҳзае танаффус карду Амонов пурсид:

— Агар лагадкӯб карда бошанд, бояд дар ҷисми духтар нишона мемонд. Пас, Ситора чаро ба ҷое шикоят набурд?

— Инро, беҳтараш, аз худаш пурсед, — хастаҳолона ҷавоб дод Ҷамшед.

— Тамоми Тоҷикистонро кофтем, нест, — ғур-ғур кард Амонов.

— Боз як зиёфат қарздор, — рӯзноманигор ба сӯйи духтараке, ки дар як гӯша ҳарф ба ҳарф гуфтаҳои вайро менавишт, ишора кард:

— Ҳамшираи шафқатро даъват кунед, ҳамонеро, ки дирӯз бори дуввум ҷони маро аз марг раҳо кард.

Баъди лаҳзае дар назди онҳо Ситора бо пираҳани сапед меистод. Шаклашро каме тағйир дода ба чашмонаш айнак гузошта буд.

— Мӯҳлати айнакмониат тамом шуд, ин рафиқон ба ту чанд савол доранд, — заҳрханда кард Ҷамшед.

Дар оғоз ҳарду муфаттиш бо дидани духтар лаҳзае даступо хӯрданд. Аввал Амонов ба худ омада, саволи ба Ҷамшед додаашро такрор кард.

Ситора лаҳзае хомӯш ба нуқтаи дуре нигаристу гӯё худ ба худ бошад, ба сухан даромад:

— Ман чун ҳамшираи шафқат даррав пай бурдам, ки Ҳабибаро куштаанд. Барои чӣ шикоят накардам, чанд сабаб дорад:

Аввалан, ман ба он, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин ноҳия метавонанд адолатро барқарор кунанд, бовар надорам. Адолатро танҳо пул ва қувва барқарор менамояд.

Дуввум, аз он ҳоли зоре, ки дошт, Ҳабиба мемурд, ҳам барои оила ва ҳам барои худаш беҳтар буд. Ҳарчанд ин ҳақиқати талх аст ва пазируфтанаш мушкил, вале ҳамин тавр аст, — ашк оҳиста-оҳиста

аз чашмони Ситора равон шуда ба рухсораҳои сафеду беғашаш фаромаданд.

Саввум, баъди ду рӯзи фоҷиа ду нафар маро дар кӯча боздошта, таҳдид карданд, ки агар лаб кушоям, ба номуси ман таҷовуз хоҳанд кард, — овоз дар гулӯи духтар печид.

— Шумо алҳол ҷавоб, — ба чеҳраи Ҷамшед, ки бо чашмони пӯшида рози духтарро мешунид, нигариста гуфт Шоҳин. Дур наравед, ки базӯр шуморо пайдо кардем.

Ситора берун шуду Амонов аз Ҷамшед пурсид:

— Ин кай пайдо шуд?

— Вақте шумо ба Шоддара равон шудед. Чун мефаҳмад, ки ӯро мекобанд, ба назди шумо меояд. Шуморо наёфта, ба беморхона омад. Ман гуфтам, ки маро посбонӣ кунад, хоҳ-нохоҳ рӯзе ин тиллокобон ба назди ман меоянд.

— Чӣ гуна сурат гирифтани куштори Ҳабибаро ҷуз бародарон касе намедонад. Ту аз куҷо медонӣ?, — боз пурсид Амонов.

— Ба ин савол ман ҷавоб дорам,- пешдастӣ кард Шоҳин, — шавҳари Шамида, ки Қаҳрамон ном дорад, дар таваллудхона бо Самандар шинос мешавад. Чун мефаҳмад, ки ин мард тилло дорад, мехоҳад муфт соҳиби пул гардад. Пешниҳод мекунад, ки дар обу лой кардани тилло кӯмак мерасонад. Бародарон шарт мегузоранд, ки дар Шодмондара бояд онҳоро мунтазир шавад ва то Заркент бубарад. Қаҳрамон розӣ мешавад. Бародарон Ҷамшедро дар Зиддеҳ кушташуда гумон карда, мошинашонро дар сари ағба ба ҷарӣ мепартоянд ва бо мошини Қаҳрамон то ба Заркент мерасанд. Дар роҳ тамоми воқеаро ба ҳамроҳи навашон ҳикоя мекунанд. Чун ба хотири тилло Самандар қабри занашро шабона канда, мурдаро пеш аз кофтуков ба гӯри кӯҳнае мепартояд, Қаҳрамон ба даҳшат меафтад. Субҳи дигар ба милисахона омада, тамоми воқеаро ба

сардори ШКД нақл мекунад ва дар боздошти бародарон кӯмак мерасонад.

— Вале як муаммои дигар: Ситора чӣ тавр дар ағба пайдо шуда шуморо ба беморхона овард? — пурсид Шоҳин дар хотимаи қиссааш.

— О, қаҳрамони идеалии вай, дӯстдоштаи вай ҳамин марди нимтана, — бо тамасхур гуфт Амонов, — табиист ки ӯ чун аз қудрати бародарон огоҳӣ дошт, дунболагири Ҷамшед буд.

— Куштори дуввум баъди бори аввал ғайб задани тилло рух дод, — дубора риштаи суханро ба даст гирифт Ҷамшед, — чун зани Самандар аз марги Ҳабиба огоҳ мешавад, дарк мекунад, ки ин кори дасти кист. Рӯзе вай як занҷираи тиллоиро аз кӯза гирифта, ба гарданаш мебандад. Инро хусураш мебинад ва фарзандонашро огоҳ менамояд. Самандар аз занаш мепурсад, ки он занҷираи тиллоро аз куҷо пайдо кард? Зан иқрор мешавад, ки кӯзаро Ҳабиба додааст. Бародарон бо шунидани ин хабар нафаси осуда мекашанд. Вале субҳи дигар зан кӯзаро бурда, дар сари қабри Ҳабиба гӯр мекунад. Бародарон аз Самандар тиллоро мепурсанд. Вай занашро даъват мекунад. Зан мегӯяд, ки «онро ба дарё партофтам». Мӯйсафеде, ки дирӯз маро куштанӣ буд, бо ҳамон асои таърихӣ келинашро мекӯбад. Вақте зан фарёд мекашад, ки «Ҳабибаро куштед, пагоҳ ба милисахона меравам», бо ҳамон усули классикӣ мӯйсафед келинашро буғӣ карда, нобуд мекунад. Дар ин моҷаро Гулнисои ғӯрамарг ҳам ҳузур дошт. Янгааш пеш аз марг ба вай мегӯяд, ки тилло дар куҷост. Чаро Гулнисо ба хотири аз чанголи қотилон раҳо кардани янгааш нагуфт, ки тилло дар куҷост, барои ман муаммост. Баъди куштор бародарон занро бурда, ба дарё мепартоянд ва либосашро дар соҳил мегузоранд. Барои чашмбандӣ, ки гӯё худкушӣ кардааст. Ҳарчанд баъди ҷасадро ёфтан эксперти судӣ-тиббии ноҳия ҷасадро меомӯзад ва муайян мекунад, ки пеш аз ба дарё партофтан куштa шудааст, аммо бародарон бо пул

даҳонашонро мебанданд. Онҳо хулосаи хандаовар медиҳанд, ки гӯё гардани зан дар натиҷаи ба сангҳои дарё бархӯрдан кабуд шуда бошад.

Чун Гулнисо мебинад, ки тилло пайиҳам бадбахтӣ оварда истодааст, ба сари қабри Ҳабиба рафта, кӯзаро меорад ва ба дарё мепартояд.

— Ба ин гуфтаҳо ҳам шаҳодати Қаҳрамон, ҳам баёноти кӯдакони зан, ҳам баёноти мӯйсафед, ки тамоми кушторҳоро кӯшиш дорад ба дӯши худ гирад ва ҳам баёноти эксперти судӣ-тиббӣ гувоҳ аст. Эксперти судӣ-тиббӣ ба хотири кам кардани гуноҳ аллакай асли воқеаро иқрор шудааст, — афзуд Шоҳин.

— Куштори аз ҳама пурмуаммо ва аз ҳама дилрешкунанда, марги пурасрори Гулнисо аст, — гуфт Ҷамшед.

— Биёед, беҳтараш дар ин бора ман гап занам, — бо табассуми хунук гуфт Амонов, — зеро чун дар ин куштор Ситора ҳам гумонбар аст, нақли Ҷамшед шуниданӣ намебарояд.

Рӯзе Гулнисои сода ба падараш иқрор мешавад, ки кӯзаи тилло дар дасти вай аст. Мӯйсафед даррав инро ба писаронаш хабар мекашад. Табиист, онҳо рӯйирост аз хоҳарашон талаб карда наметавонистанд, ки тилло дар куҷост. Зеро аввалан, тиллоро ӯ ёфта буд ва баъдан, шоҳиди марги янгааш буд.

Бародарон нияти куштори хоҳарашонро надоштанд. Вале рафтори Гулнисо онҳоро водор месозад, ки ин корро ниҳоят бомаҳоратона анҷом диҳанд. Тавре Нодира иқрор шуд, вай барвақт бо Самандар ошноӣ доштааст. Вақте Самандар хоҳарашро меорад, Нодира ба вай меҳрубонӣ мекунаду зани сода ҳама воқеаро, ба ҷуз дар куҷо будани тилло, қисса мекунад. Дар охир қасам мехӯрад, ки фоҷиаи ду ҷавонмаргро ба зани рӯзноманигоре, ки дар ҳуҷраи ҳамсоя аст, яъне ба Шамида ҳикоят мекунад, то нависад. Нодира ин ҳамаро нарезондаву начаконида ба Самандар мегӯяд. Бародарон

мефаҳманд, ки боз як нафари дигар аз қисса огоҳ шудааст ва дур нест ҳама асрор рӯшан шавад. Самандар ба маъшуқааш Нодира ҳангоми хунгузаронӣ қаҳва меорад ва дар даруни он доруи хоб меандозад. Ҳамшираи шафқат қаҳваро нӯшида, хобаш мебарад. Самандар аз фурсат истифода намуда, бо хоҳараш харҳаша мекунад, ки чаро ба Нодира дарди дил кардӣ? Тилло дар куҷост? Чаро пагоҳ ҳама ҳодисаро ба он зани рӯзноманигор нақл карданӣ ҳастӣ? Хоҳараш фарёд мезанаду мегӯяд, ки рафта тиллоро аз қабристон ҷӯяд. Самандар бо нияти ором кардани Гулнисо даст ба даҳони вай мебарад ва саросема шуда, асбоби хунгузарониро чаппа мекунад. Чун Самандар дар беморхона духтури навбатдорро намеёбад, аз даъват кардани дигар ҳамшираи шафқат — Ситора метарсад. Аз ин рӯ чизе нагуфта, назди дигар бародарон меравад.

— Шоҳидон Нодира, хулосаи эксперти судӣ баъди ташхиси ҷасад, баёноти пешхизмати қаҳвахона, доруфурӯше, ки Самандар аз вай доруи хоб гирифтааст, — илова кард Шоҳин.

— Ин кушташудагон ақаллан тиллоро боре диданд ва муддате соҳиби он ҳам буданд. Аммо мани бадбахт чӣ гуноҳ доштам?, — ғамгинона пурсид Ҷамшед.

— Қаҳрамон ва Нодира бародаронро огоҳ месозанд, ки ту пайи таҳқиқи ин ҳодиса афтодаӣ. Ҳирси тилло ба дараҷае чашми бародаронро кӯр карда буд, ки баробари ба хок супоридани хоҳарашон ба пойтахт, ба ҷустуҷӯйи ту омаданд. Барои онҳо шоҳиди дигар лозим набуд. Яқин, Нодираро ҳам рӯзе бо кадом баҳонае нест мекарданд.

— Аммо аксари он чӣ гуфтем, ҳанӯз фарзия асту бас! Маълум нест, ки қотилон гуноҳашонро ба калла мегиранд ё не, — аз ҷой бархост Шоҳин, — пагоҳ ё вомехӯрем ё занг мезанем. Тезтар сиҳат шавед, ин бор ман шуморо ба «Канд» даъват мекунам.

Ҷамшед бо табассуми дарднок онҳоро гусел кард.

***

Айбдоршавандагон корро кашол надоданд. Танҳо Самандар дар аввал бо «намедонам, накардаам» ҷонашро халос карданӣ буд. Шоҳин дарро маҳкам карда, ӯро чунон лагадкӯб кард, ки мум барин мулоим шуд. Бародарон баъди фаҳмидани он, ки иқроршавии ихтиёрӣ метавонад гуноҳашонро сабук намояд, мисли булбул ба қиссапардозӣ сар карданд. Ҳар яке мекӯшид айбро ба сари дигарӣ бор созад.

Ниҳоят, вақте хаставу шалпар бозпурсиро тамом карданд, ба аёдати Ҷамшед рафтанд. Вазъи саломатии рӯзноманигор бо душворӣ рӯ ба беҳбудӣ мениҳод. Вақте муфаттишон ворид шуданд, Шамидаи кӯдаки парпеч дар бағалро дар пеши бемор диданд.

— Муаллим, ман аз баҳраш мебароям, — ашки шашқаторашро боздошта наметавонист вай, — ба кор бармегардам.

— Дер шуд бачам, дер... — ба кӯдак ишора кард Ҷамшед, — шавҳарат хидмати зиёд ҳам кардааст, бояд ба назар гиранд.

Шамида як ба муфаттишон нигаристу тифлашро ба бағалаш пахш карда, берун баромад.

— Як далели асосие, ки гуфтӣ, сирф дурӯғ баромад. Қариб тафтишотро ба роҳи нодуруст бурда будӣ, — гуфт Амонов.

— Наход? Охир, ҳикояти ҳамаи журналистоне, ки ба тафтишоти ин қазия машғул буданд, аз ҳамдигар фарқе надошт, — сухани рафиқашро ҷиддӣ қабул кард Ҷамшед.

— Мӯйсафед ду асо дошт. Асои аввал дар шаби куштори келинаш мешиканад. Барои куштани шумо бо асои дигараш омада буд, — баланд хандид Шоҳин.

— Ҳамшираи шафқатро ба идораи мо намефиристӣ? Наход зеборухон фақат дар гирди ту бошанд?, — риштаи суханро сӯйи дигар кашид Амонов.

— Марҳамат, розӣ карда тавонӣ, бар, — ҷавоб дод рӯзноманигор.

— Агар ризо нашавад, тамоми қиссаашро ба Нӯшофарин нагӯям, виҷдони комсомолиам сӯзад, — ангушти ишоратиашро бо аломати таҳдид боло кард муфаттиш.

***

Ҳангоме ҳарду муфаттиш берун баромаданд, дар саҳни беморхона Нӯшофарин бо Шамида аз кадом бобе сӯҳбат доштанд.

— Дар гаҳвора сахт набанд, ки ҳанӯз ҷисмаш нозук аст, — аранге садои Нӯшофарин ба гӯш мерасид.

Фарзандони Ҷамшед бошанд, бо Ситора яхмос мехӯрданд. Амонов наздик рафту аз бинии кӯдаки хурдӣ пучида, пурсид:

— Ин ба ту кӣ мешавад?

— Холаам, — боифтихор ҷавоб дод кӯдак.

— Боз хола? — қаҳ-қаҳа зада, сӯйи Нӯшофарин нигарист Шоҳин.

— Ҳасад набаред! — хандид зан...

Панҷакент, Дашти Қозӣ. 30 июл – 1 августи соли 2005.

ҒАМ КУШТА НАМЕТАВОНАД



Ному насаб ва сужаи воқеа бофтаи муаллиф буда, дуруст омадани он бо ному насаб ва зиндагиномаи шахсони воқеӣ тасодуфӣ мебошад.

Қабристон дар субҳи сард ва ҳанӯз торики зимистон чун дар фаслҳои дигар дар дили ҳар раҳгузар тухми тарсу даҳшатро сабз намекард. Оромгоҳҳои хурду калони барфпӯшро ҳам танҳо баъди вориди гӯристон шудан фарқ кардан мумкин буд. Сафедорҳои баланди бебарги атрофи қабристон, шабеҳ ба ҷисмҳои солҳо боз дар ин вайронаманзил хуфта, хушку берӯҳ метофтанд. Танҳо дар оғӯши гӯрҳои кӯҳна, ки чӯби болояшон пӯсида ба дарун афтида буд, ҷойҳои барфнорас мисоли дили ғамдори мотамдорон сиёҳӣ

мекарданд. Барфи тар дар ҳавои боди сард тунд мевазид ва асоҳои хушки сари баъзе аз оромгоҳҳо аз ин фишор ба сӯе хам шуда буданд.

Як нафаре, ки ҷомаи нимдошти сиёҳро ба сараш кашида буд, дуздвор вориди қабристон шуда, паҳлӯи гӯре дар даромадгоҳ бозистод. Хорҳои хушки болои манзил гувоҳи он буданд, ки ин оромгоҳро ба наздикӣ кандаанд, зеро чун одат, ба хотири мурдаро берун накашидани ягон ҳайвон дар болои гӯри тоза хор монда, дар болои он санги вазнин мегузоранд. Бо гузашти вақт ин хорҳо пӯсида, нобуд мегарданд.

Шахси воридшуда ҷомаашро пойин фароварда ва дар фурӯғи сапедадами зимистон ришҳои расидааш сиёҳӣ карданд. Мард лаҳзае музтар истоду баъд ба зону нишаст ва қатраҳои ашк ба рухсораш сарозер шуданд. Вай бо ду дасташ ба сараш кӯфта, ончунон бо овози баланд ба гиря афтод, ки хомӯшии талхи қабристон шикаст. Дар ин садои гиря оҳанги навмедию зора ба якдигар печида, шабоҳати аҷибе миёни мард ва сафедорҳои хушки гӯристон ба назар мерасид. Ин фарёди талх он қадар маҳзунона буд, ки гурги пире аз даруни қабри кӯҳнае берун шуда, бо чашмони гушна ва бенураш ба мард лаҳзае хира шуд. Чун эҳсос кард, ки инсони танҳо ба атроф аҳамияте намедиҳад, дубора ба даруни қабри кӯҳна даромад.

Садои гиря оҳиста-оҳиста ба ларзаи дарунакӣ бадал гардид ва чунин менамуд, ки сардии даҳшатнокро ниҳоят мард эҳсос кардааст. Ӯ бо панҷаҳои ларзон барфи як тарафи гӯрро тоза намуда, аз миёнаш тешаи хурдеро гирифт ва хоки яхбастаро ба як тараф кашид. Ин амал дар як ҳолати ҷунунӣ ва бехудӣ, ки ба мард чира шуда буд, сурат мегирифт. Мард аввал алафи болои қаброро якҷо бо чӯби болои он сӯе тела кард ва аз сӯрохии бавуҷудомада ба даруни гӯр фаромад. Ин гуна қабрҳоро одатан «қабри шомӣ» меноманд, ки дар он лаҳад накофта, мурдаро баъди кофтани чуқурии муайян рост мегузоранд. Чуқурии оромгоҳ барои мурдаи мард баробари миён

кофта шуда, барои зан то сари сина мебошад. Мард дар ин сардӣ бӯйи дилбеҳузуркунандаеро, ки аз қабр бармехест, ҳис накард ва бо дастони ларзон кафани нимпӯсидаро пора намуда, ба пойи мурда таваҷҷӯҳ кард. Ду пойи майит болои ҳам уфтода буд ва мард ҳарчанд кӯшиш кард, онро ҷудо карда натавонист. Онгоҳ бо як фиғони хос ба ҳайвони ваҳшӣ бо теша ба устухони пой фаровард ва танҳо вақте дарёфт, ки онро пора-пора кардааст, аз қабр берун шуду саросема чӯбу алафро ба болои қабр гузошт. Хоки яхкардаро бо бозувонаш ба болои оромгоҳ кашид ва бархоста, мисли як девонае, ки аз сангборони кӯдакон мегурезад, аз қабристон берун шуд. Ончунон тез медавид, ки баландии болои гӯристонро дар як лаҳза пушти сар гузошта, ба роҳи мошингард баромад. Мошине дар тумани сапедадам бо чароғҳои рӯшан аз дур хазида-хазида, наздик мешуд. Мард лаҳзае ба фикр зад ва ба кадом қарори қатъие омада, ноҷунбон истод. Ҳамин ки мошин ба наздаш расид, бо ҳамон шитобзадагӣ худро рост ба пеши он партофт. Ронанда ҳарчанд баробари дидани мусофир дар роҳ, ҳаракатро суст карда буд, вале натавонист бархӯрдро пешгирӣ кунад. Зарба ончунон сахт буд, ки мард ба сӯе парида, дубора ба сӯйи қабристон сарозер шуд...

***

Ҳарчанд телефон пайиҳам баланд занг мезад, Ҷамшеди Ҳабиб ҳавсала накард, ки сар аз болои китоби детективнависи маъруфи амрикоӣ Эркюл Гарднер, ки аз зиракӣ ва ҷуръати адвокат Пери Мейсон ва котибаи содиқи вай Сара Делли қисса мекард, бардорад. Дар ин субҳи сарди зимистон аз печкаи гиронро зери пой гузоштану гоҳ-гоҳ сигор оташ зада, қаҳваи гармро бо ҳавсалаи тамом нӯши ҷон кардан магар роҳати бештареро метавон орзу кард? Аз ин рӯ корманди нави рӯзномаи «Гулбонг» Дилноза, ки аллакай ин одати журналисти ҳамкорашро медонист ва ҳам бо гумони он, ки шояд ба вай занг мезананд, вориди уток шуду гӯшакро бардошт. Ҷамшед ҳарчанд сар аз болои китоб набардошта

бошад ҳам, аз оҳанги ҳарфзании духтар ҳис кард, ки мусоҳиб аз он тарафи гӯшӣ ба вай маъқул нашуд.

— Кӣ гуфтед? Шамида? Не, ман бо ин ном корманди собиқи рӯзномаро намешиносам. Ҳа, Ҷамшеди Ҳабиб ҳамин ҷой, вале Худо медонад, ки ҳавсала карда, гӯшакро бардоранд. Ҳозир мепурсам, — инро гуфта, духтар гӯшакро ба Ҷамшед дароз карду киноя зад:

— Чеҳраашро намедонам, вале овози зебо дорад, — Дилноза бо як нози хос сурунҳои бардамидаашро, ки шими танг барҷаста нишон медод, ҷунбонида, бо қадамҳои устувор аз утоқ берун шуд.

Журналист аз паси духтар бо табассуми маънидоре нигаристу бо дили нохоҳам гӯширо гирифт:

— Лаббай!

— Салом муаллим, ман Шамида, — овоз аз он сӯйи гӯшӣ пасту хаста меомад.

— Аҳҳа, ин субҳ ҳатто офтоб ҳам нест, ки аниқ кунем, аз кадом тараф баромада бошад. Чӣ ҳол дорӣ?

— Зинда, — хандаи талху зӯракии Шамида гувоҳи он буд, ки посух ба ин суол барояш осон нест. — Ба як бало печидем муаллим, кӯмаки шумо даркор.

— Шукронаи будани бало, ки мо ба ёдат мерасидаем, — таҳдор гуфт Ҷамшед ва чун медонист, ки ин ҷумла ба дили нозуки собиқ ҳамкораш сахт мерасад, зуд илова кард:

— Чӣ гап шуд?

— Шумо метавонед ҳозир ба беморхонаи Қарияи Боло биёед? — маълум буд, ки Шамида намехоҳад бо телефон ҳодисаи рухдодаро қисса намояд.

— Баъди понздаҳ дақиқа дар даромадгоҳ вомехӯрем, — журналист гӯширо гузошту боҳасрат ба китоб нигариста, онро пӯшид ва аз ҷой бархост.

***

Дар назди беморхона Шамида ва шавҳараш Қаҳрамон бо авзои парешон Ҷамшедро пешвоз гирифтанд ва баъди ҳолпурсӣ зуд ба сари мақсад омаданд:

— Мо аз хонаи волидайни Қаҳрамон меомадем. Дар деҳае, ки дар даромадгоҳи шаҳр воқеъ аст, ҳангоми аз назди қабристон гузаштан, ҳодисаи нохуш рух дод. Марде худро рост ба таги мошин партофт, — Шамида чун медонист, ки агар нигоҳашро гурезонад, журналист эҳтимол ба суханаш бовар накунад, бо чашмони аз бехобӣ варамида ба собиқ ҳамкораш нигарист.

— Аз қабристон давида баромадани вайро ман аз дур дидам, — илова кард Қаҳрамон, — аз ин рӯ вақти наздик шудан, ҳаракати мошинро суст кардам. Аммо бо вуҷуди ин, бархӯрд ногузир буд.

— Мурд? — оромона сигор оташ зада, пурсид Ҷамшед.

— Не, мо вайро ба беморхона овардем ва ҳоло ҳам ба ҳуш наомадааст. Табибон гуфтанд, ки сахт осеб надидааст ва шифо меёбад. Вале Шоҳин Азизов... — Қаҳрамон забон хойиду журналист зуд савол дод:

— Полковник ба ҷабрдида чӣ алоқа дорад?

— Ягон алоқа надорад, ин ҳодиса ба раёсати вай ҳам вобаста нест, аммо...

— Чӣ ғурунг-ғурунг мекунӣ? Рости гапро зан, — якбора ба ғазаб омад Шамида, — ин кас дар кадом маърака бо Шоҳин Азизов ҷанҷол мекунанд. Вақте мо ба беморхона омадем, полковник ба ҳуш омадани кадом як ҳамкорашро, ки ба садама дучор шудааст, интизорӣ мекашид. Қаҳрамонро дида, табибонро бозпурсӣ кард ва

аз асли воқеа огоҳ шуда, даррав «садама бо мақсади куштор рух додааст» гӯён, тафтишро ба даст гирифт.

— Ҳоло куҷост?

— Дар назди кати бемор — бо заҳрханда гуфт Қаҳрамон, — касеро даромадан наметонад. Шумо медонед, ки вай домоди кист ва чӣ гуна дасти дароз дорад. Моро ҳам боздошт карда буд, вале вақте гуфтем, ки шуморо пешвоз мегирем, иҷозат дод то ба берун бароем.

— Вале ӯ инсони бисёр хуб аст ва ҳеҷ гоҳ номардона рафтор намекунад, — маънидорона гуфт Ҷамшед ва бо роҳбаладии онҳо сӯйи беморхона шитофт.

***

Табиби навбатдор нахост Ҷамшедро ба назди полковник роҳ диҳад. Ба ин хотир журналист маҷбур шуд тариқи тилфони дастӣ ба Шоҳин занг занад. Полковник ба роҳрав баромада, ба навбатдор ишора кард, ки Ҷамшедро иҷозат диҳад, то ворид шавад.

— Дар ин субҳи сарди зимистон гармӣ меоред, гармӣ, — сахт дасти Ҷамшедро фишурд Азизов.

— Хато мекунӣ дӯстам, агар донӣ, ки барои чӣ омадам, ҳатман фикратро дигар хоҳӣ кард, — хандид журналист.

— Шамида занг зад ва чун ҳамеша меҳри устодӣ ба ҷунбиш омад. Вале бо вуҷуди ин, фикр мекунам, ки ҳаваси навиштани детективи нав ҳам истисно нест, — бо табассум ҷавоб дод полковник. — Бо вуҷуди он, ки дар ин қисса мақтул нест, аммо фикр мекунам, саргузашти талху даҳшатноке аст.

— Бовар дорам, ки Шамидаи мо дар ин фоҷиа нақше надорад. Метавонӣ ба ман бовар кунӣ.

— Аввалан, дигар Шамидаи Шумо не, Шамидаи Қаҳрамон – шикамдаридаи аблаҳ, баъдан вай бо мошин одамро пахш кардааст ва ҳоло маълум нест, ки бо кадом ният — ба утоқи холие

журналистро раҳнамунӣ кардаву дар яке аз курсиҳои холӣ нишаст полковник.

— Биё Шоҳин, ошкоро гап занем, — Ҷамшед ба чеҳраи ҳамсӯҳбаташ нигоҳи ҷиддие андохт, — ман бовар надоштам, ки ҳангоми тафтишот ғарази шахсии ту рӯ мезанад. Ин ки дар кадом маъракае бо Қаҳрамон гапат гурехт, маънии онро надорад, ки ӯро ба ҷиноят айбдор созӣ.

— Вақте ман ба касе эътиқод дорам, ӯро дар ҳама ҳолат ҳимоя мекунам ва ҳатто дар ҳолате ҳам, ки ин мавқеъгирии ман ба он шахс писанд наояд. Баҳси ману Қаҳрамон аз таҳлили навиштаҳои шумо оғоз шуд ва...

— Гуфтанӣ ҳастӣ, ки Қаҳрамон ... — журналист сухани ҳамсӯҳбаташро бурид.

— Бале, гуфтанӣ ҳастам, ки ин аблаҳ дар ҳама ҷое мешинаду мехезад, фақат сифати шумо ва навиштаҳоятонро мекунад. Ба қавли вай, шумо аблаҳе ҳастед, ки дунболаи хаёлу орзуҳои ғайризаминӣ медавед ва шогирдонатонро ҳам дар ин рӯҳия тарбия месозед. Баъди баҳси тӯлонӣ, ки қариб бо занозанӣ анҷом ёфта буд, ман ба ин хулоса омадам, ки байни вай ва ҳамсараш пайванди рӯҳӣ нест, танҳо пайванди ҷисмонӣ ҳасту бас. Ин зан бо шумо пайванди рӯҳӣ дорад ва дар симои шумо идеали зиндагиашро мебинад. Шавҳар барои Шамида ҷуз ҷиҳози хона чизи дигаре нест ва ин ҳолат, табиист, мардро ба ғазаб меораду дар ин амал худро не, балки Шуморо гунаҳгор медонад.

Дар масъалаи ин садама бошад, ман аз бекорӣ зиқ будам ва ногаҳон касе, ки аз бало бад медидам, ба дастам афтоду хостам камтар ӯро азоб диҳам. Медонистам, ки ӯ маҷбур аст тавассути занаш боз ба шумо рӯйи ниёз орад ва гардани каҷи ӯро дар назди шумо дидан ба ман лаззат мебахшад. Аммо метавонед онҳоро дилпур кунед, мард ба ҳуш омад ва иқрор шуд, ки мурдан мехост. Аз

ин рӯ худро ба зери мошин партофтааст. Албатта, хуб мешуд, ки Қаҳрамон аз рӯйи ҷавонмардӣ хароҷоти табобатхонаро ба ӯҳда мегирифт, ҳарчанд аз вай ин гуна одамгарӣ намебарояд.

— Ӯ марди хуб аст ва маро бад гуфтанаш далели он нест, ки инсони палиде бошад. Фақат эътиқоди зиёди ту ба ман ба ин гунаҳгор аст, — Ҷамшед табассум карда бархосту дасти Шоҳинро фишурд.

— Ҷамшед, агар хоҳед, як бор бо ин марди бадбахт сӯҳбат кунед. Ман ба деҳааш муфаттишонро фиристодам ва маълум шуд, ки пеш аз худро ба зери мошин партофтан, қабри модарашро кушодаву устухонҳои боқимондаи пойҳои ӯро бо теша зада, пора кардааст.

— Чӣ? — ин калима баланд садо дод ва Шамидаю шавҳараш, ки дар даромадгоҳ интизор буданд, сар боло карда, ба онҳо нигаристанд.

— Баъд гап мезанем, — бо садои паст гуфт Шоҳин ва ба сӯйи Қаҳрамон бо тамасхур нигарист:

— Лозим шавад, ба назди шахси дар дунё аз ҳама бад медидаат медавидай-ку? Хароҷоти беморхонаро пурра ба гардан мегирӣ ва минбаъд дар куҷое набошад, шукронаи будани Ҷамшед мекунӣ. Фаҳмидӣ?

Мард оҷизона бо нишонаи тасдиқ сар ҷунбониду Ҷамшед гуфт:

— Баъди беҳтар шудани вазъи мард ҳатман занг зан, ман меоям.

***

Рӯзи дигар Ҷамшед баробари вориди утоқи корӣ шудан, тағйиротеро дар рӯйи мизи кориаш эҳсос карду китф дарҳам кашид. Коғазҳои паҳну парешон ба тартиб дароварда шудаву хокистардони чиркин ва чанги чандмоҳаи гулдону болои компутар тоза карда шуда буданд. Дар тақвими болои миз, дар санаи имрӯз бо ҳарфҳои калон навишта шуда буд: «Занг ба Шоҳин».

Ҳусни хат ошно менамуд ва журналист лаҳзае ба фикр фурӯ рафт, ки онро дар куҷо дидааст. Аммо ҷавобе наёфта, компутарро гиронд. Баробари рӯшан шудани он, ҷумлаи замоне барояш ошно, пайдо шуданд:

— Субҳи нав муборак Ҷамшед!

— Ин нағмаҳои Шамидаро кӣ ин қадар хуб омӯхтааст? — баланд гуфту дари утоқи корӣ кушода шуд. Шамидаи хандон финҷони қаҳваи гарм дар даст ворид гардид:

— Ҳайрон шудед, муаллим? Бовар надоштед, ки бармегардам?

Зани ҷавон хушҳолона дасти Ҷамшедро сахт фишор дод:

— Муассиси рӯзнома ҳангоми дубора ба кор қабул кардани ман огоҳ кард, ки духтараки зебое ба кор омадааст, вале маълум мегардад ба шумо он қадар меҳрубон нест.

— Омадӣ? Хуш омадӣ, вале...

— Ҷойи касеро танг мекунам? — чун одати солҳои пеш абрӯвони зебояшро боло бардоштаву чашмони калони обиашро нимпӯш кард Шамида.

— Ой, ҳамон рашки кӯдаконаатро ҳоло ҳам фаромӯш накардай? — хандид журналист, — мабодо Қаҳрамон огоҳ шавад, аз қаҳр ин бор маро бо мошин назанад?

Шамида бо ҳамон табассум ҷавоб дод:

— Мо шарт кардем, ки ӯ ба фаъолияти кории ман дахолат намекунад. Аммо аз фаъолияти кориам бояд огоҳ бошад. Рости гап, ишқи ман ба пешаи интихобкардаам бештар ва пештар аз ишқ ба зиндагии оилавӣ будааст. Инро дер эҳсос кардам, дер... — дар чашмони зан ҳузни ноаёне соя афканд, — Шумо рост гуфта будаед, ду ишқ буда наметавонад. Барои шахси эҷодкор он яке аст: ё зиндагии шахсӣ ё зиндагӣ барои дигарон.

— Хайр, биё ба ин масъала нуқта гузорем, — Ҷамшед ба рӯйи миз нигарист, — Шоҳин занг зада буд?

— Ҳа, гуфт, ки баробари омадан бо вай тамос мегирифтаед.

Шоҳин даррав гӯширо бардошт ва баъди ҳолпурсӣ гуфт:

— Баъди ним соат дар назди беморхона вомехӯрем.

— Ман ҳам меравам, — хурсандона изҳор кард Шамида, — хоҳед — нахоҳед...

— Тавре русҳо мегӯянд: «Как в старые добрые времена». Диктофон ва суратгиру камераро бо худ бигир.

***

— Ҷавон Сайфулло ном дорад, — Ҷамшеду Шамидаро ба сӯйи ҳуҷраи бемор раҳнамунӣ карда, ба нақл оғоз кард Шоҳин, — ҳамагӣ бисту яксола аст. Дар оила се фарзанд ҳастанд. Сайфулло фарзанди дуюм, апааш чор сол муқаддам дар деҳаи ҳамсоя шавҳар кардааст, ҷасади додари хурдиаш Нусратуллоро як сол пеш аз Русия оварда, гӯр кардаанд. Авбошони рус шабона ба манзили иқоматашон ҳуҷум карда, корд мезананд. Аҷиб, ки дигар мардикоронро умуман кордор нашудаанд, — андешамандона дари ҳуҷраро кушод полковник.

Сайфулло ҷавони воқеан зебо буд. Чашмони сиёҳи гӯсфандӣ, риши сиёҳи пурра, абрӯвони ғафси пайваст, мӯйи дарози то ба китфаш фаромада, қомати баланду китфони танумандаш дар бистари беморӣ ӯро мисоли шахси бегуноҳ ба доми бало печида нишон медод. Хоҳари шафқати навбатдор табассум карда, аз назди вай бархосту ба сӯйи Шоҳин нигарист:

— Он қадар ба ин зиндагӣ нафрат дорад, ки ногуфтанӣ.

Ҳангоме ӯ дарро аз пасаш пӯшид, Шоҳин онҳоро шинос карду гуфт:

— Сайфулло, беҳтар аст, дилатро холӣ кунӣ. Вақте гуфтание дорӣ ва аз тарс ё шарм намехоҳӣ забон кушоӣ, ин ҳарфҳои ногуфта мисли банде гулӯятро мефишоранд, дилатро пахш месозанд ва эҳсоси нафратро ба ҳама кас ва ҳама чиз бедор менамоянд. Вале вақте дарди дилатро боҷуръатона мекушоӣ, рӯҳу вуҷуди ту сабук мегардад ва ин нафрати тасаввурнопазир мисли ҳубоби рӯйи об гум мешавад.

— Чаро нагузоштед, то ман бимирам? Ягон чиз намехоҳам ҷуз марг, — ашк ногаҳон аз дидагони Сайфулло пойин шуд ва ҳозирин лаҳзае худро гум карданд. Ҷамшед аввалин шуда, худро ба даст гирифт:

— Орзуи марг ҳамаи мо дорем. Вале ҳар чӣ дил хост, намешавад. Он чӣ Худованд мехоҳад, ҳамон хоҳад шуд. Моро ба дунё овардаанд ва маҷбурем ба ин хотир зиндагӣ намоем, вагарна оромиву осоиши абадиро кӣ намехоҳад? Беҳуда намегӯянд, ки «марг мушкил, зиндагӣ мушкилтар аст».

Ҷавон лаҳзае бо чашмони пурашк ба чеҳраи журналист хира шуд ва нуқтаи нигоҳашро ба сӯйи номаълуме дӯхта, ба қисса оғоз кард:

— Мо дар оила ҳамагӣ се фарзанд будем, ду писар ва як духтар. Мусибати хонаводаи мо аз як сабукандешии апаам Зарнигор сар шуд. Ҳангоме дар мактаби миёна мехонд, ҳомиладор шуду сари ҳамаро дар миёни аҳли деҳ хам кард. Бадбахтӣ он буд, ки вай падари кӯдакро намехост маълум кунад. Дар ҷавоб ба ин савол фақат гиря мекарду бас. Он қадар мо ӯро латукӯб мекардем, ки ҳисоб надорад. Баъди чанд вақт овоза шуд, ки Комил ном ҳамсинфаш падари кӯдак мебошад. Падарам ҷавонро таҳдид карду вай гурехта, ба Русия рафт. Баъди ду моҳ ҷасади Комилро оварданд. Ҷабран, дар асари зарба ҷавонро кушта буданд. Аҳли деҳа ба мо лаънат мехонд, касе ба маъракаҳояш хабар намекард, зеро Зарнигорро сабаби марги Комил медонистанд. Падарам роҳи

дигаре наёфт, ҷуз он, ки апаамро ба як мӯйсафеди шастсола дар деҳаи ҳамсоя бе ягон тӯй ба шавҳар диҳад. Аз шавҳаркунии Зарнигор чанд моҳ сипарӣ гашту додарам Нусратулло ба таънаи аҳли деҳа тоқат накарда, ба Русия рафт. Расо баъди ду ҳафта тобути хунолудашро оварданд. Кадом номарде ба сари синааш корд задааст. Падарам гирифтори бемории дил шуд. Баъди як соли ин ҳодиса тӯйи духтари калонии амакам баргузор гардид. Дар рӯзи тӯй бобоям пешопеши арӯс рафта истода, хурсандии зиёдро натавонист дар қалбаш ғунҷонад. Дар пеши пойи набераш афтиду бе ягон дард ҷон дод. Даррав ӯро ба хона даровардand, нахостанд тӯй вайрон шавад. Аз падарам ин воқеаро руст карданд, зеро дили бемор дошт. Ҳангоме аз ҳодиса огоҳ шуд, бемадор ба рӯйи ҷасади падараш афтод. Доруеро, ки духтур муайян карда буд, доданд. Баъди хӯрдани дору ҳолаш бадтар шуд ва то ба беморхона нарасида, ҷон дод. Баъди гӯручӯби онҳо модарам ба бистари беморӣ афтод. Чизе намехӯрд, фақат мегиристу нола мекард. Баъди як ҳафта ҷон дод. Ман танҳо мондам. Гумон доштам, ки дигар бадбахтиҳо хотима ёфтанд, вале пас аз марги модарам пайиҳам чанд нафар аз аҳли деҳа вафот карданд ва яке аз онҳо падари ҳаштодсолаи прокурори ноҳия буд. Вай дар масҷид мардуми деҳаро ҷамъ карда, гуфт, ки сабабгори ин ҳама мусибат модари ман аст, чунки муромурӣ баъди гӯронидани вай оғоз шуда буд. Гуфтанд, ки гӯё пойи модарам дар гӯр болои ҳам афтодааст ва агар чунин шавад, то даме пойҳоро ҷудо накунӣ, муромурӣ идома меёбад. Қарор доданд, ки қабрро кушода, пойи мурдаро аз якдигар ҷудо кунанд. Вале ман инро таҳаммул карда наметавонистам, наметавонистам бубинам, ки чӣ гуна модари маро аз гӯр берун мекашанд ва кафанашро пора менамоянд. Ба онҳо гуфтам, ки ин корро худи ман анҷом медиҳам... — овози ҷавон ларзид ва фиғони талх аз гулӯяш берун ҷаст.

Ҳар се шунаванда он қадар аз ин қисса мутаассир гашта буданд, ки наметавонистанд забон кушоянд. Хомӯширо фақат нолаи

аламноки Сайфулло халалдор мекард. Ҷамшед ба чеҳраи аз ашк тари ҷавон нигаристу қатъиян гуфт:

— Ҳеҷ мумкин нест, ки ин ҳама тасодуф бошад. Шояд як марг, ду марг, аммо ин қадар даҳшатҳои пайиҳам наметавонад дунболаи якдигар, бе ягон сабаб рух диҳад. Ман ба деҳа меравам.

***

Шамида ҷуръат намекард ба назди Ҷамшед дарояд, зеро одати ӯро медонист. Медонист, ки дар ин гуна ҳолатҳо журналист на касеро шунидан мехоҳад ва на дидан. Беҳтар аст, оромӣ ва сукути ӯро халалдор нанамоӣ, вагарна ончунон ба сари ту дод мезанаду суханҳои пасту баланд мегӯяд, ки дар ягон қолаб намеғунҷад. Аз ин сабаб, вақте журналист бо овози баланд ӯро даъват кард, як қадар бо тарс вориди утоқи корӣ шуд. Утоқи корӣ ба андозае аз дуди талхи сигор тира шуда буд, ки симои Ҷамшед базӯр менамуд. Чашмони зан дар аввал аз дуди сигор об гирифтанд, вале баъди лаҳзае ба он одат карду ба курси нишаст.

— Ту чӣ фикр дорӣ, оё ин ҳама фоҷиа тасодуфӣ аст? — пурсид журналист, сигори наверо оташ задаву ҳалқа-ҳалқа дуд бароварда.

Шамида, чун одат, хомӯшона ба нуқтае нигаристу китф дарҳам кашид.

— Бояд ин ҷо чизе бошад, бояд қувваи таҳриккунанда бошад, бояд шахси манфиатдор бошад, бояд!

Ҷамшед бархост ва қатъӣ изҳор кард:

— Диктофон, камера, суратгирро деҳ, ман рафтам. Деҳа аз шаҳр ҳамагӣ дар масофаи бист километр воқеъ аст. Шояд се-чор рӯз наоям.

— Маро намебаред? — Шамида озурдахотир ба ӯ нигарист. Охир, ҳамеша мегӯед, ки аз як нафар ду нафар беҳтар аст.

— Рост, вале… — журналист ворид шудани Дилнозаро дида, забон хойид.

— Шуморо шавҳаратон дар берун интизор, — бо тамасхури ошкоро ба сӯйи Шамида гуфт духтар ва рост ба чашмони Ҷамшед нигоҳ кард:

— Агар ба шумо ҳамсафар лозим бошад, ман меравам. Шарт нест, занони шавҳардору кӯдакдорро овора кунед.

Чашмони Шамида пуроб шуданд, лабонаш аз эҳсоси дарунӣ ларзиданд, чизе гуфтанӣ буд, вале ин лаҳза Қаҳрамон бечуръатона дарро кушоду ворид гардида, салом дод:

— Зани ҳамсоя телефон кард, ки кӯдак рӯзи дароз ором нагирифта, гиря кардааст. Агар тамом карда бошӣ, барвақттар мерафтем…

Зан оби чашмонашро пок карду чизе нагуфта, пешопеши Қаҳрамон аз дар баромад.

— Дилноза, аз ҳад гузаронидӣ, — ғазаболуд гуфт Ҷамшед, вале духтар ба ҷойи ҷавоб бо нигоҳи нозолуд хандае заду чизе гуфтанӣ буд, ки телефон занг зад.

— Ҷамшед, беҳтараш, биёед ин ҳодисаро фаромӯш кунед. Ман қатъиян зидди он ҳастам, ки ба он деҳаи касофат равед. Дили ман ҳам ба Сайфулло месӯзад, аммо ба хотири ӯ намеарзад, ки худро қурбон кунед, — овози Шоҳин гирифта буд.

— Қурбон? — пурсид Ҷамшед.

— Бале. Медонед, чӣ воқеа рух дод? Ман ба прокурори ноҳия занг задам, ки ба шумо дар ин масъала кӯмак расонад. Вале, дар ҷавоб вай он қадар маро таҳдид кард, ки ҳисоб надорад. Маълум шуд, ки ӯ аз ин деҳа аст ва бародараш шахси вазнине дар боло. Ҳатто дасти ман ба гиребони вай намерасад. Ба генерал мурочиат кардам, гуфт, ки беҳуда бо думи шер бозӣ накун. Прокурор ва сардори шӯъбаи

корҳои дохилӣ натанҳо ҳамсинф, балки хешованди наздиканд. Шуморо касе дар он ҷой бо чеҳраи кушод пешвоз намегирад ва ба гуфтаи генерал, онҳо ҳатто аз куштори рӯйирост ҳам намеҳаросанд. Наравед, Ҷамшед, наравед.

Дилноза, ки тариқи телефони пайваст гуфтугӯро гӯш мекард, сухани Шоҳинро такрор кард:

— Наравед, Ҷамшед...

***

Баъди ба кӯча баромадан Ҷамшед ба Ситора, ҳамшираи шафқат занг зад:

— Салом. Метавонӣ се рӯз бо ман ҳамсафар бошӣ?

— Чӣ қадар мехостам се рӯз не, балки тамоми умр ҳамсафар бошам, вале «воҳасрато, ки ин орзуро мебарам ба хок», — хандон ҷавоб дод духтар. — Ба куҷо меравем?

— Ба як деҳаи атрофи пойтахт. Ту ҳамчун ҳамшираи шафқат, ман бошам, чун духтур. Барои ман ҳам лавозимоти даркорӣ, аз ҷумла як халати сафед гир.

— Бошад. Баъди ним соат дар назди беморхона вомехӯрем, — гӯширо гузошт Ситора.

***

Ситора ғайричашмдошти Ҷамшед, дар муддати шаш моҳе, ки вонахӯрда буданд, зеботар шуда буд. Акнун ӯ он духтари эҳсосӣ ва шармгини деҳотӣ набуд, баръакс хеле ҷиддӣ ва солор менамуд. Тарзи либоспӯшиаш ҳам тағйир ёфта, акнун бо назокати хос, пираҳани аврупоӣ ба бар дошт.

— Дар як рӯз чанд соат дар назди ойина меистӣ? — пурсид Ҷамшед.

— Ҳар рӯз даҳ дақиқа, аммо имрӯз баъди занги шумо, «ман се рӯз нестам» — гуфтаму лавозимоти даркориро гирифта, тамоми муддати боқимондаро барои писанди журналисти саркашу якрав, нозук, зудранҷ, инҷиқ, худпараст шудан сарф кардам, — оромона посух дод духтар, — ҳарчанд хуб медонам, ки дар гузашта натавонистам ҷойи Шамидаро бигирам ва имрӯз наметавонам ҷойи Дилнозаро бигирам.

— Ту Дилнозаро аз куҷо медонӣ, охир, вай ҳамагӣ ду моҳ боз кор мекунад, — ҳайрати худро пинҳон карда натавонист мард.

— Хайр, фақат Шумо қудрати гузаронидани тадқиқот доред?- Ситора чашмони калони зебояшро нимпӯш кард, — мо ҳам гоҳ-гоҳе детективҳои Шуморо хонда, ягон чиз меомӯзем.

Ҷамшед дигар чизе нагуфту ба хаёл фурӯ рафт. Баъди моҷарои тилло, ки дар натиҷаи он қариб ҷони худро бохта буду танҳо ба шарофати Ситора аз чанголи марг раҳо шуд, рӯзе ҳамсараш Нӯшофарин гуё дар омади гап, гуфт:

— Имрӯз ман бо Ситора хеле сӯҳбат кардам. Воқеан ҳам, духтари бомаданият ва тоза аст. Барои ҳамин, ба вай гузашт кардам.

— Маро гузашт кардӣ? — лабханд зад мард.

— Хестӣ, ки хобӣ. Иҷозат додам, ки дӯст дорад ва гоҳо бо ҳам вохӯред ҳам, майлаш. Аммо, аз ин зиёд не — бо ангушт таҳдид кард зан.

Баъди ин сӯҳбат онҳо акнун бо ҳам вохӯрданд. Дар муддати шаш моҳ боре ба ёди журналист нарасид: дар як гӯшаи ин шаҳр нозанине ҳаст, ки ҳамеша бо ёди вай мебошад. Ин духтар ҳаргиз кӯшиш ба он накардааст, ки барои расидан ба ҳадаф, қадаме фаротар аз қонунҳои нонавиштаи шарқиёна гузорад. Вале, Ҷамшед ҳар гоҳе эҳсос намояд, ки бояд ба касе бовар намояд, лозим ояд, ки касе ӯро нафурӯшад, бояд касе ҷонашро барояш диҳаду оромона худро ба оташ занад, яъне, ба касе ниёз пайдо кунад, ки «сар диҳаду сир

надиҳад», ба ёдаш Ситора мерасад. Ҳозир ҳам духтар ҳатто напурсид, ки ба куҷо мераванд, ба ин андоза ба хотири лаҳзае бо дӯстдоштааш будан, ба ҳама қурбонӣ тайёр аст. Магар аз муҳаббати духтар номардона истифода намекунад? Магар ин хок пошидан ба эҳсоси поки инсонӣ нест?

Ин андешаҳои ғамолуд он қадар бандаш намуда буданд, ки танҳо баъди «Тилфони Шумо» — гуфтани Ситора, ба худ омад. Садои Шоҳин хаставу гирифта аз он сӯ меомад:

— Ҳоло ба деҳа нарасидаед?

— Не, дар роҳ ҳастем. Аз куҷо медонӣ, ки баъди ҳушдори ту ман ба деҳа меравам? — лабханди талхе кард журналист.

— Охир, шуморо медонам, тарки одат амри маҳол. Лекин ин маротиба... — овози полковник аёне ларзид: — Ҳозир фармонҳои навро хонданд, бародари прокурори ноҳия ба вазифаи боз ҳам баландтар тайин шуд, акнун вай яке аз шахсиятҳои дараҷаи аввал дар кишвар.

— Саломатии Сайфулло чӣ тавр? — хост Шоҳинро аз вазъи ногувор барорад.

— Зиёд ҳазён мегӯяд ва ашк мерезад бечора.

— ***Чархи гардун гар ду рӯзе бар муроди мо нарафт,***

Доимо яксон намонад ҳоли даврон, ғам махӯр — баланд хандида, хайрухуш кард Ҷамшед.

***

Духтури айнакӣ ва ҳамшираи шафқати зебоандоме дар назди ҳавлии Зарнигор аз мошин пиёда шуда, аз кӯдаки чиркине, ки ба меҳмонони нохонда кунҷковона менигарист, пурсиданд:

— Зарнигор, апаи Сайфулло аз деҳаи ҳамсоя дар ин ҷо зиндагӣ дорад?

— Очаи ман, — давон сӯйи ҳавлӣ рафт кӯдак.

— Ин шояд ҳамон кӯдаки бадбахти ба қавле «ҳаромӣ» бошад, — гуфт Ситора, ки дар роҳ Ҷамшед тамоми қиссаро ба вай ҳикоя карда буд.

Зани пираҳани сиёҳи мотамӣ дар бар, қарси сафед ба сар, бо нигоҳи ҳаросону хавотиромез, бо қомати як каме хамида ба пешвози онҳо баромаду саволомез ба меҳмонони нохонда нигарист.

— Шумо Зарнигор, апаи Сайфулло ҳастед? — бо лаҳни меҳрубонона пурсид Ситора.

— Мурдаашро овардед? — бо овози беэҳсос, хушк, ба ҷои посух суол дод зан.

— Ӯ сиҳат-саломат аст ва мо мехостем шуморо аз ин огоҳ намоем ва агар розӣ бошед, ба наздаш барем, — ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд Ҷамшед.

Зан лаҳзае нобоварона ба онҳо нигаристу баъд зери лаб «ҳозир» гуфта, дубора вориди ҳавлӣ шуд. Баъди чанд дақиқа зан пеш-пеш, аз дунболаш мӯйсафеди қоматбаланди риши сафедаш як ваҷаб берун омаданд. Мӯйсафед бо Ҷамшед дастӣ ва бо Ситора бо ишораи сар салом доду гуфт:

— Вай ҳаромзода лоиқи хабаргириву дилсӯзӣ ҳам нест, вале чӣ бояд кард, ки худӣ аст. Наход фарзанди инсон бо ҷасади модараш чунин муносибат кунад?

— То ҷое мо аз нақли Сайфулло фаҳмидем, агар ӯ ин корро намекард, дигарон мекарданд, — гуфт Ситора.

— Ҳамин хел, вале...- мӯйсафед дигар чизе гуфта натавонист ва китф дарҳам кашид.

— Ман ҳам равам? — пурсид мӯйсафед вақте Зарнигор ба мошин нишаст.

— Не — қатъӣ ҷавоб дод зан ва сахт дари мошинро пӯшид.

Ҳамин ки мошин аз деҳа берун шуд, ронандаи такси, — шиноси деринаи Ҷамшед пурсид:

— Ба шаҳр?

— Не. Дар ин хамгашт манъ кун, мо бояд бо Зарнигор сӯҳбат кунем.

— Шумо кистед?,- ба ҷойи он ки даступо хӯрда, ба изтироб афтад, — оромона пурсид Зарнигор.

— Рӯзноманигор Ҷамшеди Ҳабиб, — ҳуҷҷати хабарнигориашро дароз кард журналист ва чун намехост Зарнигор кӣ будани Ситораро донад, бо гуфтани – «ин ҳамроҳи ман» қаноат кард.

— Чӣ мехоҳед?

— Ман бовар надорам, ки ҳамаи ин мусибату фоҷиаҳо тасодуфӣ бошанд. Барои рух додани ин ҳама ба андешаи ман, касе шароит муҳайё мекунад. Ба бадбахтии Сайфулло бояд хотима гузошт.

— Шумо бовар доред, ки метавонед ҳақиқатро барқарор кунед?- рӯйирост писханд зад зан.

— Шояд, — китф дарҳам кашид Ҷамшед.

— Наметавонед, вале агар хоҳиши охирини Сайфулло ҳамин бошад, ман тайёрам, то тавонам, ёрӣ расонам.

— Чаро хоҳиши охирин? — кунҷковона пурсид Ситора.

— Ӯро мекушанд — оҳанги ҳукми Зарнигор чунон қатъӣ буд, ки ҳатто ронанда як қад парида, ба қафо нигарист.

Журналист бе дудилагӣ тилфони дастиашро берун оварду аз мошин пиёда шуда, ба Шоҳин занг зад:

— Медонам, ки шояд ҳатто аз шунидани овози ман нороҳат шавӣ, вале хоҳиши ман алҳол бароят иҷронашаванда нест. Ту метавонӣ

Сайфуллоро ба беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ ҷой кунӣ? Ситора ҳозир дар он беморхона кор мекунад ва ба вай нигоҳубин менамояд.

— Танҳо ба ҳамин хотир? — полковники тафтишбадор аллакай зери коса нимкоса буданашро эҳсос карда буд.

— Ба ҳаёти ҷавон, бинобар гуфтаи апааш, хатар таҳдид мекунад.

— Сар шуд гӯй. Баъди ним соат дар беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ мешавад, — ваъда кард полковник.

— Алҳол ба Сайфулло хатаре таҳдид намекунад, — дубора ба машина нишаст Ҷамшед ва рост ба чашмони Зарнигор нигарист:

— Хуб, бовар дорам, ки ба якдигар дурӯғ намегӯем.

— Ман мехоҳам суханони маро сабт кунед, зеро бовар надорам, ки то рӯзи суд мерасам, — гуфт зан.

Ситора тугмачаи диктофонро пахш карду камераи хурдакакро бардошта, ба наворбардорӣ оғоз намуд. Зарнигор аввал рост ба камера бо ҳамон нигоҳи ҳаросон нигаристу баъд рӯяшро бо ду дастонаш пӯшонида, ба нақл шурӯъ кард.

***

Ман дар синфи даҳ мехондам. Шамс, — додари имрӯза прокурори ноҳия дар курси саввуми кадом донишгоҳ, дар пойтахт таҳсил мекард. Ба қавли худаш, маро дӯст медошт. Ман, чун одати ҳама духтарони деҳа, ҳалли ин масъаларо ба волидайн ҳавола кардам. Прокурори ноҳия Шавкат Таваралиев он вақт ҳарчанд факултаи ҳуқуқшиносиро хатм карда буд, вале бекор мегашт. Бо чанд нафар ба хонаамон барои бародараш ба хостгорӣ омад. Намедонам, падарам он замон ба кадом хотир: «Шумо авлоди паст, ба шумо духтар намедиҳам» — гуфт. Хостгорон ноумед баргаштанд. Якбора ҷанги шаҳрвандӣ оғоз шуд. Дар ноҳияи мо ҳам задухӯрдҳо шурӯъ гардиданд. Прокурори имрӯза қумондон шуд. Мусибате, ки

ба сари мардум овард, дар ягон қолаб намеғунҷад. Додараш ҳам, хонданро партофта, ба даст яроқ гирифт.

Як бегоҳ саҳни беруни дарвозаро ҷорӯб мезадам, ки мошини берақаме истод ва чанд нафари либоси сиёҳпӯш даҳонамро маҳкам карда, маро ба мошин зӯран бор карданд. Додари прокурор, ки Шамс ном дошт, маро бо худ ба кадом гӯшаи ноҳия, ба як ҳавлӣ бурд. Ба фарёду фиғонам гӯш накарда, дастонамро басту ба номусам таҷовуз кард. Акнун, агар бо хоҳиши худ ба мошинаш наменишастам, таҳдид мекард, ки дар деҳа овоза мекунад. Тавре медонед, нанге аз ин бештар барои духтари деҳотӣ нест. Ҳомиладор шудам ва аз Шамс илтиҷо мекардам, ки кӯмак намояд, то исқоти ҳамл намоям. Механдид ва мегуфт, ки «авлоди сарбаландро чӣ қадар мехоҳам сарпаст бинам». Чанд бор қасди худкушӣ кардам, вале Худо намехост, ки бимирам.

Ниҳоят, сирри ман фош шуд. Шамс гуфт, ки агар кӣ будани падари кӯдакро гӯям, тамоми хонаводаамонро нобуд мекунад. Аз тарс ба латукӯб тоқат мекардам, вале забони баста доштам. Як ҳамсинфам, ки Комил ном дошт, маро дӯст медошт. Шамс бардурӯғ овоза паҳн кард, ки падари кӯдак ин ҷавони бегуноҳ аст. Падарам ҷавонро таҳдид карду ӯ гурехта, ба Русия рафт ва баъди чанд вақт ҷасадашро оварданд. Ба фикрам, идомаи қиссаро медонед, — Зарнигор сарашро боло карда, ба Ҷамшед нигарист.

Журналист бо нишони тасдиқ сар ҷунбониду сигор оташ зад ва аз мошин фаромада, ғарқи хаёл намедонист чӣ гӯяд ва чӣ кор кунад. Ин лаҳза мошини хориҷии сияҳшишае башаст омада, дар назди онҳо қарор гирифт ва аз он аввалин шуда, марди қадпасти мӯйлабҳояш овезон, ки каллаи калони тос ва шиками мисли тарбуз дамидааш шукӯҳу шаҳомате ба вай мебахшид, поён шуд.

— Прокурор! — фарёди талх кашид Зарнигор ва Ҷамшед лаҳзае худро гум накардаву нигоҳашро аз мард наканда, гуфт:

— Ситора, бо суръати баланд ба сӯйи пойтахт равед. Ронанда бигзор чанд муддат ғайб занад. Зарнигорро ба назди Сайфулло бар.

— Шумо чӣ? Ин ваҳшиҳо Шуморо пора-пора мекунанд, — гуфт Ситора.

— Тавре гуфтам, ҳамон тавр амал кун, — қатъӣ гуфт журналист.

Давоми воқеа чунон тез ба вуқӯъ пайваст, ки касе интизор набуд. Прокурор, ки Шавкат Таваралиев меномидаанд, рост ба назди такси омада, Ҷамшедро сӯе тела кард ва Зарнигорро берун кашида, бо дастони фарбеҳи сергӯшташ хафа карду бо пойҳои калтаи ғафсаш ба сари синааш зад. Ҷамшед бо тамоми қувва ба сари мард фаровард. Ду нафари мусаллаҳ аз мошин фаромаданду яке аз онҳо бо автомат журналистро буғӣ кард. Дигарӣ Ситораро берун кашид ва «ой, чӣ хел кабкаки хушхиром» — гӯён панҷа ба пешобағали духтар бурда, пираҳанашро пора-пора намуд. Ронандаи таксӣ якбора мошинро ба ҳаракат даровард ва аз ин амали ғайриинтизор прокурор ва нафаре, ки Ситораро берун кашиданӣ буд, сӯе париданд. Такси бо суръати тез ба мошини сияҳшиша бархӯрд ва онро ба сӯйи ҷарӣ нишеб карду ба тарафи роҳе, ки ба сӯйи пойтахт мебурд, равон шуд.

Ҷамшед ин манзараро дар зери лагади се нафар, оғуштаи хуну хок дида, хурсандона баланд хандид. Прокурор ба ин ҷисми ғарқа дар хун нигаристу лагади дигаре ба сари вай фаровард. Чашмони журналист сиёҳ заданду дигар ҳама чизро фаромӯш кард.

***

— Ҳа, Шумо гузаронидед, ҷаноби журналист, гузаронидед. Шояд баъди даҳ-понздаҳ соли дар пушти панҷара нишастан ақлатон дарояд. Муқобилият ба намояндаи қонун ҳангоми иҷрои вазифа бо истифода аз яроқ — муфаттиш ба назди Ҷамшед туфангчаеро, ки вай дар умраш аввалин бор медид, партофта, лабханд зад:

— Мешиносед?

Журналист хост бо зӯрӣ дастони карахтшудааш сари аз дард вазнингаштаашро бардорад, аммо завлонаи оҳанӣ он қадар дардашро зиёд кард, ки лабони карахшбастаашро сахт газид. Ба либоси пора-пора ва ғарқа ба хоку хунаш нигаристу воқеаҳои дирӯзаро ба ёд овард. Танҳо баъди дарки он, ки дар куҷо аст, оромона посух дод:

— Бе ширкати адвокат ман чизе намегӯям.

— Мо инро медонистем, вале адвокат барои шумо ҳамон вақте дода мешавад, ки агар тамоми гуноҳи кардаатонро ба гардан гиред ва дар ин бора баёнот нависед. Агар шикояте дошта бошед, метавонед ба куҷое хоҳед, арз намоед. Мо барои шумо ин гуна имконро фароҳам меорем.

— Чӣ бояд кард, агар то интиҳои даштҳо холист? — ин мисраи аз куҷо шунидаашро бо алам ба забон овард Ҷамшед. Аз муроҷиат ба пуштибони қонун дар ноҳия сар карда то шикоятнома ба парлумон беҳуда, инро ман медонам. Вале иҷозат медиҳед, то ба ҳампешагонам занг занам? Шояд онҳо ба афсонаи бегуноҳии ман бовар кунанд?

— Аввалан, то интиҳои даштҳо холӣ нест, — бо заҳрхандаи ошкоро дуди сигорашро ҳавобаландона пуф кард муфаттиш, агар дар дашт касе набошад, ҳатто як ҷисми ноҷунбон ҳам метавонад ба он ҳусн бахшад. Агар шумо аз эҳсоси шарм, аз он, ки қиссаи зани бадномеро шунида, бо нияти кайфу сафо ӯро аз назди шавҳараш ба гӯшаи хилват кашидед, худро меовехтед, кори мо хеле осон мешуд.

Баъдан, занги шумо ба ҳампешагонатон беҳуда аст, зеро се нафари онҳо, ки ҳар яке се-шаш рӯзнома доранд, бо камоли майл тасмим доранд, то қиссаи журналисти адолатхоҳ, аммо ғарқа дар гуноҳро дар шумораҳои наздиктарин нашр намоянд. Умеди ягонаи шумо, полковник Шоҳин Азизов бошад, натанҳо аз вазифа сабукдӯш

шудааст, балки ба ҳабс гирифта шуда, бовар дорам, имшаб ҳамсӯҳбати хуби шумо хоҳад шуд.

— Аҳҳа! Ба қавле, дар ҳама ҷабҳаҳо амал кардаед. Агар ман он чизеро, ки шумо қисса мекунед, ба ӯҳда гирам, он гоҳ чӣ мешавад? Ба ман чӣ гузашт карда метавонед?

— Бодиққат гӯш кунед: генерал Вафо Баёнович Ҷунайдов, ки ҳоло дар маҳбас аст, кайҳо боз дар қасди бадном кардани яке аз шахсиятҳои маъруф дар кишвар Сарҳад Таваралиев буд.

— Бародари калонии прокурори ноҳия? Ваҳ, ин хонадон чанд писар дорад? Сарҳад, Шавкат, Шамс, — сухани муфаттишро бурид Ҷамшед.

Ҳамсӯҳбаташ бо нишонаи тасдиқ сар ҷунбониду ба суханаш идома дод:

— Ҷунайдов қиссаи Сайфуллоро аз забони домодаш Шоҳин Азизов шуниду ҳарду қарор доданд, то аз фурсат истифода баранд. Шуморо назди Сайфулло оварданд ва аз қиссаи дилобкунандаи вай чун журналисти адолатҷӯй мутаассир гашта, қарор додед, то ба деҳа рафта, ҳақиқатро маълум созед. Ба шумо дар бораи Таваралиев генерал маълумоти муфассал дода, барои эҳтиёт туфангча ҳам дод ва қатъӣ огоҳ кард то дар ҳолати бо прокурори ноҳия рӯ ба рӯ шудан аз он истифода баред, зеро ӯ ба андозае аз худ рафтааст, ки ҳар касеро хоҳад, ҷо ба ҷо мепарронад. Вақте Шавкат Таваралиев, прокурори ноҳия дар гӯшаи хилват зани ҳамдеҳааш — Зарнигорро бо марди бегона дар сӯҳбати гарм дид, нангаш боло гирифту хост фаҳмад, ки он мард кист. Шумо аз туфангча ба сӯйи вай оташ кушодед, зеро супориши генерал чунин буд. Тир ба прокурор нарасид ва ҳамроҳони ӯ шуморо дастгир карданд. Тамом, вассалом. Софдилона иқрор шудан ҳамеша кӯмак ба кори тафтишот ҳисоб меёбад ва дар назар гирифта мешавад. Аз ин рӯ шояд як-ду сол пас, ба озодӣ бароед.

— Журналист-киллер! — беҳтарин сюжет барои детектив, — тамоми дардашро фаромӯш карда, аз ханда худдорӣ карда натавонист Ҷамшед ва пурсид:

— Ман мошин надорам ва онро ронда ҳам наметавонам. Ин мушкил эҷод намекунад?

Муфаттиш бепарвоёна даст афшонид:

— Генерал ба шумо мошин дод. Мошинрониро дар ду рӯз ёд медиҳем ва ҳатто ҳуҷҷати ронандагӣ ҳам тахт мекунем.

— Агар ман гуфтаҳои шуморо не, балки воқеиятро гӯям-чӣ?

— Бадбахтӣ аз ҳамин лаҳза сар мешавад. Шумо зани сабукпо будани Зарнигорро шунида, ӯро ба гӯшаи хилват кашидед. Инро тамоми воситаҳои ахбор ҳатто бо аксҳо чоп мекунанд. Ҳуҷуми мусаллаҳона ба намояндаи қонун, ба ҷарӣ партофтани мошине, ки дувоздаҳ ҳазор доллар меистад. То ба ин дам ҳар шаб шатта мехӯред, хӯрокро хоб мебинед. Баъди ин воқеаҳо ҳатман оилавайрон мешавед ва ваъда медиҳам, ки аз биступанҷ сол кам намегиред.

— Вақт медиҳед, то фикр кунам? — пурсид Ҷамшед.

— Фақат то пагоҳ, — аз муваффақияти ғайричашмдошт чеҳрааш шукуфта, бархост муфаттиш ва навбатдорро даъват карда, супориш дод, то дастони маҳбусро кушояд. Сигор ва оташгиронашро бо майли тамом ба ӯ дароз кард:

— Ҳама журналистони шиноси ман сигор мекашанд. Ба фикрам, шумо ҳам истисно нестед.

Журналист бо майли тамом дуди сигорро дарун кашидаву лаҳзае ба андеша рафт ва гуфт:

— Як чиз ба ман маъқул нест. Намешавад, ки гӯё мулоқотамро бо генерал ва супориши вайро ман ба намояндагони қонун пешакӣ гӯям?

— О, бало! Натанҳо аз об хушк баромаданиед, балки боз чун қаҳрамон муаррифӣ шуданӣ ҳастед? Умуман, фикри бад нест. Пагоҳ ман хулосаамро мегӯям, — муфаттиш дӯстона бо дастони нарми занонааш дасти журналистро фишурд.

***

Вақте Ҷамшед ба ҳуҷраи боздошти муваққатӣ баргашт, даррав тағйир ёфтани муносибати посбононро нисбаташ эҳсос кард. Яқин, аллакай супорише ба онҳо дода шуда буд. Даррав барои ӯ субҳона бо қаҳваи гарм оварданд. Субҳонаро журналист бо майли тамом тановул карду зери лаб гуфт:

— Аз субҳонаи ҳаррӯза сад маротиба беҳтар.

Навбатдор табассум намуду мизи оростаро ҷамъ карда истода, пурсид:

— Ака, журналист бошӣ, қиссаи маро менависӣ?

— Ҳоло бароем-ку, — андешамандона ҷавоб дод Ҷамшед.

— Мебароӣ, ғам нахӯр. Ба ман аллакай гуфтанд, ки пагоҳ туро ҷавоб медиҳанд. Як духтарро дӯст медоштам, ба каси дигар шавҳар кард. То ҳол баробари диданаш, дасту по гум мекунам. Ҳамина дар газет нависи, донад, ки мо ҳам дил дорем.

Баъди чанд муддат навбатдор бо хоҳиши Ҷамшед барои навиштани қиссаи ошиқона, қаламу коғаз оварду гуфт:

— Фақат хоҳиш, ба касе нагӯед, зеро моро огоҳ карда буданд, ки мабодо ба шумо чизе барои навиштан надиҳем.

Ҳангоме навбатдор аз дар берун мешуд, мӯйсафеди халати сафедпӯш бо лавозимоти тиббӣ ворид шуд:

— Ку, додар, як саломатиатро бинем.

Ҳангоме табиб фишори хунашро чен мекард, Ҷамшед гӯё дар омади гап пурсид:

— Дар ин ҷо, ба фикрам, маоши кам медиҳанд, намешуд, ки ба ягон деҳа мерафтед?

— Дар деҳа ҳам аҳвол ҳамин, писар.

— О, духтури деҳаи Меҳнатобод, деҳаи прокурори ноҳия зиндагии хуб дорад-ку?

— Ҳа, Шукурро мегӯй? Вай аз ҳисоби писараш. Бачааш як касро корд заду Шавкат халос карда, ба Русия фиристод. Мегӯянд, ки дар онҷо бо авбошони рус якҷо аст. Ҳамон пул мефиристад.

Журналист аз шунидани ин хабар чашмонаш ба таври аҷибе дурахшиданд, вале сир бой надода, риштаи суханро ба дигар сӯ бурд:

— Барои ҳама душвор, амак. Ягон рӯзе беҳтар мешудагист.

— Бо ҳамин умед зиндаем, — шишаи айнакашро пок кард ҳамсӯҳбаташ, — Шуморо бояд ташхис кунем, ба фикрам, кадом узви даруниатон сахт лат бардоштааст.

— Дар даруни ман чизи ободе нест, — баланд хандид Ҷамшед, — ҳатто дигар будан ё набуданашонро эҳсос намекунам.

***

Вақте қариби намози шом Шоҳинро ба ҳуҷраи Ҷамшед даровардand, дар оғоз рафиқашро нашинохт. Як чашмаш аз латукӯби зиёд тамоман наменамуд, дар рухсораш ҷойи ободе набуд, мӯйҳояш парешон ва ҷо-ҷо ба хун часпида, лабу дандонаш ҷойи захми вайроншудаеро мемонд. Аммо қадамгузориаш устуворона ва сараш чун ҳамеша баланд афрохта.

— Дуруд! — ғайричашмдошти Ҷамшед овози Шоҳин як қадар рӯҳбаландона садо дод. — Бовар надоштам, ки Шуморо зинда мебинам.

«Сӯҳбати моро гӯш мекунанд», — зуд ба дафтар калон-калон навишта, пеши полковник гузошту посух дод:

— Бо дуои шумо алҳол зинда. Дар берун чӣ гап?

— Агар ҳисоби рӯзҳоро гум накарда бошед, — ба захмҳои рухсораи Ҷамшед ишора карда гуфт Шоҳин, — ҳоло фасли тирамоҳ аст ва дарахтон аз баргҳои заъфароniашон он қадар безор шудаанд, ки ҷойи қадам гузоштан нест. Аз ин рӯ хазонҳоро бераҳмона оташ мезананд.

— Бӯйи ғализу талх фазои шаҳрро пур карда гӯй. Тавре ҳунарманде мехонад:

Чӣ шаҳр аст ин, ғубори ғам гирифта...

Ҷамшед дафтарро, ки то ба ин дам ҳам ҳодисаро аз оғоз бо ҳама ҷузъиёташ навишта буд, пеши рафиқаш гузошт. Ӯ пеш аз он, ки онро хонад, қаламро гирифта, дар як гӯша навишт:

— «Ман маълумот дорам, ки ба шумо чӣ пешниҳод карданд, розӣ шавед. Ҳозир аввалин коре, ки бояд кунем, аз маҳбас баромадан аст. Барои ман ҳам варианти аҷибе бофтаанд, ки агар тибқи он амал кунам, шояд натанҳо ба озодӣ бароям, балки дар вазифаам барқарор ҳам кунанд. Сабаби ба ин ҷо овардани ман он аст, ки фарзияи барои Шумо бофтаро тасдиқ намоям».

—Хайр, беҳтараш, хоб кунем — гуфт Шоҳин қаламро сӯе гузошта, — ман дар роҳ хаста шудам.

— Ман қиссаи ишқи як навбатдорро менависаму баъд хоб меравам, — табассум кард Ҷамшед.

***

Субҳи барвақт навбатдор қиссаи ошиқонаашро хонда, ба китфи журналист зад:

— Бовар кунед, гиряам омад, офарин. Барои ин хизмат, ҳарчанд манъ кардаанд, вале иҷозат медиҳам, ки бо зани барои дидорбинӣ омада вохӯред.

***

Шамида кӯдаки хурд дар бағал, ҳаросон ба чор тараф нигариста, пурсид:

— Ба фикрам, ҳама чизро медонед. Ронандаи таксиро мекобанд, мо ӯро ба деҳаи дурдасте фиристодем. Муфаттиш Амонов хуб медонад, ки дар такси шумо бо Ситора будед. Аммо худро ба нодонӣ зада, ҷустуҷӯро кашол дода истодааст. Дилноза дар беморхонаи рӯҳӣ ба кор даромад, бевосита ба Сайфулло нигоҳубин мекунад. Ман ба ҳамсаратон ҳама воқеаро фаҳмонидам, бо кӯдакон ба деҳаашон рафт.

— Ин коғазҳоро ба Амонов деҳ, — Ҷамшед чанд варақро ба зери либоси кӯдак андохт, — бигзор агар имкон дошта бошад, тафтиш кунад.

***

Чеҳраи навбатдор ба андозае канда буд, ки Ҷамшед хавотир шуд:

— Мабодо, он коғазҳоро аз Шамида пайдо карда бошанд?

Нигоҳи суоломези журналистро дида, навбатдор бо овози ларзон гуфт:

— Шаб касе дар ҳаммом Сарҳад Таваралиев, бародари калонии Шавкат ва Шамсро парронидааст.

***

Вақте Ҷамшед хабари қатли Сарҳад Таваралиевро расонид, ба чеҳраи полковник соя афтод:

— Яқин, гумон мекунанд, ки кори наздикони Вафо Баёнович аст ва дар ин куштор дасти ман ҳам ҳаст. Тайёр шавед, бадбахтиҳои

мову шумо нав оғоз меёбанд, — Шоҳин бо сари хам дар ҳуҷраи танг тез-тез пасу пеш рафта омаду ғур-ғур кард:

— Навбатдори дигар барои ман як радиёи хурдакак овард. Мегӯям, чаро аз субҳ фақат мусиқии мотам пахш мекунанд.

Ҳанӯз Ҷамшед ба посух даҳон накушода, дари вазнин бошиддат кушода шуд ва прокурор Шавкат Таваралиев бо ду нафари мусаллаҳ ворид гардид. Дар чашмонаш хун ҷӯшида буд, дастонаш меларзиданд. Бе ягон сухан аввал бо пойҳои кӯтоҳаш ба шиками Шоҳин зад ва вақте ӯ аз ин зарбаи ногаҳонӣ хам шуд, аз мӯйи сараш дошта, бо зонуяш ба рухсори вай фаровард. Муҳофизонаш автоматҳои дасташонро сӯе партофта, ба лагадкӯб оғоз карданд. Вақте полковники оғуштаи хун ба замин афтид, прокурор бо туфлиҳои чиркинаш ба даҳони вай пахш кард. Ҷамшед дигар тоқат карда натавонист ва бо як ҳаракати тез яке аз автоматҳоро бардошту мили онро ба прокурор рост кард:

— Шавкат, ту меистӣ, дуи шумо марш ба берун!

Муҳофизони прокурор даступо гум карда, ба сардорашон нигаристанд. Таваралиев пояшро аз даҳони Шоҳин бардоштан баробар, ҷабрдида бо тамоми қувват ба шиками ӯ зад. Шавкат дуқат шуду бо тамоми овоз фарёд кард:

— Бароед, ки маро мепарронад!

Ҳарду муҳофиз баромаданӣ буданд, ки Шоҳин дандони шикастаи хунолудашро ба замин туф карду автомати дигарро бардошту амр дод:

— Не, истед, якҷоя мебароем.

Се нафар пеш-пеши автомат, ду маҳбус аз қафо, бе ягон мушкилот ба берун баромаданд. Навбатдорон, ки ҳатто аз нигоҳ ба чашми прокурор метарсиданд, ба он, ки автомат дар дасти

маҳбусон аст, ҳатто аҳамият надоданд. Дар берун мошини прокурор меистод.

— Калид? — пурсид Шоҳин ва аз дасти яке аз муҳофизон онро гирифта, ба Шавкат ишора кард:

— Ба мошин шин!

Ҷамшед бо як ҳаракати тез ва ғайриинтизор бо қундоқи автомат ба пушти сари яке аз муҳофизон фаровард. Полковник беҳис ба замин афтидани муҳофизро дида, бо мили яроқ ба шиками муҳофизи дигарӣ зад ва тез ба сари чанбар нишаст. Шавкат дар паҳлӯи вай ва Ҷамшед дар курсии қафо ҷойгир шуданд.

Мошин бо суръати баланд аз шаҳрак баромада, ба сӯйи кӯҳ роҳ гирифт...

***

Сардори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия Эсанқулов, ки дар замони ҷанги шаҳрвандӣ бо бераҳмиву сангдилиаш машҳур буд, хабари гаравгон афтидани Шавкат Таваралиев, — писари тағояшро шунида, бе ягон андеша рост ба хонаи Зарнигор омад. Чун ду мошини дигар ӯро бо сигналҳои баланд ҳамроҳӣ мекарданд, мардуми зиёди тамошобин ҷамъ шуданд. Ду нафар хешовандони Эсанқулов занро аз мӯйҳояш кашола карда, берун баровардаанд. Сардори ШКД туфангчаро аз миёнаш кашиду ба пешонаи зан рост кард:

— Ҳаромхиштак, ҳама бадбахтӣ аз касофатии туст. Ту бояд зинда намонӣ.

Ин лаҳза яке аз хешовандонаш тилфон дар даст фарёд зад:

— Акаи Шавкат Шуморо мепурсанд.

— Агар ба ягон нафар зарар расонӣ, ҳоли ман табоҳ мешавад, инро фаромӯш накун, — овози прокурор аёне ларзид, — илтимос, худро ба даст гир.

Ҳанӯз Эсанқулов дар посух даҳон накушода, тилфон аз он тараф хомӯш шуд. Сардор ғазаболуд ба мардуми атроф нигаристу ба сарбозонаш амр дод:

— Рафтем.

Бори аввал дар тӯли солҳои охир мардум диданд, ки чӣ гуна каллаи калони сардор оҷизона хам шуду китфони васеаш дар як лаҳза пойин хамиданд.

***

Вақте мошини прокурор ба дара ворид шуда, дар яке аз хамгаштҳо таваққуф намуд, Ҷамшед бо тилфони дастии ӯ ба чанд нафар занг зад. Аввал, баъди таҳдиди полковник, Таваралиев сардори шӯъбаи корҳои дохилиро огоҳ кард, ки мабодо ба қасосгирӣ шурӯъ накунад. Баъди ин бо муфаттиши раёсати кофтукови ҷиноят Амонов, ки қариб дар ҳама моҷароҳои ба сари журналист омада, ширкат мекард, сӯҳбат кард:

— Амонов, медонам, кӯшиш мекунӣ, ки бо ман сӯҳбатро кашол дода, дар куҷо будани моро муайян кунӣ, вале агар хоҳӣ, прокурор зинда монад, аз таъқиб даст каш.

— Ту рӯйдодҳои тозаро намедонӣ, — бо истеҳзо гуфт муфаттиш, — субҳ маро аз вазифа холӣ карданд, аммо ин бегоҳ дубора барқарор намуданд.

— Аҷоиб, — хандид Ҷамшед — баҳонаи дигар барои идома додани сӯҳбат надорӣ?

— Ту чаро дар зиндагиат ба касе бовар намекунӣ, Ҷамшед? Магар ин гуна бе боварӣ ба касе ва чизе зистан мумкин аст? Ҳарчанд туро беш аз даҳ сол боз мешиносам, лекин бовар кун, ҳатто қадами дигари туро наметавонам пешгӯӣ намоям.

— Агар ту баринҳо қадами дигари маро пешгӯӣ карда метавонистанд, агар эҳсоси маро баҳо дода метавонистанд,

устухонам кайҳо дар гӯристон сафед мешуд, — бадард гуфт журналист ва ба сари матлаб омад:

— Бо мо чӣ кор карданӣ ҳастед?

— Бовар кун, Ҷамшед, ман ин маротиба бо ту бозӣ кардан намехоҳам. Субҳидам ронандаи таксиеро, ки туро ба деҳаи Меҳнатобод бурда буд, боздошта оварданд. Медонӣ-ку, бачаҳои мо барои иқрор кардан барои ин ё он гуноҳ аз кадом усулҳо истифода мебаранд, — дар овози Амонов оҳанги истеҳзо пайдо шуд, — ронанда тасдиқ кард, ки Ситора ҳамсафари шумо буд. Пеш аз он, ки мо ба беморхона равем, ман ба хотири поси ошноӣ ба вай занг зада, пурсидам, ки воқеан бо ту ҳамсафар буд ё не? Вақте мо ба беморхона рафтем, вай аллакай дар беморхона набуд. Ҳангоме ба Ситора занг мезадам, тасодуфан кадом як нафаре, ки маро дӯст намедошт, дар утоқи корӣ ҳузур дошт. Аз занги тилфонии ман ба боло хабар дод. Маро натанҳо аз тафтиши ин қазия дур карданд, балки аз вазифа сабукдӯш намуданд. Дар давоми чанд соати минбаъда он қадар ҳодиса рух дод, ки ночор маро ба вазифаам барқарор сохтанд ва боз ин парвандаро супориданд.

— Чӣ ҳодиса рух дод? — кунҷковона пурсид Ҷамшед.

— Воқеаҳои ғайричашмдоште рух доданд, ки пайванди ҳамдигар буданд: сабтҳое пайдо шуданд, ки далели бо шахсони шубҳаноки хориҷӣ ҳамкорӣ доштани Сарҳад Таваралиевро шаҳодат медоданд, Шамс, — бародари хурдии вай, ҳамоне ки Зарнигорро тибқи маълумоти ту, ки тавассути Шамида ба ман расид, бадном сохта буд, гуё аз беэҳтиётӣ дар ҳолати мастӣ аз ошёнаи панҷум ба замин афтида, ҳалок гардид, сардори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия Эсанқулов Зарнигорро бо ҳамроҳии як даста сарбоз дар байни мардум паррониданӣ буд, вале кадом занги тилфоние монеъ шуд. Баъди ин воқеаҳои ғайриинтизор, Ҷунайдовро озод карданд ва

навакак фармони ба вазифаи сардори раёсати кофтукови ҷиноятҳои махсусан вазнин барқарор кардани Шоҳин Азизов баромад.

Парванда нисбати ту ҳам қатъ гардид ва чанд лаҳза пеш бо маслиҳати ман Нӯшофарин ва кӯдакон ба шаҳр баргаштанд, таксистро ҷавоб додем, Ситора дубора ба кор баромад. Ман ният доштам, ки ҳоло бархезаму дунболаи шумо равам. Хушбахтона, худи ту занг задӣ. Агар эҳсос карда бошӣ, шуморо касе таъқиб намекунад, зеро чанд лаҳза пеш Эсанқулов ва аксари хешовандони баландпояи прокурор ба ҳабс гирифта шуданд. Беҳтараш, барвақттар ба шаҳр баргардед, ягон бегоҳ ба «Канд» меравем.

— Ростӣ, намедонам, ба ту чӣ гӯям... Беҳтараш, баъди чанд лаҳза ба ту занг мезанам.

Ҷамшед гуфтаҳои Амоновро ба Шоҳин нақл карду ба прокурор Шавкат Таваралиев нигарист:

— Акнун метавонӣ ба мо чизе ҳам нагӯӣ, бо ҳамон усуле, ки мехостӣ, моро айбдор созӣ, дар ҷойи даркорӣ ҳамин тавр ба дӯши ту гуноҳҳои нокардаатро бор мекунанд, — журналист ба чеҳраи аз тарс сафедшудаи Таваралиев нигаристу оҳи сард кашид:

— Вале ман ба як суол ҷавоб ёфтан мехостам, ки ин қадар номеҳрубонӣ ва номардии ту нисбат ба авлоди Сайфулло ба кадом хотир буд? Наход танҳо ба ин сабаб, ки падарашон розӣ набуд, то духтарашро ба бародари ту диҳад?

Прокурор якбора сурх шуду бо оҳанги қатъӣ ҷавоб дод:

— Ту ба ин суол ҳаргиз ҷавоб нахоҳӣ ёфт.

Ҷамшед, ки ин гуна посухро чашмдор набуд, бо таҳайюр китф дарҳам кашид. Хаёли Шоҳин бошад, тамоман ба дигар масъала банд буд:

— Ба Ситора, Нӯшофарин, ҳамсари ман Соҷида, ба идораи рӯзномаатон занг занед. Мумкин, Амонов дурӯғ мегӯяд.

Баъди се-чор занги тилфонӣ журналист рӯҳбаландона садо баланд кард:

— Метавонем баргардем. Амонов шояд бори аввал ба ман ҳақиқатро мегӯяд.

***

Ҷамшед, Шамида, Дилноза, Сайфулло, Ситора, Шоҳин, Амонов дар тарабхонаи «Канд» баъди хӯрок ба таҳлили воқеаҳои чанд рӯзи охир пардохтанд. Чун ҳамеша, аввалин шуда Амонов риштаи суханро ба даст гирифт:

— Баъди гирифтани номаи Ҷамшед аз маҳбас тавассути Шамида ман мустақилона ба тафтишот машғул шудам. Бе огоҳ кардани роҳбарият яке аз кормандонро ба Русия фиристодам. Ӯ ба осонӣ маълум кард, ки писари Шукур, духтури деҳаи Меҳнатобод, Комилро бо истифода аз ҷавонони авбоши маҳаллӣ нобуд кардааст. Нусратулло, бародари Сайфулло ҳам бо ҳамин усул ҳалок гардид. Чанд нафари сияҳпӯш ба утоқи хоби онҳо медароянд ва танҳо Нусратуллоро бе ягон пурсиш чанд корд мезананду мераванд. Вақте ҷавонро ба беморхона оварданд, дер шуда буд. Тавре ҳамутоқони писари духтур шаҳодат додаанд, ҳарду куштор ҳам баъди занги тилфонии Шавкат Таваралиев — прокурори ноҳия сурат гирифт. Қотил ҳам иқрор шуд, ки тибқи супориш амал кардаву ба ивази анҷом додани ин ду куштор Шавкат ба падараш як мошин орд тӯҳфа кардааст.

Бобои Сайфулло бо марги хеш вафот кард, аниқтараш, дили пираш ин қадар хурсандиро ғунҷонида натавонист. Аммо падари Сайфулло дар натиҷаи истеъмоли нодурусти дору ҳалок шудааст. Мо баъзе доруҳоеро, ки табиб ба ӯ дода буд, пайдо кардем. Ӯ гирифтори бемории дил буд, вале Шукур ба ҷойи «карвидилол» тамоман таблеткаи таъсираш баръаксро додааст. Вай ҳоло дар

маҳбас мебошад ва иқрор шуд, ки прокурори ноҳия супориш додааст, то ба ин амал даст занад.

Ман далелҳои мӯътамад дар мавриди қонуншиканиҳои ин авлод доштам, вале дастам кӯтоҳ буд. Чун фурсати мусоид фароҳам омад, аз он истифода кардам.

— Ростӣ, ман ҳисоби кушташудагонро гум кардам, — ба хаёл рафт Ҷамшед, — ва ду савол маро ором намегузорад: Аввалан, сабаби ин қадар кинаю қасоси бераҳмонаи Таваралиевҳо аз оилаи Сайфулло дар чӣ буд? Наход, танҳо хостгоронро рондани падари Сайфулло?

Дуввум, қатли пурасрори Сарҳад Таваралиев ва думболаи ӯ аз ошёнаи панҷум афтидани додараш. Яъне, чун ҳамеша, қотилон номаълум мемонанд.

— Сарҳад Таваралиевро шояд сарбозони генерали марҳум Ҷунайдов бардошта бошанд. Дар марги додари вай Шамс чизи номаълуме нест, мастомаст балкон мебарояд ва меафтад, — он қадар бо оҳанги қатъӣ ҷавоб дод Амонов, ки ҳама лаҳзае хомӯш монданд. Ниҳоят Шоҳин гуфт:

— Ҳоли ман сахт бад аст. Бояд ба назди духтур равам. Ба фикрам, акнун бархезем ҳам, мешавад.

Шамида шавҳарашро, ки дар мошин ӯро интизор буд, хоҳиш кард:

— Аввал Ситора ва Дилнозаро ба хонаашон мебарем?

— Мард дар посух чизе нагуфт ва духтарон сукути ӯро чун изҳори ризоӣ дониста, ба мошин нишастанд. Ситора бо табассуми пурмуаммое ба Ҷамшед нигарист:

— Ин сафари хидматии мову шумо ҳисоб не, ҳатто як рӯз ҳам давом накард. Бовар дорам, ки маротибаи дигар ҳам фаромӯш намекунед.

Журналист дар ҷавоб табассуми дардноке карду чизе нагуфт.

Шоҳинро ҳам мошини хидматӣ интизор буд. Амонов ба Ҷамшеду Сайфулло нигарист:

— Шуморо ман мебарам.

Вақте муфаттиш ба шоҳроҳе, ки сӯи фурудгоҳи ҳавоӣ мерафт, тоб хӯрд, Ҷамшед бо тааҷҷуб пурсид:

— Касеро бояд пешвоз гирем?

— Не, Сайфуллоро гусел мекунем, — хандид Амонов, — як маротиба ниҳоят ба ман муяссар мешавад, ки туро дар ҳайрат гузорам, Ҷамшед. Ба ҷуз ту ва Шоҳин, дигар ҳама медонистанд, ки ин ду куштор дасти кист, зеро дар ин амалиёт ҳар яке ҳисса доштанд. Ситора шабона Сайфуллоро аз беморхона мегурезонад ва Дилноза то бозгашти вай дар ҷойгаҳи гарм бо парику риши сохта, чун Сайфулло, мехобад. Ман бошам, тасодуфан фаҳмидам, ки касе яроқ мефурӯшад. Шамида аз шавҳараш барои тилловорие, ки рӯзи дигар дар кӯча гум кард, пул гирифт. Сайфулло ба осонӣ шабона дар тарабхонаи воқеъ дар назди ҳаммом ба ҳайси пешхидмат ба кор даромад. Сарҳад Таваралиев ҳар ҳафта се маротиба ба ин ҷо меомад. Як тир ва вазъият якбора тағйир ёфт. Шамс Таваралиев бошад, бо Дилноза шинос шуда, ӯро ба хонааш даъват кард. Тасодуфан дари хона кушода монд. Ҳангоме нӯшонӯшӣ ба авҷи аъло расиду ҷавон ба Дилноза ҳамла кард, Сайфулло ворид шуд ва духтарро наҷот дод. Ҳоло беҳтар аст, ки чанд сол дар Русия кор кунад ва баргардаду хонадор шавад. Ана ҳамин гуна қисса.

— Шумо девона шудаед! — дод зад Ҷамшед, — наход шумо ҳам мисли Таваралиевҳо бошед? Наход ҳақиқатро танҳо бо хун барқарор кардан мумкин бошад?

— Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ, — боз ҳам баландтар қаҳ-қос зад Амонов. Парванда аз болои Таваралиевҳо дар ҳаҷми чандсад саҳифа кайҳо тайёр буд ва ман шахсан нафрати зиёде ба

онҳо доштам. Прокурор баринҳо ба шаъни мо, муфаттишони одӣ, доғ меоранд ва ин доғро наметавон бо чизи дигар шуст ба ҷуз хун.

Журналист дигар чизе нагуфту сарашро бо дастонаш дошта, ба хаёл фурӯ рафт.

Ҳангоме Сайфулло баъди хайрухуш чанд қадам гузошт, Ҷамшед садо баланд кард:

— Сайфулло!

Ҷавон баргашта, нигоҳ кард.

— Сабаби ин қадар чап гирифтани Таваралиевҳо чӣ буд?

— Хоҳари ягонаашон. Замоне маро дӯст медошт. Вақте бародаронаш маро лоиқи ӯ надониста, ба шахси мансабдоре доданд, ӯ аз ақл бегона шуд. Ҳоло ӯро дар хона занҷирбанд карда мемонанд.

— Медонӣ-чӣ, Сайфулло, ман ба як ҳикмат бовар кардам бо оҳанги хаста гуфт Ҷамшед, — ғам кушта наметавонад. Инро фаромӯш накун.

— Ман ба ин ҳикмат бовар дорам, — табассум кард ҷавон ва бо нишони хайрбод даст афшонд.

Душанбе, соли 2007

МУРДАРО БА ХОК НАСУПОРЕД

Ному насаб ва сужаи воқеа бофтаи муаллиф буда, дуруст омадани он бо ному насаб ва зиндагиномаи шахсони воқеӣ тасодуфӣ мебошад.

Борони баҳорӣ беист мерехт. Гӯё дар ҷавоб ба шикояти камобии роҳбарияти «Шамъи тоҷик» бошад, ки набудани барқро ба паст шудани сатҳи оби Норак вобаста медонистанд.

— Хушбахтона, дар Қундуз аз ҳисоби бебарқии шумо ҳамеша барқ ҳаст, — аз он сӯйи гӯшии тилфон Шамсиддин, — дӯсти рӯзноманигор Ҷамшеди Ҳабиб дар посух ба шикояти бебарқӣ, лабханд зад. — Мо пули барқро месупорем ва шумо ҳам метавонед мумсикӣ накарда, пули давлатро супоред, барқатонро хомӯш намекунанд. Нораки бечора ва ҳамсоякишвар чун ҳамеша баҳонаи хуб барои мардуми авоми ҷумҳурист, ки роҳбарияти ширкат пеш меоранд, вале барқи шумо дар Афғонистон фаровон аст.

— Мавзӯи аҷиб, — Ҷамшед сигори рӯшанро бо алам ба хокистардон пахш кард, — чаро дар ин бора наменависӣ?

— Чӣ, маро мисли худат аблаҳ меҳисобӣ? Бо гуфтани ин ҳазёнҳои «дарди мардум» касе дар боло сипос ҳам намегӯяд ва дӯстат ҳам намедорад. Баръакс, хомӯш бошӣ ё дар ҳамин ҳол як ситоишнома дар бораи раиси ширкати «Шамъи тоҷик» нависӣ, зудтар ба мансаби баланд мерасӣ. Ман ба наздикӣ перомуни ғамхориҳои бемислу

монанди роҳбарияти энергетикаи Тоҷикистон ба аҳолии ҷумҳурӣ, дар рӯзномаи «Кобул таймс» маводе навиштам. Бовар мекунӣ, дар чанд рӯзномаи дохили кишвар батакрор нашр гардид. Ҳамин ки курсии сардабирии ягон рӯзномаи давлатӣ ё радиёву телевизион холӣ шуд, маро огоҳ кун, ягон зиёфат мешавад.

— Ту дар радиёи хориҷӣ фаъолият дорӣ ва табиист, идеологияи давлати бегонаро тарғиб мекунӣ. Дар ҳамин ҳол боз ҳаваси роҳбарӣ дар сохторҳои давлатӣ дорӣ. Аҷиб... Моро, ки аз Тоҷикистон берун қадам нагузоштаем ва ҳамеша аз мушкилоташ гуфтаем, пайи пиёдасозии идеологияи дигар давлат набудаем, барвақт ба рӯйхати махсуси сиёҳ дохил кардаанд. Ба номи худ ҳатто наметавонем рӯзномаеро дар мавриди бузу бузғола нашр кунем, ҳатто рафиқони дар рӯзномаҳои давлатӣ кор мекарда, пеш аз он, ки бо мо салом кунанд, даҳ бор ба атроф менигаранд, ки мабодо сармуҳаррирашон набинад. Вале дар ҳамин маврид шикамдамидаҳои курсинишин рӯшан гуфта наметавонанд, ки ғайр аз дилсӯзӣ ба ин ватан ва дӯст доштани он, чӣ айбе дорем. Ба ҷуз он, ки...

— Ба ҷуз он, ки аз калӯши даридаи пахтакор менависӣ, аз азоби даруни ҷӯяи тамоку, аз азияти маҳбусон, аз ҳоли сагонаи муҳоҷирон, аз азоби бе барқу газ мондани мардум, — Шамсиддин гапи ӯро бурид, — бояд аз ободкорӣ навишт, аз муваффақият навишт, аз зиндагии гулгулшукуфон, аз дилсӯзии роҳбарон, аз рӯзгори ситораҳои санъати нимбараҳна бо пайкараҳои ҳушбаранда навишт. Чаро дигарон метавонанд нависанд, аммо ту не? Аз баҳри Худо, гӯй, ки боре дар мавриди фаъолияти пурсамари ягон раис, — раиси хоҷагӣ, ноҳия, вилоят навиштӣ? Не! Пас, онҳо чӣ гуна аз ту миннатдор шаванд? Ана ҳамин хел, барои кадом пойлуччакон ғам хӯрдаву дарди дил шуда, бо сигорҳои арзонбаҳову арақҳои хархӯр гард! Баъди мурдан ҳайкалат мемонанд.

— Агар ман аз гушнагӣ мурам ҳам, маддоҳу косалес намешавам. Фаҳмидӣ? — Ҷамшед дигар ихтиёрро аз даст дод. Шумо барин

зотҳо, мисоли ғилофаке ҳастед, ки ҳангоми хуфтухоб, барои бордор нашудани зан истифода мебаранд. Ҳамин ки вазифаатонро иҷро кардед, чун як чизи ҳаром, бо ҳазар ба сӯе мепартоянд. Дидам ҳамон даҳанкалонеро, ки пойи роҳбариятро мелесид. Имрӯз, баъди аз вазифа рафтан, шахсе намеёбад, то ҳасрат кунад. Маро бо онҳо муқоиса накун ва номи маро ҳаром накун.

Пеш аз он, ки Ҷамшед бо қаҳр гӯширо гузорад, Шамсиддин гуфт:

— Онҳо ҷамъ кардаанд. Мефаҳмӣ? Барояшон то охири умр мерасад. Ба қавле, «нуволаашонро ёфтаанд», аммо ту ҳоло пул дорӣ, ки сигорҳои тӯли сӯҳбат бо ман кашидаатро ҷуброн намоӣ?

***

Ҷамшед баъди сӯҳбат бо Шамсиддин хастаҳолона ба курсии фарсуда ва ларзонаки утоқи нимторик нишаст. Бори аввал набуд, ки рафиқони то як андоза дар тиҷорат муваффақ ва соҳибмансабаш ӯро барои навиштаҳояш накӯҳиш мекарданд. Ин насиҳату маслиҳатҳо вақтҳои охир ба дараҷае зиёд шуда буданд, ки дигар Ҷамшед аз ин ҳарфҳо дилгазон шуда буд. Дилаш сих мезад, нафас дар гулӯяш банд мешуд.

— Нишони пирӣ, — ба нигоҳи дилсӯзонаи ҳамкораш посух дод. — Баҳор ки шуд, баробари ҳама чиз дарду беморӣ ҳам месабзад, ҷавон мешавад.

— Табобат кунед охир, — Шамида, ки имрӯз бо кӯдакаш ба кор омада буд, аз дасти вай қаламро кашида гирифта, дубора болои миз гузошт.

— Ба ҳамин маош? — хандид Дилноза. — Ин кас ҳунари порагирӣ ҳам надоранд.

— Мо озмудаем дар ин шаҳр бахти хеш,

Бояд кашид аз ин шаҳр рахти хеш.

Ҷамшед ин мисраъҳоро гуфта, хастаҳолона бархосту пурсид:

— Кӣ омадааст?

— Боз кадом як бечора, — бозарда посух дод Дилноза, — ду кӯдакашро кадом бойбачае бо мошинаш пахш кардааст. Гуфтам, ки ба милисаю прокурор рав, охир, аз дасти мо коре намеояд. Мегӯяд, ки аризаашро дар он ҷой ҳатто қабул намекунанд.

Фиғони ниҳоние, ки аз қалб бармеомад, ин маротиба ба садои Ҷамшед печиду овози ларзонаш базӯр шунида шуд:

— Даъват кунед.

***

— Онҳо дугоник буданд. Дар синфи шашум мехонданд, — ашки бари рӯйи марди ҷомаи чиркин пӯшида ба ришҳои ба тозагӣ сапедӣ дамидааш таровид, — Он рӯз дар назди хона бозӣ мекарданд. Писари вазир Тешабоев мастомаст, бо суръати баланд омада, онҳоро пахш мекунад. Ҳарду ҳам дар аввал зинда буданд. Ба ҷойи он, ки онҳоро ба беморхона барад, аз мошин фаромада, ҷисми нимҷони онҳоро лагадкӯб мекунад, ки «мошинамро хунолуд кардед». Он замон дар хона касе набуд ва бачаҳои ман муддати се соат, бесоҳиб, дар маҳалли воқеа ҷон мекананд. Ман дар бозор аробакашӣ мекардаму модараш дар бозори «Корвон» сақич мефурӯхт.

Мард дигар натавонист суханашро идома диҳад. Ашк гулӯяшро буғӣ карду дод гуфта, гирист. Ин гиряи мард ба дараҷае ваҳшатнок буд, ки Ҷамшед сарҳисобашро гум кард. Лаҳзае музтар монда, сарашро хам кард ва чашмаш ба туфлиҳои даридааш афтод. – «Як ҳафтаи дигар ҳам дошт намедиҳанд», — бо заҳрханд аз дил гузаронид.

Мард баъди чанд лаҳза гиристан ба худ омаду латтаи рангаеро, ки шояд баъди марги кӯдаконаш барои тоза кардани оби чашм занаш аз кадом куртаи кӯҳнааш дарронида дода буд, бароварда ва оби дидагонашро пок кард:

— Рӯзи аввал милисаҳо омаданд, муфаттиш омад. Вале, бовар мекунед, мошини хунолуд дар даромадгоҳи хона меистоду онҳо ҷуръат накарданд, ки соҳиби онро барои пурсуҷӯ даъват намоянд. Як нафар калонсолтараш гуфт, ки «моро фаҳм охир, ин писари шефи мо». Бегоҳ падараш омада, камтар пул доду гуфт, ки «ҳамсоядорӣ, ҳеҷ гап не, се кӯдаки дигар доред. Кӯдаки зиёд чӣ лозим? Инро гиреду гӯручӯб кунед».

— Шумо пулро гирифтед? — бо тамасхури аламангезе пурсид рӯзноманигор

— Ман як тин барои ба хок супоридани онҳо надоштам, — мард дубора ба гиря оғоз намуд. — Ман пулро гирифта, ариза навиштам, ки даъвое надорам.

— Пас, барои чӣ ба ин ҷой омадед? Барои гиря кардан?

— Духтари калониам дар синфи даҳ мехонад. Вай маро маҷбур кард, ки ба шумо муроҷиат кунам. Гуфт, ки агар ба ин ҷой наоям, писари вазирро мекушад. Ҳарчанд гуфтам, ки ин беҳуда аст, касе шоҳидӣ намедиҳад, ман ариза навиштаам, ки даъвое надорам, дар ин маврид парвандае боз нашудааст. Вале гуфт, ки рафта, асли ҳодисаро гӯед, бас.

— Беҳтараш, шумо равед ва ба духтаратон гӯед, ки худаш ояд, — Ҷамшед намедонист ба ин мард дилсӯзӣ кунад ё нафрат, — фақат ба ягон нафар дар мавриди ба назди мо омаданатон забон накушоед.

Мард бархост. Ба назари Ҷамшед чунин намуд, ки қомати вай хамидатар шуда, дар ин фурсати кӯтоҳ даҳ соли дигар пир шудааст.

— Воқеан ҳам ба мард эътирофи оҷизиаш душвор аст, — рӯзноманигор бемадорона худро ба рӯйи дивани қоқу фарсуда партофт ва хоҳиш кард, ки муддате касе ӯро безобита насозад.

***

Қаду қомати духтар Ҷамшедро ба шубҳа андохт, бовараш намеомад, ки ӯ дар синфи даҳ мехонад. Маҳтоб духтари хеле қоматбаланд ва бузургҷусса буд. Шабоҳате ба баскетболбоздухтарони касбӣ дошт. Чеҳрааш аз нигоҳи аввал бисёр дағал менамуд ва тахмин кардан мумкин буд, ки ин чеҳра дар умре, ки дорад, рӯйи атру уппоро надидааст. Либоси сар то пой сип-сиёҳи аз матои арзонбаҳо дӯхта то як андоза дар дили ҳар шахс воҳимае меандохт. Чашмони обиаш варамида, лабони хушкаш парсингбаста буданд. Дастони пӯсташ дағал ва шахшӯлашро ба ҳам фишурда, бо овози хаста, пурсид:

— Ҷамшед шумо? Падари ман наздатон омада буданд.

— Омадани он кас бо хоҳиши ту сурат гирифт. Чаро ва ба кадом хотир? — хушку расмӣ пурсид рӯзноманигор.

— Ман мехоҳам гунаҳгор ҷазо гирад.

— Ҷазо мегирад, ҳатман ҷазо мегирад. Аммо, агар падараш аз мансаб равад, дар ин дунё, агар не, дар он дунё. Алҳол касе даъво надорад, ки гунаҳгор ҷазо гирад ва касе ҳам ҷуръат намекунад онҳоро ҷазо диҳад.

— Ман инро медонам — ғайричашмдошт ҷавоби Маҳтоб оромона садо дод. — Шумо ҳам наметавонед бе далели расмӣ чизе нависед. Ҳамин тавр?

— Бале!

— Агар ман мактуб навишта, зикр кунам, ки воқеан чунин ҳодиса рух додааст, вале шоҳиде дар бораи ин ҳодиса надорам?

— Туро барои тӯҳмат бурда, ҳабс мекунанд, рӯзномаро чопхона дигар нашр намекунад, маро бошад, баробари ту ба зиндон мебаранд.

— Пас, ягона роҳ мемонад: ман бояд ин морбачаро бо дастони худам кушам.

— Ба ҷавониат раҳм кун, тамоми боқимондаи умрат дар зиндон, бо хорию залилӣ пушти сар мешавад.

— Кафани додаракони ман аз пули қотил буд, вале ин маънои онро надорад, ки камбағал номус надорад! — Маҳтоб башиддат дарро пӯшиду баромад.

***

Тамоми кӯшишҳои Ҷамшед барои дастрас кардани ягон маълумот доир ба ин ҳодиса, — зери мошини писари Тешабоев мондани Ҳасану Ҳусейн бенатиҷа буд. Муфаттиши шӯъбаи мубориза бо ҷиноятҳои махсусан вазнин Амонов, сарвари раёсати вазорат Шоҳин Азизов дар пурсиш ба суол як хел ҷавоб доданд:

— Ин ҷиноят дар ҷое қайд нашудааст ва агар волидайни ҳалокшудагон ризо бошанд, ҷасадҳоро аз гӯр бароварда, ташхиси тиббӣ мегузаронем. Вале, падари Маҳтоб дар сӯҳбати тилфонӣ, ба ин пешниҳоди Ҷамшед, гуфт:

— Агар аз ман пурсанд, мегӯям, ки онҳо бо марги худ мурданд ва ҳаргиз роҳ намедиҳам, ки ҷасадҳоро аз гӯр бароранд. Шумо ягон нафар шоҳид ҳам пайдо намекунед, беҳуда талош накунед. Тақдир ҳамин будааст, аз дасти банда чӣ ҳам меояд? Илтимос, ман се фарзанди дигар дорам, инро фаромӯш накунед.

***

Ҷамшед он субҳ боазоб аз ҷойгаҳ барҳост. Пойҳояш сӯзиш мекарданд, аз чашмонаш бинобар зиёд нишастан дар назди компутар об мерехт.

Лаҳзае дудила ба чеҳраи ришрасидааш дар ойина дида дӯхт. Риш гирад ё на? Ниҳоят, нимғурма ба худ гуфт:

— Кӣ ба ман аҳамият медиҳад? Давраи олуфтагӣ гузашт.

...Дар идораи рӯзнома Дилноза танҳо буд. Вай баробари даромадани Ҷамшед бе салому алейк гуфт:

— Дина бегоҳӣ, ду писари вазир Тешабоев ва ду духтари дигар ба садамаи автомобилӣ дучор шудаанд. Касе мурватҳои чархи мошинро кушода гирифтааст. Дар роҳи рафтан ба Варзоб чархҳо мебароянд, мошин рост ба дарахти канори роҳ бархӯрда, чаппа мешавад. Бадбахтӣ ин, ки чун ҳама маст будаанд, нафаре наметавонад аз мошин берун шавад ва он оташ мегирад. Ягон нафар зинда намондааст.

— Сагонро марги сагона! — оромона гуфт Ҷамшед. — Хунро ҳамеша бояд бо хун шуст.

— Аммо шаҳрванд Маҳтоб Содиқоваро бо гуноҳи кушодани мурватҳо айбдор дониста, ҳабс кардаанд.

— Чӣ? — ханда дар гулӯи Ҷамшед печид. — Кӣ инро исбот мекунад?

— Даҳ нафар шоҳиданд, ки ӯро ҳангоми кушодани мурватҳо дидаанд.

— Ин баёноти шоҳидон бояд комилан сохта бошад ва исбот кардани он, ки маҳз Маҳтоб ин амалро анҷом додааст, кори осон нест, — Ҷамшед саросемавор чанг зада, сигор ва тилфони дастиашро аз рӯйи миз бардошту берун шуд.

***

— Ростӣ, ман ягон илоҷи раҳоӣ аз ин ҳолатро пешниҳод карда наметавонам, — адвокат Саломатшо Маҳмадшо бо нишони беилоҷӣ дастонашро ба ду тараф кушода, ба сӯйи падари Маҳтоб ва Ҷамшед нигарист. — Шоҳидон воқеан ҳам дидаанд, ки Маҳтоб мурвати мошинро мекушод. Тафтиш маълум кардааст, ки ду мурват пурра кушода гирифта шуда, ду мурвати дигар суст карда шудааст. Ҳангоме дар гардиш мошин бо суръати тез тоб мехӯрад, якбора ду чарх мебарояд. Баъди ба дарахт задан, якбора чаппа мешавад. Аммо оташ гирифтани мошин шубҳанок аст, зеро бензингири мошин осеб

надидааст. Аммо, тибқи одат, мақомоти тафтишотӣ ба хотири чигил нашудани кор, ба ин чун ба як нуқтаи ҷузъӣ баҳо медиҳанд.

— Шумо наметавонед бо Маҳтоб сӯҳбат кунед? — мӯйсафед бо овози ларзон ва умедворона пурсид.

— Не, ҳоло иҷозати вохӯрданро надоданд, вале гумон мекунам, мулоқот ҳам чизе намедиҳад, зеро дар нахустин пурсиш вай тамоми гуноҳро ба гардан гирифтааст.

— Албатта, касе дар ин маврид маълумот намедиҳад, ки бозпурсӣ зери чӣ гуна азият сурат гирифтааст, — Ҷамшед бо вуҷуди он, ки медонист, ин сухан чун тир ҷигари мӯйсафедро сӯрох мекунад, тоқат накард. — Ҳангоме ман аз Шоҳин Азизов, — сардори умури кофтукови ҷиноят пурсидам, ки баъди бозпурсӣ духтар дар кадом ҳолат аст, вай гуфт, ки бо супориши вазир ҳатто ба ӯ иҷозат нест, то боздоштшударо бубинад.

— Тафтишро агар Амонов ё худи Шоҳин Азизов мебурд, гапи дигар буд, лекин муфаттиш Тошев ба хотири худро ширин кардан ба вазир аз ягон амал рӯй наметобад, — Саломатшо айнакашро аз чашм гирифта, гӯё будани падари боздоштшударо фаромӯш кард ва ҳатто ба он, ки садои ҳиққос зада, «духтари бадбахтам» гуфтани мӯйсафед равшан ба гӯш мерасид, таваҷҷӯҳе нанамуд.

— Акнун ягона умед ба худи вазир, агар вай ҳам андеша кунад, ки писараш қотили ду фарзанди ин мард буд, шояд аз даъвояш гузарад ва як каме бори ҷиноятро сабук кунад, — адвокат аз ҷой бархосту бо нишони хайрбод дасташро ба Ҷамшед дароз кард, — агар ягон ҷузъиёти нав пайдо шуд, маро огоҳ намоед.

***

Ду рӯзе, ки дунболи ин моҷаро сипарӣ гардид, ба назари Ҷамшед мисли соли дарозе метофт. Соле, ки баҳор надорад, рӯшании хуршед аз осмони қалбҳо фирор карда ва ҳама ҷой туманолуду тира аст. Роҳи наҷот ба сӯйи ҷарии бетаге мебарад, ки поёнаш маълум

нест ва аз умқи ин торикии ваҳим танҳо садои имдодталабона ва норасо ба гӯши Худованд берун меояд.

Сояи ғафси ноумедӣ ба андозае ӯро назарбанд карда буд, ки дигар ҳатто аз меҳрубонӣ ва дилсӯзии ҳамкорон ғашаш меомад. Чунинаш менамуд, ки ба ҳоли вай тамасхур мекунанд ва ба хотири ниҳон доштани писханд бо табассуми сохтакоронае ба вай менигаранд ва лабонашон аз шиддати дурӯғ гуфтан дигар ба ҳамдигар намерасанд. Ба ин хотир, ҳамин ки вай ба утоқ медаромад, ҳама якояк утоқи кориро тарк мекарданд ва ӯро бо ҳама андешаҳои навмедона танҳо мегузоштанд. Дигар вай буду садои як ҳунарманде, ки бо садои ҳазину гирифта ситоиши марг мекард ва дуди сигор. Пешорӯяш симои Маҳтоб ҷилвагар мешуд ва садояш дар сукути андешаҳояш садо мезад:

— Кафани додаракони ман аз пули қотил буд, вале ин маънои онро надорад, ки камбағал номус надорад!

Ин маротиба ҳам дар гирдоби ҳамин муҳит буд, ки садои занги тилфон баланд гардид.

— Чун аз утоқи дигар гӯширо гузоштанд, пас касе маро ёд кардааст, — бо тамасхур зери лаб гуфт Ҷамшед ва хастаҳолона гӯширо бардошт.

— Салом ба ошиқи ғами бечорагон! — садои хандаи зангӯладор гӯширо пур кард. — Тасаввур менамоям, ки утоқи нимрӯшан пур аз дуди сигор аст ва Аҳмад Зоҳир мехонаду андешаҳои навмедона шабеҳи морҳои сари Заҳҳок қаҳрамони моро хӯрданӣ ҳастанд.

— Ситора? — дар садои хастаҳолонаи Ҷамшед нерӯи тозае пайдо гардид. — Гумгаштаи дунёи ҷавонӣ, аз куҷо ту ҳамеша аз мушкилоти ман огоҳ мегардӣ ва дар ҳолате, ки дигар наметавонӣ ба касе бовар намоӣ, пайдо мешавӣ?

— Аз он дунё! — қаҳ-қаҳа зад духтар. — Ман ҳанӯз ягона орзуи даврони ҷавониамро амалӣ накардаам, аз ин хотир дар бедориҳое, ки ҷустуҷӯйи марг мекунед, пайдо мешавам.

— Ин маротиба хеле густохона ҳарф мезанӣ! Ё сабаб он аст, ки риштаи дӯстӣ бо Нӯшофарин бастай ва мехоҳӣ аз ин боварии вай истифода барӣ?

— Нӯшофарин агар қиссаи ишқи маро, ки инак панҷ сол мешавад, идома дорад, фаҳмад, шояд абадан шуморо ба ман вогузорад. Аҷиб, ки Маҷнун дар ёди Лайлӣ биёбон ихтиёр карда буд, вале дар зиндагии воқеӣ баръакс будааст.

— Биё вомехӯрем, — аввалин маротиба ин даъват аз забони Ҷамшед қатъӣ садо дод, — чун ҳамеша дар «Канд».

— Ва чун ҳамеша соати шаши бегоҳ — гуфт Ситора.

Рӯзноманигор бо рӯҳи болида гӯширо гузошт. Ниҳоят як нафаре, ки ҳолати рӯҳии вайро дарк мекунад, гӯё аз ғайб пайдо гардид. Равзанаи утоқи нимторикро ба хотири як каме тоза кардани ҳаво боз кард. Берун ҳамоно борон мерехт, вале шӯълаҳои хуршеди нимрӯзӣ пардаи тираро дарида, нурафшонӣ мекарданд. Занги дубораи тилфон нагузошт то вай аз ин манзараи рӯҳи зиндагибахш атокунанда ҳаловат барад. Ин маротиба зуд гӯширо бардошт:

— Салом! Ҷамшеди Ҳабиб аз рӯзномаи «Гулбонг?»

— Ман.

— Шуморо пагоҳ соати нӯҳи субҳ муфаттиш Тошев интизор аст. Шумо чун шоҳид даъват шудаед. Вале агар зарур бошад, мо ба назди шумо равем?

— Тошев, яъне ин Шумо? — пурсид бозарда рӯзноманигор.

— Бале, ман. Мо парвандаеро дар мавриди куштори чор нафар тафтиш менамоем. Ба мо маълумот расид, ки пеш аз куштор, шумо бо қотил сӯҳбат доштаед.

— Ин вазифаи ман аст. Омадан ва рафтани Маҳтоб Собирова дар китоби рӯзнома қайд шудааст. Ба ман даъватномаи расмӣ фиристед, ман баъд меравам — норозиёна гуфт Ҷамшед.

— Ту мада қонун талкавать накун. Фаҳмидӣ? Ма ту да Салимҷонов нестум. Ясна? — натанҳо тарзи ҳарфзании муфаттиш тағйир ёфт, балки овозаш ҳам оҳанги таҳдид гирифт, — Наёмадӣ, миёрумут.

— Ту доду фарёд накун! Ту барин муфаттишчаҳакҳоеро, ки мақсад аз даҳондарроиашон хидмат ба сардорони шикамдарида аст, зиёд дидаам. Зиндони шуморо ҳам дидам, захмҳои туфангу автомати шуморо ҳам дорам. Ту фаромӯш накун, Тошуф, ки вақте маро таҳдид мекунанд, аввал дар қалби ман тарс мемирад.

Ту набудӣ тирмизак, ки то дирӯз бо ҷумлаҳои бемантиқу рӯйбардор аз қонунҳо барои рӯзномаи мо гӯшаи «маслиҳати ҳуқуқӣ» омода мекардӣ?! Медонӣ-чӣ, ҳар боре ман ҷумлаҳои аблаҳонаи туро дуруст мекардам, як маротиба зан ва модари муаллифро ёд мекардам, — Ҷамшед, ки асабҳояш таранг буданд, дигар худро дошта натавонист.

— Маҳз маслиҳати ту, — «хунро ба хун мешӯянд» гуфтани ту Маҳтобро маҷбур кард, то одам кушад. Ғам нахӯр, дар ин бора имшаб мо баёноти ӯро мегирем, шоҳиди дигар ҳам меёбем, барои ту одамон мисоли саг ҳастанд ва мебояд мисли саг миранд. Чӣ, ин ҳам ҷумлаи ту нест?

Барои таҳқири корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бошад, ту яқин пагоҳ аз утоқи ман намебароӣ, — овози муфаттиш боз мисли пешина, ғайричашмдошт оромона садо дод. Барои ишораат ба маҳалли ман бошад, тибқи моддаи даъват барои барангехтани низои маҳаллӣ посух мегӯӣ, — гӯширо гузошт муфаттиш.

Ҳамкорон, ки бо шунидани садои баланди Ҷамшед ҷамъ шуда буданд, ҳаросон берун шуданд ва баъди чанд лаҳза дар маҳалли кор пашша пар намезад...

***

— Ҳатто бачаҳо аз ин кори пурмоҷаро, аммо бемаънои ту дигар хаста шудаанд. Ҳар сари вақт гурезогурез аз ин манзил. Чӣ, дар ин кишвар дигар рӯзноманигор нест? Чаро онҳо беҷанҷол мезиянд, аз хонаи худ намегурезанд, боре дар ҳаёташон идораи суду прокуратураро намебинанд, вале ту ҳамеша дар доми ин бало? Медонӣ, хаста шудам, хаста! — Нӯшофарин ба хоҳиши тилфонии Ҷамшед барои муваққатан ба хонаи падараш рафтан бо ашки чашм посух дод. Баъди тақрибан ду соат бо тилфони ношиносе занг зада, гуфт:

— Мо расидем.

Ин дам ақрабаки соат ба шаш наздик мешуд. Ҷамшед мисли шахси мусибатзадае бемадорона бархост ва ба сӯйи тарабхонаи «Канд» роҳ пеш гирифт.

***

— Маҳтоб воқеан он бегоҳ кӯшиш карда буд, ки мурвати чархи мошини вазир Тешабоевро кушояд, вале натавонист, зӯраш нарасид. Баъд гириста — гириста, ба хонаашон рафт ва субҳ ӯро милисаҳо бедор карданд, — Ситора рост ба чашмони Ҷамшед нигарист. — Гумон мекунам, ин кори нафари дигар аст, ки аз ин ҳолат хуб истифода бурд.

Ҷамшед пеш аз он, ки ҷавоб диҳад, хаёлолуд қадаҳи дасташро бардошту ба сар то пойи духтар бодиққат назар дӯхт.

Не, Ситора тақрибан тағйир наёфта буд: — ҳамон қомати баланд ва пешобағали пурра, чашмони барқпоши осмонӣ, абрӯвони дарози сиёҳ, чеҳраи мисли шир сафед, мӯйҳои дарози гирди сар печонида,

лабони пистамонанди як каме ба ханда моил. Фақат дар оҳанги ҳарфзаниаш як андоза ҷиддият ва расмият эҳсос мегардид.

— Ту дар таваллудхона ҳам ҳамин хел ҷиддӣ ҳарф мезанӣ? Занони ҳомиладор ва кӯдакони навтаваллудшуда шояд аз ин тарзи гуфтори ту чизе нафаҳманд, — Ҷамшед бори аввал баъди вохӯрӣ табассум кард.

— Не, ман танҳо бо сардухтур расмӣ ҳарф мезанам, — хандаи зангӯладори Ситора баланд шуд. Аз рӯзе, ки ӯро ба вазифа тайин карданд, дунболи маро гирифтааст. Дар дунё чизе намонд, ки ваъда надода бошад, — мошин, хона, ҳатто сайру саёҳати хориҷӣ. Ниҳоят маҷбур шудам, то бо ӯ расмӣ ҳарф заданро машқ кунам.

— Чаро розӣ нашудӣ? Охир, туи нозанин маҳз барои ин гуна зиндагии шоҳона таваллуд шудаӣ, — Ҷамшед қадаҳи навбатиро бардошт. Ғайричашмдошт Ситора, ки дар оғоз «наменӯшам» гуфта, қадаҳро наздаш гузошта буд, онро якбора бардошту оромона посух дод:

— Ман сари ин масъала хеле андешидам. Вале, медонед, маҳз шумо сабабгор шудед, то ман аз ноҳия ба шаҳр оям, алифбои зиндагиро омӯзам, азоби рӯзгор кашам, пастию баландиро бинам. Ва ҳамаи ин ба хотири як нафар буд. Нафаре, ки ҳатто фаромӯш мекунад, ман дар ин шаҳр ҳастам.

— Ситора, биё ҷиддӣ ҳарф занем. Ман эҳсоси туро хуб дарк менамоям. Вале, бубин, ман бо дили бемор, ҳазорон захм дар ҷисм, асабҳои вайрон, қомати аллакай хамида, киссаи холӣ. Медонӣ, вақтҳои охир ором хобида наметавонам. Гурда, ҷигар, пойҳоям дард мекунанд. Ҳатто аз ин нолишҳои ман дар рӯзнома безор шудаанд. Дирӯз ҳатто муассиси рӯзнома ишора кард, ки аз саломатиатон ҳам андеша кунед.

Вале дар ҳамин баробар сардухтури ту нисбат ба ман хеле ҷавонтар мебошад. Бо ҷисму рӯҳи солим, кисаи пур, зиндагии

таъмин, ҳатто бечора ҳанӯз хонадор нашудааст. Ҳатто тайёр аст, ки ба хотири ту тамоми дороиашро қурбон кунад. Вале ту ҳатто, то ҷое медонам, бо ӯ ҳамин тавр рӯ ба рӯ нанишастаӣ.

— Ман барои зиндагие, ки ту мегӯӣ, офарида нашудаам, — Ситора якбора ба «ту» гузашт. — Чунин андеша дорӣ, ки танҳо ту зиндагиро бо ҳамон маъное, ки дарк кардаӣ, мефаҳмӣ. Лекин хато мекунӣ. Барои ман ана ҳамин ҷисму рӯҳи абгоре, ки ба шикастҳои паёпайи зиндагӣ ҳамеша даст ба гиребон мебошад, аз шоҳзода болотар аст. Зеро ин таври зиндагӣ маъние дорад, ақалан оташи зистанро дар қалб намекушад, инсон ба хотири чизе зиндагӣ мекунад.

Тасаввур мекунам, агар ҳамин сардухтур, ки орзу менамояд, дар ҳаёташ ақаллан як маротиба бо ман баъди кор рӯ ба рӯ шинад, аз вазифа равад, аз гушнагӣ мемирад. Зеро маънии рӯзгори вай ҳамин шикам асту бас!

Ман тавонистам зиндагиро бо чашми ту бинам, ҳарчанд онҳое, ки солиёни зиёд боз дар атрофат ҳастанд, натавонистанд, то ба рӯзгор бо дидаи ту бингаранд. Барои ту боре шикам дар мадди аввал набуду нест. Ман намехоҳам барои халтаи ахлот бизиям, мефаҳмӣ?

— Аз ман чӣ мехоҳӣ? — Ҷамшед бо овози паст пурсид.

Ба ҷойи посух ашк аз чашмони Ситора равон шуд. Дастонаш бемадорона сӯйи Ҷамшед дароз гардиданд. Мард оромона ин дастонро ба каф гирифту муддате ба он хира шуд ва оҳиста бардошта, бӯсид:

— Хайрият, ту ҳастӣ! — ва барои он ки ба ин саҳнаи ногувор хотима бахшад, пурсид:

— Дар бораи Маҳтоб аз куҷо маълумот пайдо намудӣ?

— Ҳамсояаш бо мо кор мекунад. Муфаттишон медонанд, ки ин кори Маҳтоб нест, вале шоҳидонро маҷбур кардаанд, то нависанд,

ки ин кори Маҳтоб буд. Касе ҷуръат намекунад ба вазир гӯяд, ки ин амал... — Ситора лаҳзае хомӯш монд.

— Чӣ ин амал? — бетоқат шуд Ҷамшед

— Сӯйиқасд буд.

— Чӣ-ӣ? — рӯзноманигор аз ҷояш баланд шуду беихтиёр дубора нишаст.

— Бале, сӯйиқасд буд, — аз он, ки хабари расонидааш Ҷамшедро комилан ба ҳайрат андохт, хурсанд шуда, бо ҳарорат суханашро идома дод Ситора. — Дар ин маврид далелҳои раднашаванда ҳастанд, вале афсӯс, на дар дасти шахси саввум, балки дар дасти қотил, аниқтараш, қотилон. Баъди кӯшиши бебарори Маҳтоб барои кушодани мурвати мошин, нафарони дигар ин корро устокорона, бе ягон шоҳид, анҷом медиҳанд ва табиист, гуноҳ ба сари духтар бор мешавад.

— Далел, шоҳид нест ва медонӣ, ин қиссаро ман ҳам бофта метавонам, — ғамгинона гуфт рӯзноманигор, — вале аҷиб аст, ки ту инро аз куҷо шунидаӣ?

Ситора табассум кард ва дар рӯшании чароғакҳои фурӯзон чеҳраи зебояш зеботар шуд. Лабонашро беихтиёр ғунча кард, абрӯвони дарозашро ба ҳам кашид ва оҳистаю нозолуд ханда зад:

— Ман гуфтам, ки далели раднашаванда ҳаст ва онро касе барои зери лаҷом доштани нафари дигаре, то фурсати муайян нигоҳ медорад. Ҳамин ки муносибати ин ду шахс вайрон шуд, ин далел пешкаши ҳамагон мегардад. Вале айни замон ин қотилон дар як мавқеъ ва ҳамандеша ҳастанд, ҳамин ки ҷанг барои курсии вазир Тешабоев оғоз гардид, бидон, асли воқеа дастраси мардум мешавад. Айни замон коре наметавон кард, ҷуз сабр ва кӯшиши ҷанг андохтани эшон.

Шояд аз шунидани хабари дигар мизро чаппа кунӣ, вале кӯдакони дугоникро писари вазир бо мошин пахш накардааст, балки ин амалро раққосаи машҳуре анҷом дод. Панҷ шоҳиди сохта, панҷ нақлкунандаи ҳодиса ба волидайни кӯдак дар мавриди ба дасти писари вазир анҷом дода шудани ин ҳодиса маълумот пешкаш карданд ва бо ҳамин ҷиноят ба осонӣ ба сари нафари дигар бор шуд. Падари бехабар аз асли ҳодиса онро ба ту қисса кард ва бе ягон далели иловагӣ, ту ба он бовар намудӣ.

Ин бозии устокорона тарҳрезишуда ва хеле хатарнок аст. Бо вуҷуди боварии комил доштан ба он, ки ҳақиқати ҳодисаро танҳо ту метавонӣ рӯйи об барорӣ, илтиҷо мекунам, боз ист. Алҳол, муваққатан. Дар ин бозӣ пули калоне партофтаанд ва ҳаёту мамоти чандин нафар ба он вобаста аст. Аллакай ҷанги курсии вазирӣ сари шаш нафарро хӯрд ва шояд ин рӯйихат ба даҳ-бист нафар расад. Бадбахтӣ ин аст, ки касе намехоҳад боз истад ва ба ин бозӣ кашидани ту ҳам аз рӯйи нақша буд.

— Не, ту чиҳо мегӯӣ? Биё мон афсонаро! — Ҷамшед намедонист чӣ кор кунад, чӣ гӯяд ва саросема сигорро чаппа ба даҳон бурд, — дар ман эҳсосе пайдо шуда истодааст, ки ту ... — рӯзноманигор аз идома додани андешааш худдорӣ кард.

— ...бо супориши касе бо ту вохӯрдаам ва мехоҳам аз роҳ туро боздорам, — бо овози паст идома дод риштаи суханро Ситора. — Бале, яке аз ҷонибҳо мехоҳад ту дар ин бозӣ бошӣ ва ин мавзӯъро ба саҳифаи рӯзнома кашӣ, аммо ҷониби дигар барои боздоштани ту аз чизе рӯй наметобад, ҳатто аз нобуд кардани ту.

Лаҳзае хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Танҳо садои ҳофизи тарабхона ба гӯш мерасид, ки таронаи Аҳмад Зоҳирро бо овози дурушту дағал месуруд:

Аз барои ғами ман синаи дунё танг аст,

Баҳри ин мавҷи хурӯшон дили дарё танг аст.

Ҷамшед сукут варзид. Сигори рӯшани дастонаш аз эҳсоси ботинӣ аранге меларзид, асабҳояш таранг шуда, мағзи сараш бошиддат кор мекард. Будани Ситораро фаромӯш карда буд ва ба нигоҳи харидоронаи ду марди сархуш аз мизи ҳамсоя ба сӯйи духтар аҳамияте надод. Ситора ҳам хомӯш буд ва нигоҳашро аз Ҷамшед гурезонида, бо дастонаш зулфи ба бари рӯяш фаромадаро шона мезад.

Ин хомӯширо садои ошное шикаст:

— Дуруд ба ошиқони шаб!

Ситора бо дидани соҳиби овоз оҳиста бархост ва ба сӯйи полковник Шоҳин Азизов, сардори раёсати мубориза бо ҷиноятҳои махсусан вазнин, барои салом даст дароз кард. Рӯзноманигор бошад, ҳатто наҷунбид ва гӯё салом додани дӯсти деринаашро нашунид. Оромона, курсии сеюмро оварда, нишастани вайро надид. Баъди он, ки Шоҳин бо як нафас қадаҳашро холӣ кард, Ҷамшед бо овози паст пурсид:

— Ситораро ту ба назди ман фиристодӣ?

Азизов чизе нагуфт, аниқтараш, гӯё нашунид ва ба ҷойи посух додан арақи шишаи қариб пурро ба қадаҳҳо рехта, ғур-ғур кард:

— Арақхӯри асосӣ ҳозир меояд, ин шиша ҳалқи вайро тар ҳам намекунад.

Ин ҷавоб рӯзноманигорро аз худ берун кард. Боғазаб шишаро аз дасти полковник кашида гирифт:

— Ман ба ту савол додам, аммо ту бо ман бозӣ мекунӣ. Шумо шахсро ба ҳолате меандозед, ки ба ягон муқаддасот бовараш намеояд. Ман гумон карда будам, ки эҳсоси Ситора воқеӣ асту воқеан дӯст медорад, вале маълум шуд, ки ҳама афсонаҳояш дар мавриди муҳаббат комилан дурӯғ аст ва маро лӯхтаке беш намедонад. Ҳама бомаслиҳат ба ивази хуни кӯдакон пул гирифтед

ва маро масхара мекунед. Аммо чӣ бозингарони беҳунаре ҳастед, ки ҳамаро мисли худ медонед. Ҳатто бо шумо нишастан барои ман айб аст, — Ҷамшед якбора бархостанӣ шуд, вале дастони мустаҳкаме аз китфонаш доштанд:

— Ором, дӯстам, ҳанӯз маълум нест, ки зиёфати имшабаро ки ҳисобӣ мекунад, ман ё ту. Фикр мекунам, далелҳои дар даст доштаи мо барои ту беаҳамият нестанд, — муфаттиш Амонов баланд хандиду аз мизи дигар, ки мардони сархуш бо омадани Шоҳин холӣ гузошта, бархоста буданд, курсиеро пеш кашида, нишаст.

Ҷамшед музтар монду ба Ситора нигарист. Вай оромона, беовоз мегирист ва ашки шашқатор рухсораҳои пурраашро тар мекард.

— Ман ба ту нагуфта будам, ки Ҷамшед садқаи муҳаббат шавад, — омирона ба суханаш идома дод Амонов, — кош маро чунин зебосанам дӯст медошт, ҷонамро қурбон мекардам. Огоҳат кардам, ки то омадани мо тоқат кун, чизе дар ин мавзӯъ нагӯй, зеро ин дӯсти мо дар як лаҳза эътиқоду боварии чандинсолаашро аз даст медиҳад, ба касе ва чизе эътимод надорад.

— Айби ман шуд, — Шоҳини аз гиряи Ситора хиҷолатзада шишаро дубора бардошту ба қадаҳҳо рехт, — ман аз ҳад гузаронидам, маро бубахш, дӯстам.

Ҷамшед бе сухан қадаҳашро бардошту ба духтар нигарист:

— Ба ҷойи ман агар худат бошӣ ҳам, чунин фикр мекардӣ.

— Рост — ғайричашмдошти ҳама садои Ситора оромона садо дод, — ман ба ҷойи ту мебудам, ин замон мизро ба сарат чаппа мекардам. — Барои чӣ ба ман нарехтед? — қадаҳи холиро назди полковник гузошт вай. — Ман ҳам мехоҳам дар ҳузури мардон худро мард ҳис кунам.

— Барои чаппа нашудани миз. Агар миз чаппа мешуд, ҳаққи қалами чанд мақолаи Ҷамшед месӯхт, — Амонов боз заҳр заду қадаҳашро бардошт.

Баъди он, ки пешхизмат дубора фармоиш қабул карда, шишаи навро рӯйи миз гузошт, чун одати ҳамешагӣ, аввалин шуда, муфаттиш Амонов сари мавзӯъ сухан оғоз кард:

— Ҳангоми гузаштан аз роҳ раққосаи масте, ки дар сари чанбар буд, ду кӯдаки бегуноҳи раҳгузарро пахш мекунад. Баъди ним соати ин ҳодиса ин мошин ба писари вазир Тешабоев бо санаи пештар аз он рӯз фурӯхта мешавад ва ӯ пахши кӯдакони бегуноҳро ба зимма мегирад.

— Писари вазир пеши ин раққоса ва шояд фармоишгарони ин амал чӣ вобастагие дошт, — ангушт боло карда, илова кард Шоҳин.

— Ман боварам намеояд, ки пахш кардани кӯдакон аз рӯйи нақша бошад, — норозиёна афзуд Ҷамшед.

— Бале, аз рӯйи нақша набуд, аммо ба тарҳрезӣ шудани нақша мусоидат кард, — идома дод Амонов, — иловаи Азизов ҳам дуруст аст, ки писари вазир чӣ вобастагие ба ин гурӯҳ дошт. Баъди он, ки фаҳмиданд, писари вазир маҳз ин мошинро хариданист, нақшаи олиҷанобе пайдо шуд, то вазирро ба қавле, «бардоранд». Ин қисса бояд ба таври мукаммал инъикос мешуд, вале нуфузи вазир ва бо як кафанпулии фарзандон қаноат кардани падари кӯдакон нақшаро халалдор сохт. Аммо, бо оташ андохтан дар дили Маҳтоб, кадоме тавонист мӯйсафед ва духтарашро ба идораи рӯзнома орад ва рӯзноманигори ҳангомаҷӯ Ҷамшеди Ҳабибро ба ин моҷаро кашад, — фурсати мувофиқ ёфта, муфаттиш боз заҳрашро чакконид.

— Ана барои чӣ муфаттиш Тошев гуфтаи ман: — «сагро марги сагона»-ро ёдрас шуд, — Ҷамшед табассум кард.

— Чун одат, Ҷамшед ба такопӯ даромаду Маҳтоб бо нияти қассос хост мурватҳои мошинро кушояд.

— Вале натавонист, — ин маротиба Ситора сухани Амоновро бурид.

— Бале, натавонист, вале аз ин саҳнаи кӯшиши кушодани мурвати мошин, ки дар ҳузури панҷ — шаш ҳамсоя сурат гирифта буд, дигарон истифода карданд.

— Хулоса, ҳамаи ин ба кадом хотир? Наход барои мансаб? — пурсид Ҷамшед.

— Бале, дӯстам. Барои мансаб. Ситора дуруст мегӯяд, дар ин ҳодиса пули калон гузоштаанд ва шахсоне, ки дар ин бозӣ ширкат мекунанд, аз ягон амали зишт рӯй наметобанд.

— Кадом як Тошев, — бозарда гуфт рӯзноманигор, — наход вай ба ин дараҷа қудрат дошта бошад?

— Вай танҳо як иҷрокунандаи одӣ аст, чизе гуфтанд, иҷро мекунад. Аз ҷумла бояд пагоҳ туро чун маслиҳатгари Маҳтоб ба ҳабс гирад. Зеро ту аз ҳад гузаронидӣ. Адвокат Саломатшо Маҳмадшо, кам мешавад, ки дар суд шикаст хӯрад ва маҳз ту ӯро ҳам ба ин моҷаро ҷалб кардӣ.

— Ситора ин қадар маълумотро аз куҷо медонад?

— Беҳтарин тахмине, ки тасдиқ шуд, ба вай тааллуқ дорад, — хандид Шоҳин. — Субҳ ба ҷойи кор омада, ба ман гуфт, ки даромадгоҳи хонаи вазир камера дорад, чаро аз навори он истифода намебаранд? Вақте мо ба ин нукта таваҷҷӯҳ кардем, камера яклухт ғайб зада буд.

— Наход худи Тешабоев ин наворро дастрас карда натавониста бошад?

— Натавонист, дер кард, — андешамандона гуфт Азизов.

— Хуб, шумо чӣ далел доред? — дуди сигорашро ҳавобаландона пуф кардаву бо чашмони нимпӯш ба Ҷамшед нигарист Амонов.

— Аслан, намефаҳмам, ки барои чӣ ҳама дар мавриди пагоҳ ба пушти панҷара партофтани ман ин қадар оромона ҳарф мезананд, — тамасхуромез ҷавоб дод Ҷамшед, — гӯё он раққоса маъшуқаи ман аст, писарамаки Тешабоев манам, умуман қотили ин шаш нафар ман бошам.

— Медонам, шумо ин андешаро дастгирӣ намекунед, вале имрӯз рӯзноманигор, умуман Воситаҳои ахбори умум ба як воситаи фишор ва истифода дар муборизаҳои беамон дар раҳи расидан ба вазифа дар дасти сарватмандону соҳибмансабон табдил шудаанд. Имрӯз шумо як қадар чун рӯзноманигори ҳақиқатнигор эътиборе дар баъзе доираҳо доред, ба сухани шумо бовар менамоянд, яъне метавонед афкори оммаро ба вуҷуд ored, гурӯҳе мехоҳад аз шумо истифода барад, гурӯҳи дигар бошад, табиист, садди роҳ шудан мехоҳад. Бадбахтӣ ин аст, ки ҳарду гурӯҳ ҳам дар симои шумо ҷуз як василаи расидан ба мақсад чизи дигареро намебинанд. — Шоҳин боҳарорат суханашро идома дод. — Талош барои ҳақиқат дар ин моваро, хоҳӣ нахоҳӣ, ба манфиати яке аз гурӯҳҳо анҷом меёбад ва албатта, ҷонибдории шумо ғалабаи яке аз ҷонибҳоро наздик мекунад.

— Фикр мекунам, роҳи дуруст умуман аз ин бозӣ баромадан ва аз пагоҳ сар карда, фаромӯш кардани ҳамаи ин ҳодисаҳо мебошад, — умедворона ба рӯзноманигор нигариста базӯр табассум кард Ситора ва бо як оҳанги аламангез афзуд: — Аммо, ба номи Худо, ман манфиате аз ин надорам, ба ҷуз... — духтар суханашро ба охир расонида натавонисту овозаш ғайриихтиёр ларзид.

— Шояд ту савол диҳӣ, ки ман ва Шоҳин дар ин вазифаҳои масъул кор карда истода, дар кадоме аз ин гурӯҳҳо ҳастем, — ба хотири аз миён бардоштани ҳолати ногуворе, ки баъди гиряи Ситора пайдо шуда буд, муфаттиш Амонов ришtаи суханро сӯйи дигар бурд, — вале бо вуҷуди он, ки бовар надорӣ, мо дар як ҳолат бо ту ҳастем. Яъне ин ду гурӯҳ аз дохили вазорати мо нестанд, балки аз берун

амал менамоянд, ҳарчанд дар дохил шахсони боэътимодеро мисоли Тошев доранд. Бадбахтона, вазир ҳам беш аз мо бо доираҳое маслиҳат мекунад, ки берун аз вазорат ҳастанд. Агар ӯ ақаллан соате дар танҳоӣ яке аз моро қабул менамуд, шояд кор ин қадар печида намешуд. Тешабоев алҳол намедонад чӣ кор кунад, ба кадом гурӯҳ бовар намояд. Ҳеҷ дарк намекунад, ки мақсади ҳар ду гурӯҳ фақат аз сари қудрат дур кардани вай асту бас. Тасаввур кун, агар қотили писари вазир будани Маҳтоб тасдиқ шавад, табиист, қотили ду кӯдак будани писари вай ҳам ниҳон наемонад. Ҳолати баръакс, яъне ба дасти дигарон пиёда шудани ин амал бошад, боиси таваҷҷӯҳи махсус, минҷумла чун сабаби объективии содир шудани ҷиноят, боиси таваҷҷӯҳ ба молу амволи вазир хоҳад шуд. Лекин мо алҳол дар ин моҷаро кореро анҷом дода наметавонем, зеро аслан мавқеъ ва ҳатто далели пешвардаи мо айни ҳол, то комилан тасдиқи худро наёбанд, нақше бозида наметавонанд.

— Ман ин ҳолати шуморо мефаҳмам, — талхханда дар лабони Ҷамшед гул кард, — мушовиреро медонам, ки нафари маслиҳатмедодаашро муддати ҳашт моҳ боз рӯ ба рӯ надидааст. Вале аз номи вай дар ҷаласаҳо баромад мекунад, салому паёми вайро мерасонад. Лекин аз боздошти ман чӣ фойида? Ҳозир агар вазири шуморо бо ин қадар дороиаш маҳкам кунанд, озодшавиаш он қадар тӯл мекашад, ки дар ин фурсат даҳ рӯзноманигори бо ҳамин гуна гуноҳ боздоштшуда ба озодӣ мебароянд. Хушбахтона, созмонҳои байналхалқии ҳифзи ҳуқуқи инсон нисбати рӯзноманигорон меҳрубонтар ҳастанд, нисбат ба мансабдорону сармоядорон. Баръакс, ин амал боиси маъруфият ва шӯҳрати ман мегардад.

— Тошев ин амалро тибқи фармон амалӣ мекунад. Ба ӯ маълумот пешниҳод кардаанд, ки ту Маҳтобро талқин кардаӣ, то қасос гирад. Ин маълумотро вай, ба хотири худро ширин кардан, даррав ба вазир пешниҳод кард ва супориш гирифт, то бо ҳар роҳе набошад, пагоҳ

туро ҳангоми истинтоқ муттаҳам карда, ба ҳабс бигирад. Вазир дар симои ту яке аз қотилони фарзандашро мебинад. Ту мефаҳмӣ, ки барои пушти панҷара партофтан ва умуман аз байн бардоштани ту вай аз ягон роҳ намегардад. Мефаҳмӣ?, — Амонов аз ҷояш бархост, — ҳангоме гумонбар туӣ ва ту дар маҳбас ҳастӣ, кори мо осонтар мешавад. Яъне қотил ва супоришгар боздошт шудааст ва танҳо бояд суд доир шаваду ҳукм барорад. Дар ин ҳол мо фаъолтар ва дилпуронатар қотилони аслиро меҷӯем ва вақте далелҳои раднашаванда ба даст овардем, ҳатман туро ба озодӣ мебарорем.

— Офарин! — Ҷамшед якбора оташ гирифт. — Шумо, гӯё дӯстони ман, дидаву дониста, мӯҳри қотилиро ба ман мезанед, то рафти тафтишотро барои худ осонтар намоед? Ва ман бояд орому осуда ба зиндон раваму ҳамроҳи ҷинояткорони касбӣ дар як ҳуҷра нишинам? Обрӯ, эътибор, азоби рӯҳии наздикону пайвандони ман барои шумо баробари пули пучаке намеистад?

Ҳарду муфаттиш лаҳзае дудила ба якдигар нигаристанд. Баъд Шоҳин ба китфи рӯзноманигор зад ва оромона гуфт:

— Ба ҳамкорон ва хонавода мо асли воқеаро мефаҳмонем. Айни замон дар маҳбас будани шумо ҳазорон бор беҳтар аст аз он, ки дар озодӣ бошед. Гурӯҳи дигар, Тешабоев шуморо ҷисман аз миён бардоштанашон мумкин. Дар ин бозӣ пули калон гузошта шудааст ва ҳарду ҷониб то нафаси вопасин мубориза бурданианд. Беҳтар аст, муддате дар канор бошед. Дар боздоштгоҳи муваққатӣ ман коре мекунам, ки хасе ба пойи шумо нахалад. Бовар кунед, айни замон бо қалби осуда ба пушти панҷара рафтани шумо барои ҳама беҳтар аст Ҷамшед.

***

Ҳангоме Шоҳин ва Амонов ба мошин нишаста рафтанд, Ҷамшед бархосту аз Ситора пурсид:

— Тайёр ҳастӣ то сари субҳ бо ман каме сайр кунӣ ва чанд шахси хоболудро бедор кунем?

— Мисли ҳамеша, — бо овози баланд, қатъӣ посух дод Ситора ва дастонашро ба гардани вай ҳалқа кард:

— Танҳо ин моҷароҳо, мусибатҳо сабаб мешаванд, то лаҳзае бо шумо бошам. Ба ҳамин ҳам шукрона мекунам.

***

...Ҳангоме онҳо хаставу бемадор аз такси фаромада, ба роҳрави хонаи Ситора расиданд, садои муаззин, ки намозгузоронро ба намози бомдод даъват мекард, ба гӯш расид.

— Ниҳоят раҳи хонаи маро тай зада, омадед. Марҳабо, — чашмони хоболуди Ситора ба ноз нимпӯш шуданд.

— Намедонам, дар ин се соати дигар, пеш аз истинтоқи муфаттише, ки дар симои ту фақат қотилро мебинад, бо духтари зебое будан чӣ хосияти баде дошта метавонад, аммо ман дар ягон ҳолат аз ҳамнафаси нозанине будан сар намепечам, — гуфт Ҷамшед бо табассум ва ба сӯйи даромадгоҳ қадам гузошт.

Баробари дар гардиши аввали зинапоя тоб хӯрдан аз боло чизи вазнине ба сари Ҷамшед фаромад. Вай бо ҳолати саргарангӣ ба замин афтод ва шахси давон аз ошёнаи боло фаромадаро пешпой дод. Баъд оҳани дасти вайро гирифта, шахси дуюмро, ки аз замин боло шудани Ҷамшедро дида, худро лаҳзае гум карда буд, бо тамоми қувват фаровард ва сояи шахси саввумро, ки яроқ дар даст дошт, дида, сӯйи Ситора фарёд зад:

— Гурез! Зуд ба Шоҳин занг зан.

Духтар лаҳзае ҳам саросема нашуда, ҷайби шахси афтидаро кофт ва ҳар чизеро, ки ёфт, гирифту давон берун шуд. Ҷамшед бо як зӯр задан шахси дуввумиро, ки майдатару сабуктар буд, бардошта, ба худ сипар кард ва бо оҳан гулӯи ӯро хафа кард. Сипас оромона аз

ҷайби вай туфангчаро берун кашиду назаре андохт. Чун дид, ки туфангча дар ҳолати омодабош аст, бе ягон огоҳӣ ба сӯйи шахси сеюм тир кушод. Садои тир, ки дар роҳрави маҳкам акси садои бештар дода буд, сокинони биноро бедор кард. Шахси сеюм ҳам ба замин афтид, вале дар ҳамин вақт гурӯҳи мусаллаҳи сарбозон аз роҳрав ворид шуданд. Муфаттиш Тошев, ки пешопеши онҳо туфангча дар даст дошт, ҳуҷҷаташро берун кашид:

— Ман муфаттиш Тошев, аз Раёсати кофтукови ҷиноят. Ҷамшед, хоҳиш мекунам, яроқро ба замин гузоред.

— Ман ба ту бовар надорам. Ин сӯйиқасдро ту ташкил кардӣ, наздик набиёед, ки мепарронам. Шоҳин Азизовро даъват кун.

Тошев лаҳзае музтар монду бо дили нохоҳам бо сарбозон берун шуд. Дақиқаҳо ба оҳистагӣ сипарӣ мешуданд. Танҳо ҳамон вақте, ки хун аз сару рухсораш фаромад, рӯзноманигор ҳис кард, ки қувват аз дасту пояш меравад.

Вақте Шоҳин бо ду табиби хилъати сафедпӯш ворид шуд, Ҷамшед базӯр садо бароварда:

— Аввал ҷайбашонро ков, ки онҳо кистанд.

Вақте Шоҳин аз ҷайби даруни онҳо ҳуҷҷатҳои сурхро баровард табассум намуд, Ҷамшед дигар чизеро ҳис намекард. Чашмонаш ғайриихтиёр пӯшида шуданд ва танҳо аранге симои устоди ғӯрамаргаш Орифи Фарҳодро дид. Баъд сояи ғафси тирае пеши чашмонашро гирифт...

***

Вазир Тешабоев коғазҳои дар пешаш бударо бори дигар пеш кашида, ба дафтарчааш ду-се аломати дигар гузошту устуворона бархост. Курсии бадҳайбат баробари хестани вай мисли харе, ки баъди аз бори гарон халос шудан нафаси сабук мекашад, ғиҷиррос зад. Каллаи калони каммӯяшро боло бардошта, аввал даст ба рӯйи

шиками дамкардааш гузошт ва баъд қати галстукашро дар гардани ғафсаш дуруст кард. Бо қадамҳои устувор сӯйи дар рафту ҳангоми баромадан ба утоқи холии барҳаво нигарист. Нигоҳаш ба курсӣ хира шуд ва чунинаш намуд, ки вай аз соҳибаш рӯй тофтааст. Хандаи зӯракие дар чеҳраи аз фарбеҳӣ варамидааш шукуфт ва аз ин табассум ғабғаби овезонаш ба ҳам кашида шуд. Башиддат дарро пӯшиду ба қабулгоҳ баромад.

Котиба, духтараки ҷавони тақрибан 20-21 сола, ки гӯё юбкаи кӯтоҳро барои намоиш додани пойҳои дарози зебояш пӯшида буд, бо дидани вай як қад парид ва чашмони калон-калони қаламкашидаашро гунаҳолуд пойин карда, парида хест. Мӯйҳои зарди кӯтоҳаш бодиққат шона карда шуда, ба як тараф хамида буданд ва лабони сурхаш, мисли шафтолуи пухтарасида, бо дидани вазир нимво шуданд. Тешабоев ҳарфе нагуфта, ба саҳифаи бози компутар нигарист ва ибораи «Привет, дорогая!»-ро дар саҳифаи гуфтугӯйи интернетӣ хонда, бо овози паст, аммо қатъӣ, пурсид:

— Чатуш ҳаминай?

Духтар дар ҷавоб аз тарс овоз набароварда ва танҳо бо нишони тасдиқ сари зебояшро пойин кард. Вазир дастони фарбеҳи пургӯшташро ба ғабғаби зебои духтар бурда, бо овози омирона гуфт:

— Бегоҳ ҳамон духтарчаи ҳамсабақатро ҳам файрод кун. Аз шаҳр берун меравем.

***

Гурӯҳи рӯзноманигорон бо дидани вазир ба ҷунбиш омаданд. Онҳое, ки аз рӯзномаҳои давлатӣ ва ҳукуматӣ буданд, даррав бархостанд. Шахси калонсоле аз миён банохост бо садои баланд чаппак зад. Ва ҳангоме дид, ки касе ба ӯ пайравӣ накард, баръакс, аз гӯшае зани қадпасти фарбеҳ аз радиёи хориҷӣ баланд хандид, худро гум кард. Вазир, ки ин ҳолатро аз минбар мушоҳида менамуд, ба хотири дастгирии мӯйсафед садо баланд намуд:

— Ҳа, Суюнуф! Чӣ хел Шумо?

— Раҳмат, вазирҷон, раҳмат. Худатон чӣ хел? — рӯзноманигор дубора бархост ва дастонашро пеши бар карда, дуққат шуду ба атроф боифтихор нигарист ва зери лаб, нимшунаво гуфт:

« — Бинеду сӯзед. Хабар то сармуҳаррир меравад ва бечора чанд шаб хобаш намебарад, ки мабодо курсиашро аз даст надиҳад. Э, бар падаратон раҳмат, Тешабоев, бо вуҷуди ин қадар серкорӣ, ин қадар шиноси зиёд, фамилияи ман чӣ тавр аз ёдатон набаромадааст-а?»

Вазир абрӯвони ғафси кӯтоҳашро чин намуда, коғази пешашро кушод ва бо овози шабеҳ ба овози хонандае, ки дар синфи якум «Алифбо» мехонад, ба хондан шурӯъ кард.

— Субҳи имрӯз рӯзноманигор, айни замон шахси тамоман бекор Ҷамшеди Ҳабиб бо яроқ ба кормандони ҳифзи ҳуқуқ таҳдид карда, ҳангоми боздошт як нафарро сахт ярадор намуд, нафари дуюм ва сеюмро сабук захмӣ кард. Номбурда дар даст доштан ба ҳалокати чор нафар гумонбар дониста мешавад. Маҳз бо тавсияи ӯ шаҳрванд Маҳтоб Собирова мурватҳои машинаи ҳамсояашро кушод, ки дар натиҷа, дар шоҳроҳи Душанбе — Варзоб чархҳои мошин баромада, садама рух дод ва чор нафар дар ҷойи ҳодиса ҳалок шуданд.

Омӯзиши шарҳи ҳоли Ҷамшеди Ҳабиб нишон дод, ки бори аввал нест, ҷиноят содир мекунад. Сенздаҳ сол муқаддам вай барои нигоҳдории маводи мухаддир ба муддати ҳафт сол аз озодӣ маҳрум шуда буд, аммо дар он солҳои бесарусомонӣ тавонист дар муддати ду сол ба озодӣ барояд.

Вай чанд маротибаи дигар барои вайрон кардани қонун зиндонӣ шуд, вале ҳар маротиба бо пуштибонии баъзе шахсони алоҳида аз маҳбас мебаромад.

Ҳодисаи мазкур, — овози вазир, ки ҳангоми хондани матни боло каме ларзида буд, қатъитар шуд, — гувоҳи он аст, ки дар ниқоби

пуштибонӣ аз адолат баъзе аз рӯзноманигорони мо ба ҷиноятҳои даҳшатнок даст мезананд. Дар ҳоле, ки гузаштагонамон гуфтаанд:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,

Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт.

Ман намедонам, агар Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Носири Хусрав, ва аз бузургони имрӯзи мо Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Шарофи Шодмонӣ ба ин гуна аъмоли баъзе аз касоне ки гуё ба қалам хидмат мекунанд, чӣ баҳо медоданду чӣ баҳо медиҳанд.

«Сағра, зӯр навиштай», — зери лаб ба худ гуфт вазир ва идома дод:

— Аммо, қонунҳои давлати демократӣ, дунявӣ, соҳибистиқлоли мо ба ин ҳодиса баҳои сазовор хоҳанд дод. Саволҳо бошанд, марҳамат!

Котиби матбуотӣ, ки муддати мадиде фурсати қулайи дар назди рӯзноманигорон ва вазир намоиш додани ҳунарашро интизор буд, гардани борикашро дароз карда, ба толор нигарист. Чун шахсони даркориашро дар толор дид, зуд лаҷомро ба даст гирифт:

— Суюнуф аз рӯзномаи «Овози халқ», марҳамат!

Мӯйсафед ба микрофон наздик шуда, эҳсоси ботиниашро нигоҳ дошта натавонист ва якбора кафид:

— Ин амале, ки ёдрас шудед, қадри мо — рӯзноманигоронро дар назди шумо, вазири соҳибэътибор паст мекунад. Он нафаре, ки ёдрас шудед, дар бораи гулгулшукуфоии мамлакати ҷоноҷонамон, ки дар сулҳи пойдори он ҳиссаи шумо — мӯҳтарам Тешабоев, кам нест, сатре нанавиштааст. Ман ҳама навиштаҳои вайро хонда баромадам. Ҷумлае дар бораи дастовардҳои беназир дар сохтмонҳои бузурги аср, ки аз Исмоили Сомонӣ то амир Олимхон орзу мекарданд, нест. Вай фақат аз дарди кадом мардуми қашшоқ, камбағал, бехонаю дар менавиштааст. Ҳа, мана маоши мо аз 60

сомонӣ ба 110 сомонӣ расид, вале вай дар ин бора чизе нанавишт. Вай душман, вазири мӯҳтарам, душман. Хидмати беандозаи шумо, ки душмани халқу давлатро ба пушти панҷара шинонидед, беназир аст. Ин бори дигар гувоҳи он аст, ки шумо ҳамеша дар хидмати халқ, дар хидмати мо, рӯзноманигорон ҳастед. Сафҳои моро ҳам аз ин гуна шахсони нолоиқ тоза мекунед.

Котиби матбуотӣ чун дид, ки ба вазир ин хушомаднома хуш омадааст ва ӯ табассум менамояд, лабханд кард ва бо овози омирона гуфт:

— Ташаккур Суюнуф! Акнун ба суол гузаред ба суол.

Мӯйсафед аз он, ки суханашро буриданд, лаҳзае худро гум кард, аммо зуд худро ба даст гирифт:

— Ҳа, вазири мӯҳтарам, шумо ба замми вазирӣ, шоири маъруф ҳам ҳастед, адабиётчӣ ҳастед. Саволи ман ин буд, ки вай шоири номашро гирифтаи шумо, чӣ буд номаш? — мӯйсафед бо гардани кач ба толор нигарист, — вай Шодиюф...

— Шароф Шодмонӣ, — касе ба ҳоли мӯйсафед раҳм карда, луқма партофт.

— Ҳа, Шароф Шодмонӣ, ана бинед, номи ҳамин хел шахси бузургро, ки шумои фарҳангдӯстдор, адабиётдӯстдор, ватандӯстдор медонед, мо намедонем... вай... — мӯйсафед лаҳзае таваққуф карду сипас бо овози пасту ларзон пурсид:

— Шумо китобҳои вайро доред? Ман хонданӣ будам, айб аст надонистани эҷодиёти он кас.

— Як китобашро не, даҳ китобашро медиҳам. Дар кабинети ман пур. Мо бо вай дар як синф мехондем. Аз хурдӣ шавқи шеъргӯӣ дошт, дар ҳама гулбазмҳо аз ҳама зиёд шеър медонист. Дар давоми даҳ сол ҳаждаҳ китобаш чоп шудааст, ҳар кадомаш сесад-чорсад саҳифа, ягон мукофот намондааст, ки нагирифта бошад, — вазир аз

он, ки ба ин суолак оби равон барин метавонад ҷавоб диҳад, рӯҳ гирифт. — Марҳамат, баъди маҷлис дароед, китобро мегиред.

Котиби матбуотӣ дид, ки баъди ҷавоби вазир садои пасти ханда дар толор шунида шуд, безобита шуда, зуд ба сӯйи нафари дигар ишорат кард:

— Машваратхони Гулзода, аз рӯзномаи «Оҳ муҳаббат». Суоли шумо?

— Зани ғафсе, ки рангубори зиёд чеҳраашро ба чеҳраи ягона маймуне, ки дар боғи ҳайвонот кӯдакон ҳар рӯз бо санг мезаданд, монанд карда буд, ба микрофон наздик шуд. Абрӯвони дарози сурмакашидаашро, ки рӯяш мисоли расми офтоби кашидаи кӯдакон дар боғчаи бачагон ба назар мерасид, боло бардошта, якбора ба гап даромад:

— Дуруст мегӯянд мӯҳтарам Суюнуф. Воқеан шумо, рафиқ Тешабоев аз пуштибонони асили фарҳангу миллат ҳастед. Шумо дар нашри чандин китобҳо, аз ҷумла китоби шеърҳои ман кӯмак кардаед. Мо, рӯзноманигорон, аз хидматҳои ҷоннисоронаи шумо дар роҳи соҳибфарҳанг шудани мардум, осоиши мардум хуб медонем.

Албатта, нафарони паст дар ҳама соҳа ҳастанд. Мисли ҳамон Ҷамшеди Ҳабиб. «Вай рӯзноманигор нест», гуфтед шумо ва дуруст гуфтед. Ҳанӯз як моҳ пеш муассиси газет вайро пеш карда будааст. Так что, вай аз мо нест, мо, рӯзноманигорон, аз шумо умедҳои калон дорем. Шумо мисли Кайхусрав, Пётри Кабир нотакроред...

Котиби матбуотӣ чун дид, ки Машваратхон ҳам ба лексияхонӣ гузашт, хандаашро пинҳон дошта натавонист ва сухани ӯро ҳам дар даҳонаш монд:

— Суол Машваратхон, суол доред?

— Ҳа... — зан лаҳзае хомӯш монд ва баъд якбора чашмонашро боло кардаву думбаи ғафсашро ҷунбонида, пурсид:

— Шумо газетаи мо — «Оҳ, муҳаббат» — ро мехонед?

Вазир лабонашро то бехи гӯш инҷ карда, хандид:

— Ман намехонам, лекин ҳар шумораашро мехарам. Занак бе ин газит наметонад ба хона дароям. Охир, шумо фақат мардакора сиёҳ мекунед ва ин ба занон мефорад.

Котиби матбуотӣ безобита шудани журналистонро, ки мазҳакаи пешакӣ омодашударо эҳсос карда, ба ҳар роҳ мехостанд суол диҳанд, диду зуд бо чашмонаш муассиси рӯзномаи «Гулбонг»-ро пайдо кард ва бо овози баланд гуфт:

— Марҳамат, ҳоло навбат ба муассиси рӯзномаи «Гулбонг», ҳамон рӯзномае, ки Ҷамшеди Ҳабиб гӯё дар он кор мекардааст. Биёед, воқеиятро аз забони ӯ мешунавем.

Марди қоматбаланди миёнсол ба микрофон наздик шуда, бе ягон ҳарфи зиёдатӣ сари мақсад омад:

— Ҷамшед Ҳабиб то якуми январ дар рӯзномаи мо расман не, тариқи шартнома кор мекард. Баъди якуми январ бо вай шартнома баста нашудааст, мо фақат мақолаҳои вайро чоп мекардем. Вай журналисти рӯзномаи мо нест, — инро гуфта, вай бошитоб, қариб давон аз толор баромад ва рӯзноманигороне, ки мехостанд вайро думболагирӣ кунанд, ночор аз даромадгоҳ гаштанд.

— Дидед? Не, дидед? Адолат мегӯянд, ҳақиқат мегӯянд ...вале худшон ира зери пой мекнан, — вазир ботантана ва бо эҳсос ба сухан даромад:

— Шумо ҷор мезанед, ки вай журналист, журналист... Бало, вай журналист не, вай ҷинояткор... Фаҳмидед?

Котиби матбуотӣ ба эҳсос омадани вазирро дида, якбора эълон кард:

— Бо ҳамин вақти барои нишасти матбуотӣ ҷудошуда, ба охир расид. Ягон суол монда бошад, хаттӣ нависед, тибқи қонун мо дар муддати як моҳ ҷавоб мегӯем.

Вазир бархосту толор гӯё кафид:

— Чӣ гуна Шумо касеро, ки то лаҳзаи охир менавишт, собиқ рӯзноманигор мегӯед?

— Чаро Шоҳин Азизовро ба ҳабси хонагӣ гирифтаанд?

— Яроқи дасти Ҷамшед ба кӣ тааллуқ дошт?

— Ҷамшед дар чӣ ҳол аст? Аз баҳри Худо, гӯед, ки вай зинда аст ё...? — ин садои маҳин, ларзон, илтиҷоомез вазирро маҷбур сохт, то ба анбӯҳи рӯзноманигорон нигарад. Шамида, ки аз дасти кӯдаки хурдсолаш дошта меистод, аз нигоҳи чашмони бадҳайбати вазир ба худ ларзид, вале чашмонашро аз чашмони вай нагурезонд.

— Бо вуҷуди ҳамаи ин, қонунҳои давлати демократии мо талаб мекунад, ки ҳатто ба саломатии қотилони сангдиле мисли Ҷамшед Ҳабиб бепарво набошем. Вай ҳоло ҳам ба худ наомадааст, дар шӯъбаи эҳёгарӣ мебошад, — гуфт вазир аз хомӯшии яклаҳзаинае, ки ба вуҷуд омада буд, истифода бурда, зуд аз толор берун шуд.

***

Ситора рост ба чашмони муфаттиш Тошев дида дӯхт. Ин марди майдаҳаки назарногири қоқина бо чашмони бозингараш рост ба банди дили сапед ва ғабғаби поку беолоиши духтар бо нигоҳи харидорона менигарист. Дар оғоз гумон дошт, аз оташи ин нигоҳ Ситора даступо хӯрда, хешро гум мекунад, вале баръакс, вай дар ҷавоб табассуми пурмуаммое карду бо овози нозолуд пурсид:

— Ҳа, нигоҳи шумо чӣ меҷӯяд, ҷаноби муфаттиш?

— Ҳамон чизеро, ки нигоҳи рӯзноманигорони пойлуч меҷӯяду меёбад, — баланд хандид Тошев. — Дунё аҷиб аст, ҳамеша зоғон хӯранд меваи шохи баландро.

— Зоғон баландпарвозанд, ҷаноб, бечора мурғони курк қудрати ҳатто ба шохи дарахт нигоҳ кардан надоранд, — ҷавоб гуфт Ситора.

Муфаттиш якбора бехуд шуд. Давида, аз ҷой бархосту назди духтар омад. Бо як даст мӯйҳои парешони вайро қабза карду бо хам шудани сари ӯ гулӯяшро хафа кард:

— Фоҳиша, ман ба ту мурғи куркро нишон медиҳам.

— Зарба ба миёни пойҳои муфаттиш чунон сахт буд, ки вай гурсосзанон ба пушт зад. Базӯр бархестанӣ шуд, ки садои оромонае дубора водор кард, то ба ҷояш нишинад:

— Аз мансаби хидматӣ истифода набаред, ҷаноби Тошев, ки моддаҳои қонун дар ин маврид сахт бераҳманд, — муфаттиш Амонов, ки кайҳо вориди утоқ шуда буд, аз дасти Ситора дошту аз дар баромада истода, гуфт:

— Тошев, ба маълумоти Шумо мерасонам, ки шахсони аз шумо баландтар ҳастанд. Минбаъд, тибқи фармони вазир ин парвандаро ман мебарам, аммо ин сабт — вай камераи хурдакакеро дар дасташ бозӣ доронд, — сари шуморо мехӯрад.

***

...Дунё пеши чашмонаш сапед буд...Танҳо махлуқони чеҳрасиёҳе, ки ин шаффофиро мешикастанд, мисоли дарбеҳи ночаспоне дар пираҳани сапед, аз ин сӯ ба он сӯ ҳаракат менамуданд. Чунинаш метофт, ки чеҳрааш аз худаш нест, як чизи карахт, беҳис, мурда аст. Фақат чашмонаш дард мекарданд, месӯхтанд ва ҳама чизро медиданду намедиданд.

Дастонаш ба кат сахт баста буданд, пойинтар аз буҷулаки пояш сардии оҳанро эҳсос намуд. Баробари лабони хушкаш оҳиста ҷунбидан ва баъди як ҳафтаи беҳушӣ нимво шудан садои баланду дағал, ки аз оҳанги он бӯйи бераҳмиву сангдилӣ, як гуна бепарвоӣ ба ин ҳама азияти бемор эҳсос мешуд, танинандоз гардид:

— Очаи фандкуна… и сағра зинда мондак…

Ҷамшед оҳиставу базӯр ба сӯйи соҳиби овоз нигарист. Вай як ҷавони қоматбаланд, бузургҷусса, сип-сиёҳе дар либоси низомӣ буд. Чашмони калонаш гӯиё аз косахонаи сараш баромада бошанд, дар назари Ҷамшед мисли чашмони калони гӯсолае намуд, ки ҳангоми хурдсолӣ ҳар сари субҳ ба пода мебурд. Ин ҳайвони безабон дастони кӯдакро мелесид, то вайро аз модараш, ки дар оғил то бегоҳ баргашти фарзандашро интизорӣ мекашид, ҷудо накунад. Ин лаҳзаи ширини хотираҳои кӯдакӣ ёдаш омаду гӯё чизе дар дилаш канда шуд, чизе гулӯяшро баст. Ин лаҳза садои дигаре аз гӯшаи дигари утоқ посух дод:

— Ҳа бибиҷони ина… Мурсосиям а гушнагия, ба ҳуш омаданаша зе монда шиштиям.

Бо ин ҷумла шахси дуюм рост болои сари Ҷамшед омад. Ин марде буд фарбеҳу мӯйлабдор, бо чашмони танг-танги туркӣ. Куртаи низомӣ дар ҷисмаш тангӣ мекард ва тугмаҳои болои куртааш наметавонистанд гардани ғафсашро маҳкам кунанд, аз ин рӯ, мӯйҳои дарози сафедшудаи сандуқи синааш якҷо бо мӯйлаби овезон ва чеҳраи ришрасидааш ӯро ба як махлуқи серпашм монанд мекарданд.

— Бедор шудед-мӣ, ако? О, вақтои одамкушӣ ин хел хобатон набурда буд-ку? Мегун, ки хоби қотил намебарад, вале шумо яг ҳафта боз хоб…

Ҷамшед чизе нагуфту оҳиста чашмонашро пӯшид. Аранге садои кадом табиби хилъати сафедпӯш ба гӯшаш расид, ки мегуфт:

— О, ин журналиста багурда мегуфтанд, аммо баробари шунидани овози шумо беҳуш шуд.

Аммо рӯзноманигор беҳуш набуд, танҳо мехост ҳодисоти он шаби пуртаҳлукаро пеши назар орад ва пеш аз он, ки истинтоқ оғоз мешавад, ба хулосае ояд, ки чӣ бояд гӯяд.

***

...Он шоми фаромӯшнашаванда, баробари ба такси нишастан Ҷамшед ба Ситора нигаристу чашмакӣ зад ва даст ба гардани вай ҳалқа карда, ба сӯйи ронанда гуфт:

— Ака, ҳамин хел шуд, ки бояд мулоқоти мо бинобар тарс аз шавҳари ин ва ҳамсари ман дар дохили такси гузарад. Ба се — чор ҷой медароем, агар рафиқон хонаи холӣ дошта бошанд, хуб, агар не, магарам фақат ба роҳ нигоҳ кунӣ, — инро гуфта, рӯзноманигор садсомониеро пеши вай партофт ва афзуд: — Боз илова мекунем.

Ронандаи миёнсол дар ҷавоб лабханд зад ва ба қафо нигарист:

— Шумо баринҳо кам нестанд, парво накунед, фақат пешакӣ огоҳ кунед, ки ба куҷо равем.

Ҳарду мусофир маънидорона ба якдигар нигаристанд. Ситора аввалин шуда, пешниҳод кард:

— Биёед аз назди Сирк оғоз мекунем, шояд Маҳтоб дар хона бошад.

Ҷамшед бепарвоёна даст афшонд:

— Фарқ надорад, азизам, муҳим, ҷое бошад, ки моро танҳо гузоранд.

Вақте такси тоб хӯрду ба сӯйи Сирк рафт, соат 23-и шаб буд.

***

Падари Маҳтоб бедор буд ва дарро ба рӯйи ду меҳмони нохонда калон кушод:

— Марҳамат, гузаред.

Аз нигоҳи аввал эҳсос мегардид, ки дар ин кулбаи камбағалона ва бетаъмир ғаму мусибат ҳоким аст. Зани барвақт пиршудае дар як кунҷи хона ба либоси сиёҳ печида, овоз андохта, мегирист. Ду кӯдак бо либоси фарсуда ва чашмони ҳаросон, мисли чӯҷаҳое, ки аз

ҳуҷуми уқоб ба зери қаноти модар паноҳ мебаранд, дар гирди зан ҷамъ шуда, хомӯшу бесадо, оҷизона муштчаҳои хурдакакашонро мефишурданд.

Барои Ҷамшед ин ҳолат он қадар ошно буд, ки қариб буд ин кӯдаконро ба оғӯш бигирад ва ҳамсадо бо таппиши дили хурдакаки онҳо бо тамоми овоз бигиряд.

Оре, оҷизӣ, нотавонӣ, бечорагӣ, дилшикастагӣ пеши каҷрафториҳои рӯзгор ва номардиҳои чархи гардон барояш тӯли ин қадар солҳо эҳсоси ошно ва барангезандае буд, ки ҳар маротибаи бо он рӯ ба рӯ шудан як бори дигар мемурд.

Аслан, дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва дар солҳои аввали баъди он ин нотавониву оҷизӣ назди нафароне, ки бӯе аз ҷавонмардиву хислатҳои мардона набурда буданд, китфони басе далермардонро шикаста буд. Яке аз онҳо ҳунарпешаи кино, паҳлавони номдор Мӯсо Исоев буд, ки шахсони номаълум дар истгоҳи «Қарияи Боло» дастгир карда, амр намуданд, то пеши пояшон зону занад. Паҳлавон пеши ин биникашолҳо зону заданро нанг донист. Он гоҳ қотилон ба пойҳояш ҳаштоду ҳафт тир заданд ва аз паси БТР ҷисми паҳлавонашро бастанд.

Гузашти вақт оташи лаззати ин гуна ба ном мардҳоро аз оҷизии мардони воқеӣ фурӯ нишонида бошад ҳам, вале акнун аз усулҳои ваҳшиёна не, балки аз усулҳои ба истилоҳ «демократӣ», мисоли суду судбозӣ, хариду фурӯши қисмати ин ё он шахс, истифода мегардид.

Ин кӯдакони маъсум, ки дастони шахшӯл, кафида, чиркин, чеҳраи барвақт ғубори зиндагӣ нишастаашон гувоҳи рӯзгори сиёҳашон буд, аслан шояд дарк намекарданд, ки ин ҳодисоти замона ба кадом амр ва кадом шева сохта шудааст. Муҳим барои онҳо ин буд, ки ду бародари бузургашон зери мошини вазирзода мондаву ба замми ин, ҷасади беҷони онҳо лагадкӯб шудааст. Хоҳари баномусашон, ки аз

нотавонӣ гӯё хост бо роҳе нафраташро изҳор кунад, оташи аламашро паст намояд, имрӯз пушти панҷара аст ва касе намедонад, ки дигар рӯйи вайро мебинанд ё не.

Вале дареғ, ки ин муштҳои гиреҳхӯрда чун решаи дарахт ҳанӯз қувват ва қудрате надоштанд, то қасос гиранд...

— Бовар дорам, ки Маҳтоб дар рӯзҳои наздик ба озодӣ мебарояд, — ба хотири шикастани ин сукути талх ва барафкандани сояи сиёҳи навмедӣ гуфт Ҷамшед, — чун ин қадар вақт тоқат кардед, чанд рӯзи дигар ҳам сабр кунед. Барои он, ки ин кор тезтар анҷом ёбад, ба ман чанд далели иловагӣ лозим.

Зан, ки ба пешвози меҳмонон аз ҷой бархеста буд, бошиддат бари доманашро, ки кӯдакон аз се тараф қаппида меистоданд, халос кард ва худро зери пойи Ҷамшед партофт:

— Духтарамро халос кун, бачам, ғайри ту ягон умед надорам.

Ситора ба зӯрӣ занро аз замин бардошту дилбардорона гуфт:

— Мо ба шумо хабари хуш меорем, шумо бошед, гиря мекунед, хола. Хезед, айб аст.

Ҷамшед ба мӯйсафед нигариста, пурсид:

— Шумо метавонед суроғаи хонаи ҳамсояҳоеро, ки чун шоҳид зидди Маҳтоб баёнот додаанд, гуфта буданд, ки мурвати мошинро Маҳтоб кушодааст, ба ман диҳед?

— Се нафар аз шоҳидони асосӣ нав аз хона рафтанд. Онҳо аз баёноти додаашон пушаймон шудаанд ва узрпурсӣ омада буданд. Хонаи онҳо дур нест, дар ҳамин бино аст, — ба ҷойи мард зани вай ҷавоб дод. — Ҳозир ман рафта, ҳарсеи онҳоро меорам, — бо ин суханон вай шитобон аз хона берун шуд ва дар хона дубора сукут лангар андохт.

— Ҳамсояҳо меомада бошанд? — нобоварона яхи хомӯширо шикаст Ситора.

— Меоянд, — дилпурона ҷавоб дод мӯйсафед, — имрӯз омада буданд, онҳо вақте баёнот доданд, огоҳ набуданд, ки писари вазир ҳалок шудааст. Гумон доштанд, ҳамин тавр, барои расмият мепурсанд. Ҳама аз баёноти додаашон пушаймонанд. Ба гуфтаи онҳо, ҳатто як нафари ношинос хостааст дар кушодани мурват ба Маҳтоб кӯмак расонад, ҳатто гуфтааст, сабр кун, ман калид меорам, вале бо кадом андешае, духтар аз раъяш мегардад ва ба хона меояд.

— Чӣ? Касе ба Маҳтоб ёрӣ расониданӣ буд? — пурсид Ҷамшед.

— Бале, аз ҳама аҷиб ин, ки ин ҷавон Шаҳбоз ном дошта, ҳамсинфи писари ҳалокшудаи Тешабоев аст. Ба гуфтаи ҳамсояҳо, баъди ба фалокат дучор шудани писари вазир милисаҳо рақами тилфони Шаҳбозро дар машинаи сӯхта пайдо карда, маҳз ба ӯ хабар додаанду вай ба хонаи Тешабоев.

— Хонаи вай куҷост? — парида хест Ҷамшед. — Ман фикр мекунам, ки риштаи муҳиме ба даст омад ва мо онро бояд наканем.

— Дар бинои ҳамсоя, — ҳайратзада посух дод мӯйсафед, — аммо ин бача чизеро намедонад, ҷуз он, ки гоҳ-гоҳе маъракаҳои писари вазирро сабт мекард.

— Барои ман ин аз ҳама муҳим, — гуфт рӯзноманигор ва аз китфи мӯйсафед кашид. — Ба ман зуд суроғаи хонаи вайро диҳед, зуд.

Мӯйсафед ҳамчунон ҳайрон гуфт:

— Бинои рӯ ба рӯ, даромадгоҳи дуюм, ошёнаи сеюм, дасти рост.

Ҳангоме Ҷамшед саросемавор ва Ситора дунболаи вай, як андоза дудила, аз хона баромаданд, модари Маҳтоб бо се ҳамсоя аз зиапоя боло мешуданд. Баробари дидани онҳо ҳар чор нафар истоданд.

— Шаҳбоз, писари ҳамсояро, ки мехост ба Маҳтоб кӯмак расонад, баъдтар касе дар ин бино дид? — суоли рӯзноманигор чунон баланд садо дод, ки ҳозирин тарсон ба атроф нигаристанд.

— Ман дидам — як андоза тарсолуд посух дод зани калонсоле, ки аз ҳама қафо меистод. — Пеш аз он ки хабари марги писари вазир паҳн шавад, вай дар ҳамин бино буд. Саросемавор дар дасташ як салафани сиёҳ баромада рафт.

— Шумо ин ҷо биёед — Ҷамшед ҷавони тахминан 20 – 21 солаеро, ки аз қафои занон меомад, аз дасташ дошту бо худ ба берун баровард. Баъди он ки дид Ситора як каме дуртар рафт, пурсид:

— Рост гӯй, Шаҳбоз Маҳтобро дӯст медошт?

— Ҳа, — бепарвоёна ҷавоб дод ӯ, — вале волидайни духтар зид буданд, зеро Шаҳбоз падар надорад ва базӯр ба шиками худаш нон меёбад. Чор додари сағира дораду модари бемор.

— Ташаккур! — ба китфи вай зад Ҷамшед ва ба сӯйи Ситора имо кард:

— Рафтем!

***

— Чӣ гап шуда истодааст, ман ҳеҷ намефаҳмам. Бечора ҳамсояҳоро аз хобашон хезонида оварданд, вале шумо ҳатто бо онҳо сӯҳбат накардед, — норозиёна гуфт Ситора.

— Агар ҳама чизро пешакӣ донӣ, хондани детектив ба касе шавқовар нест, — хандид Ҷамшед. — Баъд мефаҳмонам, баъд...

***

Дарро то дер накушоданд.

Ниҳоят, тахминан баъди ним соат, овози ҳаросоне аз он сӯ пурсид:

— Кӣ?

— Шаҳбоз, натарс, мо ба хотири Маҳтоб пеши ту омадем, — ҷавоб дод Ҷамшед.

Дар боз шуд. Ҷавони хароби лоғари нимҷоне, ки дастони майдаҳаки занонае дошт, гуфт:

— Дароед.

Баробари ворид шудан рӯзноманигор ба сӯйи балкон ишора карду ҳар се нӯг — нӯги пой ба он ҷой баромаданд.

— Шаҳбоз, ман Ҷамшеди Ҳабиб, рӯзноманигор. Ёд дошта бошӣ, Маҳтоб баъди марги додаронаш назди ман омада буд. Ба мо кассетаи сабт аз камераи даромадгоҳ даркор аст, ки ту баъди шунидани хабари марги писари вазир гирифтӣ. Танҳо ба он хотир, ки Маҳтобро халос кунӣ, охир, чун мошини вазирзода дар даромадгоҳ меистод, табиист, ҳолати кушодани мурвати мошин дар он сабт шуда буд. Натарс, қотилон дигаронанд, Маҳтобу ту гуноҳе надоред. Наход худи ту кассетаро надида бошӣ?

— Ман ин гуна камераи хурд надорам — посух дод Шаҳбоз, — вале шумо аз куҷо медонед, ки он дар дасти ман аст?

— Кассета дар салафани сиёҳ, дар дасти ту аст. Агар онро надиҳӣ, Маҳтоб умрбод дар маҳбас мемонад, — қатъӣ гуфт Ҷамшед.

Ашк ба бари рухсори ҷавон равон шуду Ситора рӯяшро ба дигар сӯй гардонид, рӯзноманигор бошад, бо овози боз ҳам қатъитар гуфт:

— Гиряи туро тамошо карда истода, мо вақтро бой дода истодаем.

Шаҳбоз мисли кӯдак ашки бари рӯяшро бо муштонаш пок карду ба хона даромад ва бо салафани сиёҳ баргашт:

— Ана гиред, лекин ваъда диҳед, ки он ба Маҳтоб зарар намерасонад.

— Ваъда медиҳам, — Ҷамшед дастони хурдакаки ӯро чунон сахт фишурд, ки дар чашмони вай дубора об чарх зад, — баръакс, ин кассета вайро метавонад наҷот диҳад.

***

— Брат, ин хонада раҳамон надоданд, — ба такси нишаста, ба ронанда хитоб кард рӯзноманигор, — ку, болотар равем, яке он ҷой раҳамон медиҳанд, — бо даст ба бинои нашриёти «Шарқи озод» ишора кард ва ба гӯши Ситора пичиррос зад:

— Дар ҷойи кори ман камераи мувофиқ ҳаст, асбобҳо барои нусхабардорӣ ҳам.

***

Ситора рӯ ба рӯи Амонов нишасту ҳеҷ наметавонист ашки чашмонашро нигоҳ дорад. Ҳарчанд бо рӯймолчаи нафису сап-сафед ашки чашмонашро пок мекард, вале дубора оби чашмонаш равон мешуданд.

Муфаттиш лаҳзае беилоҷ ба духтар нигаристу бархоста, дар утоқ ба қадам задан даромад ва ногаҳон гуфт:

— Ёфтам, ман барои шумо қаҳва мекунам, шумо гиря карданро бас мекунед. Шоире мегӯяд, ки «ба ҷойи ман об нӯшед аз лаби чашма», қаҳваҳои нахӯрдаи Ҷамшедро дар ин шабонарӯз мо менӯшем.

Ситора ғайриихтиёр табассум кард ва ба ёд овард, ки рӯзноманигор он субҳидами фоҷиабор дар даруни такси ба гӯшаш гуфт:

— Аввал, баробари ба хонаат даромадан, барои ман қаҳва мекунӣ. Ку, бубинем, чӣ лаззате дорад қаҳваҳои нозаниндухтар.

— Медонам, ки мисли Шамидаю Дилноза қаҳва карда наметавонам, вале вақте аз нафаре, ки наметавонад қаҳва кунад, ёд меоред, шояд номи ман лозим шавад? — пичинг зада буд Ситора.

Ҳоло ҳам он лаҳза ёдаш омаду якбора табассум кард:

— Рафиқ Амонов, мебинем, ки қаҳваи кӣ болаззат, аз Шумо ё Ҷамшед?

— О-о, дар масъалаи писанд омадан ба завқи занону духтарон вай ҳамеша ба ман дастболост, — аз он, ки духтар гиряро бас кард, хурсанд шуд муфаттиш ва ду финҷони холиро гирифта, сӯйи дар рафт.

***

Вақте Амонов бо ду финҷони қаҳва баргашт, Ситора ором шуда буд ва дар коғази рӯйи миз акси чизеро мекашид.

— Нӯшеду баҳо диҳед, — қаҳваи гармро, ки аз бисёр кофтан кафк карда буд, рӯи миз гузошт муфаттиш. Албатта, Ҷамшед фурсат ва ҳавсалаи баҳузур тайёр кардани қаҳваро надорад, вале чун ҳамеша, ҳар чизе аз дасти шахси дӯстдор аст, ширин менамояд. Аз ин рӯ ман ба ғолибият дар ин масъала умед намебандам, — чеҳраи тоза тарошидаи муфаттиш аз табассуми зӯракӣ шукуфт.

— Шумо, беҳтараш, ба ман гӯед, ки чаро дар ҳама масъала мехоҳед бо Ҷамшед мусобиқа кунед? Ҳатто дар баҳси миёни шумо ягон вақт ҳамдигарфаҳмӣ нест, — баланд хандида, пурсид Ситора.

— Рақобат омили пешравист. Ростӣ, ҳангоме дар ягон парванда рӯ ба рӯ мешавем, вай бештар аз як шӯъба ба ман ёрӣ мерасонад, вале гоҳо аз як ҷиноятқору қотил дида ба ман зиёдтар зарар мерасонад, — рост ба чашмони духтар нигариставу рӯ ба рӯи духтар нишаст Амонов ва бо овози хушку хос ба корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба нақл шурӯъ кард.

— Вазир аввал нахост маро қабул кунад. Вале, рости гап, бештар аз тақдири Ҷамшед тақдири роҳбарамон Шоҳин Азизов, ки он саҳар бо фармони вазир ба ҳабси хонагӣ гирифта шуда буд, маро ором намегузошт. Зеро эҳтимол дошт, Ҷамшед бо пойфишориҳои ҳамкасбонаш барояд, аммо метавонистанд ба сари Шоҳин гуноҳҳои содирнакардаашро бор кунанд. Ҳамчунин баъди боздошти Ҷамшед

ӯ ҳуҷҷати ҳуҷумкунандагонро ба касе дода буд, ки ҳангоми кофтуков пайдо накарданд. Аз ин рӯ гумон мерафт, ки полковникро азоб медиҳанд. Наворе, ки шумо овардед, метавонист ҷони ҳам Ҷамшед ва ҳам Азизовро халос кунад.

Ягон илоҷ набуд, соатҳои интизории ман дар қабулгоҳи вазир бенатиҷа сипарӣ мешуданд. Ниҳоят фикре барқвор ба сарам зад. Ман ҳамсари вазирро хуб мешинохтам, ҳангоми зодрӯзаш ё зодрӯзи вазир бо вай рӯ ба рӯ мешудам. Чун ман ғайри ин кор мағозае ҳам ба номи бародарам дорам, янга гоҳ-гоҳе аз он мағоза чизи дилхоҳашро мегирифт ва табиист, бепул. Ин сабаб буд, ки дар нисбат бо дигарон ба ман эҳтироме дошта бошад. Занг задам ва қазияи навори видиёро гуфтам. Ӯ ба хотири донистани қотили аслии фарзандонаш, рост ба вазорат омад. Дар утоқи ман наворро тамошо кардем ва ӯ онро гирифта, ба утоқи вазир рафт. Касе ҷуръат накард, то ба ворид шудани ӯ монеъ шавад. Расо баъди ним соат Тешабоев маро даъват кард ва кӯтоҳакак фармон дод, то таҳқиқи парвандаро ба ӯҳда гирам ва Шоҳин Азизовро аз ҳабси хонагӣ озод намоям. Нисбати муфаттиш Тошев бошад, бояд бо ягон гуноҳ парванда оғоз карда, ӯро ба ҳабс гирем. Фақат огоҳ кард, ки бояд аз ҷараёни таҳқиқи парванда аввал ӯ огоҳ шавад. Дар навор чӣ аст, Шумо аз ман беҳтар медонед.

— Ҷамшед чӣ? Чаро вай то ҳол дар маҳбас аст?

— Нишасти матбуотиро ёд ored. Аз он ҳамагӣ як ҳафта гузаштааст. Вазир наметавонад туфи кардаашро ба забон бардорад. Ман дар ин бора пурсидам, аммо ӯ гуфт, ки ... — муфаттиш хомӯш монд.

— Чӣ гуфт? — изтироболуд пурсид Ситора.

— Ин байни ҳардуи мо монад. Вай ба сари Маҳтобу Ҷамшед ин гуноҳро бор карда, бо вуҷуди будани далелҳои қатъӣ ва раднашаванда, бо қотилони фарзандонаш созиш карданист.

— Бо қотилони фарзандонаш ва қотилони он ду кӯдаки бегуноҳ? — ҳайратзада суол дод духтар.

— Бале. Ин амали вай ноҷавонмардӣ аст, лекин аз болои вазир ба куҷо шикоят мебарӣ? Ростӣ, сарҳисоби ман ва Шоҳин гум шудааст, намедонем, чӣ кор кунем.

— Магар наметавонед дар парванда нависед, ки қотилон дигаронанд, на онҳо?

— Хуб, менависем, — як парда садо баланд кард муфаттиш, — аммо аввал онро вазир мехонад ва ҳарчи маъқул нест, дарронида мепартояд. Ӯ ба дараҷае номард аст, ки қотилони фарзандонашро бо чеҳраи кушода истиқбол мегирад, зеро барояш ҷудоӣ аз мансаб марг аст, мефаҳмед, марг.

— Чӣ бояд кард? — дубора ашки чашмони Ситора равон шуд. Чӣ мамлакатест, ки қотил ҳукм мебарорад то барои амали содиркардааш шахси дигар бояд пушти панҷара шинад. Вақтҳои охир, Ҷамшед ин ду мисраъро батакрор мегуфт:

Мо озмудаем дар ин шаҳр бахти хеш,

Бояд кашид аз ин шаҳр, рахти хеш.

Кош мерафт аз ин кишвар. Чандин бор гуфтам, барои ононе мемирӣ, ки ҳатто сари қабрат дасти дуо намебардоранд, барои беномусон, ғуломон, тарсуён. Гӯш накард. Акнун яқин вайро ба ҳабси абадӣ маҳкум мекунанд ва ҳатто гӯраш ҳам бенишон хоҳад монд.

Амонов ба ин чеҳраи зебо, вале гирён, наметавонист нигаҳ кунад, бо даст пешониашро сахт молиш дода, бо овози ноқатъӣ гуфт:

— Аммо як роҳ ҳаст. Роҳи басо хатарнок.

***

Ҷамшед вақте дубора чашм кушод, милиса якбора шаппотие ба рӯяш зад:

— Бхе! Басай дига! Чӣ, худта ба мурдагӣ мезанӣ?

Низомии дигар занҷирҳои пояшро кушоду бо силтав ӯро аз ҷойаш хезонид:

— Хезетон ако! Яг оббозӣ када монетон!

Вақте ӯро ба ҳуҷраи хунуку торик даровардand, он ҷой низомии бузургҷуссаи дигар беқаророна аз ин сӯ ба он сӯ қадам мезад. Вай бо дидани Ҷамшед заҳрхандае карду бакалачкаи пуробро аз кафи як даст ба кафи дастони дигараш зада, оромона гуфт:

— Ҳозир муфаттиш меояд. Агар баёнот диҳӣ, ки мошини писари Тешабоевро дуздида, бо он ду кӯдакро пахш кардӣ, ба Маҳтоб Собирова супориш додӣ, ки мурватҳои мошинро кушода, сабабгори марги чор нафари дигар шавад, касе ба ту кордор намешавад ва мисоли шоҳзода зиндагӣ мекунӣ. Дар ҳолати баръакс аз ин ҷой зинда намебароӣ.

— Номаъқул кардай, — хастаҳолона ҷавоб дод Ҷамшед, — падарлаънати вазират медонад, ки қотили фарзандонаш ва қотили он ду кӯдаки бегуноҳ кист. Ин усулҳои шуморо бошад, ман хуб медонам.

— Як бори дигар санҷидан зарар надорад, — хашмгинона гуфт низомӣ ва бо тамоми қувва бо бакалачка ба қафаси синаи рӯзноманигор фаровард. Даҳ-бист... Ҷамшед миқдори зарбаҳоро фаромӯш кард. Танҳо ҳамон вақте, ки ӯро ба курсӣ шинонида, дастонашро ба қафо бастанд ва зарбаи қувваи баркро дар худи мағзи сараш эҳсос намуд, бехуд шуд.

***

Ту воқеан маро дӯст медорӣ?, — Ситора ба шиками навдамидаи сардухтур нигоҳи каҷе андохт, — мехоҳӣ ин бегоҳ бо ту ба тарабхона равам?

Сардухтур аз хурсандӣ якбора парида хест ва назди Ситора омада, даст дароз кард, то рухсораи сафеду беғаши духтарро навозиш кунад. Аммо ӯ бошиддат дасти вайро дур кард:

— Мехоҳӣ?

— Чаро не?

— Пас, гӯш кун, барои ин чӣ кор мекунӣ. Ту сардори шӯъбаи эксперти тиббӣ-судӣ ҳастӣ, — аз дастони вай кашола кард Ситора. — Аввалан, ба тағоиҳоят гап зан, назоратро аз паси ман қатъ кунанд, дуввум, туро ҳозир ҷеғ мезананд ва ту дар боздоштгоҳи муваққатӣ нафареро... — Ситора ба атроф нигаристу сардухтури ҳайратзадаро дуртар бурд.

***

Вақте муфаттиш Амонов ба ҳуҷраи нигаҳдории Ҷамшед даромад, рӯзноманигорро оварда, ба болои кат хобонида буданд ва ӯ беҳушу ёд буд. Вай ба болои сари Ҷамшед хам шуду сарашро ба болои дили вай гузошта, гӯш кард, сипас дастонашро бардошта, набзашро санҷид. Баъд нигоҳи шубҳаноке ба ҳарду низомӣ, ки мисли шахси бегуноҳ, ҳайрону музтар рост меистоданд, гуфт:

— Ба назарам, дилаш кор намекунад. Зуд духтурро ҷеғ занед.

Ҳарду низомӣ саросемавор баромаданд. Амонов ба чеҳраи аз латукӯб варамкардаи Ҷамшед нигаристу сарашро бо дастонаш дошта, ба курсӣ нишаст. Чунинаш менамуд, дилаш чунон сахт мезанад, ки садояш ҳуҷраро пур кардааст. Лаҳзаҳо мисли сол мегузаштанд. Ниҳоят як духтури ҷавони фарбеҳ ворид гардиду ба сӯйи Амонов чашмакӣ зад ва дар ҷавоб табассуми рамзомези вайро дида, дасти беморро бардошту фарёд зад:

— И кайҳо мурдагиай! Баред ва комиссияи судӣ-тиббиро даъват намоед.

Амонов хастаҳолона бархост ва ба китфи духтур бо нишони миннатдорӣ заду шояд бори аввал дар таърихи фаъолияти кориаш, бо қомати хамзада берун шуд.

***

Ягон маротиба вазирро зердастонаш ин гуна хашмгину асабӣ надида буданд. Вай аз ин ҷониб ба он ҷониб қадам мезаду галстуки гарданашро, ки гулӯяшро хафа карда буд, кушода, сӯе ҳаво дод.

— Мӯҳтарам вазир, фикр мекунам, ҳодисаи даҳшатноке рух надодааст. Рӯзноманигор пеш аз он, ки ба боздоштгоҳи муваққатӣ афтад, бо чанд нафар задухӯрд карда буд. Бояд комиссияи тиббӣ-судӣ ин нуктаро ба эътибор гирад ва бояд нависад — Амонов аввал гулӯ рӯшан карда, нигоҳи ҷиддие ба вазир андохт.

— Менависӣ, халос мехӯрӣ. Аммо ман пагоҳ дар назди ин рӯзноманигорони гӯрсӯхта чӣ мегӯям? Ба калонҳо чӣ баҳона кунам? Маро мехӯранд, ҳатман мехӯранд, — вазир ҳеҷ наметавонист ором шавад. — Он се нафарро алҳол нагузоред, ба ягон ҷой равонд, то овоза паҳн нашавад. Ман ба боло меравам, ку бинем, чӣ мегӯянд. Мурдаашро алҳол ба морг супоред.

***

Вақте торикӣ доман паҳн мекард, ҷавондухтари нозанинчеҳрае бо салафани пур ба мурдахона ворид шуд. Мӯйсафеди қаровул, марди руси хамидақомат ва хароб пеш аз он, ки ба саломи вай алейк гирад, аввал ба салафани пур нигарист:

—Ин ҷо беморхона нест, хато кардӣ, духтар.

— Бобо, ман рӯзноманигор ҳастам, — шитобон ҷавоб дод Ситора, — омадам, ки як шабро дар морг гузаронам. Бубинам, ки мурдаҳо шабона чӣ ҳол доранд ва чӣ муҳите аст ин ҷой. Иҷозат медиҳед? —

духтар ба ҷавоби мӯйсафед нанигариста, салафанро ба рӯйи миз холӣ кард. Ду шиша арақ, ҳасиб, мева, коняк, шоколад, консерваро дида, чашмони мӯйсафед аз косахонаашон баромаданд. Вай бо оҳанги нимғурма гуфт:

— Шарт набуд, бе ин ҳам иҷозат медодам. Ҳеҷ гапе нест, чанд моҳ пеш як рӯзноманигори дигар ҳам омад. То ними шаб тоқат карду баъд тарсида, рафт. Бовар надорам, ки шумо ҳам тоқат кунед.

— Инашро мебинем. Барои ҷуръат пайдо кардан ман инро, – духтар ба шишаи коняк ишора кард, — овардам. Он ду шиша аз шумо, — Ситора ду стакани ифлоси болои мизро бурда, обгардон карда оварду нахуст шишаи арақро кушода, ба стакан рехт. Барои худаш каме коняк рехта, стакани арақро ба дасти мӯйсафед доду паст гуфт:

— Рафтем!

Коняк банди дили духтарро сӯзонд. Базӯр сулфае карда, аз шоколади кушода порае ба даҳон андохта буд, ки тилфони дастиаш занг зад. Духтар нигоҳи саросемаворе ба мӯйсафед андохту каме дуртар рафт.

— Ҳозир ӯро мебаранд. Бояд баъди ним соат ба худ ояд. Ҳамааш тибқи нақша амалӣ гардид, — аз он тараф гӯширо чунон тез монданд, ки Ситора нафаҳмид, ин садои кӣ буд, — Амонов ё сардухтур.

— Амак, шумо чаро наметавонед ба духтари ҷавон меҳрубонӣ кунед? – духтар бо нози зебандае табассум карду дубора стакани ӯро пур кард. Худаш бошад, қадаҳи нимаашро бардошт. Дастонаш ба андозае меларзиданд, ки аз чашмони мӯйсафед ниҳон намонданд:

— Духтарам, ба фикрам, ту аз ҳад зиёд менӯшӣ, ки дастонат меларзанд. Ё аллакай тарсида истодаӣ?

— Не, наметарсам, амакҷон, танҳо дилам ким-чӣ хел меларзад.

Ҳанӯз сӯҳбати онҳо гарм нашуда, мошини ёрии таъҷилӣ омаду мӯйсафед саросема аз дасти Ситора кашида, ӯро ба ҳуҷрае тела кард:

— Руст шав, духтарам, ки ба ман гап мерасад.

Тақрибан баъди бист дақиқа мӯйсафед дарро кушод:

— Рафтанд. Ҷасади кадом бечораро аз боздоштгоҳи муваққатӣ оварданд.

— Дар куҷо гузоштанд? Шояд як бор ӯро мебинем? – Ситора зӯракӣ табассум кард. — Аввал садтаи дигар мезанем, баъд шумо ҷасади вайро ба ман нишон медиҳед.

— Дар даромадгоҳ мондам, — бепарво гуфт мӯйсафед, — пагоҳ ҷобаҷо мекунем.

Ҳангоме мӯйсафед зӯр зада, қуттии консерваро мекушод, духтар номаълум ба стакани вай доруи қиммашудаеро андохту оҳиста-оҳиста стаканро дар дастонаш чарх занонида, бо дасти дигар стакани худашро ҳам пур кард.

— Сари ман аллакай чарх мезанад, — ғур-ғур кард мӯйсафеди сархуш, — ту бошӣ, ҳоло ҳушёрӣ. Аввал ту то ба охир менӯшӣ, баъд ман.

— Мушкиле нест, — сохтакорона хандид Ситора ва бо як бардоштан стакани пури конякро холӣ карду ба сӯйи мӯйсафед нигарист:

— Навбати Шумо амак!

— Амак нагӯ, ман ҳоло ҷавонам, — мӯйсафед мастона садо баланд карду стаканро бардошта, то ба охир нӯшид ва онро сахт ба рӯйи миз зад: — Сарам сахт тоб мехӯрад, агар хоб рафтанӣ шавӣ, ҳуҷраи дуввум ҳуҷраи хоб аст.

Тақрибан, баъди ним соати дигар, баъди бардоштани қадаҳи навбатӣ, мӯйсафед ба хурроккашӣ даромаду Ситора аз зери салафан як даста либосро гирифта, ба соати дасташ нигарист ва дуздона ба сӯйи дари кушодаи мурдахона рафт. Аз мастӣ мекалавид, вале бо вуҷуди ин, тарси даҳшатноке вуҷудашро фаро гирифта буд. Агар ин лаҳза садое баланд мегардид, аниқ буд, ки талхакаф мешавад.

Мурдахона ба дараҷае сард буд, ки Ситора якбора ҳушёр шуд ва барои он, ки аз тарс қафо нагурезад, рӯпӯши мурдаеро, ки дар даромадгоҳ буд, якбора гирифта, сӯе ҳаво дод. Ҷамшед ҳанӯз ба худ наомадаву бо манаҳи баста мехобид. Ришҳояш, ки ягон-ягон тораҳои сапед давида буд, расидаву чеҳрааш аз зарбу лат варам карда. Лаҳзае ба Ситора чунин намуд, ки воқеан вай мурдааст. Ҳаросон худро қафо кашиду бо овози пичирросӣ садо кард:

— Ҷамшед!

Мурда оҳиста чашм кушоду ҳайрон ба сояи болои сараш нигарист. Чизе гуфтанӣ буд, ки Ситора ғайриихтиёр бо дастонаш даҳони ӯро маҳкам карду ангушт ба лаб бурд:

— Ором! — ва рӯзноманигорро нимхез карду куртаи овардаашро зӯран ба тани вай кашид. Вақте мехост шимро ба ӯ пӯшонад, ғайричашмдошт Ҷамшед муқобилият кард:

— Рӯятро гардон, ман худам мепӯшам.

Баъди он, ки кӯрпаҳои даридаи дар гӯша бударо ба ҷойи Ҷамшед хобонида, рӯяшро пӯшониданд, Ситора бо табассум гуфт:

— То соатҳои даҳ-ёздаҳи рӯз, ҳушёр шудани мӯйсафед, касе аз гум шудани мурда хабар намеёбад.

Ҳангоме дуздона аз дарвозаи паси мурдахона берун шуданд, мошине бо чароғҳои нимравшан онҳоро интизор буд.

***

— Ин хонаи муваққатии ту, Ҷамшед. Аз тиреза нигоҳ кардан, пардаҳоро кушодан, чароғ гиронидан, ба дари баромад наздик шудан мумкин нест. Хӯроки серӯза дар яхдон. Агар моҷароҳо яктарафа шуданд, бахайр, агар не, бо шиносномаи дигар туро ба дигар мамлакат мегуселонем — марди ношиноси хандонрӯ, ки дандонҳои тиллояш дар торикӣ медурахшиданд, баъди ворид шудан ба хонае дар худи маркази шаҳр ба креслои бароҳат нишаст. — Ин хонаи як генерал аст ва касе ҳам наздик намешавад, вале эҳтиёт чизи хуб аст.

— Ту... — Ҷамшед лаҳзае хомӯш монду баъд бо овози паст пурсид:

— Аз куҷо?

— Ман тоҷири одӣ ҳастам, фақат гоҳ-гоҳе барои рафиқон, аз ҷумла Шоҳин Азизов кореро анҷом медиҳем, — мард паст хандид, — парво накун, Шоҳин натанҳо бо ин генерал шинос нестанд, балки шояд аз буданаш хабар надошта бошанд. Ба ман гуфтанд, ки барои ту бо сарам ҷавоб медиҳам ва барои ман сарам алҳол даркор аст.

— Аз ин хона боз кӣ калид дорад?

— Фақат ман. Генерал ба ин хона ҳамагӣ як бор омадааст ва ҳоло дар сафари хидматӣ мебошаду баъди як моҳ меояд.

Ин лаҳза Ситора, ки мӯйҳои сохтаашро гирифтаву либосашро дигар карда буд, аз ҳуҷраи дигар баргашт ва ба сӯйи мард нигарист:

— Ман чӣ кор кунам?

— Чун ҳамеша, соати ҳашт бояд ба кор равед. Шумо имшаб дар беморхона навбатдор будед ва шаш нафар ба ин шоҳидӣ медиҳанд. Ҳоло фикр мекунам, бояд ба беморхона равед. Соат дувоздаҳи шаб шудааст ва касе рафтани шуморо ҳис намекунад.

Ситора ба Ҷамшед нигаристу сарашро хам кард ва бо овози як андоза хиҷолатомез пурсид:

— Мешавад, ки шумо соати се биёед ва маро ба беморхона баред. Ман мехоҳам... — духтар лаҳзае хомӯш монда, калимаи мувофиқ ҷуст, — мехоҳам Ҷамшедро оббозӣ доронам, вай мадори аз ҷой ҷунбидан надорад.

Мард як нигоҳи озмоишкоронае андохту табассумашро ниҳон кард:

— Бошад. Соати се. Шумо тайёр шавед.

***

Вақте Ҷамшед баъди як соат аз ванна бо риши тоза тарошида ва як андоза сабуку болидарӯҳ берун шуд, Ситора қаҳваи гармро пеши ӯ гузошт:

— Дирӯз Амонов барои ман қаҳва тайёр карда буд ва чун одат ишора кард, ки қаҳвааш наметавонад аз қаҳваи шумо бомаззатар бошад, зеро чизе бо дасти дӯстдор омода мешавад, ширинтар аст.

— Чӣ ҳодиса рух дода истодааст, ман намефаҳмам — гуфт Ҷамшед ба ин ишораи духтар аҳамият надода, — ку нақл кун.

Ҳангоме Ситора воқеаҳои то ба ин дам рухдодаро қисса карду ба суолҳои Ҷамшед посух дод, соат ду шуда буд.

— Агар понздаҳ дақиқаро барои тайёрӣ ба баромадан сарф кунӣ, ту ҳамагӣ чилупанҷ дақиқаи дигар дорӣ, — табассум кард рӯзноманигор, — метавонӣ дар ин фурсат ба чанд суоли ман посух диҳӣ?

— Не, — қатъӣ ҷавоб дод духтар ва якбора ба «ту» гузашт, — медонам, чӣ мепурсӣ, суолҳои кӯҳнаю дилбазан, афсонаҳои садсола.

— Яъне? — чашмонашро нимпӯш кард Ҷамшед

— Яъне, чаро эҳсоси сардухтурро, ки барои ман ҷонашро ба хатар гузоштааст, эҳтиром намекунам, то ба кай бо муҳаббати бефардо зиндагӣ дорам, чаро худро ҳамеша барои ту ба доми бало мезанам.

— Охир, чаро? — як каме садояшро баланд кард Ҷамшед. – Агар ту намебудӣ, ман кайҳо мемурдам ва шояд ҷони бисёриҳо ҳам халос мешуд. Вале ҳамеша ту пайдо мешавӣ ва тамоми зиндагиатро ба қимор монда, маро мераҳонӣ. Чаро? Охир, ман ба ин ҷонбозии ту лоиқ нестам, мефаҳмӣ?

— Гӯш кун, — Ситора бо хашм парида хесту рост ба назди рӯзноманигор, ки беқаророна рӯйи хона қадам мезад, омад, — ту ба эҳсоси ман, муҳаббати ман корат набошад. Фаҳмидӣ? Бигӯ, ки боре ман ба хотири ишқам аз ту чизе хостам? Мисли дигарон талоши маъшуқа будан кардам, зани дуюм шудан хостам, ҳар рӯз ҷойи кори ту рафта, безорат кардам, бо дигарон муносибат карданро манъ кардам? Ман бояд баҳо диҳам ба эҳсосам, ба муҳаббатам, ки ба он кӣ лоиқ аст ва кӣ не. На ту! Фаҳмо? — чашмони духтар аз об пур шуданд. — Парво накун, вақте ин моҷаро ҳал шуд, ман боз нопайдо мешавам.

— Боз то мусибату мушкили нави ман, — ғамгинона гуфт рӯзноманигор ва беихтиёр бо дастонаш ашки бари рухсори Ситораро тоза карду сари ӯро ба банди дилаш пахш кард.

***

Намедонист, чанд лаҳза гузашт. Ҳисоби вақт гум шуда буд. Танҳо ҳаминро эҳсос мекард, ки дили беморашро нафаси гарме фаро гирифтаву ҷисми аз зарбу лати чандрӯза хастааш дард мекунад. Ҷисми сӯзони духтар саропо меларзид ва наметавонист сарашро аз оғӯши вай бардорад. Ниҳоят мард оҳиста даст ба ғабғаби сафеду пурра ва дилкаши Ситора бурду сари вайро боло кард. Аз чашмони зебою ошиқкуш ҳамоно ҷӯяи ашк метаровид. Бо эҳтиёт, гӯё чизе мешикаста бошад, зулфони атрогинашро нарм бӯса зад ва беихтиёр

лабонаш ба лабони сӯзону беҳаракати духтар часпид. Ғайриихтиёр дастони духтар бозувонашро сахт фишурданду ҷисми сӯзонаш аз раъшаи то ба ин дам ноошно, вале ширине ларзиданд. Як лаҳза эҳсоси ширин ба ҳисси танаффуру бадбинӣ бадал шуданд. Ҷамшед тангтар вайро ба оғӯш кашид ва дастони ба миёни борик ҳалқааш нарм-нарм аз зери пираҳани сабук боло шуданд. Ногаҳон лабони сӯзон ҷудо шуданд ва ҷисми бемадор рӯйи дастонаш афтид. Бо як ҳаракати чусту чолок ӯро рӯйи даст бардошт ва сӯйи ҷойхоб қадам партофт. Вақте духтарро рӯйи он хобонид, дубора лабони бемадорашро бӯса зад ва тугмаи пеши бари духтарро кушод. Ситора аввал бо як ҳаракати ғайриихтиёр банди дасти мардро дошт, аммо чашмонашро боз карда, бо садои базӯр шунаво пурсид:

— Рост аст, ки ишқ дар бистар поён меёбад?

Ҷамшед хандаи сабуке зад:

— Намедонам, бояд санҷид.

Ситора табассуми ширине карду бо дастони нозук гардани ӯро ба сӯйи худ кашид ва ҳангоме Ҷамшед пираҳанашро бадар кард, нозолуд гуфт:

— Фақат ба чашми ман нигоҳ накун, шарм медорам.

...Ҳангоме нафаси гарми Ҷамшед Ситораро бехуд кард, садои оҳистаи тақ-тақи дар шунида шуд....

Ҷамшед бо як ҳаракати тез духтарро бардошту лабханди аламноке карда, ба Ситора, ки чусту чолок пираҳанашро ба бар карда буд, нигарист. Духтар дар ҷавоб бо даст рухсораҳои аз шарм лолагунашро пӯшониду оҳиста, бо навозиш, ба китфи мард зад.

***

Амонов вокуниши сарвари симои ба истилоҳ «мустақил»-ро дида, даррав хулоса бароварда, ки бояд аз вазифаи хидматиаш истифода барад. Зеро бо дидани полковник Ҳотами Насим чунон

парида хест, ки ҳатто креслои бароҳати бадвоҳима зери шиддати бархестани ин марди паканаи бадафт ғиҷиррос зад.

— Биёед, Амонов, биёед! Имрӯз офтоб аз кадом тараф баромада бошад?

Ҳанӯз вай дудаста бо нимтаъзиму хушомад дасти муфаттишро мефишурд, ки дунболаи Амонов зани миёнсоли сиёҳпӯш, вале бо ҳалқаи дарози тилло ва занҷираи ғафси тахминан секилоӣ ворид гашт. Ҳотам баробари дидани зан чунон ларзид, ки лаҳзае будани муфаттишро фаромӯш сохтаву қариб ӯро бо ҳамон ҷуссаи хурдакакаш пахш намуда буд. Ба тарафи зан давид ва лаҳзае надонист, даст дароз кунад ё не. Якбора ба худ омада, креслоро пеш кашид:

— Шинед, янгаҷон. Тешабоев сиҳат ва саломатанд? Таъзияи моро қабул кунед. Ростӣ, барои мо рӯзноманигорон нанг аст, ки...

— Ман вақт надорам, — бо оҳанги фармонфармоёна гуфт зан, — ҳозир ин сабт бояд пахш шавад.

— Майлаш. Ягон консерт ё ягон ситораи навпайдо?

— Не, сабти куштори фарзандони ман, — бо зарда посух дод зан, — пахш мекунед ё не? Ана ин ҳаққи пахш, — вай як даста доллярро рӯйи миз партофт. Ҳотам ҳарисона ба онҳо нигаристу кассетаро гирифта, давида баромад.

***

-Чӣ? Ҷасад ғайб задааст? Тешабоев якбора сарашро қаппида, гурсосзанон ба рӯйи фарш афтиду котиба, ки ин хабарро оварда буд, додзанон берун тохт.

***

Қазияи дугоникҳо, ки зери мошин монда, ҳалок шуда буданд, миёни ВАО ва шаҳрвандон боиси овозаҳои гуногун гардид. Мушкил сари ин буд, ки волидайни ин ду нафар ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

даъво пеш наоварданд. Аз оғоз ҳама гумон доштанд, ки ин амалро шаҳрванд Тешабоев Аслам анҷом додааст, — Шоҳин Азизов, ки то ба ин дам дар экрани телевизорҳои ҳазорон ҳазор нафар, сарашро аз коғаз набардошта, аз рӯйи варақ мехонд, якбора рост ба сӯйи оператор нигарист. Баробари сар бардоштани вай дар пойини экран навиштаҷот пайдо шуд: Сардори Раёсати кофтукови ҷиноятҳои махсусан вазнин, полковник Шоҳин Азизов.

— Чун Собировҳо бо Тешабоевҳо ҳамсоя буданд, ба ин хотир нахостанд баҳона пеш оранд ва ҳама воқеаи суратгирифтаро аз тақдир донистанд. Баъди чанд рӯзи ин ҳодиса, Тешабоев Аслам бо се нафари дигар дар шоҳроҳи Душанбе — Хуҷанд ба садама дучор гардиданд. Мошин баъди садама оташ гирифт. Ба гуноҳи кушодани мурватҳои чархи мошин, хоҳари калонии дугоникҳо Маҳтоб Собирова ба ҳабс гирифта шуд. Баъдтар чунин маълумот илова гардид, ки Собироваро ба ин ҷиноят гӯё рӯзноманигор Ҷамшеди Ҳабиб таҳрик карда бошад. Аз ин рӯ рӯзноманигор ҳам ба маҳкама афтид. Гӯё ҳама чиз воқеӣ буд, вале муфаттишони ботаҷрибаи Раёсати мо бо сарварии муфаттиши калон Амонов парвандаро ҷиддӣ мавриди баррасӣ қарор дода, далелҳои тоза ба даст оварданд, ки воқеаро комилан ба таври дигар инъикос менамояд.

— Намурдӣ Амонов, — Ҷамшед, ки дар хонаи танҳо бо марди ҳамроҳаш баъди занги Азизов телевизор тамошо мекард, якбора хандид. — Ман то ба морг рафта омадам, аммо ӯро бубинед, чӣ хел ситоиш мекунанд.

— Хайр ака, ба шумо чӣ фоида? Монед, Амонов ҳам полковник шавад, то кай подполковник мемонад? — мард дилбардорона ба китфи Ҷамшед зад.

— Ба ин сабт нигаред, — суханашро идома медод Шоҳин, — ин ду нафаре, ки мебинед, солҳо боз мавриди ҷустуҷӯянд. Онҳо баъди он, ки Маҳтоб Собирова натавонист мурвати чархи мошинро кушояд,

мурватҳоро мекушоянд ва ин мурватҳо тасодуфан дар ҷайби яке аз онҳо монд.

Сабт ҳарчанд хира буд, аммо чеҳраи ду нафарро, ки мурвати чархи мошинро мекушоданд, нишон дод.

— Онҳо ба ин ҳам қаноат накарда, як рӯз пас ба журналист Ҷамшед Ҳабиб бо ҳамроҳии як нафари дигар ҳуҷум карданд. Аммо муваффақ нашуданд ва ҳарду ба табобатхона афтиданд. Ҳанӯз ҳамон вақт аз ҷайби яке аз онҳо мурватҳои чархи мошини шаҳрванд Аслам Тешабоев пайдо гардида буд, вале ин маълумот ба хотири халал нарасонидан ба рафти тафтишот фош карда нашуд.

Баъди пурсуҷӯ маълум гардид, ки дугоникҳоро ҳам ин ду нафар бо маслиҳати пешакӣ бо раққосаи тӯйгард Л. Н. бо истифода аз мошини шаҳрванд Тешабоев пахш кардаанд ва барои фош нашудан Асламро ҳам ба коми аҷал тела карданд.

Шаҳрванд Маҳтоб Собирова имрӯз аз боздоштгоҳи муваққатӣ бинобар исбот нашудани гуноҳаш ҷавоб дода шуд. Рӯзноманигор Ҷамшед Ҳабибро бошад, табибон иштибоҳ карда, мурда ҳисобиданд ва ба морг фиристоданд. Бо кӯмаки шахсони дилсӯз ба ҷомеа вай аз он ҷой берун бароварда шуд, — дар ин ҷой табассуми ноаёне дар лабони Азизов пайдо гардид. Гунаҳкорони фоҷиа чӣ подош мегиранд, суд муайян хоҳад кард, — Шоҳин варақи пешашро чаппа гардонид.

***

Чун ҳамеша ҷамоа ҷамъ, – Амонов курсиашро пеш кашиду ба Ҷамшед бо истеҳзо нигарист.

— Хайр, аламат накунад, ки кассетаи пайдокардаатро моли худӣ кардем. Имрӯз ман ҳисобӣ мекунам.

— Дигарон, аниқтараш, супоришдиҳандагон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд? — бетоқатона пурсид Ситора.

Парвандаашон тайёр, ҳамин ки ишора шуд ё аз мансаб рафтанд, мебардорем, — бепарвоёна посух дод Амонов, — муҳим, Тешабоев, Тошев аз вазифа рафтанд ва шахсе вазир таъйин гардид, ки дар гӯшаи хаёли касе набуд. Инсони ботаҷриба, бовиҷдон, ботамкин. Ҳарду гурӯҳи даъвогари ин мансаб шикаст хӯрданд.

— Чун мурватҳоро барвақт пайдо карда будед, барои чӣ маро то морг расонидед? — бедимоғона суол кард Ҷамшед.

— Бубахш, — гунаҳкорона ҷавоб дод Азизов, — наметавонистем, ҳамчунин гуфта натавонистем, ки Аслам баъди фаҳмидани он ки бо мошинаш кӯдаконро пахш намудаанд, ба воқеа шарик шуд ва ҷасади кӯдаконро лагадкӯб кард. Ин шарти зани вазир буд. Баъд бечора сардухтури ошиқро истифода кардем, — барои он ки риштаи суханро ба дигар сӯ барад, муфаттиш ба Ситора нигарист.

— Воқеан, ту бо вай ба ресторан рафтӣ?

— Пагоҳ бояд равем, аммо бо як меҳмони олиқадре, ки аз он дунё баргаштааст, — духтар бо чашмони хандон ба Ҷамшед нигарист.

— Гапро дигар сӯ набар, — Ҷамшед қадаҳро дар дасташ бозӣ доронд, — ҳарчанд бегуноҳии Маҳтоб исбот шуд, вале супоришдиҳандагон, гунаҳкорони асосӣ дар озодианд. То ба кай ин ҳол идома мекунад? Фақат нафарони иҷрогар ҷазо мебинанд, вале...

Муддате хомӯшӣ ҳукмрон шуду Амонов оҳе кашида, посух дод:

— Чунин аст расми сарои дурушт...

Мисраи дувумашро нагӯй, ки бо вазъи ҳол мувофиқат намекунад, — заҳрханд кард Азизов, — адолат рӯзе тантана мекунад бовар кунед...

***

-Меравӣ?

Хуш бираву боз биё!

Боз биёву ту ба ин шаҳр, ба шаҳри ғами ман

Як чаман ханда биёр, — мӯйи дарозу парешони Ситораро навозишкорона боло карда, нарм ба лабони духтар бӯса зад Ҷамшед.

— Меравам ҳаргиз намеоям дигар, — нозолуд посух дод духтар, — ва ногаҳон бо оҳанги ҷиддӣ дастонашро тез ҷудо карда, бо овози канда — канда, пур аз эҳсос суханашро идома дод:

— Фақат як хоҳиш дорам: ба ман Ҷамшеде тӯҳфа кун. Дигар чизе аз дунё намехоҳам.

Ситора ин ҷумларо гуфту давон ба сӯйи роҳ давид ва ба таксӣ нишаст.

— Ҷамшеди дигар... Барои кадоме хушбахти дигар, барои кадоме бадбахти дигар, — ғур-ғуркунон санги пеши пояшро тибқи одат мисли тӯби футбол лагад зад рӯзноманигор...

Душанбе, тобистони 2007

kitobkh

ДУ ГУЛИ СУРХ

Намози шом мошини сафеди хориҷӣ дар даромадгоҳи бинои нимвайронаи хиштии «хрушёвка» истод. Марди қоматбаланди зебоандом, ки галстуки нави арғувониаш ба пираҳани сафеду пиҷаки сиёҳаш мувофиқ афтода буд ва мӯйҳои сиёҳи ба боло шоназадааш зери нурҳои охирини офтоби тирамоҳӣ ялаққос мезаданд, аз он пиёда шуд.

Ягона чизи ба андоми мард номувофиқ шиками як каме дамидааш буд, ки аз зери пиҷаки тугмаҳояш маҳкам ба пеш баромада меистод. Ӯ нигоҳи тезе ба атроф афканду зуд ба роҳрав ворид гардид ва бо ҳаракати тез ба ошёнаи дуюм баромада, таваққуф намуд. Бо нӯги ангушт чашмаки дарро пӯшида, зангро пахш кард. Баъди лаҳзае аз дарун зани ҷавони зебоандоме бе он, ки ба чашмак нигоҳ кунад, дарро кушод ва баробари дидани мард

«воҳ» гӯён, қафо рафт. Мард бо табассуми зӯракӣ ворид шуду зуд дарро аз пасаш пӯшид ва аз банди мӯйи дарози то ба зонуи зан гирифту бо дасти дигар даҳони вайро маҳкам карда, ба қафо бурд.

Дар хонаи сеҳуҷрагӣ утоқи аз ҳама хурдакак ҷойхоби калоне дошт ва мард мӯйи занро ба гарданаш печониду бо тамоми қувват ба сӯйи худ кашид. Тахминан баъди панҷ дақиқа зан аз даступой задан бозистод ва мисли халтаи холӣ ба рӯйи дасти мард афтод. Қотил рӯйи занро ба сӯяш гардонид ва чашмони аз ваҳшат калон кушодаи ӯро бо дастонаш пӯшониду ба рӯйи ҷойгаҳ партофт. Рӯймолчаашро бароварда, нақши дастонашро, ҳар куҷое буд, тоза кард ва оҳиста дарро пӯшониду баромад. Ба мошин нанишаста, биноро тоб хӯрду ба мошини дар истгоҳ мунтазир нишаст. Ронанда бе он, ки ба сӯйи мард нигарад, пурсид:

— Ба ҷойи кор?

Мард оромона ҷавоб дод:

— Бале.

Мошин бо суръати баланд ба сӯйи прокуратураи ноҳиявӣ тоб хӯрд.

***

Вақте ӯ як каме шармидаву тарсолуд ворид шуду ба кунҷи курсӣ амонат нишаст, Ҷамшеди Ҳабиб - хабарнигри нашрияи «Гулбонг» тариқи тилфон сӯҳбат мекард ва ба сӯйи духтари воридшуда нанигариста, бо ангушт ишораи нишастан намуд. Ниҳоят ҳамсӯҳбати тилфониаш аз камгапии рӯзноманигор рамуз бурда, аз он сӯ хайрухуш намуду рӯзноманигор нафаси сабук кашида, гӯширо гузошт. Қаҳваи кайҳо хунукшударо ба як бор нӯшиду қуттии сигорро пеш кашид ва ба сӯйи меҳмон нигарист.

Ӯ духтаре буд бо чашмони зебо, вале нигоҳи ҳаросон, чеҳраи сафеду бечирм, вале берангу бор. Чунин менамуд, ки мӯйҳои сиёҳу

кӯтоҳаш кайҳо ранги шонаро надидаанд ва танҳо ҳангоми берун шудан аз хона ё ворид шудан ба утоқ, бо дастони беангуштаринаш боло карда шудаанду халос. Гӯё ин амал ба он хотир сурат гирифта буд, то абрӯвони дарозу камонмонанд ба таври пурра зебоии худро ба маъразии тамошо гузоранд. Дар тан аз болои футболкаи осмонӣ пираҳани сабуки варзишӣ пӯшида буд ва шими танги ҷинсу кроссовкаи сафедаш гувоҳи он буданд, ки вай барои омадан ба идораи рӯзнома махсус тайёрӣ надидааст ва гӯё ҳамин тавр, якбора ҳангоми сайругашти бегоҳӣ, сар халонидааст. Лабони берангашро ба ҳам фишурда, мисоле, ки дар сари чанбари мошин бошад, қоматашро рост нигоҳ дошта менишаст.

Ҷамшед сигорро ба хокистардони қариб пуршуда такконидуу пурсид:

— Хизмат?

— Маро полковник Шоҳин Азизов фиристоданд. Он кас бояд ба шумо занг зада бошанд.

Рӯзноманигор лаҳзае сукут варзиду сӯҳбати тилфониро бо дӯсташ ба ёд овард.

***

Он рӯз Шоҳин, сардори раёсати кофтукови ҷиноят, баъди ҳолпурсӣ тариқи тилфон ба овозаш як андоза оҳанги расмӣ дода, пурсид:

— Ягон меҳмон надоред?

Ҷамшед ба ёд овард, ки ду маротибае полковник ба маҳалли кори ӯ омад ончунон утоқ серодам буд, ки маҷбур шуданд, дар берун сӯҳбат кунанд. Аз ин рӯ, бо нимханда посух дод:

— На садое, на навое, на ҳамовозе, на ҷуре. Гап зан.

— Як масъала ҳаст, ки ман машғул шуда наметавонам, зеро барои оғоз кардани тафтиш далел нест, вале фикр мекунам, агар ба ин

масъала ҷиддӣ машғул шаванд, далел ёфт хоҳад шуд. Аз ҷониби дигар, сухан сари маблағи калон меравад ва шояд таваҷҷӯҳи маро дигар хел фаҳманд.

— Шоҳин, ту хуб медонӣ, ки ман ба масъалаҳои вобаста ба пул умуман наздик намешавам. Ягона кӯмаке, ки карда метавонам, нафари мефиристодаатро бо ягон рӯзноманигори дигар рӯ ба рӯ мекунам, агар мавзӯи хуб бошад, тадқиқот мебаранд. Дар мо рӯзноманигороне, ки кори одии анҷом медодаашонро ваҳшатнок нақл менамоянд, ва пули мегирифтаашонро ҳалол карда мегиранд, зиёданд.

— Ҳмм, — Шоҳин лаҳзае бозистоду сипас суханашро идома дод:

— Биёед, ин хел мекунем: шумо он нафарро қабул кунед, баъд вомехӯрем, майлаш?

— Бошад! — рӯзноманигор гӯширо гузошт...

Ва ҳоло ин фиристодаи Шоҳин пешорӯйи ӯ менишаст. Ҷамшед гумон карда буд, ки ин шахс ягон фиребхӯрда дар тиҷорат ё ноҳақ аз вазифа сабукдӯшшуда, ё сарвари ягон корхонаи бо мушкил мувоҷеҳ шуда, ё ақаллан ягон раиси хоҷагии деҳқонӣ бошад. Аммо дар рӯ ба рӯйи рӯзноманигор духтараке менишаст, ки шояд мактабхон буд. Якбора ин амали дӯсташ сахташ расиду бо оҳанги хушк гӯё дилу бедилон бошад, пурсид:

— Чӣ мушкил дорӣ?

— Ман дар синфи даҳ мехонам ва... — духтар як каме бо овози шикастаи тоҷикӣ посух доду дастонашро ба ду паҳлӯи миз гузошта, пойҳои дарозашро, ки шими танг назарраборо нишон медод, болои ҳам гузошт. Ҳанӯз ҷумлаашро то охир нагуфта буд, ки Ҷамшед ғайричашмдошт, бо овози дағал сухани ӯро бурид:

— Мебинам, ки ноболиғ ҳастӣ. Агар аз серталабии муаллимон шикоят дошта бошӣ, метавонистӣ ба рӯзномаи «Омӯзгор» мурочиат кунӣ. Ман...

Ин маротиба духтар, ки ин гуна истиқболро интизор набуд, намонд, то рӯзноманигор ҷумлаашро ба охир расонад:

— Гап дар сари таҷовуз ба номус меравад!

Ин ҷумлаи духтар бадтар ғазаби Ҷамшедро овард:

— Хайр, чӣ? Бирав ба рӯзномаи «Зан ва мард» ё «Оила». Он ҷой маслиҳат медиҳанд, ки чӣ кор бояд кунӣ: Исқоти ҳамл кунӣ, ба суд мурочиат намоӣ ё ба хонандагон перомуни ҷабри тақдир қисса созӣ.

— Ин кор тасодуфан нашудааст, барои пинҳон кардани одамкушӣ ин корро карданд, — овози духтар ларзиду ғайриихтиёр илова кард:

— Ман пулашро медиҳам.

— На таҷовуз ба номусро собит карда метавонӣ, на одамкуширо, — рӯзноманигор дигар худро аз даст дод ва бо ғазаб сигори дигарро аз қуттӣ гирифту оташ зад ва илова намуд:

— Агар пул дорӣ, рав, муфаттишро бихар, судяро бихар. Ин ҷой Тоҷикистон аст, агар пул дорӣ, барои даромадан ба Интернет ҳам метавонӣ дилхоҳ шахсро зиндонӣ кунӣ, ҳол он ки одамкушӣ. Ҳоҷат нест, то дар саҳифаҳои рӯзнома ангуштнамо шавию аз тасвири лаҳзаи таҷовуз ба номус дар кабинетҳои бароҳат шикамашонро аз ханда ларзонида, лаззат баранд.

Вақте духтар бо чашмони пурашк бархост, Ҷамшед бо тамасхур боз заҳр чакконид:

— Ба Шоҳин расон, ки вобаста ба масъалаҳои порнографӣ ба дигар рӯзномаҳо мурочиат кунад.

Вақте шогирд ва ҳамкораш Шамида ҳайрон даромаду пурсид:

— Тинҷӣ?

Рӯзноманигор ӯро ҳам бенасиб нагузошт:

— То ҳол ин ҷой ҳастӣ? Фикр мекунам шавҳари шикамкалонат кайҳо омада, «ош» гӯён дандон месояд.

Шамида чизе нагуфту зери лаб худро барои суоли ноҷой мазамматкунон, финҷони қаҳва ва хокистардонро гирифта, аз дар берун шуд.

Пас аз ним соат тилфони дастӣ чанд маротиба дурудароз занг зад, аммо Ҷамшед онро набардошт.

— Аллакай ба Шоҳин ҳисобот дод ва дӯстам мехоҳад муҳим будани ин масъаларо фаҳмонад, — бо зарда гуфт ба худ ва ҳангоме бори панҷум тилфонро бардошта, ба рақам нигарист, хато накард:

Ин рақами тилфони полковник буд, аммо рӯзноманигор бо писханд ба он нигаристу ин маротиба ҳам ба он ҷавоб надод.

***

Субҳи дигар, ҳангоме духтараки навкор Дилноза, ки бисёр мехост маводашро пеш аз чоп фақат Ҷамшед хонаду кӯмакашро аз вай дареғ надорад, финҷони қаҳваи гармро рӯйи миз гузошт, лаҳзае китоби нависандаи америкоӣ Гарднерро рӯи миз гузошт. Фикру хаёлаш пеши қаҳрамони асар адвокат Мейсон ва котибаи хушқомати вай Сара буд ва Дилнозаро ситоиш кард:

— Ваҳ-ваҳ! Хушбахтӣ, агар субҳи барвақт аз дасти чунин нозанине, ки сад раҳгузар хоки қадамҳояш мешавад, қаҳва нӯшӣ.

— Фақат чашми кӯри як кас сатрҳои майдаи китобро мебинаду ин нозанинро не! — бо ишва посух дод духтар. Ва гӯё тасодуфан бошад, хам шуда, коғазеро аз замин гирифт ва бо ин баҳона пешобағали навдамидаашро намоиш доду суринҳои бардамидаашро бо ноз ҷунбонида, нигоҳи меҳролуде карду аз дар баромад.

Ҷамшед дар посух чизе нагуфту танҳо маънидорона табассум кард ва ҳанӯз дубора саҳифаи китобро накушода буд, ки занги тилфон хаёлашро парешон кард.

— Лаббай! — бо дили нохоҳам гӯширо бардошт.

— Салом ба онҳое, ки ақаллан лаҳзае моро ёд кардаанд, — овози ошно водораш кард, то китобро пӯшонад.

— Ситора? — пурсид Ҷамшед. Ростӣ, ёд кардам, китоберо мехонам ва як қаҳрамони он сахт ба ту монанд аст.

— Ман асарҳои дӯстдоштаи шуморо медонам. Як ҳамшираи шафқати одӣ ба кӣ монанд буда метавонистааст? Наход мисли ман бошад? Охир, ҳамеша мегуфтед, ки ман ягона ҳастам, — бо ноз ҷавоб омад аз он сӯйи гӯшӣ.

— Сара, — гуфт рӯзноманигор ва қасдан шарҳ надод то фаҳмад, ки Ситора қаҳрамонро ба осонӣ меёбад ё не.

— Ҳа, котибаи ҷаноби Мейсон. Аммо ман ба зиндагии онҳо ҳасад мебарам. Ҳарду ҳам муҷаррад, — таҳдор посух дод Ситора ва илова кард:

— Дирӯз беҳуда духтаракро ранҷонидед. Ин ҳодисае, ки ба сари вай омадааст, воқеан даҳшатнок аст.

— Чӣ, Шоҳин занг зад? — бо писханд гуфт Ҷамшед. Вай дӯст медорад, ки гоҳ-гоҳ аз садои зебои ту барои ба ин ё он амал маҷбур кардани ман истифода барад.

— Ҳа. Духтарро фиристод. Мо ду соат сӯҳбат кардем. Мавзӯи аҷоиб.

— Биё ғам надеҳ. Ин мавзӯъ барои ман нест, махсусан дар ҳоле сухан аз духтари ноболиғ меравад.

— Хоҳед — нахоҳед, духтар боз назди шумо меравад. Воқеан, ман ба ӯ китобҳои шуморо додам, то эътиқодаш гум нашавад ва хулоса

кунад, ки аслан шумо шахси баде нестед. Фаҳмонидам, ки Ҷамшеди воқеӣ ҳамоне аст, ки дар асарҳояш тасвир ёфтааст ва сабаби дағалию кӯшиши аз адолат чашм пӯшиданаш муҳит ва одамон ҳастанд. Ин духтар дигар даргоҳи умед надорад. Биёед бегоҳ вомехӯрем, ман ҳамаашро нақл мекунам, баъд хулоса бароред. Шумо он бечораро ҳатто то охир нашунидаед.

— Агар дигар баҳона барои мулоқот набошад, майлаш, — талх гуфт Ҷамшед.

— Хуб, чун ҳамеша дар соати шаш, дар «Канд», — гӯё киноя рӯзноманигорро нафаҳмида бошад, оромона посух дод Ситора.

***

Ҷамшед бо вуҷуди ба шаш наздик шудани ақрабаки соати болои миз, ки шабеҳ ба киштии хурдакаке буду дар зодрӯзаш шахси наздике тӯҳфа кард, ҳеҷ намехост китоби дасташро гузорад.

— Даҳ саҳифаи дигар, — гуфт вай ва ба соат нигариста, табъаш хира гашт: соат аллакай ба шаш наздик мешуд. Лаҳзае соатро бардошту хост ҳиллаи ҳамешагиашро кор барад — бисёр мешуд, ӯ ақрабаки соати тилфонашро қафо тофта, ба мулоқоте, ки он қадар ҳавсала надошт, дер мекард. Ҳангоме эътироз мекарданд, ҳамеша даъво мекард, ки соати ман қафо мондааст ва ботантана онро барои исбот кардан ба дасти даъвогар медод. Ин маротиба соати болои миз ин нақшаи ӯро вайрон мекард, охир, ду соат дар як вақт қафо наменомонанд. Нафаре, ки соатро тӯҳфа карда буд, ин ҳиллаи Ҷамшедро медонист, зеро маҳз ба мулоқот бо вай рӯзноманигор чанд маротиба дер рафта буд ва рӯзи таваллудаш ин нафар зикр карда буд, то Ҷамшед дигар аз вақт қафо намонад.

Аз ин рӯ бо дили нохоҳам бархосту қуттии сигор ва оташгирону тилфони дастиашро гирифта, чанд лаҳзаи дигар калиди утоқашро кофт. Ниҳоят онро аз зери коғазҳои парешон пайдо намуда, дарро маҳкам кард. Ҳамкорон рафта буданд ва танҳо Дилноза ҳанӯз ҳам

сар аз Интернет набардошта, бо кадом бекори дигаре номанависӣ мекард.

— Вақти шавҳар кардан расидааст, азизам, агар хонадор мебудӣ, ин лаҳза ё дар сари дег ё дунболаи кӯдакон дар кӯчаҳо медавидӣ ва бо афсонаҳои мардони зандӯстдор саратро гаранг намекардӣ — хандида, хайрухуш кард рӯзноманигор, вале Дилноза ин маротиба бо шӯхӣ посух надода, хушку расмӣ пурсид:

— Ба «Канд» меравед?

— Ту аз куҷо медонӣ? — як қадар ҷиддӣ пурсид рӯзноманигор ва даррав ба ёд овард, ки тилфонҳои корхона ба ҳам пайвастанд ва ҳар яке метавонад гуфтугӯи ҳамкорашро гӯш кунад.

Гӯё ин посухи Ҷамшедро хонда бошад, Дилноза таҳдор посух дод:

— Ба Ситорабону гӯед, ки минбаъд беҳтар аст, ба тилфони дастиатон занг зананд, вагарна аз ин мулоқотҳо ҳамеша тамоми редаксия хабардор хоҳад буд ва дар ҳолати ғайб задани шумо мо медонем, гиребони киро гирем.

Рӯзноманигор дид, ки ин дафъа ҳам агар посух диҳад, сӯҳбат ба дарозо хоҳад кашид, аз ин сабаб фақат табассум карду даст афшонида, берун баромад.

***

Ситора бо Шоҳин Азизов, чун ҳамеша, дар мизи кунҷи тарабхона менишастанд. Рӯзноманигор сӯҳбати гарми онҳоро дида, лаҳзае аз дур ба чеҳраи онҳо хира шуд. Полковник бо чашмони барқпош кадом ҳодисаеро нақл мекард ва духтар бо табассуми зебанда бо як дастонаш сарашро доштаву гоҳ — гоҳе ба атроф нигариста, гарм табассум мекард. Агар ягон нафари ношинос ба ин саҳна наззора мекард, гумон менамуд, мард духтареро, ки дӯст медорад, ба мулоқот хондааст ва бо тамоми қувват мехоҳад маданият ва хушгуфториашро ба хотири писанд омадан нишон диҳад. Ҷамшед

ногаҳон тасаввур кард, ки ин лаҳзаро агар дар баробари вай ҳамсари Шоҳин — Салима бубинад, чӣ баҳо хоҳад дод. Медонист, ки ин оила ба хотири кӯдакон пойбарҷост ва хислати ҳарду зидди ҳамдигаранду маҷбуран зиндагӣ доранд. Ҳатто Шабнам — хоҳари Салима ва Беҳзод — ҳамсинф ва язнаи Шоҳин қурбони ин бозиҳои ниҳон аз чашми ҳамдигари ин оила шуда буданд. Дар ин гуна ҳолат, табиист, мард ҳамнафаси лоиқтаре меҷӯяд ва барои дил ба даст овардан, аниқтараш, лозим будани худро ба касе собит кардан, ба ҳар кирдор даст хоҳад зад. Дар ин вазъият барои полковник оё аз Ситора — духтари зебою бешавҳар ва ҳавасманд ба моҷароҳои криминалӣ дида, интихоби беҳтаре вуҷуд дорад? Якбора андешаи охирин рӯзноманигорро таккон дод ва ҳис кард, ки як андоза бепарвоёна муносибат карданаш ба Ситора шояд сабабгори наздик шудани вай бо полковник шудааст ва Худо накунад, ки ногаҳон шӯълаи ишқ дар дили Шоҳин аланга занад. Он гоҳ... Ҷамшед намедонист, ҳанӯз хулоса накарда буд, дар ҷавоб чӣ рафтор хоҳад кард, аниқтараш, Ситора пеши ӯ чӣ мавқеъ дорад, лекин пайдо шудани ин гумон он қадар якбора бедасту пояш кард, ки беихтиёр шитобон ба мизи онҳо наздик шуда, бе ягон салому алейк ба курсии холӣ нишаст. Ҳарду мусоҳиб аз ин амали ғайричашмдошти Ҷамшед ба ҳайрат афтода, якбора хомӯш монданду рӯзноманигор киноя зад:

— Халал расонидам? Ман гумон кардам, ки шумо расо соати шаш меоед, надонистам, ки барои аз дидори якдигар сер шудан ним соат барвақт меоед.

— Шумо дер кардед, соат шашуним аст, мо расо соати шаш омадем, — як қадар норозиёна гуфт полковник ва афзуд, — Ба Шумо чӣ шамол расид?

— Аз таги дарахти чормағз гузаштам, — боз бо тамасхур ҷавоб дод рӯзноманигор ва рост ба чашми Ситора, ки даступо хӯрда, намедонист чӣ гӯяд, нигарист:

— Шуморо гӯш мекунам, хонум, ба фикрам, чӣ коре доштед. Ман вақт надорам. Аз ин рӯ беҳтар мебуд, кӯтоҳтар ҳарф мезадеду ман ба сӯҳбати гарми шумо халал нарасонида, мехестам.

Духтар оҳе кашиду финҷони қаҳваро хомӯшона ба лаб бурд ва оромона гуфт:

— Беҳуда рашк мебаред ва хуб медонед, ки ман шуморо бештар аз худи шумо мешиносам, Ҷамшед. Аз ин рӯ, вобаста ба ин мавқеъгирии ҳозираи шумо, сад дар сад бовар дорам, ки нақли фоҷиаи даҳшатноки ин духтаракони бадбахт амали беҳудаест. Барои онҳо коре анҷом нахоҳед дод, баръакс, мисоли дирӯз қиссаи онҳоро ба риштаи масхараву тамасхур хоҳед кашид. Вале гоҳо сахтам мерасад, ки чаро вайрон шудани табъи шумо — як шахси масъул метавонад қисмати дигаронро ба таври беадолатона ҳал кунад, дар ҳоле...

— ... инро ҳам хуб медонед, ки агар ба ман гуфтед, фалон тавр амал хоҳӣ намуд, дар ин ҳол, дар аксар ҳолат ман баръакс рафтор хоҳам кард, — сухани духтарро бурид рӯзноманигор. — Аслан, ҳеҷ намефаҳмам, — ногаҳон оҳанги суханронии таҳқиромезашро дигар кардаву ҷиддӣ пурсид Ҷамшед, — ки чаро шумо дунболаи занҳои ҳомиладор нагашта, пайваста моҷаро меҷӯед ва ҳатман ба он моҷаро маро мекашед?

Духтар дар посух чизе нагуфту лабонаш беихтиёр ларзиданд ва қатраи ашк ғайриихтиёр аз чашмонаш таровид. Шоҳин дигар худро нигаҳ дошта натавонист ва боғазаб гуфт:

— Шарм доред, Ҷамшед! Ман бовар надоштам, ки бо Ситора сӯҳбат кардани ман ин қадар сахт мерасад. Охир, дар ниҳояти кор вай на зан, на маъшуқа, на хешованди шумост.

— Аҳҳа! Ман бовар доштам, ки ин ҷумларо рӯзе мешунавам. Вале аз забони худи шумо! — ба Ситора нигаристу суханрониаш боз оҳанги тамасхур гирифт. — Аммо, гумон доштам, бароятон кайҳо

гуфтаам, ки ин ҷумла рӯзе айнан ҳамин тавр садо медиҳад. Барои ман аҷиб аст: пас маълум мешавад, ки ҷаноби полковник аз асрори шумо ба пуррагӣ хабардор ҳастанд? Ҳатто аз он чизе, ки миёни мо аст?

Ситора ҳамоно хомӯш буду бо ду даст рӯяшро пӯшида, мегирист. Шоҳин мисоли моргазида ба худ мепечиду намедонист чӣ гӯяд. Ҷамшед сигоре оташ заду чуқур нафас кашида, оромона пурсид:

— Ба он духтарак чӣ воқеа рух додааст?

Шоҳин, ки зудтар мехост аз ин ҷанҷоли ногаҳонӣ халос шавад, зуд ба сари мақсад омад:

— Духтаре, ки назди шумо рафта буд, Фирӯза ном дорад. Ӯ ва хоҳараш Шоиста, ки донишҷӯйи соли аввал аст, бо модарашон зиндагӣ доранд. Падарашон тоҷири машҳуре буд, аммо дар ҷанги шаҳрвандӣ кушта гардид. Дар ҳамсоягии онҳо зани зебои ҷавоне бо номи Зӯҳро ба наздикӣ хона харида меояд. Зӯҳроро марди ҷавоне рӯзона омада, мекушад ва Шоиста тасодуфан аз тиреза ворид шудани қотилро мебинад. Баъди рафтани мард духтар барои кадом коре ба ҳамсоя занг мезанад. Чун гӯшии тилфонро касе намебардорад, дари хонаи ӯро кушода дида, ворид мешавад ва ҷасади занро пайдо мекунад.

Шоиста, ҳангоми пурсиш ворид шудани мардро ёдовар мешавад ва...

— ...ва чӣ? — бетоқатона пурсид Ҷамшед.

— Ҳамон бегоҳ як ҷавони шиносаш Шоистаро ба қаҳвахона таклиф менамояд ва зиёфати бошукӯҳ медиҳад. Ҳангоми зиёфат ба духтар чизе мехӯронанд ва ба номусаш таҷовуз мекунанд. Он ҷавон таҳдид менамояд, ки агар бори дигар ҳангоми пурсиш аз ворид шудани он мард ёдовар шавад, он гоҳ нодухтар буданашро байни ҳамсабақон, ҳамсояҳо овоза мекунад.

— Фоҷиа сохтан чӣ лозим? Духтар бо хоҳиши худ ба мулоқот рафтааст, касе ӯро маҷбуран набурдааст. Роҳи осони ҳал, — Ҷамшед табассум кард, — Шоиста ба духтур муроҷиат мекунад ва ба ивази маблағи на он қадар зиёд дубора духтар мешавад.

— Вале медонед, ки онҳо саҳнаи хуфтухобашонро бо духтар наворбардорӣ кардаанд ва таҳдид доранд, ки онро паҳн хоҳанд кард.

— Хуб, масъала маълум, дар ин ҳолат дахолати милиса метавонад духтарро тезтар бадном кунад, аммо барои ман як чиз муаммо аст, Ситора аз ин ҳодиса чӣ гуна хабар ёфт?

— Ба ман Фирӯза муроҷиат кард, ман падари ӯро мешинохтам. Ҳангоми аз кор ба хона рафтанаш ман Ситораро гусел кардам ва ин ҳодисаро нақл кардам, — зуд посух дод Шоҳин ва хеле дер фаҳмид, ки хато кард:

Ситора баъди суханони вай парида хест. Вале чизе гуфта натавонисту давида, аз тарабхона баромад. Вақте мардон дунболаи ӯ берун баромаданд, Ҷамшед ба Ситора занг зад:

— Агар дар наздикӣ бошӣ, полковник гусел менамояд. Ман аз гусели духтарони зебо метарсам. Мабодо ягон навҷавон ногаҳон дар ҷое зада маиб накунад, — ба духтар имкони сухан кардан надода, гуфт рӯзноманигор ва зуд тилфонашро хомӯш кард.

***

Хокбод мерехт ба рӯйи шаҳр ва баргҳои парешони пойиз рақскунон дар ҳавои аҷинабод ба замин мерехтанд. Мардум аз хокбод мегурехтанд, ба хокбод нафрат доштанд, вале шояд танҳо Ҷамшед буд, ки аз тамошои мардуми гурезон лаззат мебурд.

Худро он қадар танҳо эҳсос мекард, ки лаҳзае, шояд бори аввал дар зиндагӣ, аз ин танҳоӣ қалби дардмандаш ларзид. Ин танҳоӣ он

қадар ваҳшатнок буд, ки дунё дар назараш торик шуд ва як фурсати кӯтоҳе эҳсос кард:

Тӯли чанд соли охир бо афсонаи дурӯғини зиндагӣ, бо китобу асарҳои детективӣ, бо суруду таронаҳои ғамангезе, ки бӯйи танҳоӣ мекарданд, худро мефирефт, ба фиреби назарфиреб он қадар дода шуда буд, ки якбора барафтодани ин парда ва дидани саҳнаи урён, воқеӣ барояш гарон буд.

На, ӯ бештар аз зиндагии худ намеандешид, кайҳо боз ба ин хулоса расида буд, ки зиндагии якранг барояш ба охир расида ва агар ҳавасҳои дигарон барои зистан бо истифода аз мавқеъ ва истеъдоди ӯ набошад, кайҳо ё гӯшаи кӯҳистонро ихтиёр мекард ва ё ба ягон мамлакати дигар рафта, пешаи дигарро интихоб менамуд.

Вале зиндагии дурӯғини дигарон, зиндагии дар қолабҳои расмӣ тарошидаи дигарон бештар азияташ медод ва дар ин моваро бори аввал перомуни Ситора ва қисмати ӯ ҷиддӣ андеша кард.

***

Дар прокуратураи ноҳиявӣ ҷаласа давом мекард. Соати дуввум буд, ки он идома дошт ва ҳозирин ҳар яке перомуни куштори зани ҷавон — Зӯҳро Самиева, ки вақтҳои охир ин намуди ҷиноят кам ба мушоҳида мерасид, фарзияи худро баён менамуданд. Ниҳоят прокурори ноҳия бо нияти ҷамъбаст кардани ҷаласа аз ҷой баланд шуда буд, ки аз дар марди фарбеҳи баландболо, мӯйи сари кабудрангаш ба боло шоназада ва қавоқҳояш овезону зери чашмонаш аз бехобӣ варамида, ворид гардид. Ҳозирин аввал ҳама якбора ба сӯйи вай нигаристанд ва баъди ин ба сӯйи шефи худ дида дӯхтанд, ки ба беодобии меҳмони нохонда, бе иҷозат ворид гардиданаш чӣ гуна муносибат мекарда бошад.

Прокурор бо табассуми сохта котибаашро, ки аз паси меҳмон ворид шуда, яқин аз бе иҷозат ворид шудани ӯ забони шикоят кушоданӣ буд, бо ишораи даст берун карда, ба пешвоз баромад:

— Биёед, Амонов, биёед! — ва сипас ба сӯйи зердастонаш гуфт:

— Полковник Амонов, аз маъруфтарин ва сертаҷрибатарин муфаттишон, сардори шӯъбаи ҷустуҷӯйи ҷиноятҳои махсусан вазнин.

— Котибаатон духтари хеле зебо, аммо танбал аст, ҳар як ҷинояткор метавонад ба назди шумо ба осонӣ ворид шавад, — Амонов чун одати ҳамешагӣ заҳри забон заду сипас, ба сӯйи ҳозирин гуфт:

— Парвандаи куштори Зӯҳро Самиева ба кӣ вобаста шудааст? Маро ба кӯмаки шумо фиристоданд.

— Ба ман! — муфаттиш Шарифов аз ҷой бархост. Амонов ба сар то пойи вай нигарист. Марде буд қоматбаланду зебоандом, галстуки нави арғувониаш ба пираҳани сафеду пиҷаки сиёҳаш мувофиқ афтода буд ва мӯйҳои ғафси сиёҳаш ӯро салобатнок нишон медод. Ягона чизи ба андоми вай номувофиқ шиками як даме дамидааш буд, ки аз зери пиҷаки тугмаҳояш маҳкам ба пеш баромада меистод.

— Фикр мекунам, мо бояд дар ягон утоқ танҳо ба танҳо сӯҳбат кунем, — гуфт полковник ва бе он, ки чизи дигаре гӯяд, қафо гашту аз дар берун шуд. Прокурор аввал ба Шарифов ишора кард, то дунболаи Амонов ба берун барояд ва худаш зуд ҷаласаро ҷамъбаст карду баъди рафтани ҳама тилфонро пеш кашиду рақам чид. Баъди ду маротиба рафтани гудоки дароз овози ғафсе бо оҳанги расмӣ посух дод:

— Гӯш мекунам, Ғаффоров!

— Рафиқ генерал, имрӯз ин Амонови гургро ҳам барои кӯмак дар парвандаи вобаста ба куштор ба мо фиристоданд. Нафаҳмидам, ин нишонаи чӣ бошад... — овози прокурор каме ларзид.

— Ҳмм... вай саҳар дар қабули Калон буд, ҳам эҳтиёт кунед ҳам якҷоя кор кунед. Охир, аз куштор як ҳафта гузашт, вале қадаме пешравӣ нест. Воқеан, ин парвандаро ба кӣ супоридед?

— Ба Шарифов, – прокурор «ҷиянатон», гуфтанӣ буд, вале истиҳола кард.

— О, вай ҳоло ҷавон аст, чаро ин гуна парвандаҳои вазнинро ба ӯ месупоред? Ё мехоҳед вай беҳунариашро исбот кунад? — бо хашм пурсид генерал.

Ғаффоров медонист, ки зери ин ҷумла чӣ маънӣ нуҳуфтааст: генерал гумон кард, прокурори ноҳия аз тарси он, ки мансабашро фардо ҷияни шефаш нагирад, ба ӯ парвандаи вазнинро бор кардааст.

— Рафиқ генерал, ин хоҳиши шахсии Шарифов буд ва ҳам аллакай парванда қариб тамом шуд, гумон меравад, ин амал худкушӣ буда, ташхисгарон ҳангоми хулосабарорӣ каме саросема шудаанд.

— Оҳҳо! Зан бо мӯйҳои дарозаш худро хафа карда кушт гӯед! — генерал дигар худро аз даст дод:

— Баҳонаи беҳтар ёб, Ғаффоров, ки ақаллан худат бовар кунӣ ва ҳамаро шарманда насозӣ! Бо Шарифов бошад, ман худам гап мезанам. Ин Амонов хоки ҳамаатонро бо он саводу ақле, ки доред, мебезад! Ба ӯ Шефи калон ҳама ҳуқуқро додааст, ҳатто вай метавонад далелҳои шуморо ба тини сиёҳ нагирад, фаҳмо? — генерал бо ғазаб гӯшакро гузошту Ғаффоров дилашро дошта, муддати тӯлонӣ дар дасташ гӯшӣ, ба нуқтае чашм дӯхта, намедонист чӣ кор кунад.

***

— Генерал чӣ ҳол доранд? — Амонов ба утоқи муҷаҳҳаз бо тамоми васоити техникӣ, ки шояд ягона дар прократураи ноҳиявӣ

буду аз утоқи Ғаффоров боҳашаматтар менамуд, сар-сарӣ нигариста, сумкачаи дастиашро рӯйи миз партофту рост ба чашмони Шарифов нигарист. Мард дар аввал як андоза худро гум кард, вале кадом андешае ба сараш омаду чеҳрааш шукуфта, посух дод:

— Олиҷаноб, интизори боз ҳам болотар рафтан ҳастанд. Дирӯз дида будам.

— Дар мавриди парванда чизе напурсиданд?

— Не, як маҳфили хонаводагӣ буд, нахостам дар ин маврид ҳарф занам.

— Бовар надорам, ки парвандаро ба зиммаи худ гирифтани шуморо хуш қабул кунанд, — Амонов хастаҳолона сумкачаашро пеш кашиду Шарифов беэътиноёна ҷавоб дод:

— Ин парванда чизе надорад. Фақат ташхисгарон каме саросема шуда, онро куштор ҳисобидаанд.

— Яъне зан бо мӯйҳояш худро буғӣ карда куштааст? — Амонов баланд хандид. — Ба ин осонӣ масъулиятро аз худ дур накунед, ин куштор аст ва дунболаи худ таҷовуз ба номус ҳам дошт ва шояд шоҳидон ҳам пайдо шаванд.

Чун сари полковник хам буд, надид, ки чӣ гуна ларза ба андоми муфаттиш афтод ва дастонаш, ки рӯйи коғаз чизе менавиштанд, ларзиданд. Лаҳзае хомӯшӣ ба миён омаду ниҳоят Шарифов бо овози паст ва оҳанги ноқатъӣ гуфт:

— Шояд ин арғамчин буд ё чизи дигар. Дар шифти ҷойи хоб чангаки оҳание ҳаст ва шояд баъди овехтан арғамчин канда шуда, рӯйи ҷойхоб афтида бошад. Инчунин...

— ...баъди мурдан ҷасад аз ҷой хеста, арғамчинро куҷое руст кардаву мӯйҳояшро ба гулӯяш печонидааст, то тафтишотро фиреб диҳад. — Амонов дағалона суханони Шарифовро бурид. — Чангакро

ман дидам, чунин менамояд, ки онро баъди куштор касе барои ба гумроҳӣ бурдани тафтишот часпонидааст, ҳоло дар ин ҷой ташхисгарон кор карда истодаанд, кӯдакбозиро монему ҷиддӣ аз пушти кор шавем. Аз суханатон маълум, ки шумо барои ёфтани қотил коре накардаед ва танҳо ба он кӯшидаед, то амали занро худкушӣ маънидод намоед.

Муфаттиши прокуратураи ноҳиявӣ, ки чунин ранг гирифтани сӯҳбатро чашмдор набуд, комилан даступо хӯрда, надонист дар ҷавоб чӣ гӯяд. Танҳо вақте Амонов шарҳи ҳоли занро пурсид, саросемавор коғази дасташро сӯе гузошта, аз ғалладон як даста варақро берун оварда ва ба хондан шурӯъ намуд:

— Зӯҳро Самиева, соли 1980 таваллуд шудааст. Дар мактаби миёна то ба охир таҳсил накардааст, зеро ҳангоми дар синфи нӯҳ хондан ӯро ба шавҳар додаанд. Баъди ду сол шавҳараш дар яке аз набардҳо ҳалок мешавад ва зан ба хонаи волидайнаш бармегардад. Аммо бо бародараш муросо намекунад ва маҷбур мешавад хона харида, танҳо зиндагӣ кунад. Фарзанд надошт, волидайнаш гуфтаанд, ки каме хаёлӣ шудаву худ ба худ гап мезад, яъне агар ин худкушӣ бошад ҳам, аҷаб нест. Мутахассисони рӯҳшинос ба ин назаранд, ки марги шавҳараш ба вай сахт таъсир кардааст ва аз ин рӯ даст ба ҷони худ задани вай ҷойи ҳайрат надорад. Ин метавонад бинобар меҳру муҳаббати зиёд ба шавҳар ва ё...

— Ҳӯй ҷавони маҳмаддоно, кифоя, кифоя! — Амонов якбора дод заду ба «ту» гузашт, — гӯш кун, ман намедонам, барои чӣ ту ин қадар зӯр зада, ин амалро худкушӣ мегӯӣ, аммо бидон, ки ин бозиат намегузарад. Ҳатто дар шарҳи ҳоли Зӯҳро ту далелҳои асосиро фаромӯш мекунӣ. Он чиро ёдрас мешавӣ, ки барои худкушӣ номидани он монеъ намешавад ва ин фарзияро асоснок менамояд.

— Чӣ далеле доред? — абрӯ чин намудаву аз ғазаб сурх шуда, пурсид Шарифов.

— Дар мактаби миёна барои он то ба охир нахонд, ки қумондони саҳрой ӯро зӯран ҳамчун зани чорум ҳамроҳаш ба Афғонистон бурд. Яъне, ин ки, мегӯй «Зӯҳроро ба шавҳар доданд», комилан дурӯғ аст. Шавҳараш дар набардҳо ҳалок нашудааст, балки то ба имрӯз дар зиндон аст, вайро биступанҷ сол доданд ва ба ин наздикиҳо озод намешавад. Зани охирин ҳамеша эркаи шавҳар мешавад ва хонаро ба зан тибқи хоҳиши шавҳараш кадом нафаре аз Русия харида додааст. Зан комилан сиҳат буд ва ба ин шаҳодати даҳ нафар аз ҳамсояҳояш ҳаст. Шояд чун Зӯҳро асрори шавҳарашро зиёд медонист, кадоме аз ин дарак ёфт ва ӯро нобуд кард. Сабаби бо бародараш забон наёфтанаш ин буд, ки вай мехост хоҳарашро ба як рафиқи дигараш ба ҳайси зани дуюм ё сеюм диҳад. Аммо аз се зани дигари қумондон дар вақти набардҳо яке ҳалок шуд, дуввумӣ дар Афғонистон мурд, саввумӣ баъди ба зиндон афтиданаш талоқ талаб кард. Зӯҳро зани ягона буд. Аз ин сабаб талаби бародарашро иҷро накард ва бародар ӯро аз хона пеш карду шавҳараш тавассути касе ба вай хона харида дод. Ин аст, асли воқеа, дӯстам! — полковник бархоста, ба китфи Шарифов зад. — Ғам нахӯр, агар ин парванда кушода шавад, ба номи ту менависанд ва ҳатман бечора Ғаффоров бояд ҷойро холӣ кунад, — хандаи Амонов чунон сарду хушк буд, ки мусоҳибаш ба худ ларзиду чизе нагуфта, барои хайрухуш ба ӯ даст дароз кард.

— Ман бо рассом назди шоҳидон меравам то акси тахминии қотилро кашад. Ӯро ду нафар дидаанд.

— Ду нафар? Магар як нафар не? — ин ҷумла ногаҳон аз даҳони Шарифов баромад.

— Аҳҳа! Ин далелро медонистӣ, аммо руст кардӣ? Аҷоиб! Дар ин ҳол, ба ту гуфтани ному насаби шоҳиди дигар хатарнок аст, мабодо ӯро ҳам таҷовуз накунанд? — полковник ба дасти барои хайрухуш дарозкардаи Шарифов аҳамият надода, баромад.

***

Ҳангоме торикӣ дигар чодар афканда буду ғубори боди афғонӣ нишаста ва сафи раҳнавардон дар шаб кам мешуд, Ҷамшед ҳамоно дар варзишгоҳи холӣ аз одам менишаст. Пайиҳам сигор оташ мезад ва дар ин сияҳшаб аз дурӣ танҳо рӯшании он ба чашм мерасид. Сараш сахт дард мекард ва панҷаи сахти дард қалбашро пахш менамуд. Болои ин сулфаи сахти якмарому бетанаффус нафасгардонаш мекарду гурдаҳояш, чун ҳамеша, бо халаи ҷонкоҳ аз будани худ дарак медоданд.

Шояд соати саввум буд, ки ӯ наметавонист андешаҳояшро ҷамъ кунад ва бе эҳсосу ҷиддӣ ҳодисаи дар «Канд» рухдодаро таҳлил намояд. Фақат як суоли кӯтоҳу сода, аммо бечавоб дар сараш тоб мехӯрд:

— Чаро? Чаро?

Суол мисоли як ҳубоби калони рӯи об, ки кӯдаки дар лаби ҷӯй нишаста бо химчаи дасташ бозавқ онро мекафонаду ба чанд ҳубобчаҳои дигар бадал мешавад, ба чанд тақсим мешуд:

— Ба кадом хотир? Ба ивази кадом гуноҳ? Наход Ситораро ин қадар сол ман нашинохтаам? Наход ин қадар фурсат вай моҳирона нақши як духтари ошиқро бозидаву ман дар нақши як тамошобини кӯре, ки дар толор нишаста, намоишнома тамошо мекунад, вале ба ин бовар аст, ки ин саҳнаи зиндагии воқеӣ аст, бошам? Наход ин ҳама афсонаҳои Шоҳин дар мавриди дӯстӣ ва меҳраш ба ман ва қалами ман афсонаи хушке беш набошад? Ин вохӯриҳои ошиқонаи эшон чанд сол боз давом дошта бошад?

— Дуруд ба ошиқони шаб! — овоз ончунон баланд садо дод, ки бо вуҷуди ошно будан рӯзноманигор як қад парид. Амонов калавида, аз баландӣ ба майдони сабзи варзишгоҳ пойин шуд ва салафани дасташро пеши Ҷамшед партофту мисли ӯ пойҳояшро дароз карда,

сигорашро бароварда ва чуқур дуди онро фурӯ кашида, бо истеҳзои хос гуфт:

— Варзишгоҳро барои андеша кардану нақша кашидан интихоб кардӣ? Аҷиб, наход дигар тарабхонаи «Канд» «тройка» — и машҳур — Ҷамшед, Шоҳин, Ситораро дар хеш нағунҷонид?

— «Тройка» дигар нест, — бо вуҷуди эҳсоси истеҳзо дар суханони Амонов рӯзноманигор айни замон беш аз ҳамеша ба як розшунав ниёз дошт. – Аъзои «Тройка» аз болои ҳамдигар ба навиштани шикоят оғоз кардаанд.

— Оҳҳо! Табрик, ман гумон доштам, ки чашми туро ишқи лайливор кӯр кардааст.

Ба дил нагир, ин барои ту чунин менамояд, ки эҳсосҳои инсонӣ бояд зери пой нашаванд дар зиндагӣ. Муҳите, ки ту барои хеш сохтай, то ба ҳол виҷдону қадри инсонӣ, шарму садоқат, рӯйи хотир ва ишқу меҳр нақше доранд, аммо дар замони имрӯз ин вожаҳо калимаҳои кӯҳнашудае беш нестанд.

Медонам, вақте ин воқеиятро дарк мекунӣ, дигар ҳатто қуттиҳои бешумори доруи дили рӯйи мизат ҳам кӯмаке намекунанд, аммо чӣ тавон кард, ки замон чунин аст, аниқтараш, чунин шудааст.

Муфаттиш хомӯш монду сигори сӯхтаро ба замин пахш кард. Ҷамшед салафанро пеш кашиду шишаи арақи нима ва пораи ҳасибро бо бурдаи нони сиёҳ ва стакани пластмасӣ берун оварду онро пур карда, рехт. Бо як бардоштан онро нӯшиду якбора мавзӯи сӯҳбатро дигар кард:

— Хуб, фикр мекунам, туро ба назди ман қаҳр карданам аз Ситора наовардааст. Дар ин дилгаҳи шаб чиро донистан мехоҳӣ?

— Масъалаи куштори Зӯҳро Самиева. То ҷое хабар дорам, бо ин масъала, чун ҳамеша, ба журналисти ҳангомаҷӯи мо муроҷиат кардаанд.

— Ман пушти ин қисса нестам, бӯйи пул мекунад, — бепарвоёна гуфт рӯзноманигор ва стакани арақро пеши Амонов гузошт, — фақат нафаҳмидам, Шоҳин барои чӣ ин қадар мехоҳад маро ба ин моҷаро кашад.

— Гап сари пули калон меравад, дӯстам, — муфаттиш стакани холиро гузошт ва пораи нони сиёҳро гирифта, бӯй кашид. Ба Ҷамшед ҳодисаҳои имрӯзаро нақл карда, илова намуд:

— Хулоса, қотил Шарифов аст, фақат як мушкил, вай ҷияни генерал мебошад ва пеш аз ҳабс карданаш, ман бояд далелҳои раднашаванда дошта бошам. Шоҳидон маҳз ӯро ҳангоми баромадан аз хонаи Зӯҳро дидаанд, то ба имрӯз вай бо он сару либос аст, рӯйирост мехоҳад кушторро худкушӣ муаррифӣ созад.

— Чун ҳамеша саросемавор хулоса мебарорӣ, дӯстам, — рӯзноманигор шишаи холиро сӯе ҳаво доду сигор оташ зад — Магар ба назарат ин қадар осон ҳал шудани масъала, ба ин зудӣ пайдо гардидани қотил шубҳанок нест?

— Чаро? Дар ин масъала танҳо аблаҳии Шарифов сабаби фош шудани ҳама асрор асту бас! – даст афшонд Амонов. — Чун аксар хатмкардаҳои факултаи ҳуқуқшиносӣ дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ, вай ҳам як бесаводе беш нест.

— Тарафи дигари масъала, дӯстам, — рӯзноманигор ангушти ишоратиашро боло бардошт, — Шарифов хешованди нафари бонуфузе аст ва бидон, ки пайвандони шахси бонуфуз аз тарси аз даст додани роҳат наметавонанд ҳатто ба зани худашон даст боло кунанд. Махсусан дар ин айём, ки дигар ҳама нуфузу обрӯи онҳо метавонад дар як мижжа задан ба чанги ҳаво раваду худи онҳо ё ба ҳабси якумра маҳкум шаванд ва ё гуреза дар мулки бегона. Ин кори Шарифов нест, балки касе мехоҳад ин кушторро ба сари ӯ бор кунад.

Далели аз ҳама одӣ: чӣ ӯ фаросат надорад ё пул надорад, ки ақаллан либосашро дигар кунад? Аз рӯйи гуфтаи ту, Шарифов ҳамон либосеро дорад, ки шоҳидон рӯзи куштор дидаанд.

— Як лаҳза, дӯстам, як лаҳза! — Амонов сухани рӯзноманигорро бурид. — Шоҳидон он рӯз дидаанд, ки Шарифов, хайр биё, алҳол қотил гӯем, баъди баромадан аз хонаи Зӯҳро ба мошин нанишаст. Ин мошини дуздӣ буд ва моли як ҳунарманди ҷавон аст. Ӯ биноро тоб хӯрда, ба мошини хидматии прокурори ноҳия нишаст ва ба бинои прокуратура омад. Ба ин чӣ мегӯӣ?

— Ман бовар надорам, ки Шарифов ба ин андоза беақл бошад, — китф дарҳам кашид Ҷамшед, — аммо ту ҳисси кунҷкобии маро бедор кардӣ, — бори аввал ман бо ту якҷоя кор мекунам ва бовар дорам, пирӯзӣ аз мост.

— Ту? — Амонов аз хурсандӣ парида хест ва дасташро дароз кард. — Дар навбати худ ваъда медиҳам, ки агар дар ин масъала манфиати шахсии Шоҳин ё Ситора бошад, аз баҳри манфиати касбӣ мегузарам.

— Агар Шоҳин ба хотири баробарвазнӣ айбдоркунандаи ман дар назди Ситора шуда бошад, ман ният надорам, ба ӯ бадӣ кунам. Ин гунаҳоро занхислат мегӯянд ва мард намеҳисобанд. Дар масъалаи Ситора бошад, хоҳиш, номи ӯро ба бадӣ дар назди ман нагир, чизе буд, набуд, аммо ӯ дар вазнинтарин лаҳзаҳои зиндагӣ бо ман буд ва бовар дорам, рӯзе мерасаду вай дарк мекунад ҳақиқат куҷосту бо кист.

— Бошад!

Дар дилгаҳи шаб бори аввал баъди 15 соли ошноӣ Амонов ва Ҷамшед даст ба гардани ҳамдигар аз варзишгоҳ берун шуданд.

***

Субҳидам, вақте Ҷамшед бедор шуд, дар хона касе набуд. Бачаҳо ба дарс, Нӯшофарин ба кор рафта буданд. Рӯйи миз фақат қаҳваи кайҳо хунукшуда меистод, ки дилу бедилон онро ба як бардоштан нӯшид. Як ба чеҳраи ришрасидааш нигаристу лаҳзае андеша кард, ки барои гирифтани он вақт сарф кунад ё не. Баъд ба сараш чӣ фикре заду боҳавсала риш тарошид ва шиму костюми тоза ба бар намуда, шояд бори аввал дар моҳҳои охир, атр пошид.

— Аҳҳа, имрӯз мисоли шаҳбача шудед, кадом мулоқоте доред? — зани ҳамсоя, ки дар берун бо Ҷамшед рӯ ба рӯ зада буд, бо табассум пурсид.

— Ҳа, метавонед занг зада, хабар кашед, — бо писханд гуфт рӯзноманигор ва тезу бардам қадам бардошта, ба сӯйи коргоҳ шитофт.

Ҳамсоя аз ин ҷавоби тунд ба хиҷолат афтида, китф дарҳам кашид ва худ ба худ ғур-ғур кард:

— Аҷаб инсоне! Дар як моҳи охир нав либоси одамсурат пӯшидаасту мепурсӣ, қаҳраш мекунад. Як шапкаи сиёҳу майкаи сиёҳу шими ҷинси сиёҳро яккаш мепӯшид... Мисли одами чизе надошта... О, доштаӣ — ку, пӯш — дия!

***

Амонов, ки дар назди утоқи кории Ҷамшед пасу пеш қадам мезад, ӯро дида, табассум кард ва бо овози баланд гуфт:

— Ана ин гапи дигар! Ман медонистам, ки зарбаи рӯҳӣ Ҷамшеди моро намекушад, балки бештар ҷон мебахшад.

— Конфутсий мегӯяд, ки марди хуфтаро лагад мазанед, мабодо бедор шавад!

Вақте вориди утоқи корӣ шуданд, Дилноза табассумкунон ду финҷони қаҳваи гармро пеши онҳо гузошту бо оҳанги нозолуд хабар дод:

— Фақат нагӯед, ки мисли Шамида қаҳва тайёр карда наметавонам, зеро минбаъд бояд тоқат кунед. Вай имрӯз аризаашро оварду аз кор рафт.

— Рафт? — тааҷҷубомез пурсид Амонов.

— Бояд кайҳо мерафт, — оромона посух дод Ҷамшед, — нав ақлаш даромадааст. Зани се кӯдаки хурд дошта куҷову таҳқиқоти журналистӣ куҷо. Биёед, ба қавли як дӯсти ман, «сари бузу гӯсфандҳои худамон баргардем». Ман фикр кардам, чанд суоле ба миён омад, ки бояд ҷавоб пайдо намоем:

1. Пайваста зикр мешавад, ки масъалаи куштори Зӯҳро Самиева ба кадом маблағи калони пулӣ пайвандӣ дорад. Кадом маблағ ва он куҷост?

2. Таҷовуз ба номуси Шоиста. Ман фикр мекунам, ки агар мо ин риштаро ба даст орем, то ба назди қотил моро хоҳад бурд. Дар ин мавриди чӣ далелҳое ҳастанд?

3. Бояд тафтиш кард, ки аз мошини прокурори ноҳия ба ғайр аз Шарифов боз кӣ истифода мебарад? Оё он одаме, ки мошинро истифода менамояд, ба ин муфаттиши номбурда монандӣ дорад ё не?

Амонов аз курсӣ бархоста, худро ба диван партофту оромона ба ҷавоб додан шурӯъ кард:

— Тавре медонӣ, шавҳари Зӯҳро қумондони саҳроӣ буд. Ҳангоми дар Афғонистон будан бо кадом роҳе сангҳои қимматбаҳои зиёде ҷамъ мекард ва баъди сулҳ онро ба Тоҷикистон меорад. Даъвогарони ин сангҳо зиёданд, вале касе намедонад, онҳо куҷоянд. Аз рӯйи тахмини ман, Зӯҳро медонист, ки онро шавҳараш пеш аз маҳбус шудан куҷо руст кардааст ва ё ба кӣ амонат додааст. Ба ҷуз Зӯҳро инро шояд ҳамон нафар ё нафароне, ки имрӯз ин сангҳо ё маблағи он пеши онҳост, медонистанд. Аз маҳбас

баромадани шавҳари ӯро Худо медонад ва онҳо хостанд шоҳид ё шахси огоҳро аз миён бардоранд.

Масъалаи Шоиста. Мо бо ҷавони дӯстдоштааш сӯҳбат кардем ва ӯ изҳор кард, ки Шоиста дурӯғ мегӯяд, вай ба номуси касе таҷовуз накардааст. Ман маҷбуран Шоистаро ба ташхис бурдам ва натиҷаи ташхис ғайричашмдошт буд.

— Чӣ, натиҷаи ташхис бо он натиҷае, ки интизор будед, мувофиқат накард? — бетоқатона пурсид Ҷамшед.

— Бале, ҳамин тавр, маълум шуд, ба номуси Шоиста ҳамон ҷавоне, ки он бегоҳ бо вай буд, дастдарозӣ накардааст, балки ин комилан шахси дигари алҳол номаълум мебошад. Аммо духтар бо ин натиҷа мувофиқ нест ва гумон дорад, мо ҷавонро наҷот доданием ва ... — Амонов забон хойид, — албатта андеша дорад, ки бетамаъ не, яъне ба ивази пора.

— Шояд он ҷавон ҳамроҳе дошт?

— Намедонам, иқрор намешавад.

— Пас, бояд ман бо ҳардуи онҳо сӯҳбат кунам, — хаёлолуд гуфт Ҷамшед.

— Масъалаи мошини прокурор Ғаффоров. Мо тафтиш кардем, чизи аҷибе пайдо шуд: он рӯз мошин дар таъмир будааст ва аз он касе аз кормандони прокуратура истифода накардааст.

— Дидӣ, шубҳаи ман дар мавриди он, ки қотил Шарифов бояд набошад, то андозае исбот шуд, — ғолибона аз ҷой баланд шуд Ҷамшед ва ба сӯйи Амонов, ки бо аломати тасдиқ калла меҷунбонид, гуфт:

— Рафтем, ман ба назди Шоиста ва он ҷавон, ту бояд рафта, макони таъмири мошинро аз назар гузаронӣ ва бояд фаҳмӣ, ки он рӯз мошинро касе баровардааст ё не. Ҳамаи устоҳои он рӯз дар он ҷой бударо пурсиш бояд кард, шоҳидонро, ҳамсояҳоро, дафтарҳои

қайд дошта бошанд, аз назар гузаронидан лозим. Аз ҳама муҳим, бояд маълум кард, ки бо он ҳолати техникие, ки мошин дошт, мешуд, ки онро ба кӯча бароранд.

Ҳангоми баромадан аз утоқ Дилноза аз паси Ҷамшед давид:

— Ман ҳам меравам.

***

Ҳангоме Ҷамшед тугмаи дари хонаи Шоистаро зер кард, ғайричашмдошт онро Ситора кушод. Баробари дидани вай дар аввал Ҷамшед гумон кард, чизе дар дилаш канда шуд, аммо ғурур... ғуруре, ки дар баъзе ҳолатҳо мушкилоташро садчанд карда буд ва дар баъзе фурсати дигар рӯҳи хастаашро кашон-кашон ба кӯчаҳои зиндагӣ бурда буд, ғолиб омад ва рост ба чашми духтар нигарист:

— Фикр мекунам, ман хато накардаам... Ин хонаи ҳамон духтари номусгумкарда нест? Ё он нафар шумо ҳастед?

Ситора чизе нагуфту нигоҳашро аз Ҷамшед гурезонид. Чашмони калони осмониаш аз гиря варамида буданд ва ба сар рӯймоли тунуки сиёҳ, куртаи сиёҳ дошт. Ҳарчанд дар ин ҳолат Ҷамшед зинҳор ба забон иқрор шуданӣ набуд, вале дар ин пираҳани сияҳ ҳам ба андозае Ситора зебо буд, ки ҳатто Дилноза худро дошта натавонисту таҳдор гуфт:

— Сахт зебидааст!

Духтар дарро ба рӯйи онҳо калон кушоду пас рафт. Ҳангоме Ҷамшеду Дилноза ворид шуданд, аз як утоқи хурди хонаи хиштӣ садои бо телефон ҳарф задани касе ба гӯш мерасид. Ҷамшед ба садо гӯш андохту маънидорона ба сӯйи Дилноза табассум кард. Аммо духтар чизе нафаҳмида, абрӯ дарҳам кашид.

— Шояд мо халал нарасонем, беҳтар аст? — Ҷамшед ба сӯйи Ситора хитоб кард. — Ҷойи хуби мулоқот бо Шоҳинро нав пайдо кардаӣ. Бечора Шоиста, кӣ медонад, ба ивази фош кардани ин қазия

чӣ рӯзҳое ба сараш омада бошад, аз ҷумла барои дилдодагон фароҳам овардани шароити хуб барои дидори ошиқона. Аҷиб, наход ту ба дидори дӯстдошта бо либосҳои мотамӣ омада бошӣ? Ё ин ҳам мӯд шудааст? — рӯзноманигор натавонист эҳсоси аламу ғазабашро роҳ гирад. Вале Ситора гӯё чизе нашунида бошад, оромона гуфт:

— Шоистаро имшаб даромада, дар ҷойгаҳи хобаш хафа карда куштаанд. Ҷасади ӯро саҳар модар ва хоҳараш Фирӯза пайдо кардаанд.

— Эҳ, Худоё! Дер кардем, дер, — Ҷамшед дигар ба Шоҳин ва ду корманди дигар, ки ҷойи ҷасадро аз назар мегузаронианд, аҳамияте надода, ба курсии пеши дар нишаст.

— Шумо ҳамеша дер мекунед, — бо табассуми зӯракӣ посух дод Ситора. Ашки ҳалқазада дар гирди чашмонашро бо даст тоза карданӣ буд, ки рӯзноманигор рӯймолчаашро бароварда, ба дасти вай доду бе ягон ҳарф аз дар берун шуд ва баъди ба кӯча баромадан ба Дилноза гуфт:

— Амоновро, аз таги замин бошад ҳам, ёфта, хабар деҳ. Ман ба прокуратураи ноҳия меравам.

***

Ҳангоме Ҷамшед ба Амонов бо нияти таҳлили воқеаҳои имрӯза қариби шом занг зад, ӯ аз он сӯйи гӯшӣ посух дод:

— Дар «Канд» вомехӯрем?

— Не, дар ҷойи дигар, беҳтараш, дар тарабхонаи «Симин».

— Хотираҳои гузашта бедор мешаванд ва чун мор қалби журналисти ҳушманди моро хоҳанд хӯрд! — чун одат Амонов заҳри худро чаккониd, вале Ҷамшед ҳам ҷавоби сазовор дод:

— Хато кардӣ, метарсам, ки агар Дилноза бо мо равад, ин маротиба ту ба ӯ ошиқ нашавӣ ва бо истифода аз ин ба ситораҳои худ боз як ситора зиёд накунӣ!

Дилноза, ки бо ҳавас яхмоси дасташро мехӯрд, ин ҷавоби Ҷамшедро шунида, баланд хандид:

— Шумо аз онҳое тарсед, ки фурсати мувофиқ ёфта, дар лаҳзаи даркорӣ худро азизтарин кас муаррифӣ мекунанд ва дар ҳамин ҳол ҳамеша мекӯшанд ҳарфи дилашонро дар зери сад ниқоб руст намоянду бо шумо расмӣ муносибат кунанд. Ба сад ранг нишон диҳанд, ки шумо барояшон қадру қимате доред ва гӯё даркор шавад, бароятон дунёро чаппа менамоянд, ҷонашонро ба ҷойи ҷонатон медиҳанд. Дар асл бошад, дар ниҳояти кор ба як тини сиёҳ мефурӯшанду ба ивази фурӯхтан бо ҳунаре, ки аз шумо меомӯзанд, зиндагии худро беҳтар карда, аз шикасти шумо ҷаҳон-ҷаҳон лаззат мебаранд. Аз ман баринҳо натарсед, зеро забону дили мо яке аст ва ҳаргиз хостаамонро дар зери чил чодар руст намекунем. Дили мо бо забонамон яке аст ва ҳамеша ҳамон тавре ҳастем, ки худро нишон медиҳем.

— Хайр, хайр, масалан, гӯй, ки баъди яхмос чӣ мехоҳӣ? – Ҷамшед якбора хандид. — Ту медонӣ, ки ман яхмосро бад мебинам, махсус дар пеши ман, ки аз саҳар боз ҷуз ду финҷон қаҳва чизе ба даҳон набурдаам, бо як ҷаҳон ҳавас онро мехӯрӣ. Дар ҳамин ҳол худро он тавр нишон медиҳӣ, ки гӯё дилат ба ман месӯзаду бо нӯги забон дунёро бароям қурбон менамоӣ.

— Дили ман бисёр чизи дигарро мекашад, ки ба шумо писанд нест, — духтар чашмони шарарборашро нимпӯш кард. Масалан, агар ман ҷойи Ситора мавриди боварию эътиқод, дилсӯзию меҳрубонӣ мебудам, дар ин ду соли гӯё дӯстдориҳо кӯдакам яксола мешуд. Аз ин, ки ба ивази ин амал орзуи шоҳзодаи хаёлиро гӯр мекардам, азият намекашидам, зеро он шоҳзодаи хаёлиро бояд тамоми умр интизор бошӣ, дар ҳоле мард барои зан ҳар рӯз лозим аст.

— Номи Ситораро дигар дар пеши ман ба забон нагир ва.... — рӯзноманигор рост ба чашмони Дилноза нигарист, — худро бо вай

ҳатто муқоиса накун!!! Кӯшиш насоз, ки вайро дар пеши чашми ман сияҳ созӣ. Ту бо ин амалат гуфтан мехоҳӣ ман чанд соли зиндагиамро, ки ҳар лаҳзаи он нақше аз Ситора дорад, қайчӣ карда, партоям?

Духтар лаҳзае аз хӯрдан бозистоду якбора яхмоси дасташро ба даруни ҷӯйча партофт ва бо нӯги ангушт ашки ногаҳон аз хилоли мижгонҳои дароз ба рухсорааш таровидаро тоза карду бо овози паст гуфт:

— Мебахшед, дигар такрор намешавад. Рафтем, то «Симин» роҳ дур аст, Амонов шояд аллакай он ҷо бошад.

***

Шоҳин Азизов ба чеҳраи коҳидаи прокурори ноҳия Ғаффоров нигариста оромона гуфт:

— Рост мегӯед, ҳолатон баъди куштори дуюм бад мешавад. Дар ҳоле духтари кушташуда Шоиста ҳам шоҳид буду ҳам ҷабрдида. Маълум мешавад, ки бо як гурӯҳ ё бо як шахси хеле пухта сарукор дорем. Боз ҳам, чун дар куштори Зӯҳро Самиева қотил тақрибан ягон нишона намондааст, ҳарчанд сенарияи куштор тақрибан як хел аст. Ин маротиба нимашаб Шоистаро дар ҷойгаҳи хобаш буғӣ карда, куштаанд.

— Медонед-чӣ? — муфаттиш Шарифов, ки дар гӯшаи дигари миз менишаст, ба сӯйи полковник хитоб кард:

— Ман ба Амонов занг задам ва хостам аз ин куштор хабар диҳам, вале ӯ сухани маро бурида, гуфт, ки аз ҳодиса хуб бохабар аст ва барои вай натиҷаи ташхиси тиббиро пешниҳод кунам, кифоя мебошад, ҳарчанд гӯё натиҷаи ташхисро пешакӣ медонистааст. Боз пурсид, ки чӣ хел Ситора чун ҳамеша аз ҳама пеш хабар ёфту ба он ҷой ҳозир шуд. «Аниқтараш, маълум кунед, ба Ситора кӣ дар бораи куштор хабар додааст» супориш дод Амонов, — гуфт муфаттиш.

— Ҳмм... Маълум мешавад, ки Ҷамшед хабар додааст... ҳа... шояд ин ду душмани қаттол ҳоло якҷоя амал мекунанд. Аҷиб ва комилан ғайричашмдошт. Чӣ онҳоро, ду нафареро, ки ҳамдигарро чашми дидан надоранд, муттаҳид карда бошад?

— Гуё намедониста бошед, бечораҳак! — Ситора, ки дар курсии назди даромадгоҳ менишаст, бо алам посух дод.

— Фаромӯш накунед, агар онҳо якҷоя амал намоянд, метавонед ҳар сеи шумо баҳузур рафта, дар хона дам гиред. Дар муддати як рӯзи дигар онҳо риштаи ин ду кушторро ба даст меоранд, агар то ҳол ба даст наоварда бошанд.

— Шояд! — Азизов донаи сигори пеши прокурорро гирифта, оташ заду хокистардонро пеш кашид. — Дар баробари ба ман писанд набудани баъзе хислатҳои Амонов, бояд иқрор шавам, ки ӯ муфаттиши бақувват ва аз ҳама дақиққори вазорат аст ва агар зиракию таҳлилҳои психологии Ҷамшедро ба он зам кунем, воқеан онҳо ба чизе ноил мешаванд. Хайр, шояд он духтарчаи навкорашон фикри оқилонае ҳам надошта бошад ва фақат ба хотири муддате мавқеи касеро пур кардан дар назди рӯзноманигори азизи мо пайдо шуда бошад. Дар ин ҳолат мо ҳам бояд ақалан медонистем, ки онҳо ба чӣ кор машғуланду чӣ далелҳоеро то ба ҳол ба даст овардаанд. Мушкил сари он аст, ки Амонов аз худи Калон супориш гирифтааст ва танҳо ба вай ҳисобот медиҳад. Ман наметавонам ҳатто ҳамчун сардори раёсат аз вай ҳисобот пурсам.

Ба ин хотир амр додам, ки тилфони Ҷамшедро гӯш кунанд ва ҳозир ба ман хабар доданд, ки Амонов бо ӯ ва он духтарчаи ҳамроҳаш дар тарабхонаи «Симин» баъди бист дақиқа вомехӯранд.

Ҳарчанд гӯш кардани тилфони шахсе бе иҷозаи махсус қонунан мумкин нест ва агар Ҷамшед аз ин дарак ёбад, ҳатман ҷон меканад, ки маро аз вазифаам дур кунад.

Аммо ман ин корро ман расман анҷом надодаам. Аз як корманди шабакаи мобилӣ, ки бо ман наздик аст, хоҳиш кардам, ки дар ҳолати занг задани вай ба рақами Амонов гуфтугӯро сабт кунад.

Ҷамшед имрӯз бо ҳамон ҷавони шиноси Шоиста, ки гӯё ба номуси вай дастдарозӣ кардааст, вохӯрд. Ҳамчунин дар тарабхонае буд, ки дар он ҷой ин ду нафар, — Шоиста ва он ҷавон вохӯрда буданд. Амонов бошад, рӯзи дароз дар нуқтаи таъмири мошинҳо буд.

— Кадом нуқтаи таъмири мошинҳо? — пурсид Ғаффоров.

— Ҳамоне ки шумо чанд рӯз мошинатонро таъмир кардед, — Азизов рост ба чашмони прокурор нигарист, — ман ҳайронам, чаро вай ин қадар маҳз ба мошини шумо таваҷҷӯҳ кардааст. Шояд ин ҷой асроре нуҳуфта бошад, ки мо намедонем?

— Бегоҳ ӯ бо чанд ташхисгари криминалӣ омада, мошини маро аз ташхис гузаронид. Ман чизе нагуфтаму иҷозат додам, зеро генерал чунин супориш доданд — Ғаффоров бо нишони ҳайрат китф дарҳам кашид, — вай чӣ меҷӯяд, ман намедонам, аммо рӯзи куштор ман дар Хуҷанд будам. Аз ин рӯ ин шубҳаҳои аблаҳонааш, — шояд гумонбар донистани ман дар куштори ин ду нафар комилан бефоида аст ва чунин тахмин натиҷае ба бор намеорад.

— Яъне пеш аз ташхиси мошин ё баъди он, чунин эҳсос пайдо шуд, ки Амонов аз шумо гумон дорад, даррав ҳисоб кардед, ки он рӯз куҷо будед? — Ситора табассум кард.

— Аҷиб ...

— Хайр, рости гап, ҳамон вақте духтари кушташуда Шоистаро бозпурсӣ карданду вай нишонаҳои қотилро гуфт, мо санҷидем, ки он шахс бо мошини дуздӣ то хонаи Зӯҳро Самиева омада, ӯро нобуд кардааст ва ба як мошини шабеҳи мошини ман то бинои прокуратура омадааст.

— Аҳҳа! Шумо нишонаҳои қотилро, ки Шоиста ҳангоми бозпурсӣ тасвир кардааст, доред? — дубора пурсид Ситора аз муфаттиш Шарифов.

— Марҳамат! — муфаттиш аз даруни парвандаи ғафс чанд варақи дастнависро бароварда, ба Ситора дароз кард. Духтар онро бодиққат хонду оромона айнаки сиёҳро, ки дар болои мӯйҳои ҷамъкардааш буд, гирифт. Коғазҳоро назди Азизов гузошту як қадар бо оҳанги беэътиноёна гуфт:

— Як бор хонед.

Полковник баёнотро сарсарӣ аз назар гузаронида, оромона пурсид:

— То пагоҳ инро ба ман намедиҳед?

— Марҳамат, бигиред! — Шарифов як андоза даступо гум карда, ба сӯйи прокурор нигаристу баъди бо аломати тасдиқ сар ҷунбонидани вай бо овози хаста посух дод.

— Фикр мекунам, ки ба мо дер шуд рафиқ Азизов, биёед Амоновро ба мулоқот даъват кунем, шояд чизе пайдо карда бошад, — Ситора аз ҷой бархост.

— Рост мегӯӣ, рафтан лозим аст, — Шоҳин аз ҷой бархосту бо Ғаффоров ва Азизов даст дода, хайрухуш кард ва тез аз дар берун шуд.

Ҳангоме аз бинои прокуратура дуртар рафтанд, Ситора аз ҳаракати тез нафасгардон шуда, бо овози ларзон гуфт:

— Шубҳае нест, ки қотил худи Шарифов аст, аммо ин ҳақиқатро Амонову Ҷамшед субҳ дарёфтаанду мо қариби шом. Тасвири либос ва чеҳра пурра бо ӯ мувофиқат мекунад. Шумо инро ҳис кардед?

— Бале. Ман ин баёнотро хонда будам. Аммо ҳеҷ ба гӯшаи хаёлам намеомад, ки қотил дар паҳлӯям аст.

— Ба назди Амонов меравем? — пурсид Ситора.

— Бале, ба назди Амонов ва Ҷамшеди азиз, — талх посух дод полковник ва таксиеро манъ кард:

— То тарабхонаи «Симин». Фақат зудтар!

***

Тарабхонаи «Симин» аз «Канд» фарқи зиёд дошт. Ин макони серодаме буд ва пешхизматон мокувор миёни мизи миҷозони зиёд равуо мекарданду мекӯшиданд, то тезтар мизҳо холӣ шаванд ва шахсони дар навбат истода зуд ҷо ёбанд. Маҳз ба ин хотир, баробари фармоиш, фосилаи хӯроки якуму дуюм ҳамагӣ панҷ — шаш дақиқаро ташкил медод. Табиист, қимати хӯрок ҳам дар инҷой нисбат ба «Канд» арзонтар буду омили аслии зиёд будани мизоҷон.

Вақте Ҷамшед бо Дилноза вориди ҳавлии тарабхона шуданд, аз дуди тунди сихкабоб чашмони рӯзноманигор ба сӯзиш даромаду зуд ба Амонов занг зад:

— Дар куҷои ин кӯрдудхона нишастаӣ?

— Ин ҷой мисоли «Канд» мизоҷони зебосанам надорад, — боз чун одат пичинг зад муфаттиш, — ҳамон тавр ҷойи нишасти хубе ҳам нест, вале як кабинаи махсус доштааст, дар пушти фаввораҳо. Ҳамон ҷой биё!

Ҳангоме ниҳоят дар кабинаи хурдакак ҳар се рӯ ба рӯ нишастанд, ҳанӯз пешхизмат фармоишотро қабул накарда, Амонов ба нақл шурӯъ кард:

— Шакку шубҳае нест, ки қотил худи муфаттиш Шарифов мебошад. Он рӯз маҳз вай омада, мошинро бо ронандаи прокурори ноҳия мебарад. Ман аксашро ба таъмиргарон нишон додам, гуфтанд, ки ҳамин шахс аст. Ман мошини прокурорро ба ҳар ҳол аз ташхис гузаронидам. Як нафар шоҳид гуфт, маҳз ҳамин мошин дар истгоҳ интизор буд. Ҳатто ӯ рақами охири мошинро дар ёд

доштааст, ки бо рақами ахири мошини прокурор мувофиқат мекунад.

— Ҷавони Шоистаро ба тарабхона бурда Шараф ном дорад. Мо тавонистем асли воқеаро, ки ӯ ба муфаттишон нақл накарда будааст, фаҳмем. Маълум мешавад, ки ҳангоме ба онҳо қаҳва меоранд, аввал духтар аз ҳуш мераваду баъд он ҷавон. Вақте бедор мешавад, худро бо духтари урён дар яке аз ҳуҷраҳои тарабхона мебинад. Пас аз ин бо духтар вонахӯрдааст, аниқтараш, тарсидааст. Вай танҳо аз муфаттишон мефаҳмад, ки Шоиста ӯро барои таҷовуз ба номус айбор менамояд, — сухани Амоновро идома дод Ҷамшед.

— Пас, кӣ Шоистаро таҳдид кардааст, ки дар ҳолати ба муфаттишон гуфтани нишонаҳои қотил навори хуфтухоби ӯро ба ҳамсояҳо ва ҳамсинфонаш мерасонад?

— Ман ба он тарабхона рафтам. Маълум шуд, ки баъди беҳуш шудани ҳарду ҷавон марди қоматбаланди зебоандом, бо галстуки нави арғувонӣ, пираҳани сафеду пиҷаки сиёҳ, мӯйҳои сиёҳи ба боло шоназада, шиками як каме дамида меояд. Мегӯяд, ки ҷавонон дӯстони вай ҳастанд ва ҳолашон бад шудаву ба вай занг задаанд. Онҳоро ба ҳуҷраи яке аз утоқҳо мебарад. Ду нафари дигар ба ҳайси духтур, яъне бо халати сафед, баъди чанд муддат ба ҳуҷра медароянд. Онҳо пас аз ним соат мебароянд ва мегӯянд, ки ҳоли онҳо хуб асту баробари бедор шудан худашон ба хона мераванд.

— Боз Шарифов! — баланд хитоб кард Дилноза, — медонед-чӣ, биёед ман меравам, либос иваз мекунам. Бо баҳонае ба Шарифов шинос мешавам. Ба ресторан меравам ва маст карда, ҳамаашро мефаҳмам.

— Ҳм.... Ҳамтақдири Шоиста мешавам гӯй, — писханд зад Ҷамшед.

— Хайр-чӣ, шавҳар карданӣ ки шудам, ба гинеколог муроҷиат мекунам ва дубора духтари модараш набӯсида мешавам, — чашмонашро нимпӯш кард Дилноза. — Чӣ гуфтед?

Ҳарду мард хомӯшона ба ҳамдигар менигаристанд. Амонов табассуми зӯракие карду рост ба чашмони Дилноза нигарист:

— Бисёр вақт ман ба худам савол медодам, ки чаро Ҷамшед бештар Ситораро ба ин гуна амалиётҳои пурхатар ҷалб мекунаду майлу рағбати туро ба эътибор намегирад. Ту ба масъалаҳои ҷиддие, ки метавон сари худро барбод дод, бо масхара менигарӣ, бозии содае ҳисоб мекунӣ. Туро ҳавас ба ин роҳ овардааст, на масъулият! Ту гумон мекунӣ, ки филми аҷибе тамошо дорӣ ва ё китоби хубе хонда истодаӣ ва бисёр майл дорӣ то худро ба ҷойи қаҳрамонҳои он гузорӣ. Намеандешӣ, ки аллакай ду бонуи ҷавон Зӯҳро ва Шоиста ба дасти худи қотил, на бо тиру корд кушта шудаанд. Ту боре намеандешӣ дар лаҳзаи огаҳӣ ёфтан аз кӣ буданат бо даҳшатноктарин азиятҳо шояд кушта шавӣ. Кӯдакона фикр мекунӣ, кӯдакона амал мекунӣ ва кӯдакона баҳо медиҳӣ Дилноза.

Духтар дар ҷавоб табассум карду сарашро ба китфи Ҷамшед гузошта, бо ноз гуфт:

— Хайр, мебахшед, имрӯз бори дуюм аст, ки хато мекунаму гап мешунавам. Маро мебахшед? Хайр, рост гӯед, илтимос...

Рӯзноманигор китфашро аз сари духтар дур кашиду ба сӯйи Амонов нигоҳ карда, баланд хандид:

— Хайр, маро фаҳмидан мумкин, агар Шарифов фаҳмад, ки арӯси имшабааш рӯзноманигор, махсусан корманди рӯзномаи мо, ба ман алам мекунад. Вале ба ту чӣ бало зад, мон, духтар истироҳат кунад, охир, агар воқеан хоҳӣ, ки сари ин ришта тезтар кушода шавад, аз ин роҳи беҳтар нест. Агар Дилноза ҳам дар ин роҳ қурбон шуд, дунё чаппа намешавад, ҳамон тавре баъди куштори Зӯҳрову Шоиста чизе дар дунё тағйир наёфт. Чӣ гуфтӣ?

Амонов ҳанӯз барои ҷавоб додан даҳон накушода буд, ки тилфони дастиаш занг заду муфаттиш бо дили нохоҳам онро

бардошта, ба рақам нигарист ва зери лаб «Азизов» гуфту овози тилфонро баланд кард, то ҳама фаҳманд:

— Гӯш мекунам, рафиқ сардор!

— Шумо дар куҷо нишастаед?

— Дар «Симин», бо Ҷамшед.

— Медонам, ки дар «Симин» ҳастед, мо ҳамин ҷо ҳастем, вале дар куҷо?

— Дар кабинае, ки пушти фавворaҳост.

— Ҳозир меоем.

— Ҳозир меоем, — зери лаб такрор кард муфаттишу тилфонро гузошт:

— Ҷамшед, маълум мешавад гурӯҳи дигар моро таъқиб мекунад, ҳатто эҳтимол дорад, аллакай тилфони моро гӯш кунанд.

— Ман вазифадор нестам, ки ба ӯ ҳисобот диҳам ё ӯро интизор шавам, — бо хашм гуфт рӯзноманигор ва косаи хӯрокро дуртар монду бархост:

— Ман меравам.

— Аз рӯ ба рӯ шудан бо Ситора метарсӣ? — писханд зад полковник. Дар ҳоле бояд вай дар ин ин маврид андеша кунад.

— Ман намеравам, — бо оҳанги қатъӣ гуфт Дилноза, — дар мавриди хиёнати занон зиёд мегӯянд, вале ман боре ба чашми зани хиёнаткор нанигаристаам. Надидаам, ки баъди хиёнат чӣ гуна онҳо боз ба чеҳраи нафари фурӯхтаашон менигаранд, надидаам, ки табассуми онҳо чӣ ранге дорад, надидаам, ки онҳо даступо мехӯранд, сурх мешаванд ё не. Ман мехоҳам ба чеҳраи Ситора нигоҳ кунам.

— Аз ман пурс, духтари сода! — баланд хандид Ҷамшед. — Зани хиёнаткор то рӯҳан барои рӯ ба рӯ шудан бо нафари фурӯхтааш

омода нашавад, фосила нигоҳ медорад, мегурезад. Вақте тайёр мешавад, мебинӣ, ки нисбат ба пешина беҳтар либос пӯшидааст, зеботар шудааст, аниқтараш, пеши ойина зиёдтар таваққуф кардааст, нигоҳи чашмонаш сарду бемеҳр шудаанд, калимаи «салом» аз лабони боҳавсала сурхӣ молидааш бедард мерезад, дастонаш ҳини вохӯрӣ намеларзанд. Оне, ки то ба дирӯз буду набудаш буд, барояш мисоли як раҳгузари нимошное беш нест, ки боре дар кадом консерте ҳамсояаш будааст ва ҳам...

Сухани Ҷамшед бурида шуд, зеро Азизов ва Ситора ворид гардиданд.

Дилноза баланд қаҳ-қаҳа заду бархоста, ду курсии дигареро, ки дуртар меистод, наздик овард.

— Салом! — Шоҳин аввал ба Ҷамшед, ки ҳатто аз ҷой баланд нашуда буд ва баъд бо Амонов салом карду нишаст. Ситора бошад, бо ишораи сар ба ҳама салом дод ва амонат дар гӯшаи курсӣ нишасту чашмонашро поин кард, то нигоҳаш ба нигоҳи Ҷамшед напечад.

— Фикр мекунам, бояд мо муносибатҳои шахсиро сӯе гузорем, зеро агар якҷоя амал накунем, ба чизе ноил намешавем. Ба маълумоти шумо мерасонам, ки мо ҳам гумон дорем, муфаттиш Шарифов дар ин куштор даст дорад. Аммо ягона далели мо — баёноти додаи Шоиста аст, — Шоҳин аз ҷайбаш баёнотро бароварда, рӯйи миз гузошт. Аммо на Амонов ва на Ҷамшед ба он нимнигоҳе накарданд, зеро маълумоти он аллакай барои эшон маълум буд. Танҳо Дилноза онро гирифту бодиққат ба хондан оғоз кард.

— Далели мо бештар аст, — табассумкунон гуфт Амонов. — Тавре медонед, ҳар нафаре аз мо бо рафиқи ҳушманд Ҷамшед якҷоя кор мекунад, маълумоти бештар ва боэътимодтар дастрас менамояд.

Муфаттиш аз аввал то охир ҳамаи маълумотеро, ки ҷамъ оварда буданд, ҳикоя кард. Баъди нақли ӯ Шоҳин илова кард:

— Генерал ҳаргиз роҳ намедод, то ҷиянаш ин парвандаи ҷиддиро барад, ба ин амали вай зид буду ҳаст. Гумон дорад, прокурори ноҳия Ғаффоров ҷиянашро бо ин парванда шарманда карда, пеши роҳи прокуроршавии ӯро гирифтанист. Аммо худи Шарифов довталабона ин парвандаро гирифтааст ва мехоҳад то ба охир исбот кунад, ки Зӯҳро худкушӣ кардааст.

— Хайр, ана Зӯҳро худкушӣ кард, Шоиста чӣ? — эътироз кард Амонов.

— Ба фикри ташхисгарон, духтар аввал доруи хоб истеъмол мекунад ва баъди ин, гӯё ...

— ...гӯё дар хоб худро бо болишт буғӣ карда мекушад, — бо заҳрханд сухани Шоҳинро бурид Дилноза.

— ... гӯё касе аз тиреза ворид шуда, Шоистаро буғӣ карда мекушаду бо ҳамон роҳ баромада меравад, — Азизов оромона ҷумлаашро ба охир расонид.

— Шабе, ки Шоистаро куштанд, — Ситора сарашро набардошта, бо овози хаста ба нақл оғоз кард, — вай ба ман занг зада буд. Бо овози ҳаросон хабар дод, ки медонад барои чӣ Зӯҳроро куштанд. Ман пурсидам, барои чӣ? Гуфт, барои сангҳои қиматбаҳое, ки онро Зӯҳро дар як рӯймоли калони кӯҳнае печонида, дар даруни гази хона нигоҳ медошт. Ҳамон ҷавоне, ки Шоиста рӯзи куштор мебинад, гӯё ба Зӯҳро ошиқ будааст ва ҳамеша, ҳар субҳу ҳар бегоҳ, гирди хонаи онҳо маҷнунвор мегаштааст, ба зан нома менавиштааст, кӯдаконро мефиристодааст, то ба берун барояд. Онҳо чанд маротиба сӯҳбат мекунанд. Зӯҳро ҳатто ба ҷавон таваҷҷӯҳ пайдо мекунад. Вале як рӯз ҷавон доир ба сангҳои қиматбаҳо мепурсаду Зӯҳрои зирак ҳис мекунад, ки ин қадар давутози ҷавон барои чист. Ҳамон рӯз вай бо ҷавон ҷанг карда, ба хонааш меояд ва ҳамрозе наёфта, Шоистаро даъват мекунад. Зиндагиномаашро нақл карда, сангҳои қиматбаҳоро нишон медиҳад.

— Наход даст болои даст нишаста, то ба ҳол дар хонаи Зӯҳро кофтуков нагузаронида бошед? — бо ғазаб пурсид Ҷамшед ва ба тарафи Азизов нигарист.

— Он ҷой чизе нест, шояд ҳангоми куштор ё баъди он, сангҳо ғайб задаанд.

— Ман Шоистаро гуфтам, ки ӯ шоҳиди ягона дар мавриди мавҷуд будани ин сангҳо аст ва сари субҳ ӯро ба хотири бехатариаш ба хонаи худам меорам, — илова кард Ситора, аммо... — Ситора забон хойид, — дер кардам.

— Ба андешаи ту ҳам қотил Шарифов аст? — пурсид Амонов.

— Бале! – қатъӣ ҷавоб дод Ситора.

— Хайр, ман, Азизов, Ситора қатъиян изҳор медорем, ки қотил муфаттиш Шарифов аст. Мӯҳтарам журналистон чӣ?

— Қотил Шарифов нест ва танҳо ҳам нест. Онҳо чанд нафар ҳастанд. Ман аниқ медонам, ки он шахс кист, ҳамдастонаш киҳо ҳастанд, вале... — Ҷамшед садо баланд кард.

— Вале чӣ? — бетоқатона пурсид Азизов.

— Вале ҳоло ман хаста шудаам ва хоб дорам. Пагоҳ, баъди нашри мақола дар рӯзнома, шояд пай баред, ки қотил кист.

— Ҷамшед! — овози Амонов ғайричашмдошт илтиҷоомез садо дод, — «как в старое добрые времена», сафи мо фақат як нафар зиёд шудааст ва фарқи ягона ин аст, ки мисли пешина ҳамдигарро дӯст намедорем. Аммо инро андеша кун, ки қотилон метавонанд имшаб боз теғ бар ҷигари бегунаҳи дигаре зананд.

— Хандаовар, ба Худо, хандаовар! — Дилноза баланд хандиду баёноти Шоистаро боло бардошт. — Шумо, полковник онро хонда, ба чизи муҳимтарин аҳамият надодаед. Бинед, Шоиста чӣ менависад: «Қотил дар пушти гӯшаш холи калони гӯштӣ дорад». Аммо то ҷое ман дидам, Шарифов ин гуна хол надорад ва чизи аз

ҳама аҷиб ин аст, ки вай аз пеши тиреза истода, ин холи гӯштиро дидааст. Маълум мешавад, ки ӯ қотилро пештар аз наздик мешинохт, зеро ҳеҷ мумкин нест аз назди тиреза холи гӯштии пушти гӯшро бубинӣ.

Ситора ва ҳарду муфаттиш ба ҳамдигар нигаристанду ҳеҷ кадоме чизе гуфта натавонист. Танҳо Амонов ба китфи Дилноза бо нишони таҳсин тап-тап зад.

— Бошад, танҳо ба хотири ту! — Ҷамшед ба ин далели кашфкардаи Дилноза аҳамияте надода, сӯйи Амонов табассум карду қадаҳашро бардошт ва бе он, ки ба дигарон эътино кунад, онро бо шиша ҷанг андохт. Баъди нӯшидан хокистардонро пештар кашид ва сигорро рӯшан карду сукути ба миёномадаро шикаст.

— Вақте Азизов Фирӯзаро ба назди ман фиристод, эҳсос кардан душвор набуд, ки ӯ нақши як ҷабрдидаро хеле беҳунарона мебозад. Ҳар як ҳаракат, ҳар як сухани ӯ далели он буд, ки ба вай ёд додаанд, то чӣ гуна худро вонамуд кунаду чӣ гуна сухан гӯяд. Дар ҳамон сӯҳбати аввал эҳсосе пайдо гардид, ки Фирӯза супориши касеро иҷро менамояд. Ҳарчанд баъдтар гумон кардам, ки маслиҳатгари вай Ситора аст, ки мехост ба ҳар роҳ маро ба ин моҷаро кашанд. Вале рафти воқеаҳо нишон дод, ки Фирӯза дар баъзе ҳолатҳо нисбат ба Ситора боҳунартар аст.

Вақте Амонов маро бо парванда ошно кард, гумони аввалин ин буд, ки касе мехоҳад Шарифовро чун қотил муаррифӣ кунад ва чун худи муфаттиш бо тамоми қувват мехоҳад марги Зӯҳроро худкушӣ муаррифӣ намояд, аз ин қазия бохабар аст. Маҳз ин нукта маро водор кард, то қотили воқеиро аз байни хешовандони Шарифов ҷӯям. Барои ин як маротиба хондани шарҳи ҳоли муфаттиш Шарифов кифоя буд: ӯ бародаре дорад бо номи Ҷаббор, ки як сол аз худаш хурдтар аст ва муҳофизи як шахси машҳур буду қумондон дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ. Нуктаи ҷолиб ин буд, ки вай алайҳи

шавҳари Зӯҳро мубориза бурдааст ва табиист, аз қазияи сангҳои қиматбаҳо бохабар буд. Масалан, дар парванда алайҳи шавҳари Зӯҳро ӯ ба ҳайси шоҳид пурсида шудааст ва гуфтааст, ки аз ин қазия хабар дорад. Бо душворӣ ҳам бошад, ба ман муяссар гардид то чанд акси ӯро ба даст орам, — Ҷамшед аз сумкааш чанд аксро бароварда, рӯйи миз гузошт: Пешорӯи онҳо... гӯё муфаттиш Шарифов меистод, ҳамон сару либос...

— Ман ба таъмиргарони мошин ин суратро нишон додам, баъди он сурати худи Шарифовро. Яке аз онҳо гуфт, ки ҳардуи ин як шахс аст, фақат одами омада пушти гӯшаш холи калони гӯштӣ дошт.

— Ронанда чӣ? Магар ронанда Шарифовҳоро фарқ накардааст ё ӯ ҳам ҳамдаст аст? — пурсид Азизов.

— Ба ин кор ман машғул будам — ҷавоб дод Дилноза, — ба назди ронанда рафта, суроғаи Ҷабборро пурсидам. Хандиду гуфт, ки Шарифови калонӣ ба ӯ манъ кардааст то супориши Ҷабборро иҷро кунад. Баъдтар маълум шуд, ки ӯ аз собиқ зердастони ин қумондон будааст, яъне дар дастае меҷангид, ки роҳбараш Ҷаббор буд. Шояд ҳамдаст аст ё шояд мисли пешина фақат супориш иҷро мекард.

— Боз кадом далелҳо ҳастанд, ки Фирӯза дар ин масъала даст дорад? — Ситора ба чашмони Ҷамшед нанигариста, пурсид.

— Ташхиси тиббӣ муайян кард, ки ба Шоиста он бегоҳ доруи хоб додаанд. Ин корро ҷуз Фирӯза каси дигаре анҷом дода наметавонист — ба ҷойи Ҷамшед посух дод Шоҳин, — ҳамчунин, бо он ҳайкале, ки дорад, Шарифов аз тирезаи хурдакак даромада наметавонист, яъне шояд куштори хоҳараш ҳам амали Фирӯза бошад.

— Охир, барои чӣ? — беқаророна пурсид Ситора.

— Ана барои чӣ! — Ҷамшед як даста суратро пеши ӯ партофт. Дар акс Фирӯзаю Ҷаббор нимурён дар соҳили кадом дарёчае даст ба гардан буданд.

— Э Худоҷон, э Худо, не, ман бовар надорам, ҳеҷ мумкин нест, ки чунин шуда бошад! — Ситора якбора бархосту дастаи суратҳоро бардошта, давон аз кабина баромад. Ҷамшед гӯё чизе нашуда бошад, нигоҳи маънидоронаи Амоновро дарк карда, оромона бо ҳамон оҳанги якрангу ноқатъӣ суханашро идома дод:

— Аз ин суратҳо хеле зиёданд ва онҳоро боз шахси сеюм, шахси барои мо ошно, муфаттиш Шарифов гирифтааст. Албатта, вақте ба соҳили дарёча ба хотири оббозӣ берун аз шаҳр мераванд, ҳаргиз танҳо нахоҳанд рафт. Ана далел... — Ҷамшед чанд акси дигарро пеши онҳо партофт. Дар ин акс чор нафар, — Фирӯза дар оғӯши Ҷаббор ва Зӯҳро дар болои зонувони Шарифов акс ёфта буданд. Амонов, Азизов ва Дилноза баъди тамошои аксҳо бо нияти суол додан ҷониби Ҷамшед рӯй оварданду рӯзноманигор дастонашро боло кард:

— Аз шумо фақат як хоҳиш, аз ман напурсед, ки чаро занҳо хиёнат мекунанд, чаро носипос ҳастанд, чаро ин қадар моҳирона нақш мебозанд. Напурсед, «ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинед» ва напурсед, ки барои чӣ ба хотири сарвату манфиат наздиктарин шахсон ҳамдигарро ин қадар осон мефурӯшанд, напурсед, ки чаро «ҳеҷ раҳме на бародар ба бародар дорад».

— Зиндагӣ моломоли хиёнат аст, Ҷамшед! Фақат яке онро рӯйирост анҷом медиҳаду дигаре пинҳонӣ. Агар аз нуқтаи назари шумо бингарем, ҳамон фоҳишаи хиёбонии пойҳояшро ба намоиш гузошта, шахсияташро ниҳон намекарда, болотар аз вазиру вазирзодаҳоест, ки «ҷилва дар меҳробу минбар менамоянд» ва дар ҳамин ҳол «чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд». Аммо аз он ҳатто андешидан намехоҳед, ки ҳамон вазир то як андоза пардаи шарм дорад, аз хиёбон баромадан ор мекунад, пешаи асосиаш кори дигаре аст, — маҳзунона гуфт Азизов.

— Эй, дарси фалсафаро бас кунед! — бо хашм Амонов суратҳоро ба назди Ҷамшед партофт. — Биёед аз воқеият андешем. Ман суоле дорам, ки шояд дӯсти рӯзноманигори азизи мо ҷавобашро намедонад, — полковник ғолибона қадаҳҳоро пур карду ҳар се мард хомӯшона онро бардоштанд. Баъди нӯшидан вай пораи бодиринги шӯрро бо ҳавас газида, пурсид:

— Ҷамшед, гуфтед, ки «вақте ба соҳили дарёча ба хотири оббозӣ берун аз шаҳр мераванд, ҳаргиз танҳо нахоҳанд рафт». Лутфан, метавонед гӯед, ки агар чорнафарон танҳо бошанд, ин акси лаънатиро кӣ гирифтааст? Шахси панҷум албатта суратгири назди ҳайкали Исмоили Сомонӣ буда наметавонад, ҳатман бояд шахси наздики чорнафарон бошад ва шояд ӯ ҳам ҷуфти шахси шашум аст.

— Ман медонистам, ки ту ҳатман ин суолро бояд медодӣ, — Ҷамшед оромона посух дод, — вале пеш аз додани суол бояд ҷавобаш пеши ту тайёр бошад, яъне суоли кушода ин аст, ки ин аксҳо аз куҷо ба дасти ман афтиданд?

— Аз албоми Шоиста ва аксҳоро ҳам ӯ гирифтааст. Духтар пеш аз маргаш онро ба ҳамон ҷавони вохӯрдааш — Шараф медиҳад. Ман будани албомро тахмин мекардам, вале ҳам Фирӯза, ҳам Шоиста, ҳам Шараф мункир шуданд. Ба фикрам, дар прокуратура кор кардани Шарифовро ба назар гирифта, Шоиста Шарафро огоҳ кардааст, то онро ба муфаттишон надиҳад. Ҳамин хел? – Шоҳин маънидорона ба Ҷамшед нигарист.

— Бале! — чун ҳамеша мардум аз шумо дида ба журналистон бештар бовар доранд, — табассум кард Ҷамшед, — акнун биёед ҳамаи далелҳоро ҷобаҷо гузорему муайян кунем, қотил кист.

— Медонед — чӣ... — чизе ба ёдаш расида, ҳаросон гуфт Шоҳин, — дар роҳ Ситора ба ман гуфт, ки Фирӯза ҳоло дар хонаи вай мезияд. Ӯ он аксҳоро гирифта давон рафт...

— Наход боз як ҷасади дигар? — як андоза бедардона пурсид Дилноза.

— Таъҷилан ба ӯ занг задан даркор, — Амонов ба сӯйи Ҷамшед нигарист:

— Занг мезанӣ?

— Шояд ӯ рақами маро дида набардорад, — китф дарҳам кашид рӯзноманигор, — одатан, вақте духтарон аз касе меранҷанд, рақами шиносро дида, гӯширо намебардоранд.

— Ҷамшед, мушкил сари он, аст ки агар Худо накунаду Шарифов аллакай он ҷой бошад, рақами тилфони ман ва Амоновро мешиносад, — Шоҳин илтиҷоомез ба рӯзноманигор рӯй оварад. Ҷамшед тилфонашро бардошту Дилноза пешдастӣ кард:

— Як лаҳза! Биёед ман аз тилфони худам занг мезанам. Рақами тилфони маро касе аз онҳо намедонад ва ҳам овози занона дар ин ними шаб дар дили касе шубҳа бедор намекунад. Рақами тилфонашро диҳед.

Шоҳин рақами тилфони Ситораро такрор карду Дилноза занг зад ва ҳамзамон овози тилфонро баланд кард, то гуфтугӯяшро ҳама шунаванд. Баъди ду гудоки дароз аз он сӯй овози занонае ҷавоб дод:

— Лаббай!

— Ин овози Фирӯза аст, — ба гӯши Дилноза пичирос зада гуфт Шоҳин.

— Салому алейкум! Ман Шабистон, дугонаи Ситора, ӯро ҷеғ намезанед?

— Хоб рафтааст, медонед, соат чанд?

— Ман аз беморхона, аз ҷойи кораш, сардухтур ӯро таъҷилан мепурсад. Ҳоли се зан якбора бад шуд, мегӯянд, ки барои вай мошин мефиристанд.

— Як лаҳза, — дудила шуда, посух дод духтар ва баъди чанд фурсат, овози хастаи Ситора баланд гардид:

— Хизмат?

— Ситора, сардухтур барои шумо мошин фиристоданианд, ҳоли се бемор якбора бад шуд.

— Духтурон ҳам инсон ҳастанд ва ҳуқуқи бемор шудан доранд, ман беморам ва ба ҷое намеравам, — тез посух дод духтар ва тилфон якбора хомӯш гардид.

— Акнун чӣ кор мекунем? — беилоҷона китф дарҳам кашид Шоҳин, — беҳтараш, рӯйирост мепурсидӣ, ки чӣ ҳол дорад?

— Телефон аз он ҷониб ҳам баланд карда шуда буд, ман ин курсро гузаштаам, — андешамандона ба мӯйҳои кабудрангаш панҷа зад Амонов, — аз телефонро бардоштани Фирӯза маълум, ки чизе рух додааст.

— Замоне ман бо Ситора якҷоя кор мекардам, баъзе ҷумлаҳои махсус доштем, ки маънои онро фақат ҳарду медонистем, — бархост Ҷамшед, — медонед, он замон ҷумлаи «Духтурон ҳам инсон ҳастанд ва ҳуқуқи бемор шудан доранд, ман беморам ва ба ҷое намеравам» чӣ маъно дошт? Яъне Ситора дар ҳолати беилоҷист ва ӯро шояд латукӯб, шояд истинтоқ мекунанд.

— Чӣ? — ҳарду муфаттиш парида хестанд.

— Бале, яқин ӯ овози Дилнозаро шинохт ва шояд умед ба он баст, ки ин ҷумларо нарезонидаву начаконида мерасонаду ба ман маълум мешавад, ки ӯ дар кадом ҳолат аст. Аммо шумо шитоб накунед, — бо писханд рӯзноманигор ба сӯйи муфаттишон нигарист, — аввал бо Калони худ маслиҳат кунед, зеро сад дар сад генерал Махсатов, тағои Шарифов ва Ҷаббор он ҷост.

— Чӣ хел? — ҳайрон пурсид Амонов.

— Эҳ дӯстам, агар ҳама чизро медонистӣ, мо рӯзноманигорон ҳоло чӣ кор мекардем? — заҳрханд зад Ҷамшед. — сангҳои қиматбаҳо пули калон меистанд ва луқмаи калон ҳамеша тӯъмаи танҳо наҳанг буда метавонад.

Шоҳин бо тилфони дастӣ ба вазир занг заду тақрибан баъди ним соати гуфтугӯ бо ранги канда ба ҳамроҳонаш нигарист:

— Вазир иҷозат надод, то барои ба хонаи Ситора рафтан гурӯҳи махсусро истифода намоем. Вале дар ҳамин ҳол хабар гирифтани худи моро ҳам маслиҳат надод, ҳарчанд манъ накард.

— Яроқ доред? — пурсид Ҷамшед.

— Не, дар ҷойи кор аст, — ҷавобдод Амонов.

— Аз дасти шумо коре намеояд, муҳофизони Махсатов шуморо ҳатто ба даромадгоҳи хона наздик шудан намегузоранд.

— Чӣ кор кунем? — беҳолона ба курсӣ нишаст Шоҳин.

— Чун ҳимоя карда наметавонед, афсонаи ишқро сӯе гузореду мисоли Маҷнун ба биёбон рафта, гиря кунед, — писханд зад Ҷамшед, — аз он ҷумларо ёдрас шудани Ситора маълум буд, ки вай аслан ба нерӯи шумо боваре надорад, умедаш ба ман аст ва ман ноумед кардани касеро гуноҳ меҳисобам. Аз шумо хоҳиш, то субҳ ба ман халал нарасонед. Рафтем, Дилноза, — рӯзноманигор бо сари баланд аз кабина баромад.

Вақте Ҷамшед бо Дилноза дар дилгаҳи шаб ба идораи рӯзнома ворид шуданд, сукути ваҳмноке дар утоқҳои холӣ лангар андохта буд. Танҳо бӯйи талхи ҳамешагии сигори ҳатто ба дару девори битонӣ таъсири худро гузошта ба машом мерасид. Финҷони холии қаҳваро дар рӯйи миз дида, духтар табассуме карду зуд онро бардошта, ба сӯйи ошхона шитофт. Ҷамшед ба курсӣ нишасту дафтари тилфонро пеш кашид ва ба занг задан шурӯъ кард. Ҳар ҳамкасбу ҳампеша ва сарвари ин ё он рӯзномаву радиёро, ки рақами

тилфонашонро пайдо сохт, аз хоб бедор намуд. Кӯтоҳакак ҳодисаи рухдодаро қисса карда, фақат ба қавли худаш «як дурӯғи маслиҳатомез» гуфт:

— Ситора, ки ҳоло гаравгон шудааст, ҳамкори мо аст ва чун ҳамешагӣ ба гурӯҳи мо дар кушодани асрори ин кушторҳо кӯмак мерасонад. Дар муқоиса бо муфаттишон, номи генерал Махсатов, ки аз қумондонҳои саҳроии ангуштшумори соҳибмансаб монда буд, журналистонро натарсонид. Баръакс, чун солҳои охир аз вазифаҳои баланд барканор кардану ба пушти панҷара шинонидани қумандонҳо бо сару садоҳои баланд сурат мегирифт, мавзӯи «гарм» барои ВАО ҳисоб мешуд, хабари гаравгонгирии қумандони дирӯза ва генерали имрӯза онҳоро ба ваҷд меовард. Дар ҳамин баробар пагоҳ дар пойтахт бояд чорабинии муҳиме дар сатҳи байналхалқӣ мегузашт ва ҳанӯз Ҷамшед аз курсӣ барнахоста, ҳампешагон аз собиқ Шӯравӣ, ки ҷаласаи расмӣ дилбазанашон карда буду гаравгонгирии генерал Махсатовро аз ҳамкасбони тоҷикашон шунида буданд, ба Ҷамшед занг заданд:

— Хонаи Ситора куҷост ва оё генерал ҳам ҳамон ҷост? Чанд разманда ҳамроҳи ӯ аст ва чаро кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз гузаронидани амалиёти наҷотдиҳӣ худдорӣ карда истодаанд? Ин сангҳои қиматбаҳо, ки сабаби ду куштор шудаанд, ҳоло пеши генерал ҳастанд ё аллакай марзҳоро убур карда, ба бозор роҳ ёфтаанд? Боз кадом мансабдори баландпоя дар ин амалиёт шарик аст?

Вақте ниҳоят ҳамкасбонаш ба Ҷамшед аз назди хонаи Ситора занг зада гуфтанд, ки воқеан муҳофизони генерал ҳамин ҷо буданд ва Махсатов омадани журналистони зиёдро шунида, бо роҳи дигар фирор кардааст, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳам омада, Ситораро ба беморхона бурдаанду саломатии ӯ бад нест, нафаси сабук кашид. Қаҳваи тайёркардаи Дилнозаро бо кайфияти тамом нӯшиду ба соат нигарист:

— Расо панҷ! Ту дар ҷойи кор мемонӣ ва идомаи ҳодисаро наззора мекунӣ, ман бошам, меравам, то бихобам. Розӣ? — пурсид аз Дилноза, ки чашмонаш аз бехобӣ сурх шуда буданд.

— Мебиёед, ки Дилнозаро ҳам дастонаш баставу истинтоқ мекунанд. Кошки ман мисли Ситора батоқат бошам, бо тамоми овоз гиря мекунам, ки маро фақат азоб надиҳед, сад Ҷамшедро даркор шавад, мефурӯшам, — нозолуд посух дод духтар.

— Не, фикр мекунам, бозӣ тамом шуд. Як нуктаро фаромӯш кардем, ки Амоновро худи шефи калон барои ҳалли ин масъала фиристода буд ва дар лаҳзаи охир, баъди ба даст омадани далелҳои мӯътамад, ин шеф хост Амоновро аз кор дур кунад. Ба ин хотир истифодаи гурӯҳи зудамалро рад карда, нахост Амонов бо Азизов ба хонаи Ситора раванд. Мехост худаш ин амалиётро анҷом диҳад, муваффақияти онро пурра ба номи вай нависанд. Маълум, ки ба қавле «ҷанозаи Махсатов барвақт хонда шуда будааст». Мо чун ҳамеша, пиёдагардакони беҳунаре будем, ки барои аз вазифа рафтани касе ва омадани дигаре ҳиссаи хоксорона гузоштем. Дар ин бозӣ албатта нафарони даъвогар ба курсии Махсатовро чизе таҳдид намекард, аммо моро метавонистанд мисоли Зӯҳро ва Шоиста ҳар лаҳза мисоли мӯрчаяки зери пой пахш кунанд ва дар ҳамин ҳол мижжаи касе хам нахӯрад.

— Эҳ Ҷамшед, Ҷамшед! — хандид духтар. — Чаро Шумо ин қадар зиёд мехоҳед вонамуд кунед, ки ҳар амал ва хостаҳои аз муҳити хеш берунро қабул намесозед? Ҳол он ки Шумо ҳама амали дар ҷомеа маҳкумшударо, мисоли номардиву хиёнат, аз пушт корд задану носипосиро ором қабул мекунед ва мебахшед... Бароятон гӯё дидани ин амали нангин одати маъмулист, гӯё ҷомеаро чунин сохтаанд, гуё ин нуктаҳо ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагии имрӯз шудааст. Масалан, дар як мижжа задан аз наздиктарин дӯст ба хотири қаҳрамон шудан назди Ситора ба душмани қаттол бадал гардидани Шоҳин Азизов, ба хотири манфиат бардоштан аз хидмати

шумо рафиқи наздик шудани ҳарифи ҳамешагии шумо Амонов, баъди ишқу муҳаббати чандсола, якбора дигар шудани Ситора...

Ҳамаи ин дар пеши чашмони ман сурат гирифт. Мане, ки ба мантиқи ин дӯстбозиҳо ва дӯстдориҳо намерасам.

Дар охир, дар лаҳзае, ки шахси чандин сол афсонаи вафодориву муҳаббат хонда, якбора хиёнат кардаву ба душман бадалгаштаро дар сангинтарин лаҳзаи зиндагиаш дубора чун қаҳрамони ошиқи филмҳои ҳиндӣ нақот додед... Ин ҳама дар назари ман шуморо чун девона муаррифӣ месозад.

— Медонӣ, ман чӣ қадар аз ин фалсафафурӯшиҳо перомуни кӣ будан ва чӣ хостанам аз зиндагӣ монда шудаам? Намедонам, чаро ҳамеша диди ман, андешаи ман, баҳои ман дар назари ононе, ки маро мешиносанд, мисоли маймунбозӣ менамояд? Амалеро, ки ман мардӣ меҳисобам ва аз ин нуқтаи назар анҷом медиҳам, пасттарин рафтор маънидод мекунанд, кореро, ки ман талаби вичдон меномам, аблаҳиву қаҳрамонтарошӣ меноманд. Ба Худо, хаста шудаам, — Ҷамшед хомӯш монду сигор оташ зад. Дилноза бошад, бархосту рост назди вай омад ва бе ягон пурсиш, ба оғӯши вай нишаст.

— Рост мегӯянд. Масалан, ба зебодухтаре, ки бо шумо ба ҳар куҷое хоҳед, дар ин дилгаҳи шаб меравад, афсонаи шахси сеюмро мехонед ва бо ин роҳ мехоҳед миёни худ ва ӯ фосила нигоҳ доред. Мехоҳед ба ин шахси ғоиб собит созед, ки эҳсоси шумо нисбати вай самимӣ аст. Дар ҳамин фурсат зеборухи пеши худро намебинед, аз эҳсоси ӯ истифода карданро гуноҳ меҳисобед. Аммо табиати занонаро фаромӯш мекунед. Яъне ҳар қадаре зани дигареро пеши дигаре ситоиш намоед, ҳамон андоза ӯ бештар мехоҳад ҷойи вайро забт кунад, аз ӯ бештар садоқат, муҳаббат нишон диҳад. Агар барои мардон нуқтаи олитарин фатҳи кадом қуллае дар зиндагӣ бошад,

барои зан ин қулла қалби марде аст, ки ҳеҷ намехоҳад он забт шавад.

Дасти Дилноза оҳиста сигори Ҷамшедро ба хокистардон пахш карду лабони нарми бӯсахоҳаш ба лабони рӯзноманигор часпиданд. Дастони мард ҳам беихтиёр камари борики духтарро печониданд. Баъди чанд лаҳза, гӯё тасодуфан, тугмаҳои куртаи духтар кушода шуданд ва Ҷамшед дигар худро дар оғӯши пистонҳои сафеди пурра гум кард.

Ин лаҳза чанд фурсат идома ёфт, ҳарду намедонистанд, вале бо шунидани шарфаи пой Ҷамшед танҳо тавонист худро аз оғӯши гарми духтари нимурён раҳо намояду бас. Вақте сар бардошту Ситораи рангпаридаро пеши дар дид, лаҳзае саргум монд, аммо Дилноза зуд худро ба даст гирифт:

— Интизор набудед, ки моро дар ин ҳолат мебинед? Гумон кардед, ба ивази хиёнат ба шумо вафо мекунанд? Гузашт он замонҳо. Ин мард дигар бояд мисоли дигарон бизияд ва ба хиёнат бо хиёнат посух диҳад, — гуфт ӯ ва намоишкорона тугмаҳои куртаашро гузаронида, аз назди Ситора гузашту ба ҳуҷраи дигар рафт.

— Ман ба ҷазои аз ин бештар сазоворам, — овози Ситора ғайриодат хаста, лек қатъӣ садо дод. — Аммо ба номи Худо қасам, байни ману Шоҳин чизе набуду нест. Фақат ба назари ман чунин намуд, ки як андоза ба эҳсоси хеш, ба афсонаи ширини муҳаббати бенатиҷаи хеш хиёнат кардаам.

— Миёни мо ҳам чизе набуд то ба ҳол. Яке намедонам чизе шуду... — Ҷамшед якбора хиҷолат кашида, забон хойид, вале зуд худро ба даст гирифт, — биё бигзорем ин мавзӯъро, қотил кӣ будааст?

— Ин қиссаест дуру дароз, ҳоло Шоҳин ва Амонов ба назди шумо меоянд, ҳамаашро қисса мекунанд.

— Туе, ки нав аз асорат халос шудӣ ва аз беморхона омадӣ, чаро бо онҳо наомадӣ? — рамузомез пурсид рӯзноманигор.

— Рашк. Мехостам шуморо бо Дилноза дар ҳамин ҳолате, ки дидам, бубинам. Эҳсос намоям, ки ҷазои худро гирифтаам, то дигар ҳар рӯз пешорӯи ойина ба акси хеш нигариста, сад бор лаънат ба хеш нахонам, ки чаро ба эҳсоси хеш гӯё хиёнат кардам, ба қалби хеш хиёнат намудам.

— Ана, маро бо Дилноза дидӣ, баъд чӣ? — ғазаболуд бархост Ҷамшеду назди духтар омад. — Қалбат ором ёфт? Барои афсонаи нави ошиқона бофтан бо Шоҳин ё каси дигар, чизе азоб намедиҳад?

— Хато кардед! — оромона посух дод духтар ва худро ба оғӯши Ҷамшед партофт. Мард бо дастонаш ашки чашмони ӯро пок карду сарашро боло бардошт.

Ҳанӯз барои сухан гуфтан ба Ситора забон накушода буд, ки Шоҳин аз дар даромаду Дилноза аз утоқи дигар берун баромад.

— Бубахшед, халал расонидам — гуфт Шоҳин, — вале чун Ситораро дар беморхона пайдо накардам, кадом як эҳсосе ҳушдорам дод, ки назди наҷотдиҳандааш омада аст.

— Ман гумон надоштам, ки Ҷамшед метавонанд туфи кардаро фурӯ баранд, — ғазаболуд садо баланд кард Дилноза, — аммо мебинам, ки барои бахшидану афв кардан, қалби бузург доштаанд. Худованд шуморо ба сарварии ягон давлат нарасонад, он гоҳ дар ягон зиндон маҳбусе нахоҳад монд.

— Шумо нодуруст фаҳмидед — Ситора ба сӯйи Дилноза рӯй гардонид, — дар муқоиса бо Шумо, мо кори баде накардаем, ки кирои қаҳру ноз шавад.

— Ҳамааш фаҳмо! — дӯсти рӯзноманигори мо чун ҳамеша, чун кабӯтари дубома, марди мутааллиқи ду зан боз мавриди муҳокима, — хушҳолона баробари ба ҳуҷра ворид шудан хитоб кард Амонов. —

То ҷое медонам, алҳол ҳукумати ин ҷой дар дасти Дилноза аст. Ку қаҳва, хонуми зебо? Ё аллакай бояд ба қадри Шамида расем?

— Шинед! — зӯракӣ табассум кард Дилноза, ба курсиҳо ишора карда. — Беҳтараш, қисса кунед, ки қотил кист. Ин талошҳои занонаро барои ба даст овардани қалби Ҷамшед дар ин қадар сол, фикр мекунам, бори аввал намебинед. Ман қаҳва меорам.

Дилноза сӯйи ошхона тоб хӯрду ҳар се мард ва Ситора ба курсӣ нишастанд. Чун ҳамеша Амонов аз ҳама пеш риштаи суханро ба даст гирифт:

— Буд набуд, дар як замон, дар як макон, марде буд, ки сангҳои қиматбаҳое дошт...

— Афсонаро сӯе бигзор, беҳтараш, ҳама чизро бо номаш бигӯ, — норозиёна садо баланд кард Ҷамшед.

— Хуб, бошад! — баҳазуртар дар курсӣ нишаст полковник. — Шумо медонед, ки сангҳои қиматбаҳо чӣ гуна ба дасти шавҳари Зӯҳро расид ва Зӯҳро онро дар куҷо руст мекард. Рӯзе, ки ошиқи шайдояш — Ҷаббор гӯё ногаҳон аз ин сангҳо мепурсад, дасту дили зан аз муҳаббат хунук шудаву хавф бурда, онро ба Шоиста медиҳад, то дар хонаашон нигоҳ дорад. Ҷаббор бахшишпурсӣ хонаи Зӯҳро меояд ва шабона хонаро пурра мекобад. Сангҳоро пайдо намекунад. Дар ҳамин фурсат Фирӯза ба маҳбубаш — муфаттиш Шарифов хабар медиҳад, ки хоҳараш сангҳои аҷиби дурахшон, амонати Зӯҳроро, нигоҳ медорад. Дар навбати худ муфаттиш аз ёфт шудани сангҳо генерал Махсатовро дар ҳузури Ҷаббор огоҳ месозад. Яъне муфаттиш ва генерал дар ин маврид Ҷабборро фаромӯш месозанд ва гӯё вай аз бозӣ мебарояд. Табиист, ин гуна бархурд собиқ қумондонро, ки худро аллакай соҳиби сангҳои қиматбаҳо меҳисобид, ба ғазаб меорад. Сари қаҳр Ҷаббор ба хонаи Зӯҳро омада, занро мекушад. То ҷое метавонад, кӯшиш мекунад, ки дар ин куштор аз бародараш гумонбар шаванд. Барои анҷом додани ин

амал симои ба ҳам сахт монанди ҳарду мувофиқат мекард. Ҳамчунин вай аз мошини хидматии прокурори ноҳия бо истифода аз муносибати наздикаш бо ронанда истифода мебарад, либосҳои шабеҳи бародарашро мепӯшад. Ҳама кор гӯё мувофиқи нақша, вале аз тиреза Шоиста омадану рафтани Ҷаббор мебинад. Зуд Фирӯзаро аз қазия огоҳ мекунад. Баъд ба хонаи Зӯҳро омада, ҷасадро мебинад. Хоҳараш маслиҳат медиҳад, ки ҳангоми пурсиш, ҳар чӣ дид, ҳамонро нависад. Табиист, Фирӯза мехост санги гумон ба сари Ҷаббор зада шавад. Ин нуктаи нозуке буд, ки ин бонуи нозанин, — қаҳваи гармро аз дасти Дилноза гирифта, идома дод Амонов, — эҳсос карданд, яъне холи гӯштии паси гӯшро наметавонӣ аз ошёнаи сеюм истода, мушоҳида кунӣ.

«Дӯстдорон» — и генерал Махсатов кам набуданд ва табиист, аз қазия огоҳ гардиданд. Шеф зуд маро даъват карда, ишора намуд, ки дар ин парванда кӣ даст дорад. Ва дар ҳамин ҳол рӯйирост иброз дошт, ки барои ба пушти панҷара рафтани Махсатов рӯзҳои башумор мондааст.

Шоиста хатарро зуд ҳис карда, сангҳои қиматбаҳоро ба нафари дигар медиҳад ва дафтари хотираву суратҳояшро ба Шараф месупорад. Дар қаҳвахона ба ӯ доруи беҳушӣ мехӯронанд ва ба номусаш таҷовуз мекунанд, то хомӯш бошад ва ҳам дар дасти кӣ будани сангҳои қиматбаҳоро гӯяд. Вале дар ҳамин ҳол Фирӯзаро, ки нафсаш ором намегирифт ва аз довталабони пайдо кардани бойигарӣ буд, вазъи хоҳараш ором гузошта наметавонист. Ӯ хуб дарк карда буд, ки дер ё зуд Шоиста маҷбур мешавад, то гӯяд, ки сангҳо куҷост. Аз ин рӯ ба Шоҳин Азизов муроҷиат кард. Дар навбати худ, ӯ духтарро ба назди Ҷамшед фиристод. Фиристодани ман ба прокуратураи ноҳиявӣ, таваҷҷӯҳи Ҷамшед ва Шоҳин ба ин масъала, се нафар хешовандеро, ки барои манфиат тайёр буданд гиребонгирӣ кунанд, муттаҳид кард. Масъалаи аввалин аз Шоиста фаҳмида гирифтани ҷойи бойигарӣ ва баъдан, нобуд кардани вай

чун шоҳиди асосӣ буд. Барои анҷом додани ин амал муфаттиш Шарифов чун маҳбуби Фирӯза истифода гардид. Ӯ шабона ба хонаи духтарон омад. Тибқи маслиҳат бо дилдодааш дар кушода буд. Шарифов Шоистаро маҷбур кард, то гӯяд, ки сангҳои қиматбаҳо куҷост. Баъди фаҳмидани дар куҷо будани бойигарӣ, дилдодагон ба Шоиста маводи мадҳушкунанда дода, вайро ҳам ба он дунё фиристоданд.

— Як лаҳза! — бетоқатона даст бардошт Ҷамшед, — зиёд мегӯӣ, ки Шоиста сангҳои қиматбаҳоро ба касе дод, охир, он шахс кӣ буд?

— Ҳамоне ки шумо наҷот додед, яъне Ситора, — посух дод Шоҳин. — Баъди фаҳмидани он, ки сангҳо пеши Ситора ҳастанд, генерал шахсан бо муҳофизонаш ба хонаи ӯ омад.

— Махсатов аз ман пурсид, ки кадом намуди ҷазо беҳтар аст, маро ба казармаи сарбозон чун фоҳиша партояд ва аз он ҷой як моҳ пас чун девона бароям ё сангҳоро ба вай диҳаму аз шаҳр баромада равам. Гуфтам, ки сангҳоро ман дар хона нигоҳ намедорам, назди шахси дигар аст. Ду-се мушту лагад заду фармон дод, то хонаро кобанд. Ин лаҳза Дилноза занг зад ва Фирӯза маҷбур шуд, то гӯширо ба ман диҳад. Ман ҷумлаеро гуфтам, ки танҳо Ҷамшед маънои онро дарк мекарданд ва ростӣ, умедам танҳо ба он кас буд. Баъди занги тилфонӣ онҳо дасту пойи маро баста, ба сарам халта кашиданд, то ба назди шахси сеюм баранд. Ин лаҳза муҳофизони генерал гуфтанд, ки гурӯҳи журналистон бо камераҳо омадаанд ва ҳам касе занг зад, ки гурӯҳи зудамал барои дастгир кардани Махсатов меояд. Фикр кардам, ки генерал маро гаравгон мегирад, аммо вай маро лагади дигаре заду бо роҳи пушти хона фирор кард, — гуфт Ситора.

— Баробари аз дари паси хона баромадан Махсатовро дастгир карданд. Ин лаҳза бо фармони кадоме аллакай Шарифов ва Ҷаббор ҳам дастгир шуда буданд, — илова кард Азизов.

— Хуб, қотилон аз рӯзи аввал қариб, ки маълум буданд, вале боз ҳам дар куҷо будани сангҳои қиматбаҳо маълум нест, — даст афшонд Ҷамшед.

— Сангҳо дар дасти шумо, аниқтараш, дар кашаки мизи шумо — қаҳқосзанон хандид Дилноза.

— Чӣӣӣ? – парида хест рӯзноманигор. — Шумо девона шудаед! — ва дар ҳамин ҳол бемадорона нишасту кашаки мизро кашид. Бастаи калони рӯймолро дида, як қад париду аз курсӣ бархоста, сӯйи дар рафт.

— Шоиста сангҳоро ба Ситора дода буд ва ӯ дар навбати худ онро ба Дилноза бовар кард, — хандон гуфт Шоҳин. — Дилноза чун ҳамеша аз ҳама беш ба шумо бовар намуд ва онро дар мизи шумо руст кард. Мо омадем, то онро бубарем, — Азизов бархосту рӯймолро аз кашак гирифта, бо эҳтиёт кушод. Сангҳои дурахшон дар рӯшании чароғ ялтарос мезаданд.

— Чӣ қадар хун рехта шуд, чӣ қадар хиёнат, ноадолатӣ ба хотири ин сангҳо сурат гирифт, — бо алам гуфт Амонов.

— Ман намефаҳмам, — Ҷамшед аз аспи ҷаҳл намефаромад, — Дилноза, Ситора... ман гумон доштам, ки онҳо воқеан бо ҳам зиддият доранд, вале... чӣ хел... аҷиб... аламовар... — намедонист эҳсосашро чӣ гуна баён кунад рӯзноманигор.

Якбора ба аспи ҷаҳл савор шудани Ҷамшедро дида, ҳарду духтар номаълум ба ошхона гузаштанду Шоҳину Амонов ба ҳам нигоҳи маънидорона карда, бархостанд.

— Хайр, Ҷамшед. То моҷароҳои навбатӣ, — даст дароз кард Амонов. — Зиёфат ин маротиба аз ҳисоби Шоҳин мешавад. Чун ҳамешагӣ...

— Дафъ шавед аз назарам! — дод зад Ҷамшед сухани Амоновро буридаву ба дасти дарозкардаи ӯ эътиборе надода. — Маймунбозон!

Ҳарду муфаттиш баланд хандида, аз дар баромаданд.

— Ба ҳар ҳол, соати шаш мо туро меёбем! — ғолибона даст бардошт Амонов. — Ту бе мо буда наметавонӣ, мо бе ту.

Дар ҳамин фурсат дар ошхона Ситора ба китфи Дилноза, ки назди ойина худро ба тартиб меовард, навозишкорона зад:

— Ташаккур, Дил, барои ман кореро, ки анҷом додӣ, наздиктарин шахс анҷом намедиҳад.

— Сӯзу гудози ту барои ишқи Ҷамшед ба ман алам мекард. Охир, вақте ту занг мезадӣ ва бо шунидани овози Ҷамшед саропо меларзидӣ, вай комилан бепарво буд. Гӯширо мегузошту бо ҳамин туро фаромӯш мекард. Албатта, то пайдо шудани мушкили дигар. Шоҳин аввал розӣ нашуд, то нақши ошиқро бозад, вале ҳангоме ман азияти туро бо суханпардозиҳо тасвир кардам, розӣ шуд. Ман ба ӯ гуфтам, ки Ҷамшед чун ҳамеша дер меравад, шумо як каме барвақттар ба тарабхонаи «Канд» оед. Идомаи кор мушкил надошт, Ҷамшед якбора ҳис кард, ки дар як мижжа задан метавонад ягона касеро, ки самимӣ дӯсташ медорад, аз даст диҳад. Дигар илоҷе надошт, ҷуз он, ки ба худ иқрор шавад: Бе Ситора барояш зистан номумкин аст.

Вақте вай туро ба хиёнат муттаҳам кард, ҳис кардам, ки агар чунин идома ёбад, ҳатман ба аспи ғурур савор шуда, шояд каси дигаре пайдо кунад ё душманиро идома диҳад. Ба ин хотир бояд дар пеши ту ӯро дар ҳолати ноҳинҷор мегузоштам. Вай дар бӯсу канор устухон надорад, агар каме дер меомадӣ, намедонам, мо корро то ба куҷо мерасонидем, — хандид Дилноза, — ӯро аз даст мадеҳ!

— Ман қойилам ба ту! Бовар кун, барои ту шуда, ман ин гуна корро анҷом дода наметавонам, — бо ду даст рӯяшро пӯшид Ситора, — маро мебахшӣ, ки барои ман шуда...

— Дугонаи сода! Ку ба ман нигар, оё касе бовар мекунад, ки дар соати шаши субҳ ин духтараки зебо дар оғӯши марде буд? Аз ин бӯсу канор ман чизе бой додам? Не! Шумо, романтикҳо, ба ин чизҳо аҳамият медиҳед!

— Агар Ҷамшед фаҳмад, ки ин ҳама як навъ бозӣ буд, ҳардуи моро намебахшад, — андӯҳгинона гуфт Ситора.

— Зиқ нашав, ҳозир мегурезем. Каме ғазабаш паст шавад, баъд тилфон мекунӣ. Вай тез мебахшад, бадкина нест, — гуфт Дилноза ва ба тарафи дар нигариста, Ҷамшедро дид, ки оромона сӯҳбати онҳоро гӯш мекард.

— Мегурезем, — пичиросзанон гуфт Ситора.

— Як лаҳза! — гуфт Ҷамшед ва пас гашта, аз гулдони рӯи мизаш ду дона гули сурхи сунъиро бардошт. — Ин барои шумо! Ман тез-тез масалеро такрор мекардам: шайтон устоди мард ва шогирди зан аст. Бори дигар ин андеша исбот шуд.

— Чаро гули сунъӣ? — нозолуд пурсид Дилноза.

— Мисли муҳаббати шумо! — табассуми талхе кард Ҷамшед.

ш. Алма – Ато, июли соли 2008

ШОМИ АРӮСӢ

Намедонам, он шаби дар ангораҳои хаёлам нақшбаста чӣ маро аз ҷойгаҳи хоб бархезонд. Як шаби гарми тобистон буд ва ҷуз садои виз-визи хомӯшакҳо чизе ба гӯш намерасид. Бархестаму боҳасрат ба тилфони дастӣ нигаристам. Не, ҳамоне мехостам садояшро шунавам ё ақаллан паёмашро бигирам, на занг зада буд ва на пайғоме ирсол карда.

Ба соат нигаристам, наздики дуи шаб.

— Албатта, дар ин вақти шаб дар соҳили баҳр касе нест, ки ба сайри ман халал расонад, — ба худ гуфтам ва бо танаффур доруҳоеро, ки ҳатман бояд бегоҳ мехӯрдам, фурӯ бурдам ва тилфону сигорро гирифта, берун баромадам.

Аз зинапояҳои ба сӯйи баҳр мебурда пойин шуда, дидам Осим — ҷавони хушмуомилаи хуҷандӣ, ки дар наздикии соҳил билярде дошт ва маро водор кард, то аз бекорӣ ин намуди бозиро ёд гирам, рӯйи кат хоб буд. Оҳиста аз наздаш гузаштам, то бедораш накунам, вале ӯ, ки шояд ба сайри шабонаи ман дар муддати як ҳафта одат карда буд, сӯйи дигар бархӯрду хоболуд пурсид:

— Ако Ҷамшед, хобатон набурд?

— Хоб рав, Осим, қариб субҳ дамидааст, — гуфтам ман ва сӯйи соҳил фаромадам.

Шаб буд, як шаби воқеан зебо. Баҳр маввоҷу пуршикан бӯса ба соҳил мезад. Акси маҳтоби пурра дар дар оғӯши ин манзараи диловез гум мешуду рӯйи мавҷҳо ором-ором раҳ мепаймоид. Соҳил чунон хомӯшу сокит буд, ки гумон мекардӣ касе умре дар ин раҳ тай назада, ҳарчанд баъди шаш-ҳафт соати дигар дар миёни издиҳоми азим худро гум мекардӣ.

Шахсе бо пираҳани сапед лаби баҳр меистод ва аз дур маълум набуд, ки мард аст ё зан.

«Кадом раҳнаварди шабҳои танҳоӣ мисоли ман», бо тамасхур аз дил гузаронидам ва бо нияти он ки ба ӯ халал нарасонам, ба сӯйи муқобил қадам бардоштам. Ҳамин лаҳза садои гиря ва фиғони талх якбора маро комилан ҳушёр кард. Овози занона буд ва ин водор кард, то ба тамоми қувва давам ба сӯйи ин шабаҳ. Баъди нолаву зораҳои печида, ки аз он суханҳои канда-канда наметавонистӣ ба дарки чизе расӣ, духтар ба сӯйи баҳр қадам гузошт. Намедонистам чӣ кор кунам, вале чун ҳунари шино кардан надоштам ва медонистам, ки дунболаи ӯ худро ба оғӯши мавҷ партофтан чизи дигаре ҷуз худкушӣ нест, фарёд кардам:

— Ист, эй духтар!

Вай ба сӯйи ман баргашту гулӯгир аз гиря, вале бо тарс пурсид:

— Ту ки-ӣ?

Як лаҳза худро гум кардам. Дар баробари дар ин нимашаб аз куҷое пайдо шудан ман ҳам либосҳои сапед доштам ва баъдтар фаҳмидам, ки маҳз ин духтарро тарсонидааст.

Хушбахтона ё шояд бадбахтона, ман, ки ба қавли баъзе дӯстон «дар мактаби гап хондаам», аксар ҳолат ба қавле «аз об хушк

мебароям». Ин маротиба ҳам оромона, ба оҳанги суханам як парда сояи андӯҳ пӯшонида, ҷавоб додам:

— Ман як нафаре, ки мехоҳам мисоли ту худро нобуд кунам. Ба ӯ панҷ нома навиштам, вале вай ҳарчанд ҳамаи онро хондааст, рӯзи дуюм аст, ки ҷавоб намедиҳад. Бовар намекунӣ? Ана, бин! — ман бо оҳанги як андоза хашмолуд, тилфонро баровардам. Духтар лаҳзае дудила шуду баъд бо кадом хаёле аз баҳр берун омад ва сӯйи ман қадам партофт. Ман зуд оташгиронро бароварда, чеҳраашро рӯшан кардам.

Духтаре буд резаҷусса, сафедрӯй, чашмони калон-калони обӣ дошт. Мӯйҳои кӯтоҳаш ба китфаш, болои пираҳани сапеди арӯсӣ, ки пеши он пора-пора шуда буду банди дилаш нимурён буд, мерасид. Лабони сурхӣ молидаашро ба ҳам зич фишурда буд. Вай бе сухан тилфонро аз дасти ман гирифт ва бо як даст пеши бари лучашро пӯшонида, номаҳои бечавоби маро ҳисоб кард. Ногаҳон чунон баланд хандид, ки ман бо тарс ба атроф нигаристам.

— Барои ҳамин... барои ҳамин худатро мекушӣ? Шояд вай ҳоло бо каси дигар сайругашт дораду....

— Ин тавр гумон макун! Вай шояд бемор аст ва наметавонад ба ман нависад — дидам, ки духтар як каме мулоим шуд, тарафгирона, гапашро буридам ман.

— Эҳ, агар ту ҷойи ман мебудӣ, маълум, ки кайҳо худро мекуштӣ! — бо писханд афзуд вай. Худо касеро ба рӯзи ман гирифтор накунад! — ашк ба рухсори духтар таровиду ман аз дасташ доштам:

— Гӯш кун, биё ту ҳамаашро ба ман нақл кун, охир, ин қиссаро ба худ ба гӯр барӣ, армон дар дилат мемонад.

— — Не, сар деҳ, ба касе гуфтани ин ҳодиса алами маро бештар мекунад! Бигзор ягон ҷонзод надонад, ки одамизод, аниқтараш, шумо, мардон ба чӣ пастиҳо қодир ҳастед! — вай дастонашро кашида гирифту ман оромона ҷавоб додам:

— Ихтиёрат! Аммо ман ҳам ҷабр мебинам — ку, вале намегӯям, ки шумо — занҳо тухми шайтон ҳастед!

Духтар ногаҳон хомӯш шуду ин бор худаш дасти маро гирифт:

— Мехоҳӣ шунавӣ? Мехоҳӣ гиря кунӣ? Майлаш, ман пеш аз худкушӣ ҳамаашро ба ту мегӯям! Фақат ман хунук хӯрдам, чизи гарме надорӣ?

— Биё боло равем, аз билярд-клуб кӯрпа мегирем, — ҳадафи ягонаи ман аз соҳили баҳр дуртар бурдани вай буд.

— Не, то он ҷой, мумкин, ман аз қавлам мегардам. Ту бишин!

Ман нишастаму вай ғайриинтизори ман сарашро ба китфи ман гузошт ва бо овози паст ба нақл шурӯъ кард...

***

Номи ман Элмира аст, бибиям рус, бобоям тоҷик. Дар оила се фарзанд — ду духтару як писарем ва дар шаҳри Қайроқум зиндагӣ мекунем. Бародарам хонадор шуду бо оилааш ба Душанбе рафт. Ду сол пеш хоҳарам, ки дар синфи нӯҳ мехонд, бо сабаби ба мо номаълум худашро ба дор кашид.

Ман ҷавонеро бо номи Аскар аз давраи мактабӣ дӯст медоштам ва баъди тамом шудани таҳсил ба омӯзишгоҳи тиббӣ дохил шудаму вай ба донишгоҳ дар шаҳри Хуҷанд. Ҳар бегоҳ ҳамдигарро медидем, бе ҳамдигар гӯё зиндагӣ карда наметавонистем. Дӯсти Аскар — Савганд ба зиндагии мо ногаҳон ворид шуд. Ман ӯро аз рӯзи аввал, баъди марги хоҳарам бад дидам. Гарчанд ман арӯси дӯсташ ҳисоб мешудам, дар мулоқоти аввал фурсати муносиб ёфта, маро оғӯш карданӣ шуд. Як шаппотӣ ба рӯяш задам. Ҳамон вақт маънидорона гуфта буд:

— Аскар бинад ҳам, чизе намегӯяд.

Ман ба Аскар ин ҳодисаро нақл кардам, вале ӯ хандиду гуфт, ки «ҳеҷ гап не, вай, ба фикрам, маст буд». Дар идома кӯшиш мекардам бо Савганд танҳо намонам. Нигоҳи вай маро мехӯрд.

Ниҳоят рӯзи тӯйи мо фаро расид. Имшаб, аниқтараш, дишаб, маро ба хонаи домод оварда буданд. Аскар зиёд нӯшида буд ва вақте ба хона даромад, аввал тирезаи хонаро кушод. Хонаи онҳо заминӣ буд ва дар пушти хона боғ. Магнитофонро баланд карда монду либосашро накашида, худро ба ҷойгаҳ партофт. Ҳамин лаҳза аз тирезаи боз Савганд бо даҳони инҷ ба хона даромад. Ман аввал дасту пой гум кардам, баъд ба худ омада, шавҳарамро кашола кардам:

— Аскар, хез, Аскар! Ин девона дар ин ҷой чӣ кор мекунад?

Вай чашмонашро кушоду рафиқашро дар хона дида, ба ҳайрат наафтод. Баръакс, даст афшониду боз хобиданӣ шуд. Ман худро ба сӯйи дар задам, вале Савганд маро бардошту ба замин пахш кард ва бо зӯрӣ пеши бари либоси арӯсиамро дарронид.

Фиғони маро касе намешунид, зеро садои магнитофон хеле баланд буд. Ман бо азобе аз чанголи Савганд халос хӯрда, бо тамоми қувват ба рӯйи Аскар задам. Вай парида хесту ноилоҷона гуфт:

— Охир, чӣ кор кунам, мо ҳамин хел шарт дорем.

Ман лаҳзае шах шудам:

— Чӣ хел шарт?

— Шаби якум вай бояд ба ту расад.

Гӯё дар дарунам чизе канда шуд. Гурсосзанон ба замин афтидам. Савганд дубора ба ман ҳуҷум карду якбора ба худ омадам. Роҳи фиребро пеш гирифтам:

— Майлаш, Савганд, ман розӣ, муқобилият намекунам. Аскар розӣ бошад, ман ҳам розӣ. Фақат ба як саволи ман ҷавоб деҳ, ин шартро барои чӣ кардед?

Савганд, ки оташи шаҳват чашмонашро кӯр карда буд, бепарвоёна ҷавоб дод:

— Хоҳарат аз дасти Аскар худашро овехт.

Ҳарчанд ин ҷавоби Савганд ба дили ман мисли теғ халид, вале худро бой надода, зӯракӣ хандидам:

— Баҳонаи дигар наёфтӣ? Хоҳарам медонист, ки аз давраи хурдӣ ману Аскар ҳамдигарро дӯст медоштем ва ӯ чун домодшаванда ба хонаи мо рафтуомад мекард.

Хоҳарам ба вай «ако» гӯён муроҷиат менамуд.

Савганд дид, ки то ба суолҳои ман ҷавоб надиҳад, муваффақ намешавад, асабиёна ва бо оҳанги дағал ҷавоб дод:

— Ҳамаааш аз ҳамин «ако»-гӯӣ сар шуд. Аскар аз боварии хоҳарат истифода карда, ӯро ба қаҳвахона, дискотекаҳо мебурд. Оҳиста-оҳиста аввал дасташро меқапид, баъд миёнашро, оқибат вайро то ҷойгаҳ кашид. Боре тасодуфан ман ба хонаи Аскар рафтаму ҳардуи онҳоро урён дар даруни ҷойгаҳ дастгир кардам. Ҳарду хоҳиш карданд, ки ин ишқбозии онҳоро ба касе нагӯям. Ман гуфтам:

— Ба ҳамон шарте ки духтар бо ман ҳам хуфтухоб кунад.

Маҷбур розӣ шуданд. Баъдтар ман ба рафиқи сеюм калиди хонаи Аскарро дода, гуфтам, ки кай бояд ба ин хона равад ва ҳардуи онҳоро дар ҷойгаҳ дастгир карда бояд чӣ гуна шарт гузорад. Ҳамин тавр, хоҳари ту гули дастобадаст шуд ва дар як сӯҳбати охирин гиря карда, ба Аскар гуфт, ки ҳомиладор аст ва намедонад, кӯдак аз кӣ аст. Беҳтараш, ӯро ба Хуҷанд барад, то аборт кунад. Аскар дағалона гуфт, ки духтар ноболиғ асту вай сарашро ба бало монданӣ нест, хоҳад-нахоҳад, дигар фоҳиша аст, гиребони ягон каси дигарро гирад.

Он рӯз шавҳари имрӯзаат маро ба гӯшае бурда, ёд дод, ки ба духтар гӯям:

— Агар як бори дигар Аскарро бо масъалаи аборт ғам диҳад, ман ҳама воқеаро ба хоҳараш, — яъне ту, нақл мекунам.

Хоҳарат туро сахт дӯст медошт ва ин ҳушдори ман ӯро ба қарори қатъӣ овард:

— Ягона роҳ худкушӣ аст!

Духтар худро овехт ва кӯдаки думоҳаро дар батнаш ба он дунё бурд. Ман бошам, ба Аскар шарт мондам, ки Элмира дар шаби аввал аз ман бояд бошад. Мана, ҳамаи воқеа чунин аст.

Дар ин фурсат лентаи магнитофон тамом шудаву Аскар ҳам бархоста нишаста буд ва бо сари хам нақли Савгандро мешунид.

— Акнун ту бояд имшаб аз ман бояд бошӣ, — Савганд боз ба сӯйи ман ҳамла карданӣ буд, ки ин дам аз дари хона модари ман ва модари Аскар даромада омаданд. Маълум шуд онҳо, ки дар хонаи дигар шаби аввали моро посбонӣ мекарданд, нақлро шунидаанд. Модарам ворид шуду фиғони талхе кашид, модари Аскар бо ҷорӯби дасташ ба сари писараш фаровард. Савганд номаълум аз тиреза баромада гурехт. Ман бошам, фақат як ҷумла гуфтам:

— Дигар дар ин дунё ҳуқуқи зистан надорам, — ва баромадаму ба аввалин таксии ростомада нишаста, ба соҳили баҳр омадам, то худро нобуд кунам.

***

Духтар дарунакӣ чунон талх мегирист, ки аз ларзаи андомаш дар ҷисми ман раъша дамид. Аммо бояд худро ба даст мегирифтам, бояд бо кадом роҳе набошад, ӯро аз қасди худкушӣ мегардонидам ва аз соҳил дур мебурдам. Ин дам аллакай нафаси сарди субҳидам мевазид ва ман бояд шитоб мекардам.

Боэҳтиёт сари духтарро аз китфам бардоштаму рост ба чашмонаш нигаристам:

— Хуб, бубин, ту худро ғарқ мекунӣ ва ҳатман дар шаби аввали арӯсӣ худкушӣ карданатро мардум дигар хел шарҳ медиҳанд, яъне нодухтар будӣ ва аз нанг тарсида, худро нобуд кардӣ. Аскар дар рӯзи дуюм туро фаромӯш мекунад ва бе азоби виҷдон бо Савганд духтарони бегуноҳи дигарро ба дом меандозад ва лаҳзае ба ёд намеорад, ки сабаби марги ду бегуноҳ шудааст. Модарат ҳам аз нанг сар бардошта наметавонад ва ҳам аз доғи ду фарзанд умри зиёд намебинад. Фикр мекунӣ, ин роҳи ҳалли масъала аст?

— Хайр, гӯй канӣ, — духтар якбора ба ғазаб омада, аз ҷой давида хест, — ман чӣ кор кунам? Ба ғайр аз худкушӣ кадом роҳи дигаре ҳаст?

— Ҳаст! — ман ҳам бархостам. Аз сардии насими субҳ дасту пойҳоям карахт шуда буданд ва ба ман итоат намекарданд. Сардӣ ба ҳадде буд, ки дигар лабонам ҳам карахт шудаву базӯр ҳарф мезадам. — Бояд қасос бигирӣ!

— Қасос? — духтар баланд хандид. — Қасос мегӯӣ? Ба суд равам ё милиса? Ба ман бовар мекунанд? Гумон дорӣ, Савганд суханҳои гуфтаашро такрор месозад? Шоҳид мегузарад? Қайроқум шаҳри хурдакак аст, баъди ба суду милиса муроҷиат кардан ман, аҳли оилаи ман, чӣ гуна сар бардошта, ба чашми мардум нигоҳ мекунем? Не, беҳтараш, ман мурам ва ин ҳамаро набинам!

— Ман ба ту кӯмак мекунам. Ба милиса ҳам намеравӣ, ба суд ҳам. Аскару Савгандро ҳамон тавре номардона амал карданд, ҳамон тавр номардона бояд ҷазо дод, — қатъӣ аз дасти духтар гирифтаму ба сӯйи роҳ кашидам.

Вай аввал лаҳзае дудила шуд, аммо зуд худро ба даст гирифту бо овози паст пурсид:

— Дурӯғ намегӯӣ? Ман ба мардон бовар надорам...

— Панҷ ангушт як хел нест, рафтем!

Ҳангоме аз назди Осим, ки аллакай бархоста, чун одат сари субҳ сабти Аҳмад Зоҳирро баланд мондаву дар ошхона мечунбид, гузаштам, ӯ маънидорона ба духтар нигариста, табассум кард. Ман илоҷи дигаре надоштам, ҷуз он, ки ба вай бо табассум посух диҳам. Ҳоло вақти он набуд, ки дар мавриди покдоман будани Элмира ва нияти бад надоштанам ба ӯ як соат шарҳ диҳам.

Дигар духтар намепурсид, ки мо куҷо меравем ва чӣ кор хоҳем кард. Фақат ногаҳон эҳсос кардам, ки дар дастонаш гармӣ ва қуввате пайдо шуда буд. Вақте дари утоқи хобамро мекушодам, аз дур ҳамоно садои Аҳмад Зоҳир ба гӯш мерасид:

Ман нагӯям, ки маро аз қафас озод кунед,

Қафасам бурда ба боғеву дилам шод кунед...

***

Баробари вориди хона шудан ман аз ҷевон як курта ва шими ҷинсро ба сӯйи Элмира партофтам:

— Рав, оббозӣ кун, худро ба тартиб биёр. Алҳол ҷуз ин либоси дигаре барои ту пайдо кардан мушкил аст.

Ӯ ҳатто суол надод ва рафту термексро гиронда, аввал либосашро иваз кард. Аҷиб ин буд, ки курта бо вуҷуди як андоза калон будан ба танаш шинам афтод. Аммо шим каме дароз буд ва духтар бе суоли зиёдатӣ почаи онро барзаду ба утоқи бетартиб нигарист.

— Мебахшӣ, ман фикр намекардам, ки аз соҳил бо меҳмон бармегардам, — хиҷолатмандона гуфтам ман.

Элмира дар ҷавоб бори аввал дар ин қадар фурсат табассуми гарме кард ва ба тартиб овардани ҳуҷра шурӯъ намуд. Ман бошам, бемадору хаста рӯйи кат худро партофтам ва ғайриихтиёр чашмонам пӯшида шуданд.

***

Намедонам, садои чӣ маро бедор кард. Вақте чашм кушодам, болои сарам духтари зебоеро дида, зуд ба ёдам воқеаҳои имшаб мисоли навор гузаштанд. Элмира мӯйҳояшро ботартиб шона задаву пушти сар ғунча баста буд ва ин намуди ороиш як андоза чеҳраашро ҷиддӣ нишон медод.

Чизе нагуфтаму бархоста, ба ванна рафтам. Об ҳанӯз гарм буд ва чунинам намуд, ки хастагиамро ба якборагӣ рафъ кард. Либосамро пӯшида, ба ҳуҷраи аввал баргаштам ва оромона гуфтам:

— Меравем, ношто мекунем ва фикр мекунем, ки чӣ кор бояд кунем.

Элмира бо овози паст гуфт:

— Мебахшед, Шумо хоб будед ва ман... — ӯ визиткаи маро нишон дод, — инро аз замин ҷамъ кардам. Ному насаб бо ному насаби муаллифи ин китоб, — вай китоби маро аз рӯйи миз бардошт, - мувофиқат мекунад. Ман надонистам, ки бо журналист ва нависанда рӯ ба рӯ шудаам.

— Чӣ хел нависанда? Вай қиссаҳои саргузаштӣ аст, — бепарвоёна гуфтам ман, — ин китобро хонӣ, вайрон мешавӣ. Беҳтараш, нахон.

— Ман хонданро сар кардам, дер шуд, — хандид духтар, — чунон шавқовар, ки акнун бояд то охир хонам.

— Инро баъд маслиҳат мекунем, ҳоло рафтем, — калидро гирифтаму Элмира итоаткорона пеш даромад.

***

Субҳи тирае буд, аниқтараш, чунин менамуд, ки хуршед мурдааст. Ҳавои абрӣ ва чанголуд дар ёдгӯшаҳои хотирот лаҳзаҳои баргрезии пойизро зинда мекард. Гумон мекардӣ, ҳамин лаҳза барф ё борон дар ин чиллаи тобистон хоҳад рехт. Хаш-хаши ҷорӯби фаррошон, ки ба назари ман то ба имрӯз тамоми гарди хиёбонҳоро

мешуст, ғашамро меовард. Чун одат, дар ин гуна ҳаво қалбам ба дард даромаду ба бехобии шабона, ки боиси ин қадар моҷароҳои ғайричашмдошт шуд, лаънат хондам. Элмира гӯё фикри маро хонда бошад, бо табассуми гунаҳкорона гуфт:

— Аз доруҳои болои миз дарк кардам, ки дар ин хел ҳаво дили шумо фишор меорад ва бояд эҳтиёт кунед. Ба болои ин, мушкилоти ман бароятон сарборӣ шуд, — бо ин сухан ӯ ашки бари рухсораш ҷоришударо бо дасташ пок карду финҷонҳои холиро гирифта, назди пешхизмат рафт. Ман бошам, дар ҳоле намедонистам дар ин субҳе, ки бӯйи яъсу ғам мекард, ба ин духтари бадбахт ва Худову бандагонаш рӯй тофта чӣ кӯмак кунам, ба қаду қомати вай бодиққаттар нигаристам.

Ӯро қадпаст гуфтан хато буд, чунки ҷисми як каме лоғараш қомати ӯро баланд нишон медод. Мӯйҳои кӯтоҳашро, ки ба қафо ҷамъ карда, баста буд, дубора раҳо кардаву аз шиддати ғуссаи дарунӣ лабони борик ва хурдакакаш ғунча шуда буданд. Чеҳраи сафедаш аз нигоҳи аввал ҷирме надошт, вале шояд аз бехобӣ ва ё шояд гиряи бисёр, зери дидагонаш ҳалқаи сиёҳ пайдо гардида буду ин доғ зуд ба чашм мезад.

Ҳангоме Элмира дубора бо ду финҷони қаҳва ба ҷояш нишаст, ногаҳон бо овози баланд ҷилави гиряро сар дод. Пешхизмат маънидорона ба ман нигаристу нигоҳи хашмгинонаи маро дида, зуд пушти пештахта пинҳон шуд. Намедонам, ин гиря чӣ қадар давом кард ва чанд нафар аз раҳгузарону мизоҷони қаҳвахона ба сӯйи мизи мо нигаристанд. Ман хомӯшона гоҳ-гоҳе ба сӯйи финҷон даст мебурдаму паёпай сигор мекашидам. Гӯё ин гиря садои таронаи гумшудае буд, ки ногаҳон онро аз ҷое пайдо мекуниву бо ҳаваси тамом такрор ба такрор гӯш мекунӣ, гӯё иқрори муҳаббате буд, ки солҳо шунидан мехостӣ, вале баъди зери пойи дигаре шудан комилан тароват ва маънии худро гум кардааст. Ҳатто ин гиря ончунон бароям бетаъсир буд, ки чун садои аллагӯии модаре хоб

маро пахш кард. Аммо, ногаҳон ин овоз паст шуда, хомӯш гардид ва ман бедардона пурсидам:

— Тамом? Мехезем?

Духтар ин маротиба бо пеши бари куртааш рухсори пурашкашро тоза карду бо аломати тасдиқ сар ҷунбонид ва ман пешниҳод кардам:

— Биё, ба соҳил фароем, ҳам ба ҷисму рӯҳ дар ин субҳидам ҷон мебахшад ва ҳам шояд ба ягон қароре оем. Агар ба қароре наомадем, дастобадаст худро ба коми баҳр мепартоем. Ин аз гиря кардани яке ва оҷизона тамошобин шудани дигаре беҳтар аст. Чӣ гуфтӣ?

Элмира боз садое набароварда, танҳо хомӯшона сар ҷунбонид.

***

Соҳили баҳр бо вуҷуди он, ки як каме ба ҷисм рӯҳи тоза мебахшид ва хобро мепаронд, вале мисоли ҳавои имрӯз гирифтаву хаёлӣ буд. Касе наменамуд ва мо оромона ба он ҷое, ки дирӯз духтар худкушӣ карданӣ буд, омада истодем.

— Аскар шояд маҳз аз ин ҷой худро ба соҳил партояд — ғайричашмдошт аз даҳони ман баромад.

— Чӣ? — Элмира бо чеҳраи ҳаросон ба ман нигарист. Ин тавр нагӯед!

— Эҳ ишқ! — ман чунон баланд хандидам, ки дар соҳил танин андохта, акси садо дод: — Дирӯз худат тайёр будӣ худкушӣ кунӣ, аммо доғи дӯстдорро диданӣ нестӣ. Шояд вақте ӯ худро ба коми об андохтанист, додгӯён аз пасаш давӣ? Азизам, ҷонакам, ман бе ту наметавонам! Аммо аҷиб ин, ки ин афсонаҳои дурӯғин кӯҳна намешаванд! Чӣ басо дидаам, ки зиндагии якрӯзаву якмоҳа не, яксолаву чорсоларо, шумо устодони шайтон дар ҳошияи як чеҳра

ҷой додаед, аммо бо дидани як бандча пулу мошину чеҳраи тозаи дигаре ин ҳама сӯзномаҳоро афсона ном ниҳодаед.

— Шумо хато мекунед, ҳарчанд... ман намехоҳам азоб кашида, мурдани ӯро бинам, — вай бо ду даст рӯяшро пӯшиду дубора ҷилави гиряро сар дода, ниҳоят фиқ-фиққунон гуфт:

— Вале хоҳарам... пешорӯям фақат симои ӯст, ман дигар наметавонам Аскарро бахшам. Ман... гумон дорам, гуноҳи Савганд аст, ки ӯро ба ин роҳ бурдааст.

— Ҳм... — писханд задам ман, — хоҳаратро аввал Аскар ба ҷойгаҳ кашид, баъд ба Савганд бахшид, баъд ба дигарон. Ниҳоят, духтар роҳи дигаре наёфт ҷуз худкушӣ. Фикр намекунам, Савганд гунаҳгори асосӣ бошад.

— Хайр, чӣ нақша доред? Чӣ кор кунам? — Элмира ногаҳон аз гиря бозистод ва ончунон ба ман наздик омад, ки аз нафаскашӣ баланду пастшавии синаҳояшро эҳсос кардан мумкин буд.

— Ту барои қасос гирифтан тайёр нестӣ, — рост ба чашмони вай нигаристам ман, — фикри бахшидани маҳбуб дар сари ту зиёдтар аст. Аввал бояд ту рӯҳан тайёр шавӣ!

Духтар чизе нагуфту қафо гашт ва ногаҳон аввал куртаро кашиду сӯе ҳаво дод, сипас шимро бадар кард. Ҳанӯз ман ба худ наомада, ба сӯйи соҳил давид.

Ман аввал як қадар саросема, дунболаи ӯ ба сӯи баҳр рафтам, вале ногаҳон ба қароре омадаму бозистодам:

Агар худи вай ба ин қарор бошад, ки дӯстдораш, аниқтараш, шавҳарашро бояд бахшаду ӯ бечазо монад, ман коре нахоҳам кард. Ду дастро пеши бар гирифта, аллакай дар мавриди он меандешидам, ки оё милисаи маҳал ба ин қиссаи афсонамонанд — дар дили шаб наҷот додани арӯсе аз худкушӣ ва дар дами субҳ

оромона худро ба баҳр партофтани ӯро тамошо кардани ман бовар мекарда мебошад?

Ин ҳангом Элмира рӯйи амвоҷи сарду хомӯши баҳр моҳирона шино мекард ва гоҳ-гоҳе ҷисми сафеди урёнаш рӯйи об мебаромаду боз лаҳзае гум мешуд, боз аз зери об мисоли фариштаи обӣ пайдо мегардид.

— Осон нест бо ҷони азиз падруд гуфтан, лекин барои ошиқон шояд аз дидани азият кашида, ҷон додани маҳбуб осонтар бояд бошад! — заҳрханд задам ман ва оромона, бе азоби виҷдон, қафо гаштам. Дар як фурсати кӯтоҳ, дар як лаҳзае, ки шояд камтар аз лаҳзаи таваллуди фарзанд бошад, андешаи ман комилан сари ин ҳодиса дигар шуд:

— Ин духтараки оҷизае, ки ман вохӯрдам, шояд як фоҳишаи аблаҳе беш набуд, ки дигар дар як шаб зери пойҳои панҷ-даҳ нафар беҳису карахт хобидану ба таҳқиру азияти эшон тоб овардан одаташ шудааст. Дар дилгаҳи шаб аз куҷое бо либоси дуздии арӯсӣ гурехта омаду афсонаи аҷибе бофт ва мани бехабар ба ин ҳазён бовар кардам. Ана, барои чӣ Осим ҳангоми аз наздаш гузаштан ба сӯйи мо табассуми маънидорона кардааст! Охир, вай тамоми фоҳишаҳои ин маҳалро шояд медонад ва ҳамсафари маро шинохтааст. Содай Ҷамшед, сода! Ҳоло ҳам пухта нашудай! — бо алам ба сар задам ман ва ба сӯйи Осим роҳ гирифтаму худро фақат бо як ҷумла тасалло додам:

— Воқеан, қиссаи аҷибе мешавад, ақалан, саҳифаи рӯзнома холӣ намемонад.

Дар ин фурсат садои баланд, вале ларзоне маро аз роҳ боздошт:

— Ҷамшед!

Ин садои Элмира буд. Ман аллакай ин садоро мешинохтам. Хостам қафо нагардам, вале садои вай ин маротиба як андоза ноумедона ва баландтар садо дод:

— Як лаҳза ба ман нигар!

Ман истодаму андешидам:

— Ку бубинам, дар охирин лаҳза чӣ мегӯяд?

Қафо гаштам. Духтар урёни модарзод сӯйи ман медавид. Ҳанӯз дудила будам, ки баргардам ё не. Элмира ба назди ман расиду ларзон гуфт:

— Маро гарм кун!

Ман ба ин ҷисми сафеди бечирм лаҳзае нигаристаму чун дидам, худро ба оғӯши ман андохтанист, бо нафрат тела кардам:

— Бирав, ман аз он нафароне нестам, ки ба хотири чанд лаҳза дунёро ба як тин фурӯшам.

***

Вай пешорӯи ман меистод. Дастонашро ба рӯяш кашида буд. Аз мӯйҳои парешони тари кӯтаҳаш қатраҳои об мерехтанд. Пойҳои сафедаш аз сардӣ меларзиданд ва ин ҳолати ӯро ба як нафар масти беҳушу ёд монанд мекард. Суринҳои бардамидааш оташи шаҳватро фурӯзон мекард ва пӯсти ҳанӯз ҷавонаш, мисоли як матои сапеди бедоғ, ки шаби арӯсӣ зери пойи навхонадорон мепартоянд, менамуд...

— Тайёрам, ба шумо исбот кунам, ки ҳанӯз дӯшиза ҳастам, ана ман! — духтар бо фиғон дастонашро баланд бардошт:

— Ман дигар касе надорам дар ин дунё! Ба ман касе бовар намекард ғайри шумо! Маро напартоед илтимос! — гиря банди гулӯи духтарро гирифт: — Ман чизе надорам ҷуз ҳамин ҷисм то шуморо розӣ кунам.

Чизе нагуфтаму аз паҳлӯи ин ҷасади ларзону урён дар соҳил гузаштам ва шиму куртаро оварда, ҳаво додам ва бо овози як андоза нарм гуфтам:

— Пӯш, шамол мекашӣ.

Ӯ саросема либосро пӯшиду тугмаҳои куртаашро нагузаронида, аз паси ман, ки дигар ба сӯйи вай нигоҳ накарда, раҳ пеш гирифта будам, давид. Гӯё ҳодисае рух надода бошад, ба сӯяш нанигариста, оромона пурсидам:

— Ин чӣ девонагӣ буд? Чаро дар ин сардӣ худро ба баҳр партофтӣ?

— Медонед... Шаби тӯй Аскар чанд маротиба маро бӯсид, рӯйи дастонаш бардошт, оғӯш кард. Боз дасти Савганд ба бадани ман расид. Ҳарчанд ба номусам нарасидаанд, аммо худро ифлос ҳис кардам ва ин ифлосиро оби гарми ҳаммоми шумо не, ана ҳамин оби гилолуду сард, ба назарам тоза кард.

— Сода! — бори аввал дастамро ба китфонаш партофтам. Агар доғи бӯсаи аввал ба шустан тоза мешуд, ин қадар хунҳо намерехтанд, сӯзномаҳо эҷод намешуданд, мардум қиссаи Лайливу Маҷнунро ба тӯри масхара мекашиданд, ошиқон набуданд. Ин бӯса ба лабони ту не, балки ба қалби туст, доғи абадиест, ки ҳаргиз шуста намешавад ва онро ягон обу ягон ишқи дигар шуста тоза нахоҳад кард. Умре аз ёду хотири ту бӯсаи аввали беҳунарона додашуда, ишқи аввале, ки барои иқрор шуданаш фурсатҳо лозимат шуд, нахоҳад рафт. Ва то лаҳзае зиндаӣ, ҳар бори ба нафари дигаре бӯса додан пешорӯят саҳнаи бӯсаи аввал, ишқи аввал, шабе, ки бо дӯстдор танҳои танҳо будӣ, новобаста аз он, ки ӯ номуси туро нарабудааст, ҷовидон нақш мебандад.

— Рост! Вале ӯ лоиқи ин ишқ, ин бӯса, ин оғӯш набудааст. Ман гириста-гириста, Аскарро бо дастони худ хоҳам кушт, — ногаҳон, бе гиря, қатъӣ гуфт Элмира ва аз чӣ бошад, ин маротиба ман ба ин суханон бовар доштам.

***

Аввал бояд муайян мекардам, ки баъди фирори Элмира дигарон ба чӣ хулосае омадаанд, аниқтараш, ин амали ӯро чӣ гуна шарҳ додаанд. Бо ин ният баробари торик шудан, ман ба сӯйи духтар, ки бо вуҷуди баъди оббозӣ дар дами субҳ таби баланд баровардан, китобро сӯе намегузошт, хитоб кардам:

— Хез, рафтем!

Ҳарчанд вай бо дилкашолӣ китобро сӯе гузошт, аммо чизе нагуфту бархост.

Вақте ба такси нишастему ронанда бо аломати суол ба ман нигарист, нимшунаво ба духтар гуфтам:

— Ду истгоҳ пештар аз хонаатон бояд пойин шавем.

***

Қайроқум бо вуҷуди он, ки дар ин фасли сол сайёҳу истироҳаткунандаи зиёдеро қабул мекард, ором буд. Фақат аз нуқтаҳои пивофурӯшӣ, ки мисоли мӯру малах сари ҳар қадам ба чашм мерасид, садои мусиқии хориҷӣ ба гӯш мерасид.

Мо ду истгоҳ пештар фаромадем ва духтар бо сари хам, шитобон, пешопеши ман қадам мезаду ман як каме қафотар. Вақте ба хонаи онҳо наздик шудем, истод ва баъди он, ки ман баробараш шудам, пурсид:

— Ҳамин хел, бе ягон огоҳӣ равам?

— Фақат вақте рӯ ба рӯ мешавед, гиряву гардангириро камтар кунед. Барои фаҳмидани он, ки баъди ту чӣ воқеа шудааст, бист дақиқа вақт. Ман дар истгоҳи дигар туро интизор мешавам, — ба назарам чунин намуд, ки оҳанги суханони ман як каме дағалона садо доданд.

Элмира суоле надод ва итоаткорона дур шуд. Ман сигор оташ задаму ба раҳгузарон бодиққат нигариста, ба сӯйи наздиктарин нуқтаи пивофурӯшӣ рафтам. Ин ҷой мизоҷон кам буданд, аз ин рӯ

пешхидмат, марди кӯтоҳқади кулчарӯй, ки мӯйи баландаш ба китфаш хамида буд, чобукона ҳозир шуд:

— Ако, хизмат?

— Пиво.

Вай табассум карду дубора пурсид:

— Моҳӣ ҳам биёрам?

— Бошад.

Вай рафт ва ҳанӯз ман сигорро ба хокистардон пахш накарда, пиво ва табақчаи моҳиро овард.

Мизоҷон байни худ паст-паст сӯҳбат мекарданд ё шояд мусиқии баланд имкон намедод, то ман гуфтугӯи онҳоро шунавам.

Фақат дар мизи дарозе чор нафар — ду духтар ва ду мард як парда баланд гап мезаданду гоҳ-гоҳе садои гуфтугӯяшон меомад. Яке аз духтарон бо марди рӯ ба рӯяш баҳс мекарду ниҳоят қаҳр карда, аз миз бархост ва сумкачаашро гирифта, ба атроф нигарист. Вай духтари баландболое буд, вале шими ҷинси танге, ки пойҳои лоғарашро каҷала нишон медод, аз чӣ бошад, ғаши маро овард. Духтар ба андозае маст буд, ки аввал калавида, ба мизе, ки марду зани калонсоле менишастанд, рафт ва гардани занро оғӯш кард. Зан бо нафрат ӯро аз худ дур карданӣ шуду пешхидмати чаққон даррав ҳозир шуда, вайро дубора ба сӯйи мизи нишастааш бурд. Аммо духтар дашноми ӯзбакие доду дубора аз дасти пешхидмат раҳо хӯрд, лекин ин маротиба ба мизи марди танҳои қавибозуе нишаст. Марди ширакайф ба сӯйи пешхидмат, ки дунболаи духтар омада буд, ишора кард, то ӯро бигзорад.

Мардони ҳамраҳаш бо дидани он ки духтар ба мизи дигар нишаст, аввал бархостанд, аммо марди чорпаҳлӯ ва ширакайфро дида, дубора ба мизи худ баргаштанд. Акнун овози онҳо якбора паст шуда буд ва баръакс, сӯҳбати мард бо духтар шунавотар ба гӯш

мерасид. Баъди нӯшидани як пивои дигар мард бо духтари почадароз бархостанду рафтанд. Мардони сари миз нишаста бошанд, чашмонашонро поин карданд, яъне гӯё рафтани онҳоро эҳсос накарданд.

Ман ғарқи тамошои ин манзара, гузаштани вақтро ҳис нанамудам. Ҳангоме риштаи нигоҳи ман аз ин манзара канда шуд, аллакай бист дақиқа гузашта буд. Ман саросема бо пешхидмат ҳисобӣ карда, сӯйи истгоҳ шитофтам.

Элмира аллакай омада буд ва дар пушти истгоҳ ин тараф — он тараф қадам мезад. Сару либосашро дигар кардаву дар даст салафане дошт. Маро диду ончунон хушҳолона садо зад, ки ман бо ҳарос ба атроф нигаристам:

— Фикр кардам, ки духтари қасди худкушӣ кардаро дубора ба хонааш оварда, қарзи худро будшуда ҳисобидед ва гурехтед.

Ман зуд таксиеро, ки аз ҷониби Хуҷанд омада, мусофирашро пиёда кард, боздоштам ва ба сӯйи ронанда гуфтам:

— Ба Хуҷанд.

Вақте нишастем, Элмира бо овози паст ҳодисаҳои минбаъдаро қисса кард:

— Бовар мекунед, комедия! Барои шарманда нашудан кадом духтараки раққосаро шабошаб овардаанд, то ба ҷойи ман маросими рӯйбинонро гузаронад. Баъди ин эълон кардаанд, ки домоду арӯс бегоҳи он рӯз барои гузаронидани моҳи асал ба Сочи мераванд. Ҳамин хел, Аскар ғайб мезанад. Савгандро ҳам касе надидааст. Волидайнам пеши мардум худро хурсанд вонамуд карда, дар даруни хона мотами маро дошта гаштаанд.

— Чанд савол, — оромона гуфтам ман, — аввал ин, ки чӣ гуна рӯйбинон, ки рӯйи арӯсро касе надидааст?

— Пешакӣ огоҳ кардаанд, ки арӯс шармгин аст ва рӯяшро нишон намедиҳад. Хайр, тавонистаанд.

— Дуввум, агар ҷасади туро аз баҳр меёфтанд-чӣ?

— Ба фикрам, барои ҳамин Аскар гум аст. Охир, ман бо ӯ ба Сочи рафтаам ва гунаҳгор вай мешуд.

— Воқеан комедия, — гуфтам ман.

Дигар то ба Хуҷанд мо ҳарфе назадем. Элмира ҳатто напурсид, ки мо ба куҷо хоҳем рафт ва дар ин шаҳр чӣ меҷӯем. Дар ин фурсат ман ба як рафиқи айёми донишҷӯӣ, ки айни ҳол дар Донишгоҳи Хуҷанд вазифаи баланде дошт, занг задам. Вай аз занги ман хурсанд шуда, даррав даъват намуд, ки новобаста аз бевақтии шаб, агар имкон бошад, вохӯрем. Ман бо ӯ мулоқот таъин карда, танҳо маънидорона гуфтам:

— Ба як сӯҳбати муфассал ва ҳодисаҳои боварно-карданӣ тайёр бош!

Вақте мо ба тарабхонаи ваъдагӣ расидем, рафиқам, ки як андоза фарбеҳ шудаву тибқи одат ҳатто дар ин бевақтии шаб галстуки сурхро таранг баста буд, маро ҳамроҳи духтар дида, табассуми маънидоронае кард ва ман ба хотири барҳам додани шубҳа даррав гуфтам:

— Гап сари қисмати ин духтарак меравад.

Муддати ним соат оромона тамоми ҳодисаҳои рухдодаро тӯли як шабонарӯз қисса кардам. Элмира ҷое ба сухани ман илова накард, вале комилан ҳушу гӯш шуда буд, гӯё ин қисса ба вай дахл надошт, гӯё ин саргузашти шахси дигаре буд, ки бори аввал мешунавад. Рафиқам, ки Умаралӣ ном дошт, баъди шунидани нақли ман сигоре оташ заду мад кашида, гуфт:

— Ман чӣ кӯмак кунам? — ва худаш ба суолаш посух гуфт: — Коре, ки карда метавонам, ин аст: Сардори милиса шахси адолатҷӯе ҳаст

ва ҳарчанд ин ҳодиса боварнокарданист, аммо эҳтимол дорад, ки кӯмак мерасонад.

— Не, не, — якбора Элмира садо баланд кард, — ман намехоҳам ин қисса то милиса кашида шавад. Ягон роҳи дигар фикр кардан лозим.

— Аз ту ман ду хоҳиш дорам, — ба чашмони Умаралӣ нигаристам, — медонам, ки дар шаҳр чанд хона дорӣ, якеашро муваққатан ба ин духтар барои иҷора медиҳӣ, дуввум, бояд ин духтар ба ягон факулта қабул карда шавад.

— Мушкиле нест, — гуфт ғайричашмдошти ман Умаралӣ. — Ҳоло дар яке аз хонаҳои ман ду духтари довталаб зиндагӣ доранд, бо ҳамроҳии онҳо зиндагӣ мекунад, духтаронро муаллимае барои дохил шудан ба факултаи филология тайёр менамояд. Бовар ҳаст, ки дар муддати се ҳафта то имтиҳон пурра худаш тайёр мешавад.

— Шумо ақалан маро намепурсед, ки барои донишҷӯ шудан розӣ ҳастам ё не? — табассуми зебандае кард духтар. Гӯё ҷавоби маро пешакӣ медонед!

Ман дар ҷавоб чизе нагуфтам, Умаралӣ бошад, гӯё сухани вайро нафаҳмида бошад, гуфт:

— Дер ҳам шуда бошад, ягон чӣ мехӯрем, баъд ман шуморо бурда, ба он хона мемонам.

Ғайричашмдошт духтарони довталаб Элмираро хуш истиқбол карданд. Вақте фаҳмиданд, ки ӯ ҳам донишҷӯи факултаи филология шуданӣ ҳаст, даррав сӯҳбати онҳо сари шарту шароити имтиҳонҳо, миқдори довталабон, мавзӯъҳои иншо ва ғайра тоб хӯрд.

Вақте ману Умаралӣ бо нияти хайрухуш бархестем, Элмира чунон шукуфтарӯй буд, ки гумон мекардӣ, ҳамин ҳоло сари тахти арӯсӣ хоҳад баромад ва паҳлӯи дӯстдораш хоҳад нишаст.

— Ба хонаатон занг бизан ва бигӯ, ки ҳуҷҷатҳоятро аз омӯзишгоҳи тиббӣ гирифта, фиристанд. Баробари расидани ҳуҷҷатҳо, онҳоро ба духтарони ҳамхонаат деҳ, бурда супоранд. Хуҷанд шаҳри хурд аст, барои ҳамин беҳтараш ту аз хона набаромӣ.

— Иҷозат ҳаст, ба шумо занг занам? — бо нози хоси духтарона пурсид вай.

— Агар сахт зарур бошад, — гуфтам ман.

Вақте ману Умаралӣ ба кӯча баромадем, вай табассумкунон гуфт:

— Эҳтиёт кун, Ҷамшед, духтар ҳоло ҷавон аст, яке сахт дӯст дорад, азоб мекашад.

Ман гӯё ҳушдори вайро нашунида бошам, пурсидам:

— Полковники милиса ҳайрон нашуд, ки дар ин нимашаб чаро ӯро дидан мехоҳем?

— Вай туро ғоибона мешиносад, гуфт, ки он кас шахси боақл, шаб вохӯрем, беҳтар аст.

— Ҳмм... Ҳоло ҳам мардум аз ошкоро вохӯрдан бо ман андеша мекунанд, — ғамгинона гуфтам ман.

Полковники милиса нақли ҳодисаро шунида, ғайричашмдошти ман ба ҳайрат наафтод. Фақат бори дигар савол дод:

— Духтар намехоҳад, ки ин масъаларо расман ҳаллу фасл кунем?

— Бале, аз гапи мардум метарсад.

— Эҳ менталитет, — ғур-ғур кард милиса ва гӯширо бардошта, ба куҷое занг зад. Ба сӯйи мо нигариста, табассум кард:

— Мешавад, ки дар берун маро интизор шавед?

Мо берун баромадем. Тақрибан бист дақиқа пас милиса ҳам берун баромаду пурсид:

Шумо он бачаҳоро мешиносед?

— Не, аммо аз рӯйи тасвири духтар мумкин шиносам.

— Ҳозир ҳардуяшро ҳам меоранд, — оромона гуфт вай, — дар Хуҷанд будаанд. Биёед, то омадани бачаҳо як қаҳва нӯшем.

Дили ман боиztироб мезад. Ҳоло ман аз чизи дигар меандешидам:

— Агар духтар то ин дам дурӯғ гуфта бошад ва ҳамаи ин ҳодиса бофтаи вай бошад, пас ҳоли ман пеши ин ду шахс чӣ хоҳад шуд?

Вақте ин ҳардуро оварданд, баробари ба чеҳраи онҳо нигаристан ман як қад паридам: Онҳоро аслан шинохта намешуд, ба андозае онҳо латукӯб шуда буданд, ки фикр мекардӣ ҳардуро аз қассобхона оварда бошанд. Изтироби маро дида, яке аз милисаҳо гуфт:

— Ҳангоме мо худро муаррифӣ кардем, яке аз онҳо роҳи гурезро пеш гирифт, дигаре ҳамраҳи моро зада, худро аз тиреза партофтанӣ шуд, маҷбур шудем худро ҳифз кунем.

— Рафиқ полковник, онҳо дар ҳолати бехудӣ буданд, — аз утоқашон ана ин қадар маводи мухаддир пайдо гардид, — милисаи дигар халтаи селофани тунукеро, ки дар дарунаш банг дошт, рӯйи миз гузошт.

— Ана ин сабтҳои ғайриқонунии порнографӣ ҳам аз ин утоқ аст, — нафари дигар бастаи дискҳоро рӯйи миз монду илова кард:

— Чизи дигари аз ҳама ҳайратовар ин аст, ки онҳо шояд ба хотири пул ё тиҷорат, ана ин варақаҳоро копия кардаанд, — дастаи варақаҳои боэҳтиёт печонидашуда бо ҳуруфоти арабӣ ҳам рӯйи миз пайдо гардид.

— Ташаккур, дӯстон! — полковник ба сӯйи мо табассум кард. Ҳатто бо ин гуноҳҳо онҳо камаш ҳафт-ҳашт сол рӯйи озодиро намебинанд.

— Аммо ман мехоҳам донам, — хунсардона гуфтам ман, — кадоме аз шумо Аскар аст?

Ҳамоне, қавоқаш кафидаву рухсораш варам карда буд, тарсолуд ба ман нигарист.

— Элмираро мешиносӣ?

— Мурдаашро ёфтанд? — ҳаросон пурсид вай.

— Бас аст Ҷамшед ман аз натиҷаи сӯҳбат бо онҳо шуморо огоҳ мекунам, ваъда ҳамон аст, дар парванда ин ҳодиса зикр намешавад, — полковник як андоза расмӣ сухан кард.

— Бошад! — ману Умаралӣ бархоста, берун шудем.

— Маро Қайроқум бар, — хоҳиш кардам ман, — чунон хастаам, ки ...

— Ин амал як андоза номардона аст, — баробари ба истироҳатгоҳ расидан хастаҳолона гуфтам ман, — ман медонам, ки полковник мехоҳад Савганду Аскар ҷазоро барои дигар гуноҳҳо гиранд, гуноҳҳое, ки онҳо содир накардаанд.

— Гӯш кун, Ҷамшед, — як парда баландтар ва хушку расмӣ садо баланд кард Умаралӣ, — онҳо барои ба ҳолати худкушӣ расонидани хоҳари Элмира, кӯшиши таҷовуз ба номуси худи духтар чӣ қадар муддат бояд зиндонӣ мешуданд? Бовар дорам, баъди судбозиҳои зиёд, на камтар аз панҷ сол. Чун худи ту ва Элмира намехоҳед ин ҳодиса фош шавад ва духтару авлодаш ангуштнамои мардум шаванд, яъне ояндаи духтар ба сияҳномӣ маҳкум нашавад, гунаҳгорон ин мӯҳлатро пушти сар мекунанд, вале тавре медонӣ, барои дигар гуноҳ. Ҳангоми мусодираи маводи мухаддир, варақаҳо, дискҳои порнографӣ шоҳидон ҳузур доштанд, то ҷое медонам, ин ду нафар иқрор шудаанд, ки ба ин корҳо даст задаанд. Аз ин рӯ кӯшиши ба қавле ба «подстава» айбдор кардани ин ду нафар нест.

— Рост мегӯӣ, — баъди каме андеша ҷавоб додам ман, — онҳо тайёранд барои ин гуноҳҳое, ки бо ҳамдигар алоқамандӣ надоранд, иқрор шаванду чанд соле бишинанд, вале барои ба ҳолати марг

расонидани хоҳари Элмира ва азияти худи ӯ не. Аммо суд бовар мекунад, ки касе варақаҳои ҳизби «Таҳрир» паҳн менамояд, метавонад ҳамзамон сабтҳои порнографӣ фурӯшад?

— Ин тиҷорат аст, — китф ба ҳам кашид Умаралӣ, — дар ин масъала, шахсан худи ман чизи аҷибе намебинам.

***

Суд баъди як моҳ баргузор шуд. Аскару Савганд ончунон боҳарорат дар мавриди фурӯши дискҳои порнографӣ, маводи мухаддир, варақаҳо нақл карданд, ки шахсан ман ба ин қариб бовар кардам. Чашмони Элмира, донишҷӯи соли аввал, аз хурсандӣ медурахшид. Ҳангоме суд ҳукм эълон кард, ки онҳо ба муддати ҳафтсолӣ аз озодӣ маҳрум карда шуданд, ӯ нафаси сабуке кашиду аввалин шуда, аз толор баромад. Ҳангоме аз пеши панҷараи гунаҳгорон гузашт, ҳатто ба сӯйи онҳо нигоҳе ҳам накард. Аскару Савганд ҳам бо дидани вай тарсолуду хиҷолатзада зуд сарашонро пойин намуданд.

***

Баргҳои парешони пойиз дар ҳавои чанголуд печ хӯрда-печ хӯрда, ба замин меафтоданд. Шохаҳои дарахтони лучу урён шабеҳи асоҳои сари гӯрҳои бесоҳиб ба ёди ман рӯзи марги кадом азизеро меоварданд. Намедонам, дар ин рӯзи гирифтаи хумори борондошта дар дили ман кадом эҳсосе мурда буд, аммо он қадар худро нотавону оҷиз, як чизи зиёдатӣ ҳис мекардам, ки ҳатто майли сухан гуфтан надоштам. Вале Элмираи аз хурсандӣ пару бол бароварда, ки паҳлӯи ман қадам мебардошт, тамоман дарк намекард, ки ман банди чӣ андешаву чӣ хаёле ҳастам.

— Ман шуморо ба ҷое даъват карданӣ, — ӯ аз бозувони ман гирифт, — ба як шоми ба қавле «романтикона». Биёед, ба тарабхонае меравем ва зери рӯшании шамъ ҳама дунёро фаромӯш карда, менӯшем, таронаҳои ҳунарманди писандидаатонро гӯш мекунем.

— Баъд? — пичингомез пурсидам.

— Баъд, ҳар чӣ бодо бод. Ҳар чӣ шумо хоҳед, — вай маънидорона табассум кард, — шояд ҳамон шабе, ки ман кайҳо боз орзу дорам.

— Аблаҳ! — ғур-ғур кардам ман зери лаб. — Кӯдак!

— Ман кӯдак? – вай ногаҳон бозистод ва якбора ашк аз чашмонаш равон шуд. — Шумо, ягона касе, ки маро аз марг, бадномӣ наҷот додед, фардои маро рӯшан кардед, имрӯз намехоҳед хушбахтии маро бо ман бинед?

Ман лаҳзае ба ин чеҳраи зебо хира шудам. Дар ин рухсораҳои ҳамагӣ чанд моҳ муқаддам паридаву заъфаронӣ, дубора нури зиндагӣ пайдо гардида, ин дили мурда дубора рӯҳи зистан пайдо карда буд.

Вале ман ҳарчанд мехостам ба ин шодии вай ҳамраҳ шавам, намешуд. Ногаҳон чизе аз гулӯям ҷаст, ки кайҳо боз ба вай гуфтанӣ будам:

— Миёни мо чӣ фарсахҳост, эй дод! Ин лаҳзае, ки аз хушбахтӣ дунёро зери дасти худ мебинӣ, дар дили ман эҳсосе, талоше барои зистан нест, мефаҳмӣ? Ҳамон рӯзе бо мушкили ту рӯ ба рӯ шудам, дар ман як рӯҳияи зистан, талош, мубориза, исён бедор гардида буд, вале ҳоло, ки ҳама ҳамон тавре мехостӣ, ҳал шуд, ҳама чиз мурд. Мефаҳмӣ, мурд! Ман ҳозир аз он меандешам, ки наход ин ҳама талош, азоб барои ҳамин лаҳза буд? Ҳамин лаҳзае, ки дубора маро кушт, ба ҷисми берӯҳу беҷон табдил кард. Фаҳмидӣ? Не, нафаҳмидӣ ва намефаҳмӣ! Ту эҳсоси маро, рӯҳи маро дарк намекунӣ, ту сангарҳо аз ман дурӣ! — якбора дод задам ман. — Ту дигар аз ман чӣ мехоҳӣ? Не, бигӯ, чӣ мехоҳӣ? Маро ба ҳолам гузор, — ҷумлаи охир ба назарам чунин намуд, ки илтиҷоомез садо дод.

Вай шах шуд, намедонист чӣ гӯяд. Дастонашро ҳанӯз аз бозувони ман нагирифта буд, ки садои омиронае ба гӯш расид:

— Элмира!

Ман пас гаштам. Ин марде буд бо мӯйлабҳои сиёҳ, чеҳраи сабзина, миёнақад, бо ҷиготҳои гирифта.

— Бародарам! — пичирросзанон гуфт духтар ва зуд маро шинос кард:

— Ин кас Ҷамшед, ман дар бораашон ба шумо гуфта будам.

Мард бо шубҳа ба ман назаре карду гӯё маҷбурӣ бошад, дилу бедилон даст дароз намуд.

— Шубҳа накун, хоҳарат бо ман алоқае надорад, шояд вай ба завқи ман ҳам мувофиқ набошад. Бовар надорӣ, метавонӣ аввал бурда ташхис кунӣ, ки бокира аст ё не, — дигар гӯё аз забони ман фақат заҳр мерехт.

Мард гиҷу гаранг шуда, ҳанӯз чизе нагуфта буд, ки ман бошиддат дасти хоҳари ӯро аз худ дур кардам ва тез қадам бардошта, аз онҳо дур шудам ва ба аввалин таксии ростомада нишастам.

***

Элмираи донишҷӯ ҳоло ҳар субҳ ба телефони ман хабар менависад:

— Субҳи нав муборак, Ҷамшед!

Ҳар шом бошад, соати 12- и шаб хоби хуш таманно мекунад. Ӯ ёд дорад, ки барои «субҳ ба хайр» нагуфтан ва «шаби хуш» орзу накардани нафаре чӣ гуна ман афсурдахотир гашта будам. Воқеан, он хонум ин одатро партофту чун одати одии занона маро ба кӯйи фаромӯшӣ супорид. Кунун ба шахси дигаре «субҳ ба хайр» мегӯяду шаби хуш таманно мекунад ва ҳатто мисраъҳои шеъриеро, ки барои ман менавишт, кунун ба дигаре менависад. Чӣ қадар мехоҳад он марди пайдокардааш садои ҳунармандеро дӯст дорад, ки ман дӯст медоштам, ҳамон гуна дӯсташ дорад, ки ман дӯст медоштам. Бигзор

ба орзуяш расад, вале амали Элмира ғаши маро меорад, бовар дорам, ин одат рӯзе ба ҷонаш мезанад.

Гоҳе занг мезанад ва ман дилу бедилон бо вай ҳарф мезанам, мехоҳам ҳамон тавре даҳҳо, садҳо нафар ба хидмате, ки ман барояшон анҷом додам, туф кардаанд, туф кунаду фаромӯш созад. Намехоҳам ин одати одамиёна қонуни хешро дигар кунад. Вале аз чӣ бошад, гоҳ-гоҳе он шаби пурасрори соҳили баҳрро хоб мебинам...

Қайроқум, тобистони соли 2008

kitobkhon.net